Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии
муҳаққиқони ҷавон

МУҲАҚҚИҚ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ

№ 1 (54)

Душанбе – 2022

Сармуҳаррир:
Мирбобоев А.

Котиби масъул:
Ҷоматов С.

Мусаҳҳеҳ:
Валиев Ҷ.

Муҳаррири техникӣ:
Мардонов С.

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Ғаффорӣ Н.У. - ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Мирзораҳимов А.К.- муовини ректор оид ба илм, доктори илмҳои биология, профессор
Нуъмонов М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Бандаев С. - доктори илмҳои химия, профессор
Пирумшоев Ҳ. - доктори илмҳои таърих, профессор
Раҳматуллозода С. - доктори илмҳои филология, профессор

ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

Худойдодов А. - доктори илмҳои филология, профессор
Гадоев Н. - доктори илмҳои филология, профессор
Сулаймонов И. - номзади илмҳои филология, дотсент
Ҳусайнов А. - доктори илмҳои таърих, профессор
Сайнаков С. - номзади илмҳои таърих, дотсент
Зарипов Н. - номзади илмҳои таърих, дотсент
Маҷидова Б. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Умаров У. С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Назариев Р. - доктори илмҳои фалсафа, профессор
Ҳакимов Р. - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент
Ҷумаев М. - номзади илмҳои химия, дотсент
Сатторов Т. - доктори илмҳои биология, профессор
Муҳаббатов Х. - доктори илмҳои география, профессор
Пиров Р. - доктори илмҳои физика-математика, профессор

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 феврали соли 2020 таҳти шумораи 145/МҶ-97 сабти ном гардидааст.

Дастхату аксҳои ба идораи маҷалла воридшуда баргардонида намешаванд. Саҳеҳияти далелҳо ва маълумоти илмӣ бар уҳдаи роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои марбута вогузор мегардад.

ФЕҲРИСТ

ҶАҲОНИ ЗАБОН

1. ***Инатулоева О. Н.***
Баррасии пасвандҳое, ки исмҳои шахс месозанд (дар асоси маводи ашъори А. Ҳаким)..... 6
2. ***Назиров М.***
Калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ дар «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав 9
3. ***Назиров М.***
Калимасозии исм бо пасванди -ӣ (-гӣ) дар «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав 12
4. ***Носирова М. Т.***
Баррасии муқобалавии ишораҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ ва арабӣ (дар асоси маводи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ) 15
5. ***Марупова С.***
Нақши хат дар камолоти маънавии инсон..... 18
6. ***Сатторов Н. С., Валиев Ҷ. А., Юсупов А. У.***
Калимасозии морфологии исм дар повести «Ситораҳои сари танӯр»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ ... 21
7. ***Юсупов А. У.***
Калимасозии морфологии сифат дар повести «Стораҳои сари танӯр»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ.. 25
8. ***Валиев Ҷ. А., Тураев М.***
Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар ҳикояҳои «Холи девзӯр» ва «Ишқи сайёд»-и Баҳманёр..... 28
9. ***Баротиён Ш.***
Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳи «Наҳв» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... 31
10. Исмоилова М.
Многозначность английских союзов..... 34
11. ***Раҷабова Ш. М.***
Хусусиятҳои умумии фразеологизмҳои забони англисӣ..... 36
12. ***Баротиён Ш.***
Сохти таркибии истилоҳи «Наҳв» дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 39
13. ***Кабирова М. К.***
Навъҳои лаҳҷаҳои забони англисӣ дар кишварҳои англисзабон 42
14. ***Султонбии С.***
Тема ва Рема ҳамчун категорияҳои асосии таҷзияи актуалии ҷумла..... 46
15. ***Қодирова Ҷ.***
Мафҳуми воҳидҳои луғавии бемуодил дар забонҳои муқоисашаванда..... 49
16. ***Ҷурабеков Р.***
Сохтори лексикӣ-семантикии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 52
17. ***Ҷурабеков Р.***
Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти демографӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... 55
18. ***Мирзохонова Д.***
Словообразование компютерной терминологии в таджикском и английском языках 59
19. ***Мансуров М.***
Социолингвистический подход определения «Дискурс» и «Текст» 62
20. ***Каноатова М.***
Классификация обращенийв зависимости от частеречной принадлежности (на материале произведений В. Н. Войновича) 64
21. ***Гулнораи С.***
Особенности перевода произведений Б. Ахмадуллиной на таджикский язык..... 66
22. ***Муратова Н.***
Лингвистическое явление аббревиатур в русского и таджикском языках..... 69
23. ***Рахматова Г.***
Пословицы и поговорки как составная часть русской, таджикской и английской языковой системы 71
24. ***Гирдонова С.***
Адъективные словосочетания с именем существительным в «дательном падеже» 73

ГУЛШАНИ АДАБ

25. ***Холмуродов И.***
Ҳазорон марзи дил тасхир кардаст 76
26. ***Ҷураева М.***
Зикри шоирони зуллисонайн дар тазкираи «Хизонаи Омира»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ..... 80
27. ***Хоҷаева М. Ф.***
Инъикоси ҷангҳои шаҳрвандӣ дар назми даврони Истиқлол 83
28. ***Хоҷаева М. Ф.***
Нигоҳе ба ҳунари рубоисароии Бозор Собир 86
29. ***Қурбонзода К.***
Тарбияи эстетикӣ аз нигоҳи Толиби Омулӣ: васфи табиат, зебоиҳои ҳаёт ва умри ҷавонӣ..... 89
30. ***Бобизода Р. С.***
Анъанаи ғазалсароӣ дар аҳди маорифпарварӣ ва равшангарӣ 93
31. ***Қаҳҳоров Ш. А.***
Фардбайт-ҳамчун жанри хурди лирикӣ..... 97
32. ***Саидов С. Н.***
Маҳорати ҳунарии Ҳофиз дар истифодаи воситаҳои тасвир 99
33. ***Раҳимӣ С. Х.***
Назаре ба рӯзгору осори Гулназар Келдӣ..... 101
34. ***Фарангези А.***
Ихтиёроти шоирӣ ва танаввуи он дар ғазалиёти Саййидо 105

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

35. ***Амиршоев И.***
Саразм-ёдгории беназири таърихӣ..... 109
36. ***Ҷамшеров М.***
Фаъолияти сиёсии М.К. Гандӣ дар Африқои Ҷанубӣ ва таъсиси ҳаракати сатяграхӣ..... 112
37. ***Усмонов Р.***
Тарзи идораи Бухоро дар замони ҳукмронии Амир Ҳайдар, Ҳусайн ва Умар дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития»..... 117
38. ***Фируза Ю.***
Таҳаввули робитаҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021 120
39. ***Камолзода Ш. М.***
Особенности наследования земельных участков в Российской Федерации и Республики Таджикистан..... 123
40. ***Шарипов Д. А.***
Опекуны и попечители как субъекты института опеки и попечительства 126
41. ***Шарипов Д. А.***
Деятельнсть органов опеки и попечительства: их полномочия и задачи 130

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

42. ***Боронов Ш. Ш.***
Ҳисоби коэффитсиенти гармигузаронии бензол, о-ксилоли моеъ дар ҳарорат ва фишорҳои гуногун..... 133
43. ***Сафолов Р. С.***
Назорати сифат ва навъҳои нуқсонҳо ҳангоми кафшеркунӣ 136
44. ***Шерзоди С.***
Мувозинатҳои фазагии системаи NAF-KF-MGF_2 –H_2O дар ҳарорати 25^0C..... 141
45. ***Аҳмадӣ Ғ. С.***
Кимиёи сабз ва нақши он дар ҳаёти инсон 144
46. ***Ходжаев Р.***
Системаи операtсионии Windows имкониятҳои Windows 149
47. ***Одинаев Х.***
Ҷузъи идоракунии таърихи рӯз ва тақвим 152
48. ***Рустамова М. Р.***
Татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 154
49. ***Мирзоева М. К.***
Материаловедение -наука о строении и свойствах материалов 156

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

50. ***Зулфиқорова Қ.***
Ташхиси паҳншавии камхунӣ аз норасоии оҳан тавассути анализатори гематологӣ 160
51. ***Зулфиқорова Қ.***
Ташхиси тафриқавии камхунӣ аз норасоии витамини B12 аз рӯи нишондоди анализатори гемолитикӣ 165
52. ***Амиров Ғ. Р.***
Мушкилоти музмини диабети қанд ҳангоми бемории COVID-19 170
53. ***Юсупова П.***
Системаи лахташавии хун ҳангоми бемории эритермия 172
54. ***Одиназода Ҳ. Н.***
Клиникаи диабети қанди намуди 1 ва 2 177
55. ***Маҷидов Х. Г.***
Давлатҳои истифодабарандаи об аз ҳавзаи Дарёи Исфара 181
56. ***Саидов Х.***
Обанборҳо - танзимкунии реҷаи ҷараёни оби дарёҳо (дар мисоли Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон) 183
57. ***Ғафуров С.***
Орография - омили ҳозиразамони яхбандии Тоҷикистон 186

ИҚТИСОД ВА РУШД

58. ***Сулаймонов А. М.***
Хусусиятҳои баҳисобгирии истифодабарӣ ва тақсимоти натиҷаҳои молиявӣ 190
59. ***Абдуллоев Д.***
Қонуниятҳои пайдоиш ва моҳияти иқтисодии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 193
60. ***Абдуллоев Д.***
Гурӯҳбандии фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 196
61. ***Саидшарипов Ш.***
Таснифи сармояи корхона ҳамчун шакли идораи захираҳои молиявӣ 199
62. ***Олимов М.***
Моҳияти танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар низоми иқтисодиёти бозоргонӣ 202

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

63. ***Валиев Ҷ. А., Ҳалимзода Ш. А.***
Сабабҳои сар задани низоъ дар оила ва пешгирии он 205
64. ***Ашуралиева Р.***
Мушкилиҳои асосии мутобиқнамоии тестҳои психологӣ дар шароити муосири Тоҷикистон 209
65. ***Ҳаётов И.***
Омилҳои мусоидаткунанда ба зуҳуроти дурӯғгӯӣ дар кӯдакони синнусоли томактабӣ 212
66. ***Азизхонова Б.***
Оқибатҳои тиббӣ-иҷтимоии зӯроварии оилавӣ нисбат ба кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 215
67. ***Қурбонзода К.***
Ақидаҳои педагогии Толиби Омулӣ ва моҳияти он дар ташаккулёбии шахсият 217
68. ***Садруддинов З. Ҷ.***
Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим 222
69. ***Шокирова Ф. М.***
Муносибати педагогӣ ва мақоми он дар фаъолияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ 226
70. ***Ҷамилова Н. З.***
Худбаҳодиҳӣ ва нақши он дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоии кӯдакон 230
71. ***Шарипова Ш.***
Ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳангоми омӯхтани математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ 233

РАВИШИ ТАДРИС

72. ***Розиқов К. С.***
Усулҳои умумии омӯзгорӣ дар тарбияи ҷисмонӣ истифодашаванда 238
73. ***Саидзода А. Д.***
Усули омӯзиши мавзӯи «Системаи узвҳои нафаскашӣ» дар синфи 9 242
74. ***Сайфзода М. Ф.***
Истифодаи идиомаҳо бо пешояндҳо дар забони англисӣ 245
75. ***Саторова Ш. Ҷ.***
Имкониятҳои тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика 247
76. ***Тоҷова Н.***
Истифодаи зарбулмасалу мақол дар таълими грамматика 250

ҶАҲОНИ ЗАБОН

Инатулоева О. Н.,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

БАРРАСИИ ПАСВАНДҲОЕ, КИ ИСМҲОИ ШАХС МЕСОЗАНД (ДАР АСОСИ МАВОДИ АШЪОРИ А. ҲАКИМ)

Баррасии масоили забонии осори адибони мумтози давраҳои гуногуни таърихи адабиётамон яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ба шумор меравад. Махсусан, осори адиби шинохта А. Ҳаким барои таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забонӣ маводи фаровон медиҳад. Ин аст,ки дар ин мақола мавқеи корбурди пасвандаҳои исми шахссозандаро дар ашъори А. Ҳаким мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар калимасозии морфологӣ ҷойгоҳи пасвандҳо дар сохтани калимаҳо намоён аст. Дар офаридани образу барҷаста нишон додани тасвир ҳар як адиб аз имконияти калимасозӣ фаровон истифода намуда, матлабашро муассир ва нишонрас баён мекунад. Ҳар як ванди калимасоз дар забон вазифаи махсуси калимасозӣ дорад. Забоншиносону муҳаққиқон хусусиятҳои калимасозии пасвандҳои калимасозро ба эътибор гирифта, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудаанд: «Пасванҳое, ки исми шахс месозанд; пасвандҳое, ки исми макон месозанд; пасвандҳое, ки исми маънӣ месозанд; пасвандҳое, ки номи ашёи гуногун ва исми макон месозанд» [6, 9]. Дар ин маврид вазифаи калимасозии пасвандҳо мушаххастар нишон дода мешавад. Дар ин мақола мо кӯшиш намудем дар асоси маводи осори Аскар Ҳаким мавқеи корбурди пасвандҳое, ки дар калимасозии исмҳои шахс ширкат меварзанд ба риштаи таҳқиқ кашем.

Дар сохтани исмҳо як гурӯҳ пасвандҳое иштирок мекунанд, ки исмҳои ифодакунандаи мафҳуми шахс месозанд.

Пасванди – бон. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи **бон** чунин омадааст: **бон I** – дарахти мавзуне, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад ва аз донаҳои пистамонанди он равғани хушбӯй мегиранд, ҳуббулбон; **бон II** ҷузъи пасини баъзе аз калимаҳои мураккаб ба маъноҳои *нигаҳбон, ҳифзкунанда, доранда, варзанда: боғбон, шутурбон, нигаҳбон, сарҳадбон, посбон, меҳрубон* [10, 229].

Аз шарҳи маънии вожаи «бон» маълум мегардад, ки дар забони тоҷикӣ ду калимаи **«бон»** мавҷуд аст, яке калимаи мустақилмаъно, аммо дар забони имрӯза истеъмол намешавад, архаистӣ аст, дигаре пасванди **бон**, ки дар забон собиқаи хеле тӯлонӣ дорад ва дар сохтани исмҳо иштирок мекунад.

Пасванди **бон** дар ашъори Аскар Ҳаким аз исмҳои мушаххас исмҳое месозад, ки касбу кор, машғулиятро ифода намуда, тобиши маънии назоратро дорад: ***боғбон, мурғбон, посбон.*** Вожаи мурғбон қариб, ки истифода намшавад:

*Агар **боғбонаш***
Забони миннат надорад [1, 27].
Нестам аз мурғҳои хонагӣ,
*То кунам уммеди меҳри **мурғбон** [1, 49].*
Дузду раҳзан шаби торе мехост,
***Посбон** маҳтобӣ [1, 306].*

Пасванди – а. Ин пасванд дар сарчашмаҳо [2, 6] ҳамчун пасванде, ки исми шахс месозад, зикр гардидааст. Дар маводи гирдовардаи мо низ исмҳои бо ин пасванд сохташуда мушоҳида гардиданд. Мо низ исмҳои сохтаро аз рӯйи таркиби морфологиашон тасниф намудем. Чунонки аён гашт, дар мисоли зерин бо ёри пасванди калимасози **-а** аз асоси замони ҳозираи феъли **банд** исми шахси банда сохтааст:

Шавад ин суоли банда
зи ҳазор гӯша такрор,
Ту вале ҳама хамӯшӣ,
чӣ хамӯшии расое.
Чӣ сабурие ту дорӣ,
*ки надорад ҳеч **банда**,*
Чӣ тавонамат дигар гуфт,
ки ба асл ту Худойӣ! [1, 37]

Пасванди – гар. Пасванди мазкур дар охири исмҳои ғайришахс омада, исми шахс месозад: ***коргар, заргар, оҳангар***, ***мисгар***, ***собунгар***, ***кордгар*** ва дигарҳо [10, 125]. Академик М. Шукуров таъкид намудааст, ки «Азбаски **-гар** яке аз воситаҳои маъмули халқиву классикии калимасозист, дар забони адабии имрӯза фаъол шудани он ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест. Ин пасванд чи дар забони адабӣ ва чи дар забони шифоҳӣ серистеъмол аст. ***коргар, заргар, мисгар***» [11, 125].

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1985) аз исмҳои модӣ ва маънӣ исми шахс сохтани пасванди **-гар** зикр ёфтааст [2, 111]. Дар маводи гирдовардаи мо вожаҳои сохтаи ***заргар, ободгар, оҳангар, бедодгар, маслиҳатгар*** истифода гардидаанд, ки онҳоро аз ҷиҳати таркиби морфологӣ таҳлил менамоем.

Калимаи **заргар** аз исми **зар** ва пасванди **– гар** таркиб ёфта, ба касбу пешаи шахс ишора мекунад:

*Қадри зар **заргар** бидонад, қадри гавҳар гавҳарӣ,*
*Кош қадри зар нагардад паст назди **заргарон** [1, 86].*

Вожаи **оҳангар** аз исми модии **оҳан** ва пасванди **-гар** исми ифодакунандаи шахс **оҳангар** сохтааст:

*Агарчи дасти **оҳангар** дурушт аст,*
Вале пӯлоду оҳанро кунад нарм [1, 89].

Вожаи **маслиҳатгар** аз исми маънии **маслиҳат** ва пасванди **–гар** сохта шуда, ба маънои маслиҳатдиҳанда, хайрияти кореро нишондиҳанда истифода мегардад:

Агар ту маслиҳат хоҳӣ дар ин кор,
*Шавад пайдо басе ҳам **маслиҳатгар** [1, 95]*

Вожаи **ободгар** аз сифати **обод** ва пасванди **-гар** бунёд ёфта, ба маънои ободкунанда корбаст мегардад:

Буд умедам, ки мекунӣ обод
*Ҳамчу **ободгар** вуҷуди маро [1, 89].*

Вожаи **бедодгар** дар мисоли зерин истифод шудааст, ки аз пешванди **бе-**, асоси замони гузаштаи **дод** ва пасванди **-гар** сохта шудааст. Ин вожа асосан сифат буда, аломати шахсро мефаҳмонад, аммо дар матни мавриди назар субстаниватсия шуда, ба вазифаи исм омадааст:

Лек бинам, ки медиҳӣ бар бод
*Ҳамчу **бедодгар** ту буди маро [1, 89].*

Пасванди -вар. Аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки шахсро аз рӯйи хислату қобилият мефаҳмонад: ***суханвар, ҳунарвар, ҳамлавар, донишвар, номавар*** ва ғ. Калимаи **суханвар** аз исми маънии **сухан**, бо иловаи пасванди **-вар**, исми шахс сохтааст. Ин калима дар ҷумлаи зерин ба вазифаи исм омада тавассути пасванди ҷамъбандии -он шакли ҷамъро ифода намудааст:

*Сари сабзи ҳар **суханвар** ба нишони сад нишонзан,*
*Чу **суханварон** шикоранд, ба суханварӣ шикорам [1, 224].*

Бояд зикр намуд, ки акасари исмҳои дар ин қолаб сохта шуда сифат буда, ба вазифаи исм гузаштаанд: ***ҳунарвар-марди ҳунарвар, донишвар-одами донишвар, ҳамлавар-одами ҳамлавар, номвар-ҷавони номвар***:

Само фармоядам гар дастбӯсӣ,
*Набӯсам даст, ҷуз дасти **ҳунарвар**! [1, 57]*
*Ба пойи **ҳамлавар** бозингари бад*
Занад дар айни гармиҳои футбол[1, 92]
*Замони донишу **донишварон** аст,*
Вале аз чист ин нуқсону тақсир?! [1, 87]
*Маро он **номвар** бобобузурги ҷисмию ҷонист,*
Туро бобои рӯҳонист
Вале азбаски ҷовидон гадои меҳри ту будам,
Абад шоҳаншаҳи хоки ту хоҳам буд [1, 321].

Адабиёт:

1. Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ. 2. – Хуҷанд: Ношир, 217. – 426 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 358 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. Морфология. - Душанбе: Ирфон,1982. - 462 с.
4. Касимов О. Х. Лексика и словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. О.Х. Касимов. – Душанбе, 2016. – 348 с.
5. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. /Ш.Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашриёти АУ Тоҷикистон, 1954.

6. Раҳматуллозода С.Р. Калимасозии исм./ С.Р. Раҳматуллозода – Душанбе: Дониш. 2019. – 226 с.
7. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972. – 76 с.
8. Рустамов, Ш. Калимасозӣ дар исм /Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 71 с.
9. Саймиддинов, Д. Вожасозии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001. – 310 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – 945 с.
11. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 399 с.

Калидвожаҳо: *калима, калимасозӣ, исм, пешванд, пасванд, исми шахс, исми ғайришахс.*

Аннотация

ПОСМОТРЕТЬ МОДЕЛИ, КОТОРЫЕ СОЗДАЮТ ЛИЧНЫЕ СУЩЕТВИТЕЛЬНОЕ ИМЕНА (НА ОСНОВЕ ПОЭЗИИ А. ХАКИМА)

В заключение из обсуждения темы выяснилось, что поэт Аскар Хаким использовал вымышленные имена в поэтических образах для выражения образа личностей, следуя правилам грамматики.

Ключевые слова: *слово, словообразование, существительное, приставка, суффикс, личное существительное, существительное.*

Annotation

SEE MODELS THAT CREATE PERSONAL NOUNS (BASED ON THE POETRY OF A. HAKIM)

In conclusion, it became clear that the poet Askar Hakim used fictitious nouns in the poetic images to express the image of personalities, following the rules of grammar.

Keywords: *word, word formation, noun, prefix, suffix, personal noun, noun.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Инатулоева Омина, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Раҳматуллозода С. Р.

Сведения об автора: Инатулоева Омина, магистрантка второго курса таджикского филологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: Рахматуллозода С. Р.

About the author: Inatulloeva Omina, first-year master's student of the tajik philological faculty of the Tajik State Pedagogical University by named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Rahmatullozoda S. R.

Назиров Маҳмадраҳим,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

КАЛИМАСОЗИИ ИСМҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ДАР «РӮШНОИНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

Омӯзишу таҳқиқи хусусиятҳои калимасозии типи исмҳои мураккаб ва пажӯҳишу баррасии осори адибони классик барои бой гардонидани таркиби луғавии забони адабӣ мусоидат намуда, дорои аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ мебошад. Калимасозии исмҳои мураккаб аз роҳҳои муҳимтарин ва серистеъмолтарини калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик ба шумор меравад.

Дар забоншиносии имрӯза бахши калимасозӣ ҳамчун як соҳаи илм мавриди таҳқиқоти махсуси олимон қарор гирифтааст. Доир ба усул ва қолабҳои калимасозӣ дар заминаи асарҳои бадеӣ ба ин ё он ҳиссаи нутқ асару мақолаҳои ҷудогона ба табъ расидааст. Дар ин ҷо фақат метавон якчанд рисолаву мақоларо ном бурд: Ҳалимов С. «Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдӣ», Низомова С. «Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ», Шодиев Р. «Лексикаи феъл ва калимасозии феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, Хоркашев С. «Калимасозии исм бо пасвандҳо» (аз рӯйи маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ).

Пушида нест, ки ҳар як ҳиссаи нутқ роҳҳои гуногуни калимасозӣ дорад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик исм ҳамчун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ бо тарзҳои гуногуни калимасозӣ сохта мешавад: **морфологӣ, синтаксисӣ-морфологӣ, морфологӣ - синтаксисӣ, луғавӣ- синтаксисӣ, лексикӣ- семантикӣ, калимасозии ихтисораҳо** [3, 134-136].

Яке аз симоҳои барҷаста ва машҳуру маъруфи фарҳанги халқи тоҷик дар қарни Х1 Носири Хусрав мебошад, ки забони осораш пурғановат буда, махсусан дар асари безаволи ӯ «Рӯшноинома» типи калимаҳои исмҳои мураккаб чойгоҳи махсус дорад. Ҳамчунин калимаҳои номбурда дар қолибҳои гуногуни суннатии забонамон сохта шудаанд. «Рӯшноинома» маснавиест иборат аз 592 байт ва он дар муддати як ҳафта эҷод шудааст. Дар ин асар масъалаҳои фалсафӣ инъикос гардидаанд.

Дар сохтани калима Носири Хусрав аз ҳамаи усулу қолабҳои калимасозӣ устодона ва эҷодкорона истифода кардааст, ки барои муайян кардани онҳо аҳамияти калони илмиву амалӣ дорад. Ба тарзи тобеъ таркиб ёфтани калимаҳо, типи исмҳои мураккаб мебошад. Дар асарҳои забоншиносӣ дар баробари омӯзиш, навъи алоқа, сермаҳсулию каммаҳсулӣ инчунин дар бораи хелҳои исмҳои мураккаби тобеъ маълумотҳои амиқу дақиқ дода шудааст. Доир ба исмҳои мураккаб аз ҷониби забоншиносони варзида: Ш. Рустамов [1972] С. Ғаниева [1992], С. Ҳалимов [1988], С. Раҳматуллозода [2014], С. Ализода [2010] ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Дар исмҳои мураккаби тобеъ муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо мушоҳида мешавад. Дар таркибёбии исмҳои мураккаби тобеъ қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ иштирок карда, қолибҳои маъмултарини калимаҳои мураккаби исмӣ аз **исму исм, исму сифат, исму феъл, шумораву исм** ва ҳоказо иборат мебошанд, ки аз рӯи таркиби морфологӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Қолаби исму исм. Дар асари «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав исмҳои мураккабе сохта шудаанд, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд, қолаби сермаҳсул маҳсуб меёбад: **оташпора, сармоя, шаханшоҳ, девмард, дарвешмардум, насиҳатнома, хармӯхра ва амсоли инҳо.**

Сухангӯе, ки хунолуда бошад,
*На оташ, балки **оташпора** бошад [2, 370].*
Наёрам номи у бурдан, наёрам,
*Ман ин **сармоя** дар хотир надорам [2, 351].*

Аз калимаҳои дар боло зикргардида вожаи **хармӯхра** дар фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст: **Хармӯхра**-мӯхра, минчоқи калони арзонбаҳо, ки онро ба гардани аспу хар меовезанд [9, 442].

Калимаҳое, ки бо ҷузъи нома сохта шудаанд, дар маводи пажӯҳишии мо бо ин қолаб ҳамагӣ 1 калимаи мураккаб мушоҳида гардид: **насиҳат+нома.**

***Насиҳатномаи** ҳамчу баҳоре,*
Гули дил, к-андар он ҷо нест хоре [2, 346].

Профессор Рустамов Ш. дар рисолаи «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» чор навъи исмҳои мураккаби тобеъро нишон додааст:

1. Аз ибораҳои исмии изофӣ: **соҳибхона, модарарӯс, сарлашкар, шарикдарс.**
2. Аз ибораҳои исмии ғайризофӣ: **ошхона, зебосанам, тангкӯча**.
3. Аз ибораҳои феълӣ: **ошпаз, соатсоз, сарбанд, дудкаш, тангкӯча** ва ғайра.
4. Аз феълҳои таркибӣ: **коркард, нишондод, ҷамъбаст, қарордод** [7, 61].

2. Қолаби исму асоси замони ҳозираи феъл. Исмҳои мураккаби тобее низ вуҷуд доранд, ки дар қолиби исму асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд, ки дар асари мавриди таҳқиқшуда бештар ба назар мерасад: **раҳгузор, дилдор, оқибатандеш, гунаҳбахшо, суратпараст, сухангӯ, бутшикан, дилбар, дамсоз, шавҳаркуш, падаркуш, кишваркушо, дилаврӯз, дилбанд, оламафрӯз, руҳпарвар, шакаррез.**

Дар аксари ин калимаҳо, ки Носири Хусрав истифода кардааст, ҷузъи якум тобеъшаванда ва ҷузъи дуюм тобеъкунанда мебошанд. Далели ин гуфтаҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

*Бибояд **оқибатандеш** будан,*
Бурун аз хешу ҳам бо хеш будан [2, 349].
***Гунаҳбахшову** афвандуз мебош,*
Мабин дар ҳеҷ шахсе аз ҳақорат [2, 352].

3. Қолаби сифату исм. Бояд қайд кард, ки дар баробари он, ки калимаҳо аз исму сифат ташкил мешаванд, ҳамчунин метавонанд аз сифату исм таркиб ёбанд ва ин гуна калимаҳо низ дар «Рӯшноинома» ба назар мерасанд, ба монанди: **рангинлуъбат, навбова, зарринқабо, мушкинҷома, сабукруҳ, бадҳол, хушҳол, хушгавҳар, торикчоҳ, хушхӯ, хушдил** ва ғайраҳо. Ин гурӯҳи калимаҳо низ ҷузъи якум тобеи дуюм мебошад. Як хусусияти асосии исмҳои мураккаби тобеъ ин аст, ки ба сифати мураккаб пасванди –ӣ ҳамроҳ шуда, исми мураккаби тобеъ месозад ва маънои он танҳо дар ҷумла муайян мегардад. Мисолҳо доир ба ин қолаб:

*Ба **рангинлуъбате** дилхоҳ монӣ,*
Ки ту пайваста бар як сон намонӣ [2, 375].
*Худо донад, ки ин **навбова** бикр аст,*
Зи ман зодасту уро доя фикр аст [2, 380].

5. Қолаби шумораву исм. Дар «Рӯшноинома» исмҳои мураккаберо дучор шудан мумкин аст, ки дар қолиби калимасозии шумораву исм ё акси он сохта шудаанд: **пандар, симурғ, якдил, якдигар, яксар, дурӯза, якбор, шашгӯша, севумсола** ва амсоли инҳо. Аз байни калимаҳои ишорашуда калимаи **яксар** дар асар се маротиба истифода шудааст. Мисолҳо:

Магу буҳтон, битарс аз рузи маҳшар,
*Ки фардо бозпурсанд аз ту **яксар** [2, 371].*
Рафиқе ман дар ин манзил надидам,
*Ҳақиқат дӯсте **якдил** надидам [2, 369].*

Дар забони адабии тоҷик як навъи калимаҳои мураккаб, ё худ исмҳои мураккабе дучор мешаванд, ки бо усули омехтаи калимасозӣ ифода ёфтаанд. Ин навъи калимаҳо аз ду ва ё зиёда асосҳо ва аффиксҳо сохта мешаванд, чун: суратпарастӣ ва сухангӯӣ. Ин навъи калимаҳои мураккаб дар асари Носири Хусрав низ дучор мешаванд. Маводи зери даст гувоҳи он аст, ки исмҳои мураккаби тобеъ тавассути пасвандҳои зерин сохта мешаванд:

1. **Қолиби исму асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди -ӣ**: суратпарастӣ, сухангӯӣ, рахгузорӣ ва амсоли инҳо.

*Туи ҷони **сухангӯи** хақиқӣ,*
Ки бо руҳулқудус доим рафиқӣ [1, 360].
Ту ақлу чон зи ҳақ дон, симу зар чист?
*Макун **суратпарастӣ**, пову сар чист? [2, 354].*

Ҳамин тариқ, аз маводи гирдомадаи «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав, ки дар мақола мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд чунин бармеояд, ки шоир дар асари безаволи худ аз роҳҳои гуногуни калимасозӣ ба таври васеъ корбаст намудааст, ки минбаъд низ боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар асрҳои баъдина хоҳад гардид ва ин аз ҳунари волои калимасозию суханшиносии ин шоири оташзабон шаҳодат медиҳад. Дар раванди таҳқиқ мушоҳидаҳо нишон дод, ки аксари калимаҳои исмие, ки Носири Хусрав дар асри Х1 истифода бурдааст аз калимаҳои мураккаби муосири забони тоҷикӣ тақрибан фарқе надорад. Далели дигар ин аст, ки забони пургановати мо ҳанӯз беш аз ҳазор сол қабл комилан ташаккул ёфта, саромадонаш чун гавҳараки чашм ҳифз намуда аз насл ба насл то ба рӯзгори мо омада расидааст.

Адабиёт

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985.
2. Девони ашъори Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
4. Раҳматуллозода С. Калимасозии исм. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972.
6. Рустамов Ш. Калимасозии факки изофат// Мактаби советӣ. – 1971, с. 18-22.
7. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе: Дониш, 1976
8. Рустамов Ш. Як навъи исмҳои мураккаб // Мактаби советӣ. – 1971. – с. 21-25.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 725 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2010. – 996 с.

Калидвожаҳо: *Рӯшноинома, калимасозӣ, забоншиносӣ, қолаб, калима, исм, мавод, пасванд, таҳқиқ, тобеъшаванда, саромад.*

Аннотация

ОБРАЗОВАНИЕ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ФОРМЬ СЛОВ В «РУШНОИНАМЕ» НОСИРИ ХУСРАВА

В статье подвергаются исследованию способь и пути образования сложносочинённых формь словообразования в тексте «Рушноинаме» Носири Хусрава. Следует подчеркнуть что одним из вожнейших и широкоуподтребяеммых способь словообразования в таджикском языке является образования сложных существительных. Носири Хусрав относится к плияде тех видных мастеров словь, создавшых жемчужин классической литературь, одной из которых являются его «Рушноинаме». Автор стремится показать искусснось и талантъ поэта в применении различных видов образования сложноподчинённых существителъных которое создовались в рамке классических формь сложного словообразования таджикского языка. Подчёркивается, что в образовании таких сложных существителъных важное место занимают такие модели дериватсионые модели как: существителъное+ существителъное, существителъное+прилагательное, существителъное +глаголь, числительное+ существителъное и т.п.

Ключевые слова: *Рушноинаме, слово, образование, языказнание, модель, слово, имя существительное, материаль, суффикс, исследование, подчинённое, родоначальник.*

Annotation

WORD FORMATION OF COMPOUND NOUNS IN «RUSHNOINOMA» BY NOSIRI KHUSRAV

To word formation as a complex and urgent problem of the modern Tajik literary language and various ways of forming complex nouns in "Rushnoinom". was. It should be noted that word formation of compound nouns is one of the most important and widely used methods of word formation. One of the outstanding and well-known figures of the Tajik folk culture of the 11th century is Nosiri Khusrav, whose language is rich, and especially in his unique work "Rushnoinoma" the type of compound nouns occupies a special place. In addition, these words are embedded in various traditional patterns of our language. Almost all parts of speech are involved in the formation of the studied compound nouns, and the most common examples of compound nouns are nouns, nouns, adjectives, nouns, verbs, numbers, nouns, and so on.

Keywords: *Enlightenment, word formation, linguistics, pattern, word, noun, material, suffix, research, subject, predicate.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Назиров Маҳмадраҳим Миралиевич, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: 933992407

Роҳбари илмӣ: Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сведание об авторе: Назиров Махмадрахим Миралиевич, магистрант второго курса факультета таджикской филологии таджикского государственного педагогисеского университета им. С. Айни. Телефон: 915161896.

Научный руководитель: Рахматуллозода Сахидод Рахматулло, доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, заместитель председателя Комитета по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан.

About the autor: Nazirov Mahmadrahim Miralievich, student of second course of philology faculty of TSPU named after S. Aini. Tel: 915161896

Scientific adviser Rakhmatullozoda Sahidod Rakhmatullo, doctor of philology, Professor, Corresponding memder of the National Academi of Scences of Tajikistan, Deputi Chairman of the Cjmmittee on language and terminology under the goveryment of the Repubkic of Tajikistan.

Назиров Маҳмадраҳим,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

КАЛИМАСОЗИИ ИСМ БО ПАСВАНДИ -Ӣ (-ГӢ) ДАР «РӮШНОИНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

Маълум аст, ки калимасозии исм дар навбати худ аз рӯйи хусусияту сохтори калимасозиаш ба ду қисм ҷудо мешавад: бо аффиксҳо (пешванду пасвандҳо) ва бо роҳи мураккабшавӣ сохтани исмҳо. Аз ин навъҳои калимасозӣ гурӯҳи якум – калимасозии вандии исм, яъне ба воситаи пешванду пасвандҳо сохтани калимаҳо, нисбат ба қисми дуюм мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Пасванди калимасози **-ӣ (-гӣ)** яке аз пасвандҳои сермаҳсултарин маҳсуб ёфта, вазифаҳои гуногунро адо мекунад. Ин пасванд дар забони тоҷикӣ ба таври фаровон истифода мешавад. Азбаски морфемаи **-ӣ (-гӣ)** сермаънову сервазифа мебошад, онро омомморфема мегӯянд. Вожаи омоморфема аз калимаи юнонии ҳомос – якхела ва морфе – шакл гирифта шуда, маънои ҳамшаклро дорад. Бинобар ин морфемаи -ӣ (-гӣ) ҳам бо сабаби он ки дар калимасозии якчанд ҳиссаи нутқ иштирок мекунад, омоморфема ҳисобида мешавад.

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи соҳаи калимасозии исм дар забони тоҷикӣ Рустамов Ш. Доир ба хусусиятҳои калимасозии пасванди мазкур бештар таваҷҷуҳ кардааст. Дар робита ба калимасозӣ, хусусан тавассути пасванди исмсози –ӣ (-гӣ) забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Ш. Рустамов, М.Н Қосимов, Д. Саймиддинов, М. Султон, М. Бадар, П.Н Хонларӣ ва дигарон дар шакли мақолаву монография пажӯҳишҳои назаррасе намудаанж. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» доир ба вазифаҳои грамматикии пасванди **-ӣ (-гӣ)** маълумоти дақиқ дода шуда, ба воситаи ин пасванд аз исму сифат, феъл ва сифати феълӣ сохта шудани исмҳои маънӣ зикр шудааст [2, 15].

Ин морфема аз пасванди -ih ба вуҷуд омада, таърихан аз забони форсии миёна сарчашма мегирад (8, 31)

Унсури калимасози **-ӣ (-гӣ)** дар адабиёти классикии форс-тоҷик ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ бо ин пасванд 257 калима сохта шудааст [6, 55].

Дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ бо исму сифат ва асосҳои феълӣ омада, касб ва машғулияти одамон: **корвонӣ, ҷавҳарӣ;** ба гурӯҳе мансуб будани шахс: **сипоҳӣ, лашкарӣ;** мансубияти шахсро ба маҳалу ҷой: **шомӣ, рустоӣ;** исми ҳолат: **бандагӣ;** исми шахс: **ҳаромӣ (**аз **ҳаромиён** пурхатар**), пешинӣ (**аз амсоли **пешиниён** панд гиранд**)** ва монанди инҳоро сохтааст [16, 297].

Дар мақолаи мазкур кӯшиш карда мешавад, ки пасванди исмсози –ӣ (-гӣ) дар «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав, ки аз чеҳраҳои мондагор ва барҷастаи қарни Х1 маҳсуб меёбад, мавриди баррасӣ қарор гирад. Чунон ки С. Ҳалимов дар Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои Х1-Х11) чунин қайд мекунад, ки осори илмии асри Х1 ба забони тоҷикӣ беҳтаринаш асарҳои Носири Хусрав («Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Зодулмусофирин», «Хони ихвон», «Кушоишу раҳоиш») мебошад. Дар осори илмии фалсафӣ, ситорашиносӣ, динии ӯ забони адабии тоҷик обу ранги нав пайдо мекунад. Истилоҳоти илмии тоҷикӣ дар асарҳои ӯ хеле фаровон гирд омада ва ба мавқеъ ба кор бурда шудааст ва бисёре аз онҳо дар забони адабии ҳозира муносиби истеъмоланд [17, 86].

Пасванди исмсози **-ӣ (-гӣ)** дар сарчашмаҳои илмӣ ҳамчун пасванди сермаънову серистеъмол ва омоморфема дарҷ шудааст. Ин хусусияти он дар асари Носири Хусрав низ возеҳу равшан мушоҳида мешавад.

Пасванди исмсози **-ӣ (-гӣ)** Дар «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав бо исм ҳамроҳ шуда, исмҳое месозад, ки маъноҳои гуногуни луғавиро ифода мекунад.

Чунончи: **нодонӣ, хурдӣ, илмӣ, маънӣ, зиндагонӣ [3, 345], ҳушёрӣ, нестӣ, бекорӣ, бозӣ [3, 346], ростӣ, костӣ, сахтӣ, ёрӣ, тангбахтӣ, накӯӣ, одамӣ, накуномӣ, гиромӣ, бадӣ, хушхӯӣ [3, 347], мардумӣ, ҳамнишинӣ, қаринӣ, шодмонӣ [3, 348], тозагӣ, бузургӣ, бародарӣ, доноӣ, дороӣ, парҳезгорӣ, хорӣ, рӯзӣ, ширинӣ [3, 349], тезӣ, нармӣ, тундӣ, беҳӣ, дӯзахӣ [3, 350], шодӣ, некӣ [3, 351], пирӣ, покӣ, некномӣ [3, 352], ошноӣ, ёдгорӣ, бандӣ, бахтёрӣ, суратпарастӣ [3, 353], худоӣ, илоҳӣ, [3, 355], шабонрӯзӣ [3, 356], гармӣ [3, 358], зиндагӣ, ҷунбандагӣ [3, 359], зиҳӣ, ҷонӣ, сухангӯӣ, рафиқӣ, равшанӣ, [3, 360], беҷонӣ [3, 365], корӣ [3, 366], ҷудоӣ, ёварӣ, хидевӣ, девӣ, хорӣ, ҳарифӣ, зарифӣ [3, 367], риёӣ, душманӣ, некхоҳӣ, меҳрубонӣ [3, 369], шоҳӣ, моҳӣ [3, 370],**

бархурдорӣ, зиндагӣ [3, 374], ҷодуӣ, румӣ, зангӣ [3, 375], дилрабоӣ, қарринқабоӣ, хушнудӣ, ҷовидонӣ, конӣ [3, 376], подшоҳӣ [3, 379], шоирӣ [3, 380] намунае аз он ба шумор меравад. Дар «Рӯшноинома» бо ин пасванд 86 вожаи исмӣ сохта шудааст.

Пасванди мазкур дар сохтани ҳиссаҳои гуногуни нутқ ширкат меварзад: а/исм. Пасванди **-ӣ (-гӣ)** дар сохтани исм сермаҳсул аст. Бо исмҳои шахс ҳамроҳ шуда, исми маънӣ месозад: **шоир+ӣ, ёр+ӣ, одам+ӣ, рафиқ+ӣ.**

*Балои **одамӣ** бошад забонаш,*
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш [3, 347].
Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ,
*Туро **ёрӣ** кунад дар тангбахтӣ [3, 347].*

а) пасванди **-ӣ (-гӣ)** дар аз сифатҳое, ки синну солро мефаҳмонанд, исми маънӣ месозад. Дар «Рӯшноинома» дар ин ҳолат калимаи **пирӣ** ба назар мерасад. Масалан:

Суи пирон ба ҳурмат гар гаройӣ,
*Ту дар **пирӣ** зи пирон бар сар оӣ [3, 352].*

в) ин пасванд бо феълҳои **ҳаст** ва **нест** омада исми маънӣ месозад: ҳастӣ, нестӣ.

Бад-ин даҳрӯзаи дунё чӣ нозӣ,
*Ҷу тифлон **нестӣ**, то чанд бозӣ? [3, 346].*
*Зи нури ӯ ту **ҳастӣ** ҳамчу партав,*
Вуҷуди худ бипардозу ту ӯ шав [3, 360].

Ҳамаи ин калимаҳоро, ки дар осори Носири Хусрав вохӯрданд, аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

а) калимаҳои исмии сода, ки бо пасванди **-ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: **мардумӣ, одамӣ, мардӣ, канносӣ, ёрӣ, илмӣ, подшоҳӣ, биҳиштӣ, хешӣ, дарвешӣ, роҳбарӣ, доварӣ, толибӣ, дӯстӣ, ҷонӣ, гадоӣ, бародарӣ, дӯзахӣ, риёӣ, ошноӣ, корвонӣ, ёварӣ, девӣ, зангӣ, ҳарифӣ, хорӣ, шоирӣ, рафиқӣ. Мисолҳо:**

Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ,
*Туро **ёрӣ** кунад дар тангбахтӣ [3, 347].*
*Ҷамоли **мардумӣ** дар ҳилм бошад,*
Камоли мардумӣ дар ҳилм бошад [3, 348].

б) пасванди **-ӣ (-гӣ)** дар «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав аз исму асоси замони ҳозираи феъл калимаҳои мураккаб ва исми маънӣ сохтааст**: сухангӯй, дилрабоӣ, оташфурӯзӣ, суратпарастӣ.**

Ту ақлу ҷон зи ҳақ дон, симу зар чист?
Макун суратпарастӣ, пову сар чист? (3, 354).

Ҳамчунин аз калимаҳои хешутаборӣ: **дӯст**, **бародар, душман**, ва **ошно** исмҳои ифодакунандаи муносибат месозад: **дӯстӣ, бародарӣ душманӣ, ошноӣ.**

*Наёяд **душманӣ** аз марди оқил,*
Нашояд дӯстиро марди ҷоҳил [3, 369].
Аз ин муште рафиқони риёӣ,
*Буридан беҳтар аст аз **ошноӣ** [3, 369].*

б) аз исм исми маъни месозад: **мардӣ, мардумӣ, одамӣ, девӣ, шоҳӣ, подшоҳӣ. Мисолҳо:**

*Болои **одамӣ** бошад забонаш,*
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш [3, 347].
На баҳри хобу хӯрди ҳамчу ҳайвон,
*Барои ҳикмату **илмӣ** чу инсон [3, 345].*

Ҳамин тавр, ҳангоми баррасии пасванди исмсози –ӣ (-гӣ) дар «Рӯшноинома» ба хулосае омадем, ки маонии калимаҳои исмие, ки тавассути ин пасванди калимасоз сохта шудаанд, имрӯз низ айнан ба ҳамон маонияшон ба кор мераванд. Носири Хусрав аз чеҳраҳои шинохтаву баргузидаи адабиёти садаи X1 тоҷику форс аст, ки бо назми оламгири худ ҷаҳонро тасхир намудааст.

Адабиёт:

11. Асоева Б. Вижагиҳои калимасозии вандӣ дар «Зафарномаи Хусравӣ» // Паёми ДМТ// Бахши илмҳои филологӣ. – 2009, №-3, с. 62-67.
12. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). Ҷ. 1.. – Душанбе, 1985. – 356 с.
13. Девони ашъори Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010.
14. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
15. Косимов О. Суффиксальное словообразование имён существительных в «Шахнаме» А. Фирдауси. АКД. – Душанбе, 1988. – 24 с.
16. Низомова С. Калимасозии исм дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, 2002. – 180 с.
17. Одинаев К. Калимасозӣ бо пасвандҳо. Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018, №6, с.106-109.
18. Основы иранского языкознания. Новоперсидские язики. – М., 1982. – 527 с.
19. Парвиз Х. Таърихи забони форсӣ. Ҷ. 3. – Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 1372. – 490 с. (бо забони форсӣ).

20. Раҳматуллозода С. Калимасозии исм. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.
21. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 725 с.
23. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2010. – 996 с.
24. Хоркашев С. (Раҳматуллозода С.). Калимасозии исм бо пасвандҳо. – Душанбе, 2010. – 144 с.
25. Хоркашев С. Бо пасванди -ӣ (-гӣ) сохтани исмҳои маънӣ // Маҷмӯаи илмӣ методӣ (силсилаи маводи филологӣ доир ба назария ва таълими забони тоҷикӣ). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2009. с. 3-9.
26. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи забони «Гулистон»- и Саъдӣ) // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қ. 1. – Душанбе, 1975. – С. 283-307.
27. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои Х1-Х11). – Душанбе, 2002.
28. Шарафова З. Мавқеи корфармоии суфикси «-ӣ» ва «-гӣ». – Маориф ва маданият, 1955.

Калидвожаҳо: *Носири Хусрав, пасванд, калимасозӣ, исм, забон, калима, таркиби луғавӣ, грамматика, истилоҳот, осор, илмӣ, Рӯшноинома, маонӣ.*

Аннотация

ОБРАЗОВАНИЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ С СУФФИКСОМ –И (-ГИ) В "РУШНОИНАМЕ" НОСИРИ ХУСРАВА

Одним из актуальных и сложных вопросов современного язҷказнания являются словообразование, которые отражает искусность и мостерство литератора того или иного времени. Словообразование также являются одним из важнейших средств совершенствования словарного состава языка. Одним из крупнейщих мастеров таджикско-персидско литературу, оставовеши яркий след в развитии таджикского языка, являются Абумуин Носири Хусрава, писавейший под к севдомимом «Худжат» мастерством которому досихпор восхищяются исследователи таджикского языка и литературь. В настоящии статье исследуется рядь вопросовь, связанных со словообразованием существительных с суффиксом –и (-ги) в «Рушноинаме» Носири Хусрава. Рушноинаме написаная в жанре поемь (манзума), считается шидевром таджикско-персидско литературь которая охватывает разные вопрось философского и этического характера. Широкое применение возможностей словообразования существительных с суффиксом –и (-ги) в произвидениисвидетельствует о высоком мастерсве поэта в образованый новых слов для выражения поэтической мысли.

Ключевые слова: *Носири Хусрав, суффикс, словообразование, имя существительное, язык, слово словарный состав, грамматика, термин, произведения, научный, Рушноинаме, значения.*

Annotation

WORD FORMATION OF A NOUN WITH -I (-GI) IN "RUSHNOINOM" BY NOSIRI KHUSRAV

Word formation is one of the most important and complex problems of linguistics, which reflects the art and skills of scientists. This method, that is word formation, is an important tool for improving the lexical structure of the language. Abumuin Nosiri Khusrav, nicknamed "Khujat", is one of the masters who took the Persian-Tajik domains beyond their borders, amazed writers with their high poetic skill. The article investigates the word formation of nouns with the -i (-gi) suffix in "Rushnoinome" by Nosiri Khusrav. Rushnoinoma is a poem that has become famous in the history of Tajik and Persian literature, and the work is mainly devoted to philosophical and moral issues. Word formation of a noun through the suffix -i (-gi) is widely and abundantly used in the work, which testifies to the supreme art of word formation and rhetoric of this city poet.

Keywords: *Nosiri Khusrav, suffix, word formation, noun, language, word, lexical structure, grammar, terminology, works, science, Enlightenment, meaning.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Назиров Маҳмадраҳим Миралиевич, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: 933992407

Роҳбари илмӣ: Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сведание об авторе: Назиров Махмадрахим Миралиевич, магистрант второго курса факультета таджикской филологии таджикского государственного педагогисеского университета им. С. Айни. Телефон: 915161896.

Научный руководитель: Рахматуллозода Сахидод Рахматулло, доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, заместитель председателя Комитета по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан.

About the autor: Nazirov Mahmadrahim Miralievich, student of second course of philology faculty of TSPU named after S. Aini. Tel: 915161896

Scientific adviser Rakhmatullozoda Sahidod Rakhmatullo, doctor of philology, Professor, Corresponding memder of the National Academi of Scences of Tajikistan, Deputi Chairman of the Cjmmittee on language and terminology under the goveryment of the Repubkic of Tajikistan.

Носирова Мақсуда Тавакаловна,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

БАРРАСИИ МУҚОБАЛАВИИ ИШОРАҶОНИШИНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ «ТАЪРИХИ БУХОРО»-И НАРШАХӢ)

Ҷонишинҳои ишоратӣ барои ишора кардани шахс ва ё ашё истифода карда мешавад. Ҷонишинҳои ишоратӣ дар байни калимаҳои ишораткунанда мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва як навъ шакли овозии имову ишораҳо ба шумор мераванд. Бо ёрии ҷонишинҳои ишоратӣ гӯянда ҳама гуна ашёро аз байни ҳамҷинсонашон ҷудо карда, диққати шунавандаро ба онҳо ҷалб менамояд ва нишон медиҳад, ки минбаъд сухан дар бораи чӣ меравад; бо ёрии ҷонишинҳои ишоратӣ, инчунин, ашёву ҳодисаҳое ишора мешаванд, ки дар бораи онҳо пештар сухан рафтааст ва онҳо аломати муайянии исм ҳисобида мешаванд. Ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба шахсу ғайришахс бетафовут истеъмол мешаванд: **ин** одам, **ин** қалам, **ин** дарахт ва монанди инҳо. Ҷонишинҳои ишоратӣ аз рӯи ба ду қисм тақсим мешаванд:

А) ҷонишинҳои ишоратии масофаи наздик,

Б) ҷонишинҳои ишоратии масофаи дур.

Дар ифодаи маънои грамматикии ишораҷонишинҳои тоҷикӣ ва арабӣ тафовутҳои зиёде ба назар мерасад, ки аз ҷумлаи онҳо ифодаи ҷинсият ва шумора мебошад.

Дар ишораҷонишинҳои забони тоҷикӣ бар хилофи забони арабӣ масъалаи мафҳуми ифодаи ҷинсият баррасӣ намегардад, зеро мафҳуми «ин» ва «он», «инҳо» ва «онҳо» ҳам барои зану мард ва ҳам барои шахс ва ғайришахс яксон аст. Ҳамчунин, дар забони арабӣ ишораҷонишинҳо аз назари шумора се дастаанд: танҳо, ҷуфт ва ҷамъ, аммо дар ишораҷонишинҳои забони тоҷикӣ масъалаи мафҳуми шумораи ҷуфт (дугона) ҷойгоҳе надорад.

Ишораҷонишинҳои масофаи наздик дар забони арабӣ ва муодили онҳо дар тоҷикӣ:

Ҷамъ	ҷуфт	танҳо	Ҷинсият	Забон
هؤلاء	هَذَانِ/ هَذَيْنِ	هَذَا	Занона	Арабӣ
	هَاتَانِ/ هَاتَيْنِ	هَذِهِ	Мардона	
инҳо	Ин ду	ин	Дар тоҷикӣ ҷинсият нест	Тоҷикӣ

Муодили тоҷикии ишораҷонишини шумораи танҳои масофаи наздики арабӣ дар тоҷикӣ «ин» мебошад.

Ишораҷонишинҳои ҷуфти арабӣ дар ду шакл هَذَانِ هَذَيْنِ هَاتَانِ هَاتَيْنِ зикр шудаанд, ин ба далели ҳолати эъробиашон (падеж) аст. Яъне, дар ҳолати номинативӣ анҷомаи ان ва генетивӣ يْنِ мегиранд, чунончи:

جَاءَ هَذَانِ الرَّجُلَانِ – (ин) ду мард омаданд

Чунончи, дида шуд, هَذَانِ дар ин мисол дар ҳолати номинативӣ омадааст, аз он ҷиҳат, ки фоъил аст, дар ҳолати марфуъ (هَذَانِ) омадааст.

Аммо дар мисолҳои

رَأَيْتُ هَذَيْنِ الرَّجُلَيْنِ - (ин) ду мардро дидам, ҳамон тавр, ки мушоҳида мешавад, дар ин мисол ишораҷонишини шумораи ҷуфти масофаи наздик – هَذَيْنِ дар ҳолати генетив, ба сифати пуркунанда омадааст.

Ишораҷонишини шумораи ҷамъ дар забони арабӣ барои занона ва мардона як хел (мисли тоҷикӣ) - هؤلاء буда, фақат аз назари мафҳуми шумора ба беш аз се кас (шайъ) далолат мекунад. Мисли:

*Мусаннифи **ин** китоб гӯяд, ки агар ҷумлаи уламои Бухороро зикр кунем, дафтарҳо бояд ва **ин** ҷумла, ки мо ёд кардем, аз **онҳо**анд, ки пайғамбар (с) фармуд, ки: «Ъуламоу уммати ка анбиёи банӣ Исроил» (5, 4)*

يقول مصنف **هذا** الكتاب: و لو ذكرنا جميع علماء بخارى لاحتجنا إلى دفاتر عديدة نملؤها، و **هذه** الفئة التى ذكرناها من العلماء هم **هؤلاء** اللذين قال النبى (ص) فى حقهم "علماء أمتى كأنبياء بنى إسرائيل" (7، 18)

Дар ҷумлаи мазкур ишораҷонишини «ин» дар ду маврид дар ду шакл **هذا** ва **هذه** тарҷума шуданаш ба он сабаб аст, ки ишораҷонишинҳои шумораи танҳо ва ҷуфти забони арабӣ аз назари ҷинс ва шумора ба муайяншавандаи худ мувофиқат мекунанд. Дар ибораи «ҳоза-л-китоб» (ин китоб) калимаи китоб бо аломати шумораи танҳо ва ҷинсияти мардона омадааст, бино бар ин, ишораҷонишини «ин» ба он мувофиқат намудааст. Дар ибораи «ҳозиҳи-л-фиат»

(ин ҷумла) калимаи ҷумла бо доштани аломати шумораи танҳо ва ҷинсияти занона омадааст, бино бар ин, ишораҷонишини «ин» ба он мувофиқат намуда, дар шакли «ҳозиҳи» (ин – шумораи танҳо, ҷинси занона) омадааст. Дар ибораи «ҳум ҳоулои» (онҳо касонеанд) калимаи ҳоулои фақат аз назари шумора ба муайяншавандаи худ мувофиқат намудааст ва он ба ҳар ду ҷинс (мардона ва занона) муштарак муносибат дорад.

Таснифи ишораҷонишинҳои масофаи дур дар забони арабӣ ва муодили онҳо дар забони тоҷикӣ ба тарици зайл мебошанд:

Ҷамъ	Ҷуфт	Танҳо	Ҷинсият	Забон
اولَئِكَ	ذَانِكَ/ ذَيْنِكَ	ذَلِكَ	Занона	Арабӣ
	تَانِكَ/ تَيْنِكَ	تِلْكَ	Мардона	
онҳо	он ду	он	Дар тоҷикӣ ҷинсият нест	Тоҷикӣ

Ишораҷонишҳинҳои шумораи танҳо дар забони арабӣ ذَلِكَ ва تِلْكَ мебошанд, ки муодили тоҷикиаш «он» аст.

Аз Баёгу ҷавоб омад, ки он вилоятро ба ту бахшидам (5, 6).

فجاء الرد (من بياغو): "قد منحتک تلک الولاية" (7، 21)

Дар ибораи «тилка-л-вилоят» (он вилоят) калимаи вилоят бо доштани аломати шумораи танҳо ва ҷинсияти занона омадааст, бино бар ин, ишораҷонишини «он» аз рӯи ҷинс ва шумора ба он мувофиқат намуда, дар шакли «тилка» (он – шумораи танҳо, ҷинси занона) омадааст.

Ишораҷонишинҳои ҷуфти масофаи дур дар забони арабӣ дар ду шакл ذَانِكَ ذَيْنِكَ تَانِكَ تَيْنِكَ зикр шудаанд, ин ба далели ҳолати эъробиашон (падеж) мебошад. Яъне, дар ҳолати номинативӣ анҷомаи ان ва генетивӣ يْنِ мегиранд, чунончи:

جَاءَ ذَانِكَ الرَّجُلَان – (он) ду мард омаданд

Чунончи, дида шуд, ذَانِكَ дар ин мисол дар ҳолати номинативӣ омадааст, аз он ҷиҳат, ки фоъил аст, дар ҳолати марфуъ (هَذَانِ) омадааст.

Аммо дар мисолҳои

رَأَيْتُ ذَيْنِكَ الرَّجُلَيْنِ - (ин) ду мардро дидам, ҳамон тавр, ки мушоҳида мешавад, дар ин мисол ишораҷонишини шумораи ҷуфти масофаи наздик – ذَيْنِكَ дар ҳолати генетив, ба сифати пуркунанда зикр гардидааст.

Ишораҷонишини шумораи ҷамъ дар забони арабӣ барои занона ва мардона як хел (мисли тоҷикӣ) - اولَئِكَ буда, фақат аз назари мафҳуми шумора ба беш аз се кас (шайъ) далолат мекунад. Мувофиқати ишораҷонишин ба муайяншавандаи худ аз назари масофа, замоне муҳим аст, ки ҳадаф нишон дордани дурӣ ё наздикии ашёи мавриди назар бошад. Аммо ҳангоми тарҷума агар манзури мутарҷим ифодаи муайянӣ ва номуайянии исм бошад, ишораҷонишин метавонад аз назари ифодаи масофат ба муодили тарҷумашудаи худ мувофиқат накунад, мисли:

Шери кишвар кас фиристод ба Ҳамукат, то он мардумонро, ки аз Бухоро гурехта буданд, бо занону фарзандон боз ба Бухоро оварданд (5, 6).

و أوفد "شير كشور" رسولا إلى حموكت لإعادة هؤلاء اللذين هربوا من بخارى مع نسائهم و أطفالهم (7، 21)

Дар тарҷумаи ибораи «он мардумон» муодили арабиаш هؤلاء اللذين... мебошад, ки калимаи هؤلاء (инҳо) дар ин ҷо вазифаи муайянкунандагиро дошта, мазмуни муайянӣ тавассути ҷумлаи пайрави пуркунанда баён ёфтааст, аммо ин мазмун дар тоҷикӣ тавассути ишораҷонишини «он» ифода шудааст.

Новобаста аз он ки ба сабаби муштаракоти мазҳабӣ, фарҳангӣ, ки аз ҳамҷавориву ҳамақидатии мардумони арабу аҷам ба вуҷуд омадааст ва дар ин замина, муштаракоти луғавии зиёде дар забони ин ду миллат ба амал омадааст, таҳлили мисолҳо нишон медиҳад, ки дар байни ишораҷонишинҳои забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ на муштаракоти луғавӣ ва на грамматикӣ-маъноӣ мушоҳида намегардад.

Адабиёт:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356 с.
2. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1. – Душанбе, 2012. – 566 с.
3. Лингвистический энциклопедический словарь. – Москва: Советская энциклопедия, 1990. – 683 с.
4. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
5. Наршахӣ Абубакр. Таърихи Бухоро / Абубакри Наршахӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 179 с.

6. شریعت محمد جواد. دستور زبان فارسی. –تهران: انتشارات اساطیر، 1371. –464 ص.؛
7. نرشخی ابوبکر محمد بن جعفر. تاریخ بخاری (تعریب امیا عبدالمجید بدوی، نصرالله مبشر الطرازی). / ابوبکر نرشخی. – قاهره، 1993 م / 1382 ه.
8. همایونفرّخ عبد الرحیم. دستور جامع زبان فارسی (هفت جلد در یک مجلد). تهرآن، 1364 شمسی. – 1207 ص.

Калидвожаҳо: *«Таърихи Бухоро», ишораҷонишин, баррасӣ, муқобила, ҷинсият, шумора, грамматика.*

Аннотация

СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ РАССМОТРЕНИЕ УКАЗАТЕЛЬНЫЙ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛЕ «ТАЪРИХИ БУХОРО»)

На данном стате на основе материале «Таърихи Бухоро» подчеркивается, то что есть много различий в грамматическом значении таджикских и арабских указательный местоимений, включая род и число. В отличие от арабского языка, понятие пола не наблюдается в указательном местоимений таджикского языка, поскольку термины «это» и «оно», «эти» и «они» используются одинаково как для мужчин, так и для женщин. и частные лица. Также в арабском языке существует три группы знаковых понятия число указательный местоимений: единственное, четное и множественное, но в указательном местоимений таджикского языка нет места понятию четного (двойного) числа.

Ключевые слова: *«История Бухари», указательные местоименний, рассмотрение, сопоставительные, род, число, грамматика.*

Annotation

COMPARATIVE CONSIDERATION OF DEMONSTRATIVE PRONOUNS IN TAJIK AND ARABIC (BASED ON THE MATERIAL "TA'RIKHI BUKHORO")

This article, based on the material of «Tarikhi Bukhoro», emphasizes that there are many differences in the grammatical meaning of Tajik and Arabic demonstrative pronouns, including gender and number. In contrast to the Arabic language, the concept of gender is not observed in the demonstrative pronouns of the Tajik language, since the terms «this» and «it», «these» and «they» are used in the same way for both men and women. and individuals. Also in the Arabic language there are three groups of sign concepts of the number of demonstrative pronouns: singular, even and plural, but in the demonstrative pronouns of the Tajik language there is no place for the concept of a pair (double) number.

Keywords: *"History of Bukhari", demonstrative pronouns, consideration, comparative, gender, number, grammar.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Носирова Меҳрона Тавакаловна, магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 919550408; zobit@list.ru

Сведения об автор: Носирова Максуда Тавакаловна, магистрантка первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ па имени С. Айни.

Научный руководитель: Рахмонов Бахтиёр Нурмахмадович, кандидат филологических, наук, доцент кафедрой теории и практики языкознания ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: +992 919550408 zobit@list.ru

About the author: Nosirova Maqsuda Tavakalovna, is a fourth-year student at the tajik philology faculty of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini.

Supervisor: Rahmonov Bakhtiyor Nurmahmadovich, candidate of philology, docent of the Departament of theory and Practice of Linguistics of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone: +992 919550408, zobit@list.ru

Марупова Сулҳия,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

НАҚШИ ХАТ ДАР КАМОЛОТИ МАЪНАВИИ ИНСОН

Касе, к-ӯ аз қалам нагашт баҳраманд,
Мадонаш ба назди хирад арҷманд.

Яке аз вижагиҳои одамӣ, ки вайро аз соири мавҷудот мумтоз медорад, ташхиси зарофат, назму эътидол ва эҳсоси ҳусну ҷамол аст. Аз ин ҷост, ки манзараҳои зебои табиат, низоми офариниш, маданияту саҳифаҳои ҷолиб ва нигораҳои дилангези хатту наққошиву шеър, ки аз дасти сеҳрофарини устодони забардаст содир шудааст, инсонро маҷзубу шоду фараҳнок сохта, муддате дар ҳоли шодмонӣ ба сӯйи худ мутаваҷҷеҳ месозад.

Ҷамолу зебоӣ маншаи ҳунарҳои зебост ва ҳунарҳо бозтоби он аст, ки бо завқ эҳсос мешавад, зеро алоқа бо зебоӣ, ки дар ниҳоди мо пайдо мегардад, завқро шукуфо месозад, то аз табиат ва хориҷ илҳом гирад ва завқи ҳунарманд онро бо андешаҳои жарфу дақиқи худ даромехта, ба сурати асару ҳунар дар манзари мо қарор медиҳад ва бо ин ҷилвагарӣ дар вуҷуди инсон нишот пайдо мекунад. Пас, дахолати ақл дар ин мавридҳо танҳо ин аст, ки завқ ва падидаҳои онро ба манзури истифодаи илмӣ қарор медиҳад.

Зиндагии иҷтимоӣ бар пояи робитаи инсонҳо бо якдигар аст. Ин робита гоҳ бо забон, ки василаи тафҳим ва тафоҳим аст, анҷом мешавад ва замоне робитаи афрод ба сабаби дурӣ (аз ҷиҳати замон ё макон) аз роҳи нигориш ё номанигорӣ анҷом мегардад. Ниёз ба хатту нигориш аз ҳамин ҷо пайдо шуд. Оғози таърихи тамаддунҳои башар низ бо шурӯи хатту нигориши қарин аст.

Агар хатте вуҷуд намедошт, ниёгони мо наметавонистанд осори тамаддуни худро ба фарзандон мерос бисупоранд. Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Дониш шикоре буд арзанда, ки ба доми хат дарафтод ва пойдор бимонд» [1, 10]. Агар хат набуд, донишу таҷрибаҳои бисёре ба водии фаромӯшӣ мерафт ва сар аз диёри адам бадар меовард.

Қалам василае буд, ки бори дониши гузаштагонро ба ояндагон дар тайи қарнҳо ба дӯш кашид ва риштаи таълиму таъаллум бо хатти нигориш аз гузаштаи бисёр дӯр ба замони мо пайванд хурд. Устоди азал нақши донишро бо қалами сунъаш бар лавҳи вуҷуд кашид ва одамиён низ аз ин роҳгузар баҳраҳо бурданд, то бад-ин ҷо расиданд...

«الَّذی علَّم بِالقَلَم.....عَلَّم الانسانَ مالَم یَعْلَمْ» [2, 5, 6].

Дониши бисёр бо нӯги қалам бар синаи санги сахту сафол ва чӯб, пусти бархе ҳайвонот ва саранҷом қоғаз, ба сурати нишонаҳое, ки маҷмӯи онҳоро хат меномем, аз газанди фаромӯшӣ дар амон мондааст ва мо акнун агар хабаре аз андешаҳои ниёгон чанд ҳазор сол қабли худ дорем, бар асари ҳамин падидаи арзишманд, яъне «хат» аст. Чи андешаҳои равшане, ки бар асари забт нашудан ба фаромӯшхонаи адабии таърихӣ гузашта, супурда шуда ва асару осори онҳо бар ҷое намондааст!

А гар андозаи хат дақиқтару саҳеҳтар ва комилтар бошад, беҳтар метавонад, бори маъониро ба дӯш бикашад ва инсонро ба сари манзили мақсуд бирасонд. Хат зарфест барои нигоҳдории маъонӣ, ки мазруфи он аст. Бояд зарф ва мазруф бо якдигар мутаносиб бошад.

Маъонии комилу дақиқро наметавон бо хатти ноқис ва имлои нодуруст ба хонанда илқо кард, чунонки ҳанӯз ҳам бисёре аз афрод аз норасоии алфоз меноланд ва муддаӣ ҳастанд, ки барои баёни матолиби худ алфози дақиқ наметавонанд ҷуст ва алфозе ҳам, ки меҷӯянд, тоқати кашидани бори сангини маъониро надоранд. Ба қавли Мавлавӣ:

Маъонӣ ҳаргиз андар ҳарф н-ояд,
Ки баҳри Қулзум андар зарф н-ояд.

Дар мавриди хатту хаттотӣ ва хушнависии форсӣ аз бузургони илму адаб ривоятҳои зиёде ворид шудаанд, ки аз шарафи илму фазилати хатту китобат башорат медиҳанд. Аз ҷумла: «Хат нисфи илм аст» (Муҳаммад, с.). Муҳаммад Омулӣ мегӯяд: «Илми хат иборат аст аз маърифати тасвири алфоз ба ҳуруфи ҳиҷо ва чигунагии таркибу аҳволе, ки бо эътибори китобат бар он ниҳода шавад». Аз ин ҷост, ки хатро «санъати муътабар ва фазилате ҷонпарвар» гуфтаанд. Барои ҳамин, номи забон бар қалам ниҳода, гуфтаанд: «Қаламҳо баёнгари афҳоманд» ё «Хат забони даст аст» [3, 58].

Хат аз назари луғат бо қалам навиштан аст ва бо китобату таҳриру рақам якмаъност. Ҳамчунин бо *сатру забр* низ, ки ба сиғаи маъмуле дар забони форсӣ (ба шакли мастур ва мазбур: навишташуда, ишорашуда) роиҷ аст, мусовист. Дар санъати аҳли қалам иборат аст аз

навиштани суратҳо ва шаклҳои ҳуруф дар ҳоли инфирод ва чигунагии таркиби онҳо дар тартиби ҷумлаву сатрҳо, ки далолат бар ниятҳои дарунии инсон карда, аз хусусияҳои башарӣ маҳсуб мешавад. Ҳама донишҳо ба далолат шинохта мешавад, ки он се қисм аст: ишораву аломат, лафз ва хат.

Ишораву аломат мавқуф ба дидану мушоҳида аст, лафз вобаста ба ҳузури мухотабу гӯш додану шунидан, вале хат ба инҳо вобаста нест. Аз ин рӯ, далолати хаттӣ бар тамоми далоили зикршуда бартариву афзалият дорад ва нафъи он бештар аст. Чун лафз далели табиист, васила ва олати он ҳам табиист ва хат чун далели саноъӣ ва вазъист, василаву олати он низ саноӣ мебошад. Бинобар ин, забону қалам ҳар ду олати далолат ва ҳар як кори дигареро анҷом медиҳаду ҷонишини дигаре мешавад.

Хатту навиштанро китобат гуфтаанд, ки он дар луғат ба маънои «гирд овардану ҷамъ кардан» аст.

Китобат санъатест, ки нависанда алфозу ҳуруфро дар тахайюли худ муҷассам карда, ба нерӯи нафсониву ақлонӣ, пайвастани ҳуруфу калимотро тасвир мекунад, яъне ба василаи қалам бар саҳифаҳо нақш мебандад, он гоҳ ба воситаи назму тартибе, ки он ҳуруфу калимот пайдо кардааанду далолат ба мақсад мекунад, василаи тафҳим ва тафаҳҳум мегардад. Таърифи хушнависиро низ муҳаққиқин додаанд: «Хушнависӣ малакаест, ки таҳти қоидаҳои хоссе, ҳаракати ангуштонро бо қалам ошно ва тавоно гардонад» [4, 375-376].

Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ гӯяд:

Дабирист аз пешаҳо арҷманд,
В-аз ӯ марди афканда гардад баланд.

Имрӯз дар мамолики форсизабон аз миёни хутути арабӣ настаълиқ зеботарин навъи хат эътироф гардидааст, ки дар заминаи он мактабу марокиз ва анҷуманҳои хаттотиву хушнависӣ таъсис дода шудаанд. Агар ба собиқаи хутути арабӣ назар андозем, ба таври мухтасар маълум мешавад, ки онҳо маъхуз аз хатҳои набативу сурёнӣ ва ибронианду силсилашон ба хатти финиқӣ бармехӯрад [5, 82-76]. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки пеш аз зуҳури Ислом ва пас аз футуҳоти оини Ислом низ нуфӯзи ин хутут миёни аъроби Ҳиҷоз бокӣ монда, минбаъд тадриҷан аз хатти набатӣ хатти насх ва аз хатти сурёнӣ бошад, хатти кӯфӣ ба вуҷуд омад. Сурёниҳои муқими Ироқ ҳангоми китобати матни Тавроту Инҷил аз хатти сатри наҷилӣ истифода мекарданд. Дар қарни аввали баъд аз Ислом арабҳо ин хатро дар китобати Қуръон аз сурёниҳо иқтибос намуданд ва баъдан хатти кӯфӣ ҷойгузини он гардид.

Ин хат аз ду хат – насх ва таълиқ омехта шуда, онро *настаълиқ ё насхтаълиқ* гуфтаанд. Тамоми шаклҳо ва ҳаракати хатти настаълиқ бо ҳам шабоҳат доранд. Зебоӣ ва латофати бештари ҳаракот дар ин хат назар ба насх зиёд мушоҳида шудааст. Доманаҳои ҳуруф ва калимоти настаълиқ мутамоил ба рост мебошад.

Хатти настаълиқ яке аз низомҳои ҳандасии нависторист, ки аз назари зоҳирӣ дорои вижагиҳои зебошинохтии олӣ буда, ҳамонанди соири ҳунарҳо унсурҳои муҳимме монанди: тавозуни таносуб, ҳамоҳангиву ҳаракат давру сатҳ ва дигар мавридҳои аз ин қабил дар он матраҳ мешавад.

Аз он ҷо, ки дар шаклгирии матлуби ин хат унсурҳои марбут ба шаклу тарҳи гуногун аст. Ёдгирии хатти настаълиқ сарфи вақт ва диққати фаровонро тақозо дорад. Чунонки ба таври табиӣ наметавон аз он ба унвони намунае фарогир барои донишомӯзӣ баҳра бурд, зеро печидагиҳои ин хат ба таври амалӣ аз як сӯ ва нобудани нерӯи омӯзишдиҳанда аз сӯи дигар, монеъ аз таҳқиқи ин фарояндаи муҳим мешавад, аммо хатти настаълиқ дорои ин зарфият аст, ки аз он низомҳои соддатари навиштори истихроҷ гардад. Дар воқеъ, рӯҳу ботини ин хат дорои қобилиятҳоест, ки то кунун мунҷар ба шаклгирии хутути дигаре низ шудааст [6, 5].

Намунаи ашъори шоирони классик бо хатти настаълиқ

Адабиёт:

1. Муҳаммад Муъин. Фарҳанги форсӣ. Теҳрон, Исмоил Нажодфард. Тамрини настаълиқ қадам ба қадам (4 ҷилд). – Теҳрон, 1383 ҳ. – 98 с.
2. Муҳаммад Омулӣ. Нафоис-ул-фунуни мудавван. – Теҳрон, 1384 ҳ. – 58 с.
3. Муҳаммад Омулӣ. Нафоис-ул-фунуни мудавван. – С. 735-742.
4. Таърихи тамаддуни ислом. Таълифи Ҷурҷӣ Зайдон. Тарҷума ва нигориши Алӣ Ҷавоҳири Калом. – Теҳрон, 1326 ҳ. Ҷ. 2-3. – С. 82, 76.
5. Қуръони Карим Сураи «Алақ», оёти 5 ва 6.

Калидвожаҳо: *офариниш, одам, ақл, қалам, таърих, илм, хушнависӣ, зебо, Қуръон.*

Аннотация

РОЛЬ ЛИНИИ В ДУХОВНОЙ ЗРЕЛОСТИ ЧЕЛОВЕКА

Если размер линии будет более точным и полным, он сможет лучше нести бремя смысла и доставить человека к месту назначения. Линия - это популярный контейнер для значимого хранения. Емкость и емкость должны гармонировать друг с другом. Совершенный смысл не может быть передан читателю неправильным почерком или орфографическими ошибками, так как многие люди до сих пор жалуются на недостаток языка и утверждают, что не могут найти правильный язык для выражения своих идей, и что слова, которые они ищут, слишком тяжелы для медведь.

Ключевые слова: *творение, человек, разум, перо, история, наука, каллиграф, красивый, Коран.*

Annotation

THE ROLE OF THE LINE IN THE SPIRITUAL MATURITY OF MAN

If the size of the line is more accurate and complete, it can better carry the burden of meaning and get the person to the destination. The line is a container for meaningful storage, which is popular. The container and the container must be in harmony with each other. Perfect meaning cannot be conveyed to the reader by faulty handwriting and misspelling, as many people still complain of a lack of language and argue that they cannot find the right language to express their ideas, and that the words they are looking for are too heavy to bear. do not have.

Keywords: *creation, man, mind, pen, history, science, calligrapher, beautiful, Quran.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Марупова Сулҳия Нусратхӯҷаевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Саидолим К.

Сведения об авторе: Марупова Сулхия Нусратхучаевна, магистрантка второго курса факультет таджикского филологии ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: доцент Саидолим К.

About the author: Marupova Sulhiya Nusratkhujaevna, first year of MA, fakulty of Tajik filologyTSPU after S. Aini.

Scientife director: dotsent Saidolim K.

Сатторов Нурали Саидалиевич,
муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Юсупов Алишер Убайдуллоевич,
донишҷӯи соли панҷуми факултети филологияи тоҷик

КАЛИМАСОЗИИ МОРФОЛОГИИ ИСМ ДАР ПОВЕСТИ «СИТОРАҲОИ САРИ ТАНӮР»-И САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нав набуда, балки он ҳанӯз дар даврони бостон низ вуҷуд доштааст ва фаъолияти хуберо анҷом медодааст, дар замони муосир бошад ҳам калимасозӣ дар забони тоҷикӣ нақши муҳим дошта, ба воситаи он аз як калима калимаи дигар сохта мешавад ва албатта ин сабаб мегардад, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ бой гардад.

Калимасозии сарфии исм. Дар усули морфологии калимасозии исм пасвандҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҳар як пасванд ба он муайян карда мешавад, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ маъно мебахшад [2, 110].

Калимасозӣ дар забони адабӣ ба воситаи вандҳо сурат мегирад вандҳо дар забони тоҷикӣ ду намуд мешаванд: яке вандҳои калимасоз ва дигаре вандҳои шаклсоз. Вандҳои калимасоз гуфта ҳамон вандҳоеро мегӯем, ки ба воситаи онҳо маънои калима тағйир меёбад, аммо вандҳои шаклсоз бошад, фақат шакли калимаро тағйир медиҳанд.

Аз давраҳои қадим ин ҷониб тавассути калимасозӣ дар забонамон калимаҳои зиёд сохта шудаанд, ки барои нигоҳ доштани асолати миллии забонамон асос гузоштааст. Зеро забон бо ду роҳ инкишоф меёбад.

1. Роҳи калимасозӣ ба воситаи калимаҳои бунёдии забон;
2. Бо гирифтани калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар.

Барои забон, махсусан забони тоҷикӣ, роҳи якум, яъне бо роҳи калимасозӣ бо истифодаи калимаҳои худдӣ, ки таркиби луғавии забонамонро ташкил мекунанд, муфиду арзишманд аст.

Аз нигоҳи забоншиносон, олимону донишмандони соҳаи забон дар забоншиносӣ ва махсусан забоншиносии тоҷик мақому манзалати роҳи калимасозии сарфӣ нисбат ба дигар роҳҳои калимасозии исм назаррас аст. Ин аст, ки ба ин масъала муҳақиқони соҳаи забон таваҷуҳи бештар зоҳир кардаанд.

Маълум аст, ки калимасозии сарфӣ дар навбати худ аз рӯи хусусияту сохтори калимасозиаш ба ду қисм ҷудо мешавад: бо аффиксҳо (пешванду пасвандҳо) ва бо роҳи мураккабшавии сохтани исмҳо. Аз ин навъҳои калимасозии сарфӣ гурӯҳи якум – калимасозии вандии исм, яъне ба воситаи пешванду пасвандҳо сохтани калимаҳо, нисбат ба қисми дуюм мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо дар назардошти сермаҳсулӣ ва серистеъмолии пасвандҳо калимасозии пасвандии исм назар ба калимасозии пешвандии исм дар калимасозии исм мавқеи калон дорад. Ин аст, ки олимон ва донишмандони соҳаи забон ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ кардаанд.

Ба анъанаи тадқиқи калимасозӣ дар забошиносии тоҷик такя намуда, мо пасвандҳои калимасозро аз рӯи мавқеи истеъмолашон дар осори нависанда ба пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул тақсимбандӣ намудем.

Пасванди бон. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ду хусусияти «**бон**» мушоҳида мешавад: дар баъзе калимаҳо вай маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи морфемаҳои калимасоз гузаштааст. Чунончи, ба категорияи калимасоз гузаштани **-бон** дар калимаҳои ***мизбон, нигаҳбон бодбон ва соябон*** равшан зоҳир мегардад [3, 140].

*«Боре маро он ҷо бурдӣ, боғи ботаникҳо гуфтӣ он ҷоро, шаб буду борон буд ва **нигаҳбони** боғ пасу пеши мо мегашт...»* [6, 24] чигунае ки дар боло қайд намудем, пасванди **-бон** баъзе ҳолат хусусияти калимасозӣ қабул карда, аз як калима калимаи дигар месозад. Масалан, дар ин ҷумла дар калимаи ***нигаҳбон*** аз худи исми маънии ***нигаҳ*** исми шахси ***нигаҳбон*** сохтааст

Пасванди -гор. Каммаҳсул мебошад. Ба воситаи пасванди **-гор** аз исму асосоҳои феъл исмҳои ифодакунандаи шахс сохта мешавад: а) бо пасванди **-гор** аз исм исми нав сохта мешавад, ки вай шахсро аз рӯи амалиёту машғулияташ далолат мекунад: ***хизматгор, мададгор*** [3, 39].

Ба воситаи пасванди **-гор** аз исм исме сохта мешавад, ки он ҳолат ва ба таъсири амале мондани шахсро мефаҳмонад [3, 140]. Ин пасаванд дар асари мавриди таҳқиқ ҳам бисёр хуб ба назар мерасад. Масалан, дар ин ҷумла чунин омадааст: *«Ман худро **гунаҳгор** медонам»* [6, 59]. Дар ин маврид пасванди **-гор** хусусияти аз исм сохтани исми дигарро қабул кардааст.

Дар забони адабии тоҷикӣ як гурӯҳ пасвандҳое ҳастанд, ки барои сохтани исмҳои макон хизмат мекунанд:

Пасванди -гоҳ. Аслан калимаи мустақилмаъно буда, дар рафти инкишофи таърихии забон ба гурӯҳи морфемаҳо дохил шудааст ва ҳоло ҳамчун ифодакунандаи макон танҳо дар таркиби калима меояд. Вай ҳам мисли калимаи ҷой (ҷо) маконро ба таври умумӣ нишон медодааст, ки ин ба пасвандшавии он имконият додааст. Ҳоло дар бисёр мавридҳо дар таркиби калимаҳо **-гоҳ** ва ҷо ба таври мувозӣ истеъмол меёбанд: ***идгоҳ-идҷо, подагоҳ-подаҷо, хобгоҳ-хобҷой, бозоргоҳ - бозорҷой*** ва ғайра [3, 147].

Аз гуфтаҳои боло маълум гардид, ки пасванди гоҳ пасвандест, ки фақат маконро ифода мекунад масалан, дар ҷумлаи мазкур: *То хобгоҳ давидам...* [6, 25], ки иқтибос аз худи асари мавриди таҳқиқ қарордошта оварда шудааст, дар калимаи хобгоҳ пасванди **-гоҳ** маконро ифода кардааст.

Пасванди -а. Дар аввалин сарчашмаҳои забоншиносии замони шӯравии тоҷик ҳамчун пасванди калимасоз, сермаъно, серистеъмол, муштараквазифа ва сермаҳсул таъкид гардидааст. Ин пасванд таърихи қадима дошта чун калимасоз дар сарчашмаҳо зикр гардидааст пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ чанд тариқа истеъмол мешавад. Дар охири феъли замони гузашта омада сифати феълӣ месозад: **рафт+а, омад+а, расид+а, гузашт+а, бархост+а, барҷаст+а** ва дигарҳо [5, 25].

Бале ин пасванд дар калимаҳои зер бисёр хуб ба назар расидааст. **Бардошт+а, гуфт+а, фуровард+а, монд+а, гирифт+а, дид+а, шуст+а, часпид+а, кард+а, баровард+а, давид+а, накард+а, хандид+а, ангошт+а, афтид+а, расид+а, кард+а, омад+а, канд+а, баромад+а, афтод+а, нашикаст+а, барнахост+а**

Ва чигунае, ки дар боло қайд шуд, яъне пасванди мазкур дар охири феъли замони гузашта омада сифати феълӣ месозад ин ҷо бошад, ҳамон вазифаро иҷро кардааст. Ва инчунин дар ҷумлаи: *Гуё поҷомаам банохост назди тахтаи синф ба поям афтида бошад, аз шарм мурдаму зинда шудам* [6, 43]. Пасванди **-а** дар калимаи афтида ба замони гузаштаи феъл омада сифати феълӣ сохтааст.

Пасванди -гар яке аз пасвандҳои серистеъмол буда, дар адабиёти классикӣ ба воситаи он калимаҳои зиёд сохта шудааст. Заминаи асосии калимасозии ин унсури калимасоз исм ба шумор меравад.

Пасванди -гар дар форсии миёна ба шакли -gar ва қабл аз форсии миёна бо намуди -kar қаламдод шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки морфемаи **-гар** аз исмҳои моддӣ ва маънии ғайришахс исми шахс месозад. Ин исмҳои сохташуда касбу ҳунар ва атвори шахсро ифода мекунад.

«Он «коф»-у «ро» аст, ки дар авохири асмоӣ (исмҳо) маънии ҳирфат (касбу ҳунар) диҳад, чунон ки «заргар»-у «косагар»-у «тиргар».

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор» ҳангоми муайян намудани қисматҳои исми фоили таркибӣ доир ба боби калимасозии пасванди **-гар** ду мисол овардааст. Чунончӣ: ситамгар, оҳангар. Муаллиф калимаҳои мазкурро ба маънои ситамкунанда ва оҳансозанда шарҳу эзоҳ додааст.

Дар «Бурҳони қотеъ» доир ба ин пасванд чунин маълумот дода шудааст: «Ва калимае, ки ифодаи фоилият кунад «**гар**» аст, ҳамчу «**шамшергар**», «кордгар» [1, 24].

Дар «Ғиёс-ул-луғот» пасванди «**-гар**»-ро чунин шарҳ додааст: «Гар» калимае аст, ки ба маънои созанда ва кунанда ояд чун шишагар ва ҳилагар; ва ба маънои соҳиб ва доранда ояд, чун: хусуматгар, ва тувонгар; ва аксар истеъмоли ин лафз дар чизе кунад, ки ҷаъли ҷойилро тасарруф дар ҳастии он чиз бошад, чун шамшергар ва оҳангар ва заргар маҷоз аст, зеро ки ҷаъли ҷойилро дар зоти зар ва оҳан ҳеҷ далел нест».

Ниёзӣ Ш. роҷеъ ба вазифаҳои дастурии морфемаи **-гар** чунин қайд кардааст: «Пасванди **-гар** пасванди камистеъмол аст. Ба воситаи ба исм ҳамроҳ кардани ин пасванд номи шахс сохта мешавад, ки он соҳаи машғулият, касбу кор, вазъияти иҷтимоӣ, хислат ва кирдори шахсро ифода мекунад: оҳангар, коргар ва ғайра» [1, 24].

Пасванди -иш. Бо ин пасванд аз феъли фармоиш исм сохта мешавад: Ҷунбиш, кӯшиш, навозиш, пурсиш, хониш, фармоиш, дониш, биниш.

Дар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
Варна бар даъвии худ чандин ривоят доштам [4, 21].

Пасванди -ор. Бо ин пасванд аз асоси феъли гузашта исм сохта мешавад: Харидор, гуфтор, рафтор [4, 22].

Пешванди ҳам-. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо як пешванди исмсоз **ҳам-** мавҷуд аст. Ин пешванд дар калимасозии исм ҷойгоҳи вижаеро касб мекунад.

Пешванди ҳам- аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва предметро мефаҳмонад.

Пешванди ҳам- натанҳо аз исм, балки аз ҳиссаҳои дигари нутқ низ исм месозад, ки онҳо ба исм гузаштаанд. Чунончӣ, аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл бо ин пешванд исм сохта шудааст: ҳамнишин, ҳамнишаст, ҳамзод.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар даврaҳои қадим дар исмсозӣ дигар пешвандҳо, аз қабили *о-, пай-, под-, фар-, наҳ-* истеъмол мешудааст. Аммо аз назари забоншиносии муосир ин пешвандҳо ҳам чун унсури калимасоз хусусияти калимасозии худро аз даст дода, аз асосҳояшон ҳамчун пешванди мустақил ҷудо намешаванд, яъне рехта шудаанд [1, 6].

Доир ба ин хусусиятҳои пешвандҳои мазкур профессор Рустамов Ш. ба маврид зикр кардааст: «Пешвандҳои дигари қадимӣ бо асосҳо як шуда рафтаанд ва ҳоло ҳамчун пешванди алоҳида аз асосҳояшон ҷудо карда намешаванд. Чунончӣ, дар калимаи овоз -о, пайкар -пай-(аз paty-и қадима), подшоҳ под-(paty-), намуна -на (аз форсии ni-), фармон -фар (аз форсии қадима -fa) аслан пешванд бошанд ҳам бо асосашон як шудаанд ба пешванду асос дар якҷоягӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи сода ба ҳисоб меравад» [1, 7].

Аз гуфтаҳои боло чунин ба назар мерасад, ки тамоми он пешвандҳое ки дар даврони бостонии забон ҳамчун пешванд хизмат мекарданд ҳоло аз байн рафтаанд, яъне пешвандҳо бо асосҳояшон якҷо шуда вазифаи пешвандии худро гум карда, ҳамчун калимаи сода шинохта мешаванд.

Ба ҷуз аз пешванди ***-ҳам***, ки то ҳол ҳамчун пешванд боқи монда, аз калима калимаи дигар месозад ва албатта ин пешванд пешванди исмсоз буда, аз исм исми дигар месозад, ки хусусияти ҳамкорӣ ва шарикиро ифода мекунад.

Ин пешвандро нависанда дар асараш истифода намуда, ба воситаи он аз исмҳо исмҳои зиёди дигаре сохтааст. Масалан дар ҷумлаи: *Ин дили хурдакаки ман бо садои заифи худ ҳар зарби уро такрор мекунад, мехоҳад бо дили ӯ **ҳамсадо** бошад...* [6, 73].

Дар ҷумлаи мазкур пешванди **ҳам-** ба исми маънии сода якҷо шуда, аз исми сода исми сохтаро ба вукуъ оварда ва муносибати ҳамроҳиро фаҳмонидааст.

Адабиёт:

1. Амлоев А. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. – Душанбе: ДСРТ, 2016. – 121 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашриёти дониш) Ҷ. 1. – Душанбе, 1985. – 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик Қ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
4. Ниёзмуҳаммадов Б., Лутфулло Б. Морфологияи забони тоҷикӣ. – Сталинобод, 1941. – 69 с.
5. Низомова С. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – 328 с.
6. Раҳимов С. Ситораҳои сари танӯр. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 154 с.

Калидвожаҳо: *калимасозӣ, вандҳо, пешванд, пасванд, миёнванд, сермаъно, синоморфема, омоморфема, сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул*

Аннотация

СЛОВООБРОЗОАННЫЕ МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ СУЩЕТВИТЕЛЬНОЕ В РАССКАЗЕ САИФА РАХИМЗОДА АФАРДИ «ЗВЕЗДЫ ГЛАВЫ ПЕЧИ»

Словообразование в литературном языке осуществляется посредством вандов Ванды в таджикском языке бывают двух видов, одни словообразовательные ванды, а другие - формообразующие ванды. С давних времен многие слова в нашем языке создавались путем словообразования, что заложило основу для сохранения национальной самобытности нашего языка.

Ключевые слова: *словообразование, ванды, приставка, суффикс, середина, смысловая, синоморфема, омоморфема, продуктивная, малопродуктивная, непродуктивная*

Annotation

MORPHOLOGICAL NOUNS IN THE STORY OF SAIF RAHIMZOD AFARDI "STARS OF THE HEAD OF THE FURNACE"

Word-formation in the literary language is carried out by means of vandas There are two types of vandas in the Tajik language, some are word-forming vandas, and others are formative vandas. Since ancient times, many words in our language were created by word formation, which laid the foundation for preserving the national identity of our language.

Keywords: *word formation, vandas, prefix, suffix, middle, semantic, synomorpheme, homomorpheme, productive, unproductive, unproductive*

Маълумот дар бораи муаллифон: Сатторов Нуралӣ Саидалиевич, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 009909323

Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 907048591

Юсупов Алишер Убайдуллоевич, донишҷӯи соли панҷуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 907737164

Сведения об авторах: Сатторов Нурали Саидалиевич, старший преподователь кафедра теория и практики языкознание факултет таджикиский филологии ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 009909323

Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики языкознание, заместитель декана по воспительный работе ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 907048591

Юсупов Алишер Убайдуллоевич, студент 5 курса таджикского филологического факультета ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 907737164

About the authors: Sattorov Nurali Saidalievich, Senior Lecturer, Department of Theory and Practice, Linguistics, Faculty of Tajik Philology, Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Phone: +992 009909323

Valiev Jamshed Abdurasulovich, Assistant of the Department of Theory and Practice of Linguistics, Deputy Dean for Educational Work, TSPU named after. S. Aini. Phone: +992 907048591

Yusupov Alisher Ubaydulloevich, 5th year student of the Tajik Philological Faculty of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Phone: +992 907737164

Юсупов Алишер Убайдуллоевич,
донишҷӯи соли панҷуми факултети филологияи тоҷик

КАЛИМАСОЗИИ МОРФОЛОГИИ СИФАТ ДАР ПОВЕСТИ «СТОРАҲОИ САРИ ТАНӮР»-И САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

Хусусиятҳои морфологии сифат. Сифат ҳамчун ҳиссаҳои номии нутқ аз ҳиссаҳои дигари ин гурӯҳ бо он фарқ мекунад, ки категорияи морфологии шумора ба он хос нест. Сифатҳо аз рӯи маъно ба аслӣ ва нисбӣ ҷудо мешаванд. Сифатҳои аслӣ дорои се дараҷаанд, ки барои ифодаи дараҷаи муқоисавӣ аломати морфологӣ пасванди ***«-тар»*** ва барои дараҷаи олӣ пасванди ***«-тарин»*** истифода гардида, дараҷаи одии сифат ба шакли калима баробар аст [6, 37].

Сифат ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, аломат, хосият ва чигунагии предмет ва ё ба он аз ягон ҷиҳат алоқамандро ифода мекунад. Сифат бо исм алоқаи ҷудонашаванда дошта, худи предмети грамматикиро не, балки хосият, вазъият, нисбат ва ҳолату чигунагии предметро дарбар мегирад [2, 182-183].

Яке аз категорияҳои калима (ҳиссаи нутқ), ки ба исм вобаста аст, сифат мебошад. Чунончи гуфта гузашта будем, исм предмет яъне чизеро ки мебинем ва ҳис мекунем ё худ дар тасаввурамон ҳамчун зоти ҳастӣ дорад, ифода мекунад. Сифат бошад, худи ҳамон чизро не, балки хосса, кайфият ва чигунагии ба он чиз хос ё ки ба вай тааллуқнокро нишон медиҳад [3, 26].

Пешвандҳои калимасозро дар алоқамандӣ ба ҳиссаҳои нутқ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Пешвандҳои ҳиссаи номисоз: **бо-, ба-, бе-, но-, ҳам-;**
2. Пешвандҳои феълсоз: **бар-, боз-, дар-, фар-// фур-, во-;**

Пешвандҳои калимасозро аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон ба се гурӯҳ ҷудо намудем.

1. Пешвандҳои сермаҳсул: **бар-, бе-, дар-, ҳам-;**
2. Пешвандҳои каммаҳсул: **боз-, бо-, но;**
3. Пешвандҳои бемаҳсул: **во-, ба-, фур // фар-;** [4, 123].

Сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷик чунин роҳу воситаҳои калимасозӣ дорад:

1. Ба воситаи аффиксҳо, ки дар навбати худ се хел мешаванд:
а) бо суффиксҳо,
б) бо префиксҳо,
в) бо суффиксу префиксҳо.
2. Бо роҳи васлшавии калимаҳо.
3. Ба воситаи калимаҳои таркибӣ [1, 191].

Дар забони тоҷикӣ пешвандҳои калимасоз зиёд нестанд, аммо дар сохтани калимаҳои нав ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон мавқеи хос доранд. Бояд зикр намуд, ки пешвандҳо на аз рӯйи дараҷаи истеъмол, балки алифбо таҳлилу баррасӣ карда мешавад: [4, 124]

Префиксҳо ҳам воситаи сермаҳсули калимасозии сифат мебошанд. Префиксҳои сифатсоз инҳоянд: **бо-, ба-, бар-, бе-, но-, то-, дар-** [2, 198].

Префикси **бар-** каммаҳсул аст, бо исм, сифат ва зарф омада сифат месозад: ақли **баркамол**, садои **бардавом**, гувоҳии **бардурӯғ** [2, 198].

Префикси но- бо исм ва асосҳои феълӣ омада, сифати аслӣ месозад, ки ба аломат ва хусусияте доро набудани предметро мефаҳмонад: одамони **нобовар**, духтари **ноком**, ҷойи **нобоб**, ҳодисаи **ногувор** [2, 199].

Чигуна бо префикси но- сохта шудани калимаро ҳоло дар асари мавриди таҳқиқ мебинем: *– Ҳа, ту! Ин* ***номаъқулиро*** *ба ғайри ту дигар ҳеҷ кас карда наметавонад* [5, 31]. Дар ин ҷумла дар калимаи ***номаъқулӣ*** пешванди ***но-*** истифода шудааст.

Пешванди ба- дар калимасозӣ каммаҳсул буда, аз исм сифатҳое месозад, ки мазмунан ба ягон хосият ва аломати асос, доро будани ашёро ифода мекунад [4, 124].

Пешванди **ба-** бо пешвандҳои зерин синоним шуда метавонад:

1. бо пешванди **бо-: баофият // боофият, бағайрат // боғайрат;**
2. бо пасванди **-нок бағайрат // ғайратнок;**
3. бо пасванди **-манд бадавлат // давлатманд;**
4. бо пасванди **-вор баумед // умедвор;** [4, 125]

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки пешванди ***ба-*** агарчанде, ки каммаҳсул бошад, аммо муродифҳои зиёде дорад, ки онҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, масалан худи

нависанда Афардӣ дар китоби худ бо пешванди ***ба-*** калимаҳои зиёде сохта ва истифода намудааст: *-Як марди* ***баобрӯ,*** *соҳиби чор фарзанд, шармат намеояд [*5, 37]. Дар худи калимаи ***баобрӯ*** нависанда аз пешванди ***ба-*** хуб истифода намуда, аз исми маънӣ сифат сохтааст. *Одамон* ***батадриҷ*** *пароканда мешуданд* [5, 31]. Ин ҷо бошад, дар калимаи ***батадриҷ*** пешванди **ба-** ба назар расидааст вале дар ин калима аз зарфи сода сифат сохтааст.

Пешванди бе- яке аз пешвандҳои серистеъмолтарин дар калимасозии морфологӣ дар забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Гуфта метавонем, ки ин пешванд аз замони бостон вуҷуд дошта, то ҳол фаъолияти худро аз даст надодааст. Қариб дар осори тамоми нависандаҳои мо ин пешванди калимасоз дида мешавад. Аз ҷумла, дар худи асари мавриди таҳқиқ ҳам хуб ба назар расидааст: *Шумо* ***бечанҷол*** *бишинед...* [5, 9]. Дар калимаи ***бечанҷол*** пешванди **бе-** истифода шуда, аз исми ***ҷанҷол*** сифат сохтааст.

«Ту худатро содаву ***бегуноҳ*** *мегирӣ»* [5, 59] дар ҷумлаи мазкур пешванди ***бе-*** истифода шуда аз исм сифат сохтааст.

Ҳоло ҷумлаи дигареро барои мисол аз осори нависанда меорем ва мебинем, ки дар ин ҷо кадом вазифаро иҷро кардааст. *Не кӯдаки ман номи* ***бепадариро*** *намегирад...* [5, 59] дар худи ҳамин ҷумла ҳам пешванди **бе-** бо исми моди якҷо шуда сифат сохтааст.

Бале мо ба хуби гуфта метавонем, ки бо пешванд сохта шудани калима хоси сифат буда, ба воситаи пешвандҳо бештар аз исм сифат сохта мешавад ва пешвандҳоро вобаста ба дараҷаи истеъмолашон ба се қисм сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо кардаанд. Ва албатта мо ба ҳар яки он мисол овардем ва ҳатто дар асари мавриди таҳқиқ қарордошта низ дида баромадем. Пасвандҳо ҳам ба мисли пешвандҳо дар калимасозии сифат истифода мешаванд ё ин ки не. Пасвандҳои сифатсоз аз ҷиҳати калимасозӣ ва дараҷаи истеъмолашон се хел мешаванд: сермаҳсул, каммаҳсул, ва бемаҳсул:

Пасвандҳое, ки қариб ба ҳар гуна калима ҳамроҳ шуда, сифатҳои нав ба нав месозанд, пасвандҳои сермаҳсул номида мешаванд: **-ӣ, -гӣ, -она, -гона, -нок.**

Пасвандҳое, ки ба калимаҳои ҷудогона ҳамроҳ шуда, дар сохтани сифатҳои нав маҳдуданд, пасвандҳои каммаҳсул ном доранд: **-онӣ, -ак, -гун, -ин, -гин...**

Пасвандҳои бемаҳсул фақат якчанд сифат месозанду халос: **-осо, -ваш, -фон** [2, 192].

Пасванди **-ӣ, (-гӣ, -вӣ)**. Ин пасвандҳо сермаҳсултарин пасванҳои сифатсоз мебошад. Онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад. Сифатҳое, ки бо ин пасванд сохта мешаванд, асосан сифатҳои нисбӣ буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно хеле гуногун мебошанд. Онҳо аломату хусусиятро нисбат ба шахсҳо, предметҳо ва амалу ҳодисаҳо мефаҳмонанд: либоси аскарӣ, мӯзаи солдатӣ, илми ленинӣ, кори деҳқонӣ, кори тарбиявӣ, ҷои зарурӣ, ҳусни табиӣ, ҷомаи корӣ, бози шикорӣ [1, 192]: - *Э садқаи номи* ***одамӣ*** *шавед, бекалонҳо!* [5, 59]. Дар ҷумлаи мазкур пасванди сифатсози **-ӣ** бо исм омада аз исм сифат сохтааст. Чигунае, ки дар боло зикр шуд, пасванди ***-ӣ*** яке аз пасвандҳои сермаҳсултарини сифатсоз ба ҳисоб меравад. Ҳангоми таҳқиқ ба мо маълум гардид, ки нависандаи хушгуфтор Афардӣ низ аз ин пасванд ниҳоят зиёд истифода намудааст.

Барои мисол якчанд ҷумлаи дигар аз асари мавриди таҳқиқ меорем. Масалан: *Ман оинаҳоро ба девор мезанам, ҳуҷрачаро* ***шишабандӣ*** *ва* ***оинабандӣ*** *мекунем* [5, 60]. Дар ин ҷумла бошад, дар ду калима пасванди сифатсози ***-ӣ*** истифода гардида, аз исми шахс сифат сохтааст. Дар ҷумлаи дигар низ ин гуна омадааст: *Охир, имрӯз мо* ***арусбозӣ*** *дорем.* Инҷо бошад, дар калимаи ***арусбозӣ*** пасванди ***-ӣ*** ба исми шахс якҷо шуда сифат сохтааст.

Пасванди -манд. Пасванди мазкур яке аз пасвандҳои серистеъмол дар калимасозии сифат ба ҳисоб рафта ин пасванд ҳамеша аз исмҳои маънӣ сифат месозад. Масалан: **хирадманд, донишманд, андешаманд.**

Ва ҳоло бошад мисоле аз асари нависанда барои таҳлил меоварем ва мебинем, ки оё пасванди **-манд** дар он чӣ гуна истифода шудааст: *Ёдам меояд, он рӯзе, ки ҷавони баландқомате, ки қиёфаи* ***андешамандона*** *дошт, дари идораи маро кушоду худро муаррифӣ кард.* [5, 3] Чигунае, ки дар боло қайд шуд, ин пасванди мазкур сифатсоз буда, дар ҳамин ҷумла дар калимаи ***андешаманд*** аз исми маънии андеша сифат сохтааст.

Пасванди ***-ӣ (гӣ)*** сифати нисбие месозад, ки он монандӣ, ранг ва аломати зоҳириро мефаҳмонад: *Нурҳои* ***найзагӣ****, осмони* ***лочувардӣ****, абрҳои* ***хокистарӣ****, чашмони* ***маймунӣ*** [2, 193].

Нависанда аз пасванди **-ӣ** ниҳоят зиёд истифода карда, қариб дар ҳамаи калимаҳое, ки сифати нисбиро ифода мекунанд таъсири ин пасванд дида мешавад. Масалан, дар ин ҷумла: *Акнун нони* ***товагӣ*** *барин ба ин товасанг часпидаам ва аз тасфи он мепазам* [5, 73]. Дар калимаи ***товагӣ*** пасванди ***-гӣ*** истифода гардида, аз исми модии ***това*** сифат сохтааст.

Пасванди -ак. Дар сифатсозӣ каммаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳои аслие месозад, ки ба ягон аломат, амалу ҳолат доро будани ашёро мефаҳмонад. Дар забони адабии тоҷикӣ доираи истифодаи пасванди **-ак** васеъ аст. Он ҳам дар калимасозӣ ва ҳам шаклсозӣ истифода мегардад. Ба андешаи мо, дар забони адабии тоҷикӣ ду пасванди **-ак**[1] ва **-ак**[2] мавҷуд аст, ки яке калима месозад дигаре барои ифодаи маънои субъективӣ истифода мегардад. Ш. Рустамов вазифаи калимасозии пасванди **-ак**-ро шарҳ дода, онро чун пасванди ***«сермаъно, синоморфема, омоморфема»*** қайд кардааст [4, 31].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки пасванди **-ак** яке аз пасвандҳои серистеъмолтарин дар калимасозии сифат ба ҳисоб меравад ва гуфтан лозим аст, ки дар асаре, ки мавриди таҳқиқ аст ана ҳамин пасванди **-ак** ниҳоят зиёд истифода гардидааст. Ва ҳоло бошад барои мисол як ҷумла меоварем, ки дар он пасванди **-ак** дида шавад. Мисол –**Охир, духтаракон аз лой одамча намесозанд!** [5, 11] Ин ҷо бошад дар калимаи **духтарак** пасванди –ак омадааст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки пасванди **-ак** муродифи худ –**ча**-ро дорад, ки ҳардуи ин мазмунан як буда дар бисёр мавридҳо барои хурдӣ ё навозиш истифода мегарданд. Акнун якчанд мисол меоварем, ки дар он пасванди **-ча** низ дида шавад: *-Ин қадар бисёранд, **ҳайкалчаҳои** ту, - гуфт ӯ* [5, 11]. Ҷумлаи дигар барои мисол: *–Ман гуфтам ягон бозичаи нав аст!* Дар ҷумлаҳои мазкур пасванди **-ча** дар калимаҳои ***ҳайкалча*** ва ***бозича*** дида мешавад.

Адабиёт:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
3. Ниёзмуҳаммадов Б., Бузургзода Л. Морфологияи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Сталинобод, 1941. – 69 с.
4. Низомова С. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – 328 с.
5. Раҳимов С. Ситораҳои сари танӯр. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 154 с.
6. Юсупов Ш. Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих». Дисс. номзад. илм. филология. – Душанбе, 2020.

Калидвожаҳо: *калимасозӣ, вандҳо, пешванд, пасванд, миёнванд, сермаъно, синоморфема, омоморфема, сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул.*

Аннотация

СЛОВООБРОЗОВННЫЕ МОРФОЛОГИЧНСКИЙ КАЧЕСТВО НА ПОВЕСТА «ЗВЕЗДЫ ГЛАВЫ ПЕЧИ» САИФ РАХИМЗОДИ АФАРДИ

Словообразование в литературном языке осуществляется с помощью вандов Ванды в таджикском языке бывают двух видов, один словообразовательный ванд и другой формообразующий ванды. С древних времен в нашем языке путем словообразования создавались многие слова, что заложило основу для сохранения национальной самобытности нашего языка.

Ключевые слова: *словообразование, ванды, приставка, пасванд, миянванд, сермано, синоморфема, омоморфема, высокодоходный, малоотходный, малоотходный.*

Annotation

DERIVATIVE MORPHOLOGICAL QUALITY ON THE PELLET "STARS OF THE HEAD OF THE FURNACE" SAIF RAHIMZODI AFARDI

Word formation in the literary language is carried out with the help of vands Vands in the Tajik language are of two types, one is word-forming vand and the other is form-forming vand. Since ancient times, many words have been created in our language through word formation, which laid the foundation for preserving the national identity of our language.

Keywords: *word formation, vandas, prefix, pasvand, miyanvand, sermano, synomorpheme, homomorpheme, highly profitable, low-waste, low-waste.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупов Алишер Убайдуллоевич, донишҷӯи соли панҷуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 907737164

Роҳбари илмӣ: ассистент Валиев Ҷамшед Абдурасулович

Сведения об автора: Юсупов Алишер Убайдуллоевич, студент 5 курса таджикского филологического факультета ТГПУ им. С. Айни. Телефон: +992 907737164

Научный руководитель: ассистент Валиев Джамшед Абдурасулович

About the author: Yusupov Alisher Ubaydulloevich, 5th year student of the Tajik Philological Faculty of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Phone: +992 907737164

Scientific adviser: assistant Valiev Jamshed Abdurasulovich

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Тураев Муҳаммадшариф,
донишҷӯйи соли чоруми факултети филалогияи тоҷик

ИСТИФОДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ «ХОЛИ ДЕВЗӮР» ВА «ИШҚИ САЙЁД»-И БАҲМАНЁР

Фразеология (аз калимаи юнонии phrasis-ифода ва logos-таълимот) маҷмӯи ифодаву ибораҳои рехтаву устувори ҳар забонро ташкил медиҳад. Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фрезеологӣ ва амсоли инҳо машҳуранд. Аз байни ин истилоҳот термини воҳидҳои фразеологӣ нисбатан бештар ба кор бурда мешавад.

Ҳар як воҳиди фразеологӣ таркибан аз ду ва зиёда калимаҳо ташаккул ёфтааст, вале сохти устувор ва семантикаи яклухти ба қисмҳо ҷудонашаванда дорад. Масалан, воҳидҳои фразеологии «гули сари сабад» аз се калима (гул, сар, сабад) иборат аст. Бо вуҷуди ин як мафҳумро (шахси мӯътабар, азиз, болонишин, чизи сра, беҳтарин)-ро ифода мекунад. Рехтагию устувории ибораҳои фразеологӣ дар тағирёбандагии сохту таркиб ва семантикаи онҳо ифода меёбад. Одатан, ҷузъҳои таркибии ибораи фрезеологӣ ивазнашаванда мебошанд. Онҳоро дар аксари мавридҳо бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик иваз кардан мумкин нест. Масалан, ибораи «гурги борондида» (шахси ботаҷриба)-ро дар шакли «гурги барфдида» ё «рӯбоҳи борондида» тағир додан мумкин нест. Дар сурати чунин тағирдиҳӣ на фақат семантикаи бутуни воҳиди фразеологӣ аз байн меравад, балки он таркибан ҳам ҳамчун ибораи фразеологӣ қимати худро гум мекунад.

Ҷиҳати дигари устувории воҳидҳои фрезологӣ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои таркибии онҳо ҷои худро иваз карда наметавонанд, яъне ба инверсия дучор мешаванд.

Дар сурати ҷойивазкунии ҷузъҳо ибораҳои фразеологӣ аксар вақт тамоман вайрон шуда ба ифодаҳои бемантиқӣ дар забон вуҷуд надошта табдил меёбанд. Гоҳо дар натиҷаи ҷойивазкунии ҷузъҳояшон иборҳои фразеологӣ ба ибораҳои оддии синтаксисӣ табдил меёбанд. Чунончи, ибораи «рости гап» воҳиди фразеологӣ мебошад, аммо «гапи рост» ибораи оддии синтаксисиро ташкил медиҳад.

Аз ҷиҳати ифодаи семантика воҳидҳои фразеологӣ ба як калима баробар мешавад, вале фразеологизмҳо баръакси калимаҳои оддӣ на фақат предмет, аломат, амал ва ҳолати онҳо, балки тобишҳои гуногуни эмотсионалиро низ дар бар мегирад. Масалан, ибораҳои «коҳҳои кӯҳнаро бод додан» (гапҳои кӯҳнаро ба хотир оврдан), «Аз касе дил шустан» (умед кандан) ва монанди инҳо баробари ифодаи мафҳумҳои алоҳида эҳсосоти гуногуни шахси гӯяндаро низ ифода карда метавонад.

Қисми асосии ибораҳои фразеологӣ образнок ва пуробуранг мебошанд. Масалан, ибораи «кафши касеро пеш гузоштан» (касеро гусел кардан, пеш кардан) ба яке аз одатҳои қадимаи халқи тоҷик (кафши шахси азиз, мӯътабарро вақти гусел ба пеш мондан) асос ёфтааст. Монанди ҳамин дар ибораҳои «нони касеро нимта кардан» (мансаби касеро зада гирифтан), «сояи касеро аз девор тарошидан» (касеро ниҳоят бад дидан) образҳои гуногуни бадеӣ пайдо шудаанд.

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ таркибан рехтаву устувор буда, мундариҷаи яклухти аксар пуробурангро ифода мекунанд. Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам марбут, ки семантикаи бутун ва вксар образнокро ифода мекунанд, ибораи фразеологӣ ё худ воҳиди фразеологӣ номида мешаванд.

Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати семантика ба гурӯҳҳо ҷудо шуда наметавонанд. Қисми аз ҳама мӯъҷаз, рехтаву устувор ва пуробуранги воҳидҳои фразеологиро ибораҳои рехтаи фразеологӣ ё худ идиомаҳо ташкил медиҳанд.

1). Ибораҳои рехтаи фразеологӣ. Ибораҳои рехтаи фразеологӣ воҳидҳои устувору тағирнаёбандаи забон, қисми аз ҳама пуробуранги воҳидҳои фразеологияи тоҷикиро ташкил медиҳанд. Сеамантикаи ибораҳои рехта бисёр вақтбо маънои калимаҳои онро ташкилдиҳанда мувофиқат намекунанд. Маслан, семантикаи ибораҳои «аз касе дил кандан» (хомӯш шудани оташи муҳаббати касе), «ба чашми худ нигоҳ карда роҳ рафтан» (дуруст, ба пеши худ нигоҳ карда роҳ рафтан) аз калимаҳои таркибии онҳо барнамеоянд.

Дар сурати иборҳои рехтаи фразеологии забони тоҷикӣ дараҷаи олии абстрактсияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбазш буда, ба дигар забонҳо тарҷима намешаванд. Чунончи, ибораҳои «димоғ сӯхтан» (хафа кардан), «дил бурдан» (дӯст доштан), «чашм дӯхтан» (нигоҳ кардан), «ҷони ширин» (азиз), «оби дандон» (навъи қанд) ва бисёри инҳо аз ҳамин қабиланд.

Хусусияти фарқкунандаи идиомаҳо, ки онҳоро аз дигар гурӯҳҳо ҷудо менамояд, дар ҳамин зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои маҷозӣ меоянд, ба маънои аслии худ омада наметавонанд. Баръакс, дар гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологӣ ифодаҳои фразеологӣ ё худ фразимаҳо яке аз ҷузъҳои таркибӣ ҳатман ба маънои аслии худ меоянд.

2). Ифодаи фразеологӣ. Ифодаҳои фразеологӣ ҳам монанди идиомаҳо пуробуранг ва таъсирбахш мешаванд, таркибан рехтаву устуворанд, ба дигар забонҳо қариб тарҷима намешаванд. Масалан: «ғам хӯрдан», «афсӯс хӯрдан», «савганд хӯрдан», «чашми касеро тарсондан», «муштро гиреҳ кардан» ва монанди инҳо.

Хусусияти фарқкунандаи ифодаҳои фразеологӣ дар ҳамин ифода меёбад, ки яке аз калимаҳои таркибии онҳо ҳатман ба маънои аслии худ меояд. Чунончи, калимаҳои «ғам», «афсӯс», «тарсондан» ва дигарҳо дар ибораҳои зикршуда ба маънои аслии худ омадаанд. Аз ин ҷиҳат ифодаҳои фразеологиро воҳидҳои устувори забонӣ номидан чандон дуруст нест. Онҳо нисбат ба идиомаҳо ҳам аз ҷиҳати сохту таркиб ва ҳам аз ҷиҳати семантика бештар ба тағирот дучор мешаванд. Одатан, ифодаҳои фразеологӣ дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд гарлдидани калимаҳо бо маъниҳои ниҳоят камистеъмоли худ ба вуҷуд меоянд. Масалан, калимаи «пухта» танҳо бо маънои маҷозии худ (яъне хуб, соз, мувофиқ) ҳамчун муайянкунанда дар таркиби изофӣ ҷой гирифта, ифодаҳои фразеологии гуногунро ба вуҷуд меоварад: «гапи пухта», «кори пухта», «одами пухта» ва монанди инҳо.

Аз ду гурӯҳи аввали воҳидҳои фразеологӣ гурӯҳи сеюми онҳо ҳам бо сохту таркиб ва ҳам бо семантикаи худ фарқ мекунад.

3). Ибораҳои тасвирии фразеологӣ. Дар ибораҳои тасвирии фразеологӣ предмет, аломат, ҳолат ва амал дар шакли тасвирӣ, яъне дар шакли калима не, балки дар сурати ибораҳои алоҳида ифода мегардад. Ҳамаи ҷузъҳои таркибии ибораҳои тасвирӣ ба маънои аслии худ, ба маънои тахтулафзии худ ба кор бурда шудаанд, леки хусусияти фарқкунандаи чунин ибораҳо дар ҳамин зоҳир мегардад, ки онҳо таркибан рехтаву устуворанд ва ҳар бор дар ҳамон шаклу қолиб ба кор бурда мешаванд. Масалан, ибораҳои «Комитети марказӣ», «Совети вазирон», «Ходими хизматнишондодаи илм», «ба гӯш расидан», «ба саҳна гузоштан», «аз ҳуқуқ маҳрум кардан» ва монанди инҳо.

Ибораҳои тасвирии фразеологӣ баръакси ду гурӯҳи аввал аз обуранги бадеӣ ва образнокӣ маҳруманд, аксар вақт ба забонҳои дигар айнан тарҷима мешаванд.

Ҳоло мо дар ин ҷо ҷумлаҳоеро аз ҳикояти «Холи Девзӯр» зикр менамоем, ки дар онҳо воҳидҳои фразеологӣ истифода шудаанд. Масалан, дар ҷумлаи «Бабраки Лӯлӣ, ки як марди сабзина буд, сабзиро ба сурхӣ бохта буд, аспро тозиёна заду аз аспрез баромада рафт» [1, 65]. Дар ҷумлаи мавриди назар, воҳиди фразеологиаш «сабзиро ба сурхӣ бохта буд», яъне (ниҳоят шармгин шуд).

Ё ин ки дар ҷумлаи дигар воҳиди фразеологӣ чунин истифода шудааст: «Ба қавле, сари танҳои худро ба паноҳи дарё сар дода буд» [1, 67]. Дар ҷумлаи мазкур «сари танҳои худро ба паноҳи дарё сар дода буд» ибораи фразеологӣ мебошад.

Ва ё дар ҷои дигар воҳиди фразеологӣ чунин омадааст: «Бабраки Лӯлӣ муддате мӯйлабашро молида, хомӯш буд, баъд сар аз гиребони андеша бардошту гуфт» [1, 68]. Дар ин ҷумла «гиребони андеша» ибораи фразеологӣ мебошад. Воҳиди фразеологии дар ин ҷо истифодашуда ба маънии (лаҳзае ба фикр фурӯ рафта, баъд ба сухан гуфтан оғоз кард).

Инак якчанд мисолҳоро аз ҳикояти «Ишқи Сайёд» дида мебароем, ки воҳидҳои фразеологӣ истифода гардидаанд: «Байни онҳо чӣ суханҳое радду бадал мегашт, ғайр аз сангу буттаҳо ва ин кӯҳи ба тафаккур ғӯтида дигар касе хабар надошт» [1, 141]. Дар ҷумлаи мавриди назар ибораи фразеологиаш «кӯҳи ба тафаккур ғӯтида» мебошад. Ба маъноии маҷозии (кӯҳи ба фикр фурӯрафта) омадааст.

Акнун ҷумлаи дигарро аз дохили ҳамин ҳикоя мавриди назар қарор медиҳем, ки дар он таъбир чӣ гуна истифода шудааст: «Вай дили шаб Моҳакро гусел менамуду ба хонааш рафта, ду-се соат хоб мекард ва ҳанӯз чашми рӯз накафида, бедор мегашту туфанги пилтагиашро гирифта, аз пайроҳаи шинос боло мешуд» [1, 141-142]. Дар ҷумлаи зикр намудаамон «ҳанӯз чашми рӯз накафида» воҳиди фразеологӣ буда, ба маънои (ҳанӯз субҳ надамида) омадааст.

Адабиёт:

1. Баҳманёр. Сармаддеҳ. (Роман дар қисса ва ҳикояҳо). – Душанбе, «Деваштич», 2002. – 394 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1982.
3. Маҷидов Ҳ. Фразеологтяи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, УДТ, 1982.
4. Мӯъминов А. Полисемия ва фразеология. «Маҷмӯаи филологӣ», (мақолаҳои аспирантҳо), УДТ 1971.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ «Советская энциклопедия». – Москва, Ҷ.2, 1969. – 949 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 1096 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта, Ҷ. 1. – Душанбе, 1963.
8. Ҳасанов И. Лексика ва фразеология (дар асоси материали «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ. - Душанбе, 1974.

Калидвожаҳо: *Фразеология, яклухт, пуробуранг, рехтаву устувор, марди сабзина, тозиёна, Бабраки Лӯлӣ, Холи Девзӯр.*

Аннотация

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В РАССКАЗАХ «ХОЛИ ДЕВЗУР» И «ИСКИ САЙОД» БАХМАНЯР

Отличительной особенностью фразеологических выражений является то, что одно из их составных слов обязательно приходит к своему первоначальному значению. Например, слова «печаль», «жалость», «запугивание» и т. д. используются взаимозаменяемо. В связи с этим некорректно называть фразеологические выражения устойчивыми языковыми единицами. Они более подвержены изменениям, чем идиомы, как с точки зрения структуры, так и семантики. Фразеологические выражения обычно являются результатом сочетания слов с крайне недоразвитыми значениями. Например, слово «приготовленный» употребляется только в переносном значении (т. е. хороший, подходящий, подходящий) в качестве прилагательного в наречии, образуя различные фразеологические выражения: «приготовленное слово», «приготовленное дело», «приготовленное лицо». и т. д. эти.

Ключевые слова: *Фразеологизм, опт, красочный, плавный и устойчивый, зеленый человечек, хлыст, Бабраки Люли, Холи Девзур.*

Annotation

THE USE OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE STORIES "HOLI DEVZUR" AND "ISKI SAYOD" BAKHMANYAR

A distinctive feature of phraseological expressions is that one of their compound words necessarily comes to its original meaning. For example, the words "sadness", "pity", "intimidation", etc. are used interchangeably. In this regard, it is incorrect to call phraseological expressions stable language units. They are more subject to change than idioms, both in terms of structure and semantics. Phraseological expressions are usually the result of a combination of words with extremely underdeveloped meanings. For example, the word “cooked” is used only in a figurative sense (i.e. good, suitable, suitable) as an adjective in an adverb, forming various phraseological expressions: “cooked word”, “cooked deed”, “cooked person”. etc. these.

Дар ҳуди Шоҳигарии Муттаҳида, лаҳҷаҳои зеринро дидан мумкин аст: шотландӣ, шимолӣ, ирландӣ, марказӣ, ҷанубу шарқӣ, велсӣ ва ҷанубу шарқӣ. Ниҳоят онҳо, мақоми миллӣ гирифтаст, зеро он ба "забони дурусти англисӣ" асос ёфтааст. Ин лаҳҷа дар беҳтарин мактабҳо ва донишгоҳҳои хусусии Британияи Кабир ба мисли Регби, Итон, Харроу, Винчестер, Кембриҷ, Оксфорд истифода мешавад.

Ҳамин лаҳҷаи адабӣ, классикии шакли британиёӣ дар мактабҳои миёна, коллеҷҳо ва донишгоҳҳои мо ҳамчун забони хориҷӣ таълим дода мешавад. Он барои ҳар як курси забони англисӣ дар ҳар як мактаби забоншиносӣ, ки забони хориҷиёнро таълим медиҳад, асос аст [4, 123].

Дар робита ба шаклӣ амрикоӣ, лаҳҷаҳои асосии зерин ба таври возеҳ фарқ мекунанд: Шимолӣ марказӣ Ҷанубӣ (Калифорния).

Аммо ҳар яке аз ин лаҳҷаҳо ба чанд лаҳҷаи дигар таксим мешаванд. Ва агар лаҳҷаи Амрикои Шимолӣ дар фонетика ба британиёии классикӣ хеле наздик бошад, азбаски аввалин муҳоҷирон аз Британиё дар ин ҷо сукунат кардаанд, пас ҷануб ё Калифорния лаҳҷаи классикии амрикоӣ ҳисобида мешавад.

Он барои талаффузи амрикоиҳо бештар пуршиддат ва хос аст.Дар ин ҷо ба такрори овозҳоро бештар таъкид шуда, садонокҳо кутоҳ ва ҳамсадоҳо бештар садо медиҳанд. Ҳамин тариқ, вожаи «better» дар лаҳҷаи ҷанубӣ «бете» ба «бедер» табдил меёбад [4, 139].

Кадом шакл ё лаҳҷаро омӯхтан лозим аст? Ҷавоби ин савол, воқеан дар ҳама ҷой садо медиҳад. Ҳамааш аз ҳадаф вобаста аст: чаро ба шумо дониши забони англисӣ лозим аст. Агар ба шумо барои рушди умумӣ лозим бошад, пас версияи амрикоии лаҳҷаи ҷанубӣ ё шакли британиёии лаҳҷаи ҷавонон мувофиқ аст, ҳамон версияи ба шумо лозим аст, агар шумо нияти муҳоҷират ба Иёлоти Муттаҳида дошта бошед ва шумо бояд имтиҳони TOEFL-ро супоред ё дигар санҷишҳои байналмилалӣ супоред. Дар ҷустуҷӯи кор ё таҳсил дар Канада? Сипас шакли Канадагиро омӯзед.

Дар бораи муҳоҷират ба Британияи Кабир фикр мекунед? Сипас стандарти қабулшудаи Британиё ё Advanced-ро омӯзед. Ҳангоми сафар ба Австралия, диққати худро ба хусусиятҳои шакли Австралия ва ғайра равона кунед. Ягона тавсия ин аст, ки забони англисиро дуруст омӯзед, ки дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва академияҳо таълим дода мешавад.

Адабиёт:

1. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1-2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 44 с.
2. Ҳомидова М. Б. Ибораҳои рехта // English Idioms, фарҳанг Саманди қудрат. – Душанбе: 2014. – 74 с.
3. Маковский М. М. Английские социальные диалекты. – Москва, 1982.
4. Розенталь Д. Э., Теленкова М. А. Словарь-справочник лингвистических терминов. – Москва: 1976. – 139 с.
5. Partridge E. Slang To-Day and Yesterday. – London, 1960. – 63 с.

Калидвожаҳо: *лаҳҷа, жаргон, соҳибзабонон, забони англисии британиягӣ, лаҳҷаҳои британиягӣ, лаҳҷаҳои амрикоӣ.*

Аннотация

ТИПЫ ДИАЛЕКТОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В АНГЛОЯЗЫЧНЫХ СТРАНАХ

В этой статье мы поговорим об истории происхождения разговорного английского языка. Автор статьи также отмечает, что столетия назад в Британии было всего одно английское слово. Появились и другие английские слова. После этого Британия начала завоевывать новые земли на всех континентах. В результате мы столкнулись с совершенно разными диалектами и выражениями современного английского языка. Новая Зеландия, Австралия и Ирландия ближе к самому классическому британскому английскому языку, существовавшему 300-400 лет назад.

Ключевые слова: *диалект, сленг, носители языка, британский английский, британские диалекты, американские диалекты.*

Annotation

TYPES OF ENGLISH DIALECTS IN ENGLISH-SPEAKING COUNTRIES

In this article, we will talk about the history of the origin of spoken English. The author of the article also notes that centuries ago there was only one English word in Britain. Other English words also appeared. After that, Britain began to conquer new lands on all continents. As a result, we are faced with completely different dialects and expressions of modern English. New Zealand, Australia and Ireland are closer to the most classic British English of 300-400 years ago.

Keywords: *dialect, slang, native speakers, British English, British dialects, American dialects.*

Маълумот доир ба муаллиф: Кабирова Мунира Кароматуллоевна, магистранти соли якуми факултети забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 987922679

Роҳбари илмӣ: Утаев М. М.

Сведения об авторе: Кабирова Мунира Кароматуллоевна, магистрантка первого курса факультета английского языка, ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 987922679

Научный рукавадитель: Утаев М. М.

About the author: Kabirova Munira Karomatulloevna, the 1st year, master degree English language faculty TSPU named after Sadriddin Ayni. Phone: +992 987922679

Scientific supervisor: Utaev M. M.

Султонбии Саидасрор,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ТЕМА ВА РЕМА ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯҲОИ АСОСИИ ТАҶЗИЯИ АКТУАЛИИ ҶУМЛА

Ҷумла воҳиди асосии синтаксис мебошад, ки маҷмӯи аз ҷиҳати грамматикӣ ташаккулёфта ва аз ҷиҳати интонатсия пурраи калимаҳо мебошад. Вобаста ба микдори асосхои грамматики ҷумлаҳо ба содда ва мураккаб тақсим мешаванд. Ҷумлаи оддӣ як ҷумлаест, ки як асоси грамматикӣ дорад. Асоси грамматикӣ (асоси предикативӣ, ядрои предикативӣ) қисми асосии (схемаи сохтории) ҷумлаест, ки аз аъзои асосии он: предикат ва предикат ё яке аз онҳо иборат аст [2, 300].

Ҷумлаи мураккаб ҷумлаест, ки ду ё зиёда предикатив дорад ва ҷумлаҳои соддаи мураккаб як бутуни маъноӣ ва интонатсияро ташкил медиҳанд.

Дар фаҳмиши Н. Ю. Шведова ва пайравони ӯ, дар зери мафҳуми схемаи сохтории ҷумлаи содда «намунаи абстрактӣ сохтан мумкин аст, ки дар асоси он паёми минималии мустақил ва мустақил» сохта мешавад, ҷузъҳои ки «шаклхои калимаҳо ба таври муайян ташкил карда шудаанд» қодиранд маънои грамматикии ҷумла, предикативии онро, «дар системаи шаклҳое, ки бо арзишхои модалии объективӣ мухолифанд, яъне вокеият ё ғайриреалӣ ва, зуҳур мекунанд. дар доираи воқеият, арзишҳои муваққатии ҳозира, гузашта ва оянда." Ин ҷузъҳо "узви асосии ҷумла" мебошанд, ки "маркази предикативии онро" ташкил медиҳанд [3, 125].

Одатан, таҷзияи актуалии танхо дар сатхи пешниход ба назар гирифта мешавад.

Таҷзияи актуалии чумла - тақсимоти ҷумла дар контекст ба қисми аслии хабар - тема (додашуда) ва дар бораи он чизе, ки дар ин бора тасдиқ мешавад - рема (нав). Ҳар як аъзои чумла ва мувофиқ ба контекст ё вазъият метавонад ҳамчун тема ё рема амал кунад.

Китоб дар рӯи миз. - The book is on the table.

Дар инҷо «китоб» тема мебошад ва «миз» аст. Ҷавоб ба саволи: Китоб дар кучо аст?

Дар руи миз китоб аст. - There's a book on the table.

Дар ин ҷо «дар руи миз» тема мебошад ва «китоб» рема аст. Чавоб ба саволи: Чи дар руи миз аст?

Ҷузҳои таҷзияи актуалии ҷумла инҳоянд:

- аз рӯи интонация (хактери таъкид, таваққуф);
- аз рӯи мавқеъ (одатан тема дар аввали ибора, рема - дар охир ҷойгир карда мешавад);
- аз ҷониби зарфҳои маҳдудкунанда ("айнан", "танҳо");
- дар сохторхои бартарафкунанда;
- аз рӯи контекст.

Тартиби бевоситаи пайравӣ тема — рема бартарӣ дорад ва онро пешравӣ, объективӣ, гайриэмфатикӣ меноманд.

Тартиби баръакси рема - темаро регрессивӣ, субъективӣ, эмфатикӣ меноманд, гарчанде ки охирин на ҳамеша бо ҳадафҳои таъкид муайян карда мешавад (мавқеи ибтидоии ҷумла ремаро дар забонҳо бо тартиби муқаррарии калимаҳо муқоиса мекунем. Масалан:

Ногаҳон телефон дар охири долон занг зад. - Suddenly the telephone rang at the end of the corridor.

Мавқеи рема дар ибтидои (ё мобайни) ҷумла инчунин метавонад аз сабаби: зарурати алоқаи мавқеи он бо узви вобастаи ҷумлаи пешин; таксим кардани ремаи паҳншуда; ритм; хохиши маърӯзачӣ барои ҳарчи зудтар баён кардани чизи асосӣ. Дар ин ҳолат, рема аз рӯи контекст эътироф карда мешавад - бо баровардани як тема аз ҳад зиёди худ аз ҷумла, одатан партофташуда ё ба охири он гузошта дода мешавад. Мисол:

Ман ба шумо як савол додан мехоҳам. Ӯ ба шумо чӣ гуна менамуд? — Вай аллакай пирамард аст. - I want to ask you a question. How did he seem to you? - He's an old man already.

Тема – нуқтаи ибтидоии баён, ишораи он, ки ҷумла дар бораи чи аст. Рема – ин аст он чизе ки мавзӯъ гузориш дода мешавад, дар ҷумла дарҷ мегардад: Тема ва рема дар саволҳо фарқ мекунанд. Ҳар як ҷумларо метавон ҳамчун ҷавоб ба саволи эҳтимолӣ баррасӣ кард. Ҷумлае, ки бевосита ба савол ҷавоб медиҳад, рема аст [1, 24]. Масалан, дар ҷумлаи:

Ман рӯзе дар ҷангал қадам задамю - I walked in the woods one day.

Рема омезиши сайругашт дар беша аст, зеро ҷумла ҷавоби саволи потенсиалӣ мебошад:

Ман дируз чи кор кардам? - What did I do yesterday?

Дар ҷумлаи «дирӯз дар ҷангал сайр кардам», рема - дирӯз аст, зеро савол ба ҷумла дахл дорад:

Кай дар ҷангал сайр кардам? - When did I walk in the woods?

Ҷумлаҳои нопурра, ки ҷавоби муколамаи саволу ҷавоб мебошанд, танҳо аз қисми рематикӣ иборатанд:

Тобистон ба куҷо истироҳат меравӣ? - Ба Волга - Where are you going to spend the summer? "To the Volga."

Имшаб чӣ кор карданӣ ҳастед? - What are you going to do tonight?

Бо ҷумлаҳои мукаммал, ки дар онҳо ҳам мавзӯъ ва ҳам рема оварда шудаанд, мукоиса кунед: Ин тобистон ман ба истирохат меравам. дар Волга (рахти хат маънои сархади тема ва ремаро дорад);

Ман бегоҳ ба кор меравам. - I am leaving for work in the evening.

Чумлахое хастанд, ки ба мавзуъ ва нуқта таксим нашудаанд.«Дар ин маврид тамоми таркиби пешниҳод такрорист:

Зимистон омад; Хеле хунук шудю - Winter came; It's too cold.

Як замоне подшоҳе буд. - Winter came; It's too cold [5, 85].

Чунин пешниҳодҳо ҷудонашуда номида мешаванд. Саволҳои эҳтимолӣ барои ҷумлаҳои ҷудонашаванда инҳоянд: Чӣ шуд? Чӣ шуд? Чӣ шуд? ва дар зери. Ба ин саволҳо бо ҷумлаи рематикии нопурра ҷавоб додан ғайриимкон аст, мисли ҷумлаҳои ҷудошуда, ки ҷудо набудани ҷумлаҳои мувофикро собит месозад, ниг.: Чӣ шуд? - Барф борид.

Тема ва рема метавонад аз як аъзои чумла, ё аз маҷмӯи аъзоёни пайрави чумла иборат бошад. Аксар вақт тема дар ҷумла гуруҳи аше (субъект бо аъзоёни ҷумлаи вобастаи он) ва рема гуруҳи предикат (предикат бо аъзоҳои вобастаи он) мебошад:

Боғи мо дарахтони себ доранд. дар давоми ду сол самара мебахшад. Our garden has apple trees. bears fruit within two years.

Гурбаи мо хоб рафтанро дӯст медорад. - Our cat loves to sleep.

Ин мақола дар газета бисёр одамонро ба андешаи ҷиддӣ водор кард. This article in the newspaper made many people think seriously.

Магар ин чунин маъно надорад, ки тақсимоти актуали аслан як чизи ба узвхои асосӣ тақсим кардани ҷумла: предикат аст? Не, ин маънои онро надорад: «Тақсимоти актуалӣ на ҳамеша бо тақсимшавӣ ба аъзои асосии мубтадо мувофиқат мекунад». Ҷумлаҳои эҳтимолӣ, ки дар онҳо гурӯҳи предикат мавзӯъ ва гурӯҳи предметӣ рема мебошанд, мисол:

Дар боги мо то хол танхо дарахтони себ (на нок, олу ва ғайра) мева медиханд. - So far, only apple trees (not pears, plums, etc.) bear fruit in our garden.

Хеле маъмул аст, ки ҷумлахое ҷой доранд, ки дар онҳо сархадди байни гуруҳи предикат ва предикат бо сарҳади мавзӯъ рост намеояд, ва рема: истилоҳи хурд ҳам аз гуруҳи предикат ва ҳам аз гуруҳи боқимонда шуда метавонад ва аз ин ру, ҳамаи дигар аъзои ҷумла дар ин маврид ба кисми тема гуфтахо дохил мешаванд, мисол:

Вай мерафт. ки боз ба назди мо биёяд, танхо баъди як сол. - He was going to come to us again, only a year later [4, 222].

Дар ҷумлаҳои таҷзияи актуалии ифодакунанда рема дар ҷумла дар ҷойи аввал гузошта шуда, таъкиди пуршиддат (таъкиднок) мегирад (аз фраза пурзӯртар), тема мутаносибан дар ҷойи охирин меистад, ниг.: He will омадан / дер - дер / ӯ меояд;

Бахори имсол/ барвакт буд.- Имсол барвакт/ бахор буд. – It was early spring this year. It was early this year.

Тартиби калима дар ҷумлаҳои таҷзияи актуалии бетараф мустақим ва дар ҷумлаҳои таҷзияи актуалии ифодакунанда баръакс ё инверсионӣ номида мешавад.

Адабиёт:

1. Каримова З.Р. Логико-грамматическое членение простого предложения современного таджикского языка в сопоставлении с английским: автореф. дисс. канд. филол. наук. – М., 1981. – 24 с.
2. Каушанская В. Л. Грамматика английского языка. – Л., 1963. – 318 с.
3. Шведова Н. Ю. Активные процессы в современном русском синтаксисе (словосочетание). – М.: Просвещение, 1966. – 156 с.
4. Dickens Ch. Oliver Twist. – M., 1986. – 420 с.
5. Galsworthy J. The man of property. – M., 2001. – 320 с.

Калидвожаҳо: *калима, ҷумлаҳо, ҷумлаи пайрав, муносибатҳои якхела, воқеӣ, рема, тема, мувофиқат.*

Аннотация

ТЕМА И РЕМА КАК ОСНОВНЫЕ КАТЕГОРИИ АКТУАЛЬНОГ ЧЛЕНЕНИЯ ПРЕДЛОЖЕНИЯ

В данной статье речь идет об актуальном членении предложения - членение предложения в контексте на исходную часть сообщения — тему (данное) и на то, что утверждается о ней — рему (новое). Любой член (или члены) предложения и соответствии с контекстом или ситуацией может выступать как тема или рема. Прямой порядок следования тема - рема преобладает и именуется прогрессивным, объективным, неэмфатическим. Обратный порядок рема - тема называется регрессивным, субъективным, эмфатическим, хотя последний не всегда обусловлен целями эмфазы (ср. начальное положение подлежащего-ремы в языках с фиксированным словопорядком (напр., англ. Suddenly the telephone rang at the end of the corridor).

Ключевые слова: *слово, предложения, актуальное, второстепенные члены предложения, однородные, актуальная, рема, тема, соответствие.*

Annotation

TOPIC AND RHEMA AS THE MAIN CATEGORIES OF THE ACTUAL DIVISION OF THE SENTENCE

In the second article, we are talking about the actual division of the sentence - the division of the sentence in the context of the original part of the message - the topic (given) and what is stated about it - the remu (new). Any member (or members) of the sentence and according to the context or situation can act as a topic or rhema. The direct order of the theme prevails and is called progressive, objective, non-emphatic. The reverse order of the rema- theme is called regressive, subjective, emphatic, although the latter is not always conditioned by the goals of the emphase (cf. the initial position of the subject is the rhyme in languages with a fixed word order (e.g., Suddenly the telephone rang at the end of the corridor).

Keywords: *word, sentences, compound objects, single, current, tema, rema, accordance.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Султонбии Саидасрор, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент Каримова Д. Н.

Сведение об авторе: Султонбии Саидасрор, магистрантка второго курса магистратуры факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: к.ф.н., доцент Каримова Д. Н.

About the author: Syltonbii Saidasror, a second-year master's student at the English language faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Supervisor: Ph.D., Associate Professor D. Karimova

Қодирова Ҷамила,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

МАФҲУМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

Воҳидҳои луғавии бемуодил гарчанде мутобиқи худро дар ҷараёни тарҷума дарҳол наёбанд ҳам, бо мурури замон онҳо баъзе вариантҳои муайянро пайдо месозанд, то ки ба дигар забон интиқол ёбанд. То ҳол, тамоми омилҳо ва дараҷаҳои муодилнокии тарҷумавӣ омӯхта шуданд, вале бемуодилии воҳидҳои луғавӣ яке аз мушкилоти баҳсталаби назарияи тарҷума ба шумор мераванд. Бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ин як комплекси масъалаҳои ҳалли худро нафёта дар тарҷумашиносӣ ба назар мерасад. Тарҷумаи чунин воҳидҳои луғавии бемуодил донишу заковат, саъю кӯшиши эҷодӣ ва маҳорати истифодабарии роҳу усули интиқоли чунин калимаҳоро аз тарҷумон талаб менамояд. Воҳидҳои луғавии бемуодил дар назарияи тарҷума бо номи дигар чун тарҷуманашавандаҳо ном гирифтаанд. Забоншиноси барҷаста А.В.Фёдоров қайд менамояд, ки «Набудан ё пайдо накардани муодили доимӣ ва мутобиқи муайяни воҳидҳои луғавии ин ё он истилоҳ маънои онро надорад, ки интиқоли мазмун ва мундариҷаи матн имконнопазир аст (метавон бо роҳи шарҳи маънӣ ё бо якчанд калима онро маънидод намуд), яъне ин дараки онро намедиҳад, ки дар оянда чунин воҳидҳои луғавӣ тарҷуманашавандаанд. Таърихи ҳар як забон тағйироту иловаҳои доимии таркиби луғавиро нишон дода, дар баробари рушди фарҳангу маданият, илм, истеҳсолот ва ҷомеаи инсонӣ аз ғанӣ гаштани фонди луғавӣ дарак медиҳад. Дар айни бой ва ғанӣ гаштани фонди луғавии забон имконият ва роҳи тарҷумаи онҳо низ пайдо мегардад» [5, 416].

Ақидаи забоншинос хеле дуруст мебошад, чунки калимаҳои хориҷӣ дар аввал мутобиқи комили худро дар забони тарҷумашаванда надоранд, бо гузашти замон онҳо муодилҳои худро пайдо намуда, аз рӯи дараҷаҳои муқарраргардидаи тарҷумашиносӣ аз забони мабдаъ ба забони мақсад тарҷума мешаванд. Мо наметавонем тасдиқ намоем, ки бо чунин гуфтаҳо, яъне воҳидҳои луғавии бемуодил бо мурури замон ҳалли мушкилоти тарҷумаи худро меёбанд, зеро дар асарҳои илмӣ нисбат ба бемуодилӣ дида, дар бораи муодилнокии воҳидҳои луғавӣ бештар фикру андешаҳо иброз гаштаанд. Масалан, дар китоби Н. К. Гарбовский «Теория перевода» оид ба масъалаи муодилнокӣ ва сифати тарҷумаи онҳо дарҷ гаштааст [2, 544].

Оид ба моҳияти мафҳуми муодилнокӣ ақидаҳои гуногун баён гаштанд, вале бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ин як масъалаи ногусастанӣ ва ҳалли худро наёфта ба шумор меравад. Аз рӯи ақидаи тарҷумашиноси тоҷик Ф. М. Турсунов «мушкилоти асосии воҳидҳои бемуодили нутқ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як забон инъикоскунандаи фарҳангу маданияти хоси миллати худ буда, тафаккур ва арзиши миллӣ дар ҷомеаи ҳар як миллат ба таври гуногун зоҳир гардидааст. Дигар хусусияти фарққунандаи муҳим ин сохтори такрорнаёбандаи грамматикӣ ва вижагиҳои типологии худи ҳамон забон ба ҳисоб меравад, ки аз дигар забонҳо, чи забони оилаи хеш бошад ва чи забони оилаи бегона, яъне аз ҳамаи онҳо фарқ мекунад» [4, 432].

Дар байни муқоисаи якчанд воҳидҳои луғавии байнизабонӣ аз ҳама мақоми асосиро муқоисаи забоншиносӣ мегирад. Забоншиносон калимаҳоро чун як воҳиди мураккаби маъноӣ бо тамоми хусусиятҳояшон муқоиса намуда, на танҳо муносибат байни ду ва зиёда калимаҳоро муқаррар ва тасвир менамоянд, балки алоқамандии маҷмӯи воҳидҳои луғавии забонро меомӯзанд. Онҳо қонунияти луғавии забониро дар асоси назарияи таърихӣ ва муосирашон муқоиса менамоянд. Назариётчиёни тарҷума бошанд, одатан калимаҳои гуногуни забонро дар доираи матни асл ва матни тарҷума муқоиса намуда, аз рӯи қоида бо воҳидҳои луғавии ифодагари тобиши рангу бор ва оҳангиашон онҳоро аз як забон ба забони дигар интиқол медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ба воҳидҳои бемуодили нутқ он калимаҳое дохил мешаванд, ки муодил ё мутобиқи худро дар забони тарҷума пайдо карда наметавонанд. Метавон қайд намуд, ки воҳидҳои луғавии бемуодил мафҳум ё ин, ки ҳолату равандҳоеро фарогир мебошанд, ки ҳам дар сохтори фонди луғавӣ ва ҳам аз рӯи мазмун аналоги худро дар дигар забон надоранд.

Монанди ин китоб хеле бисёр нашр гардидааст. Аз тарафи дигар фикр кунем, масъалаи бемуодилии воҳидҳои луғавӣ роҳи ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтааст, чунки бо рушди ҷомеа ва технологияи муосир ҳар рӯз истилоҳоти нав ва намудҳои гуногуни неологизмҳо ба вуҷуд меоянд. Пас, аз ин бармеояд, ки пайдоиши мафҳумҳои нав, технология ва кашфиёти илмӣ барои

тасниф додани гурӯҳҳои нави воҳидҳои луғавии бемуодил заминаи худро поягузор мебошанд. Ин вазъият дар раванди тарҷума, тарҷумашиносонро маҷбур месозад, ки тамоми чораҳоро андешида, дараҷаҳои нави тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодилро пайдо намоянд.

Олимони тарҷумашинос воҳидҳои луғавии бемуодилро бо мафҳумҳои гуногун ном гирифтаанд. Як гурӯҳ олимон ба лексикаи бемуодил реалияҳо ва дигар гурӯҳ бошад лакунаҳоро дохил кардаанд, вале агар дар умум гирем ба лексикаи бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки хоси як миллат маҳсуб ёфта, дар фарҳангу тамаддуни дигар миллат онҳо бегона ва ғайри истифодаанд. Аз рӯи ақидаҳои С. Влахов ва С. Флорин бармеояд, ки ба воҳидҳои луғавии бемуодил на танҳо реалияҳо, балки баъзе истилоҳот, лакунаҳо, баъзе нидоҳо, экзотизмҳо, аббревиатураҳо, исмҳои хос ва ибораҳои рехта ё ин, ки фразеологизмҳо дохил мешаванд [1, 360].

Чи тавре ки зикр гардид, воҳидҳои луғавии бемуодилро чун тарҷуманашавандаҳо номгузорӣ мекунанд, ки ин маънои онро надорад, ки он калима дар тамоми забонҳои ҷаҳон тарҷуманашаванда аст. Воҳидҳои луғавии бемуодил танҳо дар муқоисаи ду забон ё дар раванди тарҷума аз як забон ба забони дигар, яъне аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ онҳо бемуодил ба шумор мераванд, шояд дар дигар забонҳо онҳо муодили худро пайдо карда тавонанд. Ҳоло бошад, танҳо воҳидҳои луғавии ду забон дар назар дошта шудааст.

Ҳамин тавр, воҳиди луғавии бемуодил гуфта, калима ё ибораҳое дар назар дошта шудаанд, ки дар забони асл вуҷуд доранд, вале дар фонди луғавии забони тарҷума муодили худро намеёбанд, яъне воҳидҳои луғавие, ки ба таври аналогӣ ё аз рӯи мазмуни матн шарҳ дода мешаванд.

Сабабҳои пайдо шудани воҳидҳои луғавии бемуодил инҳо мебошанд:

- Вуҷуд надоштани ашё ё мавҷудот дар ҳаёти халқи забони тарҷумашаванда;
- Набудани маънои мафҳуми забони асл дар забони тарҷума;
- Тавсифи мухталифи услубӣ ва луғавӣ дар забонҳо;

Истилоҳот аслан ба воҳидҳои луғавии муодил дохил мешаванд, вале баъзан истилоҳоти наве дар забон ба вуҷуд меояд, ки дар забони тарҷумашаванда мафҳуми ношинос дорад ва мазмуни он ба хонандагони матни тарҷума нофаҳмо аст. Неологизмҳо низ метавонанд бо чунин ҳолат сади роҳи тарҷумон шаванд. Мисол, истилоҳи clon- клон, radar – радар тарҷума шудааст. Бештари истилоҳот бо усули калкакунонӣ ва тарҷумаи тасвирӣ ба дигар забон интиқол меёбанд. Ба монанди digital watch – соати рақамӣ ва supermarket – фурушгоҳи бузург тарҷума ёфтаанд.

Ба масъалаи таҳқиқоти усулҳои тарҷумаи реалияҳо корҳои зиёд бахшида шудааст. Қонунияти тарҷумаи реалияҳо дар назария ва амалияи тарҷума устуворанд, вале тарҷумонҳо дар кори худ ба таҷрибаи касбии худ такя карда, роҳҳо ва усулҳоеро интихоб мекунанд, ки реалияи мавриди тарҷума ба хонанда аниқу равшатар бошад.

Баррасии тарҷумаи реалияҳо дар корҳои илмӣ ақидаҳои тарҷумашиносони гуногун оид ба таснифоти реалияҳо, хусусияту усулҳои тарҷумаи онҳо ва аз рӯи тарзи тарҷума ба гурӯҳҳо тақсим шудани реалияҳо гуногунанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки воҳидҳои луғавии бемуодил низ бо ҳар гуна роҳҳо аз забони асл ба забони тарҷума интиқол ёфта, дар бештари ҳолатҳо мазмуни худро ба хонандаи матни тарҷума ба ҳадди имкон мерасонанд.

Аз рӯи ақидаи Д. С. Мухторов мушкилоти зиёд дар гуногунии маъно ва сохтори воҳидҳои луғавии забонҳо дида мешаванд, ки дар раванди тарҷума чунин воҳидҳо дар дигар забон тарҷумаи комили худро намеёбанд. Ҳолатҳое ба тарҷумон дучор мегардад, ки калима дар матни асл содда ва фаҳмо буда, мавриди интиқол ба дигар забон тамоман муодил ёфта наметавонад [3, 256].

Инчунин тарҷумашиноси мазкур якчанд тавсияҳо барои тарҷумаи воҳидҳои луғавие, ки сади роҳи тарҷумонҳо мешаванд қайд мекунад: *«In this task is much harder than that of the original author. If the letter seeks a word with which to express a thought or describe an experience, he has available many words in his own language and can without much difficulty or delay choose the one of that suits him best and pleases him most. The translator of the word is chosen has to decide on the nearest equivalent taking into consideration the probable thoughts of the author, the probable feeling of the author's readers and of his own readers, and of the period in history in which author lived».*

Ҳамин тавр, аз ақидаҳои дар боло зикрёфта метавон ба хулосае омад, ки воҳидҳои луғавии бемуодил бошад, то ҳол дар забоншиносӣ ва назарияи тарҷума роҳи ҳали худро наёфта, дар раванди тарҷума тарҷумонҳоро бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ месозад. Ба воҳидҳои луғавии

бемуодил реалияҳо, лакунаҳо ва баъзе истилоҳот дохил мешаванд, ки ҷанбаи ин масъала дар зербоби оянда ба пуррагӣ ҳаллу фасл мегардад.

Адабиёт:

1. Влахов С. И. Непереводимое в переводе. – Изд. 4 – е / С. И Влахов, С. П Флорин. – М.: Р. Валент, 2009. – 360 с.
2. Гарбовский, Н. К. Теория перевода / Н. К. Гарбовский. - М.: Издат-во Московского гос-го университета, 2004. – 544 с.
3. Мухортов, Д. С. Практика перевода: английский-русский: учебное пособие по теории и практике перевода / Д. С. Мухортов. - 4-е изд. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012. – 256 с.
4. Турсунов, Ф. М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф. М. Турсунов. – Душанбе, 2015. – 432 с.
5. Фёдоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А. В. Фёдоров. – СПб, 2002. – 416 с.

Калилвожаҳо: *луғат, забон, мафҳум, воҳид, муқоиса, тарҷума, замон, вариант, назария, калима, мушкилот.*

Аннотация

КОНЦЕПЦИЯ УНИКАЛЬНЫХ ЛЕКСУАЛЬНЫХ ЕДИНИЦ В СРАВНИТЕЛЬНЫЕ ЯЗЫКИ

Неравные лексические элементы, хотя и не распознаются сразу в процессе перевода, со временем они находят определенные варианты, чтобы их можно было перевести на другой язык. Пока все факторы и степени эквивалентности перевода изучены, но неравенство лексических единиц - одна из самых противоречивых проблем теории перевода. Неравенство лексических единиц представляется комплексом проблем, которые необходимо решить в переводческой науке. Перевод таких не имеющих аналогов лексических элементов требует знаний, изобретательности, творческих усилий и умения использовать способы и средства перевода таких слов.

Ключевые слова: *словарь, язык, понятие, единица, сравнение, перевод, время, вариант, теория, слов, проблема.*

Annotation

THE CONCEPT OF UNIQUE LEXUAL UNITS IN THE COMPARATIVE LANGUAGES

Unequal lexical elements, although not immediately recognized during the translation process, over time they find certain variations so that they can be translated into another language. So far, all the factors and degrees of equivalence of translation have been studied, but the inequality of lexical units is one of the most controversial problems in translation theory. Inequality of lexical units seems to be a complex of problems that need to be solved in translation science. Translation of such unparalleled lexical elements requires knowledge, ingenuity, creative effort and the ability to use the methods and means of translating such words.

Keywords: *dictionary, language, concept, unit, comparison, translation, time, variant, theory, words, problem.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қодирова Ҷамила, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи С Айни. Тел.: +992 989122021

Роҳбари илмӣ: Мусаямов З.

Сведение об авторе: Кодирова Джамила, магистрантка втарого курса факультета английского языка ТГПУ имени Садриддина Айни. Тел.: +992 989122021

Научный руководитель: Мусаямов З.

About the author: Qodirova Jamila, the master of 2-nd year of English Language Faculty, TSPU named after S. Ayni; Tel.: +992 989122021

Ҷурабеков Рамазон,
магистранти соли дуюуми факултети забони англисӣ

СОХТОРИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ ИСТИЛОҲОТИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Истилоҳи «демография» аввалин маротиба соли 1855 дар номи китоби олими фаронсавӣ А. Гийяра «Элементы статистики человека, или Сравнительная демография» пайдо шудааст [3, 134]. Демография ғояҳои умумии пешрафти илми муосир аз ҷумла илмҳои асосии ҷамъиятиро инъикос мекунад.

Дар назарияи забоншиносӣ дар умум хизмат намудаанд; ҳамчунин дар омӯзиши англисӣ, русӣ ва эронӣ, махсусан дар корҳои И. В. Арнолд, Н. Д. Арутюнова, О. С. Ахманова, И. А. Бодуэн де Куртенэ, Е. Н. Бортничук, Л. С. Бархурдаров, В. В. Виноградов, И. В. Василенко, Б. Н. Головин, Е. В. Гулигин, В. П. Даниленко, П. М. Карашук, В. М. Лейчик, И. И. Мешанинов, О. Д. Мешков, В. С. Ростаргуева, А. А. Реформатский, А. И. Смирнитский, А. У. Уфимтсева, Е. И. Шинделс ва ғайраҳо доир ба истилоҳот, ҳамчунин назарияи умумии услубҳои функционалӣ ва тадқиқотҳои лингвистии бо онҳо алоқаманд, ки дар адабиётҳои русӣ И. В. Арнолд, О. С. Ахманова, В. В. Виноградов, Л. П. Постушенко, А. И. Смирнитский, ва хориҷӣ Ҷ. Ален, М. Бейтс, Ф. Грелет, П. Стревенз, Л. Тримбл, Х. Г. Уидоусон, М. Уэтс, Т. Хатчинсон) ва дар забоншиносии Эрон (В. С. Росторгуев, Л. С. Пейсиков, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Н. Қосимова, С. Ҷоматов, П. Ҷамшедов, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов ва ғ. оварда шудаанд. Меҳнати олимони мазкур пояи назариявии тадқиқотро ташкил мекунад.

Истилоҳоти демографӣ ба монанди истилоҳоти соҳаҳои дигар инкишоф ва ташаккули худро дар давраи муайяни вақт инъикос мекунад. Дар охири асри гузашта ба низоми луғавии демографӣ бисёр воҳидҳои истилоҳӣ дохил шуданд, ки мафҳумҳои ҷомеашиносӣ ва психологияи иҷтимоӣ (дастурҳои демографӣ, рафтори демографӣ ва ғ.)-ро инъикос мекунанд. Инкишофи пай дар пайи тадқиқотҳо як қатор мафҳумҳои нави демографӣ (муносибатҳои демографӣ, шуури демографӣ) ва мафҳумҳоеро, ки ҳодисаҳои аз нав ошкоршуда (гузариши демографӣ, инқилоби демографӣ, таркиши демографӣ)-ро инъикос мекунанд, ошкор сохт.

Сохтори лексикӣ-сематикии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоисашаванда – ин маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста (калимаҳо ва мазмуни алоҳидаи онҳо), ки ҳамчун ҷузъи сохтори васеътар (сохтори забон) ва ҳамчун натиҷаи ба ҳам алоқамандии ҷузъҳои сохтори сатҳи паст (нишонаҳои лексикӣ-семантикӣ, гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ, майдонҳои мавзӯӣ ва ғ.) метавонанд баррасӣ карад шаванд.

Оиди ҷанбаҳои сохторӣ-семантикии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоиашаванда сухан ронда тавсифҳои муҳимтарини лекисикӣ-семантикии соҳаи забон дар назар дошта мешавад, ки маънои лучғавӣ ва роҳи вуҷуд доштани онро дар забонҳои муқоисашаванда муайян мекунанд.

Дар сатҳи лексикӣ-семантикӣ ба сифати воҳиди асосии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоисашаванда маънии аслӣ ва воқеии онҳо бояд баррасӣ карда шавад. Азбаски воҳидҳои луғавӣ дар забон аз ҳам ҷудо вуҷуд надорад (ҳамчун дар луғатҳое, ки аз рӯи нишонаи алифбо тартиб дода шудаанд), аз ин сабаб, дар мазмун (нутқ) дар намуди ибораҳо ва ҷумлаҳо ва дар прагматика (дар забон) бошад, дар намуди иттифоқи муайяни мавзӯӣ бо ҳам муттаҳид мешаванд. Тафсифи дигари муҳими хусусияти мавзӯии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоисашаванда имконияти (зарурияти) мавҷуд будани худи принсипи гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯи усули семантикии онҳо бояд этироф карда шавад. Ин принсип ифодаи равшани алоқамандии калимаҳо мебошад, ки дар асоси муайянкунии сохтории семантикии истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоисашаванда хобидааст.

Муттаҳидшавии воҳидҳои луғавии дамография ба гурӯҳҳои мавзӯӣ дар асоси монандӣ ё фарқияти муайян, муқобилгузории мазмунашон амалӣ гардонида мешавад. Ин монандӣ ва фарқият ба нишонаҳои комилан дақиқ (вале, на ҳамеша равшан) асос ёфтааст, ки пайвастшавии онҳо маънои луғавии калимаро ташкил мекунад. Ҳамин тариқ, параграфи оянда дар сохтори лексикӣ-семантикии истилоҳоти демографӣ мо хусусияти лексикӣ-семантикиро ҳамчун унсури ҷудонопазири маънои луғавӣ баррасӣ хоҳем кард [4, 27].

Маънои луғавӣ, майдони мавзӯӣ, хусусияти лексикӣ-сематикии истилоҳоти демографӣ дар сохтори лексикӣ-семантикии забон аз рӯи параметрҳои семантикӣ се сохтори асосӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин воҳиди марказӣ, ки ҳамаи алоқаҳои дохилию берунии калимаҳоро муайян ва муттаҳид месозад, бешубҳа, маънои луғавии истилоҳоти демографӣ мебошад.

Калимаи полисемантикӣ ҳеҷ гоҳ ҳамзамон дар тамоми ҳаҷми маъногии худ истифода бурда намешавад. Ҳангоми таҳқиқи зермайдони мавзӯии истилоҳоти демографӣ аксар вақт бо чунин далел рӯ ба рӯ шудан мебояд, ки як калима метавонад дар гурӯҳҳои гуногун вохӯрад, ки калимаҳоро ба майдонҳои мавзӯӣ фақат аз рӯи мазмунҳои алоҳида тааллуқ доштанашон нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки маънои луғавӣ ду ҷанбаи дигари лексикӣ-семантикиро муттаҳид месозад: парадигмаи мавзӯӣ ва хусусияти семантикӣ, ки аз якум сохташуда ба ҳисоб меравад. Дар баъзе мавридҳо маънои луғавӣ аз парадигмаи мавзӯӣ ва аз хусусияти семантикӣ вобастагӣ дорад, чун аз як тараф он дар асоси иштирок дар қаторҳои парадигматикӣ (ҳангоми полисемия) муайян карда мешавад, аз тарафи дигар, - муқобилгузории парадигматикӣ маҷмӯи хусусиятҳои фарқкунандаи ҷузъҳои минималии маъногиро медиҳанд, ки ҳам маънои алоҳидаи калима ва ҳам тамоми аъзоҳои парадигмаро ташкил мекунанд.

Аз сабаби гуногунии ҳамбастагиҳои маъногии воҳидҳои луғавӣ дар низоми забонӣ гурӯҳҳои гуногуни калимаҳо ҷудо карда мешаванд: гурӯҳҳои фаннӣ (ё мавзӯӣ), истилоҳотӣ, этимологӣ, лексикӣ-семантикӣ, майдонҳои мафҳумӣ (семантикӣ) ва дигар умумиятҳои калимаҳо [5, 137].

Мақсад аз тақсимоти истилоҳоти демографӣ ба гурӯҳҳо ва зермайдонҳои лексикӣ-семантикӣ муқаррар намудани афзалиятҳои мавзӯӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва муайян намудани гурӯҳҳои барои забон воқеии калимаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Барои сохтани зермайдонҳои мавзӯии истилоҳоти демографӣ мо заминаҳои гуногунро ба асос гирифтем. Забоншиносон воҳидҳои луғавии забонҳои гуногунро омӯхта, заминаҳои генетикӣ ва мавзӯии гурӯҳбандиро якҷоя мекунанд, масалан, А.Я. Боярский ва В.Г. Костомаров ҳафт гурӯҳи калимаҳоро ҷудо мекунанд: а) советизмҳо, б) калимаҳои рӯзгори нав, в) номгӯи ашёҳо ва ҳодисаҳои рӯзгори анъанавӣ, г) таърихӣ, д) воҳидҳои фразеологӣ, е) калимаҳо аз фолклор, ж) калимаҳои иқтибосӣ. Дар чунин ҳолат дар зермайдонҳои мавзӯӣ калимаҳои гуногунмаъно пайдо мешаванд [1, 34].

Ҳамчун замина барои зермайдони мавзӯии мо алоқамандии бевосита байни воҳидҳои луғавии демография хизмат намудаанд. Зермайдонҳои мазкур воҳидҳои луғавиеро дарбар мегирад, ки дар ду ва зиёда сарчашмаҳо вомехӯранд, чун истеъмоли яккаратаи воҳиди луғавиро калимаи каммаҳсул меҳисобанд.

Натиҷаҳои тақсимоти истилоҳоти демографӣ ба зермайдонҳои мавзӯӣ нишон медиҳанд, ки сершумортарин ва муҳимтарин он гурӯҳҳое мебошанд, ки номгӯи ашёҳо ё ҳодисаҳои бо вазъи оилавӣ, баҳисобгирии аҳолӣ, ҳуқуқи инсон, сатҳи таваллуд, сатҳи фавт, даромади оилавӣ, манфиатҳои иҷтимоӣ алоқамандро дар маводҳои забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ дарбар мегиранд ва барои мо хеле муҳим аст, ки воҳидҳои луғавиро дақиқ созем ва доираи воҳидҳои ба ин иттиҳодияи мавзӯии калимаҳо дохилшавандаро муқаррар намоем.

Таркиба луғавии забон – ин низомест бо сохтори мураккаб. Воҳидҳои луғавии чунин низом бо ҳам дар муносибатҳои синтагматикӣ ва парадигматикӣ қарор доранд. Онҳо ба забони фарҳанги соҳибони забон таъсир мерасонанд. Ҳангоми тавсифи сохтории лексика ба масъалаи микросохторҳои алоҳидаи воҳидҳои луғавӣ диққат додан зарур аст. Д.К. Шелестов чунин меҳисобад, ки «омӯхтани чунин гурӯҳҳо бо навъҳои гуногуни рӯйхати ба худ хос маҳдуд карда шудаанд ва ҳатто ошкор сохтани ҳамбастагии дохилии семантикии калимаҳоро вазифаи худ намешуморанд» [6, 133]. Ҳамчунин, ду принсипи асосии якҷояшавии калимаҳо ба зермайдонҳои мавзӯӣ фарқ кунонида мешавад:

1) аз рӯи мансубият ба як доираи мавзӯӣ (номҳои ҳодисаю воқеаҳои демографӣ);

2) дар асоси алоқамандии гипонимӣ ва дараҷаи якхелаи абстраксия.

Мо бо ақидаи Л. М. Василев розӣ мешавем, ки чунин меҳисобад: «ҳангоми тавсифи мавзӯии (денотативӣ) мавод пеш аз ҳама тақсимбандии муқаррари ашёҳо, аломатҳо, хусусиятҳо, амалҳо, ҷараёнҳо, воқеаҳо, ҳолатҳои дар сохтори забон инъикосёфта ба назар гирифта мешавад. Ин принсипи анъанавӣ ба ҳисоб меравад. Ҷудокунии чунин гурӯҳҳои семантикии калимаҳо ба монанди номҳои ҳайвонот, паррандаҳо, растаниҳо, меваҳои заминӣ, занбӯруғҳо ва ғайра; истилоҳоти хешутаборӣ, касбу ҳунарҳои гуногун, расму оинҳо ва ғайраю ҳоказо маҳз дар он асос ёфтаанд» [2, 39].

Ҳамчун манбаи интихоб вожаҳои истилоҳӣ хизмат мекунанд, яъне гурӯҳҳои мавзӯии истилоҳоти демографӣ, ки аз онҳо лексика мавзӯӣ дар асоси фаъолияти он дар чаҳорчӯбаи мавзӯи мазкур ва алоқаи маъноӣ бо он ҷудо карда мешавад. Дар баробари ин алоқаи маъноии гурӯҳҳои мавзӯӣ дар сатҳи на танҳо маънои луғавӣ дар назар дошта мешавад, балки фикру ақидаҳои умумӣ дар бораи робитаи воҳидҳои луғавии мазкур бо ин ё он мавзӯъ.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, маълум мешавад, ки на танҳо оиди вобастагии як ҷанбаҳо аз дигараш сухан гуфтан лозим, балки ҳамчунин оиди алқамандӣ ва вобастагии онҳо аз ҳамдигар.

Дар умум тамоми низоми истилоҳот ва воҳидҳои луғавиро, аз ҷумла ибораҳоро ҳам, ки дар матни илмӣ барои ифодаи як мафҳуми илмӣ барои демография истифода бурда шудаанд.

Адабиёт:

1. Боярский А. Я., Валентей Д. И., Кваша А. Я. Основы демографии. – М.: Статистика, 1980. – 295 с.
2. Васильев Л. М. Современные способы формального описания семантики языковых единиц // Теория содержательной формы. – Тамбовм, 1981. – С. 5-9.
3. Гийяра А. Элементы статистики человека, или Сравнительная демография. – М., 1855. – 235 с.
4. Лингвистический энциклопедический словарь (ЛЭС). – М.: Советская энциклопедия, 1990. – 683 с.
5. Уфимцева А. А. Слово в лексико-семантической системе языка. – М., 1968. – 246 с.
6. Шелестов Д. К. Демография: история и современность. – М.: Финансы и статистика, 1983. – 271 с.

Калидвожаҳо: *воситаҳои синтаксисӣ, истилоҳ, демография, тадқиқот, забони муқоиса, таҳлил ва ибора.*

Аннотация

ПРОБЛЕМА СТРУКТУРЫ ЛЕКСИКО-КЕМАНТИЧЕСКИХ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье автор исследует проблему структуры лексико-семантических демографических терминов в таджикском и английском языках. Следует отметить, что проблема структуры лексико-семантических демографических терминов в таджикском и английском языках находилась в центре внимания ученых.

Ключевые слова: *синтаксические средства, термин, демография, исследование, язык сравнения, анализ и фраза.*

Annotation

THE PROBLEM OF THE STRUCTURE LEXICO-CEMANTICAL DEMOGRAPHICAL TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article the author researches the problem of the structure lexico-cegmantical demographical terms in Tajik and English languages. It should be note that the problem of the structure lexico-cegmantical demographical terms in Tajik and English languages have been in the center of the point of the scientists.

Keywords: *syntactical means, term, demography, research, compare language, analyses, and phrase.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷурабеков Рамазон, магистранти соли дуюми ихтисоси забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 933111492

Роҳбари илмӣ: Муҳаммадсолеҳи М.

Сведения об авторе: Джурабеков Рамазон, магистрант второго курса по специальности английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Телефон: +992 933111492

Научный руководитель: Мухаммадсолехи М.

About the author: Jurabekov Ramazon, the second-year specialty of English language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 933111492

Ҷурабеков Рамазон,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур мо воситаҳои забонии ифодаи истилоҳоти демографиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо назардошти характери байнисатҳии намояндагии онҳо аз рӯи муқоисавӣ-типологӣ муайян ва таҳлил менамоем.

Ҳамчун мафҳуми категориявӣ, истилоҳоти демографӣ барои низоми забонҳои тадқиқшаванда хос мебошад. Маводи забонии таҳқиқшаванда барои истилоҳоти демографӣ нишон дод, ки аз рӯи сохташон истилоҳҳои ин соҳа, ба қонуниятҳои умумии сохти забонии забонҳои муқоисашаванда тобеъ мебошанд.

Пеш аз ҳама, аз рӯи хусусиятҳои сохторӣ-калимасозӣ тамоми истилоҳоти соҳаи мазкури илм калимаҳоеро пешкаш мекунанд, ки ба сода (решагӣ), сохта ва мураккаб тақсим мешаванд.

Барои муайян сохтани таркиби воҳидҳои луғавии интихобкардаамон аз нуқтаи назари мансубияти онҳо ба типи муайяни сохторӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷудо намудани аффикс ё реша, яъне ҷудо намудани калима ба қисмҳои таркибиаш танҳо дар ҳамон ҳолат эътироф карда мешавад, ки қатори решаи умумидошта ё қатори аффикси умумидошта ҷудо карда мешавад [2, 27].

Мувофиқи ин, ба калимаҳои решадор мо чунин калимаҳоеро марбут медонем, ки аз нуқтаи назари забонҳои муқоисашаванда ҷудонашаванда мебошанд, ё ин ки дар онҳо алоқаи генетикии сохта вайрон гаштааст, шаффофияти усули вандӣ гум шудааст ё содакунӣ ба вуқӯъ омадааст. Ба калимаҳои сохта мо чунин калимаҳоеро дохил намудем, ки дар онҳо реша ё аффиксро ҷудо кардан мумкин аст, новобаста аз он, ки мазмуни морфемаи боқимонда чи қадар равшан аст. Калимаҳои мураккаб – калимаҳое, ки ду ва зиёда морфемаҳои решагӣ доранд. Калимаҳои сода ё решагӣ «маркази луғат»-ро ташкил мадиҳанд (яъне гурӯҳи калимаҳои ҳамреша) ва барои ташкили калимаҳои нав поя мебошанд.

Якчанд мисолҳои истилоҳоти содаи демографиро дида мебароем:- дар забони англисӣ: *family – оила (семья); alien – муҳоҷир (иностранец); group – гурӯҳ (группа); age – синну сол (возраст); couple – зану шавҳар (супружеская пара); boom – инкишофи тез (бум, быстрое повышение); kin – хеш (родня, родственники); control – идоракунӣ, батартибандозӣ, тафтиш, назораткунӣ (контроль); branch – хат, шохаи хешутаборӣ (род, семья, ветвь) [5, 154; 1, 18];*

- дар забони тоҷикӣ: *бахт – happiness (счастье); шахс – person (личность); никоҳ – marriage (брак); синнусол – age (возраст); ҷинс – sex (пол); оила – family (семья); фарзанд – child (ребёнок); зан – woman (женщина); мард – man (мужчина); писар – boy, son (мальчик, сын); духтар – girl, daughter (девочка, дочь); хона - house (дом); қад - height (рост); умр – life (жизнь); ҷуфт - couple (супружеская пара); ёр - beloved, friend (возлюбленный человек, друг); шавхар (шӯ) - husband (муж); хеш – relative (родственник); кӯдак - child (ребёнок); падар - father (отец); модар – mother (мать) [5, 98].*

Зери мафҳуми умумии калимасозӣ усулҳои сермаҳсултарини ғанигардонии таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда муттаҳид мешаванд. Аз усулҳои номбаргардида муҳимтаринаш, бешубҳа, усули морфологӣ мебошад, ки дар он калимаҳои нав бо ҳамҷоякунии морфемаҳо офарида мешаванд.

Усули морфологии калимасозӣ ба якчанд зернамудҳо тақсим мешавад. Дар мисоли истилоҳоти демографӣ мо усулҳои вандӣ, пасвандӣ, пешвандӣ, миёнвандӣ, пасвандии мураккаби калимасозӣ ва ҳамчунин усули таркибиро (бе миёнванд) баррасӣ мекунем.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳлили сохтори таркибии калимаҳои сохта дар таносуб бо воситаҳои сохтории истеҳсолӣ ва истифодакунӣ барои ташкили онҳо, пеш аз ҳама, ду тарафҳо ҷудо мешаванд – сохторӣ ва семантикӣ. Мазмун ва сохтори калимаҳои сохта дар асоси калима ё ибораҳои додашудаи созанда ва воситаҳои додашудаи созанда ташкил меёбанд, яъне ягонагии шакл ва мазмун дар ягонагии тарафҳои сохторӣ ва семантикии ин таносуб мебошад.

Калимаҳои сохтаро таҳқиқ намуда, мо намунаҳои калимасоз, мазмунҳои калимасоз, алоқаи семантикӣ байни калимаҳои истеҳсолӣ ва сохтаро муайян менамоем ва қонуниятҳои ташкили калимаро муқаррар мекунем.

Таҳлили сохторҳои пасвандӣ имкон медиҳанд тасдиқ кунем, ки калимаи созанда дар забонҳои муқоисашаванда – ин чунин элементе мебошад, ки ба асос ҳамроҳ гашта, асоси истеҳсолкунандаро ба ҳиссаи дигари нутқ табдил медиҳад. Пасвандҳои калимасоз калимаҳоро

ба чунин гурӯҳҳо тақсим мекунанд: категориявӣ, дараҷавӣ, коннотативӣ. Миқдори зиёди пасвандҳо категориявӣ мебошанд, яъне барои сохтани як ҳиссаи нутқ аз ҳиссаи нутқи дигар хизмат мекунанд [2, 65].

Ҳангоми таҳлили истилоҳоти демографӣ дар забони англисӣ пасвандҳои зерин муайян карда шуданд:

1) пасвандҳои исмсоз: ***-or (-er):*** *doctor – духтур (врач); teacher - муаллим (учитель);* ***-ee:*** *trustee - шахси мӯътамад (доверенное лицо);* ***-ity:*** *conjugality - заношӯӣ, ақди никоҳ доштан (супружество);* ***-ing:*** *ageing - пиршавӣ (старение);* ***-tion (sion, -ation):*** *migration - муҳоҷират (миграция);* ***-ent/-ant:*** *descendant - меросхӯр (наследник);* ***-ist:*** *colonist - мустамликадор, муҳоҷир (колонист, поселенец);* ***-cy:*** *aristocracy - табақаи ашрофҳо (аристократия);* ***-ency/ancy:*** *residency - ҷои истиқомат (местожительство);* ***-ment:*** *abandonment - аз зану кӯдак дасткашӣ (оставление жены, ребенка);* ***-man:*** *spokesman - намоянда (представитель);* ***-age:*** *orphanage - ятимӣ (сиротство);* ***-hood:*** *motherhood – модар (материнство);* ***-ress:*** *actress - хунарманди театру кино (актриса);* ***-ry:*** *dentistry духтури дандон (стоматолог);* ***-ship:*** *friendship - дӯстӣ (дружба)[4, 35];*

2) пасвандҳои сифатсоз**:** ***-ive:*** *native – таҳҷоӣ (местный, родной);* ***-ic:*** *demographic - демографӣ (демографический);* ***-less:*** *childless - бефарзанд (бездетный);* ***-ous:*** *consanguineous - ҳамхунӣ, хешу таборӣ (родственный, единокровный);* ***-able (-ible):*** *reliable – шахси эътиборнок - (надежный человек);* ***-ed:*** *divorced - талоқшуда (разведенный);* ***-al:*** *national - миллӣ (национальный);* ***-il (-ile):*** *sterile - бенасл, безурёт (бесплодный);*

3) пасвандҳои феълсоз: ***-ize:*** *finalize - танзим кардан (урфу одат) (урегулировать (обычай);* ***-ate:*** *populate - аҳолинишин кардан (населять)[2, 68];*

Дар забони тоҷикӣ ҳангоми ташкили истилоҳоти демографӣ сермаҳсултарин суффиксҳо инҳоянд:

1) пасвандҳое, ки аз исм исми дигар месозанд: ***-ӣ:*** *хушбахтӣ - happiness (счастье);* ***-гар:*** *савдогар - merchant (торговец);* ***-чӣ:*** *шикорчӣ - hunter (охотник);* ***-а:*** *шоира - poet (поэтесса);* ***-гоҳ:*** *иқоматгох - residence (местожительство) [4, 73];*

2) пасвандҳое, ки аз исм ва сифат сифати дигар месозанд: ***-ӣ(-гӣ, -вӣ):*** *оилавӣ - family (семейный);* ***-нок:*** *саводнок - educated (образованный) [2, 37].*

Ҳангоми калимасозии пасвандӣ дар забонҳои муқоисашаванда пасванд метавонад:

а) ё бевосита ба морфемаи решагӣ пайваст шаванд:

- дар забони англисӣ:

contraction - ақди никоҳ бастан (заключение брачного контракта); consanguinity - хешутаборӣ (кровное родство, единокровность); conjugality - заношӯӣ, издивоҷ, ақди никоҳ доштан (супружество)[5, 94] ва ғ.;

- дар забони тоҷикӣ:

пир+она - aged (старческий); мард+ӣ - manliness, manhood (мужественность); кудак+ӣ - childhood (детство); бача+гона - children's

(детский); ёрдам+чӣ - assistant (помощник, ассистент); чарм+гар - leather-dresser (кожевник); оҳан+гар - blacksmith (кузнец); маслиҳат+гар – adviser (советник, консультант); мадад+гор - helpmate (помощник); хизмат+гор - servant (прислуга); харид+ор - customer (покупатель) ва ғ.;

б) ё пайдарҳамии муайяни ду ё зиёда пасвандҳоро ташкил диҳанд:

- дар забони англисӣ:

tradition - traditional - traditionalism - пайравӣ ба урфу одат (приверженность к традициям); home - homeless - homelessness – бехонумонӣ (бездомность, беспризорность); child - childless - childlessness – бефарзандӣ (бездетность) [6, 98] ва ғ.

- дар забони тоҷикӣ:

маҳал+чи+гӣ - group interests (местничество); нигаҳ+бон+ӣ - care, nursing (уход); чинак+чӣ - picker (сборщик (хлопка); савдо+гар+ӣ - trade, shopkeeping (торговля) ва ғ *[7, 33].*

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳо ба асоси калимаҳо пайваст шуда, ҳамчунин мафҳумҳои дигарро ташкил мекунанд, мисол, пасвандҳои: *-вар, -гор (-гар): шино+вар (аз исми шино - swimming (плавание) - swimmer (пловец); омӯзгор (аз асоси феъли замони ҳозираи омӯз - teach (учи) – teacher (учитель); хостгор (аз асоси феъли замони гузаштаи хост – wanted (хотел) - matchmaker (сват)[2, 68];*

б) пайвастшавӣ ба асосе, ки дар ҳолати муосири забон мустақилона истифода намешавад:

- дар забони англисӣ:

father - падар (father); mother - модар (mother); beloved - маъшуқа, дӯстдошта (возлюбленный, желанный); celibacy - безанӣ (обет безбрачия); infant - кӯдак (младенец); doctor - духтур, табиб (врач); marital - никоҳӣ, заношӯӣ (брачный); funeral - ҷаноза (похороны); survive - зинда мондан (пережить); certificate – шаҳодатнома [8, 56].

Дар забони тоҷикӣ чунин ҳолатҳои истифодабарӣ бо истилоҳоти демографӣ во намехӯранд.

Дар ҳолати охирон мансуб донистани калима ба усули пасвандӣ дар асоси тартибу қоидаҳои махсус коркардашуда иҷро карда мешавад.

Қисми асосии калимаҳоро дар забони англисӣ калимаҳои якпасвандӣ ташкил медиҳанд: *farmer - деҳқон (фермер); maternity – меҳри модарӣ (материнство); ageing - пиршавӣ (старение); habitant - сокин, бошанда (житель, обитатель); dwelling - ҷои истиқомат (жилище); inheritance – меросӣ (унаследование); jobbing - кори тасодуфӣ ё муваққатӣ (случайная или временная работа)[2, 68].* Дар забони тоҷикӣ: *омӯз+гор - teacher (учитель); миз+бон - host (хозяин, хозяйка); нон+вой - baker (булочник); сар+вар - director (директор); хоб+гоҳ - hostel (общежитие); падар+она - paternal (отцовский)* ва ғ.

Қолабҳои асосии калимасозӣ тавассути пасванд дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ *R+S* мебошад, ки *R* – морфемаи решагӣ, *S* – пасванд мебошад. Ҳамагӣ дар маводҳои ҷамъоварда 24 қолабҳои пасвандӣ барои ташкили истилоҳоти демографӣ дар забони англисӣ ва 18 қолабҳои пасвандӣ барои ташкили истилоҳоти демографӣ дар забони тоҷикӣ.

Ҳангоми таҳлили истилоҳоти демографӣ дар забони англисӣ пасвандҳои зерини исм муайян карда шуданд: *-or (-er), -ness, -ee, -ence, -tion (-sion, -ation), -ent/-ant-, -ing, -ist, -ency/ancy, -ment, -man, -age, -hood, -ress, -ry, -s, -ship, -ism:*

bigamist - дузана, душавҳара (двоеженец, двумужница); chemist - кимиёгар, доруфуруш (аптекарь, фармацевт); columnist - воқеанигор, шореҳ (корреспондент, обозреватель); copyist - нусхабардор (переписчик, копирующий); descendant – меросхӯр (наследник); accountant - муҳосиб (бухгалтер); occupant/resident - сокин, бошанда (житель, жилец); infant - навзод (новорожденный); migrant - мусофир (мигрант); dependant - нонхӯр, нафақахӯр (иждевенец); habitant - сокин, бошанда (житель, обитатель); pregnant - ҳомила (беременная) [2, 47];

Дар забони тоҷикӣ гурӯҳбандии пасвандҳо аз рӯи маъное, ки онҳо ба исм медиҳанд, сурат мегирад. Намудҳои зерини исмҳоро ҷудо мекунанд:

а) исмҳое, ки шахсро ифода мекунанд бо пасвандҳои *–чӣ, -гар, -гор, -бон, - ор*:

иқтисод+чӣ - economist (экономист); трактор+чӣ - tractor-driver (тракторист); ҳалво+гар - master, who prepares khalva - a kind of sweet (мастер, изготавливающий сладости); савдо+гар - trader (торговец); кор+гар - worker (рабочий); тарбият+гар - educator (воспитатель, педагог); варзиш+гар - sporsman (спортсмен); хизмат+гор - servant (прислуга); хост+гор - match-maker (сват, сваха); талаб+гор - propose smb. to smb. as a wife or husband, one who wishes something very much (сватающийся, сильно желающий); дид+бон - guard (охрана); нигаҳ+бон -protector, defender (охраняющий); харид+ор - customer (покупатель); парast+ор - nurse/trustee; (нянька, опекун).

б) исмҳое, ки ашёро ифода мекунанд бо пасвандҳои *–она, -ёна, -гоҳ*:

моҳ+она - wage (зарплата); ид+она -festive (праздничный); шоди+ёна – thanksgiving (благодарение); тӯ+ёна - present/gift (подарок); ором+гоҳ - cemetery (кладбище); амон+гоҳ - safe place (безопасное место); хилват+гоҳ - lonely place (пустынное, отдаленное место).

в) исмҳое, ки ҷои ашёро мефаҳмонанд бо пасвандҳои *–гоҳ, -истон, -иш+гоҳ*:
4. Ещё материнское молоко на губах не обсохло.- Аз дахонаш буи шир меояд.- My mother's milk is still wet on my lips. To be wet behind earth.

Данная пословица состоит из четырёх знаменательных слов в русском языке, из четырёх знаменательных слова в таджикском и из шести слов в английском языке.

5. Тот, кто обижает людей, всем противен.- Аз дилозор худо безор.- The one who offends people is disgustings to everyone.

6. От веры отступай, а с пути своего не сворачивай.- Аз дин гарду аз рох не.- Depart from the faith and do not turn away from your path.

7. У кривого и тень кривая.- Аз дарахти рост сояи кач намеафтад.- The curve and shadow have a curve.

8. От змей-змееныш, от скорпиона скорпион.- Аз каждум - каждум меруяд аз мор - мор.- From snakes snake of a Scorpion Scorpion.

9. Если враг твой подобен мухе, не считай его меньше слона.- душманат гар Паша бошад, камтар аз филаш салон.-If your enemy is like a fly, do not consider him less than a elephant.

10. Своя кукурузная лепешка лучше чужого плова.- Аз оши кас ноги загораи худ без.- Your own corn tortilla is better than someone else's pilaf.

11. Мужчина не изменит своему слову, лев не свернёт со своего пути.- Мард аз суханаш, шер аз рохаш бар намегардад.- A man will not change his word, a lion will not go out of his way.

12. Муравей у себя дома имеет власть царя Соломона.- Мурча дар хонаи худ хукми Сулаймон дорад.- The ant at home has the power of king Solomon.

13. Позор хуже смерти.- Номус бадтар аз марг аст. The shame is worse than death.

14. Лентяй, как увидит осла, пешком не хочет идти.- Танбал харро бинад, пиеда рох намегардад.- Lazy like to see the donkey, does not want to go on foot.

15. Золото в огне, а человек в труде узнаются - Тилло дар оташ, одам дар мехнат маълум мешавад.- Gold in the fire, and man in labor are recognized.

17.Дитя не плачет - мать не разумеет.- То бача гиря накунад, модараш шир намедихад.- The child does not cry- the mother does not understand.

18. Пока не станешь отцом, не оценишь отцовства.- То падар нашави, кадри падарро намедони.- Until you become father, you don't appreciate fatherhood.

19.Какова мать, таковы и детки.- модар чигуна духтар намуна- like mother, like children.

20.Родители трудолюбивы, и дети не ленивы - волидони меҳнатдӯстро фарзандонаш танбал нестанд - Parents are hardworking and children are not lazy.

Итак, можно делать вывод, что все пословицы, которые представлены на трёх языках имеют, единую семантику, хотя структура разная.

Литература:

1. Даль В. И. Пословицы русского народа. – М.,1993.
2. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва хусни баён. – Душанбе: Маориф, 1986. – 136 с.
3. Маджидов Х. Лексико-семантические особенности глагольных фразеологических единиц современного таджикского языка: Автореф. дисс. канд. филол. наук. – Душанбе, 1968. – 27 с.

Ключевые слова: *пословицы и поговорки, грамматические и семантические особенности, сопоставления, лингвистические особенности, словарь народных выражений.*

Аннотатсия

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ҲАМЧУН ЯК ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ СИСТЕМАҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ, ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола муаллиф зарбулмасалу мақолҳоро бо се забони сохтории мухталиф баррасӣ мекунанд. Муқоиса ва баррасии зарбулмасалу мақолҳо дар се забони сохти мухталиф диққати моро ба типология ҷалб мекунад, яъне муқоисаи чӣ гуна ва чӣ гуна интиқол ёфтани хусусиятҳои сохторӣ, грамматикӣ ва маъноӣ.

Калидвожаҳо: *зарбулмасал ва мақолҳо, хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноӣ, муқоиса, хусусиятҳои лингвистӣ, луғати ибораҳои халқӣ.*

Annotation

PROVERBS AND SAYINGS AS A COMPONENT PART OF THE RUSSIAN, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGE SYSTEMS

In the article, the authors examine proverbs and sayings in three differently structured languages. Comparing and examining proverbs and sayings in three differently structured languages, our attention draws to typology, that is, comparison of how and how structural, grammatical and semantic features are conveyed.

Key words: p*roverbs and sayings, grammatical and semantic features, matching, linguistic features, dictionary of folk expressions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳматова Гулнора, магистранти соли якуми таҳсил дар кафедраи забони муосири русӣ ва забоншиносии умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 000094606

Роҳбари илмӣ: Мирганова Нигина Рауфовна, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи забони муосири русӣ ва забоншиносии умумӣ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Сведение об автора: Рахматова Гулнора, магистрантка первого года обучения кафедры современного русского языка и общего языкознания ТГПУ им. С.Айни. Тел.: +992 000094606

Нучный руководитель: Мирганова Нигина Рауфовна, к.п.н., доцент, зав. кафедрой современного русского языка и общего языкознания ТГПУ им. С.Айни.

About the author: Rahmatova Gulnora, Master of the 1st year of study at the Department of Modern Russian Language and General Linguistics of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: +992 000094606

Scientific advisers: Mirganova Nigina Raufovna, Ph.D. the head of the Department of Modern Russian Language and General Linguistics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

Гирдонова Саида,
магистрантка второго курса факультет русского языка и литература

АДЪЕКТИВНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ С ИМЕНЕМ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫМ В «ДАТЕЛЬНОМ ПАДЕЖЕ»

Словосочетания с именем прилагательным в роли главного слова и зависимым компонентом именем существительным бывают:

1) беспредложные (например: *достойный похвалы, доступный читателю, довольный ответом*), зависимое слово имеет форму дательного падежа;

2) предложные (например: *свободный от гнета, способный к музыке, готовый на подвиг, ласковый с детьми, смелый в бою*); зависимое слово имеет форму разных падежей [1];

Как отмечают исследователи, дательный падеж среди других косвенных является наиболее целостным по своему значению. А. М. Пешковский справедливо утверждал, что дательный падеж в сущности «имеет только одно значение, именно то, которое принято называть значением дальнейшего объекта, или косвенного объекта (можно и «побочного» объекта)» [2].

Это значение обнаруживается и в адъективных словосочетаниях с зависимым именем существительным в форме дательного падежа без предлога. В них признак, обозначенный именем прилагательным, дополняется указанием на лицо или предмет, в отношении которого он (признак) проявляется, а следовательно, выражаются объектные отношения с оттенком ограничительного значения: *нужный заводу, известный школьникам, покорный судьбе, пропорциональный росту.*

Среди рассматриваемых словосочетаний, несмотря на общность выражаемых отношений, выделяются две основные группы, которые различаются как по употребительности, так и по некоторым особенностям, присущим каждой из них 3].

Первую группу составляют наиболее широко употребительные словосочетания, образуемые именами прилагательными различных лексических разрядов и по значению совпадающие с соответствующими предложными словосочетаниями (ср.: *нужный брату* и *нужный для брата).*

Примеры из классической литературы:

Сограждане! для поддержания ваших прав, *драгоценных* моему *сердцу,* я сам себя предлагаю в кандидаты *(Карам.*); В конце 1811 года, в эпоху *нам достопамятную,* жил... *(Пушк.*); - Чаятельно, за *неприличные* гвардии *офицеру* поступки, - продолжал неутомимый вопрошатель *(Пушк.*); Ее... походка имела в себе что-то девственное,ускользающее от определения, но *понятное взору (Лерм.*).

В ходе дальнейшего развития русского литературного языка употребительность словосочетаний с существительными в дательном падеже не снижается. Напротив, словосочетания этой модели принадлежат к числу наиболее распространенных. При этом заметно расширился, стал разнообразнее самый круг имен прилагательных, образующих такие сочетания. Устойчивость рассматриваемой модели примечательна, если учесть, что наряду с ней продолжают распространяться в русском языке и синонимичные модели словосочетаний с существительными в родительном падеже с предлогом *для:*

В рассматриваемой группе словосочетаний имя прилагательное нередко распространяется местоимениями *весь, каждый, всякий* в форме дательного падежа (самостоятельно или в сочетании с существительными в этом падеже): *всем известный, известный всему городу, понятный всякому, приятный каждому школьнику.*

Хотя сочетания рассмотренной группы и образуются прилагательными различных лексических разрядов, все же обращает на себя внимание тот факт, что словосочетания с прилагательными *свойственный, знакомый* и *известный* резко выделяются среди остальных в количественном отношении, по частоте употребления [3].

Менее распространенной в современном русском литературном языке является вторая группа словосочетаний с существительным в дательном падеже без предлога. В нее входят словосочетания, не допускающие, в отличие от первой группы, параллельного употребления с предложно-именными сочетаниями. Как правило, в этой группе находим прилагательные, словообразовательно (общностью корня) связанные с глаголами и полностью повторяющие структуру соответствующих глагольных словосочетаний *(покорный ему - покориться ему; подобный Петрову - уподобиться Петрову).* Словосочетания этой группы (как и приведенной

выше первой группы) представлены довольно многочисленными примерами уже в произведениях конца XVIII - начала XIX в.:

Сравнение словосочетаний первой и второй групп позволяет сделать ряд наблюдений как в отношении их особенностей, так и в отношении их связи и взаимодействия.

Эти группы разграничиваются, как мы видели, прежде всего но наличию при одних словосочетаниях (первая группа) параллельных предложных словосочетаний и отсутствию последних при других (вторая группа). Возможность параллельного употребления в современном русском языке предлога *для* с родительным падежом и беспредложного дательного падежа отмечалась исследователями, хотя применительно к прилагательным и не получила достаточного освещения. А. Х. Востоков в своей «Русской грамматике», рассматривая сочетания беспредложного дательного и *для* с родительным падежом при различных частях речи, приводит ряд примеров, свидетельствующих о параллельном употреблении этих двух конструкций и при именах прилагательных.

Действительно, **в** адъективных словосочетаниях эта «конкуренция» уже к началу XIX в. выступает совершенно отчетливо и очевидно, охватывая весьма широкий круг имен прилагательных.

Об этом свидетельствуют такие примеры из произведений Карамзина:

1. Он издает ныне Переписку фамилии Друга Детей, *приятную и полезную молодым людям.*

Каждый год выдает ока большой том сочинений своих, *полезных для Ученого, приятных для любопытного.*

2. Тут же представлен и сей *любезный англичанам* король.

В.игре ее обнаруживается какая-то нежная томность, которая делает ее *любезною для зрителя.*

Число примеров, иллюстрирующих параллельное употребление дательного беспредложного и родительного падежа с предлогом *для* в адъективных словосочетаниях, легко может быть умножено. Адъективные словосочетания, в которых представлены имена прилагательные, допускающие употребление их и с дательным н с родительным падежом с предлогом *для,* широко представлены, как это уже отмечалось, и у Жуковского, Пушкина, Лермонтова, и у последующих писателей XIX в., и у писателей современных. Однако выделяются и такие прилагательные, которые, распространяясь существительными в дательном надеже без предлога, не сочетаются с предлогом *для* и родительным падежом и по этому признаку отнесены ко второй группе рассматриваемых словосочетаний.

Единичны случаи, когда такие адъективные словосочетания, выражая те же объектные отношения, что и соответствующие глагольные, отличаются от них формой зависимого слова. Таковы, например: *благодарный другу* (но *благодарить друга); послушный зову* (но *послушаться зова, послушаться отца).*

Таким образом, для второй группы рассматриваемых словосочетаний характерны имена прилагательные, соотносительные с такими глаголами, которые сочетаются с беспредложным дательным падежом. Связь прилагательного с зависимым от него существительным (местоимением) здесь весьма тесная, прочная. Несмотря на то что многие прилагательные (например: *покорный, противоположный, верный* и др.) могут употребляться и абсолютивно, они встречаются преимущественно в сочетании с существительными (местоимениями) в дательном падеже.

Таким образом, имена прилагательные, словообразовательно и семантически связанные с глаголом и представленные в первой группе словосочетаний, неоднородны: среди них выделяются такие, которые в рассматриваемом отношении сходны с прилагательными, характерными для нашей второй группы словосочетаний (ср.: вредный кому - чему? и покорный кому - чем у?). Следовательно, в отношении связи имен прилагательных с глаголами граница между первой и второй группами рассматриваемых словосочетаний оказывается подвижной, свидетельствуя о сложном взаимодействии грамматических, лексико-грамматических и семантических факторов в построении словосочетаний в современном русском языке.

Литература:

1. Валгина Н. С., Розенталь Д. Э., Фомина М. И. Современный русский язык: Учебник / Под редакцией Н. С. Валгиной. – М., 2001.
2. Пешковский А. М. Русский синтаксис в научном освещении. - Изд.7. – М., 1956.
3. Русская грамматика. Т.27. – М., Наука, 1982.

Ключевые слова: *дательный падеж, объектные отношения, употребительность, устойчивость, предложные словосочетания.*

Аннотатсия

ИБОРАҲОИ СИФАТИИ БО ИСМИ ДАР ШАКЛИ «ДАТЕЛЬНЫЙ ПАДЕЖ» ИСТОДА

Дар ибораҳои адъективии бо исми дар шакли «дательный падеж» истодаи бе пешоянд аломати бо сифат ифодашуда, ба шахс ё предмете дахл дорад, ки нисбати он ин аломат зоҳир шуда, муносибати объективӣ бо тобиш ифода мешавад.

Калидвожаҳо: «*дательный падеж», муносибати объективӣ, истифодабарӣ, устуворӣ, ибораҳои пешояндӣ.*

Annotation

ADJECTIVAL PHRASES WITH A NOUN IN THE «DATIVE CASE»

In adjectival phrases with a dependent noun in the form of a dative case without a preposition, the sign indicated by the adjective name is supplemented by an indication of the person or object in relation to which it (the sign) manifests itself, and therefore, object relations are expressed with a shade of restrictive meaning

Keywords: *dative case, object relations, useability, stability, prepositional phrases.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Гирдонова Саида, магистранти соли дуюми факултаи забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Газиева М.

Сведения об авторе: Гирдонова Саида, магистрантка втарого курса факультета русского языка и литературы ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: Газиева М.

About the author: Girdonova Saida, 2st year master student of the Faculty of Russian Language and Literature, S. Aini TSPU.

ГУЛШАНИ АДАБ

Холмуродов Истаммурод,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ҲАЗОРОН МАРЗИ ДИЛ ТАСХИР КАРДАСТ

Алӣ Бобоҷон аз зумраи он адибонест, ки умри хешро дар роҳи хидмат ба адабиёт бахшида, дар густариш ва инкишофи назму насри калонсолону бачаҳо саҳми арзанда дорад. Барои тақвияти ин гуфтаҳо моро зарур аст, ки саҳифае аз рӯзгор ва фаъолияти пурбори адибро варақгардон намоем.

Шоир ва рузноманигори бомаҳорат, Алӣ Бобоҷон 10-уми феврали соли 1936 дар маҳаллаи Гумбазаи шаҳри Конибодом чашм ба олам кушодааст. Соли 1959 пас аз хатми факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ), фаъолияташро дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» оғоз намуда, пайваста шеърҳои шогирдонааш бо тавсияи устодон дар матбуотҳои даврӣ рӯи чоп меомад. Фаъолияти назаррасӣ ӯро дар самти журналистикаи тоҷик ва табъи суханвариашро ба назар гирифта, нашриётҳои гуногуни кишвар ба кор даъват мекарданд. Ҳамзамон, шоир муддате корманди илмии Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ (имрӯза АМИТ) шуда, кору фаъолият намудааст. Аввалин чакидаҳои хомаи ӯ дар миёни солҳои панҷоҳуми қарни гузашта дар маҷаллаҳои гуногун ба табъ расидааст. Замоне, ки силсилашеърҳояш ба зевари табъ расид, ӯ дар як муддати кӯтоҳ миёни аҳли илму эҷод ҳамчун шоири ҷавону боистеъдод ва донишманду сергайрат шинохта шуд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо, ба ёди кас суханони шоири маҳбуб Муҳиддин Фарҳад пеши назар ҷилва мекунад, ки ҳаққи ӯ мегӯяд: «Ман шоири соҳибистеъдод ва боғайрат Алӣ Бобоҷонро аз охири солҳои панҷоҳум инҷониб мешиносам ва нашъунамои эҷодии ӯ дар пеши назарам ба вуқуъ омад» [2, 6]. Бояд зикр кард, ки ин ҷумлаҳо арзандатарин баҳо ба эҷодиёту фаъолияти Алӣ Бобоҷон мебошад.

Алӣ Бобоҷон дар назму наср маҳорати хуби нигорандагӣ дошта, муаллифи зиёда аз 30 китобҳои гуногунжанру мухталифмаъно, мақолаю очерк, шеъру ҳикояҳои барои кӯдакону калонсолон ва баёзу тазкираҳои дастаҷамъона мебошад. Аз ҷумла, барои кӯдакону наврасон ва ҷавонони илмдӯсту худогоҳ китобҳои «Бачаҳои хуб» (1963), «Мусича» (1965), «Парвози орзу» (1971), «Некӣ ба некӣ» (1975), «Осмондара» (1981), «Зардолуи маҳтобӣ» (1988), «Атри кӯҳистон» (1993), «Алифбои парандаҳо» (2013) ва ғайраро ба қалам овардааст [2, 59].

Алӣ Бобоҷон барои шеърҳои ба кӯдакон сурудааш борҳо ғолиби озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ гардидааст. Ҳамчунин, Алӣ Бобоҷон яке аз таронасароёни варзидаи кишварамон мебошад ва зиёда аз панҷоҳ сол мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо бастакорону мутрибони ҷумҳурӣ дар рушду равнақи жанри суруди миллӣ заҳмат кашидааст.

Қисми зиёди шеърҳои ба бачагон бахшидаи ин шоири некэҷод дар як қатор маҷмӯаҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо забонҳои русию украинӣ, белорусию ӯзбекӣ, арманию озарӣ, қазоқию қирғизӣ, эстонию лотинӣ ва ғайра тарҷумаву чоп шудаанд.

Бояд зикр кард, ки маҷмӯаҳои шеъру асарҳои насрии шоир Алӣ Бобоҷон дорои аҳамити муҳими тарбиявӣ – ахлоқӣ мебошанд. Маҷмӯаҳои шеърии «Гули бодом» (1966), «Мавҷи сурур» (1973), «Нилуфар» (1980), «Намаки зиндагӣ» (1986) ва асарҳои насрии шоир, ки фарогири ҳикоёти воқеӣ, очеркҳои ҳуҷҷатӣ ва мақолаҳои публисистиянд дар китобҳои «Домулло Азизов» (1970), «Нахустқаҳрамони тоҷик» (1979), «Тоҷикистони ман» (1983), «Чароғи Ӯялӣ» (дар ҳаммуаллифӣ, соли 1966), «Соҳибҳунар» (1998), «Писархонди алоқачиён» (1999), «Конибодом» (дар 2 ҷилд), «Меҳрпайванд» (дар 2 ҷилд соли 2012) ва ғайра интишор ёфта, аз маҳорати хуби шоирӣ ва нависандагии ӯ дарак медиҳад.

Шоир дар аксари жанрҳои шеърӣ дар мавзӯъҳои хеле муҳими ҷомеа, аз ҷумла, меҳри Ватан, Модар, падар, дӯстӣ, ҷавонмардӣ, муҳаббат ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, вафодорӣ, табиатдӯстӣ ва ғайра таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, алоқаманд ба он асарҳо навишта, маҷмӯаҳои ашъори худро ба нашр расонидааст. Ӯ аз нахустин солҳои машқи шеър намуданаш дар таълифоташ маъниҳои навро ба кор мебурд. Дар роҳи ҷустуҷӯи эҷодӣ пайваста мекӯшид то дар ашъораш ба тақлидкорӣ, такрори мавзӯъ, умумигӯӣ роҳ надиҳад, ва беш аз пеш сабки эҷодиёти худро пайдо намояд. Алӣ Бобоҷон тавонист, ки мавзӯъҳоро табиию таъсирбахш, содаю фаҳмо ва бо эҳсоси амиқ тасвир карда, сабку услуби худро дар майдони адабиёт дарёбаду

нигоҳ дорад. Услуби хосу дилчасп ва мӯъҷизабаёнӣ бештар дар шеърҳои хурди ӯ, аз ҷумла, дубайтӣ, рубоӣ, қитъа ва ғазалиёти шоир ба чашм мерасад.

Азбаски, ӯ ҳамчун рӯзноманигор бисёр ба сафар мебаромад, мавзӯи ашъорашро дар роҳи сафар аз ҳаёти ҳамарӯзаи мардум меофарид. Ба ин хотир дар навиштаҳояш пайваста ҳақиқати зиндагии мардум, маънии кору рӯзгор ва пайкори онвақтаи халқ инъикос ёфтааст. Шоир дар ҳар мавриди эҷодӣ – хоҳ шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, хоҳ дар шеърҳои ба мавзӯи ишқ сурудааш бошаду хоҳ дар асарҳои ҳаҷвии барои бачагон таълиф намудааш, ҳамеша ба рӯҳияи замон мутобиқ ва мувофиқ меофарид. Зеро ӯ пайваста дар ҷустуҷӯ буда, андешаҳои рангин дошт. Ба нозукбаёниву равшанфикрӣ ва шоири тавоно будани Алӣ Бобоҷон шоир М.Фарҳад чунин мегӯяд, ки: «Алӣ Бобоҷон ҳамеша мекӯшид, ки мавзӯъҳои нав ва муфид пайдо кунад, суханҳои образнок ва бамаврид ёбад, аз ҳар ибора ва ифодаи шоирона дуруст истифода барад» [2, 6] ва инчунин дар ҷои дигар, доир ба забони равону сода ва мавзӯъҳои наву замонавӣ, истифодаи ибораҳои нав ба нав, вазну қофияи солим ва забони пухта ва фасеҳи шоирро махсусан, қайд намуда, мегӯяд, ки «Шоир Алӣ Бобоҷон дар ҳар мавзӯе, ки шеър менависад, дар зимни тафаккури дақиқу мазмуни амиқ ба низому мароми сухан, ба хушоҳангии калимаву ибора, ба вазну қофияи солим диққати махсус медиҳад. Арӯзи мушкилписанду фиребандаро бо тамоми нозукиҳояш ҳифз кардааст» [2, 6].

Вақте дафтари ашъори шеъру достон ва манзумаҳои ашъори солҳои охири шоир Алӣ Бобоҷонро варақ мезанем, аз пешрафту тозагӯиҳои шоир шаҳодат медиҳад. Барои мисол, маҷмӯаи «Намаки зиндагӣ» – и шоир Алӣ Бобоҷонро мегирем, ки гулчини ашъори дар солҳои гуногун навиштаи ӯро фаро мегирад, ки дар он аз муваффақиятҳои Тоҷикистони азиз, васфи манзараҳои кӯҳистон, дӯстиву бародарӣ, меҳнати деҳқон, ҷавонӣ ва муҳаббат ҳикоят мекунад. Забони шеъри Алӣ Бобоҷон чунон содаву равон мебошад, ки хонанда бо як мутолиа аз худ мекунад. Ҳоло бошад, барои намуна чанде аз шеърҳои шоирро, ки дар маҷмӯаи зерин гирдоварӣ шудааст, манзури хонандагон менамоем.

Масалан, шоир бузургии модарро дар ғазали «Бақои модар» хеле самимонаю зебо баён кардааст:

Бар чашми мо, ки дорад нуру сафои модар,
Чун офтоби ховар тобад лиқои модар.
Ҳастии хеш бе мо кай мекунад тасаввур,
Фарзанд ҷавҳари ҷон бошад барои модар.
Гӯянд аҳли маънӣ: ҳар чизро ҳудудест,
Оё ҳудуд дорад меҳру вафои модар?!
Бунёди одамият бе ӯ бақо надорад,
То зиндагист боқӣ, бодо бақои модар [1, 91].
Аз ҷумла дар васфи падар низ овардааст:
Чашмҳои аз муҳаббат пуршарар дорад падар,
Синаи монанди оташ шӯълавар дорад падар.
Дар вуҷудаш заррае номардумӣ мавҷуд нест,
Ҷуз ҷавонмардӣ куҷо фикри дигар дорад падар.
Баҳри иқболу саодат дар набарди зиндагӣ,
Аз сари ҷони азизи худ гузар дорад падар [1, 76].

Ҷои дигар дар васфи бузургиву шевоии забони модарӣ ва таърихи тӯлонии беш аз ҳазорсолаи он ва ҳамеша забони шеъри Рӯдакию Фирдавсӣ, Синову Низомӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ буданаш хеле ҳам зебо мегӯяд:

Забони мо чу дарёи дамон аст,
Ба қаъраш гавҳари тобон ниҳон аст.
Забони тезу бурротар зи алмос,
Силоҳи ҷовидони тоҷикон аст.
Забони безаволи «Шоҳнома»,
Забони дар фасоҳат достон аст.
Забони шаҳасарҳои Низомӣ,
Насими «бӯи ҷӯи Мӯлиён» аст.
Забони хомаи Синои оқил,
Забони ҳоли Шарқи бостон аст.
Навои андалеби табъи Ҳофиз,

Каломи Саъдии ширинзабон аст.
Шунав лафзи Камоли нуктадонро,
Ки софу тоза, чун оби равон аст.
Забони модари дилбанди Дониш,
Нидои Айниш оташбаён аст.
Ҳазор оҳанги нотакрор дорад,
Забони «Шашмақом» – и ҷовидон аст.
Забон ояд ба кас бо шири модар,
Забони модарӣ ҳамсанги ҷон аст [1, 27].

Аз нигоҳи А.Бобоҷон, деҳқонӣ бисёр касби пурмашаққат ва пуршараф мебошад, ки дар ашъорӣ шоирони мо зиёд тараннум ёфтааст, вале шоир бо тасвироти зебову дилчасп ба ин мавзӯъ куллан нигоҳи нав намуда, хеле шоирона ба тасвир мекашад. Масалан:

Маро шукрест аз дастони деҳқон,
Тараннум мекунам даврони деҳқон.
Шиносад хуб авзои заминро,
Чӣ мизоне бувад чашмони деҳқон.
Ба рӯи дӯстон, ҳамчун дари дил,
Кушода суфраи эҳсони деҳқон.
Яқин донам, лаби нони дигар нест,
Ҳалолу поктар аз нони деҳқон [1, 52].

Ҷои дигар шоир андарсифати дӯст ва дӯстӣ ба маврид мефармояд:

Дил баҳористон шавад аз партави рухсори дӯст,
Ҷон физояд аз нишоти дидани дидори дӯст.
Занги дилро мезудояд сӯҳбати ширини ӯ,
Сархушам дар зиндагӣ аз нашъаи гуфтори дӯст.
Ёри ҷониро, Алӣ, дар мағзи ҷон мепарварам,
Нур гирад дидаам аз дидани дидори дӯст [1, 150].

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, Алӣ Бобоҷон аз шоирони таронанавис буда, бо оҳангсозону сарояндагон пайваста ҳамкории эҷодӣ дошта дар ин самт низ хизматҳои назаррас дорад. Шоир мусиқиро дӯст медорад ва сурудхояшро дониставу санҷида менависад, ки он зуд ба қалби шунаванда ҷой мегирад. Алӣ Бобоҷон бештар дар офариниши шеъру сурудхояш аз ҳаёти рӯзмарраи одамон, рӯзгори ибратангези шахсони наҷиб, пешрафту зебоиҳои диёр илҳом мегирад. Сурудҳои зиёди шоир, ки аз ҷониби сарояндагони шинохта суруда шудааст, имрӯз дар фонди асосии мусиқии телевизион ва радиои тоҷик дохил шудаву ҳифз гардидааст.

Як қисми эҷодиёти Алӣ Бобоҷонро шеърҳои ҳаҷвии ӯ ташкил менамояд. Ӯ дар навиштани ин жанр низ маҳорати хуб дошта, хислатҳои бади одамонро дар ҷомеа тариқи ҳазлу шӯхӣ ифшо месозад. Шоир бештари ҳазлу шӯхиҳояшро бо истифода аз зарбулмасалу мақоли халқӣ хеле зебо баён мекунад ва аслан, таъсири адабиёти шифоҳӣ дар эҷодиёти Алӣ Бобоҷон зиёд ба назар мерасад, ки бо сабку услуби сода навишта шуда, ба сабки шеърҳои халқӣ хеле наздиканд. Барои мисол, дар яке аз дубайтиҳои шоир, ки «Сари кӯҳи баланд» ном дорад, омадааст:

Сари кӯҳе маро гуфтӣ ба ханда:
Саги ҳамсоя бадхашму газанда.
Ман аз ғавғои саг тарсе надорам,
Ҳаросонам зи одамҳои ганда [1, 132].

Хулоса, рӯзгори ибратомӯзи Алӣ Бобоҷон ба мо саҳифаи наверо дар адабиёт боз месозад, ки дар он шеъру таронаҳои марғубу дилнишин ниҳонанд. Пас моро мебояд барои пайдо намудани ин ганҷинаҳои маънӣ саъю талош намоем. Мо ин ҷо наметавонем дар як мақола аз ҳамаи муваффақиятҳои шоир ҳарф зада бошем. Мақсади аз таҳқиқи рӯзгор ва осори ибратомӯзи шоир Алӣ Бобоҷон низ дар ҳамин аст, ки ӯ дар майдони адабиёт барои рушду инкишофи назми калонсолону бачагон дар солҳои охир нақши муассир гузоштааст. Албатта, навиштаҳои мо барои хонандаи азиз ба қавли бузургон «Қатрае аз баҳр» мебошад.

Адабиёт:

1. Алӣ Б. Намаки зиндагӣ: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 400 с.
2. Адибони Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.

Калидвожаҳо: *адиб, шоир, асар, Алӣ Бобоҷон, Ватан, табиатдӯстдор, падар, адабиёт, деҳқон, дӯстӣ, сабк.*

Аннотация

ПОКОРИЛ ПРЕДЕЛЫ ТЫСЯЧА СЕРДЕЦ

В своей статье магистрант представил конкретный пример жизни поета Али Бободжане и его творчества исходя из его произведений.

Ключевые слова: *писатель, поэт, произведение, Али Бободжон, Родина, любитель природы, отец, литература, земледелец, дружба, стиль.*

Annotation

THOUSANDS OF BORDERS CROSSED

In his article on the life of the poet Ali Bobojon and his work, the master's student provided detailed information from the poems of the poet himself.

Keywords: *writer, poet, work, Ali Bobojon, Motherland, nature lover, father, literature, farmer, friendship, style.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Холмуродов Истаммурод, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 988899598

Роҳбари илмӣ: Қурбонов М.

Сведения об авторе: Холмуродов Истаммурод, магистрант второго курса факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Телефон: +992 988899598

Научный руководитель: Курбонов М.

About the author: Kholmurodov Istammurod, 2nd year magistr of the magistracy of the Faculty of Tajik Philology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Telefon: +992 988899598

Ҷураева Муҳаррам,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ЗИКРИ ШОИРОНИ ЗУЛЛИСОНАЙН ДАР ТАЗКИРАИ «ХИЗОНАИ ОМИРА»-И МИР ҒУЛОМАЛИХОНИ ОЗОДИ БИЛГИРОМӢ

Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ яке аз донишмандон ва устодони барҷастаи санъати шеъру шоирӣ буда, аз ҷумлаи ноқидони сухани асри XVIII-и Ҳиндустон мебошад.

Оид ба шарҳи ҳоли ин устоди забардаст дар тазкираи ӯ - «Хизонаи омира» ба таври васеъ маълумот дода шудааст. Инчунин Алиев Г. Ю. дар китобаш «Персоязычная литература Индии» [1], Ғаффоров А. дар мақолааш «Назаре ба адабиёти асрҳои XVIII-XIX урду ва тоҷикзабони Ҳинд» [3], китоби Сайид Алиризо Нақавӣ «Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» [6] ва дар асари Аҳмад Гулчини Маонӣ «Таърихи тазкираҳои форсӣ» [2] -и иттилооти бештар ва муфассалтар дар бораи ҷараёни зиндагии Ғуломалихони Озод ва тазкирааш дода шудааст.

Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ ҳарчанд соҳиби девонҳои ашъори арабӣ ва форсӣ ва як идда асарҳои мансури таърихию адабӣ бошад ҳам, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ва умуман, адабиёти форсизабон пеш аз ҳама ба воситаи тазкираи «Хизонаи омира»-аш ном ва шуҳрат пайдо кардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки шоир дар тазкирааш диққати махсус додааст, ин зикри шоироне мебошад, ки соҳиби ду ва ё зиёда забон буда, бо он шеър ва ё асаре эҷод менамоянд. Шояд сабабаш ин будааст, ки ӯ худ донандаи се забон буд. Чуноне ки ӯ аз маҳорати хуб доштанаш дар шеъри арабӣ сухан ронда, мегӯяд [4, 161]: «Сухани арабиро ба тарзи хос адо мекунам ва бозори афсунхонони Бобул мешиканам. Тӯтии Ҳиндам бо қумриёни Араб дамсоз…ва бо хушнавоёни Ҳиҷоз ҳамовоз. Девони арабии фақир дар Ҳарамайни шарифайн ва билоди Яман ва Миср машҳур аст…»Девони арабии Ғуломалихони Озод дастраси мо нагардида бошад ҳам, абёти ҷудогонаи ашъори арабиашро аз тазкираи «Хизонаи омира»-и адиб мавриди истифода қарор додем. Ӯ дар зери сарлавҳаи «Зикри Фақир Озод» баъд аз баёни шарҳи ҳоли мухтасари худ ва вазъи осори форсияш менависад[4, 182]: «Собиқ гузориш ёфт, ки хомаи фақир аз суханони арабӣ ва форсӣ гаронмоя аст ва дар офтоби маъниравшан соҳиби ду соя ва ин даъво бурҳон металабад, лиҳозо таҳрири ашъори арабӣ ҳам зарур афтод». Баъдан Ғуломалихони Озод 124 байтро аз ашъори арабияш ҳамчун намуна дар ин тазкира ҷой медиҳад. Ғайр аз он, дар таъриф ва таърихи шеърҳои дигарон низ ягон мисрагӣ аз қасидаи арабиаш зикр карда, намуна меорад.

Озоди Билгиромӣ чун ба забони арабӣ дар мадҳи пайғамбар (с) мадҳияҳо сурудааст, лақаби «Ҳассону-л-Ҳинд»-ро соҳиб гашта будааст. Чуноне, ки худи ӯ дар тазкираи «Хизонаи омира»-аш ишора мекунад[4, 5]: «Фақир Озод қасоиди арабӣ ҳафтсад байт дар наъти набавӣ ба назм оварда василаи тақво барои таҳсили шафоат пайдо карда ва лиҳозо таронаи ифтихор месарояд:

Ҷун мадҳи Расул коми ман шуд,
Ҳассон-ул-Ҳинд номи ман шуд.

Ин ҷо ишора ба шоири маъруфи араб Ҳассон ибн Собит шудааст, ки яке аз мамдӯҳони Паёмбари ислом буда, дар давраи Ҷоҳилият ва Садри ислом зистааст.

Сабаби дигари тасаллути хуб доштанаш аз забони арабӣ ин сафараш ба билоди Араб, хусусан ба Маккаву Мадина низ буда метавонад. Чуноне, ки Саид Алӣ Ризоии Нақавӣ менависад[6, 258]: «Озод вақте ки аз Аллоҳобод дар соли 1150 ба Билгиром рафт, шавқи зиёрати Ҳарамайн ва ихтиёри таҷрид, ки аз муддати дар қалби вай мавҷ мезад, якборагӣ ҳуҷум оварда ва дар натиҷа вай дар сеюми рақаби 1150 озими Ҳиҷоз аз Билгиром шуд.

Мир Озод шоирони дузабона ва ё бисёрзабонаро дар тазкирааш ба таври шоиста зикр намудааст. Дар қатори ин навъ шоирони бисёрзабона Абӯсаиди Лоҳурӣ, Исҳоқхон, Ҳофизи Шерозӣ, Ҳазини Исфаҳонӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саъдии Шерозӣ, Заҳири Форёбӣ, Аббоси Марвӣ, Мир Абдулҷалили Билгиромӣ ва худи соҳибтазкира дохил мешаванд.

Аввалин шоири бисёрзабонаеро, ки Озоди Балгиромӣ дар тазкирааш овардааст ин Масъуди Саъди Салмон мебошад, ки ӯро ҳамчун «Зикри Абӯсаиди Лоҳурӣ» ном бурда, чунин гуфтааст [4, 19]: «ӯ мисли ман донои се забон аст ва се девон дорад: арабӣ, форсӣ ва ҳиндӣ ва ман агарчи ду девон дорам, арабӣ ва форсӣ, лекин шеъри ҳиндиро хуб мефаҳмам».

Озод барои намуна дар тазкирааш танҳо як шеъри арабии Масъуди Саъдро аз «Ҳадоиқу-с-сеҳр»-и Рашиди Ватвот оварда, чунин изҳори ақида менамояд [4, 22]: «ва ин ашъор барои маълум кардани улуви рутбаи Масъуд дар иншои шеъри арабӣ кифоя аст».

Озоди Балгиромӣ аз Исҳоқхон ном шоире ёдовар шуда, менависад [4, 157]: «Хушфаҳми дақиқсанҷ буд ва дар насру назми арабиву форсӣ дасте боло дошт». Чуноне ки аз гуфтаи худи Мир Озод бар меояд, ин шоир зодаи Ҳинд буда, он қадар ҳам машҳур набудааст ва «Мардуми ин замон бино бар ҳамасрӣ ин ашхосро медонанд» [4, 157].

Муаллифи тазкира оид ба забондонии Ҳофизи Шерозӣ чунин менависад [4, 254]: «Аз улуми мутадовила бохабар буд, форсӣ ва арабӣ фасеҳ мегуфт». Бо ин сухан аз арабидонии шоир кифоят карда, ягон намунаи ашъор наовардааст.

Озоди Балгиромӣ оид ба маҳорати дузабонагии Ҳазини Исфаҳонӣ ном шоире, чизе ёдовар нашуда бошад ҳам, пас аз овардани тарҷумаи ҳоли мухтасари Ҳазин, ду байти арабии ӯро оварда, бо шеъри

Шайх Баҳоуддини Омулӣ муқоиса мекунад. Пас аз он шеъри арабии ӯро чунин менигорад [4, 281]: «Ва Шайх Ҳазин қасидае дар ҷавоби қасидаи «Ломеату-л-аҷам» мавзун карда, ин панҷ байт аз унвони он аст:

Ё ҳодиюл вурки аҷ билқурбӣ мин талал,
Ва ақра саломӣ сулайми мунтаҳо амалӣ.
Аррасму ва ррашму ва ддороту дорисаҳу,
Лам ябқи фил ҳия мин таллин ва ло талал.
Ъайна алфаариқуллазӣ ло фарқа байнаҳум,
Аҷсомуҳум хулиқат руҳан било сақали.
Айнул ҳубураллатӣ ароъуҳум футиҳат
Абвобу дорул ҳудо каалаъюни ннаҷали.
Айналбудура –латӣ анворуҳо лумиат
Каанори мин аламин фи ссаҳли валҷабалӣ.

Ҷои дигар соҳиби тазкира ҳангоми зикри Хоқонии Шервонӣ чунин менависад [4, 289]: «девони қасоиди Хоқонӣ мин аввала ило охира ба назари иҷмол мулоҳиза карда шуд. Қасидаи айнияи арабӣ дар мадҳи Шервоншоҳ гуфта, ки дар девонаш дохил аст. Ин қасида гувоҳӣ медиҳад, ки дар арабият низ қудрате дошт.»

Дар идома мазмуни як байти Хоқониро баргирифта аз мазмуни шеъри шоири машҳури Араб ал-Мутанаббӣ дониста, ботафсил шарҳ медиҳад[4, 294]:

«Хоқонӣ гӯяд:

Гар маро душман шуданд, ин қавм маъзуранд аз он-к
Ман саҳилам, к-омадам бар мавти авлодалзино.

Асли ин мазмун аз Мутанаббӣ, шоири машҳури араб аст, ки мегӯяд:

Ва тункиру мавтаҳум ва инно суҳайл,
Талъату бимавти авлодиззино.

Тункир сиғаи мухотаб аст ва замири «ҳум» роҷеъ ба ҳассод, ки дар байти собиқ воқеъ шуда. Фақир маънии ин байт он чи аз устодон шунида, ин аст, ки ақсоми карам, ки дар мавсими борон ва набототи навхез пайдо шавад, онҳоро авлодалзино гӯянд ва мавсими тулӯи суҳайл вақти инқизои айёми борон аст. Чун суҳайл тулӯъ кунад, авлодалзино ҳама мемиранд. Воҳидӣ - шореҳи девони Мутанаббӣ дар шарҳи байти мазкур мегӯяд: Вал арабу тазъаму анна суҳайлан изо талаъа вақаъалвабоъу филарзи касаралмавту. Яъне араб эътиқод дорад, ин ки суҳайл вақте ки тулӯъ мекунад, меафтад вабо дар замин ва бисёр мешавад марг. Ва зоҳир аст, ки вабо омм мешавад, махсуси авлодалзино намебошад ва низ суҳайл ҳар сол тулӯъ мекунад ва вабо ҳар сол намеафтад ва мавти авлодалзино ва наботот вақти тулӯи суҳайл ҳар сол ба вуқӯъ меояд. Пас дар сурати мазкур маънии байт дуруст наметавонад шуд.

Воҳидӣ дар шарҳи ин байт қайди хосатан зам мекунад ва мегӯяд: Инна суҳайлун ало авладалзино хосата. Боз ин ҷумларо тафсир ба ҷумлаи дигар мекунад, ки ай аннаҳум ямутун ҳадан, яъне ҳассод мемиранд аз ҷиҳати ҳасад ба ман ва ин тафсир хилофи ғарази Мутанаббӣ аст, чи ғарази ӯ ин аст, ки сабаби мавти авлодалзино таъсири зуҳури ман аст. Ва тафсири мазкур иқтизо мекунад, ки сабаби мавт ҳасад аст. Валлоҳу аълам.»

Инчунин соҳибтазкира ҳангоми ёдовариаш аз Шайх Саъдии Шерозӣ мегӯяд[4, 360]: «Шайх Саъдӣ қасоид ва ашъори мутафарриқаи арабӣ ҳам дорад. Аз он мустафод мешавад, ки бо услуби шеъри арабӣ ҳам ошно аст.»

Мир Озод дар зикри Заҳири Форёбӣ низ танҳо ду байти арабиашро бо тарҷумааш оварда, аз зуллисонайн будани ӯ чизе нагуфтааст [4, 289]:

«Мозо уқулу ва қавли фийка зу хасари,
Ва қад кайфийтанӣ аттафсил вал ҷамало».
Ан қулту ло зилта мар фавъо фоанта казо,
Ав қулта зонука рабби фаҳува қад фаало.

Яъне чи гӯем ва ҳол он, ки гуфтугӯи ман дар ту танг аст, ки гунҷоиши сано надорад ва ба таҳқиқи мустағнӣ кардӣ ту маро аз тафсил ва иҷмоли мадҳи худ. Чаро, ки агар гӯям ҳамеша баланд бошӣ, пас ту чунинӣ, ё гӯям зиннати диҳоди туро парвардигори ман, пас ӯ Таъоло кардааст. Ҳоҷати дуои ман чист?»

Шоири дигаре, ки Мир Озод ҳамчун Аббоси Марвӣ зикр кардааст, шоистаи ёдоварист [4, 462]: «Аз он ҷумла, Хоҷа Аббос, ки аз фузалои он балда ва донои забони арабӣ ва форсӣ буд, қасидае ба забони форсӣ ихтироъ карда, аз назари халифа гузаронид ва ҳазор динор сила ёфт». Шоир ӯро аввалин шахсе медонад, ки ба форсӣ шеър гуфтааст: «…аввал касе, ки дар аҳди ислом тарҳи шеъри форсӣ андохт ва банотуннаъши суханро парвин сохт».

Яке аз шоироне, ки Мир Озод дар тазкирааш ҷиҳати забондонӣ бисёр тавсиф кардааст, ин Мир Абдулҷалили Билгиромӣ мебошад [4, 521]: «Дар ақлиёт ва нақлиёт лосимои тафсир ва ҳадису луғати арабиву форсӣ ва фунуни арабият ва таърих ва мусиқии ҳиндӣ иқтидори азим ба ҳам расонид». Ҷойи дигар чунин гуфтааст [4, 522]: «Мир бар сабили тафаннуни табъ аҳёнан партави илтифот бар шеър меандохт ва дар забони арабӣ ва форсӣ ва туркӣ ва ҳиндӣ ҷавоҳири завоҳири манзум месохт».

Шояд яке аз сабабҳои дар ин ҷода зиёд тавсиф амудани Мир Абдулҷалили Билгиромӣ ин бошад, ки вай яке аз устодони Мир Озод буда, дар Деҳлӣ ба ӯ луғати арабӣ, ҳадису сияри набавӣ ва фунуни адабро таълим додааст.

Ҷойи дигар бо чор забон дар як шаб ёздаҳ таърих тартиб доданашро чунин таъриф мекунад [4, 522]: «Мир дар як шаб ёздаҳ таърих ба забони арабӣ, форсӣ, туркӣ ва ҳиндӣ тартиб дода, аз назари подшоҳ гузаронид ва ба ҷоиза комёб гардид. Аз ҷумлаи он таворих таърихест, ки аз шакли асобеъ ихтироъ фармуда ва ҳаққо, ки яди байзо намуда:

Ҷу Шаҳ ибҳом зери хансар овард,
Ба вирди исми аъзам дар шумора.
Қулои куфр шуд мафтӯҳ филҳол,
Зи теги ӯ адад шуд пора-пора.
Зи ангуштони Шаҳ бар мадди ибҳом,
Баробар чор алиф кардам назора.
Ба айна буд шакли соли ҳичрӣ.
Пайи таърихи тасхири Ситора.
Ҷунин таърих гуфтан ихтироъ аст,
Шуд аз Абдулҷалил ин ошкора.
Ё босит алайдӣ ва ё гайс алнадӣ,
Сайарта мазраат алъатои мариъан.
Ло гарва ан арҷува алрабеа бифазликум,
Фаалгайсу юътӣ алъоламин рабиъан.

Дар шеъри фавқуззикр чор мисраъи охираш ба арабӣ суруда шудааст. Қобили қайд аст, ки танҳо ҳамин миқдор шеър аз арабӣ оварда, аз шеърҳои бо дигар забон сурудааш намуна наовардааст.

Аммо дар зикри Мавлоно Сайид Қамариддини Аврангободӣ чунин гуфтааст [4, 558]: «Сайид табъи мавзун дорад ва шеъри арабӣ ва форсӣ хуб мефаҳмид, лекин андешаро ба савби гуфтани шеър мутаваҷҷеҳ намесозад, ки ин шеваи дунмартабаи ӯст, магар аҳёнан бино бар мавзунии табъ».

Дар маҷмуъ, метавон ба чунин хулоса омад, ки Озоди Билгиромӣ ғайр аз худ, ҳамагӣ аз 9 нафар шоирону мутафаккирон ба мисли Абӯсаиди Лоҳурӣ, Исҳоқхон, Ҳофизи Шерозӣ, Ҳазини Исфаҳонӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саъдии Шерозӣ, Заҳири Форёбӣ, Аббоси Марвӣ, Мир Абдулҷалили Билгиромӣ ҷиҳати забондониашон тазаккур додааст. Барои намуна аз ашъори арабии танҳо се нафари онҳо аз ҷумла Ҳазини Исфаҳонӣ, Мир Абдулҷалили Билгиромӣ ва Мавлоно Сайид Қамариддини Аврангободӣ оварда, кифоя кардааст. Аз ин миён шоирон, гарчанде ҷиҳати забондонии Заҳири Форёбӣ чизе нагуфта бошад ҳам, ду байти арабии ӯро дар тазкирааш овардааст. Аз ин хотир метавон гуфт, ки Озоди Билгиромӣ забондонии на ҳамаи шоиронро тазаккур додааст. Масалан, дар девони Муиззии Нишопурӣ низ ашъори арабӣ дар шакли муламмаъ ба чашм мерасад [5, 631]:

Гуфтам ситоиши ту бар вазни шеъри араб,
Тақтеъи он ба арӯз илло чунин накунӣ.
Мустафъилун фаъилун мустафъилун фаъилун,
Абла-л-ҳава асфав явма-аннава юдна.

Аз ин рӯ, наметавон ба таври комил хулоса бароварда, ки танҳо ҳамин шоирони фавқуззикр дузабонаанд. Шояд дар осори шоирону мутафаккирони дигар, ки Озоди Билгиромӣ дар тазкирааш аз онҳо маълумот додааст, ашъори ба дигар забонҳо эҷодкарда низ бошанд, ки соҳибтазкира аз онҳо сарфи назар кардааст ё ин ки аз онҳо огоҳӣ надоштааст. Чуноне ки худи Мир Ғуломалихон дар охири муқаддимаи «Хизонаи омира» мегӯяд [4, 8]: «гоҳ бошад, ки шеъри хуб аз шоире дохили интихоби фақир нест. Сабабаш ин ки дигаре интихоб зада ё ин ки дар ҳолати касрати тасаффӯҳ аз назар вомонда ё девони шоир тамому комил ба даст наёмада... Сарриштаи тартиби радиф нигоҳ дошта шуд, ки агар байте матлуб шавад, зуд барояд ва қадаре аз ашъори арабӣ ҳам аз худ ва аз дигарон дар ин сафҳа сабт менамоям».

Адабиёт:

1. Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии. – М.: Наука, 1968. – 248 с.
2. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ. – Теҳрон, 1363. (дар ду ҷилд). – 1771 с.
3. Ғаффоров А. Назаре ба адабиёти асрҳои XVIII-XIX урду ва тоҷикзабони Ҳинд. Шарқи Сурх, 1961. №8. С. 124-142.
4. Ғуломалии Озод Билгиромӣ. Хизонаи омира: зери тасҳеҳи Носир Некбахт. – Теҳрон, 1390. – 762 с.
5. Муиззӣ, Муҳаммад ибн Абдулмолики Нишопурӣ. Девон: ба эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон, 1318. – 811 с.
6. Нақавӣ, Сайид Алиризо. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон. – Теҳрон, 1967. – 819 с.

Калидвожаҳо: *Дузабонагӣ, «Хизонаи Омира», Мир Ғуломалихон Озоди Билгиромӣ, шеъри арабӣ, шоирон.*

Аннотация

АРАБОЯЗЫЧНЫЕ И ДВУЯЗЫЧНЫЕ ПОЭТЫ НА ТАЗКИРЫ «ХИЗОНАИ ОМИРА» МИР ГУЛЯМАЛИХАН АЗАД

Мир Гулямалихан Азад (1704-1786) был знатоком арабского, персидского и урду языков в Индии 18-го века. Автор составил свою тазкиру «Хизонаи Омира» по просьбе своего родственника Мухаммада Аулади Мухаммеда. Его тазкиры считаются благородным доказательством его мастерства во всем, что связано с просодией, стихотворением и композицией, как на персидском, так и на арабском языках. В данной статье анализируется арабоязычные и двуязычные поэты и их арабские стихи которые напоминает Мир Гулямалихана Азад в своем тазкире «Хизонаи Омира».

Ключевые слова: *двуязычие, «Хизонаи Омира», Мир Гулямалихан Азад, арабская поэзия, поэты*

Annotation

ARABIC-SPEAKERS AND BILINGUAL POETS ON THE MIR GULAMALIKHAN AZAD'S TAZKIRA "KHIZONAI OMIRA"

Mir Gulamalikhan Azad (1704–1786) was a scholar of Arabic, Persian and Urdu languages in 18th century India. The author of the «Khizonai Omira» composed the Tazkirah at the request of his relation Muhammad Auladi Muhammad. His Tazkirah are considered noble proofs of his proficiency in everything connected with prosody, versification, and composition, both in Persian and Arabic. This article analyzes the Arabic-speaking and bilingual poets and their Arabic poems, which are reminiscent of the World of Gulamalikhan Azad in his tazkira "Khizonai Omira".

Keywords*: bilingualism, "Khizonai Omira", Mir Gulamalikhan Azad, Arabic poetry, poets*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷураева Муҳаррам, магистранти соли дуюми факулети филологияи тоҷик, кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ДДОТбаномиС. Айнӣ. Тел.: +992 934259498

Роҳбари илмӣ: Шарифзода Боймурод

Сведения об автор: Джураева Мухаррам, магистрантка второго курса факультета филологии таджикского языка, кафедра языкознания и литературы таджикского языка, ТГПУ им С.Айни. Тел.: +992 934259498

Научный руководитель: Шарифзода Боймурод

About the author: Djuraeva Muharram, Master student in the Department of Tajik language and literature of Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 934259498

Scientific director: Sharifzoda Boimurod

Хоҷаева Мунира Файзуллоевна,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ИНЪИКОСИ ҶАНГҲОИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАЗМИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Солҳои 90-уми асри XX дар ҳаёти иҷтимои ва сиёсии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад, ки он ба раванди ҳаёти илмӣ – адабӣ ва мадании халқи тоҷик таъсири худро гузошт. Зиддиятҳо ва муноқишаҳои сиёсии охири асри XX қариб тамоми соҳибқаламони даврро водор сохт, ки ба ин мавзӯъ ру оварда онро мавриди тасвир қарор диҳанд. Муҳимтарин дастовардҳои назми солҳои 90-уми тоҷик асосан дар жанрҳои суннатӣ аз қабили ғазал, рубои, дубайтӣ, шеъри чаҳорпора ва дигар қолабҳои навъи шеърӣ зоҳир гаштааст. Шоирони тоҷик кушидаанд, ки ҳар яке дар ҳар навъе аз жанрҳои номбурда комёб шаванд. Чунончи, Муъмин Қаноат дар достонсароӣ, Бозор Собир дар рубоисароӣй, Ашур Сафар дар мусамматсароӣи, Лоик Шералӣ дар ғазалсароӣи, Гулрухсору Сиёвушу Рустами Ваҳҳоб дар қолабҳои навъи шеърӣ комёб шудаанд. Нозимону носирон ин мавзуъро дар осори худ инъикос намуда, ба ин васила дарди ҷомеаро нишон медоданд. Адибон мекушиданд, ки бо тасвири ин фоҷиаҳои нохуш хонандаро бо ҳақиқати ҳол рӯ ба рӯ кунанд, аз камбудиву бурду бохт сухан намуда нуқсонҳои онро ошкор намоянд. Дар ҳама давру замон ин масъулият ба души аҳли қалам буд, зеро маҳз онҳо ба воситаи шеъри нафис ба хонанда таъсири худ ва суханро мерасонданд. Мавлоно Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба ин маънӣ фармудааст:

Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллати бе шоире анбори гил [1, 187].

Мавзуи асосии шеъри ин давронро ба ақидаи таҳлилгароён маҳкум кардани ҷанги бародаркушӣ, баёни бадбахтиҳои бечорагону оворагон, эҳтироми миллату муҳофизати марзу бум, ҳифзи истиқлоли кишвар ташкил медоданд.

Ҷангҳои шаҳрвандӣ, ки аввал аз майдоншиниҳову ҷудогиандозиҳо ба маҳалҳову гуруҳҳо тақсимкардани мардуми ин сарзамини биҳиштосо оғоз гардида буд, баъзе аз шоиронро низ ба гуруҳҳо чудо намуд. Аламовараш он буд, ки ҳар яке аз ин соҳиб қаламон ҳодиса ва воқеаҳоро аз мавқеи худ таҳлилу баррасӣ мекарданд. Солҳои 90-ум ва ибтидои соли 2000-ум як зумра

Элементы списка иллюстраций не найдены. маҷмуаҳои шеърӣ руи чоп баромаданд, ки аксари онҳо ба мавзуи нобасомониҳои ин даврон нигаронида шуда аз воқеаҳои нангин айём сухан мекарданд. Маҷмуаҳои Бозор Собир «Симхор»(1999), Гулрухсор «Зодрузи дард»(1994), Ҳақназар Ғоиб «Ашки нур» (1993), Лоик, Шералӣ «Фарёди бефарёдрас»(1997), Ашур Сафар «Рузи сиёҳ»(1994), Камол Насруллоҳ «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» (1996) ва дигарон инъикосгари фоҷиаҳои нангини замони Ҷангҳои шаҳрвандии Тоҷикистон буданд. Ин майдоншиниҳо ва маҳалгариҳо оқибат ба сари мардум муноқишаҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандиро овард. Гирдиҳамоиҳои дурудароз дар майдонҳои пойтахт сангарҳоро ба вуҷуд овард. Аввалин куштору сухторҳо аз ҳамин майдонҳо оғоз гардида оқибат ба хонавайрониҳо оварда расонд. Ин ғазали Мирзо Файзалӣ баёнгари воқеаҳои мудҳиши ҳамон солҳост:

Монед ба ҳоли Ватанам зор бигирям,
Бо ранги хазону дили афгор бигирям.
Яксон шуда бар хоки сияҳ хонаи тоҷик,
Бе бом бубинам дару девор бигирям.
Рузе зи нав обод шавад мулки хазинам,
Аз шодии дил боз дигар бор бигирям [2, 78].

Қитъагуй низ дар давра ба мушоҳида мерасид. Ба ин шакли шеърӣ кам шоирон даст зада бошанд ҳам,дар эҷоди баъзе аз аҳли қалам он ба назар мерасид. Ин қитъаи шоири баркамоли тоҷик Лоик, Шералӣ, ки бо оҳангӣ руҳафтодагӣ, дилмондагӣ бо садои шикоят аз замон суруда шудааст ба дили ҳар хонанда роҳи худро меёбад.

Дар ин Ватан чун беватан бечораам, бечораам,
Бо дарду доги дилшикан дилхораам, дилхораам.
Оворагии сад ҷаҳон ин сон набошад дилгусил,
Ман андаруни хештан ооораам,ооораам [1, 209].

Рубой ва дубайтисарой дар ашъори кули шоирони ин даврон дида мешавад.

Ҳар шоир мувофиқ ба табъу завқи бадеӣ. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорати шоирии худ ин жанрҳои суннатиро сурудаанд. Рубой чун як жанри маъмули адабиёт дар ин даврон аз тарафи устодони сухан Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон суруда шудаанд.

Дар рубоиёти Бозор Собир бештар меҳру муҳаббати Ватан эҳсос мешавад:

Қадри аҷалам аз одамон метарсам,
Аз ҳамватанон дарақ-дарақ, меларзам.
Бонигари осиёбаш одам куштаст,
3-аҳли қаламу китобашон метарсам [3, 177].

Дар инъикоси рӯйдодҳои руз Гулрухсор низ бетараф намондааст. Шоира ба воситаи чакидаҳои хомаи худ дар маҷмуаи «Зодрузи дард» бо тамоми қудрату тавоноиаш қалами худро зидди ин руйдоди нангини тоҷикон равона кардааст:

Тири сузон бар сарам борон аст,
Хоинат пушти гунох, пинҳон аст.
Зиндагӣ банда
Ачал султон аст.
Гурзу сангу сипари ту нон аст.
Миллати куҳнагами наваламам [5, 43].

Мусаммат ва навъҳои онро устод Ашур Сафар хеле моҳирона ва фаровон истифода бурдааст. Мусамматҳои шоир аз руйдоду фоҷиаҳои замон қисса мекунад.

Дар мусамматҳои Ашур Сафар, ки бештар ба мавзуи доғи руз бахшида шудаанд услуби равону маъмул дида мешаванд.

Кӣ мегуфт ин диёри шодмон гампуш мегардад,
Ба паҳлуи гаме ҳар дам гаме ҳамдуст мегардад.
Ҷавоне, модаре, тифле аҷалогуш мегардад,
Ҷу қабристон ҳама бому дараш хомуш мегардад,
Ба хок аз зӯри тӯпу танк яксон мешавад рузе! [4, 23].

Хулоса, дар назми даврони истиқлоли адабиёти тоҷик аз солҳои 90-ум ин тараф ҳамаи жанрҳои ҷинси лирикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин давра махсусан жанрҳои дубайтӣ, рубоӣ, ғазал хеле ҳам серистеъмол буданд. Ҳамаи навъҳои гуногуни назми ин даврон гувоҳ аз арзиши баланди адабию маърифатии эҷодкорон дарак медиҳад. Ин жанрҳо тавонистанд фарогири мавзӯи рӯз, инъикосгари вазъи ҷомеаи онвақтаи тоҷикон бошанд. Муаллифи мақола аз рузгори талхи мардуми тоҷик дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сухан ронда онро бо чакидаҳои хомаи соҳиб қаламон ба монанди Ашур Сафар, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, ки дар жанрҳои гуногуни лирикӣ инъикоси онро кардаанд шарҳу эзоҳ додаст.

Адабиёт:

1. Ашур Сафар. Хӯшаи нур. – Душанбе: Адиб, 1995.
2. Бозор Собир. Шоиру шеъре агар ҳаст. – Душанбе: Адиб, 2006.
3. Гулрухсор. Зодрӯзи дард. – Москва, 1994.
4. Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома // Пайғоми Шарқ. – Душанбе: Адиб, 1987.
5. Файзалӣ М. Сангари номус. – Душанбе: Адиб, 2001.

Калидвожаҳо: *истиқлолият, муноқиша, сиёсат, рубоӣ, дубайтӣ, газал, жанр, ҷинс, сулҳу салоҳ ва гайра.*

Аннотация

ОБЗОР ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В поэзии периода независимости таджикской литературы с 90-х годов можно наблюдать все жанры лирического пола. В этот период особой популярностью пользовались жанры дубай, рубаи, газель. Все разные виды поэзии этого периода свидетельствуют о высокой литературной и просветительской ценности творцов. Эти жанры смогли осветить злободневную тему, отразив ситуацию в таджикском обществе того времени. Автор статьи рассказал о горькой жизни таджикского народа в годы гражданской войны и прокомментировал ее с помощью таких писателей, как Ашур Сафар, Бозор Собир, Лоик Шерали, Гулрухсор, которые нашли отражение в различных лирических жанрах.

Ключевые слова: *независимость, конфликт, политика, рубаи, дубай, газель, жанр, пол, мир и так далее.*

Annotation

REVIEW OF THE CIVIL WAR DURING INDEPENDENCE

In the poetry of the period of independence of Tajik literature since the 90s, all genres of the lyrical gender can be observed. During this period, the dubai, rubaiyat, and ghazal genres were especially popular. All different types of poetry of this period testify to the high literary and educational value of the creators. These genres were able to highlight a hot topic, reflecting the situation in the Tajik society of that time. The author of the article spoke about the bitter life of the Tajik people during the years of the civil war and commented on it with the help of such writers as Ashur Safar, Bozor Sobir, Loik Sherali, Gulrukhsor, who were reflected in various lyrical genres.

Keywords: *independence, conflict, politics, rubai, dubai, ghazal, genre, gender, peace and so on.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаева Мунира Файзуллоевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов М.

Сведение об автор: Ходжаева Мунира Файзуллоевна, магистрантка второго курса филологического факультета ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: Курбанов М.

About the author: Khojaeva Munira Faizulloevna, the second year master of the facultyof philology TSPU named after S. Aini.

Хоҷаева Мунира Файзуллоевна,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

НИГОҲЕ БА ҲУНАРИ РУБОИСАРОИИ БОЗОР СОБИР

Рубоӣ аз ҷумлаи жанрҳои маъруфу мустаъмал ва роиҷе мебошад, ки тавассути Одамушшуаро Рӯдакӣ ба адабиёти форсии тоҷикӣ ворид гардид ва аз ҷониби шуарои баъдина истиқболи гарм ёфт. Маҳз ин пазироии эшон боиси ривоҷу равнақ ёфтану инкишофи он гардид, ки мо ин таҳаввулотро асосан дар заминаи тавсеа пайдо кардани мавзӯоти он ба мушоҳида гирифта метавонем. Чанд мавзӯъҳои муҳиму ҷовидона, амсоли ишқу ахлоқ, фалсафаву ирфон, панду андарзу ҳикам ҳастанд, ки мо дар рубоиёти тамоми шуаро, аз Рӯдакӣ то имрӯзиён, дучор меоем.

Дуруст аст, ки мо дар осори аксари суханварони классик ва муосир мақоми муҳим доштани рубоиро мушоҳида карда метавонем, аммо чанд тан аз шоироне ҳастанд, ки мавҷудияти ин жанро бидуни эшон тасаввур намудан аз имкон берун аст. Адабиётшинос Абдушакури Абдусаттор дуруст таъкид мекунад, ки «Дар таърихи адабиёти форсӣ рубоӣ қариб дар ҳамаи марҳилаҳои таҳаввул роиҷ буда ва адаби форсӣ гӯяндагонеро аз қабили Маҳастӣ, Бобо Афзал, Наҷмуддини Кубро, Умари Хайём ва дигарон парварда аст, ки қабл аз ҳама ва беш аз ҳама бо рубоисароӣ шуҳрат ёфтаанд. Дар адабиёти гузашта қариб шоире набуд, ки ҳадди ақал якчанд рубоӣ нагуфта бошад ва аз мадҳу васф гирифта то ҳаҷву марсия, тақрибан мавзӯе набуд, ки дар он рубоӣ насароида бошад» [1, 290].

Баъди пирӯзии Инқилоби Октябр рубоӣ ҳарчанд ривоҷу равнақи қаблии худро аз даст дода, вале дар эҷодиёти шуарои аҳди Шӯравӣ чун Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абулқоси Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Фарҳат ва дигарон камубеш ба назар мерасад, аммо мавзӯоти он дигар шуда буд. Асосан масъалаҳоеро фаро мегирифт, ки дар замони Шӯравӣ маъмул буданд, амсоли васфи коммунизим, тараннуми музаффарият, ситоиши меҳнаткашон ва монанди инҳо. Аммо баъди солҳои шастуми асри гузашта дар мавзӯоти рубоӣ дигаргунии куллӣ ба вуҷуд омад ва «тадриҷан овои ормонҳои миллӣ ва худогоҳӣ ба гӯш мерасид ва бештар ба василаи рӯ овардан ба шахсиятҳои бузурги гузашта, аз қабили Рӯдакӣ, Сино, Восеъ, Темурмалик, Муқаннаъ ва соири онҳо ҷараён ёфт. Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва чанде дигар аз шоирони ҷавон дар он марҳила вориди адабиёт шуданд ва ин вазифаҳои таърихиро бар уҳдаи хеш гирифтанд» [1, 291].

Дар миёни шоирони тоҷик, ки баъди солҳои шастуми қарни гузашта қадам ба арсаи адабиёт гузоштанд, Бозор Собир мақоми вежа дошта, дар ворид намудани масълаи худгоҳии миллӣ, хештаншиносӣ ва ҳофизаи таърихӣ ба шеъри тоҷикӣ саҳми босазое дорад, ки далели барҷастаи ин суханон шеъри «Забони Ватан»-и мебошад, ки дар замони худ инқилобе ба вуҷуд овард.

Дар баробари анвои дигари ашъор, рубоӣ дар эҷодиёти Бозор Собир аз мавқеи муҳим бархӯрдор буда, кам шоиреро метавон пайдо намуд, ки дар интихоби мавзӯъ, тасвирҳои нобу бикри шоирона ба мисли ин суханвар офарида бошад. Бозор шоирест, ки ба шеър муносибати ҷоддӣ дорад ва пайваста шеъри худро таҳрир намуда, онро такмил мекунад ва ба ин масъала ишора намуда, дар як рубоии худ чунин мегӯяд:

Ман хотираҳои куҳнаамро аз нав,
Монанди либоси куҳнае карда бадар.
Покиза дар оби чашмҳоям шуста,
Дар тори хаёл мекашам тозаву тар.

Дар ҳақиқат таъбири «хотироти гузаштаро чун либоси куҳна бадар кардан», «дар оби чашм покиза шустан» ва «дар тори хаёл кашидан» бисёр зебову нотакрор буда, маҳсули зеҳни даррок ва баёнгари камоли ҳунари шоирӣ ҳастанд.

Тасвири деҳа масъали дигарест, ки ҳамроҳ бо замони кӯдакии шоир, ки дар он ҷо сипарӣ шудааст, яке аз мавзӯъҳои муҳим дар рубоиёти шоир буда, дорои ҷойгоҳи намоён аст. Профессор Абдунабӣ Сатторзода барҳақ таъкид мекунад, ки «Бозор Собир дар шеъргӯӣ ба эҷоди образу мазмунҳои шоирона, баёни дилкашу тарҳи муносиб ва таносуби тасвир диққати асосӣ медиҳад. Шоир, хусусан дар бораи деҳоту манзараҳои зебои он, ёди айёми хуши бачагӣ шеърҳои самимона гуфтааст. Мисли «Кӯдакӣ ку?», «Рӯъёи шаб», «Бачаҳои деҳотӣ», «Ҳавас» ва ғайра. Дар шеърҳои номбурда аксар образу мазмунҳои шоиронаи тару тоза ҳаст ва муаллиф ба тавассути онҳо лавҳаҳои зиндаи ҳаёти воқеиро ба қалам овардааст» (6). Адабиётшиноси шинохта Худойназар Асозода низ мавқеи муҳим доштани мавзӯи кӯдакӣ ва деҳаро дар ашъори

Бозор чунин қайд мекунад: «Бояд гуфт, ки *деҳ* ва *кӯдакӣ* дар шеъри Бозор Собир хеле реша давондаанд» [5, 452]. Чунонки роҳҳои саҳроии лоии замони кӯдакӣ чун Роҳи абрешим ва он рӯзгор мисли кӯзаи тилло нуҳуфта дар кундаи дарахтони он ҷост:

Қишлоқаки кӯдакии саҳроии ман
Роҳи ту Барешимӣ, раҳи лоии ман.
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст,
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман.

Муҳаббати махсус ба зодгоҳу табиати он дар эҷодиёти аксари шоирони муосир аз мавзӯъҳои муҳим ва меҳварӣ мебошад, ки дар ин миён рубоиёти Бозор Собирро низ наметавони истисно намуд. Аз деҳа вақте ки мерафт дилаш волаи он буд ва дар боми дилаш лолаи муҳаббат мешукуфт ва чанорони хушқадубари куҳансол дар пушти сараш буданд:

Ҳар ҷо ки намеравам дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтаи лолаи туст.
Қишлоқаки ман пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанораи садлсолаи туст.

Таъбири «дар боми дил шукуфтани лола», ки Бозор дар рубоии фавқ истифода намудааст, нав нест, зеро дар ин байти Мушфиқӣ онро мушоҳида намудан мумкин аст:

Бе ҷамолат дар Самарқанд баҳри доғи ҷони ман,
Хонаҳои мардумонро лола мерӯяд зи бом.

Асосан лола дар бомҳои куҳнаи деҳа, ки лоин ҳастанд, мерӯяд ва дар рубоии болозирк «шукуфтани лола дар боми дил» ба маънии ҳамеша дар ёди деҳа будану ҳавояшро дар сар парвариданро дорад, ки басе зебову хушоянд аст.

Шоир ҳар куҷо буд, аммо ҳар шаб дар хобҳои худ кӯчаҳои хокӣ ва тӯти қатори зодгоҳро ба хоб медид ва ашкҳояш ба мисли донаҳои тӯт аз шохаи мижгонаш сарозер мешуданд:

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тӯти қатори Сӯфиёнам ҳама шаб.
Дар ҳавлии кӯдакиям аз донаи ашк,
Ман донаи тӯт метаконам ҳама шаб.

Васфи модар дар ашъори тамоми шоирони муосири тоҷик ба назар мерсад, ки ҳар кадоме дар ҳадди тавони ҳунари шоирии хеш симои ӯро ба риштаи тасвир кашидаанд. Аммо дар рубоии зерин Бозор Собир тасвири модар нодиру нотакрор аст, ки ӯро ба олучаи латтадор, яъне ғарқи гул, монанд мекунад, хоксорӣ, ки хоси мардуми деҳот аст, ба ӯ мансуб медонад. Дар зиндагияш мазор – мақаддасгоҳу шоистаи зиёрат будан ва бузургвориашро махсус таъкид мекунад, ки ин ташбеҳ дар адабиёти форсии тоҷикӣ нав ва нотакрор аст:

Олӯчаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модар ман.
Дар зиндагияш мазор буд модар ман,
Яъне ки бузургвор буд модари ман.

Одатан вақти нолидан ҳатман садое шуднида мешавад ва навое ҳазин дар фазо танин меандозад, аммо Бозор хеҷ вақт ба лабу даҳон нолиданро равоно намедонад. Бо тамоми ҳастӣ ва сар то қадам бо мағзу устухон нолиданро таъкид мекунад:

Меноламу бо забон наменолам ман,
Ҳаргиз ба лабу даҳон наменолам ман.
Сар то ба қадам дарун - дарун менолам,
Ҷуз бо рагу устухон наменолам ман.

Дар деҳаи кӯдакиҳои Бозор Собир зиндагӣ табиист ва расму анъанаҳои гузашта дар он ҳифозат шуда, бӯи чапотӣ, ки маҳсули дасти модар аст, фазои деҳаро пур мекунад ва ширинии ширинии тӯтияш басе фораму ёдовари фасли тобистони деҳа аст. Дар ҳар хонаи деҳа гаҳвораҳои малакутии сохта аз чӯби бед аст, ки ин анъани қадимаи мардуми тоҷик мебошад, ки он рамзи ҳаёт ва дар ҷараён будани зиндагист:

Қишлоқаки ман бӯи чапотӣ дорад,
Ширинии ширинии тӯтӣ дорад.
Аз чӯби дарахти бед дар ҳар хона,
Гаҳвораи сабзи малакутӣ дорад.

Аз намунаи рубоиҳое, ки аз эҷодиёти Бозор Собир баррасӣ гардид, бахубӣ фаҳмидан мумкин аст, ки ӯ дар сурудани ин жанри адабӣ дасти тавоно ва ҳунари воло дорад. Ёди кӯдакӣ ва васфи зодгоҳ аз мавзӯоте ҳастанд, ки дар рубоиёти шоир соҳиби ҷойгоҳи вежа буда, заминаи офаридани тасвирҳои зебо ва андешаҳои бикрро фароҳам сохтаанд. Дурӣ аз ватан ва меҳри

беандоза доштан нисбат ба он аз ҷумлаи дигар мавзӯотест, ки дар рубоиёти шоир аз мавқеи муҳим бархӯрдор аст. Дуруст аст, ки чаҳорчӯбаи танги як мақолаи шогирдона ба мо имконият намедиҳад, ки рубоиёти ӯро аз ҷиҳати фарогирии мавзӯъ ва масоили дигар мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, аммо он намунаҳое, ки оварда шуд шаҳодат аз он медиҳанд, ки Бозор Собир аз зумраи камтарин шоиронест, ки дар сурудани рубоӣ муваффақу комёб гардидаанд. Зикри ин нукта муҳим аст, ки пажӯҳишу тадқиқ намудани рубоёти Бозор Собир ба мо имкон медиҳад, ки доир ба масъалаи тадриҷан дигар гардидани мавзӯоти ин жанри маъмули адабӣ дар поёни Шӯравӣ ва даврони Истиқлолият ибрози назар намуда, таҳаввул пазируфтани онро мавриди арзёбӣ қарор диҳем.

Адабиёт:

1. Абдушукури Абдусаттор. Лоиқ Шералӣ ва суннати рубоисароӣ// Зиндагинома ва хадамоти илмию фарҳангии марҳум устод Лоиқ Шералӣ. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1400. – С. 279-300.
2. Бозор Собир. Шоиру шеъре агар ҳаст... – Душанбе, 2004.
3. Бозор Собир. Хуни қалам. – Душанбе, 2010.
4. Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.
5. Худойназар Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
6. http://navisandagan.tj/tj/index.php/adabiyotshinosi/655-bozor-sobir-va-she-ri

Калидвожаҳо: *забон, сабк, услуб, Бозор Собир, тасвир, зиндагӣ, шеър, газал, рубоӣ, дубайтӣ.*

Аннотация

ВЗГЛЯД НА ТВОРЧЕСКИЙ ТАЛАНТ ЧЕТВЕРОСТИШИЯ БОЗОРА СОБИРА

В статье речь идет о творческом таланте четверостишия Бозора Собира и автор отмечает, что этот жанр имеет более чем тысячелетнюю историю в таджикско-персидской литературе, но его форма не претерпела изменений. Однако в советское время, особенно после 1960-х годов, тема четверостишия изменилось, и в нем была включена проблема национального самосознания и сосредоточения на исторической памяти, и вклад Бозора Собира в этом направлении был значительным. В основе повествования четверостишиях поэта есть несколько тем, таких как период детства, описание уникальной природы села, народных традиций и удаленности от Родины и любви к ней. Было отмечено, что изучение четверостишия Бозора Собира позволяет оценить постепенную смену тематики этого литературного жанра в конце советской эпохи и в начале лет независимости.

Ключевые слова: *язык, стиль, Бозор Собир, описание, жизнь, поэзия, газель, рубай, дубайти.*

Annotation

A LOOK AT THE CREATIVE TALENT OF BOZOR SOBIR'S QUATRAIN

The article deals with the creative talent of Bozor Sobir's quatrain, and the author notes that this genre has more than a thousand-year history in Tajik-Persian literature, but its form has not changed. However, in Soviet times, especially after the 1960s, the theme of the quatrain changed, and it included the problem of national identity and focus on historical memory, and Bozor Sobir's contribution in this direction was significant. The poet's quatrains are based on several themes, such as the period of childhood, a description of the unique nature of the village, folk traditions and remoteness from the Motherland and love for it. It was noted that the study of Bozor Sobir's quatrains makes it possible to assess the gradual change in the subject matter of this literary genre at the end of the Soviet era and at the beginning of the years of independence.

Keywords: *language, style, Bozor Sobir, description, life, poetry, gazelle, quatrain, dubaiti.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаева Мунира Файзуллоевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов М.

Сведение об автор: Ходжаева Мунира Файзуллоевна, магистрантка второго курса филологического факультета ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: Курбанов М.

About the author: Khojaeva Munira Faizulloevna, the second year master of the facultyof philology TSPU named after S. Aini.

Қурбонзода Кароматулло,
магистранти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ АЗ НИГОҲИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ: ВАСФИ ТАБИАТ, ЗЕБОИҲОИ ҲАЁТ ВА УМРИ ҶАВОНӢ

Васфи зебоиҳои ҳаёту табиат, фаслҳои сол, алалхусус баҳор, наврӯзи дилафрӯз ва тобистону хазон, ҳамчунин тамошои боғу бӯстон, сайри гулу гулзор, ҳаловат бурдан аз субҳи босафо, шунидани суруду мусиқӣ, тамошои рақсу шодӣ, нӯшидани май, хулоса, аз ҳаёти реалӣ бошуурона баҳра бардоштан низ яке аз мавзӯҳои асосии лирикаи Толиби Омулӣ ба шумор меравад.

Пеш аз ҳама қайд кардан лозим аст, ки Толиби Омулӣ худ марди ҳаётдӯст ва риндтабиате будааст, ки ин хислати ҳаётдӯстии шоирро аз шеърҳои дар васфи табиат, баҳор, наврӯз ва дигар фаслҳои сол бахшидаи ӯ бараъло ҳис кардан мумкин аст. Ин аст, ки вай дар ин мавзӯъ шеърҳои бисёре ба қалам додаст, ки мутолиаи онҳо ба хонанда завқи баланди эстетиикию зебоифаҳмӣ ва ҳаётдӯстӣ мебахшад.

Гузашта аз ин, Толиби Омулӣ дар тасвири зебоиҳои ҳаёт, аз ҷумла васли баҳор қудратнамоиҳои аҷибе кардааст. Вай нозукиҳои баҳор ва рангорангии онро ба зуддӣ дарк карда, ба тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои баланди шеърӣ, ба монанди ташбеҳ,истиора, талмеҳ ва амсоли ин ба қолиби назм дароварда, ба хонанда туҳфа намудааст.

Масалан, насиби яке аз қасидаҳои дар мадҳи Эътимодуддавла бахшидаи шоирро, ки соддаю равон буда, бо санъати нафиси бадеӣ оро дода шудааст, аз назар мегузаронем. Дар ин порчаи шеър шодию сурур ва фараҳмандии қаҳрамонро аз омадани баҳори наву рӯҳафзо, ки табиатро зебою мунаққаш сохтааст, боғу чаман ва гулҳои тару тоза ва рангоран ороиш ёфта булбулону гулрухонро мафтни зеблии худ сохтааст, хеле реалистона ба қолиби назм даровардааст. Ташбеҳҳои шоир, ки «варақи гул», ба «табақи лаъл», «бустон» ба «хони Халил», «равиши оби баҳр» ба шахсе ки аз шароб маст гардидааст, ё худ «олами махмур», «сурхии гулу лола» ба «идгаҳи қурбон», «ғунчаи шох» ба «байзаи булбули хушилҳом», «гул» ба «баччаи товус», «булбули гӯёи боғ» ба «шоири хушилҳом», «гулшан» ба «оташқалаи бедуд», «сояи абри рӯи гулшан» ба «домони шахси гулчин», «насими баҳор» ба «нафаси мушкафшон», «ғунча» ба «даҳани кабки дарӣ», «абр» ба «қалами дастур» ва ғайра монанд карда шудааст, латифу гузоро буда, ба хонанда кайфияти баланди эстетикӣ мебахшад. Инак ду байти аввали он:

Боз мисри чаман ободон аст,
Неъмати хони баҳор алвон аст.
Варақи гул табақи лаъл бар он,
Дили мурғони чаман бирён аст [3, 86].

Баҳор дар ақидаҳои эстетикии Толиби Омулӣ на танҳо ҳамчун ородиҳандаи ҷаҳон тасвир ёфтааст, балки чун оварандаи айшу ишрат, шодию сурур, зудояндаи ғаму андӯҳи бечорагон низ ба қалам дода шудааст. Байтҳои поён далели ин даъвост:

Биё, ки шоҳиди шӯхи баҳор чеҳра кушод,
Кунун ғаме, ки ба ҷон бастай, бидеҳ бар бод…
Ҷаҳон ба мартабае гашта интиошангез,
Ки шахси ғам кунад азноми хеш истибъод.
Нишот рехта чандон ба рӯи ҳам, ки сипеҳр,
Ба тарфи даман рӯяд зи хок хотири шод.
Гирех зи гӯшаи абрӯи хушдилӣ бархост,
Зи ошноии чин шуд ҷабини айш озод [3, 86].

Ҳамин муддао дар ақидаҳои зебоишиносии ӯ, ки ба иди Баҳор ҷашни Наврӯз бахшида шудааст, боз ҳам равшантар ба назар мерасад. Толиби Омулӣ дар ин шеър худ низ аз омадани Наврӯз хеле мамнун аст.

Ба фоли айш бинӯшед бодаҳо, к-имсол,
Шукуфта омад чун рӯи дӯстон Наврӯз.
Ҳамеша гарчи ба оину зеб бувад, ин бор,
Ба равнақи дигар ороста дӯкон Наврӯз.
Чаман, ки буд Зулайхова аз ҷаҳон шуда пир,
Ба Юсуфондаме сохташ ҷавон Наврӯз

Назари дигари Толиби Омулӣ, ки низ дар тавсифи Наврӯз бахшида шудааст, диққат ҷалбкунанда мебошад. Мутаффаккир дар ин шеъраш нахуст аз фаро расидани Наврӯз, баробар

шудани шабу рӯз ва рӯ ба кутоҳи ниҳодани шабу дароз гардидани рӯз маълумот медиҳад. Аз ин ҷиҳат шеъри мазкур дорои аҳамияти таърихӣ ва илмие ҳам будааст. Ҳамчунин аз мазмуни он аз илми астрономия воқиф будани мутаффакир низ маълум мегардад:

Меҳр чун хилъати партав диҳад аз бурҷи ҳамал,
Рӯзу шаб кисавти андоза намоянд ба дил.
Шаб ниҳад рӯй ба кӯтоҳие чун домани яъс,
Рӯз пӯяд ҳама бар ҷодаи тӯли амал.
Шаб дарафтад ба каму кост чу зулфини Аёз,
Рӯз чун давлати Маҳмуд физияд ба масал [3, 86].

Ва минбаъд ситоиши Наврӯз дода шудааст, ки шоир дар навиштани он нодиракориҳои аҷоибе кардааст. Дар ҳақиқат Наврӯз аз назари тезбин ва дақиқонаи ӯ хеле зебост. Чунончи монанд кардани «сабза» ба «абрешими сабза», «чунбиши хок» ба «мавҷзании оби равон», «ҷангал» ба «гулшани бедевор», хуррамию шукуфтагии «гулбуну сарвин» ба «бағалкӯноии маъшуқ» ва ибораҳои маҷозию истиораи пӯшида мисли: «ҷилваи наврӯз», «дасти баҳор», «сабзаи хобби маҳал», «оғӯши тараб», «сафи савдо», «синаи тал» ва ғайра таъсири эстетики онро пуркувват сохтаанд:

Олам аз ҷилваи Наврӯз чунон ёфта нур,
Ки наяфрӯхта ангишт фурӯзад минқал.
Сабза абрешими сабзест, к-аз ӯ дасти баҳор,
Аз пай фарши чаман бофт бисоти махмал…
Аз мулоқоти ҳаво баски рутубат шуда ом,
Хок чун об равад мавҷзанон дар ҷадвал.

Мутафаккир дигар ҷараён ва ҷӯшу хурӯши қалбии худро, ки дар натиҷаи таъсири ин фасли зебо ҳосил шудааст:

Андалебони чаман дар сифати ҳусни баҳор,
Ҳама хонад ба овози хӯш ин тоза ғазал:
Навбаҳорасту чаман хурраму софӣҷадвал,
Гар ҳарифӣ, бикушо бар маю маъшуқ бағал
Ҷоми зар неҳ ба каф он дам, ки ба симин ангушт,
Субҳ молад ба ҷабин ҳиндуи шабро сандал.
Иқди гул соз ҳамоил чу баҳор аз чапу рост,
Гардан осуда кун аз бори мурассаъ ҳайкал.
Бода бе ҷилви маъшуқ, вубол аст вубол,
Домани зулфи нигорет ба каф овар аввал.
Қоматафрӯхта сарве, ки ба сад шамъу чароғ,
Дар хиёбони биҳишташ натавон ёфт бадал.

Дар рубоии зайл ҳам зебоии Наврӯз ва ҳам мазмуни нишотоварии ӯ хуб тасвир ёфтааст. Ибораи «чароғи гул», ки истиораи пӯшида аст, табии ва дилрабост:

Наврӯз чароғи гул ба гулзор овард,
В-аз гунча шабеҳун ба сари хор овард.
Ҳар шоҳиди афсурда, ки дар гулшан дид,
Бозаш ба карашма бар сари кор овард.

Толиби Омулӣ ба шаҳру вилоятҳои ин мамлакат сафар карда, ба табиати зебою дилрабои он хуб шинос гардидааст. Бешубҳа, боду ҳаво ва табиати ин диёр қадима нақши худро дар хотири ӯ гузоштааст. «Шакке нест, ки обу ҳавои як мамлакат ва тароват ва хуррамии он дар афкор ва хаёлат таъсир дошта ва шоҳиди зебоии сухан ё шеъру шоири аз ҳамин сарчашма об мехурад».

Толиби Омули пеш аз ҳама табиати путфусуни Кашмир, обу ҳаво ва субҳи пурсафои он мафтун сохтааст. Вай то ба дараҷае ба ин шаҳр дилбастаги пайдо кардааст ки намехоҳад аз он берун биравад.

Қадам зи хиттаи Кашмир барнамебарояд,
Муқими маркази айшему ҷои мо ин ҷост.

Ҳамин ҳисиёти баланд ва фаровони Толиби Омули дар як ғазали ӯ, ки дар васфи Кашмир ва обу ҳавои он навиштааст, бо санъати хеле баланд соддаю равон ва бо оҳанги халқию гуворо ба қалам омадааст, ки хонандаи ҳар давру замонро мафтуни сеҳри хомаи худ месозад.

Файзи пиёла бахшад обу ҳавои Кашмир,
Аз хишти хум ниҳоданд гуй бинои Кашмир.

Толиби Омулӣ дар васфи манзараҳои зебо ва пурнақшу нигори Кашмир андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Зуҳуроти меваю гул, бедҳои маҷмуъ, чун занҷир печидани об, дарахтони баланди сарсабз, нолаи кабк, нағмаи булбул, сабзаҳои лаби ҷуй ҳавои дилкушои куҳсор, хулоса, дар фасли баҳор гул-гул шукуфтани табиати Кашмир, ки ба қавли ӯ «меъмори баҳораш карда таъмир» воқеъӣ тасвир шудааст. Кас аз мутолеаи онҳо ҷаҳон-ҷаҳон баҳраи эстетики мебардорад:

Зи меҳнат гарчи пурхор аст роҳат,
Вале дар сарву гул ҳам нест тақсир,
Яке боғест эзидсоз куҳе,
Ки меъмори баҳораш карда таъмир,
Зуҳури мевааву гул бо шукуфа,
Ба як мавсим дар ӯ чун боғи тасвир,
Ба ҳар су беди маҷнуне нишаста,
Ба по печида обе ҳамчу занҷир,
Зи як су қумриён дар нолаи зор,
Зи як су булбулон дар нағмаи зор,
Зи файзи он ҳавои тор аҷаб нест.
Ки шир орад ба пистон дояи пир.

Айёми баршагол (мавсими борон дар Ҳиндустон, ки ба фасли баҳор рост меояд) аз даврaҳои аҷоиби ин сарзамин мебошад.Ин аст, ки дар ақидаҳои педагогииТолиби Омули дар ин боб ишораҳои зиёде дида шавад ҳам, насиби яке аз қасидаҳои дар мадҳи Чинқиличхон сурудаи шоир маҳз дар тавсифу ситоиши ҳамин фасли зебои Ҳиндустон бахшида шудааст.

Аз ин рӯ, нафосату салосати ин гуфтаҳо хеле баланд аст. Баъд аз омӯзиши ва таҳқиқи назарияи педагогии Толиби Омулӣ хонанда аз субҳи босафо, насими анбарин, ҳавои мушкин ва бӯи хуши чаманҳои Ҳиндустон неруи маънави мегирад ва худро дар байни гулу раёҳон ва ғизоҳу тавусофи он диёр тасавур карда шоду масрур мегардад.Инак барои намуна чанд байти онро дар поён дарҷ менамоем:

Дами субҳу ҳавои баршағол аст,
Чаман ҷавлонгаҳи боди шимол аст,
Насими анбаринпирояи гӯӣ,
Яке товуси мушкин пару бол аст.
Замин рангинтар аз боли тазарв аст,
Ҳаво мушкинтар аз нофи ғизол аст.

Ин аст, ки мо ба мавзуи васфи май, умру ҷавонӣ вағайра маҳз аз ҳамин ҷиҳат наздик мешавем, ки гуфтаҳои худи шоир дар ин бобат маводи хубе шуда метавонад:

Се чиз сайқали руҳ аст андарин мавсим,
Ба заъми кавдани ориф на кавдани шайёд:
Мае, ки боди асарҳои нашаи файзак,
Мизочи руҳ ниҳад дар тобеи аҷсод.
Навои звмзамае, к-аз адои таҳрираш,
Расад бар шарён таъсири ништари фассод,
Буте, ки печиши зулфаш кушоди нома диҳад,
Чу нуки хомаи дастур дар маҳали савод.

Чи навъе аз мазмуни порчаи боло маълум мешавад, мутафаккирдар фасли баҳор се чиз, май, навои замзама (мусиқӣ) ва бутро, ки мурод аз он ёр аст, барои шахси оқил лозим ва зарур шуморидааст.

Ақидаи ҳаётдӯстии Толиби Омулӣ аз порчаи дигаре низ бараъло эҳсос мешавад.

Дар ин баҳор ману шиқи лоларухсоре,
Ки обу рангаш бозори лаъли ноб шикаст.
Буте, ки наргиси масташ ба гоҳи махмурӣ,
Пиёла бар сари кайфияти шароб шароб шикаст.
Маҳе, ки бар фалак аз боди домани ҳунаш,
Дили малоика чун шишаи ҳубоб шикаст.
Гуле, ки завқи тамошои гулшани рӯяш,
Баҳори тайшударо пой дар риқоб шикаст [3, 86].

Умри инсон даргузар аст. Чунон ки дар табиат ҳамеша тағийрот ва бадалшавӣ ба амал меояд, дар зиндагӣ ва ҳаёти инсон низ ҳамин гуна тағийрёбӣ дида мешавад ва он ногузир амал менамояд. Қонуни ҳаёт ва диалектикаитабиатро дигар кардан вазифаи инсон нест, зеро он ба

ихтиёр ва майлу хоҳиши шахс вобастагие надорад. Аз ин рӯ, давраи ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ низ барои инсон аз тарафи табиат фақат, як бор дода мешавад. Ҳамин аст, ки ӯ даъват намудааст, ки ин давраи ҳаётро бо хушию хурсандӣ ва шодию озодагӣ гузаронанд.

Мо бода зи даст дар ҷавонӣ надиҳем,
Як ҷуръа ба умри ҷовидонӣ надиҳем.
З-он май ки хумораш зи хумори аҷал аст,
Як қатра ба оби зиндагонӣ надиҳем.

Хулоса, ҳамин аст ақидаи Толиби Омулӣ дар бораи ҳаёт, зиндагӣ ва тарзи гузарониданни он, ки дар саросари ашъораш ба ин руҳи зиндадил дучор меоем. Ҳамчунин он шеърҳои шоир, ки дар васфи май навишта шудаанд, низ аз фикрҳои иҷтимоӣ холӣ намебошанд. Масалан,дар дохили байти зайл маъноҳои зиёд ва афкорӣ пешқадаме ҳам ҷойгир шудааст:

Мастибаҳори умр бувад дӯст аз ӯ мадор,
Зеро ки даври умр саросар баҳор беҳ [3, 86].

Ин аст, ки «хӯш гузаронидани умрро» аз ғамибеҳуда валотарҳисобида аз паи он мешавад:

Ҷуши ҷавониву ҷуши гул ду –се рӯз аст,
Хӯш гузарон ин ду рӯзи гузаронро [3, 127].

Адабиёт:

1. Абу Ҳомид ал-Ғазолӣ. Кимиёи саодат. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 432 с.
2. Абӯабдулло Рудакӣ. Ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 221 с.
3. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзнома. – Теҳрон, 1954. – 49 с.
4. Алиев Ғ. Персоязычная литература Индии. – Москва, 1968. – С. 131-132.
5. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 190 с.
6. Пудинаев А. Афкори равоншиносии мутафаккирони форсу тоҷик. – Душанбе, 2003. – 21 с.
7. Толиби О. Куллиёт. – Майхона: - 548 с.
8. Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи Давлатии РРС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Ҷ. 1. – С.196-197.
9. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. Асос-боз. 2013. – С.427-429

Калидвожаҳо: *зебои, баҳор, ҷавонӣ, табиат, гул, эстетика, ишқ, май, мусиқи, ҳаёт, рангоранг, умр, диёр.*

Аннотация

ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В ВОСПИТАТЕЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКОМ НАСЛЕДИИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ

Статья охватывает социально-политические и педагогические задачи, которые рассматриваются в произведениях персидско-таджикских мыслителей, затрагивая нравственное воспитание. Цель и задачи нравственного воспитания это прежде всего формировать и развивать человека в духе патриотизма и гуманизма, а также развивать у них целеустремленные цели в деле воспитания нравственных чувств.

Ключевые слова: *семья, общество, коллектив, нравственность, воспитание, наследство, правда, знание, просвещение, мыслитель, наследие.*

Annotation

THE MAIN SOURCES OF MORAL EDUCATION IN THE LITERAL AND PEDAGOGICAL CREATION OF TOLIBI OMULI

This article includes social – political and pedagogical issues indicating education and nurture in the creation of Tajik and Persian scientists and thinkers. Aims and functions of moral behavior includes a well- bred, humanity, future maker, patriot, honorable, to respect old- aged people, intellectual, cultural, defender of the nation and country.

Keywords: *family, society, collective, moral, education, inheritance, reality, science and knowledge, thinker, creation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонзода Кароматулло, магистранти кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел.: +992 985777440

Сведения об автора: Курбонзода Кароматулло, магистрант кафедры физически культури Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел.: +992 985777440

About the author: Qurbonzoda Karomatullo, master of the Department of physical education International Relations of Kulyab State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulyab, st. S. Safarova 16. Tel.: +992 985777440

Бобизода Раҷабгули Солеҳ,
магистранти соли якуми факултети филология

АНЪАНАИ ҒАЗАЛСАРОЙ ДАР АҲДИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА РАВШАНГАРӢ

Бобати асосҳои илмӣ-назарӣ, пайдоиш, тарихи таҳаввули жанри ғазал дар адабиёти форсу тоҷик тадқиқотҳои муҳими фундаменталӣ аз ҷониби олимони шарқшиноси аврупоӣ, эронӣ ва тоҷику ӯзбек офарида шудааст. Дар ҳамин замина тадқиқотҳои олимон Ян Рипка, Е.Э.Бертелс, П.Шикебӣ, К.Аминпур, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, Р.Мусулмонқулов, Р.Орзибеков, Н.Нуров ва дигаронро зикр намудан кофист. Дар ҳама давру замон ғазал баъзан ҳамчун муфассири муомилоти ошиқона, дар баъзе аз ҳолатҳои дигар дар таблиғи мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва ҳикамӣ ахлоқӣ суруда шуда бошад ҳам, ҳамчун жанри муҳими ғиноӣ бештар ҷавобгӯи ниёзҳои руҳии инсон, барои ифодаи тамоми параметрҳои мавзӯи ишқ мавриди истифода қарор доштааст. Муҳаққиқон дараҷаи таҳаввул ва даврабандию хоссаҳои генезиси инкишофи онро комилан дар як маром чунин тасниф намудаанд ва ин ҷиҳат аз ҷониби адабиётшиноси Эрон Сирӯс Шамисо дар тадқиқоти «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ» низ натиҷагирӣ шудааст. Яъне, марҳилаҳои таърихии инкишоф ва таҳаввули ғазал ба тариқи асри тағаззул (дар замоне, ки «ғазал» дар структураи жанри қасида буд), давраи ривоҷи ғазал, ғазали ҳадди восити сабки ироқӣ ва ҳиндӣ, ғазали сабки ҳиндӣ, ғазали давраи бозгашт ва ғазали нав.

Ғазал ҳамчун жанри серистеъмоли адабиёт дар ин марҳилаи инкишофи таърихи адабиёти тоҷик мавқеи асосӣ ва нисбат ба жанрҳои дигар имтиёзи бештар дорад. Шумораи байтҳои ғазал вобаста ба мазмуни он гуногун буда, дар осори аксари шоирон, аз ҷумла, Возеҳ, Шоҳин, Савдо барои ифодаи мазмунҳои ишқӣ, шикоят аз замон ва бешафқатии фалак, ҳаҷру фироқ, сӯзу гудоз, нобасомониҳои давр истифода гардидааст. Таъкид ҷоиз аст, ки дар ғазалиёти ин шоирон, ки аламбардори равияи пешқадами адабиёти давр буданд, ҷанбаи иҷтимоии мазмун, оҳангҳои шикоятӣ тадриҷан шиддат ёфта, ифодаи ҳолатҳои рӯҳӣ пуркувваттар гардид. Дар ғазалиёт аз лиҳози сабку услуб низ навпардозиҳои чашмрас ба вуҷуд омад.

Мутобиқи ақидаи Расулхон Ҳодизода «дар шакли зоҳирии ин жанри кӯҳнатарини назми классикӣ дар ин аср дигаргунии ҷиддие дида намешавад». Дар осори баъзе аз вакилони адабиёти ин давр дар пайравии Бедил гуфтани ғазал ба расм даромада бошад, зумрае аз эҷодкорони давр майл ба радифбандиву радифсозӣ пардохтанд ва баъзан якрангиию якнавохтии қофия мушоҳида гардад, баръакс дар осори шоирони равияи маорифпарварӣ аз қабили ғазалиёти Возеҳ, Шоҳин, Савдо, Аҷзӣ муроҷиат ба қофияҳои душвору обдор афзуд.

Ғазал аслан дар луғатҳо ба маънои «изҳори ишқу муҳаббат» омадааст. Маънии истилоҳии он низ ба маънии луғавиаш қаробати мантиқӣ дорад. Яъне чун истилоҳи адабиётшиносӣ ғазал ба ду маънӣ истифода мешавад. Аввалан, умуман сухани ошиқона будани ғазал, сарфи назар аз сохту қонуниятҳои шаклиаш дар шеъру адаб. Сониян, ғазал жанри лирикиест, ки аксаран дар мавзӯи ишқ дар ҳаҷми 5-12 байт суруда мешавад ва тарзи қофиябандии *аа, ба, ва, га*-ро доро мебошад ва бештар ҳамин миқдору ҳаҷм дар ғазалиёти шоирони давр риоят шудааст. Пеш аз ҳама ғазал ҳамчун жанри адабӣ шакли ягонаи «сарбаста» дорад. Ягонагии шакли он аз байти матлаъ сар мешавад, ки як навъ муқаддимаи мавзӯъ ва дар айни замон оҳанги сухан ҳам ҳаст. Пайвастагии зоҳирии ҷузъҳои онро тарзи қофия муайян мекунад, яъне умумияти овозии охири ҳар байте аз матлаъ то мақтаъ аст, ки, ваҳдати дохилию композитсионии шакли он ба шумор меравад. Бинобар ҳамин мувофиқи мақсад аст, ки оид ба баъзе ҷиҳатҳои махсуси жанри мазкур дар адабиёти аҳди маорифпарварӣ ва ибтидои асри XX тавваққуф карда шавад, то ки фаҳмиши ин истилоҳ ҳамчун категорияи таърихӣ рӯёб гардад.

Яке аз масъалаҳои мубрамтарини ҷараёни адабии нимаи дуввуми асри XIX ҳанӯз дар ҷараёни адабӣ устуворан қарор доштани сабк ва услуби бедилӣ ба шумор меравад, ки ин анъанаи бесобиқа дар таърихи се асри авохир тамоми ҷараёни адабиро тасхир намуда, имтиёзу бартарию ҳукмдории худро дар раванди адабӣ нигоҳ медошт. Ҷонибдорон ва пайравони сабки бедилӣ дар ин давра низ хеле сершуморанд. Аммо бо саъй ва эҳтимоми Аҳмади Дониш ва пайравони вай тадриҷан ба навгонӣ рӯ овардан ва аз сабку услуби бедилӣ даст кашидан, мазмун ва мундариҷаи адабиётро ба ҳаёти воқеӣ мутобиқ гардонидан, тарзи тасвирро мубҳаму печида баён накардан ба миён гузошта шуд. Ин ҳолат на бояд ба маънии ҳодисаи манфӣ будани сабки бедилӣ қабулу тафҳим шавад. Мутафаккирони давр сари вақт дарк намуда буданд, ки аввалан иқтидори шоирони давр барои идомаи ин суннати волои адабӣ намерасад. Дигар он аст, ки бо тақозои шароити таърихӣ сабки бедилӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаётиву маънавии

мардум мусоидат надорад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки шоирони пешқадами давру замон дар эҷод барои фаро овардани услуби реалистии тасвир тадриҷан гузаштан ба унсурҳои реализми танқидӣ оғоз карданд. Гарчи шакл ва қолаби осори лирикии шоирони давр классикист, дар баъзе аз ҳолатҳо дар онҳо унсурҳои навоваронаро низ мушоҳида карда метавонем. Ин ҳолат як навъ наҳ задани тақлидкориро дар эҷод далолат менамояд. Қариб дар осори аксари шоирони равшанфикру озодандеши адабиёти аҳди маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ дар зинаи аввали эҷод бо равияи тақлидӣ (хоҳ шоирони классики мумтоз ва хоҳ услуби бедилӣ) дахолат кардани эшон мушоҳида гардад, баъд аз таҳаввули шуури иҷтимоӣ ва вусъати ҷаҳонбинӣ ба услуби шоирони наву озодфикри замон мутобиқат кардани онҳо ба назар мерасад. Масалан, тақлиди Бедилро Шоҳин хоксорона ва андешамандона дар асоси мезонҳои ахлоқии нақд баҳо дода, дар раванди эҷод кори мақбул ҳисоб намекунад:

Чӣ нисбат аст ба Бедил камина Шоҳинро,
Ки қатраро натвон ҳаммаънои қулзум кард.

Ё худ ба ин маънии байти Бедил шуарои ин аҳд шояд амиқан сарфаҳм рафта бошанд:

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил,
Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад.

Ин ҳолат ё аз огоҳии комилу дарки моҳияти ҳаводиси замон аст, ё ки Шоҳин умуман дар замони нав ва шароити нави таърихӣ тақлиди хушку холии сабк ва услуби Бедилро амали номатлуб ҳисоб намудааст. Дуруст аст, ки Шоҳин низ ҳамчун шоири соҳибистеъдоди замони худ аз таъсир ва нуфузи ашъори Бедил файзбор гардидааст. Дар мақолаи пурмӯҳтавои Холиқ Мирзозода бобати тазмини як ғазали машҳури Бедил аз ҷониби Шамсиддин Шоҳин сухан рафтааст:

«Аз ғазали Бедил:

Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлӯи аҷз аст, роҳ он ҷо,
Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.

Аз ғазали Шоҳин:

Ба авҷи кибриё, к-аз саъйи озодист роҳ он ҷо,
Бикун тарки кулоҳ ин ҷо, шикан тарки кулоҳ он ҷо.

Қатъи назар аз ин ки байти Шоҳин аз ҷиҳати мазмун аз байти Бедил баланд меистад (зеро ба авҷи кибриё Бедил аз роҳи «аҷз», Шоҳин бо роҳи «саъйи озодӣ», Бедил бо роҳи «сар хам кардан», Шоҳин ба воситаи «тарки кулоҳ кардан» расидан мехоҳад), дар ғазалиёти ӯ ин гуна намунаҳо каманд ва бу ҷуз мисоли овардашуда, дигаре қариб дида намешаванд. Илова бар ин дар услуби шеърҳои Шоҳин услуби бедилӣ умуман дида намешавад». Гузашта аз ин дар байти ғазали Шоҳин таркиби «саъйи озодӣ» маъруфтар аст. «Озодӣ»- е, ки Шоҳин дар мадди назар дорад, бо вожаҳои «кибриё», «тарки кулоҳ» ва «шикасти кулоҳ» таносуби мантиқӣ дошта, ба ҳуввияту озодии шахс, бештар ба тақдиру қисмати қаҳрамони лирикки шоир мутааллиқ аст, ки мехост ҳарчӣ зуддтар аз асорату вомондагии дарбор бадар равад. Ба иродатмандии С.Амирқулов «Шамсиддин Шоҳин дар ҷодаи фазлу дониш ва шеъру шоирӣ ба ҳайси як шахсияти ренессансии замони таҷаддуд зуҳур намуд. Ӯ бо истеъдоди фавқулода бузурги фитрӣ дар сибқати барӯмандтарин адибони давраи Эҳёи Аҷам кӯшиши суханофаринӣ намуда, хост, ки тамоюли эҳёии адабиёти тоҷикро дар замони нав вусъат бахшад».

Таҳаввулу таҷдиди аломатҳои асосии жанри ғазал ба номи Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Мунзим, Аҷзӣ, Туғрал, Фитрат, Айнӣ, Иброҳими Ҷуръат, Фахриддини Роҷӣ сахт марбут аст. Таҷаддудгароён асосан афкору ақоиди пешқадами замонавӣ ва ғояҳои нави ҳаётиро дар қолабу жанрҳои анъанавии классикӣ ифода намудаанд. Моварои ғазалиёти шоирони давраи таҷаддудхоҳӣ хеле васеъ аст ва аз ҳамин лиҳоз дар ин гуна ашъор имконияти фароҳам кашидани вожаҳои мухталифу тоза низ падид омад. Тадриҷан ба лексикаи ғазалиёти шоирон ворид гардидани истилоҳоте, чун интибоҳ, озодӣ, ирфон (ба маънии тоза), истибдод, Ватан, истиқлол, ҳуррият, ҷавру ситам, модар, миллат, ислом, бонг, фарёд, иҷтиҳод, суннат ва амсоли инҳо ҳукми табиӣ дошт. Дар шеърияти ин давр тимсолҳои мазкур ва вожагоне, ки зимнан моҳияти иҷтимоӣ - сиёсӣ касб намуда буданд, оҳнги ҷудогонаву фавқулодда мутанатани ба худ хосе доранд. Ин гуна ашъорро на фақат дар мисоли осори лирикии Аҷзӣ, балки дар эҷодиёти шоирони дигар низ дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, шоири номии ин давраи Самарқандӣ Иброҳими Ҷуръат, ки аз ӯ то ба мо як маҷмӯаи ашъор бо унвони «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» боқӣ мондааст, мавзӯъ ва мазмунҳои тозаи сиёсию иҷтимоӣ ва афкори маорифпарварию таҷдидгароёнаи худро дар ғазалиёташ инъикос намудааст. Дар ҳамин марҳила бархе аз эҷодкорони давр дар паи навсозии забон ва ё ба ибораи дигар мавриди истифода қарор додани вожаҳои нав, калима ва таркиботи ғайру бегонаи норасмӣ пардохтанд. Новобаста ба таъмини

бадеияти шеър калимаҳои кӯчагиву бозорӣ вориди забони шеъру ғазал шуд. Вобаста ба мавзӯи ҳуррият ва озодихоҳиву ваҳдат дар ҷараёни адабӣ баъзе аз унсурҳои тамоюлоти навро мушоҳида намудан мумкин аст. Тарғиби ана ҳамин мавзӯъ сабаб гардидааст, ки шоир дар баёни мавзӯъ ва ифодаи мазмунҳои тоза тарзу услуби нави баёнро пеш гирад, ба қавле ашъори миллӣ офарад. Имтиёзи ашъори дар ин равия офаридаи шоир дар ҷараёни умумии адабӣ ҳам дар ҳамин аст. Ба эътиқодмандии С.Саъдиев «аз ҳамаи 58 шеъри дар маҷмӯаи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» гирдомадаи шоир 28 шеър ба мавзӯи ҳуррият доир буда, дар онҳо ба туфайли инқилоби феврал ба ҳуррият расидани халқҳои Туркистон тараннум шудааст... Умуман ин силсилаи шеърҳои Ҷуръат бо ғояҳои зидди империалистӣ ва зидди мустамликадорӣ сиришта шуда, мафкураи ҳаракати миллӣ -озодихоҳии халқҳои Туркистонро ифода намудаанд. Аз ин рӯ, «шеърҳои миллӣ»-и Ҷуръат ранги равшани сиёсӣ-публитсистӣ гирифтаанд, мазмун ва моҳияти тезу тунди иҷтимоӣ - сиёсӣ касб кардаанд». Шоирони давр дар ин гуна ғазалиёт аз сабку услуби соддаву ҳамафаҳм ва аз мусталиҳотилурфии мардум, вазнҳои кӯтоҳу оддӣ ва маъмулии арӯз истифода намуданд. Вобаста ба рушду такомул ва таҳаввули жанри ғазал ин масъаларо мавриди эътибор қарор дода, чунон талқин намудан мумкин аст, ки фақат дар ашъори Ҷуръат ҳамин мавзӯи «ҳуррият» барои такмили ҷанбаи ғоявии ғазал асос шуд. Онҳоро ҳатто комилан ба жанри ғазал мутааллиқ ҳисобидан шубҳаовар аст, аммо ҷиҳати тозагии масъала маҳз дар ҳамин мавзӯъ - мавзӯи «ҳуррият» аст. Мисоли равшани ин ҳолатро дар баъзе аз ғазалгунаҳои Иброҳими Ҷуръат, ки дар маҷмӯаи ашъораш соли 1917 дар Самарқанд бо унвони «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» ба табъ расида буд, дидан мумкин аст. Дар зер баъзе аз абёти ғазалҳои шоирро, ки ба ҳамин мавзӯъ мутааллиқ аст, иқтибосан меорем:

Арӯси ҳурриятро якдилу якранг базм ored,
Худо бар мо фиристодаст ин ҳури дилороро...
Каримо, қодиро, исломи моро муттаҳид гардон,
Ба подоши амал бахшанд, ин дунёи уқборо.

Ё ки дар ғазали дигар:

Дар ин пайғоми ҳуррият бигуфтам марҳабо, ё раб,
Ки бар носури захми мо расид ин дам шифо, ё раб...

Дар ғазали дигар:

Зи ҳуррият шуда пайдо мусовот,
Риёзатҳо ба роҳат шуд мукофот.
Ташаддудро таҷаддуд кард мағлуб,
Тазаллумро таъаннум шуд муҷозот.

Дар ғазали дигар:

Ниҳоли ҳуррият оварда бори тоза падид,
Яке ба ном шуда кӯҳнаву дигар ба ҷадид.

Ҳамин тариқа, дар ин самт ҷиҳати таҳаввулу такомули мазмунӣ, мундариҷавӣ, ғоявӣ, банду баст ва сабку услуби гуфтор, такомули эҷодӣ дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддин Шоҳин, Ҳайрат, Мунзим, Мирзо Сироҷ, Ҷуръат, Аҷзӣ, Ҳамдӣ, Фитрат, Айнӣ ва дигарон равшану возеҳ ба назар мерасад. Ин шоирон ва аксари онҳо дар зинаи дуввуми эҷодиёташон шеърро ба ҷодаи тасвири реалистӣ андохтанд. Баъзе муҳаққиқон бар он мӯътақиданд, ки бояд ба ҳар як жанри лирикии маорифпарварӣ истилоҳ-мафҳуме илова карда шавад, то тафовути байни хусусиятҳои жанрии ин навъи бадеӣ ошкор бошад. Масалан, муҳаққиқ С.Ҳалимов менигорад: «Ҳар гоҳ ғазал ба хотир ояд, пеш аз ҳама, шеъри ишқӣ тасаввур карда мешавад. Аз ин рӯ, ғазали адабиёти маорифпарвариро бо ғазали классикӣ тамоман як чиз ҳисоб кардан душвор аст. Бинобар ҳамин моро лозим аст, ки ба истилоҳи ғазал мафҳуме афзоем, то ки он хоси ғазали маорифпарварӣ будани онро ифода созад. Ба назари мо танҳо ғазали иҷтимоӣ номидани ғазали адабиёти маорифпарварӣ кифоя нест. Шояд онро ғазали иҷтимоии маърифатхоҳӣ номидан беҳтар бошад». Ба фикри мо саҳеҳтар он аст, ки барои ифодаи тафовути ғазали классикӣ аз жанри ҳамноми адабиёти маорифпарварӣ иловаи як мафҳум, яъне «маорифпарварӣ» кофист. Мафҳуми «ғазали маорифпарварӣ» фаҳмиши дурусти ин жанр аст, яъне як қисм нишонаҳои жанрии нав: мавзӯи тоза, мазмуни иҷтимоӣ, ғояи нави замонавӣ (ободии кишвар, худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, бузургдошти шахсу миллати мусалмон ва ғайраҳо), воситаҳои тасвири ҷадиду ваҳдати дохилии шакли он аст, ки услуби тасвири воқеънигорона касб кардааст ва ин ҳама аз нишонаҳои муҳими ғазалиёти шуарои маорифпарвари оғози асри XX ба шумор меравад. Зеро дар зимни ҳамин мафҳум ҳар ду

маънӣ низ дарк карда мешавад. Аз ин мавқеъ ғазал ва анвои жанрҳои дигари лирикӣ дар аҳди маорифпарварӣ ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохтору услуб ба тағйироти ҷиддӣ дучор шуданд ва ҳамин тағйироти сифативу созмонӣ, услубиву лисонӣ барои дар марҳилаҳи навини таърихи адабиёти тоҷик рушду нумӯъ пайдо кардани ин жанри адабӣ аз ҳар ҷиҳат созгор афтод.

Адабиёт:

1. Амирзод С. Таҷдиди назар ба усули омӯзиши мактаби адабии Аҳмади Дониш. // Адаб, № 4 (48). 2018, - саҳ. 55.
2. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 125 с.
3. Ғаниев И.Офоқова Н. Жадид адабиёти ва адабиётшунослиги библиографияси. – Тошкент: Академнашр, 2012. - саҳ. 5.
4. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. (Асрҳои XVI - XIX ва ибтидои асри XX). – Душанбе: 1962. – 59 с
5. Мусулмониён Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. – Душанбе: Маориф, 1987. – 169 с.
6. Саъдиев С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. – Тошкент: Ӯзбекистон миллий энциклопедияси, 2012. – 7 с.
7. Ҳашмат. Тазкират уш шуаро. Нусхаи № 2729 (Тошкент). В. 91б-92б, - саҳ. 8.
8. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 113 с.
9. Ҳодизода Р. Як симои фаромӯшшудаи фарҳангу адаби мо. //Гули мурод. – Душанбе: 1998, №7-12. – саҳ. 9.

Калидвожаҳо: *ғазал, равшангарӣ. шоир, анъана, навоварӣ, жанр, реализм.*

Аннотация

ТРАДИЦИИ ЖАНРА ГАЗЕЛИ В ЛИТЕРАТУРЕ ЭПОХИ ПРОСВЕТИТЕЛЬСТВА

В статье рассматриваются проблемы развития традиционного жанра персидского-таджикской поэзии газел во второй половине XIX и начала XX векаю. Отмечается, что несмотря на обновления литературы в эпохе просветительства таджикские поэты внесли свой вклад в развитие традиционного жанра газели в новой духовной и культурной условии. В этом деле особую роль сыграли такие популярные поэты той эпохи как Хайрат, Шохин,Туграл, З.Джавхари, Мунзим и другие. Они в основном обновили тематику и содержание этого традиционного жанра таджикско-персидской литературы. В целом в статье показано общая картина развития жанра газели в таджикской поэзии второй половине и начало XX вв.

Ключевые слова*: газел, просветительство, поэт, традиция, новаторство, жанр, реализм.*

Annotation

TRADITIONS OF THE GAZELLE GENRE IN THE LITERATURE OF THE ERE OF THE ENGLIGHTENMENT

The article discusses the problems of the development of the traditional genre of Persian-Tajik poetry gazelles in the second half of the 19th and early 20th centuries. It is noted that despite the renewal of literature in the era of enlightenment, Tajik poets contributed to the development of the traditional gazelle genre in a new spiritual and cultural environment. Such popular poets of that era as khairat, Shokhin? Tugral, Z. Javhari, Munzim and others played a special role in this matter. They basically updated the subject matter and content of this traditional genre of Tajik-Persian literature. In general, the article shows the general picture of the development of the gazelle genre in Tajik poetry in the second half and the beginning of the 20th century.

Keywords: *poetry, gazelles, enlightenment, poet, tradition, innovators, genre, realism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобизода Раҷабгули Солеҳ, магистранти соли якуми ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 007333661, Email: bobizodabasjnat@gmail.com

Роҳбари илмӣ: Солеҳов Шамсиддин, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Тел.: +992 987650043

Сведения об авторе: Бобизода Раджабгули Солех, магистрантка первого курса таджикского языка и литературы, таджикская филология, Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни. Тел.: +992 007333661, Email: bobizodabasjnat@gmail.com

Научный руководитель: Солехов Шамсиддин, заведующий кафедрой теории и истории литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогиского университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 987650043

About the author: Bobizoda Rachabgul Solekh, first-year master of the Tajik State pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 007333661, Email: bobizodabasjnat@gmail.com

Supervisor: Salekhov Shamsiddin, head of the pepartment of Theory and History of literature, fakulty of Tajik philology, Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 987650043

Қаҳҳоров Шаҳриёр Абдуҷаббарович,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

ФАРДБАЙТ-ҲАМЧУН ЖАНРИ ХУРДИ ЛИРИКӢ

Фардбайт, яке аз жанрҳои хурди лирикӣ ба ҳисоб рафта, дар осори адабии форсу тоҷик мавқеи муайянеро дорад. Ба ин навъи шеърӣ қариб тамоми шоирони гузаштаву имрӯзаи мо табъозмоӣ намуда, ҳатто дар шакли алоҳида «Фардиёт» низ ба хонандагон пешниҳод намудаанд.

Фард, дар луғат ба маънии «якка, танҳо, ягона» омадааст ва шакли ҷамъи ин калима-муфрадот ва ё фардиёт аст [4, 412]. Ин жанри хурди лирикӣ ба худ хусусиятҳои хосе дорад, аввало, аз як байт, яъне ду мисраъ иборат будани он ва мисраҳо метавонанд ҳам бо қофия ва ҳам бе қофия дар шакли озод оянд. Масалан, дар фарди зерин мисраҳо ҳамқофия омадаанд:

Чаро аксар кабӯтарҳо сапеданд?
Аз он ки пайки иқболу умеданд [2, 46].

Ва дар шакли бе қофия, яъне озод аз Асриддини Ахсикатӣ:

Зи нону об, ки асли ҳаёти одамиянд,
Малол гирад, чун бигзарад зи андоза [3, 159].

Муфрадот (фардиёт) аз рӯи мавзуъ гуногун буда, аммо бештар ишқӣ, ахлоқӣ, шиквоӣ ва гоҳҳо ҳаҷвӣ мешавад. Барои мисол якчанд намунаеро дар зер меорем:

Дар мавзуи ишқ, аз Имодӣ:

То қиёмат шарҳи ишқат қардме,
Гар касе будӣ, ки бовар доштӣ? [3, 159].

Байти машҳуре аз устод Лоҳутӣ, ки мавзуи панду ахлоқист:

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ? [3, 159].

Фарди зерин, ки аз Мавлоно Ҷомӣ аст, дар он таънаю шикоят ифода ёфтааст:

Ҳар кас, ки аз ин ҷаҳони дилгир бичаст,
Аз нанги вазиру миннати мир бираст [3, 159].

Инчунин, ба фард таърих ҳам гуфтаанд. Масалан, Абдураҳмони Мушфиқӣ (1538-1588) дар санаи Пули Меҳтарқосими Бухоро гуфтааст:

Зи таҳти ӯ гузарад моъ зи фавқи у гузарем,
Аз он сабаб шуда таърихи ӯ ***гузаргоҳӣ мо*** *[3, 160].*

Гузаргоҳи мо- бо ҳисоби абҷад, санаи 987 ҳичрӣ (1579 мелодӣ)-ро ифода мекунад [3, 160].

Мавҷудияти образи барҷастаи шоирона ва маънии ибратангези зиндагӣ шарти муҳими фард ба ҳисоб меравад, инчунин омилҳои гуногуне барои офаридани фард вуҷуд дорад, ба мисоли, бадоҳатан шоир дар мавриди мувофиқе пораи шеъре мегӯяд, ки ҳамагӣ як байт аст ва гоҳҳо адиб барои баён кардани масъалае фикри худро ба шакли манзумае меорад ва гоҳҳо барои ҷамъбасти фикр эҷод мешавад. Ва гоҳе шоир дар мушоҳидаҳои худ, ягон лаҳзаи воқеиятро дида, ба он образи ҷолибе пайдо карда, дар шакли фард меорад.

Ёдрас шудан зарур аст, ки баъзан шоир дар ҳолати эҷоди як фард, метавонад онро бо тахайюлу ҳунари шоиронааш бо байтҳои дигар идома диҳад, ки ин анъанаро дар адабиёти классикиамон байтулқасида мегуфтанд ва дар натиҷа аз як фард шакли дигари шеърӣ (қасида, ғазал) ба вуҷуд меомад ва ё дар ҳамон шакли фардии худ боқӣ мемонд. Ҳунару завқи шоирро метавон аз фардиёташ муайян кард. Шоирро завқу ҳунари болое мебояд, то дар эҷоди фард муввафақ шавад, осон нест бо ду мисраъ хонандаро ба андешидану маъникобӣ равона сохтан.

Мавриди зикр аст, ки байтгӯии шоирони мо, ҳам шифоҳӣ ва ҳам китобӣ таърихи бисёрасрае дошта, то ҳол идома карда истодааст. Аслан, ҳадафи шоир аз шеър эҷод кардан, мухтасарбаёнист. Яъне, дар ҳаҷми хурд ҷой додани гуфтаҳои бузургу муассир ва ё бо сухани андак, хонандаи хушзавқро ба андешидану дарёфтани маъниҳои густурда таҳрик бахшидан. Шоир бояд дар ду сатр маъние бигӯяд ё тасвире бинамояд, ки ҳам комилу тамом бошад ва ҳам ба дарки хонанда созгор бошад. Барои тақвияти фикрҳои хеш, мо якчанд намунаеро аз маҷмуаи «Ҳазор байт»-и Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода лозим донистем:

Ҷу лола порсое дар чаман нест,
Бисоти лола ҷуз як пираҳан нест [2, 13].

Дар байти болобуда сухан дар бораи лолаву чаман нарафта, балки хонандаро ба порсоӣ, қаноатпешагӣ, покиву сабурӣ умри зебову рангин ба сар бурдан ва аз худ ёди хушу гуворо ёдгор гузоштан, ёдрас мешавад.

Дар маҷмуаи мазкур байтҳо чунон баён шудаанд, ки хонанда беихтиёр аз онҳо ба худ панд мегирад ва эҳсосу идроки зебоипарастиашро такмил дода, комилтар месозад, ки инро дар байти зер мушоҳида кардан мумкин аст:

Бар рағми касе зистанат шарт набошад,
Бо меҳри касе низ тавон зист ба олам [2, 31].

Танҳоӣ, беҳтар аз он аст, ки бо нокасе ё ҳамдами баде иртибот барқарор намоем ва ин мазмунро шоир хеле зебо ба шакли фардбайт овардааст, ки дар зер меорем:

Гар касе бошӣ, барои худ басӣ,
Бекасӣ беҳтар бувад аз нокасӣ [2, 33].

Адабиёт:

1. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт (Қисми 1). – Душанбе: Маориф, 1995. – 320 с.
2. Ваҳҳобзода Р. Ҳазор байт (Муфрадоти бадеҳа). – Душанбе: Адиб, 2020. – 160 с.
3. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 330 с.
4. Шукуров М. Ш, Капронов В. А, Маъсумӣ Н. А. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (Ҷилди 2). – Москва: Советская Энсиклопедия, 1969.

Калидвожаҳо: *жанр, лирика, шеър, луғат, мисраъ, қофия, образ, шифоҳӣ, тахайюл, китобӣ.*

Аннотация

ФАРДБАЙТ (ОТДЕЛЬНЫХ БЕЙТОВ) – КАК МАЛЫЙ ЛИРИЧКСКИЙ ЖАНР

Фардбайт (отдельных бейтов) является один из малых лирических жанров. Наши прошлые и настоящие поэты написали стихи в этом жанре, и автор статьи смог сделать интересные и важные замечания по этой теме. Также исследователь затронул более интересную тему, привел примеры из произведений поэтов прошлого и настоящего.

Ключевые слова: *жанр, лирика, стихотворение, словарь, стих, рифма, образ, устное, воображение, поэт.*

Annotation

FARDBYTES - AS A SMALL LYRICAL GENRE

Fardbayt, one of the small lyrical genres, our past and present poets have written poems in this genre, and the author of the article was able to make interesting and important points on this topic. Also, the researcher discussed the topic in a more interesting way, citing examples from the works of poets of the past and present.

Keywords*: genre, lyric, poem, dictionary, verse, rhyme, image, oral, imagination, poet,*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қаҳҳоров Шаҳриёр Абдуҷаббборович, магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино. Телефон: +992 919279082

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филология, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Носирҷон Салимӣ

Сведения об автора: Каххоров Шахриёр Абдуджабборович, магистрант первого курса таджикского филологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: город Душанбе, район Сино. Телефон: +992 919279082

Научный руководитель: доктор филологических наук, профессор, академик Академии национальный наук Таджикистан Носирджон Салими

About the author: Qahhorov Shahriyor Abdujabborovich, first-year master's student of the tajik philological faculty of the Tajik State Pedagogical University by named after Sadriddin Aini. Address: Dushanbe city, Sino district. Phone: +992 919279082

Scientific adviser: doctor of philological sciences, professor, academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan Nosirjon Salimi

Саидов Саидмуҳриддин Нурович,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

МАҲОРАТИ ҲУНАРИИ ҲОФИЗ ДАР ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИР

Дар шеърҳои Ҳофиз кор фармуда шудани воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ ҷолиби диққат аст. Суханвари моҳир дар баробари нигоҳ доштани тарзи баёни сода ва оммафаҳм, ба ҳусну адо ва лутфи таъбир диққати махсус дода, устодона кор фармудани ташбеҳу истиора, тавсифу ташхиз, муболиғаю маҷоз, киноя ва ғайраҳо суханро фасеҳ, мазмунро баланду барҷаста, маъниро пурраю амиқ, матлабро равшану возеҳ, ибораро дар талаффузу шунид хушоҳанг ифода мекунад ва ба ин васиал қувваи таъсири шеърро пурзӯр гардонда, ба хонанда ва шунаванда завқи баланди эстетикӣ мебахшад.

Дар ашъори Ҳофиз ин воситаи тасвир ба таври фаровон дида мешавад ва дар он таносуби сухан ва ашё ва аносири табиат ниҳоят мустаҳкам аст. Махсусан, ташбеҳ аз ҷумлаи воситаҳои тасвири бадеиест, ки санъаткор ба туфайли он равшании баёнро таъмин мекунад.қисми ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда дар байни худ муносибати қавӣ доранд:Чунончи:

Ӯро ба чашми пок тавон дид чун ҳилол,
Ҳар дида ҷои ҷилваи он моҳпора нест [5, 112].

Рӯи маҳбубаро барои зебоӣ ва тозагию покиаш ба ҳилол монанд кардааст, ки он ташбеҳи бевосита ё ки ошкор аст. Дар ин байт фикри асосӣ он аст, ки рӯи ёр на танҳо зебо, пок ҳам мебошад, бинобар ин, ҳар чашм лоиқи дидани он нест. Шоир ба ин восита ишқи покро тавсиф ва шаҳватро маҳкум кардааст. Маҷоз яке аз муҳимтарин воситаҳои тасвири бадеист. Вай на танҳо ба мухтасарбаёнӣ, инчунин барои пурра ва ҷозибаноктар тасвир намудани предмет ва ҳодисаҳои гуногун ба шоир ва нависанда имконияти васеъ медиҳад.

Маҷоз ба ташбеҳ наздик аст. Истиора, рамз, киноя, тамсил, ташхис, муболиға ва ғайраҳо низ аз қабили маҷоз мебошанд. Дар ғазалиёти Ҳофиз маҷоз ва тамоми хелҳои он ба таври фаровон кор фармуда шудааст.

Зи рӯи дӯст дили душман чӣ дарёбад,
Чароғи мурда куҷо, шамъи офоқ куҷо? [5, 32].

Дар ин байт предмети тасвири шоир дӯсту душманӣ ба ҳам зикр ёфтааст, ки байни онҳо ба ҳамдигар роҳ нест ва таносуби онҳо монанди «чароғи мурда»-ву «шамъи офоқ» аст. Бо ин ибораи маҷози Ҳофиз мегӯяд, ки диле, ки аз нури ишқ бохабар нест, дили мурда аст. Он диле, ки дар фикри ҷоҳу мақом аст, куҷо ба нури ишқ мерасад, он, ки худпараст буд, кай ҳақиқатпараст мешавад. Ибораи «шами офоқ» дилҳое, ки аз нури ишқи маҳбуба пур аст, ин нур махсуси дилшудагон аст, ин нур махсуси некон аст, ин нурро ба касе диҳанд, ки дилро ба нури ишқи маҳбуба пок доштаанд.

Истиора як намуди маҷоз аст. Аслан як намуди ташбеҳ аст. Истиораро ташбеҳи кӯтоҳшуда меноманд. Дар истиора ташбеҳшавандаро истиорашаванда, ташбеҳкунанда истиоракунанда мегӯянд. Вале фарқи истиора аз ташбеҳ ин аст, ки дар ифодаҳои истиоравӣ унсури ташбеҳшаванда ё ки истиорашаванда зикр намешавад.Дар ғазалиёти Ҳофиз истиора ба таври фаровон кор фармуда шудааст:

Дардо, ки аз он оҳуи мушкини сиёҳчашм,
Чун нофа басе хуни дилам дар ҷигар афтод [5, 153].

Оҳуи мушкини сиёҳчашм киноя аз маҳбуба. Дар ин ду мисраи шеър истиоракунанда «оҳу» омада, вазифаи ташбеҳкунанро адо кардааст. Ё ин ки дар байти дигар ҳам истиора хеле хуб истифода шудааст:

Шакарфурӯш, ки умраш дароз бод чаро,
Тавақуде накунад тӯтии шакарҳоро? [5, 34].

«Шакарфурӯш» ва «тӯтии шакарҳо» - ҳарду киноя аз маҳбуба аст, ки истиорашаванда зикр намудааст.

Киноя чунин калима ва истилоҳоти адабиест, ки ба ғайр аз маънои аслиаш боз маънои пӯшида дошта, он ба тариқи пӯшида кор фармуда мешавад. Ифодаҳои киноявӣ ягон ҳодисаи манфиро бо суханони зоҳиран мусбат баён карда, воқеаи мусбатро ба маънои зид ва мухолиф ифода мекунанд.

Ҳофиз на танҳо сарояндаи ишқ пурчӯшу хурӯши ошиқон, шарики ҳамнафаси бодапаймоён буд, инчунин душмани золимон, авомфиребон ва ноаҳлон мебошад. Аз ин рӯ, дар ашъори Ҳофиз киноя низ зиёд дида мешавад.Чунончи:

Саҳаргаҳ раҳраве дар сарзамине,
Ҳамегуфт ин муаммо бо қарине,
Ки, эй сӯфӣ, шароб он гаҳ шавад соф,
Ки дар шиша барорад арбаине [5, 586].

Дар ин чор мисраъ киноияи беамон нисбат ба сӯфиён гуфта шудааст, ки дар зоҳир дигаранду дар ботин дигар, гуфтаашон бо кардаашон рост намеояд.

Шоир барои тасвир кардани ягон воқеа касе ё чизе, гоҳо сифати онро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳо ва ё ҳолатҳои он воқеа касе ё чизеро нишон медиҳад:

Он сиёҳзурда, ки ширини олам бо ӯст,
Чашми майгун, лаби хандон, дили хуррам бо ӯст [5, 97].

Барои Ҳофиз ҳар чизе, сифате, ки маҳбуба дорад, ба арзиши хоса моли каст. Чаро зулфи сиёҳ, чашми майгун, дасти симин, чеҳраи сиёҳзурда хуш аст? Зеро маҳбубае, ки Ҳофиз дар шеърҳояш васф мекунад, ин сифатҳо ба ӯ мансубанд ва Ҳофиз дӯсттдори ин гунна зебоиҳо мебошад.

Агар тавсиф дар баъзе лаҳзаҳои чигунагии маҳбубаро баён карда бошад, дар лаҳзаҳои дигар зебоии ватанро ифода намудааст. Дар ҳарду ҳолат ҳам муносибати қаҳрамони лирикӣ асоси муайянкунанда сифатҳо мешаванд.

Шерозу оби Рукниву он боди хушнасим,
Айбаш макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст [5, 75].

Оре, Ҳофиз ватани худро бо тамоми ҳиссиёташ дӯст медорад, таърифу тавсиф мекунад ва худро бе он тасаввур карда наметавонад. Санъати таҷнис дар ғазалҳои Ҳофиз хеле инкишофёфта мебошад. Ҳофиз мувофиқи талдаботи ин санъат дар як байт алфозеро меорад, ки дар навиш якка, аммо дар маънӣ мухталиф мебошад. Ин ҳолат ба хонанда ҳиссу малакаҳои кунҷковӣ, зарофатгӯӣ, тезфикрӣ ва зудфаҳмиро тарғиб менмояд.

Зулф бар бод мадеҳ, то надиҳӣ барбодам,
Ноз бунёд макун, то накунӣ бунёдам [5, 391].

«Бар бод»-и якум ба маънои парешон кардан ва «барбод»-и дуюм ба маънои ҳалок ё талаф шудан омадааст. Дар мисраи дуюм «бунёд»-и якум оғоз кардан ва «бунёд»-и дуюм ба маънои беху бунёд омадааст.

Дар эҷодиёти ин шоири ширинкалом барои боз ҳам амиқу равшан гардонидани фикр ва зиёд кардани қувваи таъсир санъати такрор ба мавқеъ истифода шудааст ва он шеърҳои шоирро боз ҳам дилчасптар мегардонанд.

Дилу динам, дилу динам бибурдаст,
Бару дӯшаш, бару дӯшаш, бару дӯш.
Давои ту, давои туст, Ҳофиз,
Лаби нӯшаш, лаби нӯшаш, лаби нӯш [5, 347].

Дар тараннуми сабо низ Ҳофиз аз дигар шоирон тафовутти ҷиддӣ дорад. Сабои Ҳофиз инсон аст,инсоне,ки аз дили ашё баромадааст. Ҳофиз ба ашё, яъне ба сабо рӯҳи дигар дароварда, худаш низ дар он чо дорад. Сабои Ҳофиз чаҳони Ҳофиз аст. Дар ашъори ин шоири осмонӣ сабо мавқеи намоён дорад. Қариб дар ҳама ғазалҳои Ҳофиз вазиши боди сабо,дасти нозуки вай ба назар мерасад.Сабо аз ҷумлаи калимоти дӯстдошта ва калидии Ҳофиз аст. Дар ашъори шоири дигар ин қадар азиз нест,ки дар ашъори Ҳофиз аст. Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад:· Ҷаҳонбинии шоир дар робитаи ӯ бо муҳити зиндагии ӯ имкон медиҳад,ки ақидаҳои ичтимоӣ, фалсафӣ, риндӣ ва ахлоқиашро моҳирона ифода кунад.Ҳофиз шоирест, ки лутфи суханаш ба Худо раснда.Ҳофиз шоири ҳассос аст,ҳама ҷо барояш маҳсус аст. Дар ҳар зарраи ин шавқу ҳаракатҳо, дар инсон, дар гнёҳ рӯҳи бедор эҳсос мешавад.на фақат наргису бунафша дам аз зулфи маъшуқ мезананд, моҳу сарв ҳам аз руву қадди ӯ ҳикоят мекунанд. Дили ҳассоси ӯ ҳам бо булбул,ки мисли ӯ як ошиқи зор аст ҳамдардӣ дорад. Ҳам бо сабо, ки мисли як ошиқи зор сар ба кӯҳу биёбон ниходааст."[6,20].

Яке аз санъатҳои дигари бадеӣ суолу ҷавоб буда, барои ифодаи эҳсоси қалбии тарафайн воситаи хубест, ба шарти он ки суолу ҷавоб дар сурати мантиқӣ, нозук ва нуқтасанҷона воқеъ шавад:

Гуфтам: «Гами ту дорам». Гуфто: «Гамат сар ояд».
Гуфтам, ки «Моҳи ман шав». Гуфто: «Агар барояд» [5, 289].

Дар ин ду мисраъ ҳиссиёти зоҳиран ду тараф, ҳам қаҳрамон лирикӣ ва ҳам эпикӣ бо хусусияти муқобилгузорӣ баён шудааст. Санъати суолу ҷавоб дар ашъори Хоҷа Ҳофиз ба таври фаровон дида мешавад.Чунон ки маълум шуд, Ҳофиз тамоми воситаҳои бадеиро устокорона, ба таври фаровон дар ғазалиёташ ба кор бурдааст.

Ҳофиз санъатҳо ва воситаҳои тасвириро ба кор бурдааст, ки барҷаста ва мутаносиб мебошанд, Ҳофизро ҳамчун устоди назм дар маҳорати санъаткорӣ ба чашмае монанд кардан мумкин аст, ки ҳар лаҳза мавҷе аз паи мавҷе бармехезад.

Ашъори ишқии Ҳофиз ниҳоят соддаю фаҳмо, шухоҳангу латифу дилоро, солису зебо буда, бо ташбеҳу истиораҳои хуб, масалу зарбулмасалҳо ва таъбирҳои ширин зиннат дода шудаанд, онҳо ғарқи бодаи мастангези ишканд.Чунон ки дар боло қайд кардем, яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ин мавзӯи ишқ мебошад.

Шоир дар ғазалҳои худ саросар ишқу муҳаббати инсониро тараннум кардааст. Баробари ин дар замоне, ки Ҳофиз зиндагӣ мекард, ишқи дигаре низ вуҷуд дошт, ки он ишқи илоҳӣ, ишқи тасаввуфӣ буд.

Дар девони Ҳофиз бо оҳангҳои ишқи ирфонӣ бармехӯрем, вале асоси девони ӯро пеш аз ҳама ишқи инсонӣ ташкил додаст.

Ҳофизи Шерозӣ дар эҷоди ғазалҳои ишқии худ аз тамоми воситаҳои бадеӣ моҳирона истифода бурдааст, ки ин ҳам боз сабаби пуртаъсирии ғазалиёти ӯ гардидааст.Ҳарчанд ки ғазалҳои шоир дар замони тангу тори феодалӣ навишта шуда бошад ҳам, ҳоло ҳам онҳо аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии худро гум накардаанд.

Ҳофиз яке аз барҷастатарин адибони адабиёти классики форсу тоҷик мебошад. Оре, ин суханҳоро Ҳофиз пайғамбарона пешгӯӣ карда буд:

Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо [5, 42].

Адабиёт:

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Аз кӯчаи риндон. – Теҳрон, 1343.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафҳот-ул-унс. – Теҳрон, 1337.
3. Гулшани Адаб. Ҷ. 1, 2. – Душанбе, 1975.
4. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе, 1983.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Теҳрон, 1379. – 2001.
6. Ҳофизи Шерозй. Девон. – Теҳрон, 1350.

Калидвожаҳо: *Ҳофизи Шерозӣ, тасвир, Сабо, суфӣ, ашъор, эҷодиёт, ғазалиёт, қосид, эҳё, шоир, поетика.*

Аннотация

НАВЫКИ ХУДОЖНИКА В ИСПОЛЬЗОВАНИИ ИЗОБРАЖЕНИЙ

В статье рассматриваются особенности поэзии Хафиза Шерози, в частности, художественные описания поэта. Пример использования слова «сабо» проясняет мысли поэта. Значение слова «сабо» также проявляется в культурах. «Сабо» описывается с разными значениями. В этом слове выражаются суфийские мысли Хафиза. Художесвенное описание поэта велика. Обсуждается также суфийская поэзия поэта. Поэтичность поэзии поэта иллюстрируется на примере описание «сабо».

Ключевые слова: *Хафиз Ширази, описание, «сабо» (эфир), суфий, поэзия, творчество, газели, мститель, оживление, поэт, поэтика.*

Annotation

ARTIST'S SKILLS IN USING IMAGES

The article explores features of the poetry of Hafiz Shirazi, in particular, artistic descriptions of the poet. An example of the use of the word «sabo» clarifies thoughts of the poet. The meaning of the word "sabo" is also evident in cultures. «Sabo» is described with different meanings. This word expresses Sufi thoughts of Hafiz. The artistic description of the poet is great. The poet's Sufi poetry is also discussed. The poetry of the poet's poetry is illustrated by the example of the description of «sabo».

Keywords: *Hafiz Shirazi, description, «sabo» (light wind), Sufi, poetry, creativity, gazelles, revenger, revival, poet, poetics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Саидмуҳриддин Нурович, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 985831111; +992 883883833

Роҳбари илмӣ: Муллоев А.

Сведения об авторе: Саидов Саидмухриддин Нурович, магистрант втарого курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни. Тел.: +992 985831111; +992 883883833

Научный руководитель: Муллоев А.

About the author: Saidov Saidmuhriddin Nurovich, first year master student in the Tajik Philology Faculty of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 985831111; +992 883883833

Scientific supervisor: Mulloev A.

Раҳимӣ Сомони Холмаҳмад,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

НАЗАРЕ БА РӮЗГОРУ ОСОРИ ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ

Шоири халқии Тоҷикистон муаллифи Суруди миллӣ Гулназар Келдӣ яке аз шоирони пешқадами даврони соҳибистиқлоли мост. Устод Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик мақом ва ҷойгоҳи хоси худро дорад.

Хизматҳои устод Гулназар чун адиби боистеъдод аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадрдонӣ шудааст: «Шумо дар шеърҳо, суханрониҳо ва фаъолияти ҷамъиятиву касбиатон ҳамеша аз мавқеи манфиатҳои ҷомеа ва давлат дифоъ карда, дар баркароршавӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдат саҳми арзанда гузоштаед» [3, 3].

Гулназар чун шоири тавоно ва соҳибқалам на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар давлатҳои ҳамзабони мо Афғонистону Эрон ва инчунин ҷумҳурии собиқ шӯравӣ соҳиби иззату эътибори зиёд гардидааст. Шоир ва донишманди Эрон Алиризои Қазва чунин ибрози назар намудааст: «Гулназар Келдӣ аз шоирони матраҳ ва бо пушҳтивонае аз навгароӣ, суннат ва накди рӯз, аз ҷумлаи касонест, ки метавонад дар ғазал ва шеъри Тоҷикистон нақши калидӣ ифо кунад. Сарояндаи Таронаи миллии тоҷикон медонад, ки имрӯз адабиёти ҷаҳон то чӣ андоза худро ҷилав кашидааст ва аз таҷрибиёти жанрҳои мухталифи адабӣ ва ҳунарӣ чӣ гуна адибон ва шоирони ҷаҳон ба нафъи адабиёт истифода кардаанд» [3, 4].

Гулназар яке аз бузуртарин шоирони даврони муосир мебошад, ки эҷодиёташ дар аввал ҳамин гунае, ки ҳоло ба назар мерасад, тахту ҳамвор набудааст. Ӯ то ба ин қуллаи камолоти эҷодӣ расиданаш бисёр пастиву баландиҳои зиёдро таҳаммул намуда, дар ин роҳ камари ҳиммат бастааст то ин, ки сабки хоси худро дарёбад. Бояд қайд намуд, ки ҳар давраи эҷодиёти шоир аз дигараш аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва такомули ҳунари шоирӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Гулназар аз худ мероси бою рангин дошта, ҳар бинандаву хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Маҷмӯаҳои «Дастархон» (1972), «Лангар» (1984), «Ағба»(1979), «Паҳно» (1981), «Нардбон» (1975), «Пайи дарё» (1986), «Чашми нигин» (1987), «Об омаду об омад» (1991), «Табхола» (1992), «Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст» (1997), «Фариштаи бомдод» (2000), «Қадаҳи шабнам» (2001), «Шуълаи баркади сӯзони малоҳат» (2002), «Девори сабз» (2002), «Оинаи ташна « (2005), «Шакарнам» (2006), «Фасли оғоз» (2005), «Дарёи кӯча» (2010), «Туву хубиву раъноӣ» (2010), «Оғӯши саршор» (2011), «Дар чодари сафеди маҳтобӣ» (дар ду ҷилд,соли 2015), «Лолаҳо дар ёлаҳо» (2017), аз осори пурғановати ашъори ӯ шаҳодат медиҳанд.

Бояд қайд намул, ки китобҳои устод Гулназар «Аз барои Гулъизор» (1983), «Се кулчаи танӯрӣ» (1990), «Об омаду об омад» (1991), «Борони бесаранҷом» (2004) ва «Гунҷишкаки наққош» (2007) ашъори бачагонаи ӯро фароҳам овардаанд [3, 8].

Як гурӯҳ муҳаққиқон аз қабили М. Шарифова, Т. Абдуҷабборов, Ш. Нуриддинов, Ҳ. Самадов, А. Шеров, Б. Дарвеш, А. Абдуллоев, С. Шаҳзода, Д. Даврон ва дигарон дар тӯли солҳо ашъори алоҳидаи Гулназарро мавриди баррасӣ қарор дода, ба маҷмӯаҳои ашъораш такризҳо навишта, дар нашрияҳо ба чоп расонидаанд, яъне фаъолияти шоирии ӯро то андозае муаррифӣ кардаанд.

Фишурдаи шарҳи ҳол. Гулназар Келдӣ 20 сентябри соли 1945 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падари Гулназар Мирзокелдӣ ном дошта бисёрҳам марди суҳбаторову шеърдон ва модараш хазинаи байту рубоӣ будааст. Мардуми деҳаи Дардар дар зарофати сухан ва ҳозирҷавобӣ ҳамто надоранд. Дар чунин оила ва муҳит ба воя расидани ӯ ҳадяи тақдир аст ва албатта, ба пешравии эҷодиаш низ бетаъсир намондааст.

Гулназар табиатан бачаи ҳушёру зирак ва аълохон буд. Ба омӯзиши тамоми фанҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуд ва инчунин дар тамоми маҳфилу чорабиниҳо фаъолона иштирок мекард. Мактаби деҳаашон яке аз мактабҳои намунавии ноҳияи Айнӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро дар он таълимгоҳ омӯзгорони беҳтарин сабақ мегуфтанд. Гулназар аз овони хурдӣ одати бекоргардӣ надошт. Вай пас анҷоми дарсҳояш ба падару модар ёрӣ мерасонд. Яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи ӯ заргӯшпарварӣ буд. Гулназарро баъди бо нишони тилло фарҷом бахшидани мактаби миёнаи рақами 4-и деҳа ба номи Надежда Константинова Крупская (ҳоло

ба номи Пирмуҳаммад Бойматов) ҳунари суханварӣ ва шавқи донишандӯзи ба пойтахт овард. Ӯ вориди вориди факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин шуда, аз устодони сахтгири забон ва адабиёт, алалхусус, Шарифҷон Ҳусензода асрори суханвариро омӯхт. Соли 1968 донишгоҳро бо дипломи сурх хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатиро дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (алъон «Ҷавонони Тоҷикистон») оғоз намуда, бо дониши чуқур ва истедоди фитриаш то ба мақоми муовини сармуҳаририи он расидааст. Соли 1969 яке аз рӯзноманигори сермаҳсул ва хушсалиқа узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон гардид. Гулназар чун шоири ҷавон ва умедбахшу навпардоз соли 1973 ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шуд. Донишу истеъдодашро ба назар гирифта, Гулназарро соли 1973 ходими адабии маҷаллаи «Садои Шарқ» таъин намуданд. Вай дар ин вазифаи пурмасъул то соли 1975 ифои вазифа намудааст. Гулназар, ки дар забондонӣ ба камол расида буд, солҳои 1975-1977 дар кишвари ҳамзабони мо Афғонистон ба ҳайси тарҷумон кору фаъолият кардааст. Дар ин муддат бо адабиёти дарӣ ва форсӣ ошноии бештар пайдо кард. Баъдан ба Тоҷикистон баргашта, солҳои 1977-1991 мудири шуъбаи нақду адабиётшиносии маҷаллаи «Садои Шарқ» шуда кор кард ва дар тӯли ин солҳо як қатор мақолаҳо дар нақди адабӣ навиштааст. Соли 1985 бо ашъори ватандӯстонааш чун адиби писандидаи ҷавонон ба Ҷоизаи Кумитаи Маркази Комсомоли Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Фаъолияти ҷамъиятӣ ва ташкилотчигиашро ба ҳисоб гирифта, соли 1986 ӯро вакили Шӯрои намояндагони шаҳри Душанбе интихоб намуданд. Соли 1991 Гулназар чун шоири баркамол раиси Шӯрои назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъин гардид. Худи ҳамон сол сарояндаи ашъори баландмазмун сазовори Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода шуд. Соли 1994 дар озмуни чандсола ғолибият ба даст овард ва шеъраш чун Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд ва 7 сентябри соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суруди миллӣ» онро тасдиқ намуд. 14 ноябри соли 1995 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Гулназар Келдӣ унвони фахрии «Шоири халқии Тоҷикистон» дода шуд.

Гулназар ҳаёти худро сарфи адабиёт ва ҷомеа намуда то охири фаъолияташ худро бе адабиёту ҷомеа тасаввур карда наметавонист. Гулназар Келдӣ дар вақте ки хонандаи мактаб буд машқи шеъргӯӣ мекард. Завқи суханвариро дар қалби ӯ устодони забон ва адабиёти мактаби деҳа шоирон Қутбӣ Киром ва Адирмуҳаммади Зафарзода парвариш намудаанд. Нахустин чакидаҳои қалами Гулназар бо ташаббуси эшон дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Машъал» ба чоп расида, дили ӯро ба эҷоди шеър гарм намудаанд.

Гулназар шеърҳои дигар шоиронро низ ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, манзури хонандагон намудааст. Ӯ бори аввал соли 1968 ашъори даврони ҷавонии Карл Марксро тарҷума карда буд. Баъдан китобҳои алҳидаи шоири Яман Абдулазиз ал-Мақолеҳро аз забони арабӣ (соли 1990) тарҷума кардааст. Инчунин китоби «Хаймаи қудси сухан»-и шоири Қувайт Суод ас-Сабоҳ (1999), шоири ҳинд Антал Биҳари Вачҳайи бо номи «Як қатраи меҳрубони борон» (аз забони ҳиндӣ соли 2005), баёзи шеъри муосири Фаронса бо унвони «Қиёми сабзи дарахт» (аз фаронсавӣ соли 2005) ба қалами Гулназар мутаалиқ аст. Бо ҳамфикрии Қутбӣ Киром ва Нарзулло Назар таҳти унвони унвони «Овози дард» тарҷумаи гулчини ашъори шоири Сурия Н. Қабониро анҷом додааст. Қиссаи С. А. Экзюпери «Парвози шабона»-ро низ тарҷума намудааст [4, 22].

Гулназар дар соҳаи драматургия низ қувваозмоӣ намуда, муваффақ ҳам гардидааст. Драмаи якпардагии «Пурсиши нотамом» (соли 2001), намоишномаҳои «Мансури Ҳаллоҷ ва Имом ғазолӣ» (соли 2005) ва либереттои «Субҳи бедорӣ» (соли 2010) аз истеъдоди баланди драматургии ӯ дарак медиҳад.

Хулоса, Гулназар чун шоири дар ҷомеаи мо ба камол расидааст ва умри гаронмояи худро сарфи омӯзишу эҷод ва хидмати адабиёту халқи тоҷик кардааст. Эҷодиёти устод Гулназар гуногунрангу серсоҳа буда, фақат дар шеър маҳдуд намешавад. Ӯ дар насру драматургия ва адабиёти бачагонаву нақди адабӣ ва тарҷумаву публисистика низ қувваозмоӣ намуда, дар ҳар ҷода муваффақ шудааст. Ин таҷрибаҳои эҷодӣ ҳамдигарро тақвият бахшида, таъсири онҳо дар эҷодиёти Гулназар равшан эҳсос мешавад. Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ шоми панҷшанбеи соли 2020 дар синни 75-солагӣ аз бемории Коронавирус дунёро падруд гуфт.

Адабиёт:
1. Саидов С. Адабиёти бачагона дар замони истиқлол. – Душанбе: 2020. – 136 с.
2. Хуҷаста. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.
3. Ҳамроев Р. Падидаҳои ҳунарӣ даршеъри Гулназар. – Душанбе: Ирфон, 2018.
4. Ҳамроев Р. Поетикаи ашъори Гулназар. – Душанбе: 2019. – 192 с.

Калидвожаҳо: *мақом, боистеъдод, тавоно, соҳибқалам, матраҳ, ҷилав, такомул, маҷмӯа, пурғановат, нашрия, шуғл, фарҷом, навпардоз, баркамол.*

Аннотация

ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ГУЛЬНАЗАР

Гульназар выросла как поэт в нашем обществе и посвятила свою драгоценную жизнь изучению, созданию и служению таджикской литературе и народу. Творчество мастера Гульназар разнообразно и многогранно и не ограничивается поэзией. Он также преуспел в прозе, драматургии, детской литературе, литературной критике, переводе и журналистике. Эти творческие переживания усиливают друг друга, и их влияние на творчество Гульназар очевидно. Народный поэт Таджикистана Гульназар Келди скончалась в четверг вечером 2020 года в возрасте 75 лет от коронавируса.

Ключевые слово: *статус, талантливый, могущественный, писатель, матра, джилав, совершенство, коллекция, богатый, публикация, занятость, конец, новый, зрелый.*

Annotation

LOOK AT LIFE AND CREATIVITY GULNAZAR

Gulnazar grew up as a poet in our society and devoted her precious life to the study, creation and service of Tajik literature and people. The work of the master Gulnazar is diverse and multifaceted and is not limited to poetry. He also excelled in prose, drama, children's literature, literary criticism, translation, and journalism. These creative experiences reinforce each other, and their influence on Gulnazar's work is obvious. People's Poet of Tajikistan Gulnazar Keldi died on Thursday evening of 2020 at the age of 75 from coronavirus.

Keywords: *status, talented, powerful, writer, matra, jilaw, excellence, collection, rich, publication, employment, end, new, mature.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимӣ Сомони Холмаҳмад, магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик, кафедраи назария ва таърихи адабиёт ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 501873315

Роҳбари илмӣ: Худойдодов А. О.

Сведения об автора: Рахими Сомони Холмахмад, магистрант первого курса факультета таджикского филология ТГПУ им. С. Айни. Тел.: +992 501873315

Научный руководитель: Худойдодов А. О.

About the author: Rahimi Somoni Kholmahmad, master stubent in the gepartment of tajik langiage Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 501873315

Scientific director: Khudioidov A. O.

Фарангези Атоулло,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

ИХТИЁРОТИ ШОИРӢ ВА ТАНАВВУИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙЙИДО

Яке аз меъёрҳои муҳими арӯзи тоҷикӣ, ки барои эҷодкор имконияти фарохи эҷодиро муҳайё мекунад, ихтиёроти шоирӣ мебошад. Шоирони адабиёти классикӣ дар вақти эҷоди каломи мавзун бо огаҳӣ аз табиати забон ва дар ҳадди мумкин сарфи назар намудани баъзе аз қонунмандиҳои ҳиҷосозии арӯзӣ суҳулати кори худро таъмин карда, истисноҳои зиёдеро ба вуҷуд овардаанд. Аз ҷумла, истифодаи шаклҳои мухталифи калимаҳо мисли чандину чандон, роҳу раҳ, огоҳу огаҳ, моҳу маҳ, заррин, зарин, муҳиммот, муҳимот, рӯй, рӯ, гӯй, гӯ, биё, о; мушаддан намудани калимаҳо, кӯтоҳ намудани калимаҳо, ба ҷои ҳиҷои дароз овардани ҳиҷои кӯтоҳ ва ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ истифода кардани ҳиҷои дароз, ба ҷои рукни фоъилун ба кор андохтани рукни фаъилун, ба ҷои рукни фаълу ба кор бурдани фаъал ва ғайра аст.

Донишмандони гузашта мисли Шамсиддин Муҳаммади Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва муосир: Парвиз Нотили Хонларӣ, Сируси Шамисо, Масъуди Фарзод, Тақии Ваҳидиёни Комёр, Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров, Субҳон Давронов, Мирзо Солеҳов, Мисбоҳиддини Нарзиқул ва дигарон дар бораи истисноҳои арӯзӣ ва ихтиёроти шоирӣ назарияву андешаҳои ҷолиб ироа кардаанд, ки дар мутолиаи арӯзии ғазалиёти Саййидо ва муайян намудани корбурди ихтиёроти шоирӣ дар он ҳамчун дастури раҳнамунсоз истифода хоҳем кард.

Саййидо аз шоирони соҳибмақому донишманд ва аз донандагони беҳтарини забони тоҷикӣ ва вазни арӯз буда, дар ғазалиёти худ таҷрибаи эҷодии пешиниёнро огоҳона ба кор бурда, анвои зиёди ихтиёроти шоириро, ки дар шеъри классикӣ роиҷ гаштааст, истифода кардааст:

1. Барои баробарии вазн шикастани якхухтии ҳиҷоҳо ва ба таври мусалсал хондану тақтеъ кардани онҳо дар шеър, то сурати бехалали вазн ва оҳанги каломи манзум таъмин шавад. Чунончи, дар матлаи яке аз ғазалҳои Саййидо мебинем, дар мисраи аввал яклухтии ҳамаи 16 ҳиҷоро нигоҳ доштааст, аммо дар мисраи дуюм, тибқи қоидаи маъмули ихтиёроти шоирӣ, ҳарфи ниҳоии калима ва нахустҳиҷои калимаи баъдӣ мегузарад ва ё васл мешавад:

Худовандо, бишӯ аз гарди бадномӣ ҷабинамро,
Нигаҳ дор аз сари дасти суханчин остинамро [6, 144].

Таҳлил:

Ху-до-ван-до/би-шӯ- аз -гар/ди- бад-но-мӣ/ ҷа-би-нам-ро,
Ни-гаҳ- до-раз/ са-ри- дас-ти/ су-хан-чи-но/с(у)-ти-нам-ро.

Тавре ки мебинем, барои он ки мисраи дуюм, ҳамвазни мисраи аввал бошад, ҳиҷоҳои онро ба гунаи фавқ дар ҳоли васл эҷод карда, ки дар натиҷа таркиби «дор аз» тақтеи «до-раз» ва ифодаи «суханчин остинтинамро» тақтеи «су-хан-чи-но/с(у)-ти-нам-ро» ба худ гирифтааст. Ба таъкиди профессорон, Х. Шарифов ва У. Тоиров: «Ин ҳолат дар сурате рух медиҳад, ки ҳарфи охири калимаи пешин ҳамсадо бошаду ҳарфи аввали калимаи пасин садонок» [8, 45]. Воқеан, дар байти намуна айнан ҳамин қоида татбиқ ва риоя шудааст то ҳолати мумкини ҳиҷосозӣ дар байт таъмин гардад. Калимаҳои «дор» ва «суханчин» бо ҳамсадо хотима ёфтаанд ва калимаҳои «аз» ва «остин» бо садонок оғоз гардида, васлшавии якдигарро дар тақтеъи байт ба вуҷуд овардаанд. Вазни байти мазкур: мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун - ҳазаҷи мусаммани солим аст, ки ба муҳтавои шеър мувофиқ буда, чунонки маълум мегардад, ҳиҷошикании манзурнамудаи шоир ба вазн ва муҳтаво халале ворид накардааст. Баръакс, он шакл ва мазмуни байтро зинат бахшидааст. Ҳолати мавриди назар дар ғазалҳои шоир зиёд мушоҳида мешавад

2. Истиснои дигаре ки мансуб ба ихтиёроти шоирист, ин омадани садонокҳои кӯтоҳи «а, и, у» бо зада ва мувофиқи талаби вазн гоҳе дароз ва гоҳи дигар кӯтоҳ талаффуз гардидани онҳо, ки намунааш ба таври зайл аст:

Зи бетобӣ гурезон аст ҷони дардманди мо,
Нишинад чорзону бар сари оташ сипанди мо [6, 146].

Таҳлил:

Зи бе-то-бӣ/ гу-ре-зо-нас/т –ҷо-ни- дар/д-ман-ди- мо,
Ни-ши-над чо/р-зо-ну бар/ сари оташ сипанди мо.

Дар ин байт, ки ҳар мисраи он аз 16 ҳиҷо таркиб ёфтааст, ҳиҷои 11: «ни» аз калимаи «ҷони» ва ҳиҷои 15: «ди» аз калимаи «дардманди» мисраи аввал дар асл тибқи ҳиҷошиносии забонӣ ва арӯзӣ қимати ҳиҷои кӯтоҳро доро мебошанд, аммо мувофиқи талаби вазн ва афтидани задаи лаҳнӣ, онҳо чун ҳиҷои дароз қимат пайдо кардаанд. Айни ҳамин ҳол дар мисраи дуюм низ мушоҳида мешавад. Дар ин ҳиҷои «ши» аз калимаи «нишинад», ҳиҷои «ну» аз калимаи «чорзону» ҳиҷои «ри» аз калимаи «сари» ва ҳиҷои «ди» аз калимаи «сипанди» бо таркиби ҳарфӣ ва овозии худ, садонокҳои кӯтоҳи дар боло зикршударо дар худ доранд, қимати аслиашон дар ҳиҷошиносӣ кӯтоҳ аст, вале ҳамоно тақозои вазну тарзи талаффузу гирифтани зада, онҳоро ба ҳиҷои дароз табдил додааст. Дар ғазалҳои Саййидо ва ҳар шоири соҳибтаҷрибаи классикӣ ин ихтиёрот васеъ истифода шудааст. Вазни байти намуна: мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун - ҳазаҷи мусаммани солим аст, ки бо дастрасӣ ба ихтиёроти фавқ тамомият ёфтааст.

3. Дар як байт омадани як навъ ҳиҷо, ҳам ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ ва ҷои ҳиҷои дароз, ки таносуби вазнӣ таъмин гардад. Дар байти зайл Саййидо чор маротиба аз садоноки кӯтоҳи «у» истифода карда, дар се маврид онро чун ҳиҷои кӯтоҳ ва дар як маврид чун ҳиҷои дароз ба кор бурдааст, ки маҳсули ихтиёроти шоирист:

Омад хазону даври нишот аз пиёла рафт,
Ранг аз рухи гулу намак аз доғи лола рафт [6, 226].

Таҳлил:

О-мад ха/зо-ну- дав-ри/ ни-шо-таз- пи/ё-ла- рафт,
Ран-ғаз –ру/хи- гу-лу на/ма-каз- до-ғи/ ло-ла- рафт.

Чунонки мебинем, ҳамаи калимоте ки дар ифодаи фикр бо худ садоноки кӯтоҳи «у»-ро гирифтаанд, дар тақтеъ қиммати як ҳиҷои кӯтоҳро соҳибанд. Аммо ихтиёроти шоирист, ки ин як навъ ҳиҷо дар як маврид ба ҷои ҳиҷои дароз низ омада тавонистааст. Вазни ин байт: мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилон-музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур мебошад.

4. Аз тақтеъ берун мондани ҳарфи «н» дар баъзе ҳолат, махсусан, вақте ки он ки бо садонокҳои дароз дар калимаҳои мисли дон, бон, рон, дун, дин воҷеъ шуда бошад, дар асл қимати як ҳиҷои кашида ва якуним ҳиҷоро дорад, аммо дар ин ҷо чун ҳиҷои дароз ба ҳисоб гирифта мешавад. Чунончи, дар байти зерин ҳарфи мазкур дар калимаҳои «соилон, эсон, корвон ва ғоратгарон» бо садоноки дорази «о» дар охир воқеъ гашта, дар мисраи аввал ба ҳолати васл мувоҷеҳ шуда, аз ҳазвшавӣ эмин мондааст, аммо дар мисраи дуюм, бинобар набудани ин ҳолат аз тақтеъ берун монда ҳазв гардидааст:

Ба дасти соилон овозаи эҳсон асо гардад,
Чароғи корвон ғоратгаронро раҳнамо гардад [6, 261].

Таҳлил:

Ба- дас-ти со/и-ло-но-во/за-и эҳ-со/на-со гар-дад,
Ча-ро-ғи ко/р-во(н)ғо-рат/га-рон-ро- раҳ/на-мо- гар-дад.

Аз ин ду ҳолат чунин натиҷа бармеояд, ки ҳазвшавии ҳарфи «н» ба моҳияти матн ва тақтеи ҳиҷоӣ вобаста мебошад. Вазни байти мазкур: мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун - ҳазаҷи мусаммани солим аст, бо ҳазву васли ҳарфи «н» сиҳатӣ ва дурустии худро пайдо кардааст.

5. Ба хотири сиҳҳатии вазн шакли аслии калимаҳоро дигар кардан, аз меъёрҳои машҳури ихтиёроти шоирист, ки дар ғазалиёти Саййидо хеле маҳин ва дар ҳадди имкону маъмулӣ истифода шудааст. ин навъи истисноро шоир он тавре ба кор бурдааст, ки қариб ки ҳолати ихтиёрӣ буданаш номаълум гардидааст. Аммо вақте ки тақтеъ сурат мегирад, дар ҳолати истисноӣ воқеъ шудани шакли калимаҳо ошкор мешавад:

Бар сари болинам, ай Хизри Масеҳодам, биё,
Рафтаам, аз худ, биё, ай Исои Марям биё [6, 154].

фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун-рамали мусаммани маҳзуф.

Зи нола манъ макун ошиқи балокашро,
Касе набаста ба афзун забони оташро [6, 156].

мафоъилун/ фаъилотун/мафоъилун/фаълун-муҷтаси мусаммани аслам

Фитода гӯшаи чашми ту ба хонаи мо,
Дукони сурмафурӯшист остонаи мо [6, 170].

мафоъилун/ фаъилотун/мафоъилун/фаълун - муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф

Дар оғӯшам чу меоӣ, миён, баҳри Худо бикшо,

Гираҳ аз кори ман то вошавад, банди қабо бикшо [6, 176].

мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун-ҳазаҷи мусаммани солим.

Дар байти аввал, ибораи «Исои Марям» дар шакли «Исии Марям», дар байти дуюм, калимаи «нобаста» дар шакли «набаста», дар байти сеюм, калимаи «афтода» дар шакли «фитода» дар байти чорум, калимаҳои «гиреҳ ва бикушо» дар шакли «гираҳ ва бикшо» омадааст, ки бешубҳа, шоир ин амалро барои оҳангнокии шеър ва дуруст шудани вазни он анҷом додааст.

6. Бо ташдид овардани калимаҳои маъмулӣ дар шеър, ки аслан мушаддад нестанд. Чунончи, дар байти зайл калимаи қаддат, мушаддат шудааст, аслан бе ташдид аст. Шоир онҳо ҳамчун унсури ҳиҷосоз эҷод кардааст:

Ай хироматро саногӯ ҳамчу қумрӣ ҳушҳо,

Сарви қаддатро ҳисори офият оғӯшҳо [6, 188].

фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун-рамали мусаммани маҳзуф

Мисли ҳамин калимаи «шаккар»-ро шоир мушаддад намуда, дарозии бамавқеи ҳиҷои шеърашро таъмин кардааст:

Ширинии лаби ту ба шаккар нададаанд,

Ин чошнӣ ба чашмаи Кавсар надодаанд [6, 248].

мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилон-музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур

вагарна вожаи «шакар» бо ташдид ҳеҷ муносибат надорад.

7. Тағйирпазирии рукнҳо дар арӯзу зарб низ аз меъёрҳои маъмул дар ихтиёроти шоирӣ маҳсуб меёбад. Ин навъи ихтиёрот аслан, хоси жанри рубоист, аммо онро Саййидо дар ғазал ба кор бурдааст. Чунончи, дар абёти зерин мебинем, рукнҳои охир дар ҳадди мумкин сарфи назар кардани ҷенаки аслии ҳиҷошиносӣ ҷои худро соҳиб шудаанд:

Намениҳам ба дари боғи хулд по бе ту,

Намоядам ба назар коми аждаҳо бе ту [6, 383].

мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаълун-муҷтаси мусаммани аслам

Рукни охири байти мазкур, ки дар ҳар ду мисраъ бо радифи «бе ту» мушаххас шудааст, ҷенаки ҳиҷоиаш аслан «фаълу» мебошад, аммо чун талаботи вазн ҳиҷои «ту» кашида шуда, ба ҷои он зиҳофи «фаълун» бо қиммати ду ҳиҷои дароз воқеъ гаштааст.

То кай чу гул нишинам дар хун тапида бе ту,

Хорам шикаста бар по, дастам бурида бе ту [6, 384].

мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилон-музореъи мусаммани ахраб

Дар ин ҷо низ ба ҷои рукни машкул-фаъилоту бо талаби вазн рукни солими баҳри рамал-фоъилотун омадааст.

Ҳар шаб чу шамъ дорам сӯзу гудоз бе ту,

Чун кокулат намояд шабҳо дароз бе ту [6, 385].

мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилон-музореъи мусаммани ахраб

Дар ин байт ба ҷои рукни макфуф-фоъилоту рукни солими рамал оварда шудааст.

Аз баррасии ин мухтасар метавон ба натиҷае расид, ки Саййидои Насафӣ, барои таъмини оҳангнокӣ, сиҳҳати вазн ва нигаҳдошти ягонагии он дар шеър, кашфи маънӣ, ба ҳадаф расонидани андеша ва монанди инҳо аз ихтиёроти шоирии маъмул дар адабиёти классикӣ истифода кардааст.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
2. Комёр Тақии Ваҳидиён. Фунун ва саноеъи адабӣ. Муаллифони сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандагони чоп У. Тоир ва С. Саидалӣ. – Душанбе, 1993. – 50 с.
3. Мирзоев А. Сайидо ва мақомии ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. – Сталинобод: НТД, 1957.
4. Нарзиқул М. Муқаддимаи шеършиносӣ (Вазни шеър). – Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.
5. Насафӣ Сайидо. Асарҳои мунтахаб/Муаллифи сарсухану ҳозиркунандаи чоп Ҷ. Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 701 с.
6. Насафӣ Сайидо. Куллиёт/Муаллифи сарсухану ҳозиркунандаи чоп Алии Муҳаммадӣ ва Асрори Раҳмонфар. – Душанбе: Дониш, 2018.
7. Саъдиев С. Сайидо ва муҳити адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри 17. – Душанбе: Дониш, 2018. – 296 с.
8. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

Калидвожаҳо: *ғазал, Сайидо, ихтиёроти шоирӣ, истисноҳои арӯзӣ, тақтеъ, вазн, рукн, ҳарф, ҳиҷо.*

Аннотация

ПОЭТИЧЕСКАЯ ВАРИАЦИЯ В ГАЗЕЛЯХ САЙИДО

В этой статье было проведено исследование одного из важнейших вопросов таджикской метрики - вариации поэта и применения его норм в газелях Сайидо. Исследования показали, что Сайидо, как и все классические поэты, широко использовал общие исключения, чтобы облегчить свою творческую работу, во всех отношениях обеспечивая искусство своего слова. Среди поэтических предпочтений, которые проявлялись в газелях Сайидо, были: использованы различные формы слов, суффикс слов, сокращение слов, использование коротких слогов вместо длинных и использование длинных слогов вместо коротких и т. д.

Ключевые слова: *газель, Сайидо, поэтическая вариация, бытовые исключения, тактеъ, метрика, столб, буква, слог.*

Annotation

POETICAL VARIATION IN SAYIDO GAZELS

In this article, a study was conducted on one of the most important issues of the Tajik metric - the variation of the poet and the application of his norms in Sayido gazelles. Research has shown that Sayido, like all classical poets, made extensive use of common exceptions to facilitate his creative work, providing the art of his word in every way. Among the poetic preferences that manifested themselves in Sayido's gazelles were: the use of different forms of words, the suffix of words, the abbreviation of words, the use of short syllables instead of long ones, and the use of long syllables instead of short ones, etc.

Key words: *gazelle, Sayido, poetic variation, everyday exceptions, tact, metric, column, letter, syllable.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Фарангези Атоулло, магистранти соли якуми кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Шоев А.

Сведение об автора: Фарангези Атулло, магистрантка первого курса кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: Шоев А.

About the author: Farangezi Atullo, is a first-year master of the Department of Theory and History of Literature of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

Амиршоев Иматшо,
магистранти соли дуюми факултети таърих

САРАЗМ-ЁДГОРИИ БЕНАЗИРИ ТАЪРИХӢ

Дар ҳудуди Осиёи Миёна бисёр бозёфтҳои асри сангу биринҷ ба даст омаданд. Хусусан дар давраи энеолит ташаккулёбии ду шакли комили хоҷагию фарҳангии Осиёи Марказӣ – шакли хоҷагидории муқимӣ-кишоварзӣ ва чорводорӣ -саҳроӣ анҷом мепазирад ва раванди ниҳоят муҳими таърихӣ-ташаккули истеҳсолоти махсусгардида ба шохаҳои гуногун ибтидо мегирад [6, 15]. Ин раванд ба ташаккулёбии аввалин шаҳрҳо оварда мерасонад. Аз чунин шаҳрҳои қадимаи таърихии Осиёи Миёна, ки ба асри биринҷӣ рост меояд, шаҳри қадимаи Саразм мебошад, ки 15 км ғарбатар аз Панҷакент ҷойгир аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки солҳои 40-уми асри гузашта корҳои бостоншиносӣ дар Вароруд оғоз ёфт, вале то миёнаи солҳои 70-ум маданияти қадими кишоварзии ин ҳудуд ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифт. Дар ҳамин муддат дар ҳудуди Осиёи Марказӣ бошишгоҳҳои зиёди сайёдҳо, ҷамоварандагони гиёҳу мева ва чорвопарварону кишоварзони саҳронишини кӯчии аҳдҳои биринҷӣ ва даврaҳои минбаъда кашф карда шуданду халос [1, 3].

Соли 1976 бо пайдо кардани ёдгории аҳди қадима (табар) аз ҷониби сокини ҷамоати Саразм Ашуралӣ Тайлонов ин нуқта диққати бостоншиносонро ба худ ҷалб кард. Бостоншиноси маъруфи тоҷик Абдулоҷон Исоқов ба омӯзиш ва таҳқиқи ин нуқта машғул шуд, чанд ҳандақи санҷишӣ кофта, муайян намуд, ки масоҳати он беш аз 90 гектарро ташкил медиҳад [4, 143]. Ҳамзамон, дар нахустин пажуҳишҳо маълум гашт, ки ин ёдгорӣ ёдгории аҳди қадими кишоварзӣ ва аз чаҳор қабати маданӣ иборат буда, ибтидои маскуншавӣ ба нимаи дуюми ҳазораи IV-и қабл аз миллод (яъне, 5500 сол муқаддам) рост меояд ва «ҳаёти маданӣ дар ин мавзеъ қариб беш аз 1000 сол идома дошта, охири ҳазораи III пеш аз мелод бо сабабҳои гуногун рӯ ба таназзул мениҳад» [1, 4].

Аз соли 1997, пас аз вафоти Абдуллоҷон Исоқов дар Саразм корҳои тадқиқоти таҳти роҳбарии Абдурауф Раззоқов сурат гирифт, бисёр бозёфтҳо ба даст омад.

Соли 1982 дар шаҳри Душанбе анҷумани байналхалқии Шӯравию Фаронса дар мавзӯи «Маданияти қадимаи Бохтар: муҳит, тарққиёт ва робита» баргузор гардид. Дар анҷуман ховаршиносону бостоншиносони маъруфӣ Фаронсаву Русия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар ин анҷуман Абдуллоҷон Исоқов аввалин маротиба дар мавзӯйи «Омӯзиши ёдгории аҳди қадимаи Саразм ва водии Зарафшон» маъруза намуд [3, 139].

Соли 1984 аввалин экспедитсияи байналхалқӣ (Тоҷикистону Фаронса) гузаронида шуд. Тирамоҳи соли 1985 анҷумани дуюми байналхалқии бостоншиносӣ, ки дар Самарқанд баргузор гардид, ба шаҳри Панҷакент омада, ба бозёфтҳои асри биринҷи Саразм аз наздик шинос шуданд.

Масоҳати умумии Саразм 100 гектарро ташкил намуда, то соли 1985 чор бино ва 10 ҳандақи он ошкор шуд. Масоҳати бинои аввал аз 180 метри мураббаъ ва 7 хона иборат буда, биноҳои он аз хишти хом сохта шудаанд. Бинои дуюм 500 метри мураббаъ ва 48 хона, масоҳати бинои сеюм 350 мм ва 13 хона ва бинои чорум аз 18 хона иборат мебоашанд, ки деворҳои онҳо аз хишти хом ва похсагӣ сохта шудаанд [2, 163-164].

Дар натиҷаи корҳои бостоншиносӣ то имрӯз дар 20 мавзеъи ёдгорӣ боқимондаи биноҳои истиқоматӣ, мазҳабӣ маъмурӣ ва растаниҳои ҳунармандӣ аз зери хоктӯдаҳо пайдо карда шудаанд. Гумон меравад, ки пеш аз оғози биносозӣ гурӯҳи муайяни «меъморон» лоиҳаи сохтмонро пешакӣ тарҳрезӣ намудаанд. Бештари биноҳои маъмурӣ тарҳи росткунҷаро дошта, дару тирезаҳои онҳо ба самти шарқу ғарб, яъне самти офтоббаро ва самти тулуъи офтоб нигаронида шудаанд. Ин қабил биноҳо аз якчанд ҳуҷраҳо ва баъзан як ва ду толори васеи барҳаво иборатанд. Дар маркази толорҳо оташкадаҳои мудавваршакл ва чоркунҷа ба умқи марказии начандон калон мавҷуданд. Атрофи оташкадаҳо бо деворчаи начандон калонҳаҷм, ки ҳамагӣ 6 то 10 см баландва 1,1,5 метр вусъат доранд, иҳота гардидаанд. Гирдогирди умқи марказӣ ва атрофи деворчаҳои оташкада аз 12 баъзан 22 маротиба гиландоваи начандон ғавс

пардоз дода шудаанд. Дар умқи доирашакли марказии оташкада, ки 12 -25 см-ро ташкил медиҳанд, қутраш ба 80 то 1, 5 метр баробар аст, изи афрухтани оташ намоён аст ва он ранги сурхчатобро дорост [1, 73].

Ҳамчунин, аз ин шаҳри қадима либосҳои пашмӣ, дастгоҳҳои бофандагӣ, сӯзанҳо аз сангу устухон, кӯзаву кӯзачаҳои сафолӣ, коркарди кургошиму қалъагӣ, ки дигар олотҳои рӯзгор, ба монанди корд, табар, тир ва ғараҳо ёфт шуданд. Синони пайкон, ки аз сангу мису биринҷ бо тароҳҳои гуногун сохта шудаанд, аз ба шикор машғул будани мардуми онвақта гувоҳӣ медиҳанд. Ғайр аз ин, бостоншиносон зимни гузароиданит ҳафриётҳо дар Саразам бисёр устухонҳои одамонро ёфтанд, ки бо ашёҳо гуронида шудаанд. Олимон то кунун ҳаёту сарнавишти онҳоро пайгирӣ доранд.

Аз бузургтарин ва маъруфтарин бозёфтҳои ин ёдгорӣ гӯри Маликаи Саразм мебошад, ки соли 1983 кашф гардида, ба поёни асри санг ва оғози асри биринҷ мутааллиқ аст ва ин давраро дар таърих давраи модаршоҳӣ меноманд. «Малика ҳамроҳи як мард ва як духтарак дар гӯрхонаи васеъ дафн шуда буд, ки шояд гӯрхонаи хонаводагӣ будааст…Аммо ин зан бо зеваролоти гаронбаҳо ва дигар аёи даврубараш аз ин ду тафовут дошт. Ҷисми зан дар гӯр ба гунаи тифл дар батни модар бо ҳама сарулибоси гаронбаҳову зару зевараш гузошта шудааст. Ва ин падида аз баландии пойгоҳу ҷойгоҳи ӯ мегуфтааст» [7, 159-160].

Устухонҳои Маликаи Саразм аз ҷониби антрополог Телман Хоҷаев мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян шуд, ки ин бону 23-сола буда, як фарзанд таваллуд кардааст ва қадаш 1 метру 65 сантиметр мебошад ва ҳамроҳи ӯ 49 муҳраи тиллоӣ ва бештар аз 4,5 кило сангҳои лоҷувард, ақиқ, инчунин ҳайкалчаи гилӣ ва як оинаи биринҷӣ дафн шуда буд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин бону дар замони худ соҳиби нуйфузи калон будааст. Бинобар сабаби он ки он давра давраи модаршоҳӣ буда, ба ин бону «Малика» ном ниҳоданд.

Дар ёдгории Саразам оташгоҳҳову оташкадаҳо низ ёфт шуданд, ки ишора ба мансубияти динии мардуми он мекунанд. Бино ба ақидаи олимон мардумони шаҳр оташро муқаддас медонистан ва дар соатҳои муайян даври оташ нишаставу ниёниш мекарданд. Оташгоҳ дар оташхонаҳо ва тасвири салиб дар зарфҳои Саразм рамзи Офтоб буда, доирашакл ва чоркунҷа мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бозёфтҳои археолгии аз Саразм бадастомада, дар дигар манотиқи Осиёи Миёна пайдо шуданд. Ин ишора менамояд, ки мардуми Саразам, ки дорои як тамаддуни бузург будаанд, минбаъд ба дигар минтақаҳо рафтаанд, ки ин масъала диққати бисёр олимонро ба худ ҷалб кардааст.

Оид ба масъалаи маскун ва кӯчиши мардуми Саразм олимон ба он назаранд, ки сабаби пасу пеш ва кӯч бастани саразмиён аввалан ба вазъи экологӣ ва кам шудани обу доманакӯҳҳои Зарафшон, ки ба кишти васеи зироатҳо мусоидат намекард, вобаста буд. Дуввум зиёдшавии шумораи аҳолӣ, ки бо сабаби аз худ намудани заминҳои нав барои рушди минбаъдаи шуғли кишоварзӣ ба самтҳои гуногун муҳоҷират карданд, зеро беобӣ ин шароитро фароҳам оварда натавонист. Саввум он аст, ки охири ҳазораи се ва ибтидои ҳазораи ду ҷараёни кӯчиши қабилаҳои саҳронишини маданияти Саразм як дараҷа ба ҳазораи се ва ибтидои ҳазораи ду ҷараёни кӯчиши қабилаҳои саҳронишини чорводор аз самти шимол ба водиҳои Моваруннаҳр, аз он ҷумла ба водии Зарафшон авҷ мегирад [1, 4].

Дар зимн метавон натиҷагирӣ кард, ки масоили кӯчиш ва паҳн гардидани маданияти Саразм дар охири ҳазораи III ба ду самт-ба соҳилҳои дарёи Зарафшон ва ба ҷониби Самарқанду Бухоро сафар намудани онҳо мебошад, ки нишонаҳои он дар ин мавзеъҳо ба даст омадаанд.

Ёдгории Саразм ҳамчун ёдгории таърихӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №391, аз 21 сентябри соли 2000-ум «Мамнӯъгоҳи таърихиву бостоншиносӣ» эълон гардида, ба яке аз марказҳои муҳими ҳафриётии олами муосир табдил ёфт ва соли 200, Саразм бо қарори №198 аз 19 апрели соли 2001, таҳти роҳбарии олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми базаи бостоншиносии Панҷакентро гирифт ва аз ҷониби Ҳукумат барои корҳои ҷустуҷӯиву бостоншиносӣ ва ободу барқарор кардани он ҳамасола маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад [5, 17].

Ин ёдгори 12-28 ноябри соли 2019 дар Конфронси умумии ЮНЕСКО ба рӯйхати солгардҳои ЮНЕСКО, ки онро дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн хоҳанд гирифт ва соли 2020 бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон 5500 –солагии Саразм дар сатҳи баланд таҷлил карда шуд.

Адабиёт:
1. Абдурауф Раззоқов. Андар шинохти Саразм. – Душанбе: 2020. – 250 с.
2. Набиев В. Кашшофи мамнуъгоҳи муҳташами тамаддун/ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С.134-142.
3. РаззоковА., Бобомуллоев С. Се кашфиёти нодири Исҳоқов/ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. – Хуҷанд: Ношир. 2020. – С.143-152 с.
4. Раҷаббой Аҳмадзода. Ёдгории беҳамтои тамаддуни ҷаҳонӣ. Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. Хуҷанд. Ношир. 2020. – С.15-31.
5. Убайдулло Н.К. Саразм ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ./ Муаррих №3 (23) 2020. – С. 14-22.
6. Юнус Юсуфӣ Идомаи Саразм дар Самарқанд аст./ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. Хуҷанд. Ношир. 2020. – С.153-162.
7. Эркаев С. Маркази тамаддуни ҷаҳонӣ./ Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин. Хуҷанд. Ношир. 2020. – С.163-164.

Калидвожаҳо: *Саразм, ёдгории таърихӣ, бозёфтҳо, бостоншиносӣ, асри биринҷӣ, маликаи Саразм, ҳафтриёт, оташдонҳо.*

Аннотация

САРАЗМ - УНИКАЛЬНЫЙ ИСТОРИЧЕСКИЙ ПАМЯТНИК

В статье отражены первые памятники Саразма, начало археологических работ, продолжение археологических работ и другие научные и археологические достижения. Автор отмечает, что в результате проведенных на сегодняшний день археологических раскопок остатки жилых, религиозных, административных и ремесленных предприятий были найдены под завалами на 20 участках. Считается, что еще до начала строительства некая группа «архитекторов» заранее спланировала строительство. Большинство административных зданий имеют прямоугольную форму, а их двери и окна выходят на восток и запад, то есть в направлении восхода и восхода солнца. В то же время автор статьи отражает результаты археологических работ в Саразме, датируемые 5500 годами, а также расселение и переселение людей Саразма.

Ключевые слова: *Саразм, исторический памятник, находки, археология, бронзовый век, царица Саразма, раскопки, камины.*

Annotation

SARAZM IS A UNIQUE HISTORICAL MONUMENT

The article reflects the first monuments of Sarazm, the beginning of archeological work, the continuation of archeological work and other scientific and archeological achievements. The author notes that as a result of archeological works to date, the remains of residential, religious, administrative and handicraft plants have been found under the rubble in 20 sites. It is believed that before construction began, a certain group of «architects» planned the construction project in advance. Most administrative buildings have a rectangular design and their doors and windows face east and west, ie the direction of sunrise and sunrise. At the same time, the author of the article reflects the results of archeological work in Sarazm, the artifacts dating back 5500 years, and the problems of settlement and migration of the people of Sarazm.

Keywords: *Sarazm, historical monument, finds, archeology, Bronze Age, Queen of Sarazm, excavations, fireplaces.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Амиршоев Иматшо, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 911041200

Роҳбари илмӣ: Пирумшоев Ҳ.

Сведения об авторе: Амиршоев Иматшо, магистрант второго курса исторического факультета ТПГУ имена С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 911041200

Научный руководитель: Пирумшоев Х.

About the author: Amirshotv Imftsho, the magister of history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 911041200

Scientific director: Pirumshoev H.

Ҷамшеров Меҳроб,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ М.К. ГАНДӢ ДАР АФРИҚОИ ҶАНУБӢ ВА ТАЪСИСИ ҲАРАКАТИ САТЯГРАХӢ

Гандизм – маҷмӯи консепсияҳои сиёсӣ, маънавӣ – ахлоқӣ ва фалсафии Муҳандас Карамчанд Гандӣ, ки дар рафти ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳии халқи ҳинд бар зидди ҳукмронии Британияи империалистӣ ба вуҷуд омадааст.

Роҳбари ҳаракати миллӣ – озодихоҳии Ҳиндустон, асосгузори доктринаи «Гандизм» Муҳандас Карамчанд Гандӣ II октябри соли 1869 дар Порбандари князигарии Гуҷарат, воқеъ дар қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон таваллуд шуда, гузаштагонаш ба кастаи бания шомил буданд. Ин кастаи олӣ набуда, аъзоёнаш ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул буданд. Падараш – Карамчанд (одамон ӯро Каба ном мебурданд) Гандӣ маълумоти пурра надошт, вале тамоми нозукиҳои расму оинҳои дини индуизм, механизми идораи феодалӣ – мустамликавӣ ва тамоми тартиботи ҳаёти ҳамон вақтаи музофоти Ҳиндустонро медонист.Ӯ вазифаи девон, яъне вазифаи сарвазириро дар князгариҳои на он қадар калон, аввал дар Порбандар, якчанд муддат дар Рачкот ва баъд дар Ванканер иҷро кардааст. Каба Гандӣ бо садоқат, ҷавонмардӣ ва росткории худ машҳур гардида, чор маротиба оиладор шудааст. Аз се зани аввалааш соҳиби ду духтар ва аз ҳамсари чорумаш – Путлибай соҳиби як духтар ва се писар буд. Моҳандас фарзанди охирин буд. Ӯ харобу лоғар, шармгин ва тарсончак буд, дар хониш низ аз ҳамсифонаш ягон фарқияте надошт [3, 10].

Дар кӯдакӣ се маротиба (охирин маротиба дар синни 7 солагӣ номзад шуда, ду номзадии аввалааш вафот кардааст) номзад шуда, дар синни 13 солагӣ оиладор шудааст. Дар оилаашон тамоми расму оинҳои динӣ ба таври қатъӣ риоя мешуд. Падараш Каба Гандӣ бошад, зидди ҷазодиҳии динӣ буд, эҳтироми одамонро новобаста аз динашон ба ҷо меовард. Бинобар ин, дӯстони Гандӣ аз ҷамъиятҳои динии гуногун ва кастаҳо буданд. Пас аз вафоти падар масъулияти оилаи Гандӣ мувофиқи анъана марди калони қабила – ба уҳдаи амакаш мегузарад.

Пас аз хатми мактаби миёна масъалаи интихоби касб ба миён омад. Дар ибтидо ӯ мехост духтур шавад, вале бародари калониаш зид баромада гуфт, ки вишнуитҳо набояд ба чок кардани ҷасади мурдаҳо машғул шаванд ва падарам дар ту адвокатро дидан мехост. Пас аз муҳокима ва маслиҳатҳои дуру дароз бо хешовандон ва дӯстони оила қарор қабул карда шуд, ки Муҳандасро барои омӯзиш ба Англия фиристанд. Вале амакаш ба ин сафар зид баромад, чунки дар Англия зиндагӣ намуда, Моҳандас метавонад расму оинҳои худро фаромӯш кунад. Барои тасдиқи гуфтаҳои худ, ӯ мисол оварда гуфт, ки бо якчанд индусҳо – адвокатҳо, ки дар Англия таҳсил намудаанд вохӯрдааст, ки тарзи ҳаёти аврупоиро қабул кардаанд. Ғайр аз ин ба гуфтаҳои худ идома дода, гуфт индус набояд аз баҳр шино карда гузарад ва Ҳиндустонро тарк кунад. Ва ниҳоят пас аз оне, ки бо талаби модараш Муҳандас барои шароб нанӯшидан, бо занон ошноӣ накардан ва хӯрокеро, ки гӯшт дорад, истифода накардан савганд ёд кард, барои рафтанаш розӣ шуд. Куҳансолони кастаашон бошад, барои ин сафари Гандӣ ба хориҷа зид баромада, ӯро аз каста хориҷ карданд. Вале ҳамаи ин пеши роҳи рафтани ӯро гирифта натавонист.

4 сентябри соли 1888 Муҳандас аз Бомбей ба Англия сафар намуд. Тадриҷан ба тарзи ҳаёти нав одат намуда, аввал дар Иттиҳодияи адвокатии Иннер Темпл ва аз соли 1890 дар Донишгоҳи Лондон таҳсил намуда, забонҳои англисӣ, франсузӣ ва лотинӣ, илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва табииро аз худ намуда, соли 1891 бо дипломи барристерӣ ба Ҳиндустон бармегардад [3, 17].

Пас аз фаъолияти сесолаи адвокатӣ дар Бомбей (1891 – 1893) бо пешниҳоди роҳбари фирмаи тиҷоратии ҳиндӣ Дада Абдулло барои бурдани корҳои ӯ дар Африқои Ҷанубӣ ба сафар мебарояд. 28- ноябри соли 1893 аз Бомбей ба самти бандари Африқои Ҷанубӣ Дурбан ду киштӣ Курлянд ва Надерӣ баробар ба роҳ баромаданд. Дар саҳни киштиҳо қариб 80 нафар ҳиндуҳо буданд. Дар байни ҳиндуҳои киштии Курлянд Муҳандас Карамчанди 20 сола низ буд. Ҳангоми сафар аз Ҳиндустон ба Африқои Ҷанубӣ алакай мартабаи баланди се солаи адвокатии ӯ ба ҷамъияти ҳиндуҳои дар он ҷо буда маълум буд. Ба Африқои Ҷанубӣ баргашта, ӯ худро одами хушбахт меҳисобид, чунки медонист, ки бояд ба ҳамватанони дар он ҷо будаи худ хизмат кунад ва онҳо низ омадани ӯро интизор буданд. Моҳандас бо тарзи либоспӯшӣ ва рафтори худ аз

ҷавонмардҳои англис фарқияте надошт. Бо вуҷуди ин борҳо зери таҳқири нажодпарастон қарор гирифта буд. Боре кондуктори роҳи оҳан ӯро аз вагони дараҷаи якум тела медиҳад, ӯро ба фойтуни калони болопӯшидае, ки дар он сафедпӯстон мерафтанд, савор накарданд, дар Йоханнесбург коркунони милиса ӯро аз пайраҳа ба роҳи фаршшшуда тела доданд, зеро ки пайраҳа танҳо барои аҳолии сафедпӯст буд, ба ӯ барои ҷои шабгузаронӣ дар меҳмонхонае, ки аврупоиён меистоданд, рад карданд. Ҳиндуҳоро дар ин ҷо новобаста аз оне, ки ба чӣ кор машғул буданд, ҳаммол ё аробакаш меномиданд ва ба Моҳандас Карамчанд Гандӣ адвокат – ҳаммол гуфта, муроҷиат менамуданд. Ӯ ба Ҳукумати Африқои Ҷанубӣ барои ҳимояи ҳамватанони беҳуқуқи худ – коргарони ҳинду, талабот ва арзномаҳо менавишт.

Шартномаи асоратовар баста, ҳиндуҳо ватани худро барои наҷоти оилаи худ аз гуруснагӣ тарк мекарданд. Ҳиндустони аз тарафи мустамликадорон заифгардида, дигар замирони худро хӯронида наметавонист. Танҳо дар давоми 10 сол, аз соли 1891 то соли 1900, 19 миллион нафар аз гуруснагӣ вафот карданд. Зиёда аз 2 млн. деҳқонони безамингардида ва коргарони бенаво аз Ҳиндустон ба дигар давлатҳо муҳоҷират карданд.

Соли дуюми дар Натале буданаш Гандӣ 22 майи соли 1894 дар хонаи роҳбари фирмаи тиҷоратӣ Дада Абдулло буржуазияи маҳаллӣ ва намояндагони зиёиёни ҳиндуҳоро ҷамъ намуда, дар ин ҷаласа шабеҳи Конгресси миллии Ҳиндустон, ки аз соли 1885 амал мекард, таъсис додани Конгресси ҳиндии Наталеро пешниҳод кард. Ин конгресси таъсисдодаи Гандӣ сол то сол ҳар чӣ бештар шӯҳрат пайдо мекард. Тоҷирони ҳиндӣ, Конгрессро ташкилоти сиёсии худ ҳисобида, онро маблағгузорӣ мекарданд. Ҳақиқат он буд, ки ҳукумати Натале ин ташкилотро ба эътибор намегирифт ва сиёсати васеъкунии капитали англисро бо роҳи маҳдудкунии қонунӣ, ки барои заиф гардонидани рақобат аз тарафи буржуазияи «ранга» равона гардида буд, идома медод.

Ташкилот ҳар чӣ бештар кӯшиш мекард, ки бо ҳокимияти мустамликавии Англия ҳамкориашонро беҳтар кунанд ва дар назди худ вазифа гузошт, ки ҳиндуҳо низ бояд бо аврупоиён баробарҳуқуқ гарданд. Ҳисси қарз дар назди ҳамватанони хору залилшуда ва дар англисҳо бедор намудани ҳисси тараҳҳум Муҳандасро маҷбур намуд, ки ду муроҷиатнома навишта нашр намояд. Яке аз онҳо «Муроҷиатнома ба тамоми британиҳои Африқои Ҷанубӣ» ва дигаре «Ҳуқуқи интихоботии ҳиндуҳо – даъват» ном дошт. Ин аввалин суханони нашршудаи ҳақиқати зиндагии ҳиндуҳо дар Африқои Ҷанубӣ буд. Ҳукумати Натале бошад, лоиҳаи қонунеро, ки боз ҳам зиндагии тоҷирони ҳиндуро вазнин мекард, тайёр мекард. Инчунин ҳукумат барои коргароне, ки пас аз қатъшавии шартнома дар Африқои Ҷанубӣ мемонданд, андози солонаро 25 фунт стерлинг муаяйн намуда буд. Гандӣ ин чораҳои ҳукумати Наталеро чун рақобат барои бозори Африқо ва натиҷаи баландшавии адовати динӣ – нажодии ҷамъияти аврупоӣ ва осиёӣ баҳо дода, барои манъи қонунҳои нажодпарастӣ дар Африқои Ҷанубӣ ширкатро оғоз мекунад. Ба ҳаракате, ки барои манъи ин қонуни золимона равона гардида буд, Гандӣ роҳбарӣ мекард ва барои ғолибияти онҳо 20 сол лозим буд, ки дар рафти он ҳазорон ҳиндуҳо зери тирборону сангсор қарор гирифта, ҳабс карда мешуданд. Аз ҳамаи ин бояд мегузаштанд.

Вақто ки ба Ҳиндустон барои бурдани оилааш омад, дар ин ҷо дар бораи вазъи ҳиндуҳои Африқои Ҷанубӣ асареро нашр менамояд, ки бо номи «Китобчаи сабз» машҳур гардид. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳо масъалаи бардоштаи Гандӣ нашр мегардид, дар ҷамъомадҳо ва намоишҳои дар Ҳиндустон ба амаломада, дар бораи вазъи ҳиндуҳои Африқои Ҷанубӣ баромад мекард. Ӯ бо худ ҳамсараш Кастурбай, ду писараш ва писари 10 солаи хоҳарашро бо худ бурд.

Ҳангоми баргашт киштиҳои Курлянд ва Надериро дар даромадгоҳи Дурбан манъ намуданд. Дар киштиҳо байраққои зард бардошта шуд, ки мувофиқи тартиботи мавҷуда то вақто, ки ҳамаи мусофирон аз муоинаи тиббӣ нагузаранд ва духтур иҷозаи фаромадан надиҳад, дар ҳамон ҷо мемонданд. Аҳолии сафедпӯсти Дурбан ҳар рӯз дар намоишҳо иштирок карда, талаб мекарданд, ки киштиҳо ба Ҳиндустон бозпас гардонида шаванд. Ин намоишҳоро аъзои ҳукумати Натал Гарри Эскомб роҳбарӣ мекард. Ҳукумат бошад, дар киштиҳо беасос карантин эълон кард. Ва танҳо пас аз 23 рӯзи омаданашон мусофирони дар киштӣ буда, ба соҳил фаромаданд. Вақте ки Гандӣ аз киштӣ фаромад, тӯдаи бағазабомадаи сафедпӯстон дар атрофи ӯ ҷамъ шуда, ӯро сангсор карда, зери мушту лагад гирифтанд ва либосҳояшро дар танаш дарриданд. Ва дар ҳамин вақт як ҷавони ҳинду ин саҳнаро дида, ба коркунони милитса хабар дод. Зери ҳифозати отряди милитса ӯ ба хонаи дӯсташ расид. Хабари ин ҳодиса то ба Лондон рафта расид. Аз мушкилтар шудани вазъият дар ташвиш афтода, вазири мустамликаи

Британияи Кабир Ҷозефҷ Чемберлен ба ҳукумати Натал оиди ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсони дар ин ҳодиса иштироккарда, барқия фиристод.

Бинобар ин, Эскомб, ки худ ин намоиши нажодпарастиро роҳбарӣ мекард, Гандиро ба назди худ даъват намуда, гуфт, ки агар шумо гунаҳгоронро шинохта тавонед, ман тайёр ҳастам, ки онҳоро ҳабс ва ба суд ҷалб намоям. Гандӣ бошад, дар ҷавоб гуфт, ки пеш аз ҳама роҳбари онҳо, узр мехоҳам, – шуморо бояд ҳукм кард.

Аз соли 1904 Гандӣ нашри рӯзномаи ҳар ҳафтаинаи «Индиан опинон» («Ақидаи ҳиндуҳо»)-ро шурӯъ мекунад. Дар саҳифаҳои рӯзнома ба таҷрибаи воқеаҳои инқилобии соли 1905 дар Россия муроҷиат мекунад. Муҳандас бо навиштани ин сатрҳо, мехост баромади оммаи халқро ташкил кунд. «Ҳаракатҳои ҳозира дар Россия барои мо дарси муҳим ба ҳисоб меравад..., – менависад ӯ. – Коргарони рус ва ҳамаи дигар меҳнаткашон корпартоии умумӣ эълон намуданд. Ва шоҳ бо онҳо ҳеҷ кор карда наметавонист, зеро ки халқро бо зӯрӣ ба кор ҷалб номумкин аст, мо ҳам метавонем таҷрибаи русҳоро бар зидди зулму истибдод, истифода намоем. Занҷири асорати мо он рӯз меафтад, вақто ки ҳиндуҳо муттаҳид шуда, манфиати ватанро аз манфиатҳои худ боло гузоранд. Ҳокимияти имрӯза дар Ҳиндустон барои он пойдор аст, ки нафароне ҳастанд, ки ба онҳо кор мекунанд. Мо ҳам метавонем ҳамон қувваеро, ки русҳо нишон додаанд, нишон диҳем» [1, 45].

22- августи соли 1906 дар рӯзномаи ҳукуматии Трансваал лоиҳаи «Қонуни сиёҳ» нашр гардид, ки мувофиқи он ҳар як ҳиндуи дар Трансваал зиндагикунанда – мардон, занон ва ҳатто кӯдакон аз синни 8 солагӣ, бояд дар мақомоти милитсия ба қайд гирифта шавад, дар бораи вазъи иҷтимоии худ хабар диҳанд, изи ангуштони худро гузоранд ва шаҳодатномаи қайди махсус гиранд. Набудани чунин шаҳодатнома ба ҳабс ва депортатсия оварда мерасонид. Гандӣ ин хабарро хонда, гуфт: «Марг беҳтар аст, аз он ки бо чунин қонун розӣ шавем» [3, 47].

«Вале чӣ тавр бояд мо ҷон диҳем?» – ба худ савол медод. Ҳукумати Трансваал на танҳо ба ҳиндуҳо, балки ба худи Ҳиндустон таҳқир кард. Агар ин қонун дар Трансваал ба қувваи амал дарояд, баъдтар дар дигар ноҳияҳои Африқои Ҷанубӣ низ паҳн мешавад.

Барои ҳалли ин масъала, дар Йоханнесбург дар театри «Империал» намоиши намояндагони ҷамъияти ҳиндуҳо баргузор гардид. Дар ин намоиш Гандӣ пешниҳод намуд, ки инқилоб тобеънашавӣ ба «қонуни сиёҳ» қабул карда шавад. Моҳияти инқилоб дар он буд, ки касе, ки ба ин резолютсия розӣ шавад, ба бадарғаю аз даст додани кор, ҳабсшавӣ, латукӯбкунӣ, азобу шиканҷа, гуруснагӣ ва ҳатто марг нигоҳ накарда, бояд ба қавли худ устувор бошад. Ин ибтидои муборизаи тӯлонӣ бар зидди ҳукумати англисҳо буд, ки дар ибтидо номи «ҳаракати ғайри фаъолона» – ро дошт. Ғайрифаъолона ба гуфти ӯ, маънои силоҳи заиф бар зидди пурқувватро дошт. Бинобар ин барои ёфтани номи муносиб ба ин ҳаракат озмун эълон кард, ки дар натиҷа писараш Маганлал – пайрави содиқ ва ёрдамчии падар ғолиб омад. Ӯ истиллоҳеро, иборат аз ду калимаи ба ҳам пайвастаи забони гуҷаратӣ сат – ҳақиқат ва аграха – устуворӣ ва матонат, яъне сатяграхӣ истифода бурдааст.Сатяграхӣ ҳаракат ё муборизаи ғайри зуроваронаест, ки иштирокчиёни он бо роҳи итоатнакунии шаҳрвандӣ мехоҳанд ба истиқлолият соҳиб гарданд. Ин ҳаракат ду шакли мубориза – беҳамкорӣ (саркашӣ аз хизматҳои давлатӣ, дар навбати аввал аз армия ва мақомоти милитсия, эълони бойкот дар интихобот ба мақомотҳои намояндагӣ ва муассисаҳои давлатӣ, инкори мукофотҳои давлатӣ, эълони бокот ба молҳои хориҷӣ, қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайраҳо) ва итоатнакунии шаҳрвандӣ, яъне сар тофтан аз иҷрои қонунҳо амалӣ карда мешуд.

Ӯ ақидаҳои иҷтимоӣ – сиёсии худро аввалин маротиба дар китобе бо номи «Худидоракунии Ҳиндустон ё ин ки Ҳинд сварач» гирд оварда буд, ки соли 1908 бо забони гуҷаратӣ нашр гардид. Соли 1909 ба забони англисӣ нашр гардида, ба зудӣ дар Ҳиндустон манъ карда шуд [2, 73].

Банобар ин, дар рӯзномаи «Индиан опинон»мақолаеро бо номи «Бозии ифлос» нашр менамояд, ки дар он вазири Трансваалро одами сангдил номида, аз нав ба ҳаракати сатяграхӣ даъват менамояд. Ва боз аз нимаи дуюми соли 1908 ва ибтидои соли 1909 дар маҳбаси Претория буд. Пас аз маҳбас озод шудан, ба Англия сафар менамояд, ки аз моҳи июл то моҳи ноябри соли 1909 дар ҳамон ҷо мемонад. Дар ин вақт Бота ва Сметс бо ҳукумати Англия барои таъсис давлати ягонаи Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ гуфтушунид гузаронида истода буданд. Гандӣ дарк мекард, ки таъсиси чунин давлат танҳо мавқеи нажодпарастон ва мавқеи Англияро дар Африқо мустаҳкам мекунад. Ва бинобар ин мехост ба миссияи онҳо халал ворид созад.

Ба Африқои Ҷанубӣ баргашта, Гандӣ бо ҳамроҳони худ дуртар аз Йоханнесбурс ҷамъияти меҳнатиро бо номи Толстой таъсис медиҳад. Ва дар ҳамин ҷо нақшаи гузаронидани ширкати итоатнакунии шаҳрвандиро мекашад. Ӯ нақшаи гузаронидани сатяграхиро чунон кашид, ки бояд тамоми Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ, махсусан Трансваал ва Наталро фаро мегирифт. Ягон шумораи «Индиан опинон» бе мақолаи даъватии ӯ намебаромад. Бо маслиҳати ӯ инжинерони кӯҳкори Натал корпартоӣ эълон намуданд ва боз ба маҳбас меафтад. Дар муроҷиатномааш ба коргарон Гандӣ онҳоро ҳушдор медиҳад, ки бояд то дами ба амал баровардани талаботҳояшон корпартоиро хотима набахшанд. Шумораи иштирокчиёни ҳаракатҳои корпартоӣ ба 20 000 нафар расида, тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳои Африқои Ҷанубиро фаро гирифт, ки занон низ иштарок доштанд. Ҳукумат бар зидди онҳо силоҳ истифода менамояд, ки дар натиҷа якчанд нафар кушта мешавад. Ҳабсхонаҳо пур аз шӯришгарон шуда буд. Бинобар ҳукумат Гандиро бо гарав аз маҳбас озод мекунанд.

Вале чизе пеши роҳи Гандиро гирифта наметавонист ва бинобар ин, 6 ноябри соли 1913 намоиши осоиштаро аз Натал ба Трансваал роҳбарӣ кард. Ин ҳаракати ӯро ходимони фаъоли Аврупою Амрико ба монанди Бернанд Шою, Алберт Эйнштейн, Бертран Рассел, Ромен Роллан дастгирӣ карданд. Ақидаҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ тарафдори Гандӣ ва ҳаракати ӯ буд. Ширкати оммавии итоатнакунӣ дар Африқои Ҷанубӣ ногаҳон аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо кард. Ҳукумати Лондон Бот ва Сметсро маҷбур намуд, ки бо Гандӣ гуфтушунид гузаронанд. Вале акнун роҳбари ҳиндуҳо он нафаре набуд, ки дар соли 1908 Сметс медонист ва фиреб карданашосон набуд. Пеш аз оғози гуфтушунид аз ҳабс озод шуда, ба ҳиндуҳои дар Дурбан ҷамъомада чунин муроҷиат намуд: оё тайёранд, ки зери оташ раванд, оё тайёранд, ки қисмати он ҳамватанонеро, ки аллакай ҷони худро аз даст додаанд, қисмат кунанд.

Ҳамин тавр, гуфтушунид оғоз гардид. Дар ибтидо Гандӣ аз Сметс талаб намуд, ки аз ҳайати комиссияи ҳукуматӣ он нафаронеро, ки бо ҳиндуҳо муносибати бераҳмона намудаанд, барорад. Гуфтушунид чор ҳафта идома ёфт. Гандӣ аз рӯи ҳақиқат кор мекард, ба ӯ на ҷилои орденҳои генералҳо, на маросимҳои бошукӯҳ ва на суханони бошукӯҳи шахсони олимартаба таъсир расонида наметавонист. Ӯ – дипломати халқ буд, бинобар ин, мисли одамони одӣ либос мепӯшид ва чӣ тавре ки онҳо ҳарф мезананд, ҳамон тавр ҳарф мезад.

30 июни соли 1914 байни Гандӣ ва Сметс созишномае ба имзо расид, ки бекоркунии андози сарикасӣ ва қонунҳои нажодпарастиро пешбинӣ намуда буд. Шояд ин фақат созиш буд, вале бо вуҷуди ин – ин созишнома ғалабаи сиёсии меҳнаткашони ҳинду ва роҳбари онҳо Муҳандас Карамчанд Гандӣ дар Африқои Ҷанубӣ буд.

Адабиёт:

1. Горев А. Махатма Ганди. – М., 1989.
2. Комаров Э. Н., Литман А. Д. Мировоззрение Мохандаса Карамчанда Ганди. – М., 1969.
3. Ульяновский Р. А. Три лидера великого индийского народа. – М., 1986.

Калидвожаҳо: *Гандизм, Карамчанд, Ҳиндустон, Каба, ҳаракат, Бомбей, Англия, Лондон, маъбади дохилӣ, Африқои Ҷанубӣ, ҳуқуқшинос, Йоханнесбург, Ҷозеф Чемберлен, табъиз.*

Аннотация

ПОЛИТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ М.К. ГАНДИ В ЮЖНОЙ АФРИКЕ И ОБРАЗОВАНИЕ (САТЯГРСКОГО) ДВИЖЕНИЯ

В данной статье рассматривается политическая деятельность М.К.Ганди в Южной Африке и образование (сатягрского) движения. Мухандес Карамчанд Ганди, был руководителем национального-освободительного движения Индии, основатель доктрины «Гандизм». М.К,Ганди после нескольких лет адвокатской деятельности в Бомбее был отправлен в Южную Африку, чтобы защищать права своих граждан которые ожидали его приезда. Несмотря на то, что Мухандес своим поведением и внешностью не отличался от англичанина, он всё же часто сталкивался с дискриминацией. В Южной Африке индусы независимо от своего должностного положения назывались рабами. В 1904 году Ганди начал опубликовать еженедельную газету «Индиан Опинион». Он в этой газете обращается к событиям революции в 1905 г. в России. Этим он призывал своих сограждан следовать примеру россиян и освободиться от угнетения.

Ключевые слова: *Гандизм, Карамчанд, Индия, Каба, движение, Бомбей, Англия, Лондон, Иннер Темпл, Южная Африка, адвокат, Йоханнесбург, Джозеф Чемберлен, дискриминация.*

Annotation

POLITICAL ACTIVITY OF M.K.GANDI IN SOUTH AFRICA AND CREATION OF SATYAGRAKHI MOVEMENT

The article describes about the political activity of M.K.Gandi in South Africa and the creation of «satyagrakhi» movement. Mohandas Karamchand Gandi was a leader of national-liberty movement of India, the creator of «Gandism» doctrine. M.K.Gandi after several years of activity as a lawyer in Bambei was sent to South Africa in order to prevent the law of his citizens who were waiting his coming. However Mohandas was very similar with the Englishman he often was discriminated by the Africans. In 1904 Gandi started publishing a weekly newspaper «Indian Opinion». This way he mentions the events of revolution in 1905 in Russia. He calls Indians to be united and fight for their liberty.

Keywords: *Gandism, Karamchand, India, Kaba, movement, Bombei, England, London, Inner Temple, South Africa, lawyer, Johannesburg, Joseph Chamberlain, discrimination.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷамшеров Меҳроб, магистранти соли дуюми факултети таърих, ихтисоси таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Негматов Д.

Сведения об авторе: Джамшеров Мехроб, магистрант втарого курса исторического факультета, специальности истории ТГПУ имени С. Айнӣ.

Научный руководитель: Негматов Д.

About the author: Jamsherov M., the student of 2tst year the Department of history, history department of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Усмонов Рамазон,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ТАРЗИ ИДОРАИ БУХОРО ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ АМИР ҲАЙДАР, ҲУСАЙН ВА УМАР ДАР «РИСОЛА Ё МУХТАСАРЕ АЗ ТАЪРИХИ САЛТАНАТИ ХОНАДОНИ МАНҒИТИЯ»

Таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ дар сарчашмаҳои зиёди таърихӣ зикр шудааст. Аз чунин манобеи хаттии дасти аввал дар инъикоси таърихи амирони манғитӣ «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» мебошад. Ин рисола ба қалами донишманди маъруфи тоҷик Аҳмади Дониш тааллуқ дошта, аҳамияти муҳими таърихӣ дорад.

Аҳмади Дониш, ки дар замони ҳукмронии амир Насрулло, (1826-1860) амир Музаффар (1860-1885) ва амир Абдулаҳад (1885-1912) дар дарбори манғития хидмат мекард, дар охири умраш мақсад гузошт, ки таърихи ҳукмронии ин сулоларо аз аҳди Дониёл то давраи ҳукмронии Абдулаҳад ба қалам диҳад.

Дар баробари дигар амирони манғитӣ Аҳмади Дониш ба таърихи ҳукмронии амир Ҳайдар ишора намудааст. Тибқи санади ӯ Ҳайдар: «дар явми якшанбе, чаҳордаҳуми раҷаби санаи 1215 баъд аз се соат аз тулӯъи шамс, ба толеъи бист дараҷаи Ҷадӣ таъин гардид» [1, 30]. Ӯ аз тасвири ҷузъиёти дигари ин воқеа худдорӣ кардааст. Аммо ба иттилои дигар манбаъҳо баъд аз вафоти Шоҳмурод вазири ӯ Уткурсуфӣ ва қозӣ Мирзо Фузайл ин воқеаро пинҳон дошта, ба писараш Ҳайдар, ки волии Қаршӣ ва валиаҳди амир буд, хабар доданд. Бародарони Шоҳумрод Умарбӣ, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ аз ин вазъият огоҳ шуда, ба арки Бухоро ҳуҷум карданд. Мирзо Фузайл ва тупчибошӣ Муҳаммадамин ба мардуми шаҳр эълон карданд, ки амир ба тороҷи хона ва амволи Умарбӣ, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ иҷозат додааст. Дар ин ҳолат Умарбӣ ба тарафи Миёнкол, Маҳмудбӣ ва Фозилбӣ ба тарафи Кармина фирор карданд. Ҳайдар баъди се рӯзи вафоти Шоҳмурод ба Бухоро омада, соли 1826 ба тахт нишаст.

Аҳмади Дониш ба таърихи ҳукмронии амир Ҳайдар ба таври умумӣ баҳо додааст. Тибқи ахбори ӯ дар давлатдории ӯ бештари умаро ба мухолифату адоват бархостанд. Сабабаш он буд, ки Ҳайдар бештар ба илму дониш ва уламо машғул буда, ба умаро кам аҳамият медод: «Воқеан, дар айёми давлати ӯ аксар умаро ба мухолифату адоват бархостанд ва душманонро шурониданд, ки ҳама элу улус ва қурғонҳои қаламрави Бухоро ба бағйу фасод бархостанд ва мудом лашкаркашиву ҷангу ҷидол дар мобайни элоти ӯзбак воқеъ буд. Худи ин подшоҳӣ олиҷоҳ дар айёми хурдӣ назр карда буд, ки таҳсили улуми динӣ камоҳия кунад ва боз Куръонро ҳифз донад ва боз рӯзе муфаттару рӯзе сойм бошад. Ва чун илтифоту иноятӣ ӯ дар бораи уламо бештар буд, аз ин ҷиҳат умаро бад-ӯ ба нифоқ зист мекарданд ва элозро мешурониданд, то ба воситаи он аз подшоҳӣ мавоҷибу идророт зиёда гиранд, ки агар ҳама ҷо орамида бувад, подшоҳ ҳеҷ вақт аз хонақоҳу Мадраса берун намеояд ва ғайр (аз) уламо ба каси дигар мултафит намешавад» [1, 30]. Ҳамзамон ӯ қайд мекнамояд, ки дар айёми амният аъёну ашрофи Бухоро болои арк баромада, ба хидмати амир дарс мехонданду муколама менамуданд, ки ин тарзи аморат(ро) дар ҳеҷ таворих касе нишон намедиҳад. Аз ин сабаб бисёр мардум барои хондан ба Бухоро меомаданд ва дар ин давра ислом хеле ривоҷ ёфт: « Ба наҳҷе улуми шариат ва аҳкоми ҳудуди илоҳӣ ривоҷ гирифт, ки тавон гуфт, дар даври ислом, дар асри ҳеҷ подшоҳе инчунин тараққӣ ба аҳли илму уламо воқеъ нашуда бошад» [1, 31]. Садриддин Айнӣ низ ҳамин нукотро дар рисолаи худ қайд карда, мефармояд: «Амир Ҳайдар дар мадориси Бухоро ва Қаршӣ улуми расмии Бухороро таҳсил карда буд. Ба ин муносибат худро яке аз уламо пиндошта дағдағаи дарсгӯӣ дошт. Уламо ва талабаи он аҳд, ки ба эътибори аксарият ахлоқашон фосид шуда тамаллуқ ба дари ҳуккомро яке аз пешаҳои марзия медонистанд, ба мулозамати амир Ҳайдар мешитофтанд. Садҳо нафар талабаи улум ба ӯ нисбати шогирдӣ пайдо карда, дар ҳалқаи дарсаш ҳозир мешуданд. Ӯ низ вақте ки мамлакат аз ихтилоли дохилӣ ва хориҷӣ зерузабар буд, «ба талаба дарс мегӯям» гуфта ба муноқишахои бемаънии шуруъ ва ҳавошӣ машғулӣ мекард» [6, 23].

Ба андешаи мо ахбори ҳарду рисоал дар ин хусус ба ҳақиқат наздик аст. Аммо дигар масъалаҳои сиёси вобаста ба замони ҳукмронии Ҳайдар дар рисолаи Аҳмади Дониш инъикос наёфтааст. Бино ба иттилои Садриддин Айнӣ бошад, амир Ҳайдар баъди ба сари ҳокимят омаданаш нахуст ба ҷониби Кармина ҳуҷум карда, Маҳмудбӣ ба ҷониби Хуҷанд герехт ва Фазлбӣ бошад, дастгир шуда, бо аҳли байташ ба қатл расонида шуд.[6, 23] Сипас, Самарқандро забт карда, бародараш Ҳусайнбиро ба ҳабс ва афродашро ба қатл расонида, ба ҷониби Уротеппа лашкар кашид ва ҳокими онро ба қатл расонида, ба муқобили хони Хева, ки ба Бухоро ҳуҷум кард, мубориза бурд: «Билҷумла дар аҳди амир Ҳайдар мамлакати Бухоро аз ихтилоли дохилӣ ва тааррузи урганҷӣ соле

осуда набуд. Муҳаммад Раҳимхон, ки баъд аз Элтузор ба тахти Хева ҷулус карда буд, батакрор навоҳии Бухороро тороҷ кард. Аҳолии Шаҳрисабз ва эли хитой-қипчоқ, ки дар навоҳии Каттақурғон ва Панҷшанбе сукно доштанд, сар аз итоати манғития дарпечиданд. Оқибат амир Ҳайдар писари худ Насрулло баҳодурро ба сари эли хитой-қипчоқ фиристода, худ аз болои Самарқанд ба Шаҳрисабз юруш бурда, баъд аз қатл ва ғорати эли кенагас ба Ҳисори Шодмон лашкар кашида, ҳокими он ҷо Оллобердии Тозро кушта тамоми кӯҳистонро тасарруф кард» [6, 23].

Қайд кардан ба маврид аст, ки амир Ҳайдар дар аввали ҳукмронии худ бо мақсади бартараф кардани хавфи хатари душман ба Хева зарба зад. Лекин баъдтар, ба сабаби заиф гардидани аморати Бухоро, хонҳои Хева боз муттаасил ҳуҷум намуда, то девори пойтахт расиданд. Мубориза бо Шаҳрисабз ва давлати Хуқанд хеле тӯлонӣ ва тоқатфарсо буд [2, 94]. Ӯ ба ҷониби Ҳисор низ лашкар кашид. Аммо бисёр аз умаро ва мансабдорон аз ӯ норозӣ буданд. Ҳарчанд ӯ сиёсати падарашро пайравӣ мекард, вале дар мутамарказ намудани давлат мувффақ нашуд.

Баъд аз ҳукмронии 26 -солаи худ амир Ҳайдар дар соли 1826 вафот кард. Аз ӯ ҳафт писар ва ҳашт духтар боқӣ монда буд. Аз ҷумлаи писарон се писари калониаш амир Насрулло дар Қаршӣ, мир Умар дар Кармина ҳоким буданд. Мир Ҳусайн тӯра-писари калонӣ аввал дар Самарқанд ҳоким буда, баъд дар назди падараш қарор дошт [3, 467].

Ҳамин тариқ, тарзи идораи аморати Бухоро дар замони амир Ҳайдар дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития»-и Аҳмади Дониш чандон равшан инъикос наёфтааст. Аммо аз дигар манобеи таърихӣ бармеояд, ки амир Ҳайдар дар сиёсати худ ба сиёсати пешгирифтаи падараш тақлид намуда, ҳамчунин барои ба итоати худ даровардани ҳокимони баъзе шаҳру навоҳӣ, ки майли ҷудоихоҳӣ доштанд ва ё ба муқобили амир ошӯб мебардоштанд, лашкар кашид, вале давлатро мутамарказ карда натавонист.

Мувофиқи ахбори Аҳмади Дониш баъди вафоти амир Ҳайдар писараш Ҳусайн, ки 30-сола буд, ба тахти Бухоро нишаст. Аммо ҳукуматдории ӯ дер давом накарда, баъд аз ду моҳу чаҳордаҳ рӯз аз олам даргузашт [1, 32]. Аҳмади Дониш сабаби вафот кардани ӯро дарҷ накардааст, аммо бино ба ахбори Садриддин Айнӣ ӯро Ҳаким қушбегӣ заҳр дода кушт [6, 29]. Баъд аз вафоти ӯ бародараш Умар ба тахти аморат нишаст. Таворе А. Дониш мефармояд: «муддати ҳукуматаш чаҳор моҳ камтар. Азбаски дар табъаш фисқу фасод муставлӣ буда, дар муддати андак ҳам хеле доди айшу комрониро дода, аз барои бақияи умр захира андӯхта, дар авқоти шабурӯзӣ бе майу мутриб зист накарда, мудом масту бехуш буда, то ки дар айёми ҳукумати худ аз муҳосараи Бухоро ва омадани амир Насруллоҳ бародари ӯ аз Самарканд, бехабар буда» [1, 32].

Боиси зикр аст, ки ҳангоми ба тахти аморати Бухоро нишастанаш Умар корҳои сиёсиву маъмурии идораи давлатро як тараф гузошта, бештар ба айшу ишрат машғул буд. Бо истифода аз чунин вазъият амир Насрулло, ҳокими Самарқанд буд, ба муқобили бародари худ лашкар кашида, Бухороро гирифт. Аҳмади Дониш ин воқеаро чунин тасвир намудааст: «Ва овози тиру туфанг, ки аз беруни шаҳр меомад, муқарработи ӯ мегуфтаанд: «Мерганҳо хосса ба беруни шаҳр машқи тиру туфанг доранд ва нишона меандозанд, шумо дилҷамъ бошед. То соате, ки асокири амир Насруллоҳ Бухороро фатҳ карда ба дарвозаи арк омада, ду дарвозаи аркро бишкастанд. Амир ҳам дар он ҳол дар самоъи чангу чағона ва дафу дойра иштиғод дошта, онгоҳ яке аз фуҳули уламо ба ӯ восита шуда, занвор дар фаранҷӣ андохта, аз арки Бухоро (бароварда) ихроҷ карданд, то рафт он ҷо ки рафт» [1, 32-33].

Аммо ин масъала дар рисолаи Садриддин Айнӣ равшантар инъикос ёфтааст, ки мувофиқи ахбори ӯ баъд аз вафоти Ҳусайн Умар аз Кармина ба Бухоро омада, бе монеа шаҳрро ба ҳокимият соҳиб шуд. Аз ин аҳвол Насрулло хабардор гардида, ба Бухоро лашкар кашида, онро муддати 72 рӯз дар муҳосира гирифт. Аммо Муширифи Бухорӣ менигорад, ки амир Насрулло, ки аз Умар калон буд, мебоист ба тахт менишаст, бинобар ин, баробари шунидани ба тахт нишастани Умар ба Бухоро ҳуҷум карда, шаҳрро муддати 40 рӯз [5, 598а-598б] ва аз рӯйи ахбори Мирзо Азими Сомӣ, ки ӯ низ аз таърихнависони дарбори манғития буд муддати 70 рӯз [4, 128] дар муҳосира қарор дода, оқибат ҳаким Қушбегӣ, ки аз мансабдорони Умархон буд, дарвозаҳоро кушода, лашкари Насруллоҳ ба шаҳр ворид шуд. Аҳмади Дониш бошад, аз муддати муҳосираи Бухоро ва кушодани дарвозаи шаҳр аз ҷониби ҳаким Қушбегӣ ёдовар нашудааст.

Оқибат Насрулло ба шаҳр ворид гардида, Умархон фирор намуд. Насрулло баъди ба сари тахт нишастан Ҳаким қушбегӣ ва Умархонро дар Фарғона ба қатл расонид, [6, 29-30] ки ин масъала низ дар рисолаи Аҳмади Дониш зикр нашудааст.

Аҳмади Дониш ба воқеаҳои таърихии ин давра сарфаҳм нарафта, бисёр аз ҷузъиёти онҳоро аз мадди назари худ дур гузоштааст. Ахбори Садриддин Айнӣ бошад, дар ин росто ба ҳақиқат наздик аст. Дар баробари ин метавон қайд кард, ки Ҳусайн ва Умар дар вақти ҳукмронии худ аз уҳдаи идораи ҳокимият баромада натавонистанд, балки ҷони худро аз даст доданд.

Адабиёт:

1. Аҳмади Д. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития. – Душанбе, 2010. – 30 с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 94 с.
3. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе: Дониш, 2006. – 467 с.
4. Мирзо Муҳаммад Азими Сомӣ. Таърихи салотини Манғития. Дастхати мероси хатии АМИТ, таҳти №927 /2.128.
5. Мушрифи Б. Таърихи амирони манғитӣ. Ҷ. 4. Дастхати мероси хатии АМИТ, таҳти №2354/4. –С. 598а-598б.
6. Садриддин А. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт.Ҷ. 10. – Душанбе, 1966. – 23 с.

Калидвожаҳо: *Бухоро, аморат, Аҳмади Дониш, Ҳайдар, Ҳусайн, Умар, инъикос, лашкаркашӣ, таҳқиқ.*

Аннотация

СТИЛЬ УПРАВЛЕНИЯ БУХАРА ВО ВРЕМЕНА ПРАВЛЕНИЯ ЭМИРА ХАЙДАРА, ХУСЕЙНА И УМАРА В «РИСОЛА Ё МУХТАСАРЕ АЗ ТАЪРИХИ САЛТАНАТИ ХОНАДОНИ МАНҒИТИЯ»

В статье прослеживается история прихода к власти Бухарского эмирата Эмира Хайдара и его сыновей Хусейна и Омара в книге Ахмади Дониша «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития». Автор отмечает, что стиль управления Бухарским эмиратом в период правления эмира Хайдара не очень ясен в этом трактате, но другие исторические источники показывают, что эмир Хайдар в своей политике имитировал политику своего отца, а также поработил некоторых правителей. города и районы, которые были сепаратистскими или восставшими против эмира, собрали войска, но не смогли централизовать государство. В то же время автор утверждает, что Ахмади Дониш не понимал исторических событий правления эмира Хайдара, Хусейна и Омара и упускал из виду многие их детали. Отчет Садриддина Айни по этим вопросам ближе к истине, чем другие исторические источники.

Ключевые слова: *Бухара, эмират, Ахмади Дониш, Хайдар, Хуссейн, Умар, размышления, милитаризация, расследование.*

Annotation

THE STYLE OF GOVERNING BUKHARA DURING THE REIGNS OF EMIR HAIDAR, HUSSEIN AND UMAR IN «RISOLA VA YO MUKHTASARE AZ TARIKHI SALTANATI KHONADONI MANGITYA"

The article traces the history of the coming to power of the Emirate of Bukhara by Emir Haidar and his sons Hussein and Omar in Ahmadi Donish's «Risola va yo mukhtasare az tarikhi saltanati khonadoni mangitya». The author notes that the style of governing the Emirate of Bukhara during the reign of Emir Haidar is not very clear in this treatise, but other historical sources show that Emir Haidar imitated his father's policy in his policy, as well as to subjugate some rulers. cities and districts that were separatist or revolted against the Emir drew up troops but were unable to centralize the state. At the same time, the author argues that Ahmadi Donish did not understand the historical events of the reigns of Emir Haidar, Hussein and Omar, and overlooked many of their details. Sadriddin Aini's report on these issues is closer to the truth than other historical sources.

Keywords: *Bukhara, emirate, Ahmadi Donish, Haidar, Hussain, Umar, reflection, militarization, investigation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Усмонов Рамазон, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 987203802

Роҳбари илмӣ: Фозилова М.

Сведение Об авторе: Усмонов Рамазон, магистранти второ курса исторического факултета, специальности истории ТПГУ имена С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 987203802

Научный руководитель: Фозилова М.

About the author: Usmonov Ramazon, the magister of history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Phone number: +992 987203802

Фируза Юсуфӣ,
магистранти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҲАВВУЛИ РОБИТАҲОИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2017-2021

Яке аз кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди сохибистиклол шуданаш муносибатҳои дипломатии худро ба роҳ монда буд Афғонистон мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки Афғонистон яке аз аввалинҳо шуда Истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохт. «5- декабри соли 1991 Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Л. Қаюмов барои имзои протоколҳои ҳамкорӣ ба шаҳри Кобул сафар кард». Дар ҷараёни сафари мазкур Л. Қаюмов бо роҳбарони ҳизб ва давлати Афғонистон воҳӯрда, як қатор санадҳои муҳимро, ки ба густариши муносибатҳои ҳарду давлат мусоидат менамояд ба имзо расониданд. Албатта, бо дарёфти истиқлолият муносибатҳои ин ду давлати дӯсту ҳамсоя мебоист беш аз пеш густариш ёбанд. Муносибатҳои ҳар ду давлат дар замони хеле мушкил барои ҳам Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон ба роҳ монда шуда буд. Сабаби чунин вазъ пеш аз ҳама ба вазъяти дохилӣ ва сиёсии Афғонистон ва Тоҷикистон вобаста буд. Дар солҳои 90- ум дар Афғонистон ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт. Ин солҳо низ дар таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои сиёҳ ба ҳисоб мерафт. Дар ин солҳо Тоҷикистонро буҳрони шадиди сиёсӣ фаро гирифта буд. Қашшоқӣ ва бенавоӣ мардумро маҷбур намуданд, ки даст ба намоишҳои эътирозӣ зананд. Чунин намоишҳои эътирозӣ ба ҷанги таъмилии шаҳрвандӣ оварда расонд, ки ҳисоротҳои зиёди моддию маънавиро ба миллати тоҷик ба бор оварад.

Ба вазъияти мушкили дохилӣ нигоҳ накарда, Тоҷикистон кушиш менамуд, ки робитаҳои ҳамаҷонибаро бо давлати Афғонистон, ки натанҳо аз ҷиҳати сарҳади тулонӣ (1443км) наздик, балки аз лиҳози забон, таърих ва фарҳанг бо ҳам наздик мебошанд, густариш бидихад. Гарчанде, ки муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 истиқрор шуда бошад ҳам, вале тули ин солҳо борҳо масъалаи тавсеаи муносибатҳои гуногунсоҳаи ҳар ду давлат мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд.

Дар давоми 29 соли муносибатҳо дар ҳошияи татбиқи аҳдномаи дустӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек мулоқотҳои президентҳои ду кишвар солҳои 1996, 2001, 2006, 2013, 2016 ва 2021 дар Тоҷикистон ва солҳои 1993, 1995,2010 ва 2014 дар Афғонистон баргузор гардида, дар ҷараёни онҳо доираи васеи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо, аз ҷумла дар самти сиёсат, иқтисодиёт, тиҷорат, об, энергетика, саноат, фарҳанг, тандурустӣ, оромии вазъ дар сарҳад ваҳаллу фасли низои дохилии Тоҷикистон ва Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар маҷмӯъ, муносибатҳои ин ду давлати ба ҳам дӯст ва ду давлати аз ҷиҳати таърих, фарҳанг, забон ва сарҳад наздик дар тули тамоми истиқлолият хеле хуб ташаккул ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шарикони асосии ин давлат дар самти рушди иқтисодиёт, ба эътидол расидани вазъи сиёсӣ дастгирӣ намуда, тамоми ҷомеаи ҷаҳонро баҳри ёрӣ ва барқарор намудани сулҳу суббот дар ин сарзамин даъват менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон на танҳо муносибатҳои дуҷониба, балки бисёрҷонибаро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиӣ, аз ҷумла, дар чаҳорчӯби «Қалби Осиё-Раванди Истанбул», Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай ба роҳ мондаанд [6].

Моҳи ноябри соли 2017 дар рафти гуфтушуниди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн, ҳамчунин сарвазир Навоз Шариф ҷонибҳо масъалаи татбиқи лоиҳаи минтақавии Осиёи Марказӣ – Осиёи Ҷанубӣ, ки интиқоли неруи барқро аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Покистону Афғонистон (CASA-1000) таъмин менамояд, муҳокима карданд [6].

Дар соли 2019 мубодилаи мол байни ду кишвар 106млн.доллари амрикоиро ташкил дод, ки бештар аз 100млн доллари он ба содироти молҳои Тоҷикистон рост меояд. Он асосан аз содироти барқ, семент, нахи пахта, маҳсулоти сохтмон, нуриҳои минералӣ, хӯрока, меваҷот ва сабзавоти Тоҷикистон иборат аст [6].

Яке аз самтҳои ҳамкории ҷонибҳо ин мусоидат ба раванди сулҳ дар Афғонистон ба шумор меравад. Дар ин радиф, 29 январи 2020 мулоқоти Собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Шарофиддин Имом бо Вазири давлат дар умури сулҳи Афғонистон Абдусалом Раҳимӣ бо даъвати эшон анҷом гирифт.

Абдусалом Раҳимӣ дидгоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар мавриди роҳҳо ва шеваҳои дастёбӣ ба сулҳи пойдор муфассалан баён дошт ва таъкид кард, ки

қарор аст чорчӯби нишастҳои мунтаззам бо сафирони кишварҳои минтақа ва пайванд ба он дар мавриди пайгирии раванди сулҳ эҷод гардад.

Сафири Тоҷикистон таъкид намуд, ки сулҳи пойдор ниёзи ҳаётии мардуми Афғонистон ва калиди амнияту суботи устувор дар минтақа мебошад. Кишвари Тоҷикистон аз оғози истиқлол бо ҳифзи мавқеи усулии зиддитеррористӣ ҷонибдори ҳалли сиёсии буҳрони Афғонистон мебошад: «Мо бар онем, ки мардуми бародари Афғонистон чун фарзандон ва соҳибони ин хиттаи бостонӣ бояд худ ба низоъи хунин ва харобгар бо ваҳдат ва муттаҳидӣ ва дарки масъулияти таърихӣ нуқтаи поён гузоранд. Кишварҳо ва ниҳодҳои байналмиллалӣ бояд фақат мусоидат ва кӯмак намоянд» [4].

Ҷонибҳо паҳлӯҳои гунгуни раванди сулҳро дар фазои дӯстона ва созанда муфассалан баррасӣ намуданд.

29 феврали 2020 дар Давҳа Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар маросими баимзорасонии созишномаи овардани сулҳ ба Афғонистон байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҷунбиши Толибон иштирок намуд [3].

Дар маросими баимзорасонии Созишномаи сулҳ инчунин вазирони корҳои хориҷии Амрико, Қатар, Норвегия, Индонезия, Туркия, Покистон, Умон, Ӯзбекистон, Туркманистон, намояндагони махсуси Россия, Қазоқистон ва Япония оид ба Афғонистон ҳузур доштанд.

Имзои созишномаи мазкур бо миёнҷигарии Қатар сурат гирифта, қадаме дар раванди поён бахшидани ҷанг дар Афғонистон ва заминае барои шурӯи муколамаи байниафғонӣ арзёбӣ мегардад [3].

Собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ ба даъвати расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 29-30 марти соли 2021 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намуд. Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти олирутбаи он кишвар дидор ва мулоқот карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ зери Эъломияи муштарак аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузоштанд.

Сипас, дар ҳузури Сарони давлатҳо санадҳои зерин имзо карда шуд:

- Барномаи иқдомоти амалӣ (Нақшаи роҳ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар заминаҳои ҳамкориҳои сиёсӣ, амниятӣ, тиҷоратӣ, нақлиётӣ, транзитӣ, энергетикӣ ва фарҳангӣ;

- Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи ҳамкориҳо байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар самти мубориза бар зидди терроризм, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва муташаккил, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва дигар намудҳои ҷиноятқорӣ дар солҳои 2021-2022;

- Созишнома байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи улуми Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар бахши забон ва истилоҳот;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ дар бахши давлатӣ байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи олии баррасии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- Созишнома оид ба таъсис додани Шӯрои корӣ Тоҷикистон-Афғонистон байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи саноат ва маъданҳои Афғонистон [8].

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо такя ба робитаҳои дӯстонаи анъанавӣ зарурати рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷонибаро дар соҳаҳои гуногун изҳор дошта, ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва бародаронаи ду кишвар ба манфиатҳои халқҳои онҳо, инчунин ба ҳадафҳои ҳифзи сулҳ, амният ва суботи байналмилалӣ, фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва баробарҳуқуқӣ манфиатдоранд. Инчунин ба фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ мусоидат намуда, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла мудофиа, амният, иқтисод, тиҷорат, илм, маориф, васоити ахбори омма ва тандурустӣ дастгирӣ менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши теъдоди бурсияҳои таълимии шаҳрвандони Афғонистонро дар муассисаҳои таълими касбии олии Тоҷикистон итминон медиҳад[7]. Кишварҳо дар истифодаи долонҳои нақлиётии муштарак ва минтақавӣ, ки тавассути онҳо Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо ҳам пайваст хоҳанд шуд, инчнуин сохтмони роҳи

оҳани Тоҷикистону Афғонистонро муҳим арзёбӣ мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар таъмини амният ва сулҳу субот ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки роҳи ягонаи ҳалли мушкилот муколамаи байниафғонӣ мебошад. Ҳамзамон таъмини сулҳ ва субот дар Афғонистон барои суботи минтақа муҳим мебошад.

Адабиёт:

1. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз I. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009.
2. Изҳороти матбуотӣ дар фарҷоми музокироти ҳайатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. http://prezident.tj/node/25364
3. Иштироки Вазири корҳои хориҷӣ дар маросими баимзорасонии созишномаи овардани сулҳ ба Афғонистон https://mfa.tj/tg/main/view/5793/ishtiroki-vaziri-korhoi-khoriji-dar-marosimi-baimzorasonii-sozishnomai-istiqrori-sulh-dar-afgoniston
4. Мулоқоти Сафир бо Вазири давлат дар умури сулҳи Афғонистон https://mfa.tj/tg/main/view/5690/muloqoti-safir-bo-vaziri-davlat-dar-umuri-sulhi-afgoniston
5. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Афғонистон. https://mfa.tj/tg/main/view/17/munosibathoi-tojikiston-bo-afgoniston
6. Сомонаи расмии ВКХ Ҷумҳурии исломии Эрон [Манбаи электронӣ]. – URL: https://en.mfa.ir/(санаи мурочиат: 25.07.2020 г.)
7. Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон http://prezident.tj/node/25363
8. 5 санади нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон. https://pressa.tj/politic/5-sanadi-navi-%d2%b3amkor%d3%a3-miyoni-to%d2%b7ikistonu-af%d2%93oniston/

Калидвожаҳо: *муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия, муносибатҳои дутарафа, инкишофи муносибатҳо, манфиатҳои миллӣ.*

Аннотация

РАЗВИТИЕ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ АФГАНИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН В 2017-2021

В данной статье анализируется развитие отношений между Исламской Республикой Афганистан и Республикой Таджикистан в 2017-2021гг. Автор рассматривает отношения между Исламской Республикой Афганистан и Республикой Таджикистан как традиционные дружеские отношения и подчеркивает необходимость дальнейшего развития взаимовыгодного сотрудничества в различных сферах. Автор также подчеркивает важность укрепления дружественных и братских отношений между двумя странами и их национальных интересов, а также целей поддержании мира, безопасности и международной стабильности создания амосферы взаимопонимания, доверия и равноправия.

Ключевые слова: *международные отношения, дипломатия, двусторонние отношения, развития отношений, национальные интересы.*

Annotation

DEVELOPMENT OF RELATIONS BETWEEN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN 2017-2021

This article analyzes the development of relations between Tajikistan and Afghanistan in 2017-2021. The author considers the relations between the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan as traditional friendly relations and stressed the need for further development of mutually beneficial cooperation in various fields. He also stressed the importance of strengthening friendly and fraternal relations between the two countries and their national interests, as well as the goals of maintaining peace, security and international stability, creating an atmosphere of mutual understanding, trust and equality.

Keywords: *international relations, diplomacy, bilateral relations, development of relations, national interests.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Фируза Юсуфӣ, магистранти соли дуюми факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: +992 000902390

Роҳбари илмӣ: н.и.с., профессор Нуриддинов Р. Ш.

Сведения об авторе: Фируза Юсуфи, магистрантка второго курса факультета международных отношений, Таджикского национального университета. Телефон: +992 000902390

Научный руководитель: д.п.н., профессор Нуриддинов Р. Ш.

About the author: Firuza Yusufi, second-year master`s student of Faculty of International Relations, Tajik National University. Phone: +992 000902390.

Scientific director: Professor Nuriddinov R. Sh.

Камолзода Шахло Мустафоевна,
магистрантка второго года обучения очного отделения юридического факультета Российско – Таджикский (Славянский) Университет

ОСОБЕННОСТИ НАСЛЕДОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ УЧАСТКОВ В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Прежде, чем будем, говорить об особенностях наследования земельных участков необходимо давать характеристику понятиям наследования земельных участков и земельный участок.

Наследование земельных участков и имущественных прав (переход вещных прав, переход обязательственных прав) на земельные участки имеет межотраслевой характер и поэтому должно отвечать и требованиям гражданского права и учитывать положения земельного права.

Земельный участок в соответствии с п. 2 ст. 6 ЗК РФ определяется как часть поверхности земли (в том числе почвенный слой), границы которого описаны и удостоверены в установленном порядке. По наследству переходит как поверхностный (почвенный) слой земельного участка, так и замкнутые водоемы, находящиеся на нем лес и растения.

Исходя из ст. 1181 ГК РФ принадлежавшие наследодателю на праве собственности земельный участок или право пожизненного наследуемого владения земельным участком входят в состав наследства и наследуются на общих основаниях, установленных ГК РФ. На принятие наследства, в состав которого входит указанное имущество, не требуется специальное разрешение.

Аналогично земля в Республике Таджикистан является исключительной собственностью государства, и государство гарантирует эффективное её использование в интересах народа (ст. 2 Земельного кодекса Республики Таджикистан).

На основаниях, условиях и в пределах установленных земельным кодексом и гражданским законодательством Республики Таджикистан, физические и юридические лица могут отчуждать право пользования земельным участком. В отношениях иностранных физических и юридических лиц такое не допускается, земельные участки предоставляются им без права отчуждения права пользования этими земельными участками [3].

Согласно нормам ст. 1^2 ЗК РТ право пользования земельным участком представляет собой - приобретаемое (приобретенное) в соответствии с Земельным кодексом и гражданским законодательством Республики Таджикистан и прошедшее в установленном порядке государственную регистрацию права бессрочного, срочного или пожизненного наследуемого пользования, предоставленное на основе договора аренды на земельный участок в соответствии с Земельным Кодексом РТ, либо право бессрочного, срочного или пожизненного наследуемого пользования земельным участком с правом отчуждения.

На практике большинство проблем связано с установлением права собственности на земельные участки, на которых расположены объекты недвижимости. Так, при определении принадлежности зданий и сооружений определенному собственнику нельзя обходить стороной вопрос о «единстве судьбы» земельного участка с таким имуществом.

Проблемам, связанным с передачей по наследству имущества, в том числе недвижимого, также уделяли внимание многие ученые. В частности, можно отметить работы таких авторов, как Б. А. Булаевский, П. В. Крашенинников, А. Л. Маковский, А. П. Сергеев, В. И. Серебровский, Е. А. Суханов, Ю. К. Толстой, В. А. Четвернин и т.д [6, 173].

Особенности наследования земельных участков это те специфические аспекты, которые необходимо принять во внимание и к ним относятся следующие:

- во-первых, целевое назначение (категорию) земель, в значительной степени определяющее оборотоспособность земельного участка;

-во-вторых, существование установленных законом специальных ограниченных вещных прав, объектом которых может быть исключительно

. земельный участок;

- в-третьих, легализацию принципа «единой судьбы» при наследовании земельного участка и объектов, находящихся на нем;

- в-четвертых, существование законных презумпций приоритета наследования неделимого земельного участка;

- в-пятых, наличие особых, переходящих по наследству правомочий по приобретению земельного участка, имевшихся у наследодателя, но не реализованных им, и другие [7,163].

В Республике Таджикистан особенностью наследования земельного участка является то, что земля переходит только на право пользования, а собственником земли является государство. В пожизненно наследуемое пользование земля предоставляется физическим лицам или коллективам, гражданам для организации дехканского (фермерского) хозяйства и традиционных народных промыслов, а также гражданам как приусадебный земельный участок и в случае открытия наследства подлежат перерегистрации.

Исходя из вышеуказанного в Российской Федерации так, как земля является частной собственностью, земельный участок или право пожизненного наследуемого владения земельным участком, которые принадлежали наследодателю на праве собственности, наследуются на общих основаниях [4].

Право пожизненного наследуемого владения представляет собой особое вещное право граждан владеть и пользоваться земельным участком установленного размера в предусмотренном законном порядке и с определенной хозяйственной или потребительской целью [5].

Начиная с целевого назначения земли, как особенности наследования земельных участков будем рассматривать их по отдельности.

Целевое назначение земельного участка – это его использование по назначению, которое определено документацией из землеустройства в установленном законом порядке. Предназначено для определения правового статуса земельного участка и его разрешённого использования, например, для разрешения или запрета индивидуального жилищного, дачного и других видов строительства. Целевое назначение земельного участка обуславливает ограничение оборотоспособности земельных участков в рамках наследственных отношений [2].

Следующим особенностью является принцип «единой судьбы» при наследовании земельного участка и объектов, находящихся на нем, что означает объекты недвижимости, расположенные на земельном участке, неотделимы от принципа «единого объекта», вытекающего из понятия земельного участка как составной вещи. Несмотря на закрепление принципа «единой судьбы» в земельном законодательстве и гражданско-правовой доктрине, он не получил широкого легального развития в гражданском законодательстве, в частности, в наследственном праве. Поэтому предлагается ряд изменений в текущем законодательстве, направленных на распространение действия концептуальных принципов «единства» земельного участка и расположенных на нем объектов недвижимости на случай универсального правопреемства. Часть земельного участка, упоминаемая действующим законодательством, не может быть самостоятельным объектом наследования, т.к. не относится к объектам вещных прав.

Земельные участки могут быть, делимыми и неделимыми и это деления является, одним из особенности наследования земельных участков. Делимые земельные участки это те, земли которые могут быть разделены на части и каждое из них образуют отдельную самостоятельную участок при разделе, при этом его использование должно быть разрешено в соответствии с земельном законодательством.

Таким образом, подводя итог, необходимо отметить, что право собственности неотделимо от земельного участка и переходит по наследству одновременно с ним, земельный участок является индивидуально-определенной, составной вещью и включает в себя подземные недра, почву и всё, что находится на ней,- в том числе искусственные и естественные объекты.

Литература:

1. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан (часть третья) от 1999. (ред. от 03.06. 2012, №840). [Электронный ресурс] // Официальный интернет – портал правовой информации. – Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения 18.11.2021).
2. Гражданский Кодекс РФ от 30 ноября 1999 (ред. от 20.02.1996, № 18 ФЗ от 12.08.1996, № 111ФЗ) [Электронный ресурс] // Официальный интернет – портал правовой информации. – Режим доступа: www.consultant (дата обращения 18.11.2021).
3. Земельный Кодекс Республики Таджикистан от 13.12.1996 (ред. от 14.11.2016) [Электронный ресурс] // Официальный интернет – портал правовой информации. – Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения 10.12.2021).
4. Земельный Кодекс РФ от 25.10.2001. (ред. от 02.07.2021) [Электронный ресурс] // Официальный интернет – портал правовой информации. – Режим доступа: www.consultant (дата обращения 18.11.2021).

5. Болтанова Е. С. Комментарий к Земельному кодексу Российской Федерации (постатейный). — 3-е изд. — Москва: РИОР: ИНФРА-М, 2019. - 412 с. [Электронный ресурс] // Официальный интернет – портал правовой информации. – Режим доступа: https://znanium.com/catalog/product/ (дата обращения: 15.12.2021).
6. Акимова А.К. Наследование земельных участков: особенности рассмотрения споров на основании анализа судебной практики.// Молодой ученый. - 2020. – 320 с.
7. Мейер Д. И. Русское гражданское право (в 2-частях)/- М.:Статут, 2003. – 831 с.

Ключевые слова: *наследование, имущество, правовое регулирование, право, наследник, земля, земельный участок.*

Аннотатсия

ХУСУСИЯТҲОИ МЕРОСИ ЗАМИНҲО ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои мероси қитъаҳои замин мутобиқи қонунгузории Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: *мерос, моликият, танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, меросгузор, замин, қитъаи замин.*

Annotation

PECULIARITIES OF LAND INHERITANCE IN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the peculiarities of the inheritance of land plots in accordance with the legislation of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan.

Key words*: inheritance, property, legal regulation, right, heir and testator land, land plot.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Камолзода Шаҳло Мустафоевна, магистранти соли дуюми шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Русия-Тоҷикистон (славянӣ). 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30. Тел.: (+992) 937972367, e-mail: shahlokamolzoda@mail.com

Сведение об авторе: Камолзода Шахло Мустафоевна, магистрантка второго года обучения очного отделения юридического факультета Российско – Таджикский (Славянский) Университет 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30. Тел.: (+992) 937972367, e-mail: shahlokamolzoda@mail.com

About the author: Kamolzoda Shahlo Mustafoevna, magister of the 2nd year of study of full-time department, of the law faculty Russian-Tajik (Slavic) University 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade str 30. Tel.: (+992) 937972367, e-mail: shahlokamolzoda@mail.com

Шарипов Дилшод Абдусатторович,
магистрант второго курса очного отделения юридического факультета
Российско – Таджикский (Славянский) Университет

ОПЕКУНЫ И ПОПЕЧИТЕЛЫ КАК СУБЪЕКТЫ ИНСТИТУТА ОПЕКИ И ПОПЕЧИТЕЛЬСТВА

В настоящее время в Республики Таджикистан проблема опеки и попечительства является актуальной. Перед нами стоят задачи обустройства детей, их жизнеобеспечения и защиты их интересов. Среди детей нуждающиеся в опеке и попечительстве особое место занимают дети, попавшие в трудную жизненную ситуацию или оставшиеся без родительского попечения. В Республики Таджикистан дети являются одной из самых незащищенных социальных групп. Оказавшись на улице, ребенок во многих случаях становится общественно-опасным.

Институт опеки и попечительства регулируется нормами как гражданского, так и семейного права, что лишний раз доказывает близость данных отраслей права. Однако, если Гражданский кодекс Республики Таджикистан определяет общие положения, касающиеся опеки и попечительства, то Семейный кодекс Республики Таджикистан уделяет внимание в первую очередь опеке над несовершеннолетними.

Опекуны и попечители являются законными представителями своих подопечных и вправе выступать в защиту прав и законных интересов своих подопечных в любых отношениях без специального полномочия.

Опекуны представителями подопечных в силу закона и совершают от их имени и в их интересах все необходимые сделки.

Попечители дают согласие на совершение тех сделок, которые граждане, находящиеся под попечительством, не вправе совершать самостоятельно. Попечители оказывают подопечным содействие в осуществлении ими своих прав и исполнении обязанностей, а также охраняют их от злоупотреблений о стороны третьих лиц.

Правовой статус опекунов и попечителей и порядок их назначения в Республики Таджикистан определяется Гражданским кодексом и Семейным кодексом Республики Таджикистан и иными нормативно-правовыми актами Республики Таджикистан.

«В соответствии со ст. 33-34 Гражданским кодексом Республики Таджикистан опекуны являются представителями подопечных в силу закона и совершают от их имени и в их интересах все необходимые сделки, а попечители дают согласие на совершение тех сделок, которые граждане, находящиеся под попечительством, не вправе совершать самостоятельно. К тому же, попечитель в отличие от опеки – это некий контролер деятельности подопечного, а опекун полностью замещает своей деятельностью действия подопечного, связанные с созданием и осуществлением им своих прав и обязанностей».

«Опекуны и попечители являются законными представителями своих подопечных, они выступают в защиту их прав и интересов в отношениях с любыми лицами, в том числе в судах, без специального полномочия. Они действуют под контролем органов опеки и попечительства, которыми согласно ч.1 ст. 35 Гражданским кодексом Республики Таджикистан являются местные органы государственной власти, органы самоуправления посёлков и сёл». Данные органы осуществляют выбор опекуна или попечителя для подопечного по определенным требованиям, которые закрепляются в ст.36 Гражданский Кодекс Республики Таджикистан:

- опекуном (попечителем) может быть только совершеннолетнее, полностью дееспособное лицо;

- граждане, лишенные родительских прав, а также граждане, которым в соответствии с законодательством Республики Таджикистан запрещено быть опекунами и попечителями, не могут быть назначены опекунами и попечителями.

Опекун или попечитель может быть назначен только с его согласия. При этом должны учитываться его нравственные и иные личные качества, способность к выполнению обязанностей опекуна или попечителя, а если это возможно - и желания подопечного.

Опекунами и попечителями граждан, нуждающихся в опеке или попечительстве и находящихся или помещенных в соответствующие воспитательные, лечебные учреждения, учреждения социальной защиты населения или другие аналогичные учреждения, являются эти учреждения.

Опека и попечительство устанавливаются местным исполнительным органом государственной власти, джамоатом шахрак и джамоатом дехот по месту жительства лица, подлежащего опеке или попечительству, либо по месту жительства опекуна или попечителя.

Опека (попечительство) устанавливается на основе волеизъявления опекуна (попечителя), его личного заявления, так как «успешная охрана прав, интересов подопечного во многом зависит от желания опекуна (попечителя) заботиться о нем, готовности сделать все необходимое, чтобы облегчить его судьбу». Опекун и попечитель не могут быть назначены помимо их воли.

«Но это не означает автоматического назначения такого гражданина, поскольку при несоответствии его личных характеристик требованиям закона органа опеки и попечительства обоснованно отказывает установлении опеки (попечительства)».

Опекун (попечитель) выражает свое желание в исполнении опекунских (попечительских) обязанностях в заявлении, адресованном в органы опеки и попечительства, с просьбой о назначении его опекуном (попечителем). В течении одного месяца после решения суда о признании лица недееспособным или об ограничении его дееспособности орган опеки и попечительства должен назначить опекуна (попечителя) и если лицо, выразившее желание стать опекуном (попечителем) соответствует по характеристике требованиям, то оно назначается опекуном (попечителем). Назначение опекуна (попечителя) может быть обжаловано в суде заинтересованными лицами.

В случае, если в течении месячного срока опекун (попечитель) не назначен, исполнение обязанностей опекуна (попечителя) временно возлагается на орган опеки и попечителя, либо на соответствующее учреждение системы органов образования, здравоохранения, социальной защиты на полное государственное попечение навсегда или на какой-то срок.

В обязанности опекуна (попечителя) входит:

Проживание совместно со своими подопечными. Раздельное проживание попечителя с подопечным, достигшим шестнадцати лет, допускается с разрешения органа опеки и попечительства при условии, что это не отразится неблагоприятно на воспитании и защите прав и интересов подопечного. Опекуны и попечители обязаны извещать органы опеки и попечительства о перемене места жительства.

Заботиться о воспитании своих подопечных, об их здоровье, физическом, духовном и нравственном развитии, их общем и профессиональном обучении. Опекуны и попечителя несовершеннолетних должны заботиться об их обучении и воспитании.

Нужно отметить что обязанности, указанные в части 3 статьи 37 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, не возлагаются на попечителей совершеннолетних граждан, ограниченных судом в дееспособности.

Кроме того, если основания, в силу которых гражданин был признан недееспособным или ограниченно дееспособным вследствие злоупотребления спиртными напитками, наркотическими средствами, сильнодействующими или другими одурманивающими веществами, отпали, опекун или попечитель обязан ходатайствовать перед судом о признании подопечного дееспособным и о снятии с него опеки или попечительства.

Однако достаточно большой объем полномочий опекунов (попечителей) может вызвать злоупотребление ими своих прав, поэтому в ч. 3-4 ст. 38 ГК РТ закрепляется то, чего опекуны (попечители) делать не вправе:

- опекун не вправе без предварительного разрешения органа опеки и попечительства совершать, а попечитель - давать согласие на совершение сделок по отчуждению, в том числе обмену или дарению имущества подопечного, сдаче его внаем (в аренду), в безвозмездное пользование или в залог, сделок, влекущих отказ от принадлежащих подопечному прав, раздел его имущества или выдел из него долей, а также любых других сделок, влекущих уменьшение имущества подопечного. Порядок управления имуществом подопечного определяется законом.

- опекун, попечитель, их супруги и близкие родственники не вправе совершать сделки с подопечным, за исключением передачи имущества подопечному в качестве дара или в безвозмездное пользование, а также представлять подопечного при заключении сделок или ведении судебных дел между подопечным и супругом опекуна или попечителя и их близкими родственниками.

При необходимости постоянного управления недвижимым и ценным движимым имуществом подопечного орган опеки и попечительства заключает с управляющим определенным этим органом договор о доверительном управлении таким имуществом. В этом случае опекун или попечитель сохраняет свои полномочия в отношении того имущества подопечного, которое не передано в доверительное управление.

Доверительное управление имуществом подопечного прекращается по основаниям, предусмотренным законом для прекращения договора о доверительном управлении имуществом, а также в случаях прекращения опеки и попечительства. [6, 49]

В соответствии со ст. 40 ГК РТ освобождение и отстранение опекунов и попечителей от исполнения ими своих обязанностей возможно в следующих случаях:

- возвращения несовершеннолетнего его родителям или его усыновления. При помещении подопечного в соответствующее воспитательное, лечебное учреждение, учреждение социальной защиты населения или другое аналогичное учреждение орган опеки и попечительства освобождают ранее назначенного опекуна или попечителя от исполнения им своих обязанностей, если это не противоречит интересам подопечного.

- при наличии уважительных причин (болезнь, изменение имущественного положения, отсутствие взаимопонимания с подопечным и т.п.) опекун или попечитель может быть освобожден от исполнения им своих обязанностей по его просьбе.

- ненадлежащий выполнения опекуном или попечителем лежащих на нем обязанностей, в том числе при использовании им опеки или попечительства в корыстных целях или при оставлении подопечного без надзора и необходимой помощи, а также иных случаев, предусмотренных законодательством Республики Таджикистан, орган опеки и попечительства может отстранить опекуна или попечителя от исполнения этих обязанностей и принять необходимые меры для привлечения виновного гражданина к установленной законом ответственности.

Следует различать понятие «освобождения» и «отстранения» опекуна (попечителя) от своих обязанностей. В первом случае полностью прекращаются правоотношения, связывающие опекуна (попечителя) и его подопечного на основании его желании. Отстранение же не зависит от волеизъявления опекуна (попечителя), его намерений и планов. Так от своих обязанностей опекун (попечитель) может быть отстранен, если использует опеку или попечительство в корыстных целях или оставляет подопечного без надзора и необходимой помощи. В таких случаях орган опеки и попечительства вправе направить все имеющиеся у него материалы в прокуратуру, опекун (попечитель) может быть привлечен к административной, а если это связано с жестоким обращением с ребенком – к уголовной ответственности.

Опека и попечительство над совершеннолетними гражданами прекращаются в случаях вынесения судом решения о признании подопечного дееспособным или отмены ограничений его дееспособности по заявлению опекуна, попечителя или органа опеки и попечительства [9, 511].

По достижении малолетним подопечным четырнадцати лет опека над ним прекращается, а гражданин, осуществляющий обязанности опекуна, становится попечителем несовершеннолетнего без дополнительного решения об этом.

Кроме того, попечительство над несовершеннолетним прекращается без особого решения по достижении несовершеннолетним подопечным восемнадцати лет, а также при вступлении его в брак и в других случаях приобретения им полной дееспособности до достижения совершеннолетия.

Можно сказать, назначение опекуна и попечителя определяется в зависимости от того, какие именно интересы и потребности подопечных лиц, подлежат охране в первоочередном порядке. Так опека и попечительство может относиться к форме «устройства» физических лиц (трудовому и жилищному), как для совершеннолетних и несовершеннолетних лиц, а также к ««замещению» воли человека волей того или иного органа государственной, местной власти при решении жизненно-важного вопроса частной жизни».

Таким образом, опекуны и попечители своими действиями удовлетворяют как интересы частного лица в самосохранении жизни, здоровья, права, так и интересы общественные, публичные в целом, в сохранении граждан, данного общества (устранение нищенства, детской безнадзорности, снижение уровня алкоголизма, наркомании, преступности в стране и др.).

Опека и попечительство – является достаточно весомый, важный и главное необходимый институт в рамках общегосударственного масштаба, так как именно от его функционирования, эффективности и развития зависит выживание не только определенных категорий лиц и граждан, но и всего общества, а также обеспечение нуждающихся лиц в правовой и социальной защите.

В Республике Таджикистан было целесообразно принятия закона об опеке и попечительстве, с помощью которого было бы регулироваться положение опекунов и попечителей, порядок их отчета перед органами опеки и попечительства, а также закреплении их прав и обязанностей.

Литература:

I. Нормативно-правовые акты:

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (Часть первая) от 1999 г. (ред. от 2 января 2020 года, №1657).
2. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 1998 г. (ред. от 2017 года, №1-2).

II. Специальная литература:

3. Гаюров Ш. К. Гражданское право Республики Таджикистан. – Д.: Эр-граф, 2014.
4. Гражданское право: Учебник / под ред. Е.А. Суханов. - В 2 т. Том 1. – М.: Издательство БЕК, 1998. – 816 с.
5. Гражданское право: учебник / С. С. Алексеев, Б. М. Гонгало, Д. В. Мурзин и др. / под общ. ред. С. С. Алексеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2009. – 528 с.
6. Курбонов К. Ш. и Гаффорзода И. Г. Гражданское право. – Д.: Донишварон, 2017. – 504 с.
7. Махмудов М. А., Тагойназаров Ш. Т., Бободжонов И. Х., Бадалов Ш. К. Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан (часть 1). – Д.: Эр-граф, 2010. – 1000 с.
8. Менглиев Ш. М. Избранные труды по гражданскому праву. – Д.: Эҷод, 2011. – 245 с.
9. Михеева Л. Ю. Институт опеки и попечительства в современных условиях // Государство и право. 2003. N 5. – С. 53-59.
10. Опека и попечительство: теория и практика / Михеева Л. Ю.; Под ред.: Мананкова Р. П. – М.: Волтерс Клувер, 2004. – 368 с.
11. Сулаймонов Ф. С. Гражданское право Республики Таджикистан (учебное пособие). – Д.: Эр-граф, 2020. – 356 с.
12. Усмонов О. У. Гражданское право (часть 1). – Д.: Матбуот, 2001. – 366 с.
13. Шерстнева Н. С. Опека и попечительство как форма воспитания несовершеннолетних //Семейное и жилищное право, 2007. № 2. – С. 27-29.

Ключевые слова: *опекуны и попечители, субъект, парвовое положение, правовой статус, законный представитель.*

Аннотация

ВАСИЁН ВА ПАРАСТОРОН ҲАМЧУН СУБЪЕКТҲОИ ИНСТИТУТИ ВАСОЯТУ ПАРАСТОРӢ

Дар мақолаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ ва мақоми васӣ ва парастор ҳамчун субъекти муассисаи васояту парасторӣ ва тартиби таъини онҳо баррасӣ мешавад.

Калидвожаҳо: *васиён ва парасторон, субъект, вазъи ҳуқуқӣ, намояндаи қонунӣ.*

Annotation

GUARDIANS AND TRUSTEES AS THE SUBJECTS OF THE INSTITUTION OF GUARDIANSHIP AND TRUSTEESHIP

The legal status of guardians and trustees position as subjects guardianship and guardianship's institution and the procedure for their appointment are considered in this article.

Keywords: *guardians and trustees, subjects, legal status, legal representative.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Дилшод Абдусатторович, магистранти соли дуюми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30. Тел.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

Сведения об авторе: Шарипов Дилшод Абдусатторович, магистрант второго курса очного отделения юридического факультета Российско – Таджикский (Славянский) Университет. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзода 30.

Тел.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

About the author: Sharipov Dilshod Abdusattorovich, magister of the 2st year of stidy of full-time department, of the law faculty Russian – Tajik (Slavonic) University. 734025, Tajikistan. Dushanbe. M. Tursunzade str. 30. Tel.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

Шарипов Дилшод Абдусатторович,
магистрант второго курса очного отделения юридического факультета
Российско – Таджикский (Славянский) Университет

ДЕЯТЕЛЬНСТЬ ОРГАНОВ ОПЕКИ И ПОПЕЧИТЕЛЬСТВА: ИХ ПОЛНОМОЧИЯ И ЗАДАЧИ

Опека и попечительство являются одной из форм осуществления государственной защиты личности. В современных условиях формирования гражданского общества и правового государства основной задачей является защита прав и свобод человека. Особую актуальность в этой связи приобретают надежная охрана и защита интересов детей.

Взять ребенка под опеку решается далеко не каждый человек. А ведь те, кто все же решил стать приемными родителями или усыновителями, спасают малыша от большой психологической травмы и помогают ему избежать «душевной инвалидности». Психологи утверждают, что давно пришло время попрощаться с такой системой воспитания детей, как интернаты и детские дома.

Проблема социальной адаптации и интеграции, включение детей и их опекунов в многогранную жизнь общества является одной из важнейших в ходе их социализации. Общепринятое социальное отношение к людям, оставивших своих детей на попечении других людей (бабушек, дедушек или иных), не однозначно. Такое явление особенно присутствует в сельских местностях и небольших городах. Если процесс стигматизации осуществлен, то независимо от наличия позитивных изменений в поведении человека, лишенного родительских прав, общество все равно длительное время воспринимает его как индивида с ярлыком. Люди, которые взяли под опеку детей, осознанно или чаще не осознанно, стараются не предавать широкой огласке проблемы своих детей. Они пытаются компенсировать ущербность, допущенную в воспитании своих детей, и уделяют больше времени и заботы, большую часть личного времени. Опекунам своих внуков судьбой выпала участь повторить пройденный уже однажды родительский путь воспитания. В основном с маленькими детьми проблем не возникают, наоборот их лелеют, балуют, а с 11-14 лет проблемы с поведением вызывают определенную растерянность и страх повторения ошибок детей. Специалистов органа опеки и попечительства, и самих опекунов тревожит увеличение проблемы с опекаемых детей подросткового возраста. Вина за несостоявшееся добропорядочное воспитание своих детей и желание исправить допущенные ошибки в воспитании заставляют опекунов обращаться за психологической и иной внешней помощью чаще, чем в подобных ситуациях со своими детьми.

«Опекуны и попечители являются законными представителями своих подопечных, они выступают в защиту их прав и интересов в отношениях с любыми лицами, в том числе в судах, без специального полномочия. Они действуют под контролем органов опеки и попечительства, которыми согласно ч.1 ст. 35 Гражданским кодексом Республики Таджикистан являются местные органы государственной власти, органы самоуправления посёлков и сёл». Данные органы осуществляют выбор опекуна или попечителя для подопечного по определенным требованиям, которые закрепляются в ст.36 Гражданский Кодекс Республики Таджикистан:

опекуном (попечителем) может быть только совершеннолетнее, полностью дееспособное лицо;

граждане, лишенные родительских прав, а также граждане, которым в соответствии с законодательством Республики Таджикистан запрещено быть опекунами и попечителями, не могут быть назначены опекунами и попечителями.

Опекунам приходится занимать активную жизненную позицию, которая дает им шанс «реабилитироваться» в своей семье и в обществе, занять подобающий социально-ролевой статус. Самообразование востребовано современным пожилым человеком из-за необходимости регулярной адаптации к постоянно изменяющимся реалиям окружающего мира и условиям жизни. Специалисты органов опеки и попечительства регулярно проводят с опекунами индивидуальные беседы, учебные встречи, семинары, круглые столы и т.д., направленные на овладение специальными технологиями управления своим эмоциональным и психологическим состоянием, технологиями психогигиены и стрессоустойчивости в конфликтах, минимизации деструктивных форм общения со своими опекаемыми. Такая практика профилактической и коррекционной работы с учетом особенностей опекунских семей выступает в качестве действенного фактора социальной интеграции. Искреннее желание опекунов вырастить своих внуков достойными, образованными и успешными заставляют многих из них повышать свой образовательный и компетентный уровень [5, 21].

Профилактика сиротства является одной из острых проблем. Очевидно, что наиболее благоприятным для ребенка является сохранение его кровной семьи, однако это не всегда возможно. В связи с этим важной частью работы специалистов органов опеки и попечительства и комиссии по делам несовершеннолетних и защите их прав является проведение профилактической работы с родителями, направленной на возвращение их к нормальному образу жизни и изменении отношения к ребенку. Поэтому специалисты по охране прав детей тесно взаимодействуют с учреждениями образования, здравоохранения, органами исполнительной власти, социальной защиты населения, органами правопорядка и именно благодаря специалистам этих служб орган опеки и попечительства имеет возможность своевременно выявить и оказать помощь ребенку, который в ней нуждается, а также попытаться предотвратить попадание этого ребенка в категорию социальных сирот.

На органы опеки и попечительства должно возлагаться широкий круг задач, в числе которых:

- ✓ защита прав и законных интересов граждан, нуждающихся в установлении над ними опеки и попечительства, и граждан находящиеся под опекой и попечительством;
- ✓ надзор за органов опекой и попечителей, а также организаций в которые помещены недееспособные или не полностью дееспособные граждане;
- ✓ контроль над сохранностью имущества и управлением имуществом граждан, находящихся под опекой и попечительством либо помещенных под надзор в образовательные, медицинские учреждения, организации, в том числе для детей, оставшихся без попечения родителей и др.

Приоритетным направлением деятельности органов опеки и попечительства по защите права ребёнка на семью является организация профилактической работы с семьями и детьми (прежде всего с семьями, находящимися в социально опасном положении), предусматривающей создание условий для своевременного выявления и коррекции проблем на ранней стадии семейного неблагополучия, сохранения ребенку во всех возможных случаях его родной семьи [6, 43].

В качестве объектов профилактической и реабилитационной работы органа опеки и попечительства должны рассматриваться дети, не только оставшиеся без попечения родителей, но и не лишившиеся родительского попечения, находящиеся в обстановке, представляющей угрозу их жизни, здоровью или препятствующей их воспитанию. Это дети из семей, где родители не исполняют своих обязанностей по воспитанию, обучению и содержанию своих детей, отрицательно влияют на их поведение либо жестоко обращаются с ними. Обязанность органов опеки и попечительства осуществлять профилактическую и реабилитационную работу с такими детьми должна быть закреплена на законодательном уровне.

Литература:

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (Часть первая) от 1999 г. (ред. от 2 января 2020 года, №1657).
2. Махмудов М. А., Тагойназаров Ш. Т., Бободжонов И. Х., Бадалов Ш. К. Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан (часть 1) Д.: Эр-граф, 2010. – 1000 с.
3. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 1998 г. (ред. от 2017 года, №1-2).
4. Семейный кодекс Российской Федерации от 29.12.1995, № 223-ФЗ. Статья 145. Установление опеки и попечительства над детьми, оставшимися без попечения родителей.
5. Федеральный закон «Об опеке и попечительстве» от 24.04.2008, № 48 ФЗ.
6. Хайретдинова Ю. С., Хатмуллина Л. Р. Основные проблемы в деятельности органов опеки и попечительства. В сборнике: Актуальные проблемы современной науки Сборник статей Международной научно-практической конференции. Научный центр «Аэтерна». – Уфа, 2014. – С. 263-265.

Ключевые слова: *опека, попечительства, институт опеки и попечительства, органы опеки и попечительства, полномочия, задачи.*

Аннотатсия

ФАЪОЛИЯТИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ: ҲУҚУҚҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур фаъолияти мақомоти васояту парастории аз ҷиҳати ваколатҳои ба онҳо вогузошташуда ва вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда муҳокима карда мешавад.

Калидвожаҳо: *васояту парасторӣ, муассисаи васояту парасторӣ, мақомоти васояту парасторӣ, ваколатҳо, вазифаҳо.*

Annotation

GUARDIANS AND TRUSTEES AS THE SUBJECTS OF THE INSTITUTION OF GUARDIANSHIP AND TRUSTEESHIP

The legal status of guardians and trustees position as subjects guardianship and guardianship's institution and the procedure for their appointment are considered in this article.

Key words: *guardians and trustees, subjects, legal status, legal representative.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Дилшод Абдусатторович, магистранти соли дуюми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30. Тел.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

Сведения об авторе: Шарипов Дилшод Абдусатторович, магистрант втарого курса очного отделения юридического факультета Российско – Таджикский (Славянский) Университет. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзода 30. Тел.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

About the author: Sharipov Dilshod Abdusattorovich, magister of the 2st year of stidy of full-time department,of the law faculty Russian – Tajik (Slavonic) University. 734025, Tajikistan. Dushanbe. M/ Tursunzade str. 30. Tel.: +992 988202010, e-mail: dilshod.sharipov.9898@mail.ru

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

Боронов Шуҳрат Шамсуддинович,
магистранти соли дуюми Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АМИТ

ҲИСОБИ КОЭФФИТСИЕНТИ ГАРМИГУЗАРОНИИ БЕНЗОЛ, О-КСИЛОЛИ МОЕЪ ДАР ҲАРОРАТ ВА ФИШОРҲОИ ГУНОГУН

Таҳқиқи гармигузаронии бензол, о – ксилоли моеъ вобаста ба ҳарорат ва фишор дар дастгоҳи экспериментали гузаронида шудааст [1]. Ҳарорат дар ҳудудҳои (300 – 680) К ва фишор дар ҳудудҳои $(0{,}98\cdot10^5 - 150\cdot10^5)$ Па тағйир меёбад.

Нишондодҳои ба даст овардашуда оиди гармигузаронии бензол, о-ксилоли моеъ дар ҳудуди ҳароратҳои (293 – 450) К ва фишорҳои баланд дар ҷадвали 1,2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Қиматҳои тачрибавии гармигузаронии ($\lambda\cdot10^3$, Вт/(м·К) бензоли моеъ вобаста ба ҳарорат ва фишор

	p, МПа					
T,K	70	80	90	100	120	150
300	167	171	174	176	-	-
320	162	166	169	172	-	-
340	157	161	164	167	173	181
360	152	156	160	163	170	177
380	148	152	156	159	166	173
400	143	148	152	155	162	170
420	138	143	147	150	158	167
440	134	139	142	146	154	163
460	131	135	138	142	-	-
480	128	132	135	138	-	-
500	125	129	132	135	-	-
520	122	125	129	132	-	-
540	119	122	126	129	-	-
560	117	120	123	126	-	-
580	115	118	121	124	-	-
600	114	116	119	122	-	-
620	112	115	118	120	-	-
640	112	114	117	119	-	-
660	112	114	117	119	-	-
680	112	114	117	119	-	-

Ҷадвали 2. Қиматҳои тачрибавии гармигузаронии ($\lambda\cdot10^3$,Вт/(м.К)) о-ксилол вобаста ба ҳарорат ва фишор

	p, МПа					
T,K	50	60	80	100	120	150
300	146	148	152	155	160	166
320	141	144	148	151	156	163
340	137	140	144	147	153	160
360	133	135	140	144	150	157
380	128	131	136	141	147	154

400	124	127	133	138	144	151
420	120	123	130	135	141	148
440	117	120	126	132	138	146
460	114	116	123	129	-	-
480	111	113	119	126	-	-
500	108	111	116	122	-	-
520	106	108	113	119	-	-
540	104	106	111	117	-	-
560	102	105	110	115	-	-
580	100	103	109	113	-	-
600	99	102	108	112	-	-
620	98,8	102	107	112	-	-
640	98,4	102	107	111	-	-
660	98,4	102	107	111	-	-



Расми 1. Гармигузарони бензоли моеъ вобаста ба ҳарорат ва фишор P, (МПа): 1-10; 2-20; 3-30; 4-40; 5-50; 6-60;

Дар расми 1 тағйироти гармигузарони бензоли моеъ вобаста ба ҳарорат ва фишор нишон дода шудааст.

Мувофиқи ҷадвали 1 ва расми 1 гармигузарони бензоли моеъ бо афзудани ҳарорат кам мешавад ва бо афзоиши фишор баланд мегардад.

Қиматҳои таҷрибавии объектхои таҳқиқотӣ нишон доданд, ки гармигузарони бензоли моеъ аз ҳарорат ва фишор вобастагии калон дорад.

Дар ҳарқиқат, ҳаракати гармоӣ дар моеъҳо ба он оварда мерасонад, ки ҳар як молекула танҳо дар давоми вақти ночизе дар мавқеи муайяни мувозинатӣ мелаппад.

Бо гузаштани вақт молекула ба тарзи ҷаҳиш ба ҳолати нави мувозинатӣ мекӯчад, ки вай аз мавқеи аввалааш ба масофаи ба андозаи худи молекула баробар мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, молекула оҳиста ба тамоми ҳаҷми моеъ мекӯчад. Дар ин маврди ҷаҳишчаҳои кӯтоҳмуддат бо ҷаҳишҳои даврашон калонтар иваз мешаванд. Давомнокии чунин мавридҳо тамоман гуногун мебошанд, вале давомнокии лаппиш дар қарибии як мавқеъ дар ҳар гуна моеъ, ки аз ҳарорат ва аз энергияи активатсияи худдиффузия, ки дар навбати худ аз қувваҳои таъсири байнимолекулавии онҳо вобаста аст. Бинобар ин ҳангоми баландшавии ҳарорати моеъ, ҳаракатмандии молекулаҳои он афзуда, энергияи активатсияи диффузионии он кам мешавад, ва инчунин, қувваи таъсироти байнимолекулавии он низ кам мешавад, ки ин сабаби камшавии коефисиенти гармогузаронӣ мегардад.

Фишор ба қувваи баҳамтаъсирии байнимолекулавӣ баръакси ҳарорат таъсирот дорад; бо баландшавии фишор дар ҳарорати доимӣ қувваҳои байнимолекулавӣ меафзоянд ва ин боиси афзоиши коефисиенти гармогузаронӣ мегардад. Бо афзоиши потенсиали қувваҳои байнимолекулавӣ, хатҳои вобастагии коэффисиенти гармигузаронӣ болотар ҷой мегиранд, коэффисиенти ҳароратии онҳо бошад, кам мешавад. Ба таври дигар баён намоем, ҳар қадар чуқурии чоҳи потенсиалӣ зиёд бошад, ҳамон қадар изобараҳои гармигузаронӣ ба боло мекӯчанд. Чуқурии чоҳҳои потенсиалӣ қимати энергияи активатсияро муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки агар дар молекула ҳар қадар адади атомҳои карбон зиёд бошанд, ҳамон қадар чоҳи потенсиалӣ чуқуртар ҷойгир мешаванд, ҳар қадар энергияи активнокӣ зиёд бошад, ҳамон қадар коэффисиенти гармигузаронӣ зиёд мегардад. Натиҷаҳои таҷрибавӣ оиди гармигузаронии соҳаҳои гуногуни моеъҳои органикӣ дар ҳарорат ва фишорҳои гуногун дар феҳристҳо [1, 3] ва корҳои мавҷуд мебошанд [4, 6].

Адабиёт:

1. Маҷидов Ҳ., Солиҳов Т., Сафаров М. М. Асосҳои физикаи гармо. – Душанбе: Дониш, 1992. – 120 с.
2. Абас-Заде А. К., Гусейнов К. Д. За техничесских прогресс, №7, 1966. – 96 с.
3. Нуриддинов З. Плотность и теплопроводность фталатов в зависимости от температуры и давления. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. тех. наук. – Душанбе, 1991. – 220 с.
4. Кондратьев Г. М. Регулярный тепловой режим. – М., 1954. – 385 с.
5. Филиппов Л.П. Исследование теплопроводности жидкостей. – М.: МГУ, 1970. – 415 с.
6. Цедерберг. Теллопроводность газов и жидкостей. – М.: Госэнаргоиздат, 1963. – 390 с.
7. Теплофизический справочник. Т. 1. Энергия. – М., 1975. – 601 с.

Калидвожаҳо: *гармигузаронӣ, ҳарорат, фишор, бензол, ксилол.*

Аннотация

РАСЧЕТ ТЕПЛОПРОВОДНОСТИ БЕНЗОЛА, ЖИДКОГО О-КСИЛОЛА ПРИ РАЗЛИЧНЫХ ТЕМПЕРАТУРАХ И ДАВЛЕНИЯХ

В статье рассматривается расчет коэффициента теплопроводности бензола, жидкого ксилола при различных значениях температуры и давления.

Ключевые слова: *теплопроводность, бензол, ксилол, температура, давления.*

Annotation

CALCULATION OF THERMAL CONDUCTIVITY OF BENZENE AND LIQUID O-XYLENE AT DIFFERENT TEMPERATURES AND PRESSURES

The article deals with the calculation of the coefficient of thermal conductivity of benzene, liquid xylene at various values of temperature and pressure.

Keywords: *thermal conductivity, benzene, xylene, temperature, pressure.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Боронов Шуҳрат Шамсуддинович, магистранти соли дуюми Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АМИТ. Тел.: +992 918596381

Роҳбари илмӣ: Неъматов Абдуқодир, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Сведения об авторе: Боронов Шухрат Шамсуддинович, магистрант второго курса Физико-технического института им. Умаров ННАТ. Тел.: +992 918596381

Научный руководитель: Нематов Абдукодир, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры общей физики Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни

About the author: Boronov Shukhrat Shamsuddinovich, 2nd year master student of the Physico-Technical Institute named after Umarov NNAT. Tel: +992 918596381

Scientific director: Nematov Abdukodir, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of General Physics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Сафолов Рафсанҷон Сафаралиевич,
ассистенти кафедраи физикаи экспериментали факултети физика

НАЗОРАТИ СИФАТ ВА НАВЪҲОИ НУҚСОНҲО ҲАНГОМИ КАФШЕРКУНӢ

Шиддат ва деформатсияҳо ҳангоми кафшеркунии фулузот. Ҳангоми тафсонидан ва сипас хунук кардани маснуот шиддати ҳароратии зиёд ба вуҷуд меояд. Баъд аз хунук шудан дар ҷузъҳо шиддати боқимонда нигоҳ дошта мешавад. Сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани шиддат ва деформатсия ҳангоми кафшеркунӣ инҳо мебошанд: нобаробар тафсидан; паст шудани сатҳи фулузи гудохташуда мавриди аз ҳолати моеъгӣ ба сахтӣ гузаштан; тағйирёбии сохтори фулузи гудохташуда ё фулузи асосӣ дар минтақаи таъсири ҳарорат ва тағйирёбии ҳаҷм дар минтақаи кафшеркунӣ. Шиддате, ки дар натиҷаи тағирёбии сохтори фулуз ба амал меояд, танҳо ба пӯлодҳои ҷавҳардодашудаи махсус тааллуқ дорад, дар ҳолате, ки агар онҳо ҳангоми кафшеркунӣ об хӯранд, чунки баъди обхӯрӣ ҳаҷми сохтори ҳосилшудаи мартенсит назар аз сохтори аввала ферриту перлит зиёдтар мешавад. Шиддат ва деформатсия дар кафшеркунии барқии камонӣ назар ба кафшеркунии газӣ камтар ифода меёбад. Сабаб он аст, ки дар кафшеркунии газӣ минтақаи таъсири ҳарорат калонтар мебошад. Чорабиниҳои асосии бартараф намудани шиддатҳое, ки ҳангоми кафшеркунӣ ба амал меоянд, чунинанд: пешакӣ тасфонидани ҷузъҳо; бомаром хунук кардан пас аз кафшеркунӣ;, барои ҷузъҳои пӯлодин дар ҳароратҳои 550-650^{o}С гузаронидани бозпӯхт; тавассути болға оҳиставу бомаром кӯфтани чоки кафшер (чокҳои бисёрқабата); дар ҳолати мушоҳида кардани кафидаҳои майда, онҳоро бо воситаи қабати нав кафшер намудан ва ғайраҳо. Барои кам ё бартараф намудани деформатсияҳои кафшерӣ чунин маслиҳатҳо дода мешавад: 1) чокро ба тарзи акс қисм-қисм ичро кардан, чокҳои дарозро бо қисмҳои алоҳидаи дарозиашон 150-200 мм ҷудо намудан. Ин боиси он мегардад, ки як мавзеи маснуот гарм нашуда, ҳарорат дар минтақаи кафшер паст мешавад; 2) ҷузъҳои деформатсия-шавандаро пеш аз кафшеркунӣ ба тарафи муқобил бо ҳамон андоза деформатсия каврдан лозим аст, ки он ҳангоми кафшеркунӣ ба амал меояд; 3) баробар кардани деформатсия, яъне тартиби гузоштани чокро чунин интихоб намудан лозим аст, ки деформатсияи ҳангоми кафшеркунӣ ба ҷузъ додашаванда, ба деформатсияи чоки кафшерие, ки пеш аз ин гузошта шуда буд, баробар шавад; 4) дар маснуоти кафшершаванда ҳарчи кам кардани гармшавӣ. Ин корро тавассути ба об гузоштани қисмҳои алоҳидаи он ё кафшеркуниро ба воситаи тагмонаки мисин ичро намудан, амалӣ гардонидан имконпазир аст; 5) ҷузъи кафшершавандаро ба дастгоҳи махсус (масалан, тиски) насб намудан, то ин ки ҳангоми кафшеркунӣ деформатсия нашавад.

Нуқсонҳо ва тарзҳои назорати пайвастаҳои кафшерӣ. Ба нуқсонҳои асосии чоки кафшерӣ дохил мешавад: 1. Пурра гудохта нашудани фулуз дар чоки кафшерӣ; яъне байни фулузи ҷузъ ва фулузи гудохташуда васли яклухт мушоҳида намешавад. Сабаб – нодуруст интихоб намудани реҷаи кафшеркунӣ. 2. Сӯхтану оксидшавии фулузи чок ва фулузи бо он наздики ҷузъи кафшершаванда. Сабабҳо – мавҷудияти муҳити зиёди оксидкунанда, аз меъёр дароз будани камони кафшеркунӣ, паст будани ҳарорати манбаи тафсонанда, босуръат будани реҷаи кафшеркунӣ. 3. Сӯзонидан – қисмҳои алоҳидаи чоки кафшерӣ ҳангоми кафшеркунии баркӣ гудохташуда, сӯрох мешавад. Сабабҳо – аз меъёр зиёд будани қувваи ҷараён, нодуруст интихоб шудани ғафсии фулуз, кам қат шудани ҳошия. 4. Бурриш - чуқурӣ дар фулузи ҷузъ ба қадди чок. Сабабҳо – номутасил будани қувваи ҷараён дар ноқили гудозанда, нодуруст будани мавқеи ҷойгиршавии кафшерноқил ё нӯги он, аз меъёр зиёд будани ҳарорат. 5. Карахшавӣ дар чоки кафшер, дар натиҷаи нодуруст интихоб намудани реҷаи кафшеркунӣ ва суръати он. 6. Ковокиҳо - пайдошавии холигиҳо, ҳубобчаҳои газдор, шахшӯлиҳо дар сатҳи чок. Сабабҳо – дар фулуз мавҷуд будани газ ва об дар масолеҳи рӯйпӯшкунанда ё дар танакор, занг дар ҳошияи кафшер, ё ин ки дар фулузи гудохташаванда. 7. Пайвастагиҳои дажғолӣ дар фулуз. Сабабҳо – мавҷуд будани оксидҳо дар таркиби фулузи асосӣ ва гудохташаванда аз сабаби нобаробар гудохташавии рӯйпӯши ноқилҳо; бадгудозӣ ва зиёд будани часпакии дажғол; нокифоя будани софшавии фулузи чок. 8. Тарқишҳо дар чок аз сабаби зиёд будани шиддатҳои шиштаниҳо ва сохторҳо; зиёд будани сулфур, фосфор ва карбон дар фулуз; аз ҳад сахт кардани ҷузъҳо дар асбобҳои махсус пеш аз кафшеркунӣ.

Дар ҳолати назорат кардани сифати кафшер, нуқсонҳо ба тариқи зерин муайян карда мешаванд. 1. Азназаргузаронии намуди берунӣ ва санҷидани андозаҳои чок. Бурришҳо, ковокиҳо, холигиҳо, тарқишҳо, танураҳои гудохтанашудаи чок, нобаробарӣ, ноҳамвории чокҳо ва номувофиқ будани андозаҳои чоки кафшерро маълум мекунанд. 2. Ба тарзи механикӣ ва технологӣ санҷидани фулузи гудохташуда ва пайвасти кафшер. Ба тарзи механикӣ инҳо тааллуқ доранд: санҷиши гидравликӣ барои он ҷузъ гузаронида мешавад, ки таҳти фишор кор мекунад. Санҷидан ба воситаи фишори ҳаво барои муайян кардани зичӣ ва мустаҳкамии чоки ҷузъ. 3. Санҷиши карасинӣ. Барои ин ба як тарафи (сатҳи) пайваст бӯр молида, аз тарафи (сатҳи) дигараш карасин мерезанд. Агар чок нуқсон дошта бошад, бӯр тар мешавад. 4. Тарзи рентгенӣ. Бо ин тарз чунин нуқсонҳо муайян карда мешаванд: ковокиҳо, холигиҳо, тарқишҳо, пайвастагиҳои дажғолӣ, пурра гудохта нашудани фулуз.

5. Тарзи ултрасадоӣ – бо ин тарз дар чоки кафшерӣ пайвастагиҳои ғайрифулузиро, ки ғафсиашон то 5 мм-ро ташкил медиҳанд, муайян карда мешавад. 6. Тарзи магнитӣ – ба ин тарз тарқишҳои майда, масомаҳо, сӯрохчаҳо, ковокчаҳо ва ғайраҳо муайян карда мешаванд. 7. Ба воситаи аммиак. Ҳаворо бо як фоиз аммиак ҳамроҳ намуда, зарфҳои холиро таҳти фишори баланд пур мекунанд. Аз тарафи берун қоғазро бо маҳлули турши нитрогени симобдошта тар карда, чоки кафшерро мепечонанд. Дар ҷойҳои нуқсондоштаи кафшер доғҳои сиёҳ пайдо мешаванд. 8. Тарзи люминесентӣ – ҷузъро ба омехтаи карасину равған тӯли 20-30 дақиқа нигоҳдошта, сипас то хушк шудан пок мекунанду ба дохили хокаи магнезӣ дохил мекунанд. Дар ҷойҳое, ки хока часпидааст, тарқишҳоро маълум мекунад. 9. Назорати металлографикӣ. Бо ин тарз макро ва микросохтори фулуз, инчунин холиҳо, тарқишҳо, пурра гудохта нашудан, сӯхтагиҳо, нитридҳо, оксидҳо ва дигар нуқсонҳои чоки кафшерӣ муайян карда мешаванд.

Лаҳим кардани фулузот ва хӯлаҳо. Лаҳим кардан ин пайвасти ҷузъҳо дар ҳолати сахт будан ба воситаи лаҳимкашҳо. Дар ҳолати лаҳим кардан, танҳо фулузи лаҳимкунанда (лаҳимхӯла) гудохта мешавад, ки ҳарорати гудозиаш аз фулузи асосӣ пасттар мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат лаҳим кардан аз кафшер кардан фарқ мекунад. Барои он ки пайваст мустаҳкам шавад, бояд фулузи лаҳимкунанда сатҳи фулузҳои васлшавандаро тар кунаду ба онҳо якҷоя шуда, маҳлулҳо ташкил диҳад. Чӣ қадаре ки дараҷаи диффузияи байни фулузи асосӣ ва фулузи гудохташуда зиёд бошад, ҳамон қадар мустаҳкамии механикии пайваст баландтар мешавад. Ғайр аз ин, мустаҳкамии лаҳим аз тозагии сатҳи ҷузъҳо вобаста мебошад, бинобар ин пеш аз лаҳм кардан сатҳи онҳоро аз равғанҳо, оксидҳо ва дигар ғашҳо тоза мекунанд. Ба воситаи лаҳим ҷузъҳои пӯлодҳои карбондорву ҷавҳардодашудаи ҳамаи тамғаҳоро пайваст кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, ҳамаи фулузҳои ранга ва хӯлаҳои онҳо, инчунин фулузҳо ва хӯлаҳои гуногунтамға ҳам ба воситаи лаҳим васл карда мешаванд. Лаҳимкориро дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ истифода мебаранд. Бо ин тарз ба осонӣ ҷузъҳои корношоямро барқарор кардан мумкин аст. Нуқсонҳои фулузот ислоҳ карда мешавад. Ҷузъҳои нав тайёр карда мешавад. Камбудии лаҳим он аст, ки мустаҳкамии чоки пайваст назар аз кафшер пасттар мебошад.

Лаҳимхӯлаҳо. Барои лаҳим кардан ду намуди лаҳимхӯлаҳо истифода карда мешаванд: лаҳимхӯлаҳои зудгудоз (нарм), ки ҳарорати гудозиаш то 500^0C ва мушкилгудоз (сахт), ки ҳарорати гудозишаш аз 500^0C зиёд.

Лаҳимхӯлаҳо бояд чунин хосиятҳоро доро бошанд:

а) ҳарорати гудозиши онҳо назар ба ҳарорати гудозиши фулузоти пайвандшаванда бояд паст бошад;

б) дар ҳолати гудохта шудан (ҳангоми мавҷуд будани муҳити ҳифзкунанда - танакор ё вакуум) фулузоти васлшавандаро тар карда, дар сатҳи он бо осонӣ шорида ҷорӣ шавад;

в) мустаҳкамӣ, нармӣ, ёзандагӣ ва зичии хуби пайвандро таъмин карда тавонад;

г) якҷоя бо фулузоти васлшаванда ҷуфти ба зангзанӣ ноустуворро ташкил надиҳад;

д) зариби васеъшавии ҳароратиаш ба зариби васеъшавии фулузоти васлшаванда бояд наздик бошад.

Ба лаҳимхӯлаҳои зудгудоз (нарм): хӯлаҳои дар асоси қалъагӣ, қурғошим, кадмий, висмут ва рӯҳ истеҳсолшуда дохил мешавад. Ин лаҳимхӯлаҳоро дар он ҷойҳое истифода мебаранд, ки агар чок мустаҳкамии ҳавоногузарро (герметикиро) дар худиди 30-100 МПа таъмин карда тавонад. Асоси лаҳимхӯлаҳои мушкилгудоз (сахт)-ро мис, нуқра, алюминий, магний ва никел ташкил медиҳанд. Онҳоро барои ҳосил кардани чоки лаҳимии мустаҳкамиаш то 700 МПа истифода мебаранд. Ба воситаи лаҳимхӯлаҳои мушкилгудоз мис, латун, биринҷӣ, пӯлод, чӯян, ғайр аз алюминий ва хӯлаҳои онро васл намудан мумкин аст.

Ҷадвали 12.

Таркиб ва истифодабарии лаҳимхӯлаҳо

Намудҳо	Тамға	Таркиби кимиёвӣ,%							Масолеҳи лаҳимшаванда
		мис	рӯҳ	нуқра	қурғошим	қалъагӣ	сурма	Ғашҳо	
Нармҳо - мулоим	ПОС-90	-	-	-	10,1	89,5	0,17	0,28	Асбобҳои рӯзгорӣ
	ПОС-40	-	-	-	57,8	40	1,95	0,25	Радиаторҳо, аппаратҳои радио-электротехника
	ПОС-30	-	-	-	68,5	29,5	1,8	0,2	Рух, пӯлод, латун, сафедкории подшипникҳо

	ПОС-18	-	-	-	79,7	18	2,0	0,3	Қурғошим, руҳ, пӯлод, латун
Сахти мису-руҳдор	ПМЦ-42	42	55,4	-	0,5	1,5	0,1	0,5	Латун, бринҷӣ
	ПМЦ-52	52	43,4	-	0,5	1,5	0,1	0,5	Латун, бринҷӣ, мис, пӯлод
Сахти нуқрадор	ПСр-25	40	33,5	25	0,5	-	-	1,0	Латун
	ПСр-45	30	24,2	45	0,3	-	-	0,5	Мис, бринҷӣ
	ПСр-65	20	14,2	65	0,3	-	-	0,5	Арраҳои тасмашакл

Лаҳимхӯлаҳои зудгудозро дар шакли ғӯла, сим, дона-дона, тасма, варақа, найчаҳо, инчунин хокаву хамира истеҳсол мекунанд. Барои ҳосил кардани хусусиятҳо ва ҳарорати гудозиши муайян ба лаҳимхӯлаҳои мушкилгудоз қалъагӣ, манган, алюминий, оҳан ва дигар фулузот омехта мекунанд. Агар ба таркиби лаҳимхӯла каме элементи бор ҳамроҳ карда шавад, сахтӣ ва мустаҳками он меафзояд, аммо чоки пайванд зудшикан мешавад. Пайвандҳое, ки бо мис ва лаҳимхӯлаҳои дар асоси он тайёр кардашуда ҳосил карда шудаанд, ба зангзанӣ устуворанд ва борҳои вазнинро мебардоранд. Бо ин лаҳимхӯлаҳо дар ҳароратҳои 850-1150 ^{0}С лаҳимкорӣ кардан мумкин аст. Лаҳимхӯлаҳои дар асоси мис тайёр кардашударо барои васлкуниҳое истифода мебаранд, ки мустаҳкам, қаиш, фарсуданашаванда ва ба зангзаниву ҳарорати баланд устувор бошанд. Таркиби химиявии баъзе тамғаҳои лаҳимхӯлаҳо ва истифодабарии онҳо дар **ҷадвали 12** оварда шудааст. Ифодаҳои тамғаҳоро чунин фаҳмидан мумкин аст: ҳарфи Х (П) – лаҳимхӯла (припой), Қ (С) – қурғошим (свинец), Қал (О) – қалъагӣ (олова), М (М) – мис (медь), КД – кадмий, Н (Сер) – нуқра (серебро), Су – сурма, Р (Ц) – рӯҳ (цинк), Ф – фосфор. Рақами баъди ҳарфҳо тахминан миқдори он элементҳоро бо фоиз ифода мекунад. Ҳангоми лаҳимкорӣ танакорҳо дар шакли хока, хамира ва моеъ истифода бурда мешаванд.

Танакорҳо. Ҳангоми баланд шудани ҳарорат суръати оксидшавии сатҳи ҷузъҳои васлшаванда афзуда, дар натиҷа лаҳимхӯла ба ҷузъ намечаспад. Барои тоза кардани сатҳи оксидшуда танакорро истифода мебаранд. Танакорҳо бо лаҳимхӯла гудохта шуда хуб тар шудани сатҳи фулузи васлшавандаро таъмин намуда, сатҳи фулуз ва лаҳимхӯлаи гудохташударо ҳангоми тафсиш аз оксидшавӣ нигоҳ медоранд, инчунин дар рафти лаҳим намудан пардаҳои оксиди дар сатҳи фулуз ва лаҳимхӯла мавҷудбударо ҳал мекунанд. Барои лаҳимхӯлаҳои нарму сахт, инчунин барои лаҳим кардани хӯлаҳои алюминӣ, пӯлоди ба зангзанӣ тобовар ва чӯянҳо танакорҳои гуногунро истифода мебаранд. Танакорҳо барои лаҳимхӯлаи нарм: хлориди рӯҳ, навшодир, канифол, хамираҳо ва ғайраҳо мебошанд. Хлориди рӯҳро барои лаҳим намудани фулузҳои сиёҳ, ранга, ғайр аз рӯҳ, алюминий ва хӯлаҳои он истифода мебаранд. Навшодирро дар шакли хока ё кристаллҳо истифода мебаранд. Танакори аз 20-25% хлориди рӯҳ, 5-20% навшодир ва 30-70% об иборатбуда барои лаҳимкорӣ хеле мусоид мебошад. Канифолро барои лаҳим намудани ҷузъҳои дастгоҳҳои радио, электротехника бештар истифода бурда мешавад. Онро дар шакли хокавӣ, маҳлули спиртӣ ё қаламча истифода мебаранд. Танакорҳои хамирашакл аз омехтаҳои хлориди рӯҳ ва аммоний ё аз хлориди рӯҳ ва крахмал тайёр карда мешавад. Танакорҳо барои лаҳимхӯлаҳои сахт: бура, турушоби бура ва ғайраҳо мебошад. Бураро дар шакли хокавӣ истифода мебаранд. Сабаби кам истифода бурдани бура дар он аст, ки он баъди хунук шудан, дар чоки пайванд пардаи ниҳоят сахтро ҳосил мекунад. Барои паст кардани ҳарорати гудозишаш баъзан ба он хлориди рӯҳ ҳамроҳ мекунад. Турушоби борат - хусусияти танакории он назар ба бура беҳтар мебошад, лекин аз сабаби арзиши баланд доштанаш онро кам истифода мебаранд.

Танакорҳо барои лаҳим кардани алюминий ва хӯлаҳои он. Ҳангоми лаҳим кардани алюминий ва хӯлаҳои он бо ёрии лаҳимхӯлаҳои нарм, навъҳои зерини танакорҳоро истифода кардан мумкин аст. 1. Хлориди рӯҳ 85%, хлориди аммоний 10%, фториди натрий 5%; 2. Хлориди рӯҳ 90%, хлориди аммоний 8%, фториди натрий 2%. Ҳангоми лаҳим кардани хӯлаҳои алюминий бо ёрии лаҳимхӯлаҳои сахт аз танакори зерин истифода мекунанд: фториди калий ё фториди натрий 10-11%, хлориди рӯҳ 8-10%, хлориди литий-32-35%, қисми боқимондаро хлориди калий ташкил медиҳад. Барои лаҳим кардани алюминий ва хӯлаҳои он, инчунин танакори 34А истифода бурда мешавад, ки таркиби он аз 10% фториди натрий, 8% хлориди рӯҳ, 32% хлориди литий ва 50% хлориди калий иборат мебошад.

Танакорҳо барои лаҳим кардани пӯлоди зангназананда. Яке аз ин танакорҳо омехтаи хамирашакли бура ва турушоби борат ба миқдори баробар мебошанд, ки дар маҳлули сери хлориди рӯҳ ҳал карда шудааст. Барои лаҳим кардани пӯлодҳои конструксионии зангназананда ва хӯлаҳои ба оташ тобовар танакори тамғаи 200-ро истифода мебаранд, ки таркиби он аз 70% турушоби борат, 21% бура ва 9% фториди калий иборат мебошад.

Танакор барои лаҳим кардани чӯян. Таркиби химиявии танакор барои лаҳим кардани чӯян аз 60% бура, 38% хлориди рӯҳ ва 2% перманганати калий иборат аст. Барои аз сатҳи чӯян сӯхта тоза шудани графит, ба таркиби танакор пероксиди манган ё хлориди калийро илова мекунанд. Барои лаҳим кардани қурғошим ҳамчун танакор стеоринро истифода мебаранд.

Адабиёт:

1. Акрамов В. М. Технологияи масолеҳҳои конструксионӣ ва материалшиносӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, 1984.
2. Акрамов В. М., Акрамов М. В. Кафшер ва буриши фулузот. – Душанбе: Эҷод, 2010.
3. Акрамов В. М., Акрамов М. В. Технологияи масолеҳи конструксионӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008.
4. Баротов Р. Б. Конҳои маъдани Тоҷикистон ва ҳифзи онҳо. – Душанбе, 2001.
5. Баротов Р. Б. Конҳои тилло, нуқра ва платинаи Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
6. Богодухов С. И., Синюохин А. В., Греденюк В. М. Курс материаловедения в вопросах и ответах. Учебное пособие. – М.: Машиностроение, 2005.
7. Геворкян В.Г. Основы сварочного дела. – М.: Высшая школа, 1991.
8. Гуляев А. П. Металловедение. – М.: Металлургия, 1986.
9. Дриц М. Е., Москалев М. А. Технология конструкционных металлов и металловедение. – М.: Машиностроение, 1990.
10. Лахтин Ю. Н. Металловедение и термическая обработка. – М.: Металлургия, 1983.
11. Мозберг Р. К. Материаловедение. – М.: Высшая школа, 1991.
12. Раҳматов С. Назарияи буриши металлҳо. – Душанбе, 1997.
13. Соколов И. И. Газовая сварка и резка металлов. – М.: Высшая школа, 1981.
14. Сухов Г. Г., Васильева И. Н. Обработка металлов резания. – М.: ВЗФЭИ, 1988.
15. Технология конструкционных материалов. Под редакцией Дальского А. М. – М.: Машиностроение, 2005.
16. Технология металлов и других конструкционных материалов. Под редакции Дмитровича А. М. – Минск: Высшая школа, 1973.
17. Технология металлов и конструкционных материалов. Под редакцией Кузьминскою Б. А. – М.: Машиностроение, 1989.
18. Технология металлов и материаловедение. Под редакцией Усовой Л.Ф. – М.: Машиностроение, 1987.
19. Технология металлов и сварка. Под редакцией Полухина П. И. – М.: Высшая школа, 1977.
20. Технология металлов. Под редакцией Кнорозова Б. В. – М.: Металлургия, 1978.
21. Ханапетов М. В. Сварка и резка металлов. – М.: Стройиздат. 1981.

Калидвожаҳо: *шиддат, ҳарорат, деформатсия, кафшеркунӣ, фулузот, сохтори фулузот, пӯлод, маснуот, кафшеркунши барқӣ, ноқил, сулфур, фосфор, карбон, рентген, магнит, металлографик, лаҳимкорӣ, лаҳимхӯла, ҳарорати гудозиш, мис, нуқра, алюминий, магний, никел, чӯян, радио, электротехника.*

Аннотация

КОНТРОЛЬ КАЧЕСТВА И ВИДЫ ДЕФЕКТОВ ПРИ СВАРКЕ

В данной статье отмечается, что основными причинами возникновения напряжений и деформаций при сварке являются: неравномерное нагревание; снижение уровня расплавленного металла при переходе из жидкого состояния в твердое; изменения структуры расплавленного или основного металла в зоне влияния температуры и изменения объема в зоне сварки. Напряжения и деформации при электродуговой сварке проявляется меньше, чем при газовой сварке. Это связано с тем, что при газовой сварке зона влияния температуры больше. В статье предлагается ряд советов по уменьшению или устранению сварочных деформаций. В статье подробно описаны основные дефекты сварочного шва и предложены способы выявления дефектов при контроле качества сварки. При паяние выплавляется только припой, температура плавления которого ниже, чем у основного металла. Таким образом, пайка отличается от сварки. Чем выше степень диффузии между основным металлом и припой, тем выше механическая прочность соединения. паяние используется во всех отраслях народного хозяйство. Для пайки используются два типа припой: быстроплавкие (мягкие) с температурой плавления до 5000 ^{0}C и трудноплавкие (твердые) с температурой плавления более 5000 ^{0}C. В статье описаны свойства припоев. В статье также отмечается, что по мере повышения температуры скорость окисления компонентов увеличивается, что приводит к меньшему количеству твердых частиц, прилипающих к компоненту. Кожевник используется для очистки окисленной поверхности. Кожевенные заводы оплавляются припоем, что обеспечивает хорошее смачивание поверхности соединительного металла, защищает поверхность металла и расплавленный припой от окисления при контроле, а также образования оксидных пленок на поверхности металла и припоя. во время пайки. Для мягких и твердых сплавов, а также для

сплавов используются алюминиевые сплавы, нержавеющая сталь и чугун. В статье также дана классификация разновидностей танакора.

Ключевые слова: *напряжение, температура, деформация, сварка, металл, структура металла, сталь, деталь, электросварка, проволока, сера, фосфор, углерод, рентген, магнит, металлография, пайка, припой, температура плавления, медь, серебро, алюминий, магний, никель, чугун, радио, электротехника.*

Annotation

QUALITY CONTROL AND TYPES OF WELDING DEFECTS

This article notes that the main causes of stresses and strains during welding are: uneven heating; lowering the level of molten metal during the transition from a liquid to a solid state; changes in the structure of the molten or base metal in the zone of temperature influence and changes in volume in the welding zone. Stresses and strains in electric arc welding are less pronounced than in gas welding. This is due to the fact that in gas welding, the temperature influence zone is larger. The article offers a number of tips for reducing or eliminating welding deformations. The article describes in detail the main defects of the weld and suggests methods for detecting defects in the control of welding quality. When brazing, only solder is melted, the melting point of which is lower than that of the base metal. Thus, brazing is different from welding. The higher the degree of diffusion between the base metal and the solder, the higher the mechanical strength of the joint. soldering is used in all sectors of the national economy. Two types of solder are used for soldering: fast-melting (soft) with a melting point of up to 5000 ^{0}C and refractory (hard) with a melting point of more than 5000 ^{0}C. The article describes the properties of solders. The article also notes that as the temperature rises, the oxidation rate of the components increases, resulting in fewer solids adhering to the component. A tanner is used to clean an oxidized surface. Tanneries are melted with solder, which ensures good wetting of the joint metal surface, protects the metal surface and molten solder from oxidation during control, as well as the formation of oxide films on the metal and solder surfaces. during soldering. For soft and hard alloys, as well as alloys, aluminum alloys, stainless steel and cast iron are used. The article also provides a classification of the tanakor varieties.

Keywords: *stress, temperature, deformation, welding, metal, metal structure, steel, detail, electric welding, wire, sulfur, phosphorus, carbon, X-ray, magnet, metallographic, soldering, solder, melting point, copper, silver, aluminum, magnesium, nickel, cast iron, radio, electrical engineering.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафолов Рафсанҷон Сафаралиевич, ассистенти кафедраи физикаи экспериментали факултети физикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 988212158

Сведения об авторе: Сафолов Рафсанджон Сафаралиевич, ассистент кафедры экспериментальной физики физического факультета Таджикского государственного педагогического университета. Айни. Телефон: +992 988212158

About the author: Safolov Rafsanjon Safaralievich, Assistant of the Department of Experimental Physics, Faculty of Physics, Tajik State Pedagogical University. Aini. Phone: +992 988212158

Шерзоди Саломатшо,
ассистенти кафедраи химияи умумӣ ва гайриорганикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

МУВОЗИНАТҲОИ ФАЗАГИИ СИСТЕМАИ $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ ДАР ҲАРОРАТИ 25^0C

Системаи чоркомпонентаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ як қисми таркибии системаи панҷкомпонентаи $Na,K,Mg//SO_4,F-H_2O$ мебошад. Қонуниятҳои мувозинатҳои фазагии дар он ҷой дошта, шароитҳои оптималии коркарди минералҳои табиӣ ва партовҳои моеъи саноатиро, аз ҷумла коркарди партовҳои моъи саноати истеҳсоли алюминийро дар бар мегирад. Таҳлили адабиёти мавҷуда [1, 2] нишон медиҳад, ки ин система дар ҳарорати 0^0C омӯхта нашудааст. Дар ин мавод маротибаи аввал сохтори диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ барои ҳарорати 25^0C, ки бо усули транслятсия [3, 4] омӯхта шудааст.

Системаи чоркомпонентаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ аз системаҳои секомпоненаи $NaF-KF-H_2O$, $NaF-MgF_2-H_2O$, ва $KF-MgF_2-H_2O$ ташкил ёфтаанд. Ин системаҳои секомпонента ба типи системаҳои эвтоникӣ мансуб буда, барои ин системаҳо дар ҳарорати 25^0C боҳамтаъсиркунӣ бо ҳосилшавии фазаҳои нав ҷой надоранд ва барои ин системаҳои секомпонента чунин нуқтаҳои нонвариантӣ бо фазаҳои сахти дар мувозинатбудаашон хос мебошад (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Мувозинатҳои фазагии системаи чоркомпонентаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ барои ҳарорати 25^0C дар сатҳи секомпонентагӣ.

Системаҳои секомпонента	Нуқтаҳои нонвариантӣ	Фазаҳои сахти дар мувозинатбуда
$NaF-KF-H_2O$,	E_1^3	Во+Кб
$NaF-MgF_2-H_2O$,	E_2^3	Во+Сел
$KF-MgF_2-H_2O$	E_3^3	Кб+Сел

Дар ҷадвали 1 ва минбаъд Е ишораи нуқтаи нонвариантӣ буда, дараҷааш ифодаи компонентнокии система ва индексаш ифодаи рақамӣ тартибии нуқтаи нонвариантӣ мебошад. Барои системаи чоркомпонентаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ чунин ишораҳои шартӣ қабул карда шудааст: Во-виломит- NaF; Кб-каробиит- KF; Сел-Селлаит-MgF_2

Аз далелҳои ҷадвали 1 истифода намуда, диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ барои ҳарорати 25^0C дар сатҳи секомпонентагӣ, сохта шудааст, ки ба шакли призмаи «кушода», чунин намудро дорад (Расми 1).



Расми 1. Диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ барои ҳарорати 25^0C дар сатҳи секомпонентагӣ

Ҳангоми ба нуқтаҳои нонвариантии сатҳи секомпонента илова намудани компоненти чорум элементҳои геометрии сатҳи n компонента андозаи худро ба як ченак зиёд намуда, дар

сатҳи n+1 компонентноки транслятсия (интиқол) мешаванд ва сабаби ҳосилшавии элементҳои геометрии сатҳи чоркомпонента мегарданд [5, 6], ки ба таври математикӣ чунин ифода карда мешавад:

$E_1^3 + E_2^3 + E_3^3 \quad E_1^4 = Во + Кб \pm Сел$.

Дар ҳамин асос сохтори диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи чоркомпонентаи $NaF\text{-}KF\text{-}MgF_2 - H_2O$ дар ҳарорати 25^0C, ки бо усули транслятсия сохта шудааст, чунин намудро дорад (расми 2).



Расми 2. Диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи $NaF\text{-}KF\text{-}MgF_2 - H_2O$ дар ҳарорати 25^0C, ки бо усули транслятсия сохта шудааст.

Чи тавре, ки аз расми 2 бармеояд, барои системаи $NaF\text{-}KF\text{-}MgF_2 - H_2O$ дар ҳарорати 25^0C 3-майдони дивариантӣ, 3-хатти моновариантӣ ва 1-нуқтаи нонвариантӣ хос мебошад. Майдонҳои дивариантӣ, мутаносибан дар мувозинат будани як фаза, хатҳои моновариантӣ дар мувозинат будани 2 фаза ва нуқтаҳои нонвариантӣ дар мувозинат будани 3 фазаро бо маҳлули сер ифода мекунанд. Хатҳои моновариантӣ дар натиҷаи транслятсияи нуқтаҳои нонвариантии сатҳи секомпонентагӣ ба сатҳи чоркомпонента ҳосил шудаанд. Онҳо бо хатҳои пунктирӣ ишора шуда, самти транслятсия бо тирча нишон дода шудааст. Нуқтаи нонвариантии E^4_1 дар натиҷаи транслятсияи «сетарафа» ҳосилшудааст. Дар ҷадвали 2 номгӯй ва контури майдонҳои дивариантии диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи $NaF\text{-}KF\text{-}MgF_2 - H_2O$ барои ҳарорати 25^0C оварда шудааст (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Номгӯй ва контури майдонҳои дивариантии системаи $NaF\text{-}KF\text{-}MgF_2 - H_2O$ дар ҳарорати 25^0C.

Фазаҳои сахти дар мувозинат буда	Контури майдонҳо дар диаграмма (расми 2.)
Во	
Кб	
Сел	

Адабиёт:

1. Справочник экспериментальных данных по растворимости многокомпонентных водно-солевых систем Т. I., кн. 1-2. – СПб: Химиздат, 2003. – 1152 с.
2. Справочник экспериментальных данных по растворимости многокомпонентных водно-солевых систем. Т. 2, кн. 1-2. – СПб: Химиздат, 2004. – 1248 с.
3. Горощенко Я. Г. Массцентрический метод изображения многокомпонентных систем. – Киев: Наукова думка, 1982. – 264 с.
4. Солиев Л. Схематические диаграммы фазовых равновесий многокомпонентных систем. Журнал неорганической химии АН СССР, 1998, Т. 33, №5, с. 1305-1310.
5. Солиев Л. Прогнозирование строения диаграмм фазовых равновесий многокомпонентных водно-солевых систем методом трансляции. – М.; 1987, 28 с. Деп. в ВИНИТИ АН СССР 20.12.87 г., №8990-В87.
6. Солиев Л. Прогнозирование фазовых равновесий в многокомпонентной системе морского типа методом трансляции (Книга 1). – Душанбе: ТГПУ, 2000. – 247 с.

Калидвожаҳо: *усули трансляция, хатҳои моноварианті, майдонҳои дивариантї, нуқтаҳои нонварианті, диаграмма, калий, магний, сулфат, фторид, мувозинатҳои фазагї.*

Аннотация

ФАЗОВЫЕ РАВНОВЕСЯ СИСТЕМЫ $NaF-KF-MgF_2-H_2O$ ПРИ 25^0C

Методом трансляции исследованы фазовые равновесия системы $NaF-KF-MgF_2 –H_2O$ при 25^0C. Установлено, что для исследованной системы при 25^0C характерно наличие 3 дивариантных полей, 3 моновариантных кривых и 1нонвариантных точек. На основании полученных данных впервые построена её фазовая диаграмма.

Ключевые слова: *метод трансляции, моновариантные кривые, дивариантные поля, нонвариантные точки, диаграмма, калий, сульфаты, фториды, фазовые равновесия.*

Annotation

PHASE BALANCTS OF $NaF-KF-MgF_2 –H_2O$ SISTEM IN 25^0C

Translation method exploredphase balance of system $NaF-KF-MgF_2 –H_2O$ at 25^0C. It is established that for it presence 1 invariant points, 3 monovariant curves and 5 divariant fields is characteristic. On the basis of the received data the closed schematic phase diagrammed of the investigated system is constructed.

Keyword: *method translations, lines, points, diagram, sulphate, fluorite, Phase balances.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шерзоди Саломатшо, ассистенти кафедраи химияи умумї ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнї. Тел.: +992 502006002

Сведения об автор: Шерзоди Саломатшо, ассистент кафедры общая и неорганическая химия Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Тел.: +992 502006002

About the author: Sherzodi Salomatsho, Tajik State Pedagogical University named S. Aini. Assistant of the Department of General and inorganic chemistry. Phoni: +992 502006002

Аҳмадӣ Ғулом Сахӣ,
магистранти соли якуми факултети химия

КИМИЁИ САБЗ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

Ин мақола ба кори химиё сабз ва нақши он дар ҳаёти инсон ишора мекунад, ки дар он нуқтаи назари умумӣ аз ҷиҳати илмӣ ва мавзӯъӣ баррасӣ карда мешавад. Инҳоянд намудҳои химиё сабз ва нақши он дар ҳаёти инсон дар маҷмӯъ истифода мешаванд. Баъзе роҳҳои дастрасӣ ба ин химиё сабз ва нақши он дар ҳаёти инсон нишон дода шудаанд. Баъзе аз моделҳои дилхоҳ нишон дода шудаанд.

Дар асри имрӯза, ихтироот ва кашфиёт ба пешрафт ва тамаддуни башарият таъсири бениҳоят калон расонданд. Дар ин пешрафтҳои илмӣ, химия низ нақши шоиста ва асосӣ дошт. Дар ҳақиқат, химиёшинос пайваста бо падидаҳои нав сару кор мегирад ва барои иҷрои корҳои нав пайваста таҳқиқот анҷом медиҳад. Вале таҳқиқотҳои зиёди химиёвӣ, коркард ва истеҳсоли пайвастаҳои нави химиёвӣ, хатари зиёди равандҳои химиёвӣ ба саломатии инсон ва муҳити атроф таҳдид мекунад. Аз сабаби аҳамияти ин масъалаҳо дар миқёси ҷаҳонӣ, химияи сабз ба як масъалаи байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Истилоҳи химиёи сабз барои ишора ба равандҳои химиёвӣ ва тарҳрезии маҳсулоте истифода мешавад, ки дар онҳо истеҳсоли маводҳои хатарнок кам ва ё аз байн рафтааст. Ҳадафҳои химиёи сабз истифодаи захираҳои барқароршаванда, коҳиш додани шумораи марҳилаҳои раванд, баланд бардоштани самаранокии энергия, тарроҳии мавод ва маснуоти химиёвӣ ва истифодаи ашёи хоми хатари кам доштаро дар бар мегиранд. Ҳадафи ниҳоии химиёи сабз баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар сайёра тозатар ва бехатар мебошад. Дар ин тадқиқот ҳадафҳо ва принсипҳои химиёи сабз ва нақши он дар ҳаёти инсон омӯхта шудааст.

Шубҳае нест, ки рушди иқтисодии ҳар як кишвар аз пешрафти илмии одамони он ҷомеа вобаста аст. Аз ин рӯ, барномаи таълимии мактабҳо, бахусус барномаи таълимии химиёи мактаб, бояд ба эҳтиёҷоти шахсони алоҳида ва ниёзҳои илмии ҷаҳон асос ёфта бошад. Гарчанде ки химия дар рушди тамаддуни башарӣ нақши асосӣ дошт ва ҷойгоҳи он дар иқтисодиёт, сиёсат ва ҳаёт рӯз аз рӯз рангинтар гашта аст, дар баробари ин пайвастаҳои химиёвӣ як қатор маҳсулоти ниёзи мардум, аз маҳсулоти хӯрокворӣ, химиёвии кӯдакон, рангҳо ва ғайраро фаро мегирад.

Равшан аст, ки дар замони ҳозира химия танҳо як илм барои беҳтар фаҳмидани падидаҳои атроф ва табиат нест. Баръакс, ин як илми эҷодӣ ва самаранокест, ки мавод ва ашёро бо арзиши баланди иловагӣ меофарад. Дар айни замон, бисёре аз навовари ва ихтироотҳо, ки ба ҳаёт ва тамаддуни инсон таъсири бениҳоят калон мерасонанд, ҷанбаи илмии аксарияти онҳо ба принсипҳои химиёвӣ ва физикӣ асос ёфтаанд. Аз ин сабаб, имрӯз дар химия инқилоби сабз ба амал омадааст, ки на танҳо ба муҳити атроф манфиат ва субот меорад, балки хатарҳо ва офатҳои саноатиро низ коҳиш медиҳад, ки онро **«химиёи сабз»** меноманд.

Истифодаи химиёи сабз хавфи зарарро коҳиш медиҳад [2, 3]. Ин аст, ки як қатор кишварҳои мутамаддини ҷаҳон химияи сабзро ба барномаҳои таълимии худ ҷорӣ ва таълим медиҳанд. Истилоҳи химиёи сабз ба тарҳрезии маҳсулот ва равандҳои химиёвӣ ишора мекунад, ки моддаҳои хатарнокро дар истеҳсол ва истифодаи он кам ё нест карда шаванд. «Химияи сабз иборат аз сохтани маҳсулоти нав бо истифода аз усулҳои навест, ки ба ҳадафи 3 гонаи иқтисоди пойдор ва ҷомеаи устувор мувофиқат мекунанд» гуфтааст Робин Роҷерс, муҳаққиқ ва директори Маркази истеҳсолии сабз дар Донишгоҳи Аламаха [2, 5].

Химияи сабз гузоштан, таҳия ва истифодаи маҳсулоти химиёвӣ бо мақсади пешгирӣ ё аз байн бурдани истифода ва истеҳсоли моддаҳои хатарнокест, ки барои саломатии инсон ва муҳити зист хатар эҷод мекунад [6].

Истилоҳи химиё сабз бори аввал соли 1991 аз ҷониби Пол Анастас дар як барномаи махсус, ки аз ҷониби Агентии ҳифзи муҳити зисти ИМА (EPA) таҳия шудааст, истифода шудааст. Ҳадафи ин барнома татбиқ ва рушди устувори химиё ва технология дар соҳаҳои химиёвӣ, донишгоҳҳо ва ҳукумат буд.

Соли 1993 таҳти сарпарастии ҳукумати (EPA) китобе бо номи «Химияи ҷаҳони тоза» аз ҷониби Ассотсиатсияи химия моҳи июни соли 1993 ба табъ расид ва таваҷҷӯҳи бисёр одамонро дар Аврупо ба худ ҷалб кард.

Дар соли 1995, дар давраи раёсати Билл Клинтон, вай технологияҳои кимиёвиро муайян кард, ки принсипҳои кимиёро дар тарроҳӣ, сохтор ва истифодаи кимиёвӣ ташкил медиҳанд ва дар ниҳоят барои рақобат дар истеҳсоли кимиёвии сабз мукофот пешниҳод карданд.

Соли 1996 аввалин ҷоизаи президентӣ барои рақобати кимиёи сабз эълом шуд. Ҷоизаҳои тақдимшуда ва қадрдонии солонаи ҳукумат ба гурӯҳҳо, инчунин ташкилотҳо ва ассотсиатсияҳо паҳншавии иттилооти кимиёвии сабзро дар соҳаи мазкур суръат бахшиданд (1, 2).

Соли 1997, пас аз як сол, як қатор ҳунармандон ва иттиҳодияҳо бо кӯмаки ҳукумат дар Созмони кимиёвии Сабз (GCI) дар соли 1997 сабти ном шуданд. Ин барои манфиати шахсӣ, балки барои таблиғи кимиёи сабз сурат гирифтааст ва дар рушди ҷаҳонии ин илм як гардиш аст.

Дар соли 1998, таърифҳо ва принсипҳои китоби «Кимиё ҷаҳони тоза» стратегияҳои қобили эътимод дар кимиёи сабзро ошкор карданд. Ин китоб пас аз интишори аввал ба чандин забонҳои дигар чоп шудааст.

Дар моҳи феврали соли 1999, Британиё маҷаллаи байналмилалии илмии худро (Green Alchemy)-ро нашр кард. Мазмуни асосии ин нашрия омезиши сафҳаҳои маҷаллаҳои марбута будааст.

Дар соли 2001, Химияи Сабз ба саъи кӯшиши пайваста ба Ҷамъияти Химиявии Амрико пайваст.

Соли 2006 Иттиҳоди Байналмилалии Кимиё як комиссияи махсус оид ба химияи сабз ва инчунин як конфронси байналмилалии ду соларо таъсис дод, ки аввал дар Олмон, сипас дар соли 2010 Русия ва Канада баргузор гардид.

Дар соли 2007 буд, ки (Ҷон Уорнер) ба саҳна баргашт, то аз ҷониби Ҷим Бабкок технологияҳои сабзро рушд диҳад ва аввалин ширкати рушди кимиёвии сабз, Bangkok Warner – ро таъсис диҳад.

Соли 2009 ин ташкилот бо мақсади таҳияи қарорҳои бехатар ва самарабахши табиат таъсис дода шуд.

Дар моҳи майи соли 2009, ҷаноби Обама Пол Анастасро роҳбари Агентии ҳифзи муҳити зист (EPA) таъин кард. Таъиноти қатъии ӯ ба ин вазифа дастоварди дар пешбурди принсипҳо ва стратегияҳои кимиёи сабз буд.

Имрӯзҳо Иёлоти Муттаҳида яке аз камтарин кишварҳоест, ки дорои барномаҳои кимиёи сабз ва инчунин фанҳои марбута мебошад ва кишварҳои ба мисли Австралия, Чин, Олмон, Ҳолланд, Испания ва Британияи Кабир дигар кишварҳое мебошанд, ки дар ин соҳа нақши муҳим доранд. (7)

Фоидаҳои кимиёи сабз. Кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ аз ин технология истифода мебаранд, зеро кимиё ва технологияи сабз арзонтар ва беҳтар аст ва онҳо метавонанд дар иқтисоди ҷаҳонӣ бо рақобаттар шаванд ва инчунин ҳиссаи худро дар бозор афзоиш диҳанд.

Гарчанд, ки дар гузашта саноати химиявӣ гунаҳкори асосӣ аз нуқтаи назари ташкилотҳои экологӣ буд, вазъ зуд тағйир меёбад. Дар асл, инқилоби ором дар кимиё, аз лабораторияҳо то соҳаҳои саноат ва ширкатҳои калон ба амал меояд. Кимиё ба вуҷуд омада истодааст. Химиёи сабз маъни кам кардани партовҳои хатарнокро дорад, ба ҷои ҳалкунандаҳои органикӣ ва такроран истифодашаванда об ва дигар моддаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза (6, 15).

Яке аз намунаҳои хуби кимиёи сабз афзоиши истифодаи гази карбон, маҳсулоти иловагии сӯзишвории фоиданок мебошад. Масалан, гази карбон ба ҷои (CFC) (хлоро форо карбон) барои исфанҷ кардани шонаҳои тухм ва қуттиҳои ба он монанд истифода мешавад (CFC яке аз газҳоест, ки ба кам шудани қабати озон дар болои фазо маълум аст). Аз газҳои партове, ки дар равандҳои гуногуни истеҳсолот ҷамъ оварда мешаванд, диоксиди зарурии карбон ҷудо карда мешавад. Истифодаи дигари ояндаи гази карбон ивазкунандаи ҳалкунанда мебошад, ки онро перхлоретилен ё тетрахлорэтилен (PERC) меноманд, ки формулаи химиёви он C_2Cl_4 мебошад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ин ҳалкунанда тақрибан дар 80% ҷойҳои ҷомашӯӣ истифода мешаванд. Одамоне, ки муддати тӯлонӣ бо ин модда дучор омада буданд, аз саратони (ҷигар) ва гурда азият мекашанд. Гарчанде, ки (PERC-қонуни меъёрӣ) хатари умумӣ нест (PERC дорои ҷомашӯӣ кам аст), он ба саломатии кормандони ҷомашӯӣ таҳдид мекунад. Дуоксиди карбон ба фишори баланд ба моеъ мубаддал мешавад, ки бо шустушӯи мувофиқ метавонад, чирки либосҳоро хуб ҳал кунад. Бо кам кардани фишор, диоксиди карбон ба ҳолати газ табдил меёбад ва либосҳо хушк мешаванд, бе гармӣ, онро бо ин конденсатори газ дубора истифода бурдан мумкин аст (4, 499).

Доктор Кеннет Селлон, профессори кимиёи Донишгоҳи Маликаи Белфаст, Ирландия, мегӯяд, ки кимиё сабз аз сабаби паҳн шудани ифлосшавӣ ва заҳрҳо бо оқибатҳои ҷаҳонӣ, ба мисли хуруҷи гази соли 2005 дар Чин, ки дар натиҷаи ғарқ шудани киштиҳои бензинӣ ба вуҷуд омадааст, як масъалаи байналмилалӣ аст. Он миллионҳо одамонро бо оби ошомиданӣ, ки ба қисмати шарқии Русия ва дарёи Сонгхуа мерехтанд, олуда кард.

Ба гуфтаи олимони британиёӣ, ифлосшавӣ яке аз сабабҳои истифодаи кишварҳои кимиёвӣ аз кимиёи сабз аст ва сабаби дигар ин натавонистани чунин кишварҳо барои пардохти нархи гарони маводи кимиёвӣ мебошад. Истифодаи кимиё сабз одатан бо кам кардани хароҷот алоқаманд аст, ки аз он коҳиш додан ё аз байн бурдани хароҷоти умумии нобуд кардани ишрҳои ишқор як қисми он мебошад, инчунин таъсири манфӣ ва оқибатҳои онро ба муҳити атроф то ҳадди имкон кам мекунад Ин ду омил барои ширкатҳо раҳобатпазирии бештар ба вуҷуд меоранд. Намоиш Кимиё сабз сайёраро тозатар, бехатар ва самараноктар мекунад. Кимиёи сабз виҷдони илми кимиё ва роҳи оянда аст. Шабакаи ҷаҳонии экологҳо ва алхимикҳои сабз ба вуҷуд омад, ки принсипҳои кимиёи сабзро дар асоси 12 принсип муқаррар мекунанд (6).

Усули 12 гонаии кимиёи сабз. Дар мавзӯъҳои қаблӣ, ки бо кимиёи сабз шинос буданд, мо гуфта будем, ки кимиё сабз тарҳрезии маҳсулот ва равандҳои кимиёвист, ки истифода ва истеҳсоли моддаҳои ба саломатии инсон ва муҳити атроф зарароварро коҳиш медиҳад ё аз байн мебарад. Мо инчунин қайд кардем: кишварҳои мутамаддин ва олимони он, ки мухлисони кимиёи сабз ва созандагони ин илманд. Барои кимиёи сабз дувоздаҳ принсип муайян карда шудааст, акнун мо ин принсипҳоро баён хоҳем кард:

1. Пешгирии истеҳсоли маҳсулоти партов. Аз сохтан ва истеҳсол кардани партовҳои заҳролуд ва зумуррад дурӣ кардан беҳтар аст аз он ки дар бораи безарар кардани сафолаки заҳрнок ё тоза кардани муҳити зист пас аз истеҳсолот фикр кунед.

2. Иқтисоди доимӣ, баланд бардоштани смаранокии истеҳсолот. Иқтисоди доимӣ маънои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории кимиёвиро дорад. Яъне ҳамкориҳои кимиёвиро тавре тарҳрезӣ кунед, ки бештар маҳсулоти ниҳоӣ ба даст оранд. Беҳтар аст, ки самаранокии ҳамкорӣ бо кам кардани истеҳсоли маҳсулоти нодаркор ва истеҳсоли изофа зиёд карда шавад.

3. Тарҳрезии равандҳои кимиёвии бехатар ё пешгирӣ аз истеҳсоли моддаҳои хатарнок. То ҳадди имкон, кимиё шиносон бояд роҳи истифода ё тавлиди маводеро таҳия кунанд, ки ба инсон ё муҳити атроф таъсири камтар судманд дошта бошад. Барои ҳамкории кимиёвӣ аксар вақт ашёи хоми гуногун мавҷуданд, ки аз онҳо мувофиқт ро интихоб кардан мумкин аст.

4. Тарҳрезии мавод ва маҳсулоти кимиёвии солим. Маҳсулоти кимиёвӣ бояд тавре сохта шаванд, ки сарфи назар аз коҳиш додани хатари заҳролудшавӣ, манфиатовар бошад. Маҳсулоти нав бояд солимтар тарроҳӣ шавад ва ҳамзамон самараи хуб диҳад.

5. Истифодаи ҳалкунандаҳо ва муҳити солими кимиёвӣ ё кам кардани истифодаи ҳалкунанда ва унсурҳои ёрирасон. Истифодаи унсурҳои ёрирасон (масалан ҳалкунандаҳо ва

моддаҳои ҷудошаванда) ба қадри имкон камтар ва ҳангоми истифода намудҳои камтар зараровар мебошанд.

6. Баланд бардоштани самаранокии энергия (сарфакорона истифода бурдани энергия). Дар равандҳои кимиёвӣ, усулҳои истеҳсол ва ҷудокунии пайвастаҳои кимиёвӣ бояд тарзе тарҳрезӣ карда шаванд, ки ниёз ба энергия коҳиш ёбад ва дар охир сарфаи энергия бештар ба даст оварда шавад.

7. Истифодаи ашёи хоми такроран истифодашаванда. Ҳамкории кимиёвӣ бояд барои истифодаи ашёи хоми такроран истифодашаванда (партовҳо) таҳия карда шавад.

8. Аз ҳосилаҳои кимиёвӣ худдорӣ кунед.

Ҳосилаҳои (масалан, истифодаи гурӯҳҳои маҳдуд ё тағироти кимиёвӣ ва физикии муваққатӣ) бояд кам карда шаванд, зеро чунин марҳилаҳо ҳамкориҳои иловагиро талаб мекунанд, ки метавонанд маҳсулоти нодаркорро тавлид кунанд.

9. Истифодаи катализаторҳо. Катализаторҳо интихобнокии мутақобиларо зиёд мекунанд; Онҳо ҳарорати лозимаро коҳиш медиҳанд ва суръати ба маҳсулоти ниҳоӣ табдил ёфтани моддаҳои мобайниро зиёд мекунанд.

10. Тарҳрезӣ барои таназзули маҳсулот.Маҳсулоти кимиёвӣ бояд тавре таҳия карда шаванд, ки маҳсулоти ниҳои табиатан вайроншаванда бошанд, дар муҳити атроф аз ҳад зиёд боқӣ намонанд ва ҳарчи зудтар пусанд.

11. Вақти воқеии табдилотҳои кимёвиро барои пешгирии экологӣ ҳисоб кунед. Ҳамеша пайравӣ кардани ҷараёни мутақобила хеле муҳим аст, то бидонед, ки ин табдилотҳои кимёвӣ кай ба итмом мерасад, зеро пас аз ба итмом расидани табдилотҳои кимиёвӣ, маҳсулоти иловагии номатлуб истеҳсол карда мешаванд.

12. Кам кардани эҳтимолии ҳодисаҳои номатлуб.

Яке аз роҳҳои коҳиш додани эҳтимолияти ҳодисаҳои номатлуби кимиёвӣ интихоби ҳалкунандаҳо мебошад, ки хавфи таркиш, оташгирӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуби кимиёвиро коҳиш медиҳанд. Зарари ба ин ҳодисаҳо алоқамандро тавассути тағир додани ҳолат(сахт, моеъ, газ) ё таркиби омезиши коҳиш додан мумкин аст (3, 1).

Фарқи байни илми экологӣ ва химияи сабз дар чист?

Ҳарду соҳа чӣ гуна ҷаҳонро беҳтар сохтанро меомӯзанд. Илми экологӣ захираҳоро муайян мекунад, механизмҳоро мефаҳмонад ва масъалаҳои экологиро таҳқиқ мекунад. Кимиё сабз кӯшиш мекунад, ки ин мушкилотро бо роҳи эҷоди алтернативаҳо ва истеҳсоли технологияҳои бехатар ҳал кунад. Мақсади кимиёи сабз пешгирии олудаги захираҳо ҳангоми тарҳрезии маҳсулоти кимиёвӣ ё равандҳо ва пешгирии олудаги мебошад (10).

Зарурати илова кардани кимиёи сабз дар барномаи таълимӣ

Омӯзиши ин мафҳумҳо барои муаллимон ва донишҷӯён чӣ аҳамият дорад? Муаллимону донишҷӯёни имрӯза ва дар ниҳоят фардо инчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ аз татбиқи принсипҳои кимиёи сабз ба барномаи таълимӣ манфиати зиёд хоҳад дошт. Таълими кимиёи сабз метавонад дониш ва огоҳии зарурироро барои рушди технология барои расидан ба ҳадаф таъмин намояд Таъмини ниҳоӣ дар ҷаҳони устувор. Кимиёи сабз дар донишгоҳҳои ҷаҳон омӯзонида мешавад. Аммо он расман ба аксари барномаҳои таълимии кимиё дохил карда нашудааст. Дар асл, хатмкунандагон дониши кофӣ доранд химикатҳо ба саломатии инсон ва муҳити зист чӣ гуна таъсир мерасонанд? Аксари донишгоҳҳо заҳролуд шавии кимиёвӣ ё хатари экологиро ба барномаи таълимӣ дохил намекунанд. Нақши назаррас мебозанд. Дар озмоишҳои кимиёи сабз истифода ва тавлиди кимиёӣ нисбат ба таҷрибаҳои анъанавӣ камтар ба назар мерасад [9]. Хусусиятҳои зерин зарурати таваҷҷӯҳи системаи таълимиро ба Кимиё сабз баён мекунанд:

-Дар барномаи таълимӣ версияи муосири кимиё сабзро пешниҳод кунед

-Таҳияи таҷрибаҳои бехатар барои донишҷӯён

-Таълими малакаҳои тафаккури интиқодӣ бо истифода аз мафҳумҳои кимиёи сабз

-Паст кардани хароҷоти тайёр ва истифодаи ҳалкунандаҳо

-Паст кардани арзиши партовҳои заҳролуд

-Ҳам ҷоякунии мафҳумҳои илмӣ бо назорати устувор ва масъулиятнок

-Фароҳам овардани имкониятҳои мувофиқ барои донишҷӯён дар таҳқиқоти пурмазмун

-Ҳамқадамӣ бо нақши Кимиёи сабз дар ҳалли мушкилоти устувори ҷаҳон ва адолати экологӣ

-Кам кардани эҳтиёҷот ба таҷҳизоти махсус, аз қабили капот ва вентилятсияи газ ва ғайра. (8)

Ҳамин тариқ, таълими кимиёи сабз як имкони хубест барои омӯзгорон ва донишҷӯёни, ки тавассути омӯзиш ва татбиқи ин илми тиллоии тиллоӣ метавонанд таъсири осебпазирӣ, кам кардани

хароҷот, равандҳои номатлуби саноатиро ба муҳити зист ва ҳамкории мухталифи кимиё дар қисматҳои гуногуни корхонаҳои истеҳсолӣ коҳиш диҳанд. Ва лаборатория ҳоро аз байн баред ё ба ҳадди ақал расонед. Ки ин масъала тақозои имрӯз ва зарурати фардост ва ҳаст. Биёед инчунин фаҳмем, ки кимиё шиносн метавонад заминро идора кунад.

Адабиёт:

1. Ардабили Шоҳ Маҳмуди Масумеҳ ва Файг Кӯҳи Амроллоҳ, (26 ва 29 сентябри 2013) Нақши химияи сабз дар рушди устувор ва равиши китоби дарсӣ, факултаи кимиёи Донишгоҳи Семнан, ҳаштумин семинари омӯзишӣ дар Эрон.
2. Будалало Ҳабиби Лейла, Саббаған Марям ва Имом Ҷумъа Сайид Муҳаммад Ризо (зимистони 2013) Муаррифии қарорҳои мувофиқ барои ворид шудан ба таълими кимиёи сабз дар барномаи кимиёи мактаби миёна, № 48, соли 12, Маҷаллаи семоҳаи навовариҳои таълимӣ, саҳ. 72.
3. Золфағари Маҳдие, Золфағари Монира (6 ва 7 сентябр) 2013) Химияи сабз, дурнамои амалӣ Факултаи кимиёи Донишгоҳи Семнан, 8-умин семинари омӯзиши кимиёи Эрон.
4. Сомдал Стивен, Сомдал Сюзан ва Доналд Ди Колт профессорони Донишгоҳи Иллинойс мебошанд. (Зимистони 2008). Химияи асосӣ 1, Тарҷумон. Маҳмуди Даянӣ, ноширии Институти илмӣ ва фарҳангии Нас Саҳ. 499.
5. Фарҳади Негар, Химияи сабз, нақши он дар муҳити зист, Мактаби миёнаи Бу Алӣ Сино, ноҳияи 6 Расм, саҳ: 3.
6. Маҳмуди Малих ва Кор Роғайё (2/9/1392) Химияи сабз, B.Sc. дар соҳаи солимии муҳити зист.American Chemical Society.
7. Candace Sykes, Incorporating Green Chemistry into your High School Curriculum, Chem Ed, 2011.
8. Carl Lecher, Ph.D., The 12 Principles Of Green Chemistry Institute For Green and Sustainable, Science, Tune 29th – July 31st, 2009.
9. Paul T. Anastas, John C.W.

Калидвожаҳо: *химияи сабз, фоидаҳои кимиёи сабз, принсипҳои кимиёи сабз, муҳити зист, таҳқиқот, равандҳои кимиёи сабз, истеҳсол кимиёи сабз, созмони кимиёи сабз.*

Аннотация

ЗЕЛЕНАЯ ХИМИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ЖИЗНИ ЧЕЛОВЕКА

Б эта статья относится к работе зеленой химии и ее роли в жизни человека, в которой общая точка зрения рассматривается с научной и тематической точек зрения. Это виды зеленой химии и ее роль в жизни человека в целом. Были показаны некоторые способы доступа к этой зеленой химии и ее роли в жизни человека. Показаны некоторые из желаемых моделей.

Ключевые слова: *зеленая химия, преимущества зеленой химии, принципы зеленой химии, окружающая среда, исследования, зеленые химические процессы, зеленое химическое производство, зеленая химическая организация.*

Annotation

GREEN CHEMISTRY AND ITS ROLE IN HUMAN LIFE

This article refers to the work of green chemistry and its role in human life, in which a common point of view is considered from a scientific and thematic point of view. These are the types of green chemistry and its role in human life in general. Several ways have been shown to access this green chemistry and its role in human life. Some of the desired models are shown.

Keywords: *green chemistry, benefits of green chemistry, principles of green chemistry, environment, research, green chemical processes, green chemical production, green chemical organization.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аҳмадӣ Ғолам Сахӣ, магистранти соли якуми ихтисоси IM-31.05.01.02-химия, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 **777095903**

Роҳбари илмӣ: Бандаев С.

Сведение об автора: Ахмад Голам Сахи, магистрант второго кураса специальности IM-31.05.01.02-химия ТГПУ имени Садриддина Айни. Тел.: +992 **777095903**

Aabout the author: Ahmad Gulom Sakhi, magistr of the second course of the specialty IM-31.05.01.02-chemistry TSPU named after Sadriddin Aibi. Tel.: +992 **777095903**

Ходжаев Рустам,
магистранти соли якуми факултети математика

СИСТЕМАИ ОПЕРАТСИОНИИ WINDOWS ИМКОНИЯТҲОИ WINDOWS

Системаи операционии Windows системаи графикӣ буда, барои компютерҳои IBM PC системаи стандартӣ ба ҳисоб меравад. Калимаи Windows (Виндовс) дар забони тоҷикӣ тарҷумаи тирезаҳо, равзанаҳоро дорад. Барои чӣ ин системаро Windows номидаанд? Гап дар он аст, ки дар ин система ҳар як программа дар экран дар дохили равзанаи худ тасвир карда мешавад. Бо ёрии элементҳои равзанаҳо бошад, программаҳо идора ва иҷро карда мешаванд.

Windows то имрӯз аз вариантҳои аввалаи худ хеле мукаммалтар гардонида шудааст. Вариантҳои Windows 3.1 ва Windows 3.11-ро қабатҳои операционии графикӣ ном мебаранд. Чаро ин программаҳоро на системаҳои операционӣ, балки кабатҳои программавӣ мегӯянд? Барои он ки пеш аз омодаи кор гаштани онҳо, бояд системаи операционии MS DOS ба кор шурӯъ намояд ва баъд онҳоро ин система ба хотира ҷеғ занад.

Вариантҳои баъдинаи Windows 95, Windows 98, Windows NT, Windows 2000, Windows XP, Windows me бошад, системаи операционии графикии мустақил ба ҳисоб мераванд, чунки ҳангоми компютерро ба қувваи барқ пайваст намудан, онҳо ба кор оғоз менамоянд. Ҳар як варианти баъдинаи Windows аз вариантҳои пештарааш имкониятҳои зиёдтар дорад. Рақамҳои ин системаҳо соли пайдошавии онҳоро нишон медиҳад. Масалан, Windows 98 соли 1998 ихтироъ карда шуда, ба ғайр аз функсияҳои системаи операционии MS DOS ва вариантҳои пештари Windows-ро дар бар гирифтанаш, боз имкониятҳои алоқаи шабакавии компютериро таъмин менамояд.

Кор дар ҳар гуна варианти Windows аз системаи операционии MS DOS дидаосонтар ва қулайтар аст. Чаро? Аввалан, барои ба воситаи DOS идора намудани компютер бо ёрии клавиатура командаҳои зиёди англисиро ба хотираи он дохил намудан зарур аст. Худи командаҳо, вазифаҳои онҳо, параметрҳояшон ва ғайраро дар хотир доштан лозим аст, вагарна барои иҷро намудани ягон амалиёт ҳуҷҷатҳои техникии зиёдро доимо мутолиа намудан ва дар назди худ нигоҳ доштан лозим меояд. Баъдан, ҳар як DOS – программа дар экран намуди зоҳирии ба худ хос ва маҷмӯи командаҳои хоси худро дорад, ки онҳо аз камандаҳои программаҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Масалан, амалиёти якхелаи нусхабардорӣ ё несткунии фрагменти матни ҳуҷҷат ва ё гирифтани маълумот оиди ин ё он ҷабҳаи программа, ки қариб барои ҳамаи программаҳо хос мебошанд, дар ҳар як программа бо воситаи командаҳои гуногун иҷро карда мешавад. Барои ҳамин ҳам лозим меояд, ки омӯзиши ҳар як DOS –программа аз сифр сар карда шавад.

Чунин норасоӣ ва камбудиҳо дар системаи операционии графикии Windows ҳалли худро ёфтаанд. Windows барои ҳамаи программаҳои худ муҳити ягонаи кориро (интерфейс) таъмин менамояд. Яъне амалиёти якхела дар ҳамаи программаҳо бо ёрии командаҳои якхела иҷро карда мешаванд. Ҳатто командаҳои Windows ҳам аз командаҳои DOS ба куллӣ фарқ доранд. Дар Windows ҳар як команда аз руйхати махсуси меню номидашаванда, бо ёрии муш интихоб ва иҷро карда мешавад ва ҳамин тариқ, зарурати командаро аз ёд донистан аз байн меравад.

Аз тарафи дигар, ҳар як Windows –программа дар экран дар шакли нишонае инъикос карда мешавад ва барои онро ба кор даровардан танҳо бар ҳамон нишона таъсир расонидан кифоя аст. Аз баски нишонаҳо доимо дар экран намудоранд, бинобар ҳамин номи программаҳоро аз ёд донистан шарт нест.

Бартарии дигари системаиоператсионии Windows аз DOS дар он аст, ки дар инҷо якбора якчанд программаро ба кор дароварда, бо онҳо кор кардан мумкин аст. Илова бар ин информатсияи як программаро дар программаҳои дигар истифода бурдан мумкин аст.

Файлҳо ва папкаҳо. Бо мафҳумҳои файлҳо ва каталогҳо мо аз системаи операционии MS DOS шинос ҳастем. Ҳамчунин ба мо маълум аст, ки файлҳо ва каталогҳо дар дискҳо ҷойгир карда мешаванд. Мафҳумҳои файл ва каталогро дар системаи Windows бештар ҳуҷҷат ва папка ном мебаранд. Аниқтараш, бо ҳуҷҷатҳо файлҳои матнӣ, графикӣ, мусиқӣ, садоӣ, тасвири видеоӣ ва ба инҳо монанд дохил мешаванд. Ин гуна файлҳо бо ёрии программаҳое сохта мешаванд, ки онҳоро программа-таҳриргарҳо меноманд. Масалан, ҳуҷҷатҳои матнӣ бо ёрии таҳриргарҳои

матнӣ (ба мисли Лексикон, Microsoft Word) сохта мешаванд. Ҳуҷҷатҳои графикӣ бошанд, бо ёрии таҳриргарони графикӣ (масалан, Paint) сохта мешаванд.

Файлҳое, ки матни программаҳоро дар бар гирифтаанд, файлҳои программавӣ ё худ программа номида мешаванд. Ин гуна файлҳо одатан бо ёрии ягон забони алгоритмӣ сохта мешаванд. Ба ғайр аз ин, боз файлҳое мавҷуданд, ки онҳо ахбороти махсусро дар бар мегиранд. Масалан, файлҳои ҳуруфӣ номидашаванда, ягон намуд ҳуруфро дар бар мегиранд.

Тарзи нигоҳдории файлҳоро дар дискҳои компютер системаи файлӣ мегӯянд. Файҳо одатан дар дохили ягон папка нигоҳ дошта мешавад. Папка дар навбати худ метавонад объекти ягон папкаи дигар бошад ё дигар папкаро дар бар гирифта бошад. Тарзи ҷойгиршавии папкаҳоро дар дохили ҳамдигар иерархияи папкаҳо мегӯянд. Сохтори иерархии нигоҳдороии файлу папкаҳоро дар дискҳо бошанд, сохтори файлӣ ном мебаранд. Ба мисли MS DOS дар Windows низ воситаҳои пуриқтидори идоракунии сохторифайлӣ мавҷуд аст. Амалиёти асосие, ки бо сохтори файлӣ мегузаронанд, инҳоянд:

1) Азназаргузаронии (навигатсия) сохтори файлӣ;
2) Бакордарории программаҳо ва кушодани ҳуҷҷатҳо;
3) Сохтани папкаҳо;
4) Нусхабардории файлу папкаҳо;
5) Ҷойивазкунии файлу папкаҳо;
6) Несткунии файлу папкаҳо;
7) Номивазкунии файлу папкаҳо.

Нишонаҳо ва ярликҳо. Нишона гуфта, тасвири графикии объекти Windows-ро меноманд. Объектҳои асосии Windows-ро программаҳо, файлҳо ва папкаҳо ташкил медиҳад. Ҳар он амалиёте, ки гӯё бо нишонаи объекти гузаронида мешавад, дар асл бо худи объект иҷро карда мешавад. Масалан, нусхабардорӣ намудани нишона, дар асл нусхабардории объект аст. Нишонаро нест намудан-ин объектро нобуд сохтан аст.

Ярлик низ як навъ нишона аст, яъне он низ гӯё тасвири графикии ягон объекти Windows аст. Вале фарқи ярлик аз нишона дар он аст, ки агар нишона худи объектро тасвир кунад, он гоҳ ярлик танҳо сояи объект ё худ суроғаи онро тасвир мекунад. Ярликҳоро асосан барои зуд кушодани папкаю ҳуҷҷатҳо ва бакор даровардани программаҳо истифода мебаранд. Барои ҳар як объект, бо номҳои гуногун, якчанд ярлик сохтан мумкин аст. Онҳоро дар як равзана ё равзанаҳои гуногун ҷойгир кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ярликро нишондиҳандаи суроғаи объект низ номидан мумкин аст. Агар мо ярликро нест кунем, он гоҳ дар асл на худи объект, балки нишондиҳандаи суроғаи он нест карда мешавад.

Хулоса, мо дар ин ҷо системаи оператсионии Windows имкониятҳои Windows-ро дида баромадем. Инро бояд қайд кунем, ки имтониятҳои Windows аз дигар системаҳои оператсиони ба монанди MS DOS ба кулли фарқ мекунад. Кор дар ҳар гуна варианти Windows аз системаи оператсионии MS DOS дидаосонтар ва қулайтар аст. Имконияти дигари системаи оператсионии Windows аз DOS дар он аст, ки дар ин ҷо якбора якчанд программаро ба кор дароварда, бо онҳо кор кардан мумкин аст. Ҳар як варианти баъдинаи Windows аз вариантҳои пештарааш имкониятҳои зиёдтар дорад. Истифодабарандагонӣ системаи оператсиоии Windows ҳам низ хеле зиёданд.

Адабиёт:

1. Комилов Ф., Шарипов С., Дилшод С. Информатикаи татбиқӣ. – Душанбе, 2009.
2. Гадоев С. Информатика. – Душанбе, 2002.
3. Федорчук А. В. Мастерство работы в Unix. – Москва, 2006.
4. Кузнецова С. Д. Операционная система UNIX. Учебное пособие. – Москва, 2003.
5. Поляков А. Д. UNIX 5-th Edition на x86, или не забывайте историю. – Москва, 2003.
6. Карпов Д. Ю. UNIX. – Москва, 2005.
7. http:/www.wikipedia.org

Калидвожаҳо: *компютер, файл, системаи оператсиони Windows, MS DOS веб браузерҳо, драйверҳо, ярлик, папка, экран, программа.*

Аннотация

ОПЕРАЦИОННАЯ СИСТЕМА WINDOWS ВОЗМОЖНОСТИ WINDOWS

В этой статье содержится информация об операционной системе Windows и ее возможностях.

Ключевые слова: *компьютер, файл, операционная система UNIX, веб браузеры, драйверы, ярлык папка, экран, программа.*

Annotation

WINDOWS OPERATING SYSTEM WINDOWS FEATURES

This article provides information about the Windows operating system and its features.

Keywords: *computer, File, UNIX operating system, web browsers, drivers, shortcut, folder, screen, program.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ходжаев Рустам, магистранти кафедраи ТИК-и факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон:.+992 933792125

Роҳбари илмӣ: Неъматов Ғ.

Сведения об авторе: Бегимов Акбар Давронович, магистрант кафедры ИКТ, ТГПУ имени С.Айни. Телефон: +992 933792125

Научный руководитель: Неъматов Г.

About the author: Rustam Khodjaev, master the departure IKT, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992 933792125

Одинаев Хушбахт,
магистранти соли дуюми факултети математика

ҶУЗЪИ ИДОРАКУНИИ ТАЪРИХИ РӮЗ ВА ТАҚВИМ

Забони барномасозии PascalABC.Net дорои ҷузъҳои идоракуние мебошад, ки барои корбарӣ бо бузургиҳои типашон санаи рӯз буда истифода бурда мешаванд. Ин ҷузъҳо ба истифодабарандагон имкон медиҳанд, ки дар ҷараёни кори барнома як санаи муайян ё якчанд санаҳои пасиҳам истодаро интихоб кунанд. Яке аз он ҷузъҳо ҷузъи идоракунии тақвим мебошад, ки барои инъикоси тақвим дар шакли муко-ламагӣ истифода бурда мешавад. Бо истифода аз тақвими инъикосшуда санаи рӯз ё даври санаҳоро интихоб менамоянд.

Ҷузъи идоракунии тақвим номи MonthCalendar –ро дошта, дар лавҳаи ҷузъҳои идоракунии стандартӣ (Расми 7) ҷойгир аст. Бо тугмаи чапи мушак аз ин лавҳа MonthCalendar –ро интихоб менамоем. Баъдан ақрабаки мушакро ба мавқеи лозимаи рӯйи шакли муколамагӣ оварда, тугмаи чапашро як маротиба пахш мекунем. Мебинем, ки ҷузъи мазкур ба шакли муколамагӣ бо номи системавии MonthCalendar1 илова карда шуд. Он намуди тақвими одиро дорад (Расми 25). Мустақиман як моҳи тақвим илова шуда, дар сатри аз ҳама болоии он номи моҳ ва соли ҷорӣ инъикос мегардад. Дар тарафи чап ва рости ин сатр тугмаҳои амрӣ бо ақрабакҳои ва ҷойгиранд, ки бо пахши онҳо моҳи солро интихоб намудан мумкин аст. Аз ин сатр поён худи тақвими моҳ бо интихоби рӯзи санаи ҷории дар системаи компютер буда инъикос мегардад. Инъикоси номҳои моҳ ва рӯзҳои ҳафта бо забони тоҷикӣ аз забони мустақиман дар системаи компютер гузошташуда вобаста аст. Дар сатри аз ҳама поён санаи ҷории дар системаи компютер буда, инъикос мегардад. Забони ин сатр бошад, ба систе-маи забони барномасозӣ вобаста аст.



Адабиёт:

1. Комилиён Ф., Муллоҷонов М., Тухлиев Қ. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2018.
2. КомилиёнФ. С. Технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2019.
3. Комилов Ф. С. Саромадони илми информатика. – Душанбе, 2014.
4. Комилов Ф. С., Шарапов Д. С. Технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2013.
5. Назаров А. П. Дизайни барномасози дар забони барномасозии PascalABC.NET. – Душанбе, 2019.
6. Назаров А. П. Методикаи таълими информатика. – Душанбе, 2016.
7. Назаров А. П., Неъматов Ғ.Н., Умарзода Ш.У. Корҳои лабораторӣ аз асосҳои барномасозӣ. – Душанбе, 2018.
8. Осипов А. В. PascalABC.NET: введение в современное программирова-ние. – Ростов-на-Дону, 2019.
9. http://pascalabc.net
10. www.oftobak.com
11. www.student.tj
12. www.durahshon.tj

Калиди вожаҳо: *мошинаҳои электрони хисобарор, забони таракиёти илму техника, PascalABC.NET, забонхои барномасози, иттилоот, компютер.*

Аннотация

КОМПОНЕНТ УПРАВЛЕНИЯ ДАТА И КАЛЕНДАРНАЯ ДАТА

Компонент управления календарем называется MonthCalendar и находится на стандартной панели управления. Щелкните левой кнопкой мыши, чтобы выбрать MonthCalendar на этой панели. Затем переместите указатель мыши в нужное место в диалоговом окне и нажмите левую кнопку мыши один раз. Мы видим, что этот пункт был добавлен в диалоговую форму с системным именем MonthCalendar1. Он имеет вид простого календаря. Месяц добавляется прямо в календарь, а название месяца и года отображается в верхней строке. Слева и справа от этой строки расположены командные кнопки со стрелками и ки, нажатием которых можно выбрать месяц года. Ниже этой строки отображается сам лунный календарь при выборе текущей даты в компьютерной системе. Отображение названий месяцев и дней недели на таджикском языке зависит от языка, непосредственно введенного в компьютерную систему. Нижняя строка показывает текущую дату в компьютерной системе. Язык этой строки зависит от системы языка программирования.

Ключевое слов: *научно – технический прогресс, языки программирования, PascalABC.NET информация, компьютер*

Annotation

CONTROL COMPONENT DATE AND CALENDAR DATE

The calendar control component is called MonthCalendar and is located on the standard control panel. Left click to select MonthCalendar in this panel. Then move the mouse pointer to the desired location in the dialog box and click the left mouse button once. We see that this item has been added to the dialog form with the system name MonthCalendar1. It looks like a simple calendar. The month is added directly to the calendar, and the name of the month and year is displayed on the top line. To the left and right of this line are command buttons with arrows and ki, by pressing which you can select the month of the year. Below this line, the lunar calendar itself is displayed when the current date is selected in the computer system. The display of names of months and days of the week in the Tajik language depends on the language directly entered into the computer system. The bottom line shows the current date in the computer system. The language of this string depends on the programming language system.

Keywords: *computer technology, languages Visual Basic, scientific and tekhnicalprodress, programming Langyages, PascalABC.NET information, computer*

Маълумот дар бораи муаллиф: Одинаев Хушбахт Боймахмадович, магистранти соли дуюми ихтисоси информатикаи факултети математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Латипов С.

Сведения об авторе: Одинаев Хушбахт Боймахмадович, магистрант второго курса специальности информатики математеческого факультета ТГПУ им. С.Айни.

Научный руководитель: Латипов С.

About the author: Odinaev Khushbakht Boimahmadovich, the 2^{st} years of Master Student in the Deparment of informatics Informatics, Faculty of Mathematics, DDOT named after S. Ayni

Рустамова Мавҷигул Раҷабалиевна,
магистранти соли дуюми факултети математика

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар ин мақолаи мазкур оиди истифодаи технологияҳои мултимедӣ ва баррасии онҳо сухан меравад. Мултимедия технологияи муосири иттилоотии компютерӣ мебошад, ки имкон медиҳад матн, садо, видео, графика ва аниматсия дар системаи компютерӣ якҷоя коркард карда шавад. Истилоҳи «мултимедия»-ро метавон ба забони русӣ ҳамчун «муҳитҳои зиёд» тарҷума кард (баъзан ҳамчун интиқолдиҳандаҳои зиёд тарҷума карда мешавад). Одатан, истилоҳи мултимедия ба мутақобила ишора мекунад эффектҳои визуалӣ ва аудиоӣ, ки тавассути нармафзори интерактивӣ идора карда мешаванд.

Дар мақолаи навиштаи худ ман ҳадаф гузоштам, ки мавзӯи технологияи мултимедӣ дар курси мактабӣ кушода шавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

- таҳлили адабиёт оид ба ин мавзӯъ;
- баррасӣ намудани асосҳои назариявии технологияҳои мултимедӣ;
- инъикоси хусусиятҳои истифодаи технологияҳои мултимедӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Таҷҳизоти мултимедиявӣ ва нармафзоре, ки дар муассиса истифода мешаванд, мафҳуми "мултимедия" он қадар васеъ ва норавшан аст, ки он метавонад доираи васеи нармафзор ва сахтафзорро дар бар гирад, аз корти садоии 8-битӣ ва як диски як суръати CD то нармафзори касбӣ ва компютерҳое, ки дар мактаб истифода мешаванд эффектҳои махсуси видеоӣ ва ҳатто филмҳои пурраи компютериро эҷод кунед. Сарфи назар аз он ки фанни информатика ва ҳисоббарор таълим дода мешавад. Дар муассисаҳо зиёда аз дах сол аст, ки баҳсу мунозира дар бораи фоиданок будани истифодаи компютер дар равандӣ таълим хомӯш намешавад. Ба вуҷӯд омадани компютерҳои пуриқтидори муосири мултимедӣ ва бо онҳо қобилиятҳои беназири технологияҳои компютерӣ дар назди омӯзгори фан дар такмили раванди таълим дурнамои комилан нав мекушояд ва аксар вақт ба ҷонибдорони фаъоли истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим табдил медиҳад. Имрӯзҳо дар ҳама гуна идора ва муассисаҳо насб карда шудааст - ин тахтаи электронӣ барои муаллим, устохона барои гурӯҳҳои донишҷӯён, мизи корӣ, студияи мусиқӣ, маркази телекоммуникатсионӣ барои алоқа бо ҷаҳони беруна мебошад. Объекти тадқиқот раванди таълим дар муассисаҳои миёна мебошад. Мавзӯи тадқиқот технологияҳои мултимедиявӣ мебошад, ки самаранокии раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баланд мебардорад. Маҳсулоти мултимедиявиро вобаста ба он ба якчанд гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст. Дар бораи кадом гурӯҳҳои истеъмолкунандагон равона карда шудаанд. Яке барои онҳое, ки дар хона компютер доранд, пешбинӣ шудааст, инҳо барномаҳои таълимӣ, рушдӣ ҳама гуна энсиклопедияҳо ва маълумотномаҳо, барномаҳои графикӣ, муҳаррирҳои оддии мусиқӣ ва ғайра мебошанд

Ҳар забоне, ки одамон барои муошират истифода мебаранд, калимаҳои зиёде доранд, ки маъноҳои гуногун доранд. Маънои ин гуна калимаҳо аз мазмуни истифодаашон дар нутқ муайян карда мешавад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки мисли бисёре аз вожаҳои дигари забон калимаи "мултимедия" ҳам якбора чанд маънои гуногун дорад. Мултимедиа ин:

- технологияест, ки тартиби инкишоф, фаъолиятро тавсиф мекунад
ва истифодаи воситаҳои коркарди иттилооти навъҳои гуногун;
- захираи иттилоотие, ки дар асоси технологияҳои коркард ва пешниҳоди иттилооти навъҳои гуногун сохта шудааст;
- нармафзори компютерӣ, ки фаъолияти он бо коркард ва пешниҳоди иттилооти навъҳои гуногун алоқаманд аст;
- таҷҳизоти компютерӣ, ки бо ёрии онҳо кор кардан бо информатсияи навъҳои гуногун имконпазир мегардад;
- намуди махсуси умумикунонии иттилоот, ки ҳам визуалии анъанавии статикиро муттаҳид мекунад (матн, график) ва информатсияи динамикии намудҳои гуногун (сухан, мусиқи, порчаҳои видео, аниматсия ва ғайра).

Пайдоиши системаҳои мултимедиявӣ бисёр соҳаҳои фаъолияти инсонро дигаргун сохт. Яке аз самтҳои васеътарини татбиқи технологияи мултимедиявӣ дар соҳаи маориф ба даст

омадааст, зеро воситаҳои иттилоотӣ, ки ба мултимедия асос ёфтаанд, метавонанд дар баъзе мавридҳо самаранокиро ба таври назаррас афзоиш диҳанд. Ташаккули воситаҳои мултимедиявӣ ва технологияҳои онҳо имкон медиҳад, ки таълими муассиса пурзӯр карда шавад ва ҳавасмандии мактаббачагон ба таҳсил тавассути истифодаи усулҳои муосири коркарди аудиовизуалӣ афзоиш ёбад. Вобаста ба ин, аксари омӯзгорон метавонанд мултимедияро ҳамчун асоси фаъолияти худ дар иттилоотикунонии таълим истифода баранд. Иттилоотсозии маориф як соҳаи фаъолияти илмӣ ва амалии инсон мебошад, ки ба истифодаи технологияҳо ва воситаҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоот, таъмини низомсозии донишҳои мавҷуда ва ташаккули донишҳои нав дар соҳаи маориф нигаронида шудааст.

Адабиёт:

1. Веккер Л. М. Психика и реальность: Единая теория психических процессов. – М.: Смысл; Per Se, 2000. – 685 с.
2. Волкова В. В. Дизайн рекламы. – М.: Университет, 1999.
3. Григорьев С. Г., Гриншкун В. В. О разработке учебника "Информатизация образования". // Вестник МГПУ. Серия информатика и информатизация образования. – М.: МГПУ 2005, №1 (4). – С.24-28.
4. Дергачева Л. М. Активизация учебной деятельности школьников при изучении информатики на основе использования дидактических игр. // Автореф. дис. канд. пед. наук. – М., 2006.
5. Джаджа В. П. Метод тематического погружения при использовании мультимедийных технологий в обучении математике (на примере тригонометрии). // Диссертация канд. пед. наук. – М., 2005. – 180 с.
6. Информатика и образование. – М.: Образование и информатика, 2002. №5, 6, 8, 9. 2003, №2.
7. Кудряшова Т. Г. Системное использование мультимедийных средств обучения: проблемы и пути их разрешения. // Вестник МГПУ. Серия «Информатика и информатизация образования». – М.: МГПУ 2004. № 1(2). – С.94-101.

Калидвожаҳо: *маориф, мултимедиа, компютер, технология, илм, маориф, график, иттилоот, матн, садо, видео, эффект, аудио, интерактиви, нармафзор, CD, бит, тахтаи электронӣ, мусиқи.*

Аннотация

ВНЕДРЕНИЕ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ Т
ЕХНОЛОГИЙ В СРЕДНИХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Эта статья посвящена использованию мультимедийных технологий в среднем образовании. Мультимедийные технологии основаны на процессе грамотного обучения. Программных средств мультимедиа составляет аппаратно-программную систему мультимедиа или, как принято называть, платформу мультимедиа. Мультимедиа определяет этот набор различных приложений вместе. Использование мультимедийных приложений используется в самых разных областях.

Ключевые слова: *образование, мультимедиа, компьютер, технологии, наука, образование, графика, информация, текст, звук, видео, эффекты, аудио, интерактив, софт, CD, бит, электронная доска, музыкальная.*

Annotation

IMPLEMENTATION OF MULTIMEDIA
TECHNOLOGIES IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article focuses on the use of multimedia technology in secondary education. Multimedia technology is based on a literate learning process. software multimedia constitutes a hardware-software multimedia system or, as it is commonly called, a multimedia platform. Multimedia defines this collection of different applications together. The use of multimedia applications is used in a wide variety of fields.

Keywords: *education, multimedia, computer, technology, science, education, graphics, information, text, sound, video, effects, audio, interactive, software, CD, bit, electronic board, music.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Рустамова Мавҷигул Раҷабалиевна, магистранти соли дуюми факултети математика, ихтисоси информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷиксистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 988327871

Роҳбари илмӣ: Латипов С.

Сведение об авторе: Рустамовой Мавджигул Раджабалиевна, магистантка втарого курса факультет математики, спесиалность информатики, Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни. Тел.: +992 988327871

Научный руководитель: Латипов С.

About the author: Rustamova Mavjigul Rajabalievna, 2-nd year Master of Mathematics, Informatics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 988327871

Scientific adviser: Latipov S.

Мирзоева Мехринисо Кувваталиевна,
магистрантка второго курса факултет дизайна
Государственный института изобразительное искусство и дизайна Тоджикистон

МАТЕРИАЛОВЕДЕНИЕ -НАУКА О СТРОЕНИИ И СВОЙСТВАХ МАТЕРИАЛОВ

Одеждой человек пользуется в своей жизни повседневно. Она защищает его от холода и жары. Любая одежда должна хорошо сохранять приданную ей форму, быть достаточно прочной, износостойкой, обладать теплозащитными свойствами, быть гигроскопичной и т. д. Она также должна быть простой, удобной, изящной, модной, красивой и в то же время иметь невысокую стоимость.

Знание пороков различных видов сырья, из которого изготовляются ткани необходимо для рационального использования материалов и для получения готовых изделий высокого качества, т. е. соответствующих всем предъявляемым к ним требованиям, носких, удобных и эстетически красивых.

Правильный выбор текстильного материала для швейного изделия с учетом моды и особенностей технологического процесса швейного производства является вожнейшим условием повышения качество швейных изделий.Поэтаму художник модельер, впервые начинающий работать с текстильным материалом, должен не только идеально знать его свойства, но и использовать их как для создания одежды с определенными, заданными свойствами, обеспечивающими комфорт в носке.Кроме того, он должен зать возможности переработки выбранного материала в изделие, изменения свойств материада при изготовлении изделия и уметь использовать эти изменения для создания определенной формы или силуэта [1, 3].

Необходимо иметь в виду, что процесс создания швейного изделия начинается с рисунка или эскиза.Созданная модель будет жизненна только в том случае, если материал выбран правильно не только с точки зрения эстетики, направления модды но и его возможностей, свойств, обеспечивающих создание определенного силуэта одежды, а также возможностей современного состояния конструирования одежды и технологии ее изготовления.

Каждый из материалов соответствующей группы имеет свои особенности во внешом оформлении, свойствах, традиционном использовании.Каждая группа материалов характеризуется уже сложившимся ассортиментом, вырабатываемым соответствующими отраслями промышленности, и определенными направлениями и его развитии [1, 4].

Волокна, длина которых достигает нескольких десятков и сотен метров, называются нитями.Текстильная нить –это гибкое и прочное тело с малыми поперечными размерами, неограничнной длины, пригодное для производства текстильных изделий [3, 5].

Ткачество возникло примерно 20-30 тысяч лет до нашей эры. Появилось раньше, чем прядение. Первые ткани были примитивными, они скорее напоминали плетение из полосок кожи, прутиков, лыка. Первые виды плетеной одежды и обуви, подстилки, корзины и сети были первыми ткацкими изделиями.

Самое первое волокно. Самое первое волокно, которое человек начал применять для ткачества росло возле дома – это крапива. Значительно позже появились лен, конопля, хлопок.

Самая древняя ткань. Самой древней тканью, найденной при раскопках у турецкого поселка Чатал Хьюик в 1961 году является льняная ткань. Исследования показали, что она изготовлена около 6500 лет до нашей эры.

Этапы появления основных отраслей качества

Родиной хлопкоткацкого производства является Индия. Хлопок был известен с III-II веков до нашей эры. Льнут качество было широко известно в Римской империи во II-I веках до нашей эры. Шерстоткачество появилось сравнительно недавно – в IX веке нашей эры в Европе и Азии.

Родиной шелкоткачества является Китай. Древнейшие китайские ткани найдены в оледенелых курганах Горного Алтая и датируются YI-Y веками до нашей эры. В течение многих лет китайцы хранили секрет получения шелка. Цена шелковой ткани в то время определялась по весу и оплачивалась равным весом золота.

В Англии шелкоткачество известно с 1251 г., во Франции – с начала XIY века. В Америке первая шелкоткацкая фабрика была основана в 1810 году.

Первые ткацкие станки

Первые ткацкие станки были с вертикально расположенной основой, которая подвязывалась к горизонтальным ветвям деревьев. Внизу нити привязывались к стволам поваленных деревьев или зажимались камнями. Уток сплетался с основой руками.

В дальнейшем станки для ручного ткачества стали представлять собой вертикальные или горизонтальные рамки, на которые натягивались нити основы. Уток наматывался на палочку и пропускался между нитями основы, которые перебирались пальцами. Такая работа по перебору нитей основы вручную утомительна и малопроизводительна.

Дальнейшим этапом в развитии ткацкой техники стало появление в Y тысячелетии до н.э. ручного ткацкого станка.

И в настоящее время индианки племени навахо ткут на ручных станках, как это делали их далекие предки. Они ткут одеяла и подстилки так плотно, что многие из них не пропускают воду.

Вертикальные рамки и сейчас используются в кустарном производстве украинских ковров – килим

Примитивная вертикальная ткацкая рама

Рама для плетения у эскимосов, Ручной ткацкий станок индейского племени «Навахо»



Вертикальный ткацкий станок с греческой вазы около 550 года до н.э.

Тканью - называют текстильное изделие, выработанное на ткацком станке путем взаимного переплетения двух или нескольких перпендикулярно расположенных друг к другу систем нитей — продольных, называемых *основой,* и поперечных, называемых *утком.*

Основные свойства тканей, трикотажа, нетканых текстильных материалов зависит от свойств волокон, из которых они выработаны. Большое влияние на свойства текстильных изделий оказывают вид используемой пряжи, способ ее получения, а также способ выработки ткани или трикотажа, переплетения их нитей, плотность, особенности отделки.

Переплетением - называется порядок взаимного перекрытия основных нитей уточными. Главные переплетения являются сравнительно простыми по структуре и служат базой для образования многих других видов переплетений. Отличительной особенностью главных переплетений является то, что они всегда содержат в раппорте одинаковое число основных и уточных нитей.

Свойства тканей зависят от их волокнистого состава, вида переплетения нитей и особенностей отделки. Знание этих свойств помогает в подборе тканей для шитья определенного изделия и при выборе фасона изделия.

Хлопчатобумажные ткани обладают значительной ***прочностью,*** легкостью, мягкостью. Они красивы, удобны в носке, создают ощущение тепла, легко впитывают влагу и быстро высыхают, хорошо пропускают воздух, легко стираются.

Хлопчатобумажные ткани имеют шероховатую матовую поверхность с равномерной толщиной нитей. Эти ткани обладают большей растяжимостью по утку и меньшей по основе, малой *осыпаемостью нитей.* Ткани из чистого хлопка характеризуются высокой *сминаемостью,* но легко разглаживаются. При стирке садятся (давая *усадку* по нити основы).

Признаки определения хлопчатобумажных и льняных тканей.

Признаки	**Ткань**	
	хлопчатобумажная	**льняная**
Блеск		
Гладкость поверхности	*Матовая*	*Блестящая*
Мягкость	*Шероховатая*	*Гладкая*
Растяжимость:	*Мягкая*	*Жесткая*
по основе	*Небольшая*	*Небольшая*
по утку	*Большая*	*Небольшая*
Гладкость нитей	*Пушистые*	*Гладкие*
Вид обрыва нитей	*В виде ватки*	*В виде кисточки*
Толщина волокон	*Тонкие*	*Толстые*

Текстильная промышленность вырабатывает не только чистохлопковые и чистольняные ткани, но и ткани с добавлением капроновых, лавсановых и других волокон.

Такие ткани имеют хороший внешний вид, мало сминаемы, устойчивы к трению, дают малую усадку при стирке.

При проектирование одежды, в процессе ее производства, а также эксплуатации возникает много вопросов, связанных со свойствами материалов, из которых одежда изготовлена:

- какие свойство материала следует принимать во внимание при выборе материала для конкретного вида одежды;
- какие свойства материала существенно влияет на конструкцию и должны быть учтены про построении чертежа конструкции и изготовлении лекал изделия ;
- как поведут себя материалы про эксплуатации одежды, во время ее чистки и стирки;

Ассортимент материалов для одежды постоянно расширяется и обновляется благодаря использованию новых видов химических волокон и нитей, пряжи новых структур и изделий, отличающихся разнообразными свойствами, влияющими на процесс раскроя и изготовления швейных изделий, на параметры их химической чистки и крашения. В связи с этим особое значение придается материаловедению – наука, которая занимается изучением строения и свойств материалов, их ассортимента и методов оценки качества

Строение (структура)-взаимное расположение элементов, составляющих материал. К элементам из которых состоят материалы одежды, можно отнести волокна, пучки волокон, текстильные нити состоят из волокон, кожа –из пучков волокон, ткань, трикотаж и т.п.-из текстильных нитей.

Свойство – объективная особенность материала (изделия), которое проявляется при его создании и эксплуатации.

Материаловедение –наука, изучающая строение и свойства разнообразных материалов, используемых для изготовление одежды, изменения в строении и свойствах этих материалов в результате различных воздействий, возникающих в условиях производства и эксплуатации изделий, а также ассортимент и качество этих материалов

Материаловедение играет важную роль в решение задач по улучшению качества выпускаемых изделий, по снижению материалоёмкости продукции – главных экономических задач выдвинутых КПСС на современном этапе коммунистического строительства.

Успехи в развитии фундаментальных наук (химии, физики, математики) создания совершенных и высокоточных средств измерительной техники существенно обогощают материаловедение и создают условия для постояного развития этой науки.

Используя современные средства анализа структуры и измерения свойств, материаловеды расширяют свои познания о материалах, открывают новые их качественные стороны, выдают

обоснованные рекомендации по рациональному использованию, разрабатывают новые материалы с новыми свойствами. Объем современного материаловедения чрезвычайно велик и охватывает все области техники и производства [4, 5].

Материаловедение является одной из специальных научных дисцеплин, необходимых для подготовки инженеров швейной промышленности [4, 6].

В результате изучения дисциплины учащиеся получают представление о происхождении сырья для текстильных и нетекстильных материалов, об основах текстильных производств.Эти знания дадут возможность распознавать волокнистый состав текстильных материалов, ткацкие и трикотажные переплетения.

Целью изучения материаловедения является формирование у учащихся знаний, умений и навыков для квалифицированного решения задач по определению задач по определению состава, строения и своств материалов, применяемых для изготовления швейных изделий.

Литература:

1. Сухарев М. И. Материаловедение. – Москва: Легкая индустрия, 1973.
2. Жихарев А. П., Румянцева Г.П., Кирсанова Е. А. Материаловедение. Швейное производство.
3. Стельмашенко В. И., Розаренова Т. В. Материаловедение швейного производство.
4. Бузов Б. А., Модестова Т. А., Алыменкова Н.Д. Материаловедение швейного производства. – Москва: Легкая индустрия, 1978.
5. Беженов В. И. Материалы для швейных изделий.

Ключевые слова: *шерсть, текстиль, переплетение, шелк, хлопок, лен, синтетика, наука.*

Аннотатсия

МАТЕРИАЛШИНОСӢ - ИЛМ ДАР БОРАИ СОХТОР ВА ХОСИЯТҲОИ МАВОД

Дуруст интихоб кардани материали бофандагӣ барои либос бо ба назар гирифтани муд ва хусусиятдои процесси технологии истедсоли либос шарти мудимтарини бедтар намудани сифати либос мебошад. Аз ин рӯ, рассоми мӯд, ки бори аввал бо маводи нассоҷӣ кор карданро оғоз мекунад, бояд на танҳо хосиятҳои онро хуб донад, балки онҳоро ҳамчун либоси дорои хосиятҳои муайяни пешакӣ муайяншуда, ки барои пӯшидан бароҳатӣ фароҳам меорад, истифода барад. Илова бар ин, ӯ бояд имкониятҳои коркарди маводи интихобшуда ба маҳсулот, тағир додани хосиятҳои маводро ҳангоми истеҳсоли маҳсулот донад ва аз ин тағирот истифода бурда тавонад, шакл ё силуэти мушаххасро эҷод кунад.

Калидвожаҳо: *пашм, бофандагӣ, абрешим, пахта, синтетика, илм.*

Annotation

MATERIALS SCIENCE - THE SCIENCE OF THE STRUCTURE AND PROPERTIES OF MATERIALS

The correct choice of textile material for a garment, taking into account the fashion and features of the technological process of garment production, is the most important condition for improving the quality of garments. Therefore, an artist fashion designer who first starts working with textile material should not only perfectly know its properties, but also use them as to create clothes with certain, predetermined properties that provide comfort to wear. In addition, he must know the possibilities of processing the selected material into a product, changing the properties of the material during the manufacture of the product and be able to use these changes to create a specific shape or silhouette.

Keywords: *wool, textile, weave, silk, cotton, linen, synthetics, science.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Мехринисо Қувваталиевна, магистранти соли дуюми факултети дизайни Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон. Телефон: +992 987516661

Роҳбари илмӣ: Сотникова М. И.

Сведения об авторе: Мирзоева Мехринисо Кувваталиевна, магистрантка втарого курса факултет дизайна Государственный института изобразительное искусство и дизайна Тоджикистон. Телефон: +992 987516661

Научные руководитель: Сотникова М. И.

About the author: Mairzoeva Mehriniso Quvvatalievna, 2nd year undergraduate student, Faculty of Design, State Institute of Fine Arts and Design, Tojikiston. Phone number: +992 987516661

Science manager: Sotnikova M. I.

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

Зулфиқорова Қурбоной,
магистранти соли якуми факултети биология

ТАШХИСИ ПАҲНШАВИИ КАМХУНӢ АЗ НОРАСОИИ ОҲАН ТАВАССУТИ АНАЛИЗАТОРИ ГЕМАТОЛОГӢ

Камхунӣ аз норасоии оҳанро аввалин маротиба дар асри 16 бо номи тачвия (асосан ба он духтарони синашон 14-17 сола) ё ки бемории сабз мешинохтанд. Табиати хлорозро, ки аз норасоии оҳан ба амал омадааст, аввалин маротиба дар асри 18 ҳангоми муайян кардани оҳан дар хун муайян кардаанд. Аммо, танҳо дар асри 19 алоқамандии камхуниро аз норасоии оҳан этироф намуданд. Соли 1832 PiesseBLaud натиҷаи мусбиро ҳангоми табобати хлороз ба сулфати оҳан элон намудааст. Дар соли 1866 бошад, Pesles лазури амониро бо мақсади дар амалия муайян кардани оҳани таркиби бофтаҳо, ки дар оянда дар тибби амалӣ бо усули Гейлъмайнӣ ва Плотнера барои муайян кардани оҳани таркиби зардоби хун кор мебурданд, илова карда шуд [1, 2, 3].

Аз рӯи маълумотҳои Ташкилоти Байналхалқии Тандурустӣ (2002) қариб 4 млрд аҳолиии замин дучори дараҷаи гуногуни норасоии оҳан мебошанд, ки 60%-ро ташкил медиҳад. Аз он 2 млрд одамон ба камхунӣ аз норасоии оҳан дучор мебошанд. Камхунӣ аз норасоии оҳан аз ҳама бемории паҳншуда буда, дар байни дигар камхуниҳо зиёда аз 90%-ро ташкил медиҳад [4, 5, 6].

Паҳншавии камхунӣ аз норасоии оҳан дар бисёри ҳолатҳо аз дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти ҷаъмият вобаста мебошад. Дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққӣ кардаи дунё, камхунӣ аз норасоии оҳан нисбати давлатҳои нав рӯ ба тараққӣ ниҳода, камтар мебошад. Маъсалан дар мамлакатҳои р ба тараққӣ ниҳода ба ҳисоби миёна 60%-и занони ҳомиладор, дар мамлакатҳои тараққикарда бошад то 15% ба камхунӣ аз норасоии оҳан дучор мебошанд. Дар мамлакатҳои қашоқ дар байни занҳои синашон ба таваллудкунӣ расида нишондод 50%- дар мамлакатҳои тараққикарда бошад 11%-ро ташкил медиҳад. Дар Федератсияи Россия бошад аз рӯи натиҷаҳои Вазорати тандурустӣ ба ҳисоби миёна 45%-и ҳомиладорон аз рӯи дигар таҳқиқотҳо бошад, қариб 60% ба камхунӣ аз норасоии оҳан дучор мебошанд. Дар Иёлоти Мутаҳидаи Амрико камхунӣ аз норасоии оҳан дар байни мардон 0,8 %, занон -12,6 %, дар байнизанҳои ҳомиладор 53%-ро ташкил медиҳад. Дар байни аҳолии Ҳиндустон бошад камхунӣ аз норасоии оҳан 64%, дар байни занони ҳомиладор 80%-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи таҳқиқоти гузаронидаи олим Кадатитоги С. 1998 ба ҳисоби миёна зиёда аз 78%-и толибагони мактаби миёнаи Япония баъди 3-соли ҳайзбинӣ ба камхунӣ аз норасоии оҳан дучор мешаванд [7, 8, 9].

Мақсади асосии ин таҳқиқот тавассути анализатори гематологӣ муайян намудани камхунӣ аз норасоии оҳан мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳлил. Барои гузаронидани ин таҳқиқот мо зиёда аз 60 нафар одамонро зери санҷиши худ қарор додем. Ҳамаи он шахсони зери санҷиш қарор додашударо ба 2 гурӯҳ ҷудо намудем. Гурӯҳи 1-умро 40 нафар одамони солим ташкил медиҳанд, ки 20 нафарашон мард ва 20 нафарашон занҳо буданд. Синну соли миёнаашон 35-40-ро ташкил намуда, ҳамчун намуна хизмат мекунанд. Гурӯҳи дуюмро 40 нафар одамоне, ки дучори камхунӣ аз норасоии оҳан доранд, ташкил намуд. Дар ин гурӯҳ 25 нафар зан ва 15 нафар мардро ташкил намуд. Ташхиси камхунӣ дар асоси аломатҳои клиникии беморӣ ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ гузошта шуд. Таҳлили умумии хун тавассути анализатори гемотологии МИКРОС 20+, ки истеҳсоли ИМА мебошад.

Расми 1. Анализатори гемотолгӣ МИКРОС 20+ гузаронида шуд.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст ҳангоми камхунӣ аз норасоии оҳан тағйиротҳои миқдорӣ нисбати ҳуҷайраҳои сурхи хун сустар мушоҳида мегардад. Аз сабаби он ки оҳан қисмати таркибии гемоглобинро ташкил медиҳад, бинобар сабаби норасоии ин элемент синтези гемоглобин дар дохили эритроситҳо суст мегардад.



Расми 2. Миқдори эритроситҳо дар таркиби хуни канорӣ.
1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан.

Дар расми 2 миқдори эритроситҳо дар таркиби хуни канори одамони зери санҷиш қарор додашуда дарҷ гардидааст. Дар таркиби хуни одамони солим миқдори эритроситҳо ба ҳисоби миёна 4,6±0,4x10$^{12/л}$ ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан миқдори эритроситҳо бошад ба 3,6±0,30x10$^{12/л}$ баробар аст, ки ин нишондод нисбати одамони солим 2,17 маротиба пастар мебошад.

Зиёда аз 95 %-и вазни хушки эритроситҳоро пигменти гемоглобин ташкил намуда, танҳо 5%-и боқимонда ба дигар моддаҳо таалуқ дорад. Берун аз эритроситҳо дар плазмаи хун гемоглобин бо миқдори бениҳоят кам во мехурад. Гемоглобин пигменти нафаскашӣ буда, ба сафедаҳои мураккаби хромопротеинҳо таалуқ дорад. Дар таркиби гемоглобин қисмати ғайрисафедавии онро гем ва қисмати сафедавиашро глобин ташкил медиҳад. Гем дар молекуллаи гемоглобин 4%, сафедаи глобин бошад 96%-ро ташкил медиҳад. Ген ин порфирини мебошад, ки дорои 4 ҳалқаи пирроловӣ буда, дар марказ бо томи оҳан пайваст мебошад. Гем дар таркиби ҳамаи гемоглобин якхела буда, қисмати фаъоли ин моддаро ташкил медиҳад. Дар расми 3 консентратцияи гемоглобини одамони зери санҷиш қарор додашуда дарҷ гардидааст.



Расми 3. Консентратсияи гемоглобин дар таркиби хуни канорӣ бо г/л.
1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 3 дарҷгардида бар меояд, консентратсияи гемоглобин дар таркиби хуни одамони солим ба ҳисоби миёна 138±10 г/л-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни одамони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан консентратсияи гемоглобин ба 60±5 г/л баробар аст, ки нисбати одамони солим 2,3 маротиба пастар мебошад. Аз рӯи нишондоди гемоглобин камхунӣ аз норасоии оҳанро ба 3 дараҷа ҷудо менамоянд. Беморони дараҷаи сабук нишондоди гемоглобинашон ба 90-110 г/л баробар аст. Дараҷаи миёна бошад 90-70 г/л баробар аст. Дараҷаи вазнин бошад камтар аз 70 г/л-ро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз он гематологҳо дараҷаи камхунии боз ҳам вазминтарро аз норасоии оҳан ҷудо мекунанд, ки консентратсияи гемоглобин 20-30 г/л-ро ташкил медиҳад.

Аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи мо маълум мегардад, ки аксарияти беморони зери санҷиш қарор додашуда ба камхунии дараҷаи вазнин аз норасоии оҳан дучор буданд. Ҳангоми муоинаи беморон маълум гашт, ки пеш аз ҳама ранги онҳо парида буда, хусусан пардаи луобии даҳон, пилки чашм ва ғайра тамоман ранги пасти хиратоб доштанд. Шикояти асосии беморон беҳолӣ, бемадорӣ, чарх задани сар, садо аз гӯшҳо, торик шудани пеши чашм ба ҳисоб мерафт. Ҳангоми муоинаи пӯсти бадан маълум гашт, ки мӯйҳо борик, зудшикан ва тез-тез мерезанд, пӯсти бадан хушк, нохунҳо шакли қошуқмонандро дошта зудшикан мебошанд. Аксарияти беморон хоҳиши истеъмоли ҳар гуна маводҳои ғайриғизогиро ба монанди хок, бӯр, макарони нопухта ва ғайра доштанд. Яке аз аломатҳои тафриқавии камхунӣ аз норасоии оҳан нисбати дигар намудҳои камхунӣ муайян намудани нишондоди ранга мебошад. Нишондоди рангаи одамони солим 0,90±0,10 воҳидро ташкил медиҳад. Дар беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан нишондоди ранга ба 0,50±0,10 воҳид баробар аст, ки нисбати одамони солим 44,4% пастар мебошад. Нишондоди ранга ин дараҷаи сершавии эритроситро бо гемоглобин нишон медиҳад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бар меояд, ки бинобар норасоии оҳан дараҷаи сершавииэритроситҳо бо гемоглобин дар дараҷаи паст қарор дошта, дар баробари хурд шудани андозаи эритроситҳо қисми зиёди дохили эритросит беранг боқӣ мемонанд, ки ин нишонаи паст будани миқдори гемоглобинро дар дохили эритроситҳо нишон медиҳад.



Расми 4. Нишондоди гематокрит дар таркиби хуни канорӣ бо %.
1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан.

Дар расми 4 нишондоди гематокрит дарҷ гардидааст. Дар таркиби хуни одамони солим нишондоди гематокрит ба ҳисоби миёна 45±5%-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан нишондоди гематокрит ба ҳисоби миёна 20±3%-ро ташкил медиҳад, ки нисбати одамони солим 2,2 маротиба пастар мебошад. Одатан аксарияти табибон дараҷаи вазнинии камхуниро аз рӯи нишондоди гематокрит баҳо медиҳанд. Гематокрит ин таносуби ҳуҷайраҳои хун нисбати плазма мебошад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бар меояд, ки нишондоди гематокрит ба таври боварибахш паст гардидааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили умумии хун тавассути анализаторҳои гемотологӣ бартарии ин таҷҳизот аз он иборат аст, ки барои боз ҳам дақиқтар муайян намудани дараҷаи камхунӣ ба таври автоматӣ ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ва миқдори миёнаи гемоглобинро дар эритроситҳо чен мекунанд.



Расми 5. Ҳаҷми миёнаи эритроситҳо дар таркиби хуни канорӣ бо Фл.
1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 5 дарҷгардида бар меояд, ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ба 86±8 Фл баробар аст. Дар таркиби хуни одамони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ба 62±5 Фл мерасад, ки нисбати одамони солим 28% хурдтар мебошад. Дар тибби амалӣ ҳаҷми миёнаи эритроситҳоро бо MCV ишора мекунанд, ки тағйирёбии ин нишондод аломати бармаҳали норасоии оҳан дар таркиби хун мебошад.

Барои боз ҳам ба дараҷаи камхунӣ аз норасоии оҳан баҳои дақиқ додан мо консентратсияи гемоглобинро дар дохили эртроситҳо муайян сохтем, ки он бо MCH ишора мешавад. Дар таркиби хуни одамони солим миқдори MCX ба ҳисоби миёна 30±3,0 п/г баробар аст. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан консентратсияи миёнаи гемоглобин дар дохили эритросит 16±2 п/г баробар аст, ки нисбати одамони солим 46,6% пастар мебошад.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаҳи таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки ҳангоми гузаронидани таҳлили умумии хун тавассути анализатори гематологӣ имконият медиҳад, ки таҳлил дар як муддати кӯтоҳ иҷро гардида, тавассути нишондодҳои сурхи хун ба монанди миқдори эритроситҳо консентратсияи гемоглобин нишондоди ранга, нишондоди гематокрит, ҳаҷми миёнаи эритроситҳо, консентратсияи гемоглобин дар дохили як эритросит ва ғайра таҳлил бо сифати аъло гузаронида шуда, ташхиси тафриқавии камхунӣ нишон дода мешавад. Дар баробари муайян намудани нишондодҳои қисмати сурхи хун анализатори гемотологӣ тавассути гистограммаи ҳисоб намудааш аломатҳои морфологии ҳуҷайраҳои хунро нишон медиҳад. Истифодаи анализатори гемотологӣ аз як тараф сарфи вақтро кам намуда, аз тарафи дигар бошад сарфи маблағҳои зиёдатиро барои ташхиси тафриқавии камхунӣ кам менамояд.

Адабиёт:

1. Демихов В. Г., Морщакова Е. Ф., Павлов А. Д. Роль гепцидина в патогенезе анемии хронических болезней. Гематол. и трансфузиол. 2006, 5:31-4.
2. Козинец Г. И., Сарычева Т. Г., Луговская С. А. и др. Гематологичекий атлас: настольное руководство врача-лаборанта. – М.: Практическая медицина, 2008.
3. Левина А. А., Казюкова Т. В., Цветаева Н. В., Сергеева А. И., Мамукова Ю. И., Романова Е. А. и др. Гепсидин как регулятор гомеостаза железа. Педиатрия. 2008, 87 (1): 67-74.
4. Стуклов Н. И., Семенова Е. Н. Безопасная терапия железодефицитной анемии. Сравнение данных метаанализа 30 исследований (1077 пациентов) тотема с данными переносимости других препаратов. В кн.: Материалы VI научно-практической конференции «Современная гематология. Проблемы и решения». – М.: 2012, 30-1.
5. Стуклов Н. И., Козинец Г. И., Леваков С. А., Огурцов П. П. Анемии при гинекологических и онкогинекологических заболеваниях. – М.: МИА, 2013.
6. Шеффер Р. М., Гаше К., Хух Р., Краффт А. Железное письмо: рекомендации по лечению железодефицитной анемии. Гематол. и трансфузиол. 2004, 49 (4): 40-8.
7. Цветаева Н. В., Левина А. А., Казюкова Т. В., Романова Е. А., Цыбульская М. М., Сергеева А. М. и др. Гепсидин как регулятор гомеостаза железа. Педиатрия. 2008; 1: 67-74.
8. Kemna E., Pickkers P., Nemeth E. et al. Time course analisis of hepcidin, serum iron and plasma cytokine levels in humans injected with LPS. Blood. 2005; 106 (5): 1864-6.

Калидвожаҳо: *анализатори гемотологӣ, эритросит, гемоглобин, нишондоди ранга, камхунӣ, норасоии оҳан.*

Аннотация

ДИАГНОСТИКА ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ДЕФИЦИТА ЖЕЛЕЗА МЕТОДОМ ГЕМАТОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА

Таким образом, наше исследование показало, что анемия из-за дефицита витамина В12 чаще встречается у людей старше 50 лет. Характерной особенностью этого заболевания является то, что в отсутствие витамина В12 происходит нарушение синтеза нуклеиновых кислот, в результате чего замедляется репликация ДНК, а следовательно, уменьшается деление клеток и митоз, но увеличивается его продолжительность. Когда происходит нарушение синтеза ДНК в клетке, происходит внезапный распад ядра и цитоплазмы. В результате синтез гемоглобина происходит на ранней стадии, но разрушение ядра затягивается. Клетки, образующиеся при

этом, называются мегалицитами. Анализ на гематологическом анализаторе показал, что при отсутствии витамина В12 размер клеток увеличивается, а степень насыщения гемоглобином выше нормы. Следовательно, в случае анемии из-за дефицита витамина В12 диаметр, объем и цвет выше нормы. Клетки, образующиеся в этом процессе, имеют короткую продолжительность жизни и часто подвергаются гемолизу. Во время анализа на гематологическом анализаторе можно диагностировать заболевание на ранней стадии.

Ключевые слова: *гематологический анализатор, эритроциты, гемоглобин, цветовой индикатор, анемия, дефицит железа.*

Annotation

DIAGNOSIS OF PREVENTION OF IRON DEFICIENCY BY THE METHOD OF HEMATOLOGICAL ANALYSIS

Thus, our study showed that vitamin B12 deficiency anemia is more common in people over 50. A characteristic feature of this disease is that in the absence of vitamin B12, a violation of the synthesis of nucleic acids occurs, as a result of which DNA replication slows down, and, consequently, cell division and mitosis decrease, but its duration increases. When there is a violation of DNA synthesis in a cell, there is a sudden disintegration of the nucleus and cytoplasm. As a result, the synthesis of hemoglobin occurs at an early stage, but the destruction of the nucleus is delayed. The cells that form are called megalicytes. Analysis on a hematological analyzer showed that in the absence of vitamin B12, the cell size increases, and the degree of saturation with hemoglobin is higher than normal. Therefore, in the case of anemia due to vitamin B12 deficiency, the diameter, volume and color are higher than normal. The cells formed in this process have a short lifespan and are often hemolyzed. During the analysis on the hematology analyzer, the disease can be diagnosed at an early stage.

Keywords: *hematology analyzer, erythrocytes, hemoglobin, color indicator, anemia, iron deficiency.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфиқорова Қурбоной Бобоқуловна, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-02-04-01. Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Заҳматобод, № 91. Телефон: +992 988663636

Роҳбари илмӣ: Шамсуддинов Ш.

Сведение об авторе: Зулфикарова Курбоной Бобокуловна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности 1-02-04-01. Адрес: город Душанбе, улица Захматобод, 91. Телефон: +992 988663636

Научный руководитель: Шамсуддинов Ш.

About the author: Zulfikarova Kurbonoy Bobokulovna, master of the first year of the biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specialty 1-02-04-01. Address: Dushanbe city, Zakhmatobod street, 91. Phone: +992 988663636

Зулфиқорова Қурбоной,
магистранти соли якуми факултети биология

ТАШХИСИ ТАФРИҚАВИИ КАМХУНӢ АЗ НОРАСОИИ ВИТАМИНИ B12 АЗ РӮИ НИШОНДОДИ АНАЛИЗАТОРИ ГЕМОЛИТИКӢ

Дар замони ҳозира камхунӣ аз норасоии витамини B12-ро камхунии мегалоблистӣ низ меноманд. Бинобар ин ба ин гуруҳи камхуниҳои ирсӣ ва ҳосилшударо, мутаҳид мекунанд, ки аломати хосашон дар мағзи сурхи устухон мавҷуд будани мегалобластҳо мебошад. Мегалобластҳо ҳуҷайраҳои калони қатори эритроситарӣ буда, сохтори хроматини ба худ хос дошта ҳангоми инкишоф таносуби ядро ва ситоплазма вайрон мегардад. Дар асрҳои гузашта камхунии мегалобластиро бо номи Пернисиози ё камхунии бадсифат меномиданд, зеро ин беморӣ табобатнашаванда буда, ба ҳалокат мерасонд. Ин бемориро аввалин маротиба олим Аддисон ба қайд гирифтааст (1, 2, 3). Бадтар мафҳуми пернисиозиро Бирмер пешниҳод намудааст, ки баъдан номи ин ду олимро бо номи камхунии Аддисон-Бирме маълум гардид. Оид ба масъалаҳои патогенез ва табобати камхунии мегалобластӣ тамоми олимони дунё кор бурдаанд.

Майнет ва Мерфи олимони аз ш. Нью-Йорк ҳангоми ба ин гуна беморон ҳамроҳ намудани ҷигар дар ғизояшон, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд [4, 5, 6]. Баъдтар олими дигари Америкоӣ Касл дар 3 гурӯҳи одамон таҳқиқоти худро гузаронд. Гурӯҳи якумро гушти хоми говро бо шираи меъдаи одамони солим ҳамроҳ карда медод. Ба гурӯҳи дуюм бошад шираи меъдаро бе гушт, дар гурӯҳи сеюм гуштро бе шираи меъда медод. Беҳтаршавии бемориро ин олим танҳо дар гурӯҳи якум мушоҳида намуд. Касл пешниҳод намуд, ки бо гушт ба организм омиле ворид мешавад, ки табиаташ номаълум аст, онро омили беруна ном намуд. Омили дигар бошад дар шираи меъда мавҷуд аст, ки онро омили дохилӣ номид. Дар натиҷаи ба ҳам таъсиррасонии ин ду омил моддае ҳосил мешавад, ки ҷараёни хунҳосилшавиро ба ангезиш оварда, қисман дар ҷигар ва дигар узувҳо захира мегардад. Омили берунаро дар шакли тоза дар соли 1948 ҷудо намуданд, ки витамини B12 номида шуд, ки баъди он камхунии пернесиозиро-камхунӣ аз норасоии оҳан ном намуданд. Баъдтар омили дохилӣ кашф гардид, ки сафедаи ба гармӣ устувор-гастромукопротеин номида шуда, аз тарафи ҳуҷайраҳои париеталӣ тана ва қаҳри меъда ҳосил карда мешавад. Маълум гардид, ки иштироки ин омил ҷаббиши витамини B12-ро ба амал меояд. Ҳангоми набудани ин омил 99% витамини B12 тавассути рӯда талаф меёбад. Витамини B12 танҳо дар ғизои ҳайвонҳо гӯшт, ҷигар, тухм, ширва ғайра мавҷуд мебошад. Дар меъдаи ҳайвонҳои кафшакунанда ин витамин аз ҳисоби микрофлора ҳосил шуда, қисман дар ҷигар ва мушакҳо захира мегардад. Баъдан маълум гашт, ки барои аз худ кадани витамини B12 дигар сафедае зарур аст, ки онро R-протеин номидаанд [7, 8].

Витамини B12 дар меъда бо R-протеин пайвастагӣ дошта ба рӯдаи 12-ангушта гузашта, дар зери таъсири ферментҳои протолитикии ин сафеда таҷзия мешавад ва витамини B12 дар шакли озод мемонад. Ба рӯдаи 12-ангушта омили дохилӣ дар шакли мустақил мегузарад. Витамини B12 бо омили дохилӣ пайвастагии комплексӣ ҳосил карда, ба рӯдаи пуч гузашта ба ресепторҳои махсуси омили дохила пайваст мегардад. Баъди ҷаббида шудани витамини B12 бо сафедаи нақлиёти транскобалоамин пайвастагӣ ҳосил карда, ин витаминро ба мағзи сурхи устухон ва ҷигар мекашонад. Витамини B12 коферменти дигар ферментҳо буда, дар синтези пиримидин ва асосҳои пурини иштирок карда, дар ҳосилшавии ДНК ва РНК ҳамроҳ мегардад. Ба ғайр аз он ин витамин тезоби фолиевиро ба шакли фаъол табдил дода ин модда дар ҳосилшавии тимидин, ки қисмати таркибии КДН мебошад, ҳангоми норасоии витамини B12 синтези КДН вайрон мегардад ва организм ба хунҳосилкунии мегалобластӣ мегузарад. Витамини B12 инчунин барои мубодилаи тезобаҳои чарбуӣ зарур мебошад. Ҳангоми норасоии ин витамин дар организм метилмалоновая кислота, ки маҳсули мубодилаи чарбҳо мебошад хусусияти захролуд дошта, хусусан ба ҳуҷайраҳои асаб таъсир мерасонанд [9, 10].

Мақсади асосии ин таҳқиқот тавассути анализатори гематологӣ муайян намудани камхунӣ аз норасоии витамини B12 мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳлил. Барои гузаронидани ин таҳқиқот мо зиёда аз 40 нафар одамонро зери санҷиши худ қарор додем. Ҳамаи он шахсони зери санҷиш қарор додашударо ба 2 гурӯҳ ҷудо намудем. Гурӯҳи 1-умро 20 нафар одамони солим ташкил медиҳанд, ки 10 нафарашон мард ва 10 нафарашон занҳо буданд. Синну соли миёнаашон 50-60-ро ташкил

намуда, ҳамчун намуна хизмат мекунанд. Гурӯҳи дуюмро 20 нафар одамоне, ки дучори камхунӣ аз норасоии витамини В12 мебошанд, ташкил намуд. Дар ин гурӯҳ ҳам 10 нафарро зан ва 10 нафарро мард ташкил намуд. Ташхиси камхунӣ дар асоси аломатҳои клиникии беморӣ ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ гузошта шуд. Таҳлили умумии хун тавассути анализатори гемотологии МИКРОС 20+, ки истеҳсоли ИМА мебошад, гузаронида шуд.

Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст ҳангоми камхунӣ аз норасоии витамини В12 тағйироти миқдориро бештар дар консентратсияи гемоглобин мушоҳида мекунем.



Расми 1. Миқдори эритроситҳо дар таркиби хуни канорӣ. 1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини В12.

Дар расми 1 миқдори эритроситҳо дар таркиби хуни канори одамони зери санҷиш қарор додашуда дарҷ гардидааст. Дар таркиби хуни одамони солим миқдори эритроситҳо ба ҳисоби миёна 4,6±0,4x10$^{12/л}$ ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан миқдори эритроситҳо бошанд ба 2,5±0,10x10$^{12/л}$ баробар аст, ки ин нишондод нисбати одамони солим 45,6% маротиба камтар мебошад.

Ба ақидаи як қатор олимон сабаби асосии норасоии витамини В12 дар организми одам вайроншавии ҳосилкуни омили дохила масалан ҳангоми ҷарроҳии тана ва қаъри меъда, гастрити атрофики сузиши химиявӣ ба амал меояд, вайроншавии ҷаббиши витамини В12 ҳангоми бемориҳои рудаи борик (омос, илтиҳоб), сарфи барзиёди витамини В12 аз ҳисоби кирмҳои ленташакл ва микрофлораи рӯда, норасоии ирси транскобаломин, ки кашондани витамини В12 вайрон мегардад, ҳангоми бемориҳои мавҷи истифодаи витамини В12 вайрон мегардад, дар заминаи бемориҳои автоиммунӣ, ки подтонҳо зидди омили дохилӣ ҳосил мегардад. Аз сабаби он ки ҳангоми норасоии витамини В12 хунҳосилшавии мегалобластӣ дар ин беморон фаъолият мекунад дар зинаи бармаҳал ҳосилшавии гемоглобин дар ҳуҷайраҳои қаторӣ эритроситарӣ ба амал меояд.

Дар расми 2 консентратцияи гемоглобини одамони зери санҷиш қарор додашуда дарҷ гардидааст.



Расми 2. Консентратсияи гемоглобин дар таркиби хуни канорӣ бо г/л. 1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини В12.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 2 дарҷгардида бар меояд, консентратсияи гемоглобин дар таркиби хуни одамони солим ба ҳисоби миёна 138±10 г/л-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни одамони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан консентратсияи гемоглобин ба 90±3,0 г/л баробар аст, ки нисбати одамони солим 34,7% пастар мебошад.

Аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи мо маълум мегардад, ки аксарияти беморони зери санҷиш қарор додашуда ба камхунии дараҷаи вазнин аз норасоии витамини B12 дучор буданд. Ба ин гурӯҳ одамони синнашон калон дучор мегардад. Аломатҳои клиникии ин беморӣ ба 3 қисмат ҷудо мешаванд. 1 системаи ҳозима, 2 системаи асаб ва системаи хунҳосилкунӣ. Пайдарпайӣ ва шиддатнокии ҳар хелаи беморон инкишоф меёбад. Беморӣ оҳиста-оҳиста инкишоф ёфта, шикоятҳои аввалин ба системаи ҳозима таалуқ дорад, ки ба онҳо пастшавии иштиҳо тағйиребии таъом ҳиссиёти сӯзиш ва дард дар забон мушоҳида мешавад. Забон ба илтиҳоб дучор гардида, ғадудҳои он шакли суфтаи лакмонандро мегирад. Дар беморон қайкунӣ, дилбеҳазурӣ, ҳиссиёти вазнинӣ дар зери қабурғаи рост мушоҳида мегардад. Баъзан атрофияи пардаи луобии меъда ба амал омада, миқдори шираи меъда кам мегардад. Беморон фарбеҳ буда, пуст рангаш парида каме зардчатоб мебошад. Дар зинаи дуюм бошад осеби системаи асаб ҳамроҳ мегардад. Дар пойҳо ҳиссиёт кам гардида, бемор хаёл мекунад, ки дар баданаш мурча мегардад. Сустӣ дар пой (пойҳои пахтагӣ) ва дар миён дард пайдо мешавад. Дар ҳолатҳои вазнин шахс ба бемориҳои руҳӣ дучор мегардад.

Яке аз аломатҳои тафриқавии камхунӣ аз норасоии витамини B12 нисбати дигар намудҳои камхунӣ муайян намудани нишондоди ранга мебошад. Нишондоди рангаи одамони солим 0,90±0,10 воҳидро ташкил медиҳад. Дар беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини B12 нишондоди ранга ба 1,1±0,10 воҳид баробар аст, ки нисбати одамони солим каме баландтар мебошад. Нишондоди ранга ин дараҷаи сершавии эритроситро бо гемоглобин нишон медиҳад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бар меояд, ки ҳангоми норасоии витамини B12 дараҷаи сершавии эритроситҳо бо гемоглобин дар дараҷаи баландтар қарор дошта, дар баробари бо суръат кам шудани эритроситҳо андозаи онҳо калон гардида, дараҷаи сершавиашон бо гемоглобин нисбати нормоситҳо баландтар мебошад.



Расми 3. Нишондоди гематокрит дар таркиби хуни канорӣ бо %.
1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини B12.

Дар расми 3 нишондоди гематокрит дарҷ гардидааст. Дар таркиби хуни одамони солим нишондоди гематокрит ба ҳисоби миёна 45±5%-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан нишондоди гематокрит ба ҳисоби миёна 27±2,5%-ро ташкил медиҳад, ки нисбати одамони солим 40% пастар мебошад. Одатан аксарияти табибон дараҷаи вазнинии камхуниро аз рӯи нишондоди гематокрит баҳо медиҳанд. Гематокрит ин таносуби ҳуҷайраҳои хун нисбати плазма мебошад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бар меояд, ки нишондоди гематокрит ба таври боварибахш паст гардидааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили умумии хун тавассути анализаторҳои гемотологӣ бартарии ин таҷҳизот аз он иборат аст, ки барои боз ҳам дақиқтар муайян намудани дараҷаи камхунӣ ба таври автоматӣ ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ва миқдори миёнаи гемоглобинро дар эритроситҳо чен мекунанд.



Расми 4. Ҳаҷми миёнаи эритроситҳо дар таркиби хуни канори бо Фл. 1-одамони солим. 2-беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини В12.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 4 дарҷгардида бар меояд, ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ба 86±8 Фл баробар аст. Дар таркиби хуни одамони дучори камхунӣ аз норасоии оҳан ҳаҷми миёнаи эритроситҳо ба 110±5 Фл мерасад, ки нисбати одамони солим 28% калонтар мебошад. Дар тибби амалӣ ҳаҷми миёнаи эритроситҳоро бо MCV ишора мекунанд, ки тағйирёбии ин нишондод аломати бармаҳали сершавии ҳуҷайраҳоро бо гемоглобин ҳангоми норасоии витамини В12 нишон медиҳад.

Барои боз ҳам ба дараҷаи камхунӣ аз норасоии витамини В12 баҳои дақиқ додан мо консентратсияи гемоглобинро дар дохили эртроситҳо муайян сохтем, ки онро бо MCH ишора мекунанд. Дар таркиби хуни одамони солим миқдори MCX ба ҳисоби миёна 40±3,0 п/г баробар аст. Дар таркиби хуни беморони дучори камхунӣ аз норасоии витамини В12 консентратсияи миёнаи гемоглобин дар дохили эритросит 38±2 п/г баробар аст, ки нисбати одамони солим 26,6% баландтар мебошад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқоти гузаронидашудаи мо маълум гашт, ки камхунӣ аз норасоии витмини В12 бештар дар синни аз 50-сола боло во мехӯрад. Аломати хоси ин беморӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми норасоии витамини В12 сабаби вайроншавии синтези кислотаҳои нуклеинат гардида, дар натиҷа дучандшавии КДН суст шуда, мутаносибан тақсимшавии ҳуҷайра низ паст гардида, миқдори митоз кам мегардад, вале давомнокии он зиёд мегардад. Ҳангоми дар ҳуҷайра ҷой доштани вайроншавии синтези КДН якбора болиғшавии ядро ва ситоплазма вайрон мегардад. Дар натиҷа синтези гемоглобин дар зинаҳои бармаҳал ба амал меояд, вале вайроншавии ядро тӯлонӣ кашол меёбад. Ҳуҷайраҳои дар ин раванд ҳосилшударо мегалосит меноманд. Ҳангоми таҳлил бо анализатори гемотологӣ маълум гашт, ки ҳангоми норасоии витамини В12 андозаи ҳуҷайраҳо калон шуда, дараҷаи сершавии онҳо бо гемоглобин аз меъёр зиёдтар мебошад. Бинобар ин ҳангоми камхунӣ аз норасоии витамини В12 диаметр, ҳаҷм ва нишондоди ранга аз меъёр баланд мебошад. Ҳуҷайраҳои дар ин раванд ҳосилшуда умри кӯтоҳ доранд ва тез-тез ба гемолиз дучор мегарданд. Ҳангоми гузаронидани таҳлил бо анализатори гемотологӣ имконият пайдо мешавад, ки дар зинаи бармаҳали пайдоиши ин беморӣ ташхис гузошта шавад.

Адабиёт:

1. Бурлев В. А., Коноводова Е. Н., Гаспаров А. С., Барабанова О. Э., Коробицын Л. П. Рекомбинантный эритропоэтин в предоперационном лечении анемии у больных миомой матки. Проблемы репродукции. 2003; 5: 23-7.
2. Громова О. А., Торшин И. Ю., Хаджидис А. К. Анализ молекулярных механизмов воздействия железа (II), меди, марганца в патогенезе железодефицитной анемии. Клиническая фармакология и фармаэкономика. 2010; 1: 1-9.
3. Ковригина Е. С., Казанец Е. Г., Карамян Н. А., Айвазова Д. Х., Лукьянова Е. Г., Панфилова Е. Л. Современные методы диагностики железодефицитной анемии у беременных и критерии оценки эффективности ферротерапии. Гинекология. 2005;90-3.
4. Луговская С. А., Козинец Г. И. Гематология пожилого возраста. – Тверь: Триада, 2010.
5. Левина А. А., Цибульская М. М., Щербинина С. П., Романова Е. А., Мамукова Ю. И. Диагностическое значение комплексного исследования показателей метаболизма железа в клинической практике. Гематол. и трансфузиол. 2005; 5: 23-8.
6. Рукавицын О. А. Актуальные вопросы диагностики и лечения анемии при хронических заболеваниях. Клиническая онкогематология. 2012; 5 (4): 296-304.

7. Румянцев А. Г., Морщакова Е. Ф., Павлов А. Д. Эритропоэтин в диагностике, профилактике и лечении анемий. – М.: Медпрактика, 2003.
8. Тарасова И. С., Чернов В. М. Факторы, определяющие правильность и эффективность лечения детей с железодефицитной анемией. Вопросы практической педиатрии. 2011; 6 (3): 49-53.
9. Toblli J.E., Brignoli R. Полимальтозный комплекс гидроксида железа (III) при железодефицитной анемии. Обзор и мета-анализ. Анемия. Журнал рабочей группы по анемии. 2008; Прил. к № 1: 95-104.
10. Kopcke W., Sauerland M. C. Мета-анализ данных эффективности и переносимости железа протеинсукцинилата при лечении пациентов с железодефицитной анемией разной степени тяжести. Arzneimittel-Forchung/Drug Research. 1995; 45(II): 11: 1211-6.

Калидвожаҳо: *анализатори гемотологӣ, эритросит, гемоглобин, нишондоди ранга, камхунӣ, норасоии оҳан.*

Аннотация

ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА ДЕФИЦИТА ВИТАМИНА В12 С ПОМОЩЬЮ ГЕМОЛИТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА

Таким образом, наше исследование показало, что анемия из-за дефицита витамина В12 чаще встречается у людей старше 50 лет. Характерной особенностью этого заболевания является то, что в отсутствие витамина В12 происходит нарушение синтеза нуклеиновых кислот, в результате чего замедляется репликация ДНК, а следовательно, уменьшается деление клеток и митоз, но увеличивается его продолжительность. Когда происходит нарушение синтеза ДНК в клетке, происходит внезапный распад ядра и цитоплазмы. В результате синтез гемоглобина происходит на ранней стадии, но разрушение ядра затягивается. Клетки, образующиеся при этом, называются мегалицитами. Анализ на гематологическом анализаторе показал, что при отсутствии витамина В12 размер клеток увеличивается, а степень насыщения гемоглобином выше нормы. Следовательно, в случае анемии из-за дефицита витамина В12 диаметр, объем и цвет выше нормы. Клетки, образующиеся в этом процессе, имеют короткую продолжительность жизни и часто подвергаются гемолизу. Во время анализа на гематологическом анализаторе можно диагностировать заболевание на ранней стадии.

Ключевые слова: *гематологический анализатор, эритроциты, гемоглобин, цветовой индикатор, анемия, дефицит железа.*

Annotation

DIFFERENTIAL DIAGNOSIS VITAMIN B12 DEFICIENCY USING HEMOLYTIC ANALYSIS

Thus, our study showed that vitamin B12 deficiency anemia is more common in people over 50. A characteristic feature of this disease is that in the absence of vitamin B12, a violation of the synthesis of nucleic acids occurs, as a result of which DNA replication slows down, and, consequently, cell division and mitosis decrease, but its duration increases. When there is a violation of DNA synthesis in a cell, there is a sudden disintegration of the nucleus and cytoplasm. As a result, the synthesis of hemoglobin occurs at an early stage, but the destruction of the nucleus is delayed. The cells that form are called megalicytes. Analysis on a hematological analyzer showed that in the absence of vitamin B12, the cell size increases, and the degree of saturation with hemoglobin is higher than normal. Therefore, in the case of anemia due to vitamin B12 deficiency, the diameter, volume and color are higher than normal. The cells formed in this process have a short lifespan and are often hemolyzed. During the analysis on the hematology analyzer, the disease can be diagnosed at an early stage.

Keywords: *hematology analyzer, erythrocytes, hemoglobin, color indicator, anemia, iron deficiency.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфиқорова Қурбоной Бобоқуловна, магистранти соли якуми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-02-04-01. Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Заҳматобод, № 91. Телефон: +992 988663636

Роҳбари илмӣ: Шамсиддинов Ш.

Сведение об авторе: Зулфикарова Курбоной Бобокуловна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности 1-02-04-01. Адрес: город Душанбе, улица Захматобод, 91. Телефон: +992 988663636

Научный руководитель: Шамсиддинов Ш.

About the author: Zulfikarova Kurbonoy Bobokulovna, master of the first year of the biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specialty 1-02-04-01. Address: Dushanbe city, Zakhmatobod street, 91. Phone: +992 988663636

Амиров Ғайратҷон Раимқулович,
магистранти соли дуюми факултети биология

МУШКИЛОТИ МУЗМИНИ ДИАБЕТИ ҚАНД ҲАНГОМИ БЕМОРИИ COVID-19

Тоҷикистон дар стратегияи мубориза бо бемории вогири коронавирус маҷмӯаи маҳдудиятҳои минималиеро, ки ба модели шведӣ-беларусӣ наздиктар буд, қабул кард. Ин имкон дод, ки тадбирҳои беҳдоштиву гигиенӣ ва тиббӣ ҳамзамон бо идомаи кору фаъолияти сохторҳои асосӣ - соҳаи кишоварзиву саноатӣ роҳандозӣ шавад. Чунин мавқеъгирӣ барои кишвари мо дурусту хирадмандона буд ва он то дараҷаи муайян паҳншавии коронавирус ва воҳимаву таҳлукаи мардумро пешгирӣ намуда, пастравии иқтисодиётро нигаҳ дошт ва муҳимтар аз он, имконият дод, ки соҳаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолӣ фаъолият намоянд.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти музмини диабети қанд диабетиологии имрӯза мушкилоти марказӣ мебошанд. Гипергликемия дар рушд ва пешрафти мушкилоти рагҳои диабети қанд нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни идоракунии ин беморон мо ба назар гирифтем, ки сатҳи гликемия то ҳадди имкон ба меъёри муқаррарӣ муҳимтарин шарти пешгирии пайдоиши музмини диабети қанд ва муборизаи бо муваффақият бурдан бо COVID-19 мебошад.

Бояд умумияти омодагии гузаришҳои молекулавиро қайд кард стресси оксидшавандаи микро ва ғайри ферментӣ гликатсия ба эътирофи норасоии эндотелия мусоидат мекунад. Бемориҳои музмини илтиҳоби, афзоиши фаъолияти коагулятсия, халалдор шудани вокуниши масуният ва таъсири эҳтимолии зарари бевоситаи SARS-CoV-2 ба ғадуди зери меъда метавонад механизмҳои асосии пайванди патогенӣ байни диабет ва сирояти коронавирус бошанд. Барои беҳтар кардани ҷараёни на танҳо диабети қанд, балки мубориза бар зидди COVID-19, мо ҳамзамон бо интихоби фаъоли миқдори доруҳои антигипергликемикӣ ва ворид кардани инсулин ба бисёр мушоҳидаҳо, омодагии кислотаи алфа-липоик ва бенфотиамин, дар якҷоягӣ бо терапияи фаъоли нишонаҳои COVID-19 бо истифодаи баъзе режимҳои табобат, ки дар дастурҳо оварда шудаанд, аз ҷониби ВТ ва ҲИА ҶТ тасдиқ ва аз ҷониби ТУТ тасдиқ карда шудааст.

Методҳои тадқиқ. Барои муайян намудани динамикаи ҳолати беморон таҳлилҳои зерин:

- Муайян намудани таҳлили биохимиявӣ.
- Муайян намудани таҳлилҳои клиникӣ.
- Тағирёби ва тағиротҳо дар таҳлили биохимиявӣ.
- Тағирёби ва таҳлили хун дар лахташавии хун (АЧТВ, МНО).

Мавод ва усулҳо. Муоина карда шуд 43 беморро (21 мард ва 22 зан) дар шӯъбаи эндокринологияи калонсолони маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Аҳмадов Карим, ки муваққатан ба муассисаи карантинӣ мубаддал шудааст, муоина карданд. Тасвири клиникии пневмонияи атипикии интерстициалии аз ҷониби коронавирус (SARS-Cov-2) дар якҷоягӣ бо диабети қанд ба вуҷуд омада бодиққат омӯхта шуд. Беморон сатҳи гликемия, гликогемоглобин, коагулятсияи хун (фибриноген, вақти протромбин, АЧТВ, МНО), озмоиши биохимиявии хун (креатинин, мочевина, сафедаи умумӣ), сатҳи филтркунии гломеруляриро бо истифодаи формулаи MDRD, таҳлили умумии пешоб (альбуминурия) омӯхтанд. EKGs гузаронида шуданд, скан СТ-и қафас бо сатуратсия (SPO_2) муайян карда шуд. Дараҷаи ҷуброни диабети қанд арзёбӣ карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни мушоҳида, вазъи беморони қабулшуда аз рӯи параметрҳои мӯътадил ва вазнин арзёбӣ карда шуд. Дар 80% беморон тасвири клиникии пневмонияи дуҷониба ва фиброзии шуш мавҷуд буд, ки бо тасвири рентгенӣ тасдиқ карда шудааст. Клиникӣ, ин категорияи беморон қайд карда шуданд: тангии шадид, сулфа, дарди қафаси сина, сустӣ ва заифии назаррас. Дар баробари нишонаҳои возеҳи COVID-19 дар шакли осеб дидани бофтаҳои шуш, беморон нишонаҳои равшани декомпенсатсияи диабети қанд ва афзоиши мушкилоти рагҳои онро доштанд. Аз ҷумла, сатҳи миёнаи глюкозаи хун дар рӯзадорӣ 12.9+ 40.5 ммоль / л, пас аз хӯрокворӣ 15.2 + 0.45, миқдори гликогемоглобин 11/2 40.2% буд. Дар 19% -и ҳолатҳо, нефропатияи диабети дараҷаи 3В муайян карда шуд, ки бо шиддатнокии шадид ва мӯътадили дастгоҳи гломеруляр хос аст. Инчунин нишонаҳои полиневропатияи диабетӣ ба назар мерасиданд, ки дар шакли парестезия, сӯхтан, дард ва карахтшавии узвҳо зоҳир мешаванд.

Этиологияи беморӣ: Ҳангоме, ки ба организм микроб ё бактерияҳо меафтанд онҳо дар узвҳои ҳаётан муҳим ва бофтаҳо ҷой гирифта ба таъсири лейкоситҳо безарар гардонида мешаванд, ки ин ҳолати муҳофизатиро фагоситоз меноманд. Дар сурате, ки вирус ба организм меафтад вай фарқ надорад, ки ин кадом вирус мебошад: вирусҳои зуком, гепатитҳо, ВНМО, ситомегаловирусҳо, герпесҳо ва ҳоказо дар ҳамин ҳолат дар хун бар зидди вирус организми инсон муқобилият нишон дода антитела пайдо мекунад. Дар натиҷаи пайдошавии антителаҳо ба мембранаи фосфолипидҳои тромбоситҳо часпида антителаи антифосфолипиди ҷудо мекунанд, ки ин ҳолати системаи

гемостазро ба тарафи гиперкоагулятсия оварда мерасонад ва лахташавии хун баланд мешаванд. Шуш, ки яке аз узвҳои ҳаётан муҳими бадан ба шумор меравад, дар ҳолати муътадили физиологӣ ду вазифаи асоси дорад: якум вазифаи нафаскашӣ ва дуюм вазифаи ғайринафаскашӣ. Дар маҷмуъ ин ҳолат барои нигоҳ доштани суюқии хуни даврзананда бо баровардани эндотелияи рагҳои хунгарди шуш, ки 70 м^{2}дар бар мегиранд, маҳлули простосиклин ҷудо намуда суюқии хуни даврзанандаро таъмин менамоянд ва тромбоксан бошад ҳолати лахташавии хунро таъмин менамоянд. Дар ин ҳолати сироятёбии организм бо вируси короно дар аввал вазифаи гайринафаскашии шуш вайрон мешавад бо вайроншавии ҳолатти системаи гемостаз, ки дар артерияҳои шуш тромбозҳо пайдо мешаванд ва мубодилаи газҳо дар ин узв вайрон мешавад ва варамкунии девораи алвеолҳо ба вуҷуд омада баьд аз ин варамкунии девораи интерстисиали, ки байни алвеолҳою эндотелия ҷойгир аст ва дар мубодилаи газҳо иштирок мекунад. Дар ҳолати варам кардани девораи алвеолаҳо, вайроншавии мубодилаи газҳо мушоҳида мешавад. Дар ҳолатҳое, ки лахташавии хуни организми дар меьёр буда ягон бемориҳои ҳамрадиф ва бемориҳои дигари музмин: ба монанди диабети қанд, тромбофлебитҳо, фарбеҳӣ, сактаи дил, бемориҳои ишемикии дил, инсулт ва бемориҳои музмини роҳҳои нафас надошта бошад, вирус каме ҳолати лахташавии хунро баланд намуда, таьсиротҳои органикӣ ва функсионали намерасонад. Дар ҳолатҳое, ки бемориҳои дар боло зикршуда дар бемор мавҷуд бошанд, ҳатман ба таьсиротҳои ҳам органикӣ ва функсионалӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа он микробҳое, ки дар роҳҳои нафаскашӣ мавҷуд ҳастанд фаьол шуда, ба хуруҷёбии бемориҳои музмини роҳҳои нафас мерасонад.

Адабиёт:

1. Временный методические рекомендации Минздрав России 03.02.2020.
2. Дэвид Л., Хейман Н. COVID-19. 17.02.2020.
3. Клаудио Р., Паоло Н. Коронавирус пандемия. 06.02.2020 г.
4. Коронавирусная инфекция 2019-внесена в перечень опасных заболеваний Министерство здравохронения Российской Федератции. 2020 г.
5. Наименование заболевание вызванного коронавирусом и вирусного возбудителя. 07.03.2020.
6. Новел коронавирус. Европа 09.03.2020. Ню-Йорк.
7. Омори назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: *сафеда, крахмал, агроэкология, дегенерация, биосинтез, генетика, гандум, вазифа, усул, органикӣ.*

Аннотация

ПРОБЛЕМЫ САХАРНОГО ДИАБЕТА ПРИ ЗАБОЛЕВАНИЕ КОРОНАВИРУСА COVID-19

Следует отметить, что хронические проблемы сахарного диабета сегодня занимают центральное место. Гипергликемия играет решающую роль в развитии и прогрессировании диабетических сосудистых заболеваний. Поэтому при ведении этих пациентов мы считали, что уровень гликемии до нормального уровня является важнейшим условием профилактики хронического сахарного диабета и успешной борьбы с COVID-19.

Ключевые слова: *белок, крахмал, агроэкология, дегенерация, биосинтез, генетика, пшеницы, функция, метод, органика.*

Annotation

THE DIFFICULTY OF DIABETES WHEN COVID-19 DISEASE

It should be noted that the chronic problems of diabetes mellitus occupy a central place today. Hyperglycemia plays a crucial role in the development and progression of diabetic vascular diseases. Therefore, in the management of these patients, we believed that the level of glycemia to normal levels is the most important condition for the prevention of chronic diabetes mellitus and the successful fight against COVID-19.

Keywords: *protein, starch, agroecology, degeneration, biosynthesis, genetics, wheat, function, method, organics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Амиров Ғайратҷон Раимқулови, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 900121298

Роҳбари илмӣ: Амонов Б. П.

Сведения об авторе: Амиров Гайратджон Раимкулович, магистрант втарого курса биологического факультета ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 900121298

Научный руководитель: Амонов Б. П.

About the author: Amirov G. R., a one-year magistr of the biological faculty of the TGPU named after S. Aini. Tel.: +992 900121298

Юсупова Парвина,
магистранти соли дуюми факултети биология

СИСТЕМАИ ЛАХТАШАВИИ ХУН ҲАНГОМИ БЕМОРИИ ЭРИТЕРМИЯ

Яке аз бемориҳои васеъ паҳншудаи системаи хунӣ, эритермия ба ҳисоб меравад. Ин бемориро ба ибораи дигар пурхунӣ низ меноманд. Эритермия ба бемории омосии системаи хунӣ тааллуқ дошта, ки дар натиҷаи тағйирёбии ҳуҷайраҳои бунёдии хунҳосилкунанда ба амал меояд.

Ба ақидаи баъзе олимон сабаби пайдоиши бемории эритермия мутасияи соматикӣ дар гени янускиназа ресептори ситокинҳоро ҳамроҳӣ намуда, дар шакли тақсимшавии шохаи миелоидии хунҳосилшавӣ зоҳир гардида, имконияти инкишофи экстрамедулярии хунҳосилшавӣ, бо оризаҳои тромб ҳосилшавӣ ва гузариш ба миелофибрози бади эритермия ба садамаи бластӣ ба анчом мерасад. Аввалин бор эритермияро ҳамчун бемории мустақил Луис Хенри Вакез дар соли 1892 ба қайд гирифт, ки дар он давра ин олим ба омӯзиши бемориҳои дил машғул буда, шакли кабудчатоби лаб, нӯги ангуштон ва эритроситозҳои доимиро ба қайд гирифт. Дар соли 1903 олим Вилдиям Ослер ақидаеро пешниҳод намуд, ки сабаби ин беморӣ дар гурӯҳи ба кайд гирифташудааш фаолнокии баланди кори мағзи сурхи устухон мебошад (1, 2, 3, 4).

Мавод ва усулҳои таҳлил. Барои гузаронидани ин таҳқиқот 30 нафар беморони дучори эритермия ва 20 нафар одамони солим, ки ба озмоишгоҳи клиникии муассисаи давлатии пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология мурочиаткунанда қарор доштанд. Ташхиси бемории эритермия дар асоси аломатҳои клиникӣ, нишондодҳои лабораторӣ ва санҷишҳои инструменталӣ гузошта шуд. Як қисми беморон дар зинаи аввали инкишофи беморӣ ягон шикоти ҷиддӣ надоштанд. Аломати асосии эритермия бо аломатҳои пурхунӣ ва вайроншавии гардиши хун алоқаманд мебошанд.

Беморонро вобаста ба дараҷаи вазниниашон ба 3-гурӯҳ ҷудо намудем. 1-беморони дараҷаи сабук, 2-беморони дараҷаи миёна, 3-беморони дараҷаи вазнин. Системаи лахташавии хун дар асоси муайян намудани вақти умумии лахташавии хун бо усули Ли-Уайд вақти тромбинӣ, МНО, миқдори фибриноген, вақти рекалфисикатсия, АЧТВ ва вақти аз нав барқароршавии миқдори калсий баҳо дода шуд.

Дар расми 1 вақти умумии лахташавии хун бо усули Ли-Уайд дарҷ гардидааст. Чи хеле, ки аз натиҷаҳои ба дастомада бар меояд, дар одамони солим вақти умумии лахташавии хун ба 7,5± 0,7 дақиқа баробар бошад, дар беморони дараҷаи сабук ин нишондод 5,0±0,5, дар беморони дараҷаи миёна 4±0,4, дараҷаи вазнин бошад 3,5±0,4 дақиқаро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим аз 33,3 то 53,3% баланд гардидааст.



Расми 1. Вақти лахташавии хун бо усули Ли-Уайд. 1-одамони солим, 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия 3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия. 4-беморони дараҷаи вазниниэритермия.

Аз натиҷаҳои ба дастомада маълум гардид, ки дар беморони эритермия вақти умумии лахташавии хун ба таври боварибахш кӯтоҳ гардидааст. Аз сабаби пурхунӣ панҷаи дасти ин беморон суб-сурх буда, ҳамавақт ҳарорати баланди гармӣ доранд, ки ин нишонаи сусти ҳаракати хун дар рагҳои варидӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз нишондодҳои муҳимтарини системаи лахташавии хун вақти протромбинӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳосилшавии тромбопластини фаъоли бофтавӣ ва хунӣ омилҳои зиёди таркиби

плазма иштирок менамоянд. Аз ҳама тӯлонитар зинаи якуми лахташавии хун буда, зиёда аз 90%-и вақти лахташавиро дар бар мегирад. Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, протромбин яке аз сафедаҳои асосии плазмаи хун мебошад, ки он лахташавии хунро муайян мекунад. Ҳангоми таҷзияи гидролитикии протромбин ферменти фаъоли лахташавии хун тромбин ҳосил мешавад.



Расми 2. Вақти протромбини хун: 1-одамони солим; 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия; 3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия; 4-беморони дараҷаи вазнини эритермия.

Дар расми 2 вақти протромбинӣ дарҷ гардидааст. Ин нишондод дар одамони солим 13±2 сония баробар бошад, дар беморони дараҷаи сабук 12,0±1,5 дараҷаи миёна 10,0±0,9 сония, дар беморони дараҷаи вазнин 8,0±0,75 сонияро ташкил намуд, ки нисбати одамони солим 9,2-30,7% кӯтоҳ гардидааст.

Дар солҳои охир ба системаи лахташавии хун аз рӯйи нишондоди Муносибати мӯътадили Байналмилалӣ (МНО) баҳо дода мешавад. МНО дар одамони солим 1,3±0,10, дар беморони дараҷаи сабук 1,1±0,10, дар беморони дараҷаи миёна 0,9±0,10 дар беморони дараҷаи вазнин бошад 0,8±0,09 воҳид баробар аст. Коэфисенти МНО яке аз нишондодҳои муҳимтарини системаи лахташави буда, ҳиссиётнокии тромбопластинро инъикос мекунад. Аз нишондодҳои ба дастомада бар меояд, ки коэфисенти МНО дар беморони дучори эритермия аз 15,4 то 39,5% баланд гардидааст.



Расми 3. Нишондоди Муносибати мӯътадили Байналмилалӣ (МНО):1-одамони солим; 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия;3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия; 4-беморони дараҷаи вазнини эритермия.

Аз натиҷаҳои дар расми 4 дарҷ гардида бар меояд, ки вақти фаъолкунандаҳои ҳиссачаҳои вақти протромбинӣ (АЧТВ) дар одамони солим ба 33±3,5 сония баробар аст. Дар беморони дараҷаи сабуки SARS-CoV-2 нишондоди АЧТВ ба 25±2,5 сония, дараҷаи миёна 20±2,0 сония, дараҷаи вазнин бошад 18±1,5 сонияро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои ба дастомада маълум карданд, ки вақти АЧТВ дар беморони бо вируси тоҷдор сироятёфта аз 24,3 то 55,5% кӯтоҳ гардидааст. Аз натиҷаи ин таҳлил маълум мегардад, ки дар беморони дучори эритермия хатари баланди тромбҳосилшавӣ дар дохили рагҳои хунгард вуҷуд дорад.



Расми 4. Фаъолкунандаҳои ҳиссачаҳои вақти протромбини (АЧТВ): 1-одамони солим; 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия;3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия; 4-беморони дараҷаи вазнини эритермия.

Дар расми 5 миқдори фибриноген дар таркиби плазмаи хуни одамони солим ва беморони дучори эритермия дарҷ гардидааст. Миқдори сафедаи фибриноген дар таркиби плазмаи хуни одамони солим ба 3,5±0,35 г баробар аст. Дар таркиби плазмаи беморони дараҷаи сабуки эритермия ба 4±0,4 г/л, беморони дараҷаи миёна 6,0±0,80 г/л, беморони дараҷаи вазнин бошад ба 8,0±0,9 г/л баробар аст.

Чи тавре, ки натиҷаҳои ба дастомада нишон доданд, миқдори фибриноген дар таркиби хуни дучори вируси тоҷдор аз 14 то 128% зиёд гардидааст. Чи хеле, ки баҳамагон маълум аст, фибриноген ҷузъи муҳими системаи лахташавии хун буда, асоси лахташавиро ташкил медиҳад.

Фибриноген сафедаи зинаи шадиди ҳама гуна ҷараёнҳои илтиҳобӣ ба ҳисоб меравад. Аз миқдори ин сафеда лахташавии хунвобастагӣ дорад.



Расми 5. Миқдори фибриноген дар таркиби плазмаи хун:1-одамони солим; 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия;3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия; 4-беморони дараҷаи вазнини эритермия.

Фибриноген сафедаи дар таркиби плазма дар шакли ҳалшуда мавҷуд буда, аз 3 ҷуфт силсилаи полипептидии гуногун сохта шудааст, ки онҳо байни ҳамдигар ба воситаи бандҳои дисулфиди пайваст мебошанд. Фибриноген дар ҷараёни лахташавӣ ба сафедаи фибрин табдил меёбад, ки ҳамчун тӯр ҷойи осебдидаи раги хунгардро рӯйпӯш мекунад. Фибриноген ба сафедаи зинаи шадиди илтиҳоб тааллуқ дошта, асосан дар бофтаҳои ҷигар ҳосил мегардад. Чи хеле, ки аз натиҷаҳои ба дастомада маълум гардид, дар бисёри ҳолатҳо миқдори фибриноген ба дараҷаи вазнинии беморӣ мувофиқ мебошад.



Расми 6. Вақти аз нав барқароршавии миқдори калсий (время рекальсификация): 1-одамони солим; 2-беморони дараҷаи сабуки эритермия; 3- беморони дараҷаи миёнаи эритермия; 4-беморони дараҷаи вазнини эритермия.

Чи хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 6 дарҷ гардида бар меояд, дар таркиби хуни одамони солим вақтиаз нав барқароршавии миқдори калсий ба ҳисоби миёна 80±6,0 с ташкил медиҳад. Дар гурӯҳи якуми беморон, ки дучори эритермияи дараҷаи сабук гардиданд,вақти аз нав барқароршавии миқдори калсий 60,0±5,0 с аст. Дараҷаи миёна бошад 50,0±4 с, дараҷаи вазнин бошад 40±4,0 с-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбати одамони солим аз 25 то 50% паст гардидааст. Ба ҳамагон маълум аст, кикалтсийяке аз элементҳои муҳимтарини организми инсон ба ҳисоб меравад. Ин моддаи химиявӣ дар таркиби плазмаи хун аз 2,0 то 2,6 ммол/л-ро ташкил медиҳад. Ионҳои калсийро дар ҷараёни системаи лахташавии хун ҳамчун омили ҷудогона ҳисобида бо рақами IV-и Римӣ ишора мекунанд.

Маълум аст, ки эритермия ба омосҳои системаи хуни тааллуқ дошта, сабаби асосии пайдоиши он мутатсия дар омилҳои танзимкунандаи ҳосилшавии ҳуҷайраҳои сурхи хун ба амал меояд. Хусусияти хоси фарққунандаи бемории эритермия аз дигар омосҳои хунӣ аз он иборат аст, ки ин беморӣ нисбатан сабуктар гузашта, муддати тӯлонӣ беморон худро хуб эҳсос мекунанд. Сабаби асосии бадшавии сифати ҳаётии ин беморон баландшавии часпакнокии хун, хориши бадан, дарди сар ва аз ҳама хавфноктараш, ки сабаби марг мегардад, ҳосилшавии тромб дар дохили рагҳои хунгард ба ҳисоб меравад. Аломати дигари фарққунандаи эритермия аз дигар бемориҳои хунӣ аз он иборат аст, ки дар баробари зиёдшавии миқдори эритроситҳо мутаносибан зиёдшавии миқдори тромбоситҳо ва лейкоситҳо ба амал меояд (5,6,7,8).

Ҳамин тариқ, эритермия ба бемориҳои омоси системаи хунӣ тааллуқ дошта, асоси онро тағйирот дар системаи танзимкунандаи ҳосилшавии ҳуҷайраҳои сурхи хун дар мағзи сурхи устухон ташкил медиҳад. Эритермия нисбати дигар омосҳои хунӣ сабуктар гузашта, оризаи асосии он ғавсшавии таркиби хун, зиёдшавии миқдори тромбоситҳо ва лейкоситҳо ба ҳисоб меравад. Дар беморони дучори эритермия вақти умумии лахташавии хун нисбати меъёр то ду маротиба кӯтоҳ гардида, вақти протромбини МНО, АЧТВ ва миқдори фибриноген дар таркиби плазмаи хун ба таври боварибахш баландшавии онҳо ба амал омада, сабаби ҳосилшавии тромб дар рагҳои хунгард мегардад.

Адабиёт:

1. Абдулкадыров, К.М. Что нам известно об истинной полицитемии (обзор литературы и собственные данные) [Текст] / К.М. Абдулкадыров, В.А. Шуваев, И.С. Мартынкевич// Онкогематология. - 2015. - Т.10, №3. С. 28-42.
2. Абдумаликова, Ф.Б. Взаимосвязь тяжести дисфункции эндотелия с уровнем физической активности у пациентов с гипертонической болезнью [Текст] / Ф.Б. Абдумаликова // Тромбоз, гемостаз и реология, 2016. - №3(67). – 36 с.
3. Абрамович, С.Г. Лазерная допплеровская флоуметрия в оценке микроциркуляции у здоровых людей и больных артериальной гипертонией [Текст] / С.Г. Абрамович, А.В. Машанская // Сибирский медицинский журнал, 2010. - № 1. - С. 57-59.
4. Авсецина, О.П. Особенности ишемической болезни сердца у пациентов с истинной полицитемией [Текст]: автореф. дис.... канд. мед.наук: 14.00.06 14.00.05 / Авсецина Оксана Павловна. – М., 2001. – 18с.

5. Агапитов, Л.И. Эндотелин-1 и фактор Виллебранда в развитии легочной гипертензии у детей с хронической бронхолегочной патологией [Текст] / Л.И. Агапитов, Ю.М. Белозеров, Ю.Л. Мизерницкий // Клиническая лабораторная диагностика, 2012. - № 1. - С. 11-13.
6. Агеев, Ф.Т. Роль эндотелиальной дисфункции в развитии и прогрессировании сердечно-сосудистых заболеваний [Текст] / Ф.Т. Агеев // Сердечная недостаточность, 2003. - № 1. - С. 22-25.
7. Анализ изменений деформируемости эритроцитов в норме и при патологии [Текст] / А.В. Муравьев, И.А. Тихомирова, С.В. Чепоров [и др.] // Региональное кровообращение и микроциркуляция, 2008. - №4(28). - С. 47-52.
8. Андриенко, А.В. Нарушения гемореологических свойств при ДВСсиндроме и их коррекция с помощью плазмафереза [Текст]: автореф. …канд. мед.наук: 14.00.29 / Андриенко Алексей Владимирович. - Барнаул, 2006. - 23с.
9. Ахуба, Л.О. Роль реологических свойств крови в развитии геморрагических нарушений при хроническом миелолейкозе [Текст] / Л.О. Ахуба, Л.И. Ершова, В.С. Баркая // Тромбоз, гемостаз и реология, 2016. - №3(67). – 48 с.
10. Бабак, О.Я. Окислительный стресс, воспаление и эндотелиальная дисфункция – ключевые звенья сердечно-сосудистой патологии при прогрессирующих заболеваниях почек [Текст] / О.Я. Бабак, И.И. Топчий // Украинскийтерапевт. – 2004. - №4. С. 10-17

Калидвожаҳо: *Эритермия, вақти протромбини, фибриноген, лахташавии хун, тромбосит, лейкосит, омоси хунӣ, тромб.*

Аннотация

СИСТЕМА СВЕРТЫВАНИЯ КРОВИ ПРИ ЭРИТЕМЕ

Таким образом, эритема - это опухоль системы кровообращения, в основе которой лежат изменения в системе, регулирующей выработку эритроцитов в костном мозге. Эритема протекает мягче, чем другие опухоли крови, основными проявлениями которой являются загущение крови, увеличение количества тромбоцитов и лейкоцитов. У пациентов с эритемой общее время свертывания крови сокращается в два раза от нормы, а время нахождения протромбина MNO, ACTV и фибриногена в плазме крови значительно увеличивается, что приводит к образованию тромбов в сосудах.

Ключевые слова: *эритема, протромбиновое время, фибриноген, свертываемость крови, тромбоцитопения, лейкоцит, опухоль, тромб.*

Annotation

BLOOD COAGULATION SYSTEM WITH ERYTHEMA

Thus, erythema is a tumor of the circulatory system, which is based on changes in the system that regulates the production of red blood cells in the bone marrow. Erythema is milder than other blood tumors, the main manifestations of which are thickening of the blood, an increase in the number of platelets and leukocytes. In patients with erythema, the total blood clotting time is halved from the norm, and the residence time of prothrombin MNO, ACTV and fibrinogen in the blood plasma is significantly increased, which leads to the formation of blood clots in the vessels.

Key words: *erythema, prothrombin time, fibrinogen, blood clotting, thrombocytopenia, leukocyte, tumor, thrombus.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупова Парвина, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Шамсуддинов Ш. Н.

Сведения об автора: Юсупова Парвина, магистрантка второго курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: Шамсуддинов Ш. Н.

About the author: Ysupova Parvina, 2st year master of biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Shamsiddinov Sh. N.

Одиназода Ҳабибулло Назаралӣ,
магистранти соли дуюми факултети биология

КЛИНИКАИ ДИАБЕТИ ҚАНДИ НАМУДИ 1 ВА 2

Диабет ин гуруҳи бемориҳои метаболикӣ (мубодилаҳои моддаҳо) мебошад, ки ба он баландшавии қанди хун хос аст, ки дар натиҷаи иллати тарашшуҳи нисби ё мутлақи инсулин ба амал меояд. Дар натиҷаи тағирёбии мубодилаҳои модаҳо дар ғадуд ба амал омада ба вайроншавии функсияи раг ва торҳои асаб оварда мерасонад.

Диабети қанди намуди 1 дар синну соли ҷавонӣ инкишоф меёбад. Барои диабети қанди намуди 1 мавсимӣ будани он хос аст (ин бемориҳо аксаран тирамоҳ ва зимистон моҳҳои октябр-январ хурӯҷ мекунанд). Ибтидои диабети қанди 1 шадид аст. Сегонаи классикӣ-полиурия, аз ҳад зиёд ташна мондан (полидипсия), иштиҳои зиёд (полифагия) мушоҳида мегардад. Ҳангоми муоина гипергликемия ва глюкозурия ба назар мерасад, ки сабаби полиурия мегардад. Гипергликемия бо камшавии глюкоза дар натиҷаи норасогии тарашшӯҳи инсулин асоснок карда шудааст. Маълум аст, ки ҷаббиши такрории (реабсорбсияи) пурраи глюкоза дар найчаҳои гурда ҳангоми дараҷаи глюкоза дар хун на зиёдтар аз 8,88 м мол/л ба вуҷуд меояд. Консертрасияи нисбатан баланди глюкоза дар хун сабаби ҷудо шудани он бо пешоб мегардад. Полиурия, ки дар баъзе ҳолатҳо дар як шабонарӯз 8-9 литр мерасад, вале аз 3-4 литр зиёд намешавад ин сабаби диурези осмотикӣ буда консентратсияи баланди глюкозаро дар пешоб нишон медиҳад.

Аз ҳад зиёд ташна мондан (полидипсия) бошад, аксуламали организм барои барқарор намудани мувозинати об дар бадан мебошад. Одатан диурез ҳамеша зиёд аст, аз ин сабаб дегидрататсия инкишоф меёбад. Дегидрататсияи организм боиси хушкшавии луобпардаҳо, пӯст ва пастшавии тарангаии он мегардад. Ҳангоми декомпенсатсия мубодилаи карбогидратҳо, пӯст, забон ва лабҳо хушк шуда, тарангии пӯст кам мешавад. Хушкӣ, ташнагии зиёд ҳам бо беобшавӣ ва ҳам бо баландшавии консентратсияи глюкоза, дурдаи пешоб, натрий дар хун асоснок гардидааст. Ҳангоми диабет ҳамчунин фурӯ нишастани ғадудҳои баззоқӣ ба назар мерасад (Скородок Л. М., Савченко О. Н., 2002).

Иштиҳои баланд (полифагия) –низ аксуламали таллофипазир буда, барои ба ягон андоза зиёд намудани воридшавии сарчашмаҳои энергия ба организм ва ба эътидол овардани онҳо аз сабаби талафёбӣ тавассути ғизо, балки дар натиҷаи глюкозурия имконият медиҳад. Аммо ин ҳам ҳангоми диабет кам аст, зеро аз бадан на танҳо глюкоза тавассути ғизо, балки дар натиҷаи глюконеогенези зиёд аз чарб ва сафедаҳо ҳосилшуда берун мешаванд. Натиҷаи камшавии чарб ва сафедаҳо лоғаршавӣ аст. Хусусияти ҷараёни клиникии диабети қанд дар кӯдакони ширмак чунин аст: боздоштшавӣ ва камшавии вазни бадан, ки бо зиёд шудани иштиҳо ва ташнашавӣ ҳамбастагӣ менамояд. Кӯдакон пистонак ва синаро ҳарисона мемаканд. Полиурия назар ба камшавии вазн камтар ба назар мерасад, ки бо мушкилоти ошкор намудани он дар кӯдакони ширмак вобастагӣ дорад. Аксар вақт волидайн ба ҳолати ғайримуқаррарӣ гуё «крахмалшавии» парпечакҳо баъди хушкшавии пешоб, ё доғҳои часпак дар фарш баъди чакидани пешоб диққат медиҳанд, ки бо мавҷуд будани қанд дар он шарҳ дода мешавад. Кӯдакон одатан беқароранд ва пас аз нӯшидан ором мешаванд. Камшавии тарангии пуст, хушкшавии он мавҷудияти шалҳидагии қисмати узвҳои берунаи таносул хос аст. Сустшавии (иммунитет) масуният боиси ҳамроҳшавии сироятҳои вирусӣ ё бактериявӣ, аксаран думмалҳои римнок, фурункулҳо, флегмонаҳо мешаванд. Ду намуди (варианти) клиникии ҷараёни диабети қанди кӯдакони ширмакро ҷудо мекунанд.

Варианти якум - Беморӣ ногаҳон бо беобшавии якбора, интоксикатсия (заҳролудшавӣ), қай кардан, афзоиши тези бадшавии ҳолат ва иғмо инкишоф меёбад. Манзараи он ба бемории шадиди захрогенӣ-септикӣ бисёр монанд аст.

Варианти дуюм- ҳолати вазнинӣ оҳиста-оҳиста инкишоф меёбад, тадриҷан дистрофия меафзояд, гоҳо сарчашмаҳои зиёди сирорят ҳамроҳӣ менамоянд, ки ҳолати бемориро вазнин мегардонанд.

Аломатҳои диабети қанди 2 Диабети қанди намуди 2 оҳиста инкишоф меёбад, аксаран дар шахсони синнашон аз 40 боло ба назар мерасад. Ин беморӣ бисёр вақт бори аввал ҳангоми муоинаи профилактикӣ ё муроҷиат ба духтур, аз сабаби хориши пӯст, чипқон, ҳангоми фалокатҳои дилу рагҳои хунгузар (сактаи миокард, инсулт) муайян карда мешавад. Дар 80-90%

беморон афзоиши вазни бадан мушоҳида мешавад. Баъзан диабет танҳо ҳангоми ташхис карда мешавад, ки бемор бори аввал ба духтур сабаби нейропатия, халалёбии функсияи гурдаҳо, безурётӣ, носозгории эриктелӣ муроҷиат менамояд. Дар бисёре аз беморон ба таври ретроспективӣ дар муддати зиёде мавҷуд будани падидаҳои субклиникии диабети қанди навъи 2-ро муайян кардан мумкин аст: полидипсия ва полиурияи мӯътадил зоҳиршаванда, аксар шабона бисётрар зоҳир мегардад, мондашавӣ, пастшавии қуваи корӣ, зиёдшавӣ ё камшавии вазни бадан бо нигоҳ доштани иштиҳо, тамоюл ба бемориҳои гуногуни шамолкашӣ ва пӯст, вайроншавии босира ба назар мерасад.

Вайроншавии мубодилаи моддаҳо ҳангоми диабети қанд боиси халалдоршавии системаҳо ва морфологияи узвҳо, аксаран рагҳои хунгард мешаванд. Ин тағиротҳо оризаҳои дермондаи диабети қанд- ангиопатияи диабетӣ номида мешаванд (Ш. С. Анварова, 2009).

Оризаҳо. Таснифи ангиопатияи диабетӣ:

1. Макроангеопатияи диабетӣ (ретинопатия, нефропатия); 2. Макроангеопавтияи диабетӣ (сактаи миокард, инсулт, накафидани пой);

3. Нейропатияи диабетӣ; 4. Ангеопатияи ҳаматарафаи диабетӣ.

Аз рӯи давраҳо: муболилавӣ, функсионалӣ ва узвӣ.

Микроангиопатия иллатдор шудани рагҳои хунгард ҳангоми диабети қанд мебошад. Бо ғафсшавии мембранаи базалӣ, пролифератсияи эндотелия тавсиф меёбад. Дараҷаи максималии зуҳуроти микроангеопатия дар гурда ва пардаи чашм ба назар мерасад. Механизми инкишофи макроангиопатия ба таври нақшавӣ чунин ба назар мерасад.

1. Халалдоршавии мубодилаи карбогидратҳо ё маҷмӯи полисахаридҳо дар мембранаи базалии мӯйрагҳо (капилярҳо);

2. Бад шудани гардиши хун, ки боиси суст шудани ғизои эндотелия мегардад;

3. Гликозакунонии сафедаҳо (ҳамроҳшавии ғайриферментии глюкоза бо сафедаҳо). Зиёдшавии нифозати (интиқолӣ) деворaҳои рагҳо;

4. Суст шудани қобилияти эритроситҳо ба шаклдигаркунии онҳо, ки фишорро ба девори рагҳо зиёд карда боиси ғафсшавии мембранаи базалӣ мегардад;

5. Бо тағйирёбии мембранаи базалии капиллярҳо антителаҳо ҳосил шудан мегиранд, ки дар шакли маҷмӯи мансуният (иммунӣ) дар он зам мегарданд.

Се давраи инкишофи ретинопатияи диабетиро ҷудо мекунанд: ғайри пролеферативӣ, ибтидоӣ ё зинавӣ, препролеферативӣ ва пролеферативӣ. Дар марҳилаи аввал васеъшавии рагҳои варид (венаҳо), миқдори маҳдуди микроаневризм падидаҳои алоҳидаи интраретинаталии фокуси липидӣ ва микрогеморрагияҳо мушоҳида карда мешавад.

Дар марҳилаи препролеферативӣҳамаи аломатҳои номбаршуда миқдоран зиёд мешаванд. Тағйирёбии рагҳои варид (венаҳо) на фақат бо васеъшавии онҳо, балки нобаробарии калибр, гоҳо кашишхӯриҳо, бо намуди мураттаб, пурпечутоб, ҳосилшаванд ҳалқаҳо, тавсиф меёбад.

Ин тағйиротҳои рагҳои варид ба пайдошавии кашишхӯриҳои глиалӣ дар рафти онҳо оварда мерасонанд. Ба ғайр аз падидаҳои эксудатии сахт лонаҳои мулоим пайдо мешаванд, ки аз сабаби ишемияи шадиди фокалии дар қабати риштаҳои асаби тӯрии чашм пайдо мешаванд. Миқдори геморагия зиёд мешавад, ки онҳо на танҳо интраретиналӣ, балки рӯякӣ, рахдор ва ҳатто преретиналӣ мешаванд. Ҳангоми ангиографияи флюорестентии қатъи чашм минтақаҳои бо хун пурнашавандаи шабакияи чашм ва шунтҳои вариду шараёнчаҳо, ҷоришавии флюоростсеина аз рагҳои ретиналӣ ва микроаневризм, редуксияи капиллярҳои парамакулярӣ дида мешавад (Петерков В. А., Фосфанова О. В., 2005).

Ретинопатияи пролеферативӣ бо пайдоиши рагҳои нав пайдошуда дар лавҳаи асаби биноӣ, дар назди он ё қад-қади шохаҳои рагҳои ретиналӣ, пайдоиши тасмаҳои фиброглеалӣ, раххои фарқият мекунад. Дар ҳолатҳое, ки ҷудошавии қабатҳои қафои витреалӣ нестанд, ҷараёни неоваскулярӣ ва глиоз ба мембранаи тӯрпарда паҳн шуда метавонад. Ба оқибатҳои ретинопатияи диабетии пролеферативӣ геморрагияи преретиналӣ, гемофталм, ретиношизис, қабатнокшавии трактсионии шабакияи чашм ва глаукомаи неваскуолярӣ дохил мешаванд. Ин ҳолат ба сустшавии тезиии босира, ҳатто ҳолатҳои маҳрум шудан аз босира оварда мерасонад.

Микроангеопатияи гурдаҳо ба инкишофи нефропатия (аломати Кимелстил - Уилсон) оварда мерасонад. Дар давраи ибтидоии нефропатия он фақат ба воситаи лаборатория аз рӯи албуминурия муайян мешавад. Ин давраи қаблигурдавии нефропатия мебошад. Дар давраи дуюми нефротӣ (бемориии гурда) протеинурия, камшавии функсияи консентратсионии гурдаҳо, мавҷудияти гипоизостенурия, варамҳо, гипопретеинемия, гиперхолес –теренемия, баландшавии

фишори хун мушоҳида мешавад. Дар марҳилаи сеюми нефросклеротӣ, норасогии музмини гурдаҳо (варам, баландшавии фишори шараёнӣ, гипоизостэнурия, силиндрурия, эритроситурия, креатинемия, баландшавии мочевинаи хун) бо инкишофи азотемия ва пучалак шудани сохтори гурда инкишоф меёбад. Макроангеопатия ҳангоми диабети қанд дар намудҳои зерин вомехӯрад:

1. Атеросклероз; 2. Склерози калтсийшавии Минкеберг; 3. Склерози диффузии пардаи дохилӣ.

Ин шакл дар артерияҳои дил мағзи сар, гурда ва артерияҳои дасту пой вомехӯрад. Тағйиротҳои атеросклерозӣ дар артерияҳое, ки бемории диабети қанд надоранд ҳам дида мешаванд, вале ин тағйиротҳо зудтар, барвақттар дар беморони диабет дида мешаванд. Дар клиника ин бо он зоҳир мегардад, ки дар беморони диабети қанд, махсусан намуди 2, инфакт, инсулин норасогии дил ду маротиба зиёд инкишоф меёбад, ки бо инкишофи пурхурӯҷи атеросклерози мавҷуд буда асоснок карда мешавад. Нейропатия ҳангоми диабети қанд ҳамчун натиҷаи гипергликемияи музмини дарозмуддат инкишоф меёбад. Якчанд назарияҳо пешниҳод карда шудаанд, ки патогенези полинейропатияи диабетиро шарҳ медиҳанд.

Назарияи ҷамъшавии сорбитол -яъне ҳангоми гипергликемия глюкоза ба сорбитал конверсия мешавад. Вай тағйир ёфта аз мембранаи ҳуҷайра ҷудо шуда, дар ҳуҷайра ҷамъ мешавад, ки ин боиси гиперосмолярнокии дохилиҳуҷайравӣ мегардад. Он ба дохилшавии моеъ ба асаб мусоидат намуда, боиси дегенератсия ва димиелинизатсия мегардад. Назарияи дуюм - назарияи миоинозитол мебошад. Вайроншавии мубодила дар бофтаи асаб, ки ҳангоми диабети қанд дида мешавад ба пастшавии фурӯбарии миоинозитол, фурӯ нишастани фаъолнокии Na-K-АТФаза якҷоя шуда, боиси боздоштшавии натрий, варамиҳо, варам кардани миелин, вайроншавии пайвастагиҳои иртиботии аксонҳо ва дегенератсияи бофтаҳои асаб мегардад.

Ба таври клиникӣ нейропатия бо парастезия, эҳсоси дарди дар чанбари боло ва поён, пастшавии ҳассосияти дард, вибратсионӣ, ҳароратӣ, тактилӣ, рагкашии мушакҳо зоҳир мегардад. Шакли вегетативии (вистсералӣ) нейропатияи диабетиро ҷудо менамоянд. Вай дар шакли вайроншавии системаи дилу рагҳо (сактаи бедарди миокард, гипотонияи ортостатикӣ вайроншавии набзи дил, таҳикардия дар ҳолати оромӣ), вайроншавии функсияи системаи таносул ва шоша, функсияи рӯдаю меъда (атонияи меъда, талхадон, дискенезияи роҳи сурхрӯда, носозгории рӯдаи борик ва ғафс, дарунравӣ, энтеропатия, гоҳо синдроми шикамии дард) зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, гипогликемияи беаломат, вайроншавии танзими ҳарорат, лоғаршавии афзоишёбанда инкишоф ёфта метавонад.

Адабиёт:

1. Ахмедова Т. М., Алиева Р. Я., Комилова М. Я., Ятимова Р. М. Сахарный диабет и беременность. // Здравоохранение Таджикистана. №1, 2018. – Саҳ. 73-81.
2. Ганиев Х. С., Шокиров Ю. А. Анемический синдром у боьных с диабетической нефропатией в различных климато-географических регионах. // Вестник Академии медицинских наук. №4 (24), 2017. – Саҳ. 92-96.
3. Здоровье населения и деятельность лечебных учреждений в 20015 году. Ежегодный статистический справочник. – Душанбе: 2016. – 100 с.
4. Львова Н. Л., Лущинская С. И. Анализ показателей инвалидности вследствие сахарного диабета в Республике Беларусь. // Медицинские новости // «Научные исследования». №6, 2018. – Саҳ. 76-80.
5. Худорожкова О. М., Смирнова Е. Н. Анализ заболеваемости и распространенности сахарного диабета I-го типа у детей и подростков в Пермском крае. //Медицинский альманах. №3 (54), 2018. – Саҳ. 27-30.
6. Юсупова Ш. Ю., Набиев М. Х., Зокиров Р. А. Распространённость осложненных форм синдрома диабетической стопы в Республике Таджикистан //Вестник Авиценны. №4, 2015. – Саҳ. 13-18.

Калидвожаҳо: *диабети қанд, инсулин, беморӣ, гурдаҳо, рӯдаю медаъ, варам ва ғайра.*

Аннотация

ДИАБЕТ КЛИНИЧЕСКОГО ТИПА 1 И 2

В статье даётся сведения о диабет клинического типа 1 и 2. Диабет-это группа метаболических заболеваний (обмен веществ), которая характеризуется повышением сахара в крови, вследствие относительной или абсолютной эрекции инсулина. В результате изменения обменных курсов в садике происходит нарушение сердечно-сосудистой функции и нервных волокон. В статье также представлена информация о изменения вен который характеризуются не только их расширением, но и неравенством калибра, тяговыми движениями, с формирующимся типом, упаковкой, образованием колец.

Ключевые слова: *диабет, инсулин, болезнь, почек, желудочно-кишечного тракта, отеки и так далее.*

Annotation

DIABETES CLINICAL TYPES 1 AND 2

The article provides information about diabetes of clinical type 1 and 2. Diabetes is a group of metabolic diseases (metabolism), which is characterized by an increase in blood sugar due to relative or absolute insulin erection. As a result of changes in exchange rates in kindergarten, there is a violation of cardiovascular function and nerve fibers. The article also provides information about changes in veins, which are characterized not only by their expansion, but also by the inequality of caliber, traction movements, with the forming type, packing, ring formation.

Keywords: *diabetes, insulin, disease, kidney, gastrointestinal, edema and so on.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Одиназода Ҳабибулло Назаралӣ, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Тел.: +992 900011401; +992 907588330

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М. М.

Сведения об автора: Одиназода Хабибулло Назарали, магистрант втарого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Тел.: +992 900011401; +992 907588330

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М. М.

About the author: Odinazoda Khabibullo Nazarali, 2st year master of biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specializing in biology 1 - 02 04 01. Tel.: +992 900011401; +992 907588330

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M. M.

Маҷидов Хушвахт Гурезович,
магистранти соли дуюми факултети география

ДАВЛАТҲОИ ИСТИФОДАБАРАНДАИ ОБ АЗ ҲАВЗАИ ДАРЁИ ИСФАРА

Муносибатҳои байналмилалӣ оби байни Қирғизистон Тоҷикистон аз рӯи кодекси оби миллӣ дигар санадҳо ҳукуми байналмималии ҳуқуқӣ, аз ҷониби ин давлатҳо эътироф шудааст, ба танзим дароварда мешавад. Дар сатҳи байналмилалӣ ҳукуматҳои Қирғизистону Тоҷикистон на як маротиба изҳор намудаанд, ки захираҳои бойи обию энергетикӣ мақсаднок барои манфиати мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо роҳи ҳамкориҳо оиди аз худкунии онҳо истифода бурда мешаванд. Инчунин ба воситаи институтҳои ТДМ, ташкилотҳои байналхалқӣ, ғайридавлатии форумҳо, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо дар сатҳи гуногун бахшида ба праблемаҳои обӣ Қирғизистон ва Тоҷикистон барои беҳтар кардани обтаъминкунии аҳолӣ истифодаи самараноки сарфакоронаи захираҳои обӣ пасткунии хатари офатҳои обӣ, ҳамкориҳои байни давлатӣ оид ба истифодаи иқтидори обию энергетикии ҳарду давлат мебошад. Иқдомҳои дар ҷаҳон машҳури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани соли 2003 соли Байналмиллалии оби тоза эълон намудани солҳои 2005-2015 «Даҳсолаи Байналмиллалии амалиёти об барои ҳаёт» мебошад. Ин имконият дод, ки диққати аҳли ҷомеъаи ҷаҳон барои праблемаҳои мушкилшудаи шиддатнок ҷоиб намоянд.

Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон дар нақшаи минтақавӣ мамлакатҳои болооби дарё мебошад, дар ин ҷо манфиатҳои ҳарду ҷумҳурӣ мувофиқат кунанд, лекин аз дигар самт дар ҳавзаи дарёи Исфара Тоҷикистон ва Узбекистон давлатҳои маҷрои миёнаю поёни аммо мамлакати Қирғизистон ҳамчун болооб ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои обии байни ҷумҳуриҳо дар сатҳи ҳамсоягӣ лек ҳамкориҳо инкишоф меёбад, обҷудокунӣ дар ҳавзаи дарёи Исфара аз рӯи суратҷаласа аз соли 1982 ин аз ҷониби Вазорати хоҷагии обӣ СССР тасдиқ шудааст, амалӣ мегардад. Вале сарчашмаи ҳозираи замини комплекси байни ҷумҳуриҳо, ки мутобиқаҳои обиро дар ҳавзаи дарёи Исфара бо танзим медарорад мавҷуд нест.

Дар давоми 10 соли кории комиссияи муштаракӣ байни ҳукумати оиди дида баромадани масъалаҳои дуҷониба, намояндагони Шӯрои бехатари ду мамлакат. Вазорати корҳои хориҷӣ вомехӯранд. Инчунин ҳамкориҳо дар асоси изҳороти якҷояи президентҳои ду мамлакат аз 16 май соли 2008 амалӣ мегардад.

Дар асоси ин изҳорот дар охирҳои моҳи май соли 2008 гурӯҳҳои кории байнисоҳавӣ оид ба дида баромадани масъалаҳои захираҳои обӣ байни Ҷумҳуриҳои Қирғизистон Тоҷикистон ташкил карда шуд. Дар доираи ин гурӯҳи корӣ бо кӯмаки техникаи (МИД-с).

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии федералии Германия CIZ чунин лойҳа амали мегардад: Лойҳаи «Идоракунии захираҳои обии сарҳадгузар дар Осиёи Марказӣ» амалӣ мегардад.

Вазифаи асосии ин лоиҳа тартиб додани кумитаи об комиссияи котиботи дар ҳавзаҳои дарёи саршадгузар Исфара ва Хоҷакирон инчунин коркардӣ» саглашяния между правительствои Кырзызескаи республика правительствои республика Таджикистае о сатрудничество по использованию международных рек Ҷумҳурии Қирғизистону Тоҷикистон оиди ҳамкориҳо дар истифодабарии дарёҳои байналмиллали органҳои милли қонунгузори Қирғизистон ва Тоҷикистон ва сиёсати ҳарду мамлакат ва созишномаҳои байналхалқӣ дар маҷмӯъ ба талаботҳои конвенсиали байналмиллалии об мувофиқад мекунад, ки принсипҳои муносибат давлатҳоро дар ҳавзаи сарҳадгузар муайян мекунад.

Барои мустаҳкамкунии мавқеи энергетикӣ дар сатҳи минтақавию байналмиллалӣ чунин дастурҳо додан мумкин аст:

- Давомдиҳии сиёсати минтақавию байналмиллалӣ оид ба об, ки ба принсипҳои одилонаю баробарҳуқуқӣ ва истифодаи боақлонаи захираҳои обӣ безарарасонӣ ба мамлакатҳои назди соҳилӣ.
- Омӯзиши мақсадноки ҳамроҳшавӣ ба конвенсияи шинохташудаи байналмиллалии об.
- Мустаҳкамкунии базаи итилоотию аналитики оиди таъминоти саривақти хабарҳо.
- Мустаҳкамкунии базаи иқтисодӣ ва баландбардории фаъолияти инситутҳои захираҳои обӣ ва баландбардории такмили ихтисоси он.
- Барқароркунӣ ва тараққӣ додани инфраструктураи обӣ баланбардории самаранокии обистифодаи дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ.
- Омӯзиши ва ба нақшагирии лойҳаҳои перспективии хоҷагии обдори характери миллӣ, минтақавӣ ва байналмиллӣ.
- Андешидани чорабиниҳои самаранокӣ ва иқдомҳои оид ба мустаҳкамкунии хамкориҳои обӣ энергетикӣ ба мамлакатҳои минтақа.

Таърихи инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об.

Таърихи муносибатҳои обии байнидавлатии Қирғизистон ва Тоҷикистон дар натиҷаи азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияи Исфараю Баткент ва Конибодом ва инчунин азхудкунии водии Фарғонаи ҷумҳурии Ӯзбекистон инкишоф ёфт. Асосан барои одилона тақсим шудани об аз ҷониби органҳои хоҷагии обӣ ду мамлакат дар ҳолати лозимӣ намояндаи Ӯзбекистон бо иштироки

намояндагони собиқ Вазоратҳои хоҷагии обӣ Иттиҳоди Шуравӣ вохӯриҳо гузарониданд ва масъалаҳои обтақсимкунӣ, идоракунии якҷояи обиятҳои обӣ, ки хусусияти сарҳадгузар доранд баррасӣ шудаанд. Дар чунин вохӯриҳо суратҷаласаҳои дуҷонибаю сеҷониба тартиб дода шуд, ки дар сатҳи Вазорати хоҷагии оби СССР тасдиқ карда мешуд.

Дар сатҳи минтақавӣ 18-феврали соли 1992 дар шаҳри Алмато созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистону Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии якҷояистифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои оби сарчашмаашон байналмиллалӣ» ба имзо расид.

Дар ин созишнома тарафҳо, структураи мавҷударо принсипҳои тақсимот захираҳои обиро вобаста аз ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда оиди тақсимоти об аз сарчашмаҳои байнидавлатии он ба мувофиқа расониданд. Чунон, ки дар моддаи 2 «Тарафҳои ба мувофиқ омада вазифадоранд, ки тартиботи муайяншударо таъин намуд қоидаҳои истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обиро ҳатман риоя намоянд.

Адабиёт:

1. Аналитический обзор «Состояние и перспективы интегрированного управления водными ресурсами в Республике Таджикистан». Проект ЕС-ПРООН (2009 – 2012) «Содействие интегрированному управлению водными ресурсами и трансграничному диалогу в Центральной Азии», 2011. – 110 с.
2. Муртазаев, У.И. Методические рекомендации по рациональному использованию, управлению природными комплексами водохранилищ Таджикистана и их охране. / У.И. Муртазаев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 96 с.
3. Муртазаев, У.И. Особенности развития природы малых водохранилищ в аридных условиях (на примере Таджикистана): дис.... канд. геогр. наук. / У.И. Муртазаев/ – Минск: ЦНИИ Комплексного использования водных ресурсов, 1986. – 248 с.

Калидвожаҳо: *антропогенӣ, проблемаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, соҳил, дарё, система, об, обёрӣ, кишт, аҳолӣ, канал, ҳавза.*

Аннотация

СТРАНЫ – ВОДОПОЛЬЗОВАТЕЛИ БАССЕЙНА РЕКИ ИСФАРА

В своей статье автор использует речную воду для обеспечения людей питьевой водой, для орошения пашни, промышленности и так далее. Из-за относительно высокой плотности населения и отсутствия оросительной техники ощущается нехватка воды. Использование поливной воды обычно начинается в третьей декаде апреля, а окончательное значение - в апреле и августе. Автор также считает в своей статье, что водоснабжение и канализация в Исфаре находится в ведении ГУП «Жилищно-коммунальное хозяйство» Исфары, находящегося в ведении ГУП «Жилищно-коммунальное хозяйство» области. Для обеспечения чистой питьевой водой в Исфаринском районе есть баланс группы защиты «Молдон», предприятия по ремонту мусора и группы защиты «Гумбази».

Ключевые слова: *антропогенные, местные и региональные проблемы, берег, река, система, вода, орошение, сельское хозяйство, население, канал, бассейн.*

Annotation

WATER- USING COUNTRIES OF THE ISFARA RIVER BASIN

In his article, the author uses river water to provide people with drinking water, for irrigation of arable land, industry, and so on. Due to the relatively high population density and the lack of irrigation equipment, there is a shortage of water. The use of irrigation water usually begins in the third decade of April, and the final value is in April and August. The author also considers in his article that water supply and sewerage in Isfara is under the jurisdiction of the State Unitary Enterprise "Housing and Communal Services" of Isfara, which is under the jurisdiction of the State Unitary Enterprise "Housing and Communal Services" of the region. To provide clean drinking water in the Isfara region there is a balance of the Moldon protection group, the garbage repair company and the Gumbazi protection group.

Keywords: *anthropogenic, local and regional problems, coast, river, system, water, irrigation, agriculture, population, canal, basin.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҷидов Хушвахт Гурезович, магистранти соли дуюми факултети географияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 985078757

Роҳбари илмӣ: Рауфов Р.

Сведения об авторе: Мачидов Хушвахт Гурезович, магистрант второго курса географического факультета Таджикский Государсвеный Педагогический Унииверситет имени Садриддина Айни. Телефон: +992 985078757

Научный руководитель: Рауфов Р.

About the author: Majidov Khushvakht Gurezovich, first-year master of the faculty Geography of TSPU named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 985078757

Scientific director: Raufov R.

Саидов Хуршед,
магистранти соли якуми факултети география

ОБАНБОРҲО - ТАНЗИМКУНИИ РЕҶАИ ҶАРАЁНИ ОБИ ДАРЁҲО (ДАР МИСОЛИ ҶАНУБУ ҒАРБИИ ТОҶИКИСТОН)

Проблемаҳои обистифодабариро дар секторҳои иқтисодиёт тадқиқ намуда, қайд кардан лозим аст, ки истеъмолкунандаи асосии об ин обёрии заминҳои кишоварзӣ мебошад, ки ҳиссаи он дар солҳои гуногун аз 84 то 94% (аз рӯи дигар маълумотҳо 83-92%) [2, 24] аз ҳаҷми умумии оби истифодашуда ташкил мекунад.

Экспертҳои СММ (ООН) тахмин намудаанд, ки ислоҳоти давом кардаистодаи соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба он оварда мерасонад, ки миқдори истифодабарандагони об зиёд мешавад, чунки бисёре аз онҳо ба Ассосиатсияҳои обистифодабарандагон мутаҳид нестнад. (АОИ) Дар асоси 600 колхозҳо ва совхозҳое, ки соли 2015 ислоҳот дароварда шуданд, зиёда аз 130 ҳазор иттиҳодияҳои деҳқонӣ, фермерҳо ва дигар иттиҳодияҳои кишоварзӣ, 196 адад (АОИ) бунёд карда шуданд. Шумораи умумии обистифодабарандагон, ки обро истифода мебаранд, аз рӯи шартнома 5518 ададро ташкил медиҳад, ки куллан нокифоя аст.

Ҳалли ин проблема имконият медиҳад, ки дар ҳама ҳудуди кишвар АОИ ташкил карда шаванд. Ташхиси маълумотҳои бойгонӣ оид ба истифодабарии об дар секторҳои иқтисодиёт, дар 10 соли охир аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурати ташакулёбии системаи мониторинг, баҳисобгирӣ ва дар маҷмуъ ҳамаи систмеаи иттилоотии захираҳои обӣ пайдо шудааст [1, 55].

Самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои обии обанборҳои қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон дар навбати аввал бо проблемаҳои обистифодабарӣ ва идоракунии захираҳои обӣ алоқаманд аст. Самаранокии кори иншоотҳои гидротехникӣ ба ҳавзҳои танзимкунанда, ки ба он мо обанборро дохил мекунем, ғайриимкон аст. Ҳаҷми онҳо андозаҳои қаламрави минтақаро ба тартиб медарорад, ки дар он обёрии худҷараёни ором имкон шуда, метавонад барои мисол, ҳаҷми фоиданоки обанбори Норак бо 4,5 км³ имконият медиҳад, ки то 321 ҳаз. га. заминҳои кишти пахта обёрӣ карда шаванд.

Роли асосиро дар таъмини соҳаҳои иқтисодиёт бо об захираҳои обӣ обанборҳо мебозанд ва тавоноии асосӣ ба ҳисоб мераванд. Обанборҳо миқдори зарурии обро дар худ захира намуда, барои истифодабарӣ дар оянда онро тақсим мекунанд. Истифодабарии обанборҳои минтанқаи ҷанубу ғарбии Тоҷикистон дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба чунин тарз мебошад. Ҷадвали 1.

Истифодабарии оби обанборҳои минтақаи ҷанубу ғарбии Тоҷикистон, млн.м³

Номи обанборҳо	***Ҳамагӣ***	***Обёришаванда***	***Гидроэнергетикӣ***	***Бо обтаъминкунӣ***
Норак	20343	181,0	20025	14,0
Сарбанд	19012	155,8	18568	31,5
Бойғозӣ	20052	773,8	9016	0,6
Муъминобод	28,9	28,9	-	-
Селбур	24,3	24,3	-	-
Сангтуда-1	20343	-	20343	-

Аз ҷадвлаи 1 дида мешавад, ки дар давраи ҳозира самти асосии истифодабарии обанборҳои минтақаи ҷанубу ғарбӣ ин энергетика мебошад, вале баъзе обанборҳо ба мисли Сангтуда-1 танҳо барои гидроэнергетика махсус гардонида шудааст.

Аз дигар ҷониб, чунончӣ дар боло қайд гардид, бисёр обанборҳо ба таври комплексӣ истифода мешаванд ва ба ғайр аз вазифаҳои энергетикиро ҳал намудан, боз як қатор проблемаҳоро оид ба таъмин намудани хоҷагии халқ бо об ва обёрии заминҳои ташналаб низ истифода бурда мешаванд.

Чунончӣ, аз маълумотҳои дар боло овардашуда бар меояд, об ба ҳиссаи обёрии заминҳо наздикии 90 % ҳаҷми обтаъминкунӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Шабакаҳои обёрии Тоҷикистон ба 743,6 ҳаз. га. замин хизмат мерасонад, ки аз он наздикии 300 ҳаз. га. дар минтақаи обёрии мошинӣ қарор дорад.

Дар бораи таъсир ва аҳамияти обанборҳои қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ба раванди обёрӣ ва мелиоратсияи ҳудуди минтақаи нишондодашуда қайд кардан лозим аст, ки соли 1955 ба кор даровардани обанборҳои хурд, заминҳои кишоварзӣ дар минтақаи ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 % - ҳудуди ин минтақаро ташкил медод. Ба ҳисоби миёна дар ноҳияҳои Тоҷикистон чунин намуд ҳудуд 31,4 % - ро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр ба минтақаҳои ҷанубу ғарбии ҷумҳурӣ 16 % заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии ҷумҳурӣ рост

меояд. Баъди истифода додани обанборҳои Муъминобод, Селбур ва Сарбанд дар солҳои 60 - уми асри гузашта, зиёдшавии заминҳои кишт ва обёришаванда ба вуҷуд омад, ки дар солҳои 80 - ум ба зиёдшавии майдонҳои кишти зироати пахта ва ғундоштани ҳосили баланди пахта оварда расонид. Танҳо дар минтақаи истифодабарии обёрӣ аз ҳисоби оби обанбори Селбур дар хоҷагиҳои пахтакори ин хоҷагиҳои гирду атроф баландшавии ҳосилнокии пахта дар 20 соли охир наздики 80 % - ро ташкил дод [2, 59].

Ҳадафҳои асосии стратегиро дар хоҷагии қишлоқ дида қайд кардан лозим аст, ки баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии ҷуҳурӣ бо маводи озуқа ва пайиҳам зиёд намудани иқтидори содироти он аз ҳисоби кишти зироатҳои даромаднокиаш зиёд, ки ба хориҷи кишвар содирот мешаванд, маҳсулоти коркардашудаи зироатҳои кишоварзӣ, андешидани чораҳои зарурӣ оид ба таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ то солҳои 2010 - 2025 бо маводи озуқа ва ашёи хом дар ҳаҷми на камтар аз меъёрҳои муайяншуда. Ҳангоми рушди заминҳои обёрӣ бо истифодабарии оби обанборҳои хурд дар вилояти Хатлон дар давраи то соли 2025 ва нигоҳдории вусъати мавҷудбудаи азхудкунии заминҳои нав ҳолате, ки аз рӯи ҳисобҳои экспертҳо чунин тарз метобад. (ҷадвлаи 2).

С о л ҳ о				
2005	2010	2015	2020	2025
329,09	337,77	346,62	355,47	364,32

Ҳамин протсессро метавонем дар намуди диаграмма нишон диҳем.



Диаграмаи №1. Азхудкунии перспективии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон, ҳазор, га [3, 66].

Ҳамин тавр дидан мумкин аст, ки ҳангоми нигоҳдории суръати ҳозиразамони обёрии заминҳо то соли 2015 масоҳати онҳо ба 17,53 ҳаз. га. зиёд мешавад, аммо то соли 2025 34,35 ҳаз. га. дар муқоиса то соли 2005 зиёд мешавад. Дар ин ҳолат ин имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гашта, имконият медиҳад, ки таъминоти озуқавории мамлакат беҳтар карда шавад.

Пас сохтани як катор силсиланеругоҳҳоидигарро дар дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшан ва дигар дарёҳо давом додан лозим аст. НОБ - и Роғун дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар институти «Ташгидропроект») дар шаҳри Ташкент бо иштироки олимони намоёни Иттиҳоди Шуравӣ бо розигии роҳбарони вазоратҳои оби Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ лоиҳакашӣ шуда, барои таъмини оби ҷумҳуриҳои дар ҳавзаи Амударё ҷойирифта нигаронида шуда буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як имконияти калони истифодабарии дубораи обҳои дарёҳоро дорад, сохтани нерӯгоҳҳои обии барқии гидроакумлятсионӣ (НОБГ). Коршиносон медонанд, ки қувваи барқ шабона фаровон мебошад, истифода бурдан ё дар ҷое захира кардани он ғайри имкон аст ва нерӯи барқи зиёдатӣ дар ноқилҳо гашта, ба энергияи гармӣ мубадал шуда, ба ҳаво беҳуда меравад. Ана ҳамин неруро бояд истифода бурд. Неругоҳҳои обғундор (гидроакумлятсионӣ) рузона қувваи ҳосил мекунаду шабона бошад, ҳамчун обкашак (нассос) кор мекунанд. Дар ду тарафи дарёҳо ҳазорҳо сойҳо вуҷуд доранд, ки онҳоро бо маблағи

камтарин ба обанборҳои табиӣ табдил дода, шабона бо воситаи насосҳо бо об пур карда, рӯзона аз ин оби захирашуда истифода бурда, қувваи барқ истеҳсол кардан мумкин аст. Дар НОБ - ҳои обғундор худи параҳои гидроагреат ҳам дар режими обкашак ва ҳам дар режими гидроагрегат кор карданашон мумкин аст. Мо фақат самти даврзании онро дигар карданамон лозим аст. Дар хулосаи сухан гуфтанием, ки сохтмони нерӯгоҳҳои обғундор боз иқтидори гидроэнергитикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз зиёд мегардонад.

Адабиёт:

1. Аналитический обзор «Состояние и перспективы интегрированного управления водными ресурсами в Республике Таджикистан». Проект ЕС-ПРООН (2009 – 2012) «Содействие интегрированному управлению водными ресурсами и трансграничному диалогу в Центральной Азии», 2011. – 110 с.
2. Муртазаев, У.И. Методические рекомендации по рациональному использованию, управлению природными комплексами водохранилищ Таджикистана и их охране. / У.И. Муртазаев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 96 с.
3. Муртазаев, У.И. Особенности развития природы малых водохранилищ в аридных условиях (на примере Таджикистана): дис.... канд. геогр. наук. / У.И. Муртазаев/ – Минск: ЦНИИ Комплексного использования водных ресурсов, 1986. – 248 с.

Калидвожаҳо: *Кӯл, дарё, масоҳат, сел, ярч, сарбанд, заминҷунбӣ, санг, эрозия, об, канал, филтратсия, чашма.*

Аннотация

РОЛЬ ВОДОХРАНИЛИЩА В РЕГУЛИРОВАНИИ РЕЧНОГО СТОКА В ЮГО-ЗАПАДНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье автор приводит много информации об особых гидроэнергетических ресурсах юго-западного региона Таджикистана, в частности об использовании водных ресурсов на пахотных землях региона и его нижнем течении. Таким образом, автор предоставляет информацию и оценку для экономической оценки географии развития гидроэнергетики региона и ее вклада в развитие национальной экономики. Автор также предоставляет информацию о перспективах развития гидроэнергетики на юго-западе Таджикистана и перспективах экономического развития страны.

Ключевые слова: *Озеро, река, местность, сель, оползень, плотина, землетрясение, скала, эрозия, вода, канал, фильтрация, родник.*

Annotation

ROLE OF RESERVOIR IN THE REGULATION OF RIVER RUNOFF IN SOUTHWESTERN TAJIKISTAN

In this article, the author provides a lot of information about the special hydropower resources of the southwestern region of Tajikistan, in particular about the use of water resources on the arable lands of the region and its lower reaches. Thus, the author provides information and assessment for an economic assessment of the geography of hydropower development in the region and its contribution to the development of the national economy. The author also provides information on the prospects for the development of hydropower in the south-west of Tajikistan and the prospects for the country's economic development.

Keywords: *Lake, river, terrain, mudflow, landslide, dam, earthquake, rock, erosion, water, canal, filtration, spring.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Хуршед, магистранти соли якуми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 985231852

Роҳбари илмӣ: Рауфов Раҳматуло Неъматович

Сведения об авторе: Саидов Хуршед, магистрант первого курса географического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни. Телефон: +992 985231852

Научный руководитель: Рауфов Рахматулло Нематович

About the author: Saidov Khurshed, first-year undergraduate student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Phone: +992985231852

Scientific adviser: Raufov Rakhmatullo Nematovich

Ғафуров Самариддин,
магистранти соли дуюми факултети география

ОРОГРАФИЯ - ОМИЛИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ЯХБАНДИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон мулки кӯҳистон буда, зиёда аз 93%-и қаламрави он аз кӯҳҳо иборат аст. Дар ин кӯҳҳо ҳоло ҳам равандҳои тектогенӣ тамом нашуда, ҳаракатҳои кӯҳпайдошавӣ идома доранд. Дар натиҷаи заминҷунбӣ ва лағжишҳо ҳар сари вақт рӯй дода меистанд, ки мислашон заминҷунбиҳои Қаратоғ (1941), Ҳоит (1949), лағжиши Усой ва ғайраҳо мебошанд. Дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон майдонҳои зиёди пиряхӣ мавҷуданд, ки мафҳуми фаъолияти якҷояи омилҳои орографӣ ва иқлимианд.

Барои Ҳисору Олой ва Помири Ғарбӣ қуллаҳои баланди кӯҳӣ ва дараҳои чуқур характерноканд. Қаторкӯҳҳо асосан 6000 - 7000м баландӣ дошта, бо водиҳои 3000 - 4000м баландидошта, аз якдигар чудо карда мешаванд. Водиҳои асосӣ дар навбати худ аз шохаҳои нисбатан хурди чапу рост иборат буда, дар қаъри онҳо низ дарёҳо равонанд. Одатан қисми болоии чунин водиҳо низ бо пиряхҳо пӯшида шудаанд. Дар ин ҷо нишонаҳои релефи экзаратсионии (вайронкунӣ) яхбандии қадимаро дидан мумкин аст, ки нисбати ҳозира бузургтар буд. Фаъолияти баланди кӯҳпайдошавӣ, гузариши ҷараёнҳои денудатсионӣ (пиряхӣ, тарма, сел) сабаби он мегардад. Ҷинсҳои зиёди кӯҳӣ ба поён оварда шуда, дар натиҷа дар доманакӯҳҳо ҳамвориҳои такшонӣ пайдо мешаванд. Дар ин ҳамвориҳо маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир мебошанд.

Помири Шарқӣ, баръакси Ҳисору Олой ва Помири Ғарбӣ, паҳнкӯҳи баландбардоштае мебошад, ки дорои водиҳои васеи на он қадар чуқур аст. Қаторкӯҳҳои баланд нисбати водиҳо ҳамагӣ 600-800м, баъзан 1000м баландӣ доранду халос. Мавҷудияти қаторкӯҳҳои меридионалӣ сабаби он мегарданд, ки онҳо бодҳои намноки ғарбиро ба Помири Шарқӣ гузаштан намемонанд. Тавассути ин иқлими Помири Шарқӣ хушк, континенталии сахт ва дорои ҳарорати пасти ҳаво мебошад [3].

Аз ин лиҳоз, ба баландиҳои зиёди ин қаторкӯҳҳо 4800-6200 м нигоҳ накарда, ин ҷо шароит барои пайдоишу инкишофи пиряхҳо мувофиқ нест.

Ҳоло тавсифи мухтасари хусусиятҳои орографӣ ва майдонҳои пиряхҳои қаторкӯҳҳои калонтарини Тоҷикистонро пешкаши хонанда менамоем.

Дар қисми шимолии қаламрав яхбандии ҳозиразамони ҷумҳурӣ дар системаи кӯҳии Ҳисору Олой бо қаторкӯҳҳои Ҳисор, Зарафшон, Туркистон ва Олой ҷойгир мебошад. Ин қаторкӯҳҳо ба тарзи арзӣ кашол ёфта, водиҳои Фарғонаро дар шимол, Сурхобу Вахшу Ҳисорро дар ҷануб ва Зарафшонро дар марказ аз якдигар ҷудо мекунанд [7].



Харитаи ҷойгиршавии пиряхҳои Тоҷикистон

Кӯҳҳои Олой нисбати дигарҳо баланд ҷойгир шуда (баландии миёна 5300-5800м), майдони пиряхҳои нишебиҳои ҷанубии қисми ғарбиаш, ки дар ҳавзаи Сурхоб ҷойгиранд, ба 210.1 км мураббаъ баробар аст.

Аз гирехи кӯҳии Мастчоҳ ба ғарб қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон кашол меёбанд. Баландии қаторкӯҳи Туркистон дар қисми шарқӣ 5300 м буда, ба ғарб оҳиста –оҳиста паст шуда меравад. Дар нишебиҳои кӯҳ ҳамагӣ 317.9 км мураббаъ майдони ях мавҷуд буда, аз онҳо шохобҳои рости дарёи Зарафшон об мегиранд.

Қаторкӯҳи Зарафшон дар қисми шарқӣ 5016 м ва анбӯҳи Чимтарға 5494 м баландӣ дошта, майдони умумии пиряхҳо 312.5 км мураббаъро ташкил медиҳанд. Аз ин нишондиҳанда 217,7 км мураббаъ ба ҳавзаи дарёи Зарафшон ва 94.8 км мураббаъ ба ҳавзаи дарёи Сурхоб тааллуқ дорад.[7]

Гирехи асосии яхбандии ҳозиразамони Ҳисору Олой дар ҷойи ба якдигар пайвастшавии қаторкӯҳҳои Туркистону Зарафшон мебошад. Ин ҷо пиряхи аз ҳама калони водии Зарафшон бо майдони умумии 38,7 км мураббаъ ҷойгир аст. Водии дарё, ки ба тарафи ғарб кушода шудааст, дар қисми болоӣ мисли «халта»- намиро нигоҳ медорад, ки дар натиҷа барфи зиёд борида, сабаби чунин маркази калони яхбандӣ мегардад.

Қаторкӯҳи Ҳисор нисбати Туркистону Зарафшон пасттар мебошад (ба ҳисоби миёна 4000 м) ва ба ин нигоҳ накарда, шароитҳои намнокии қаторқӯҳ хуб аст. Вай майдони назарраси пиряхҳоро дорост (264.5 км мураббаъ). Майдони пиряхии ҳарду нишебӣ қариб якхела буда, дар шимол ба ҳавзаи Зарафшон, дар ҷануб ба Кофарниҳону Варзоб тааллуқ доранд [5].

Дар байни дарёҳҳои Сурхобу Обихингоб қаторкӯҳи Пётри як ҷойгир аст. Қаторкӯҳ дар ғарб 4300 м, дар шарқ 6220 м баландӣ дорад. Майдонҳои асосии ях дар қисми шарқии он ҷойгиранд. Пиряхҳои нишебиҳои шимол дарёи Муқсуро ғанӣ мегардонанд. Пиряхҳои қисми ғарбии он нисбатан хурд буда, ба ҳавзаи Сурхоб тааллуқ доранд. Пиряхҳои нишебиҳои ҷанубӣ сароби дарёҳои водии Обихингоб мебошанд. Майдони умумии пиряхҳо 510 киллометри мураббаъ мебошанд.

Қаторкӯҳи Дарвоз дар қисми шарқӣ обтақсимкунаки байни дарёҳои Обихингоб ва Ванҷ ба ҳисоб рафта, дар қисми ғарбиаш ҳавзаи дарёи Обихингоб ва шохобҳои хурди Панҷро аз ҳамдигар ҷудо менамояд. Қисми баландтарини қаторкӯҳ дар саршавии пиряхи Ҷамъияти географӣ, дар ҷойи баҳамчаспии қаторкӯҳи Дарвоз бо Академияи улум мебошад (6505 м). Аз он ба ғарб то 4500 м паст шуда меравад. Қаторкӯҳи Дарвоз ассиметрӣ буда, нишебиҳои ҷанубӣ кӯтоҳ ва фароз, шимолӣ дароз ва нишеб буда, дарёҳо вайро бурида, ба қисмҳо ҷудо намудаанд. Дар натиҷа, нишебиҳои шимол аз пирях бой буда (260.9 км мураббаъ), ҷануб бошад нисбатан кам- ҳамагӣ 127,4 км мураббаъ майдони ях дорад [7].

Қаторкӯҳи Язғулом нисбатан баландтар аст. Баландии миёнаи он ба самти шарқ аз пиряхи Ракзов 6155 м буда, дар ғарб аз он 5370 м аст. Вай обтақсимкунаки дарёи Бартанг, Язғулом ва Муқсу ба ҳисоб меравад. Майдони умумии яхистонҳои ин қаторкӯҳ 452,3 км мураббаъ мебошад.

Қаторкӯҳи Шоҳдара самти арзӣ дошта, аз пики Маяковский то ағбаи Матс кашол меёбад. Аз ағбаи Матс ба тарафи шарқ қаторкӯҳи Аличури Ҷанубӣ ҷойгир аст. Дар қисми ғарбӣ то ағбаи Вранг қаторкӯҳи Шоҳдара баландии миёнаи 5400 м дорад. Дар қисми шарқӣ баландии миёнаи 5600 м дорад. Майдони умумии пиряхҳо 274,2 км мурраббаъ буда, асосан дар нишебиҳои ҷанубии қисми ғарбӣ ва марказӣ ҷойгиранд (170,9 км мураббаъ) [3].

Вай сарҳади шимолии Помир буда, аз ба ҳам якҷояшавии дарёҳои Қизилсу ва Муқсу сар шуда, ба шарқ аз қаламрави Тоҷикистон ҳам шарқтар кашол меёбад. Бо ду ағба Терсағар ва Қизиларт вай ба се қисм тақсим мешавад. Қисми марказ дарозтарин қисми он буда, 92 км дарозӣ дорад. Баландии он аз 5500 то 7134 м (пики Сино) буда, майдонҳои асосии пиряхии қаторкӯҳ ин ҷо мебошанд. Қисми шарқӣ (нуқтаи баландтаринаш пики Қурумдӣ 6610 м) аз ағбаи Қизиларт то пики Отчайло кашол ёфта, баландии миёнааш қариб 6000 м мебошад. Қисми ғарбиаш аз ағбаи Терсағар то ба ҳампайвандии дарёҳои Қизилсу ва Муқсу кашол ёфта, 5100 м баландии миёна дорад. Майдони умумии пиряхҳо 659,5 км мураббаъ мебошанд [2].

Қаторкӯҳи Академияи илмҳо (баландии миёнааш 5757 м буда, нуқтаи баландтаринаш пики Сомонӣ 7495 м) ба тарзи меридианӣ кашол ёфта, 108 км дарозӣ дорад. Ба ин қаторкӯҳ қаторкӯҳҳои Пётри як, Дарвоз, Ванҷ, Язғулом бо қисмҳои шарқиашон омада мечаспанд, ки дар натиҷа ин ҷо барои ҳаракати бодҳои намнок бо водиҳое, ки ин қаторкӯҳ онҳоро аз якдигар ҷудо мекунанд ва ба боришоти барф шароитҳои хубе пайдо мекунанд.

Дар маркази Помири Шарқӣ кӯҳҳои Музкӯл аз пирях боянд. Обтақсимкунаки асосии вай ба тарзи арзӣ кашол ёфта, баландии миёнааш 5720 м аст. Нуқтаи баландтарини вай пики

Афсарони Шӯравӣ 6233 м баландӣ дорад. Майдони умумии пиряхҳо 228,8 км мураббаъ буда, аз ин миқдор қариб 70% ба нишебии шимолӣ, 30% ба нишебии ҷанубӣ тааллуқ доранд. Сабаби нобаробар тақсимшавии майдонҳои пиряхӣ агар аз як тараф шароитҳои иқлимӣ бошад, аз тарафи дигар шароитҳои орографист, нишебиҳои шимолӣ нисбати нишебиҳои ҷанубӣ васеъ буда, барои инкишофи яхбандӣ шароитҳои хуб доранд. Каме ҷанубтар аз массиви кӯҳии Музкӯл қаторкӯҳи Пшарт бо майдони умумии 6,7 км мураббаъ ях ҷойгир буда, бо пуррагӣ ба ҳавзаи дарёи Мурғоб тааллуқ дорад [4].

Чунин аст тавсифи мухтасари нақшаи орографии Тоҷикистон ва тақсимшавии майдонҳои ях дар онҳо.

Зикр бояд кард, ки майдонҳои зиёди пиряхҳо дар атрофи қуллаҳои бузурги Помир ҷойгир шудаанд. Ин қуллаҳо дар минтақаҳои хело ҳам мувофиқ ҷойгир шуда, новобаста ба дурии қаторкӯҳҳо аз бодҳои намнок миқдори зиёди барфро гирифта, бо ҳамин дар атрофи худашон майдонҳои зиёди пиряхҳоро нигоҳ медоранд.

Ҷадвали 1. **Гирехҳои асосии кӯҳию пиряхӣ [1]**

Гирехи кӯҳӣ	***Нуқтаи баландтарин аз сатҳи баҳр(м)***	***Майдонҳои пиряхи, км²***
Инқилоб	6974	465
Ғармо	6595	246
Сино	7134	260
Сомонӣ	7495	245
Масчоҳ	5406	245
Патхор	6080	113
Москва	6780	150
Афсарони Шӯравӣ	6233	97
Карл Маркс	6726	57
Арнавад	6083	33

Масалан, майдони калони фирнӣ дар наздикии қуллаи Исмоили Сомонӣ мебошад, ки қариб 31 километри мураббаъ майдон дорад. Ҳамин тавр, дар пайдоиши майдонҳои калони пиряхӣ баландии мутлақи қаторкӯҳҳо, водиҳои байникӯҳӣ, васеъгӣ, нишебии шохаҳо нақши калон мебозанд.

Адабиёт:

1. Варнакова Г. М., Рототаева О. В., Бассейн реки Обихингоу, 1978. – 110 с.
2. Каталог Ледников СССР. – Ленинград: Гидрометеоиздат, том 14, вып. 3, ч. 1 и 2.
3. Квачов В. И., Санников А. Г., Соколов Л. Н. Бассейн реки Кафернигана, 1930. – 43 с.
4. Коновалова Г. И., Носиров М. А., Шурупов А. Г., Щетинников А. С., Бассейн рекиЗеравшан, 1932. – 121 с.
5. Мусоев З. Бассейн правых притоков реки Пянджа от устья реки Вахша до устья реки Вандж, 1980. с. 3-30.
6. Суслов В. Ф. Система ледника Федченко (бассейн реки Муксу), 1968. – 64 с.
7. Щетинников А. С. Бассейн реки Сурхандарьи, 1969. – с. 37-76

Калидвожаҳо: *қаторкӯҳ, орография, ях, пирях, дарё, релеф, денудатсия, тарма, сел, водӣ, ҳарорат, ҳаво, яхбандӣ, ҳавза, фирн*

Аннотация

ОРОГРАФИЯ - СОВРЕМЕННЫЙ ЛЕДНИКОВЫЙ ФАКТОР В ТАДЖИКИСТАНЕ

Автор в сваей статьей изложил орография - современный ледниковый фактор в Таджикистане. Таджикистан гористый, и более 93% его территории занимают горы. В этих горах тектогенные процессы еще не завершены, и подъемные движения продолжаются. В результате регулярно происходят землетрясения и оползни, такие как землетрясения Каратаг (1941), Хойт (1949), Усойские оползни и другие. В горных районах Таджикистана есть много

ледниковых зон, что является сочетанием орографических и климатических факторов. Поэтому, несмотря на большую высоту этих хребтов, 4800-6200 м, условия здесь не подходят для образования и развития ледников. Вот краткое описание орографических особенностей и ледников крупнейших горных хребтов Таджикистана. В северной части территории современные ледники страны расположены в Гиссарской и Алайской горных системах, вдоль Гиссарского, Зеравшанского, Туркестанского и Алайского хребтов. Эти хребты простираются криволинейно, разделяя Ферганскую долину на севере, Сурхоб, Вахш и Гиссар на юге и Зерафшан в центре.

Ключевые слова: *гребень, орография, лед, ледник, река, рельеф, денудация, лавина, селевой поток, долина, температура, воздух, лед, бассейн, фирн*

Annotation

OROGRAPHY IS A MODERN GLACIAL FACTOR IN TAJIKISTAN

The author in a pile of article outlined orography - the modern glacial factor in Tajikistan. Tajikistan is mountainous, and more than 93% of its territory is mountainous. In these mountains, tectogenic processes have not yet been completed, and uplift movements continue. As a result, earthquakes and landslides occur regularly, such as the earthquakes of Karatag (1941), Hoyt (1949), Usoi landslides and others. There are many glacial zones in the mountainous regions of Tajikistan, which is a combination of orographic and climatic factors. Therefore, despite the high altitude of these ridges, 4800-6200 m, the conditions here are not suitable for the formation and development of glaciers. Here is a brief description of the orographic features and glaciers of the largest mountain ranges in Tajikistan. In the northern part of the territory, modern glaciers of the country are located in the Gissar and Alai mountain systems, along the Gissar, Zeravshan, Turkestan and Alai ranges. These ridges stretch curvilinearly, dividing the Fergana Valley in the north, Surkhob, Vakhsh and Gissar in the south, and Zerafshan in the center.

Keywords*: ridge, orography, ice, glacier, river, relief, denudation, valanche, mudflow, valley, temperature, air, ice, pool, firn.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафуров Самариддин, магистранти соли дуюми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 777003383

Роҳбари илмӣ: Рауфов Р. Н.

Сведения об авторе: Гафуров Самариддин, магистрант второго курса географического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни. Телефон: +992 777003383

Научный руководитель: Рауфов Р. Н.

About the author: Gafurov Samariddin, second year undergraduate student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 777003383

Scientific director: Raufov R. N.

Сулаймонов Азизҷон Махтумкулович,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодии МДТ ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров

ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА ТАҚСИМОТИ НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВӢ

Яке аз хусусиятҳои баҳисобгирии бухгалтерии натиҷаҳои молиявӣ, ин баҳисобгирии қисматии фоидаи (зарарӣ) соли ҳисоботӣ ва истифодабарии он ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷо ташкили нишондиҳандаҳои фоидаи (зарарӣ) давраи ҳисоботӣ ва фоидаи истифодашударо дар назар дорад. Услубҳои мавҷуд будаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотҳо ҷамъбасти онҳоро дар ҳисобҳои ҷамъбасти натиҷаҳоро дар назар доранд, ки дар он натиҷаҳо бо ҷамъи афзуншаванда инъикос кардамешаванд [1, 65].

Барои ҷамъбаст ва истифодаи фоидаи давраи ҳисоботӣ дар нақшаи ҳисобҳои бухгалтерии аз санаи 27-уми майи 2011 таҳти №41 қабул шуда, гурӯҳи ҳисобҳои натиҷавии № 33200 «Фоидаи тақсимношуда» таин шудааст. Ҳисоби мазкур нисбат ба муносибати он ба баланси бухгалтерӣ ҳисоби пассивӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳисоб ҳисоби муқобили буда, фоида ва зарари даврaҳои ҳисоботиро аниқ менамояд. Ҳангоми ба итмомрасии давраи ҳисоботӣ, яъне соли ҳисоботӣ тасҳеҳоти ҳисобҳои натиҷаҳои молиявӣ гузаронида мешавад. Маблағи фоидаи тақсимотшуда ва истифодашуда ба дебети ҳисоби № 33200 «Фоидаи тақсимношуда» ба маблағи камшавии фоида ва ё зиёдшавии зарари давраи ҳисоботӣ аз ҳисоб бароварда мешавад [6, 98].

Дар ҶДММ «Сатн» баҳисобигирии истифода ва тақсимоти фоидаи давраи ҳисоботӣ бе қабул ва истифодаи услуби тавсиявии бухгалтерӣ, яъне барои баҳисобгири дар зерҳисобҳо бурда мешавад. Тақсимоти фоидаи муассиса байни саҳҳомон, фондҳои захиравӣ ва дигар самтҳои асосӣ, ҳангоми ба итмомрасии соли молиявӣ то тартибдиҳии ҳисоботи солонаи бухгалтерӣ гузаронида мешавад. Дар давоми сол ташкилот, метавонад фоидаи дар ихтиёр доштаашро ҳамчун ҳиссаҷудокунии қабли ба фондҳои корхона амалӣ намояд. Дар муҳосиботи корхона тақсимоти фоидаи соли ҳисоботӣ ва инчунин ҳисса ҷудокуниҳои пешпардохтӣ ба фондҳо бо гузориши муҳосибии дебети ҳисоби № 33210 «Фоидаи тақсимношудаи давраи ҳисоботӣ» ва кредити ҳисобҳои № 33300 «Сармояи захиравӣ», ҳисоби №33100 «Сармояи иловагӣ», гурӯҳи ҳисобҳои № 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода» бо зерҳисобҳои мутобиқ дар баҳисобгирӣ инъикос карда шавад. Услуби тақсимоти фоида аз тартиботи гузаронидани он, ки дар сиёсати баҳисобгирии корхона қабул шудааст, вобаста мебошад. Тақсимоти фоидаи ҶДММ «Сатн» дар мутобиқат бо ойиннома ва тавсияҳои қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баҳисобгирии фоидаи ташкилот амалӣ карда мешавад.

Тақсимот ва истифодабарии фоидаи ҶДММ «Сатн» дар се марҳилаи асосӣ, амалӣ гардонида мешавад:

Дар марҳилаи аввал, фоида пас аз пардохти андозҳои аз фоида пардохташаванда, ба афзоишдиҳии воситаҳои гардони худӣ ва пардохти қарзҳои бонкии барои пуркунӣ ва захиракунии воситаҳои гардон гирифташуда, равона карда мешавад.

Дар марҳилаи дуввум, фоидаи боқимондаи ҶДММ «Сатн» байни муассион ва корхона тақсим карда мешавад. Қисми фоидаи мазкурро корхона дар мувофиқа бо соҳибмулкон барои маблағгузориҳои маросимҳои гуногун (кӯмак ба мактабҳо, ҷамъият ва ғайра), ки ба мулкдорон маблағи он ҳисоб карда намешавад, равона карда шуда, маблағи боқимондаи он, барои мадқадҳои дохилии корхона тақсимот карда мешавад.

Дар марҳилаи саввум, тақсимоти фоида ба фондҳои корхона гузаронида мешавад. Фоидаи тақсимшавандаи корхона ба фондҳои дохилии он, бо роҳи ҳисобкунии фоиз муайян карда мешавад.

Зарарҳои аз фаъолияти хоҷагидорӣ гирифташуда, дар корхона аз ҳисоби воситаҳои озоди фондҳои ғуншуда ва фонди истеъмолӣ ва инчунин, аз ҳисоби фоидаи дар солҳои минбаъда гирифташуда, рӯйпуш карда мешавад.

Баҳисобигирии аналитикии тақсимот ва истифодабарии фоида дар китоби № К-39 пеш бурда мешавад. Сабтҳо дар ҳисобҳо дар асоси мемориал-ордерҳои тартибдодашуда, ҳисоббаробаркуниҳои андозӣ, ҳисоббаробаркуниҳои тақсимоти фоида, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тақсимотиву истифодабарии фоида, гузаронида мешавад. Барои қулай

гардидани тартибдиҳии ҳисоботиҳо дар китоби № К-39 ҷамъи маблағҳо дар моҳ ва аз ибтидои сол ҳисоб карда муайянкарда мешавад. Бақия ва гардишҳои ҳисоби № 33210 «Фоидаи тақсимношудаи давраи ҳисоботӣ» ба феҳрасти гардишии барои ҳисобҳои синтетикӣ гузаронида шуда, бо китоби асоси муқоиса карда мешавад.

Мукотиботи ҳисобҳо доир ба баҳисобгирии тақсимот ва истифодабарии фоида дар намуди ҷадвал (ҷадвали 3.), оварда мешавад.

Ҷадвали 3.

Мукотиботи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерии тақсимот ва истифодабарии фоида

Мундариҷаи амалиёт	**Мукотиботи ҳисобҳо**	
	Дебет	**кредит**
Нигоҳдорӣ ва пардохти маблағи андоз аз фоида	33210	22310
Пардохти ҷубронҳои молиявии барои вайронкунии тартиботи пардохти андозҳо аз фоида ба буҷет	33210	22370
Пардохти ҷаримаҳо, фоизҳо барои саривақт пардохт накардаи андоз ба буҷет аз фоида	33210	22370
Ҳисобкунӣ ва ҷудокунии маблағи ҳақуссаҳм	33210	22260
Ҳиссаҷудокунӣ ба фонди захиравӣ	33210	33300

Сарчашма: *Маълумотҳои мухосиботи ҶДММ «Сатн»*

Дар интиҳои соли ҳисоботӣ дар баланс ислоҳоти фоида гузаронида шуда, ҳисоби фоида ва ҳисобҳои мукотиботии он пушида мешаванд. Салдое, ки дар ҳисоби №33200 «Фоидаи тақсимнашуда», боқӣ мемонад, ҳамчун фоидаи тақсимношуда аз соли ҳисоботии гузашта, мукррар карда мешавад. Пас аз ҷамъбаст ва муқарраркунии фоида ва бақияи он, яъне фоидаи тақимношудаи давраи ҳисоботӣ он барои соли ҳисоботии нав, ҳамчун бақияи фоидаи тақсимношуда аз давраи соли гузашта баҳисоб гирифта мешавад. Амалиёт барои ислоҳоти (реформации) фоида дар китоби К-39 карда мешаванд. Дар қисми дебетии китоб амалиётҳо оиди азҳисоббарории фоидаи истифодашуда дар соли ҳисоботӣ дар алоқаманлдӣ бо ҳисобҳои гуногун (33300, 22260 ва ғайра) ва дар қисми кредитии он ҳисобкунии маблағи ҳаргуна фоидаҳо аз фаъолиятҳои амалиётӣ ва ғайри амалиётӣ дар соли ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии баҳисобгирии фоида ва инчунин зарар дар китоби № К-39 аз рӯи фаъолияти хоҷагидории ҳар як соҳа амалӣ карда мешавад. Дар китоби асоси, сабтҳо барои баҳисобгирии синтетикӣ бошанд, дар асоси ордерҳои-мемориалӣ амалӣ карда мешаванд.

Натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилот дар давраи ҳисоботӣ ва инчунин, низоми нишондиҳандаҳои инъикосшавандаи амволӣ ва молиявии ҳолати ташкилот дар санаи ҳисоботӣ, дар ҳисоботҳои бухгалтерие (молиявӣ), ки дар асоси маълумотҳои бухгалтерӣ ташкил шуда, ба худ иттилоотҳои бо нишонаҳои иқтисодӣ муайяншуда, гуруҳбанди карда мешаванд. Баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳамчун манбаи асосии иттилооти муҳосибӣ баҳисоб рафта, оид ба ҳолати амвол ва ӯҳдадории ташкилот барои баҳогузории фаъолияти устувории молиявӣ, фаъолияти назоратии давлатӣ, соҳибмулкон, банкҳо, кредитордиҳандагон ва дигар шахсони ба иттилоот ҳавасманд, баҳогузорӣ карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ» вазифаҳои зерини баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботҳоро муқаррар намудааст:

- ташкили иттилооти пурра ва нопурра оиди фаъолияти корхона ва ҳолати амволии он, даромабҳо ва хароҷотҳои корхонаро фаро мегирад;

- таъминот ҳангоми содиршавии амалиётҳои дохилӣ ва берунии хоҷагидорӣ ба амал омада, оиди мавҷудият ва ҳаракати амвол, ӯҳдадорӣ ва инчунин, оиди истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар мутобиқат бо меъёрҳои тасдиқ гашта ва сметаҳо (харҷномаҳо) амалӣ гардонида мешавад [4].

Нишондиҳандаҳое, ки натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилотро хислат медиҳанд, дар як қатор шаклҳои ҳисоботӣ мавқеъ мегиранд.

Дар қисми пассивии баланси бухгалтерӣ (шакли № 1), фоидаи тақсимношуда бо бузургии мутлақи мусбӣ ва зарари рӯйпушношуда бо бузургии мутлақи манфӣ (-) аз соли ҳисоботии гузашта ва инчунин, бақияи воситаҳо барои фондҳои мақсадноки корхона дар ибтидо ва интиҳои соли ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд.

Агар бо таври умуми ҷамъбаст намуда хулоса намоем, он гоҳ дида метавонем, ки баҳисобгирии фоида дар ҶДММ «Сатн» мувофиқи талаботҳои баҳисобгирии низоми анъанавии ҳисобдорӣ дар мутобиқат бо стандартҳои байналхалқӣ (танҳо ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ) ба роҳ монда шуда, барои ҷамъовари ва коркарду ҷамъбасти иттилоот доир ба фоидаи корхона, аз ҳисоби пассивии №33200 «Фоидаи тақсимношуда» истифода мебарад.

Адабиёт:

1. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: Учеб./ В. И. Стражев, Л. А. Богдановская, О. Ф. Мигун и др.; Под общ. ред. В. И. Стражева. – М.: Выш. школа, 2003. – 480 с.
2. Большой бухгалтерский словарь/Под. ред. А. Н. Азрилияна. – М.: Институт новой экономики, 1999. – 1160 с.
3. Кондраков Н. П. Бухгалтерский учет. – М.: Информационное агентство "ИПБ-БИНФА, 2002. – 441 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 № 702.
5. Раҳмонов А. М., Гулов Т., Турдиев М. Э. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ: дастури таълими- амалӣ. – Душанбе: Ҳочӣ Ҳасан, 2010. – 174 с.
6. Стражева Н. С., Стражев А. В. Бухгалтерский учет. – М.: Книжный дом, 2004. – 229 с.

Калидвожаҳо: *хусусиятҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, молия, захираҳои харочот, пардохтҳои дарпешистода, баҳисобгирии бухгалтерӣ.*

Аннотация

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ УЧЕТА И РАСПРЕДЕЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ

В данной статье рассматриваются особенности использования учета и распределения финансовых результатов. Автор отмечает, что одной из особенностей учета финансовых результатов является частичный учет прибыли (убытка) за отчетный год и ее использование, что подразумевает формирование показателей прибыли (убытка) за отчетный период и использованной прибыли. Существующие методы учета доходов и расходов включают их суммирование в сводный расчет результатов, в котором результаты отражаются с шагом. На основании этого автор анализирует учет использования и распределения прибыли за отчетный период в ООО «Сатн» и определяет его результаты.

Ключевые слова: *особенности бухгалтерского учета, финансовые результаты, расходы, предстоящие платежи, бухгалтерский учет.*

Annotation

FEATURES OF THE USE OF ACCOUNTING AND DISTRIBUTION OF FINANCIAL RESULTS

The author notes that one of the features of accounting for financial results is the partial accounting of profit (loss) for the reporting year and its use, which implies the formation of profit (loss) indicators for the reporting period and used profit. Existing methods of accounting for income and expenses include their summation in the summary calculation of results, in which the results are reflected in increments. Based on this, the author analyzes the accounting for the use and distribution of profits for the reporting period at Satn LLC and determines its results.

Keywords: *accounting features, financial results, expenses, forthcoming payments, accounting.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сулаймонов Азизҷон Махтумкулович, магистранти соли дуюми факултети иқтисодии МДТ ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. Тел.: +992 929834303, почтаи электронӣ: aristokrat250104rb@mail.ru

Роҳбари илмӣ: Сатторова М.

Сведения об автора: Сулаймонов Азизжон Махтумкулович, магистрант второго курса экономического факультета Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Тел.: +992 929834303, e-mail:aristokrat250104rb@mail.ru

Научный руководитель: Сатторова М.

About the author: Sulaymonov Azizjon Makhtumkulovich, second-year undergraduate student of the Faculty of Economics, Khujand State University named after. B. Gafurov. Phone: +992 929834303, e-mail: aristokrat250104rb@mail.ru

Scientific adviser: Sattorova M.

Абдуллоев Давлатмаҳмад,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

ҚОНУНИЯТҲОИ ПАЙДОИШ ВА МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» ба анҷом додани суғуртаи ҳатми ва ихтиёри ихтисос меёбад ва бар асоси иҷозатнома (литсензия)-и Хадамоти давлати назорати суғуртаи назди вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 13 намуди суғуртаи ҳатми ва 15 намуди суғуртаи ихтиёри сурат мегират.

Суғурта дар кишварҳои мутараққи ҷаҳон аз миёни асри XIV (с. 1360-1375) ҷорӣ гардонида, дар Британияи Кабир соли 1760 ва дар Россия соли 1765 арзи ҳастӣ намудааст. Моҳияти асосии он бастани шартнома дар хусуси ҳимоят аз ҳодисаҳои табиӣ ва ногаҳонӣ (сӯхтор ва ғ.) байни заминдорон буд.

Сарфи назар аз ҳар навъ вазъи иқтисодӣ, амлокдорон маблағи муайяни муштарак ҷамъ овардан, дар вақти пеш омадани ҳодисаҳои қобили суғурта ба зарардидагон кӯмаки молӣ мерасониданд. Бо чунин роҳу усул оҳиста-оҳиста суғурта шаклу маънии тозагирифта, дар зиндагии иҷтимоӣ аз ҷойгоҳ ва нақши муҳим бархурдор мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи давлатӣ ҳанӯз соли 1924 дар асоси Қарори Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Мухтри Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, Комиссариати Халқии молияи ҷумҳуриӣ (дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон) таъсис ёфт ва дар сохтори он идораи суғуртаи давлатӣ низ ташкил гардид.

Бо ҳадафи тараққиёти минбаъдаи системаи милли суғурта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-феврали соли 2002 қарори махсусиро таҳти рақами №50 «Дар бораи барномаи миёнамуҳлати тараққиёти системаи миллии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2012» тасвир намуд, ки дар он мавқеи суғурта дар ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ ба шарҳи зерин арзёбӣ шудааст:

«Суғурта чун системаи муҳофизатӣ амволи шаҳрвандон унсури зарурии сохти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа мебошад ва ба мустаҳкам гардидани низоми молиявии давлатӣ таъсири мусбат мерасонад».

Вазорату кумитаҳто, идора ва ташкилоту муассисаҳои кишвар дар пешрафти кори суғуртаи давлатӣ ёрии амалӣ расодида, ҳамкории худро бо «Тоҷиксуғурта» рӯз то рӯз мустаҳкамтар мегардонанд.

Баъди ба тасвиб расонидани қарорҳое, ки зикрашон гузашт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» имконияти васеъ пайдо намуд, то кору фаъолияти худро дар хориҷ аз кишвар низ ба роҳ монад

Натиҷаи КВД «Тоҷиксуғурта» аз бисёр ҷиҳат сазовори дастгирию омӯзиши ширкатҳои хусусию давлатии дигар ҷумҳуриро гардид.

Масалан, ҷорӣ намудани суғуртаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси Миллӣ ва Раиси Мпҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ, вакилони Маҷлиси Олӣ ва чанд намуди дигари суғуртаи давлатӣ боиси таваҷҷуҳ, баррасӣ ва омӯзиши ширкатҳои суғуртаи дигар кишварҳо гардид.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2011. Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» ном гирифт.

Назаре ба моҳияти суғурта

Аз қадимулайём инсон мекушид, то корҳояш муназзам, амволаш аз фасоду хатар эмин бошад, молу амволаш зарар набинад ё ба ивази зиёни расида, арзиши он ҷуброн гардад. Бо таваҷҷуҳ ба ҳадафи, мазкур молу амволашонро дар ҳимояти суғурта (бима) и давлатӣ қарор медонанд.

Маҳфуми суғурта густурда аст ва дар луғат ба маъниҳои хавфу бим аз чизе, пешгирӣ аз хатар, ҳимояи пешакӣ, гирифтани пеши роҳи нохушӣ, эҳтиёткорӣ корбурд дорад.

Соҳибони моликият дар солҳои гузашта байни худ дар мавриди истеҳсолот ва моликияташон, нигоҳдорӣ ё пардохти зарар аз ҳодисаҳои табиию ногаҳонӣ шартнома баста., аз навъи хидмати суғурта истифода мекарданд. Ҷуброни зарарро аз ҳисоби маблағҳои ҷамшуда, ба сурати табиӣ ва ё пули нақд байни худ тақсим мекарданд. Ба тадриҷ таҷрибаи онҳо дар ин замина ва шумори аъзои ин гуна \ҷамъиятҳо зиёд шуда, суғуртаи молу амвол аз ҳодисаҳои нохуш ривоч пайдо кард.

Баъзе ҳодисаҳо ба гунаи ногузир ва гайри кобили пешбинӣ рӯй медиҳанд. Аз ҷумла табиат дорои қонунҳое мебошад, ки дар паи онҳо ҳодисаҳои барои инсон ғолибан ногаҳонӣ)тӯфон, заминларза, сӯхтор, сел, лағжиши тарма ё кӯҳпора ва ётеппа) ва ғайра ба вукуъ мепайванданд. Ҳодисаҳои табиӣ ва ҳар гуна фалокатҳои ногаҳонӣ барои одамон зарари калони моддию маънавӣ оварда барқарор намудани мавзеъҳо ва ашёи осебдида ба ҷуброни хисорот маблағ нерӯ ва вақти зиёдро талаб мекунад.

Созмонҳо ва муассисаҳои суғурта барои сабук намудани сарфу харчи зара дидагон, ба онҳо аз ҳисоби маблағҳои суғурта ёрии моддию молиявӣ мерасонанд.

Суғурта ба ҳимоят аз манфиатҳои давлат ва ҷомеа асос ёфтааст. Дар солҳои охир баробари афзоиши маблағҳои суғурта ҳақгузории он ба зарардидагон ва вуруди маблағ ба буҷаи ҷумҳурӣ меафзояд ва дар ғанӣ гардонидании қисми даромади буҷа муассир мебошад. Маблағҳои ба буҷаи ҷумҳурӣ воридшуда барои ободонии кишвар, маоши кормандони соҳаи буҷавӣ, стипендия ва нафақа истифода мегардад.

Аз ҳисоби ҳаққиқи суғуртаи муштариёни суғурта (шахсони воқеию ҳуқуқӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, созмонҳо) фондҳои махсус ташкил ёфта, аз онҳо захираҳои эҳтиётӣ таъсис дода шуда, ин маблағҳо асосан барои ҷуброни зарари муштариёни суғурта, яъне бунёдгузорони фонд бо кор бурда мешавад ва ба дигар мақсадҳо истифода бурдани онҳо манъ аст.

Бо тавақҷуҳ ба нуқтаҳои зикршуда, дар Корхонаи воҳиди давлати «Точик суғурта ба 3 шакли зерин қ обили созмондихӣ мебошад.

1. Дар ҳоле, ки ҳаҷме суғурта қобили пардохт аз муассисаи суғуртаи давлатӣ кофӣ набошад, дар ҳудуди ташкилот, корхона ва муассисаҳо аз ҳисоби маблағҳои худй ташкил додани фонди суғурта.

2. Аз ҳисоби пардохтҳои воридшудаи суғурта, дар муассисаи суғурта ташкил намудани фонди суғурта.

3. Аз ҳисоби буҷаи давлатй, ба манзури пешгирй аз ҳодисаҳои ғайри қобили пешбинй ва ҷуброни зарару хисороте, ки мумкин аст дар пайи онҳо бирасад ба Кумитаи ҳолатҳои фафқулодда ва мудофиаи гражданй ихтисос додани маблағи муайян.

Барои донистани мҳияти суғурта ва роҳандозии дурусти фаъолияти муассисаи суғурта, дарк ва истифодаи саҳеҳи баъзе истилоҳҳо ва мафҳумҳои суғурта, ки хоси ҳамаи намудҳои он мебошанд, хеле муҳим аст.

Ҳамаи намудҳои суғуртаи ба асоси шартномаи суғурта байни муштарӣ (суғурташаванда) ва суғуртакунанда сурат мегирад. Дар шартнома шароит ва нуқтаҳои ҳатмии суғурта, ки аз ҷониби суғурташаванда ва суғуртакунанда пазируфта шуда аз зикр гардидааст, ҳамроҳ бо масъулиятҳои ҳарду тараф тасвир мегардад.

Истиллоҳои суғурта, вобаста ба таснифи маҷмӯи ҳодисаҳи қобили суғурта, асосан ба чор гурӯҳ ҷудо шаванд, ки чунинанд:

1) Марбут ба он истилоҳҳои суӯурта аст, ки суғурташаванда зимни тасвиби шартномаи суғурта, интихоб намоянд.

Истилоҳҳое, ки аз тарафи суғуртакунанда ва суғурташаванда ҳангоми тасвиби шартномаи суғурта дар матни он нишон дода мешавад, бояд мутобиқ бо қонуни суғурта ва посухгӯи ба тақозои муосири бозаргонӣ бошад.

2) Истилоҳҳои марбут ба ташкили фонди суғурта аз сарчашмаҳои он дар асоси тасвиби шартномаҳои суғурта ва инчунин, марбут ба таъмини даромад аз ҳисоби маблаҳои муайяне, ки дар бонк бо роҳи сармоягузорӣ (инвеститсия) ворид мешаванд.

3) Истилоҳҳои марбут ба истифода (сарфу харҷ)-и фонди суғурта, ки суғуртакунанда бар асоси ҳуқуқии худ, метавонад аз он фақад ба манзури муайян, яъне бо ҳадафи рафъ ва ё ҷуброн намудани зарари расида аз ҳодисаҳои қобили суғурта, ки дар шартнома дарҷ гардидааст, истифода менамояд.

Марбут ба меъёрҳои байналмиллали суғурта ва риояи қонунҳои байналмилалӣ буда, се гурӯҳи дар боло зикр шударо дар бар гирифта тақвият мебахшад.

Адабиёт:

1. «Тоҷиксуғурта» таърих ва дастовардҳо А. Сатторӣ. – Душанбе, 2016.
2. Суғурта (китоби дарсӣ) А. Ҷабборов, Н. Шаропов. – Душанбе, 2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» ш. Душанбе, 20 июли соли1994 № 982.
4. Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. Муаллиф ва мураттиб Мирзоев И. – Душанбе, 1999.

5. Абдуллоев А.Қ, Давлавтзода Т.Ҳ, Алиев А.С. Тоҷиксуғурта таърих ва дастовардҳо. – Душанбе: Кайҳон, 2016.
6. Мирзоев И. Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон, 2001.

Калидвожаҳо: *аудитор, бонк, суратҳисобҳои бонки, ҳисоботимолиявӣ, нишондодҳошиқтисодӣ, истеҳсолот, иқтисодиёт, равиш, фаъолият, қарз, сармоягузорӣ.*

Аннотация

ЗАКОНЫ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ХАРАКТЕР СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

ГУП «Тоджиксугурта» специализируется на обязательном и добровольном страховании и осуществляется на основании лицензии Службы государственного страхового надзора при Министерстве финансов Республики Таджикистан на 13 видов обязательного и 15 видов обязательного страхования. страхование. виды добровольного страхования. Страхование было введено в развитых странах мира в середине XIV века (1360-1375) и появилось в Великобритании в 1760 году и в России в 1765 году. Его основной целью было заключение договора о защите от стихийных бедствий (пожаров и т. Д.) Между землевладельцами.

Ключевые слова: *Страховая, лицензия, службы, государственного, финансового контроля, обязательное, страхование, добровольное, страхование, мир, цель, соглашения.*

Annotation

LAWS OF ORIGIN AND ECONOMIC NATURE OF INSURANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

SUE "Tojiksughurta" specializes in compulsory and voluntary insurance and is carried out on the basis of the license of the State Insurance Supervision Service under the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan for 13 types of compulsory and 15 types of compulsory insurance. insurance. types of voluntary insurance. Insurance was introduced in the developed countries of the world in the middle of the XIV century (1360-1375) and appeared in Great Britain in 1760 and in Russia in 1765. Its main purpose was to conclude an agreement on protection against natural disasters (fires, etc.) between landowners.

Keywords: *insurance,License, of the State Financial. Control. Service of. Compulsory, insurance, Voluntary, insurance.world. The purpose, of the agreement.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Давлатмаҳмад, магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии морифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дорктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А.

Сведения об авторе: Абдуллоев Давлатмаҳмад, магистрант второго курса факультета экономики и управлени в сфере образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни.

Научный руковадител: доктор экономический наук, профессор Рауфи А.

About the author: Abdulloev Davlatmahmad, is a fourth -year student of the faculty of technology and economics of the Tajik State Pedagogical University. S. Ayni.

Scientific director: Doctor of Economics, Professor Rauf A.

Абдуллоев Давлатмаҳмад,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

ГУРӮҲБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барои донистани моҳияти суғурта ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти суғуртавӣ истилоҳу мафҳумҳои суғуртаро аз худ кардан аз манфиат холӣ нест. Дар фаъолияти суғурта ба чунин мафҳумҳо рӯ ба рӯ хоҳем шуд:

Суғурта – низоми муносибагҳои иқтисодие, ки аз ҳисоби ташкилёбии фонди махсус (аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ба вуҷуд омада, баҳри пардохти зарари ашхос ва ташкилотҳо дар ҳолати офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои нохуш сарф карда мешаванд.

Суғуртакунанда – ташкилоти махсуси давлатӣ ё ғайри давлатие, ки ба ташкил ва истифодаи фонди пулии суғуртавӣ роҳбарӣ мекунад ва ӯҳдадор аст, ки дар асоси қонун ё шартнома ба шахсони ҷабрдида маблағи суғуртавӣ пардозад ва барои фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи сохторҳои давлатӣ иҷозатнома дорад.

Суғуртакунандагон шахсони ҳуқуқии ҳамагуна шакли моли-киятдорӣ буда, аз қайди давлатӣ гузаштаанд ва мақсади асосии фаъолияташон хизматрасонии суғуртавӣ мебошад.

Суғурташаванда- шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки пардохти вогузоштаро дар асоси қонун ё шартнома пеш аз ҳодисаи суғуртавӣ ба ширкати суғурта месупоранд. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ҳангоми рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ маблағи (талофии) суғуртавиро гирад.

МАБЛАҒИ СУҒУРТА- меъёри муайяншудаи пулие, ки дар асоси қонун ё шартнома ҳангоми суғуртаи шахсӣ аз тарафи ширкати суғуртавӣ ба ҷабрдида дода мешавад.

ПАРДОХТИ СУҒУРТА- маблағи муайяншудае, ки дар асоси қонун ё шартнома барои пешгирии ҳодисаҳои суғуртавӣ ба ширкати суғуртавӣ супорида мешавад. Андозаи пардохти суғуртавӣ аз бузургии маблағи суғуртавӣ ва меъёри тарифӣ вобастагӣ дорад. Ҳар қадар пардохти суғуртавӣ (дар суғуртаи ихтиёрӣ) зиёд бошад, ҳамон қадар маблағи (талофии) суғуртавӣ зиёд мешавад.

ФОНДИ СУҒУРТА- захираҳои моддӣ ё воситаҳои пулие, ки барои таъмини хизматрасониҳои суғуртавӣ ташкил шуда, аз тарафи ташкилотҳои суғурта идора карда мешаванд.

ХАТАРИ СУҒУРТА- ҳодисаи пешбинишудае, кп пеш аз рӯй додани он суғурта карда мешавад.

ХАВФИ СУҒУРТА- мафҳуми асосие, ки муносибатҳои молиявии байни суғуртакунанда ва суғурташавандаро ба танзим медарорад. Дар сурати рӯй додани хавфи суғуртавӣ, суғуртакунанда ӯҳдадор аст, дар мавриди суғуртаи амвол- талофии суғуртави ва дар мавриди суғуртаи шахсӣ маблағи суғуртавиро пардохт намояд.

ҲОДИСАИ СУҒУРТА- ҳодисаеро меноманд, ки пеш аз ба вуҷуд омадани он суғурта карда шудааст. Дар мавриди суғуртаи шахсӣ ин то ба синну соли муайян дар ҳаёт мондани суғурташаванда, аз даст додани қобилияти корӣ, давраи нафақахӯрӣ ва ғайраро ҳнгоми ҳодисаҳои нохуш дар бар мегирад.

ОБЪЕКТИ СУҒУРТА- дар мавриди суғуртаи шахсӣ: ҳаёт, саломатӣ, қобилияти кории корманд, пиронсолӣ, амонатгузорӣ, фарзандон ва ғайра. Дар мавриди суғуртаи амвол: биноҳо, манзили шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт, ҳайвонот ва дигар молу мулк, дар мавриди суғуртаи масъулиятдорӣ (ӯҳдадорӣ): масъулияти дорандагони воситаҳои нақлиёт, масъулияти қарзгирандагон дар назди бонк, инкассаторони бонкӣ ва ғайра.

СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА- ширкатҳои суғурта, шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва қисман давлат, ки ба амалиётҳои суғуртавӣ даст мезананд.

ҶАМЪИЯТИ ОЗОДИ СУҒУРТАВӢ - ташкилоти мустақили ғайритиҷоратӣ, ки шахси ҳуқуқӣ эътироф намешавад ва дар асоси созишномаи байни иштирокчиён ташкил шуда, бо мақсади ҷуброни зарари таваккалкории хавфнок, фаъолият мекунад.

Мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷшсистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" ва тибби тартиби пешбининамудаи "Низомнома оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" (30 06 2003,№41) чунин кӯмакпулиҳо пардохта мешаванд:

- ҳангоми корношоямии муваққатӣ;
- ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллуд;
- кӯмакпулии оилавӣ;
- кӯмакпулӣ барои дафн.

Кумакпулиҳо аз маблағҳои Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки дар натиҷаи саҳмгузориҳои кормандон ва шахсони ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, пардохта мешаванд.

Ҳаҷми кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ чунин муайян карда шудааст:

а) дар ҳаҷми 100 %- и музди меҳнат ба кормандон ҳангоми ҷароҳати меҳнатӣ ё бемории касбӣ;

- ба кормандоне, ки дорои собиқаи кории бетанафуси 8-сола мебошанд;
- ба кормандоне, ки таҳти сарпарастии худ се ё бештар кӯдаки то синни 15 сола доранд;
- ба кормандоне, ки дар рафъи садамаи Чернобил иштирок доштанд.

б) дар ҳаҷми 80%-и музди меҳнат ба кормандоне, ки собиқаи бетанаффуси аз 5 то 8 сола доранд;

ба кормандоне, ки комилан ятим мебошанд ва ба синни 23 со-лагӣ нарасидаанд;

в) дар ҳаҷми 60%-и музди меҳнат ба кормамдоне, ки собиқаи кории бетанаффуси то 5-сола надоранд.

Таснифоти суғурта ифодакунандаи тақсимоти муносибатҳои суғратавӣ буда, онро ба қисмҳои соҳавӣ, зерсоҳавӣ ва намудҳо ҷудо мекунад.

Таснифот маҷмӯи муносибатҳои суғуртавӣ ва алоқамандии онҳоро дарбар гирифта, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамояд:

• аз рӯи ҳолати суғуртакунанда ва суғурташаванда дар ҳудуди давлат ва берун аз он (резидент, ғайрирезидент, бозори дохилӣ ва байналхалқӣ);

• аз руи хусусияти муносибатҳои суғуртави - сугуртаи ҳатмитва ихтиёрӣ;

• аз рӯи объектҳои суғурта - суғуртаи шахсӣ, молу мулк, ӯҳдадорӣ ё ҷавобгарӣ;

• аз рӯи мӯҳлатнокии суғурта - якумра оддӣ, солона,5 сола.

• Аз рӯи тартиби ташкил намудани сармояи оинномавӣ ширкатҳои суғурта ба шаклҳои зерин қисмат мешаванд:

• Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд (дар он сармоя ба саҳомонҷудо мешавад);

« Ҷамъияти саҳомии шакли кушода (саҳмияҳо бе иҷозати дигар саҳмдорон фурӯхта мешаванд);

• Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида (саҳмияи як саҳҳомро танҳо дар асоси иҷозати дигар саҳҳомон мефӯрушанд);

• Ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила.

Адабиёт:

1. «Тоҷиксуғурта» таърих ва дастовардҳо А. Сатторӣ. – Душанбе, 2016.
2. Суғурта (китоби дарсӣ) А. Ҷабборов, Н. Шаропов. – Душанбе, 2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» ш. Душанбе, 20 июли соли1994 № 982.
4. Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. Муаллиф ва мураттиб Мирзоев И. – Душанбе, 1999.
5. Абдуллоев А.Қ, Давлавтзода Т.Ҳ, Алиев А.С. Тоҷиксуғурта таърих ва дастовардҳо. – Душанбе: Кайҳон, 2016.
6. Мирзоев И. Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон, 2001.

Калидвожаҳо: *аудитор, бонк, суратҳисобҳои бонки, ҳисоботимолиявӣ, нишондодҳоишқтисодӣ, истеҳсолот, иқтисодиёт, равиш, фаъолият, қарз, сармоягузорӣ.*

Аннотация

КЛАССИФИКАЦИЯ СТРАХОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕТАДЖИКИСТАН

Чтобы понять суть страхования и правильно вести страховую деятельность, полезно изучить термины и понятия страхования. В сфере страхования мы встретимся со следующими понятиями: СТРАХОВАНИЕ - это система экономических отношений, которая создается путем создания специального фонда (за счет средств физических и юридических лиц) и используется для покрытия убытков физических и юридических лиц в случае стихийных бедствий и аварий.

Ключевыеслова: *Страховаялицензия, службы, государственного, финансового контроля, обязательное, страхование, добровольное, страхование, мир, цель, соглашения.*

Annotation

CLASSIFICATION OF INSURANCE ACTIVITY IN THE REPUBLICTAJIKISTAN

It is useful to learn the terms and concepts of insurance in order to understand the essence of insurance and the proper conduct of insurance activity. In the field of insurance we will encounter the following concepts: INSURANCE is a system of economic relations created by the creation of a special fund (at the expense of individuals and legal entities) and used to cover the losses of individuals and organizations in the event of natural disasters and accidents.

Keywords: *insurance,License, of the State Financial. Control. Service of. Compulsory, insurance, Voluntary, insurance.world. The purpoe, of the agreement.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Давлатмаҳмад, магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии морифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дорктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А.

Сведения об авторе: Абдуллоев Давлатмаҳмад, магистрант второго курса факультета экономики и управлени в сфере образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни.

Научный руковадител: доктор экономический наук, профессор Рауфи А.

About the author: Abdulloev Davlatmahmad, is a fourth -year student of the faculty of technology and economics of the Tajik State Pedagogical University. S. Ayni.

Scientific director: Doctor of Economics, Professor Rauf A.

Саидшарипов Шаҳром,
магистранти соли дуюми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

ТАСНИФИ САРМОЯИ КОРХОНА ҲАМЧУН ШАКЛИ ИДОРАИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ

Сармоя ифодакунандаи муносибатҳои иқтисодӣ оид ба пасандоз ва андухти неъматҳои иқтисодӣ дар шакли воситаҳои пулӣ ва сармояи воқеии молӣ мебошад, ки соҳибмулк онро ҳамчун захираи молиявӣ ва омили истеҳсолӣ бо мақсади гирифтани даромад ба раванди иқтисодиёт ҷалб менамояд. Фаъолияти онҳо ба асоси принсипҳои бозори ба роҳ мондашуда воситаи молияҳои воқеъ, таваккал, сикли истещсолӣ ва пардохтпазирӣ мебошанд.

Намудҳои алоҳидаи сармояҳое, ки корхона ҷалб намуд истифода менамояд вобаста ба табақабанди аломатҳои асосиашон муфассалтар дида мебароем. Оид ба шакли фароҳамоии моликияти сармояе, ки корхона фароҳам овардааст ба ду намуди асоси, худи ва қарзи ҷудо мегардад. Дар системаи ҷалби сарчашмаҳои сармоя тақсимоти он характери муаянкунанда дорад.

- сармояи худи таснифдиҳандаи арзиши умумии воситаҳои корхона мебошад, ки ҳуқуқан ҳамчун моликият ба корхона таълуқ дошта онро бо мақсади ташкили қисми дорои ё ки ташкили он аз ҳисоби инвеститсияи сармояи худи ба миён омадааст ва ифодакунандаи дороиҳои софи корхона мебошанд.

- сармояи қарзӣ таснифдиҳандаи ҷалби воситаҳои пули ва дигар боигариҳои амволие, ки корхона дар асоси принсипи баргардонандаги бо мақсади инкишофи ҷалб намудаст. Ҳамаи шаклҳои сармояи қарзӣ, ки корхона онро истифода менамояд уҳдадории молиявии корхона буда бояд дар муҳлати муайян нав карда шавад.

Гуруҳи сарчашмаҳо оид ба ҷалби сармоя нисбат ба корхона намудҳои зерини онро ҷудо менамоянд: сармояҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ва берунӣ ҷалб мегарданд.

- сарчашмаҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ҷалб мешаванд тавсифдиҳандаи воситаҳои молиявии худи ва қарзианд, ки бевосита дар корхона бо мақсади таъмини инкишоф фароҳам овардашудаанд. Асоси воситаҳои молиявии худиро, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои дохили ба миён омадаанд як қисми фоидаи софи корхона, ки ба сармоя табдил додашудаанд ташки медиҳанд. Асоси воситаҳои молиявии қарзиро, ки дар дохили корхона фароҳам омадааст, уҳдадориҳои ҷори оид ба ҳисобиҳо ташкил медиҳанд.

- саромояҳое, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои беруна ҷалб мегардад, таснифдиҳандаи он қисмест, ки берун аз корхона фароҳам омадааст. Он фарогирандаи сармояи худи қарзии аз берун ҷалб гардида мебошад. Сармояи фароҳамомада хеле гуногун буда дар бахшҳои оянда муракабтар дида хоҳад шуд. Соҳиби сармоя вобаста ба мансубияти Милли барои хоҷагидори пешниҳод менамояд. Сармояи ватани ва хориҷии ба корхона инвеститсия намударо фарқ менамояд. Сармояи миллиеро, ки корхона ҷалб намудааст ба ӯ имконият медиҳад фаъолияти хоҷагидориро бо сиёсати иқтисодии давлат ба мувофиқа (координатсия) орад. Дар давраи ҳозиразамони инкишофи иқтисодиёти мамлакат ҳаҷми сармояи озодии Миллат хело маҳдуд аст бинобарин ба субектҳои хоҷаги имкон намедиҳад, ки суръати зарурии рушди иқтисоди таъмин гардад.

Сармояи хориҷиро ҳамчун қоида корхонаҳои миёна ва калон, ки бо фаъолияти иқтисодии беруна машғуланд ҷалб менамояд. Гар чанде ҳаҷми арзаи ҳамаи сармоя дар бозор хело назаррас бошад ҳам шартҳои ҷалби он аз тарафи субектони хоҷагии ватани бо сабаби баланд будани таваккали иқтисоди ва сиёси барои инвестодҳои хориҷи хело маҳдуд аст. Шаклҳои сармояҳое, ки ба корхонаҳо дода мешаванд намудҳои хусусива давлатии онро дар менамояд.

Ин тарзи табақабандии сармояро дар раванди сармояи саҳомиро корхона бо ташкили ҷамъияти саҳомии шакли пушида ва ё кушода ба амал мебарорад. Корхонаҳои корпоративии номбурда имконияти васеъи ташкили сармояро аз ҳисоби сарчашмаҳои беруна ба тариқи интишори саҳмияҳо доранд. Корхонаҳои мазкур қобилияти баланди ҷалби инвеститсияҳои хориҷи бошад.

Сармояи ҳисагӣ аз тарафи ҳамкороне, ки дар шакли ҷамъияти ҷавобгарии маҳдудро ташкил додаанд фароҳам оварда мешавад. Корхонаҳои намуди мазкур ва сармояи ҳисагӣ дар ҷамъияти имруза хеле васеъ паҳнгашта мебошанд.

Сармояи шахсӣ таснифшавандаи шакли ҷалби он дар мавриди ташкили корхонаҳои шахсии оилави ва ғайра мебошад. Дар шароити ҳозиразамон корхонаҳои шахси шакли васеъ паҳнгаштаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд ҳоло он ки дар давлатҳои хориҷи хело васеъ паҳн гаштаанд ва наздики 70-75% корхонаҳоро ташкил медиҳанд.

Монеъаи ташкили корхонаҳои нави шахсӣ норасогии сармояи ибтидои дар дасти соҳибкорон аст.

Шаклҳои натурали моддии ҷалби сармоя. Назарияи иқтисодии ҳозиразамон намудҳои зерини онро ҷудо менамояд, сармоя дар шакли пулҳо, шакли молиявии сармоя, шакли ғайри мадии сармоя, инвеститсияи сармоя дар шаклҳои даромад овардашударо бо мақсади ташкили корхонаҳои нав ва зиёднамоии сармояи оинномави қонунгузори иҷозат додааст.

Шаклҳои пулии сармоя яке аз намудҳои васеъ паҳнгаштаи он мебошад, ки корхонаҳо ҷалб менамоянд; хусусияти унверсали доштани намуди сармояи мазкур аз он иборат аст, ки ба зуди ба дигар сармояҳо табдил ёфта метавонад.

Шакли молиявии сармояро корхонаҳо ҳамчун олотҳои гуногуни молияви, ки ба фонди оинномави ҳамроҳ карда мешавад ҷалб менамоянд. Ба сифати олотҳои молияви, саҳмияҳо облигатсияҳо, ҳисобномаҳои пасандози ва сертификати банки баромад менамоянд. Дар дар иқтисодиёти имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармояро дар шакли молиявиаш танҳо дар сектори иқтисод истифода менамоянд.

Шакли модии сармояро корхона дар шакли сармояҳои молии гуногун мошин, таҷҳизот, иморат иншоот, ашёи хом, материалҳо ва молҳои нимтайёр истеъмоли дар баъзе ҳолатҳо дар намуди молҳои ҷало менамояд.

Шакли ғайримодии сармояро корхонаҳо дар шакли дороиҳои ғайримодии гуногун онҳо шакли модди надошта бевосита дар фаъолияти хоҷаги ва ба вуҷудории фоида ширкат меварзанд. Ба намуди зерини сармоя, ҳуқуқи истифодаи захираҳои алоҳидаи табии ҳуқуқи патенти оид ба истифодаи ихтироот hау-хау, ҳуқуқи намунаҳои саноати ва моделҳо нишонаҳои молҳо, барномаҳои компютери ва дигар намудҳои ғайри модии боигариҳои амволи вобаста ба доираи воқеи ҷалби сармоя онро ба сармояи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ҷудо менамоянд.

Сармояи дарозмӯҳлатеро, ки корхона ҷалб менамояд аз сармояи худ ва қарзие, ки аз як сол зиёд мӯҳлати истифодабарӣ дорад иборат аст.

Сармояи кӯтоҳмӯҳлатро корхона ба мӯҳлати то як сол ҷалб менамояд. Ташкили он бо мақсади қонеъ гардондани талаботҳои муваққатии хоҷагиҳо, ки алоқамандии характери даврагии хоҷагидорӣ ва рушди муваққатии вазъи бозор мебошанд.

Вобаста ба сатҳи ҷалбнамоӣ ба раванди иқтисодиёт, сармоя ба намуди асосӣ истифодашаванда ва истифоданашаванда дар раванди иқтисодиёт ҷудо менамоянд. Шакли табақабандии сармоя муайнкунандаи ҳолат ва ҳаҷми истифодабарии он буда, имконияти муайяннамоии иқтидори иловагии истифодабарии онро дар давраи муайян фароҳам меорад.

Сармояи дар раванди иқтисодиёт истифодашаванда таснифдиҳандаи он ҳамчун захираи иқтисодӣ ва раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо мақсади гирифтани даромад ҷалбгардида мебошад.

Сармояи дар раванди иқтисодиёт истифоданашаванда (сармояи мурда) қисми барвақттар андухташудаи он буда, бо сабабҳои муайян истифодаи хешро дар раванди иқтисодиёт наёфта аст. Сармояи мазкур на танҳо ба соҳибаш даромад намеорад, балки дар раванди нигоҳдорӣ арзиши воқеии худро дар шакли хароҷотҳои имкониятҳои аз дастдодашуда гум менамояд. Вобаста ба доираи истифода дар иқтисодиёт сармояи дар таҷрибаи хоҷагидории мавҷуд буда ба зергурӯҳ ҷудо мешавад.

Сармояе, ки дар сектори воқеӣ ва молиявии иқтисодиёт истифодашаванда тақсими номбаршуда характери шартӣ дорад, чунки ба табақабандии мувофиқи корхона асосёфта аст, на ба амалиёти сармоявӣ, ки дар секторҳои гуногуни иқтисодиёт ба амал мебароранд.

Сармояи дар сохтори воқеии иқтисодиёт истифодашаванда таснифдиҳандаи ҳамаи сармояи дар корхонаба кор андохташудаи ҳамин сектор дар саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва савдо мебошанд.

Сармояи дар соҳаи молияи иқтисодиёт истифодашаванда таснифдиҳандаи ҳамаи сармояи дар ташкилотҳои гуногуни молиявӣ истифодагардида дар бонкҳои тиҷоратӣ, фондҳо ва корхонаҳои инвеститсионӣ, компанияҳои суғурта ва ғайра мебошанд (гарчанде қисми муайяни сармояи муассисаҳои молияviро метавонанд дар раванди инвеститсияҳои воқеӣ ва ё дар саноат истифода намоянд).

Оид ба самтҳои истифода дар фаъолияти хоҷагӣ сармоя ҳамчун захираи инвеститсионӣ истифодашавандаро ҷудо менамоянд:сармоя ҳамчун захираи истеҳсолӣ истифодашаванда; сармоя ҳамчун захираи қарз истифода шаванд.

Сармояҳо ҳамчун захираҳои инвеститсионӣ истифодашаванда қисми муайяни сармояи корхона буда, ҳамчун сармояи саҳомии воқеӣ ва соҳаи молиявӣ, ки бевосита ба раванди инвеститсионӣ ҷалб гардидаанд, ташкил медиҳанд. Дар корхонаҳои гурӯҳи якум ин қисми сармоя дар инвеститсияи воқеии

иқтисодиёт (ҳамчун қоида дар шакли маблағгузорӣ) ва дар корхонаҳои гурӯҳи дуюм бошад, барои ба амалбарории инвеститсияи молиявӣ (ҳамчун қоида дар шакли маблағгузорӣ ба қоғазҳои қимматнок) истифода мешаванд.

Сармояи ҳамчун захираи истеҳсолӣ истифодашаванда як қисми зиёди сармояи соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Ин қисми сармоя дар раванди бевоситаи истеҳсоли маҳсулот фаъолият дорад (мол ва хадамот).

Сармояе, ки ҳамчун захираи қарзӣ дар истифодаанд асосан қисми зиёди сармояи муассисаҳои молиявиро ба мисли бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои ғайрибонкии қарзӣ ташкил медиҳанд.

Сармоя ҳамчун захираи молиявӣ бо меъёри муайян дар шаклҳое,к и қонун иҷозат додааст ва дигар муассисаҳои молиявӣ (компанияҳои факториаш лизингӣ) метавонанд. Истифода намоянд. Истифодаи қисми сармоя бо мақсади додани қарзи молӣ ба корхонаҳои сектори воқеии иқтисодиёт ба намуди тадқиқотшаванда вобаста нестанд (ин намуди амалиётро онҳо аз ҳисоби сармояе, ки ҳамчун захираи истеҳсолӣ истифода мешавад ба амал мебароранд).

Бо хусусиятҳои истифода дар раванди инвеститсионӣ намудҳои аввалоинвеститсияшаванда, реинвеститсияшаванда, дезинвеститсияшаванда фарқ менамоянд. Намудҳои қаёдкардашуда таснифдиҳандаи ҳаракати сармояи истифодашаванда оид ба объекти мушаххаси инвеститсияшаванда аст.

Сармояи аввали инвеститсияшаванда таснифдиҳандаи ҳаҷми ибтидоии захираҳои инвеститсионии ташкилёфта, ки ба маблағгузории объекти мушаххаси инвеститсионӣ сафарбаргардида мебошад.

Сармояи реинвеститсионӣ-таснифдиҳандаи такроран боз маблағгузорӣ ба объекти мушаххас ва ё ологти инвеститсионӣ аз ҳисоби воситаҳои ҷараёни пулӣ баргардонидашаванда (фоидаи соф истеҳлоки ҳисобкардашуда мебошад).

Сармояи дезинвеститсионӣ таснифдиҳандаи қисман аз объекти инвеститсияшаванда ва ё умуман аз портфели инвеститсионӣ гирифтан бо роҳи фурӯши дороиҳои муайян бо хусусияти истифода дар раванди истеҳсолот аст. Вобаста ба хусусияти қоидаҳои сармояи асосӣ ва сармояи гардони корхона ҷудо менамояд. Хусусияти амал дар раванди истеҳсолот. Дар амалияи менеҷменти молиявӣ сармояи кор ва ғайрикорӣ ҷудо менамоянд.

Сармояи кории коркунанда таснифдиҳандаи он қисми сармоя мебошад, ки вобаста ба фароҳамойиӣ даромадҳо ва таъмири фаъолияти амалиёти ва ё инвеститсионӣ иштирок менамоянд.

Сармояи ғайрикорӣ (ва ё сармояи мурда дар доираи корхона) таснифдиҳандаи қисми ба дороиҳо пешпардохтшудае, ки дар фаъолиятҳои гуногуни амалиётӣ ва ё инвеститсионии корхона ва ташкили даромади он бевосита иштирок надоранд. Намунаи намуди сармоя воситаҳои корхона мебошад, ки ба иморат ва таҷҳизотҳо захираи ашёи хом ва материалҳое, ки барои маҳсулоти аз истеҳсол гирифташуда; маҳсулоти тайёре, ки ба он тақозои харидори босабаби гум кардани хусусиятҳои истеъмолӣ тамоман ҷой надорад.

Оид ба сатҳи таваккал сармояи истифодашаванда ба се гурӯҳ ҷудо мешавад - сармояи таваккалнадошта, сармояи таваккали миёнадошта, сармояи таваккали баланддошта.

Сармояи таваккалнадошта таснифдиҳандаи он қисми сармояҳоест, ки дар амалиётҳои таваккалнадоштаи бо истеҳсолот ва ё фаъолияти инвеститсионӣ алоқаманд ширкат меварзанд.

Сармояи таваккали пастдошта таснифдиҳандаи истифодаи он дар амалиётҳои истеҳсолию инвеститсионӣ, ки сатҳи таваккалашон аз таваккали миёнаи бозорӣ пасттар аст.

Сармояи таваккали миёнадошта таснифдиҳандаи қисми сармояи дар амалиётҳои истеҳсолӣ ва ё инвеститсионӣ истифодашаванда, ки сатҳи таваккалашон наздик ба миёнаи бозорӣ мебошад.

Сармояи таваккали баланд (савдогарона) дошта таснифдиҳандаи истифодаи он дар фаъолиятҳои амалиёте, ки дар асоси истифодаи технологияи навтарин оид ба истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот сармояи венгурӣ ва ё фаъолияти инвеститсоинӣ, ки ба маблағгузориҳои молиявии олотҳои таваккали баланддошта, яъне сармоягузорӣ гаштанд.

Оид ба мувофиқат ба меъёрҳои ҳуқуқии истифода. Дар ин ҷода сармояи расмӣ (легальный) ва ғайрирасмиро, ки дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо ҷой доранд аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Дар шароити ҳозиразамон дар давлатҳои тараққикарда аз сармояи ғайрирасӣ хело васеъ истифода менамоянд, ки ин ҷавоб ба қоидаҳои бозии устувори давлат муайяннамуда мебошад. Сатҳи баланди андозбандии беасоси соҳибкорӣ намунаи он аст. Истифодаи ҳаҷми зиёди сармояи ғайрирасмӣ дар иқтисодиёт барои давлат муайянкунандаи он аст, ки қарорҳои оид ба хоҷагидорӣ қабулнамудаи давлат самаранокии паст дошта ҳавасмандии соҳибкори ва давлатро қонеъ намегардонанд.

Адабиёт:
1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. декабри 2018
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 №901 (қонун аз 26.12.2005. №114, аз 28.07.2006. №193, аз 22.12.2006. №219, аз 5.03.2007. №239, аз 30.07.2007. №306, аз 20.03.2008. №376, аз 18.06.2008. №397, аз 26.03.2009. №493, аз 19.05.2009. №525, аз 3.12.2009. №571).
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», соли 1992.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 1992.

Калидвожаҳо: *Сармояи кори,таснифдиҳанда, вобаста,даромадҳо ва таъмири фаъолияти амалиёти ва ё инвеститсионӣ*

Аннотация

КЛАССИФИКАЦИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ КАПИТАЛ КАК ФОРМА РУЧНОГО УПРАВЛЕНИЯ РЕСУРСАМИ

Материальная форма капитала используется предприятием в виде различных капитальных вложений в машины, оборудование, здания, сооружения, сырье, расходные материалы и полуфабрикаты, в некоторых случаях в виде товаров. Нематериальные формы капитала Предприятия в виде различных нематериальных активов, не имеющих материальной формы, принимают непосредственное участие в деятельности фермерского хозяйства и создании прибыли. Следующие виды капитала включают право на использование определенных природных ресурсов, право на использование патентов на изобретения, право на промышленные образцы и модели, товарные знаки, компьютерные программы и другие нематериальные активы, в зависимости от фактического объема привлечения капитала для короткой продажи. -срочный и долгосрочный капитал. Долгосрочный капитал, привлекаемый предприятием, состоит из собственного капитала и к

Ключевые слова: *Оборотный капитал, классификатор, связанный, доход и ремонт от операционной или инвестиционной деятельности*

Annotation

CLASSIFICATION OF ENTERPRISES CAPITAL AS A FORM OF MANUAL RESOURCE MANAGEMENT

The material form of capital is used by the enterprise in the form of various capital investments in machinery, equipment, buildings, structures, raw materials, consumables and semi-finished goods, in some cases in the form of goods. Intangible forms of capital Enterprises in the form of various intangible assets they do not have a tangible form directly participate in the activities of the farm and the creation of profits. The following types of capital include the right to use certain natural resources, the right to use patents for inventions, the right to industrial designs and models, trademarks, computer programs and other intangible assets, depending on the actual scope of attraction of capital to short-term and long-term capital. they are. The long-term capital that an enterprise attracts consists of its own capital and a loan that has a useful life of more than one year.редита со сроком полезного использования более capital

Keyword: *Working capital, klassifikator, connected, income and repairs from operating or investment activies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидшарапов Шаҳром, магистранти соли дуюми факултети иктисодиёт ва идоракунии маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: Ғаффорзода Ҷ. Ғ.

Сведения об автора: Саидшарапов Шахром, магистрант второго курса факультета экономики и управления в сфере образования Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айнӣ.

Научный руководитель: Гаффорзода Дж. Г.

About the author: Saidsharapov Sahrom, is magistr of the faculty of Technology and Economics of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.

Олимов Муҳаммад,
донишҷӯйи факултети технология ва соҳибкорӣ

МОҲИЯТИ ТАНЗИМ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 1991 таҳти рақами № 450 аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Қонуни мазкур тибқи асосҳои умумӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ (соҳибкориро) барои шаҳрвандону шахсони ҳуқуқӣ дар қаламравии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, кафолоти озодии соҳибкорӣ ва аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани онро муқаррар кардааст.

Танзимнамоии давлатӣ – ин маҷмӯи чораҳои мақомотҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсади мукаммалгардонии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади танзими давлатии фаъолияти соҳибкории субъектони хоҷагӣ ба воситаи се функсияи асосӣ амалӣ карда мешавад:

1) Ташкили шароити амалкунии маданиятнокии бозор: муайян намудани шакли моликияти субъектони хоҷагӣ ва қоидаи идоракунӣ; таъсиси дастгоҳи таъминкунандаи иҷрои шартномаҳои хоҷагӣ; пешгирии баҳсҳо миёни субъектони хоҷагӣ ва ҳалли онҳо бо тартиби судӣ; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони маҳсулоти субъектони хоҷагӣ; муқаррар намудани низоми пулӣ; муқаррар намудани стандарт ва ченак ба маҳсулот.

2) Ба нақшагирии стратегии илм ва пешравии илмию техникӣ.

3) Ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ: ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ; инкишофи нисбии иқтисодиёт; суръати инкишофи иқтисодиёт; мувозинати иқтисоди берунаи мамлакат; сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнати мамлакат; ҳифзи иҷтимоӣ.

Назорат ва танзими давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба бевосита ва бавосита ҷудо мешавад. Назорати бавосита низоми имтиёзҳо ва андоз, сиёсати махсуси нарх, танзими шуғли аҳолӣ, тайёрии касбӣ ва азнавтайёркунӣ, таъмини иттилоотӣ ва таъсис додани инфрасохтори инкишофёфтаро дар бар мегирад. Ба назорат ва танзими бевоситаи давлатӣ инҳо дохил мешаванд: назорати молиявӣ, экологӣ, санитарӣ ва сӯхторӣ, инчунин назорат ба сифат ва сертификатонии маҳсулот. Мудохилаи давлат ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба инҳо алоқаманд аст: пешгирии садамаҳои экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ; муборизаи бар зидди ҷиноятҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ; бартараф намудани бӯҳрони иқтисодӣ ва мустарибии (потрясение) иҷтимоӣ; назорат ба истифодаи захираҳои умумимиллӣ; функсияи идоракунии давлат: пешгӯии ҳолатҳои номусоиди иқтисодӣ ва бартараф намудани онҳо; таъминоти иттилоотӣ ва назорати иҷрои меъёрҳо ва маҳдудиятҳо; таъмини моддию техникӣ ва молиявии лоиҳаҳои умумимиллӣ.

Дар тамоми низоми ҳуқуқии имрӯза зарурати таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт пешбинӣ шудааст. Моҳияти таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт дар шароити бозор бо вазифаҳои зерине, ки ба ҳифзи манфиати оммавӣ алоқаманд аст, муайян карда мешавад:

- таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- таъсиси буҷети давлатӣ;
- ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ;
- таъмини шуғли аҳолӣ;
- таъмини мудофиа ва амнияти мамлакат;
- амалӣ намудани озодии соҳибкорӣ ва рақобат, ҳимоя аз монополизм;
- риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар фаъолияти иқтисоди берунаи соҳибкорон ва сармоягузории хориҷӣ.

Чи тавре, ки аз номгӯи сабабҳои таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ бармеояд, онҳо манфиатҳои давлат ва ҷамъиятро фаро мегиранд.

Ҳадди мудохилаи давлат ба иқтисодиёт бояд тавре бошад, ки ба соҳибкории қонунӣ манфиат бошад, иқтисодиёт зери парда намонад, сармоя дар мамлакат нигоҳ дошта шуда, аз он берун наравад. Барои ин ба мамлакат сиёсати иқтисодии беғалат ва илман асоснокшуда лозим аст, ки бо роҳи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад.

Моҳи октябри соли 2002 таҳти рақами 384 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар солҳои 2002-2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард, ки Агентӣ онро дар амал татбиқ намуда истодааст. Мақсади асосии барнома фароҳам овардани шароитҳои мусоид (ҳуқуқӣ: иҷтимоӣ-иқтисодӣ: молиявӣ ва ташкилӣ) барои ташаккулёбии

сектори хусусӣ: инфрасохтори тараққикардаи соҳибкорӣ: инчунин муайян кардани воситаҳои асосии макроиқтисодӣ ва дигар воситаҳои дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии соҳибкорӣ мебошад.

Дар барнома самтҳои асосии амалигардонии вазифаҳои гузошташуда муайян карда шудаанд, ки ба воситаи такмилдиҳии қонунгузорӣ, барпокунии низоми тараққикардаи маблағгузорӣ, қарздиҳӣ ва суғуртаи фаъолияти соҳибкорӣ, ташкил намудани ифрасохтори зарурӣ барои дастгирии соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад.

Фонди дастгирии соҳибкории Тоҷикистон ҳамасола барои ташкили тиҷорати худ қарзи имтиёзнок пешниҳод мекунад.

Дар доираи ин барнома, фонд дар чунин соҳаҳои фаъолият дастгирӣ менамояд:

- бахши истеҳсолӣ (корхонаҳо ва фабрикаҳо);
- ҳунарҳои мардумӣ;
- сайёҳӣ;
- технология

Хазина қарзи имтиёзноки 12% -и солонаро бо пули миллӣ ба мӯҳлати 2-3 сол пешниҳод менамояд. Пас аз пешниҳоди хуҷҷатҳои зарурӣ, муассиса аризаро баррасӣ намуда, натиҷаи онро эълон мекунад.

Расми 1. – Қарзҳои аз ҷониби МД «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати ҶТ» дар солҳои 2013-2019 пешниҳодшуда

Ҳама гуна ҳолатҳои зӯроварӣ ва муносибати манфӣ нисбат ба соҳибкорро бо тамоми зуҳуроташ комилан аз байн бурдан зарур аст. Зеро маҳз дар ҳамон ҳолат фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ рушд меёбад ва манфиати фаъолияти онҳо ба иқтисодиёти миллӣ назаррас мегардад.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 26 марти соли 2009//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. №3. – М., 99.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 10.05.с.2002 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2002, №4, қисми якум. Мод.293.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз 9.12.с.2004 //Маҷмӯи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти мақомоти зиддимонополистии ҶТ. – Душанбе, 2005.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28.07.с.2006 //Садои мардум, 2006. 5-уми август.

Калидвожаҳо: *соҳибкорӣ, танзим, дастгирӣ, қонун, давлат, қарзҳо, фонд, имтиёз, барнома, дахолат.*

Аннотация

СУЩНОСТЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И ПОДДЕРЖКИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье подчеркивается важность государственного регулирования и поддержки в сфере предпринимательства и его видов. Необходимость государственного регулирования предпринимательства способствует развитию различных видов бизнеса и защите прав как предпринимателей, так и потребителей. Существуют различные виды государственной поддержки, облегчающие ведение бизнеса гражданам.

Ключевые слова: *предпринимательство, регулирование, закон, государство, кредит, фонд, программа, привилегия, вмешательство.*

Annotation

THE ESSENCE OF STATE REGULATION AND SUPPORT OF ENTREPRENEURSHIP IN A MARKET ECONOMY

The article emphasizes the importance of state regulation and support in the field of entrepreneurship and its types. The need for state regulation of entrepreneurship contributes to the development of various types of business and the protection of the rights of both entrepreneurs and consumers. There are various types of government support that make it easier for citizens to do business.

Keywords: *entrepreneurship, regulation, law, the state, credit, fund, program, privilege, intervention.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Олимов Муҳаммад Тағоймуродович, донишҷӯи факултети технолги ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 007881700

Сведения об авторе: Олимов Мухаммад Тагоймуродович, студент факультет техналогии и бизнеса Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Телефон: +992 007881700

About the author: Olimov Muhammad Tagoimurodovich, Student of the Faculty of Technology and Business of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 007881700

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим,
магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷик

САБАБҲОИ САР ЗАДАНИ НИЗОЪ ДАР ОИЛА ВА ПЕШГИРИИ ОН

Мусаллам аст ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Эмомалӣ Раҳмон. Оилаи солим яке аз ҳадафҳои давлату миллат буда, асоси солимӣ ва бардавом мондани ҷомеа аз он вобастагии калон дорад, бинобар ин оила доимо таҳти ҳимоя ва ғамхории бевоситаи давлат қарор дорад. Имрӯзҳо яке аз проблемаҳои мӯҳим дар ҷомеа ин ҷудо шудани оилаҳои ҷавон ва сар задани низоъ мебошад чи гунае ки Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ соли 2015 ба Парлумони кишвар таъкид кардаанд: *«Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд. Аз ҷумла масаълаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегарданд ташвишовар мебошад. Сабабҳои ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад. Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда боиси таваллуди кудакони маюб гардида истодааст. Бештари ин кудакон маюби модарзод буда, аз никоҳи хешованди инчунин аз волидайни гирифтори нашъаманди ба дунё омадаанд. Бемории масунияти норасоии бадан бемории шадид буда, имрӯз яке аз сарчашмаҳои асоси хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар сайёра гаштааст. Сабаби дигари пош хӯрдани оилаҳо дар он аст ки, бисёре аз падару модарон фарзандонро бе муошнаи пешакии тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд" [3, 35-36].*

Ва ба ин муносибат соли 2015-ро ҳамчун «Соли оила» эълон карданд, ки ҳадафи ягона ва мақсади ҳалталаби ин мавзӯъ муборизаи беамон нисбат ба пош хӯрдани оилаҳои ҷавон дар кишвар мебошад.

Бале дар ҳақиқат чуноне ки Пешвои миллат дар Паёмашон зикр кардаанд, ва дар ин самт аз тарафи кумитаву идораҳои давлатӣ ва байналмилалӣ барномаҳои зиёде роҳандози гардиидааст аз қабили, «Созмони ҳамкории Аврупо зуровари дар оила СММ», " Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зуровари дар оила» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 ба тасвиб расидааст. Қонуни Ҷумҳури тоҷикистон " Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқи мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", Соли 2005, "Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳури Тоҷикистон» аз 30-декабри соли 2015 тасдиқ шудааст.

Ва ҳоло ҳам пошхурии оилаҳо ба назар расида, чуноне ки қайд шуд, омода набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад, бояд волидайн пеш аз оне, ки онҳоро хонадор мекунанд ҳатман аз барномаҳои махсусе, ки доир ба омӯзонидани тарзи зиндагӣ ва касбу ҳунарҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурда мешавад бояд омӯзонанд ва аз расму оинҳое, ки дар фарҳанги миллии тоҷикӣ доир ба зиндагии миллии тоҷикон ва фарҳанги асили тоҷикӣ омадааст бархӯрдор карда шаванд. Дар ин ҷода саҳми модарон ва бонувон хеле калон аст ва сабаби дигаре, ки дарҷ гардид никоҳи хешутаборӣ буда боиси ба дунё омадани кудакони маюб ва дигар нуқсонҳои модарзодӣ мегардад.

Мо аҳли ҷомеа бояд ин ғамхорӣ ва дастгириҳои роҳбари давлатро ҳамаҷониба пайравӣ карда, дар ин самт ҳиссагузор бошем. Хушбахтона нисбат ба ин масъала аз тарафи Ҳукумати кишвар, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи зан ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои олии кишвар роҳандозӣ намудани ихтисоси «Маърифати оиладорӣ» ва дар ин поя дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҷорӣ намудани фанни таълимии «Маърифати оиладрӣ» ва ҷои кор бо ҳамин ихтисос яке аз роҳҳои пешгирии амалҳои номатлуб ва аз ҳаёти оиладорӣ бархӯрдор намудани ҷавонон аст. Дар шароити имрӯз омӯзгорони фанни "Маърифати оиладорӣ" яке аз субъектҳои асосӣ мебошанд, ки пеш аз ҳама дар давраи мактабхонӣ дар бораи оила ва оиладорӣ, тарзи муошират, муносибат ва ҳурмату эҳтироми яакдигарӣ аз ҷумла дар бораи сабабҳои низоъи оилавӣ, чигуна сар задани низоъи оилавиро ба таври назариявӣ фаҳмонанд. Мо аз падару модар ва устодону шахсони дигаре, ки дар ҷамъият ҷойи сазоворо ишғол кадаанд, дар давраи камолот донишҳои заруриро дар бораи низоъҳои оилавӣ гирифта будем. Мо, ки дар ҷамъият зиндагӣ мекунем, бояд тарзи сар задани низоъҳои оилавиро хуб дониста ва бе низоъ ҳал кардани пароблемаҳои зиндагиро донем. Аз

ҷумла падару модари ҷавонон метавонанд саҳмгузор бошанд, ва дар бораи одоби оиладорӣ, ҳурмати волидайн ва дигар масъалаҳои ҳаётан зарур ҷавононро бояд фаҳмонанд. Чигунае ки ба ҳамагон маълум аст дар оила нақши калидиро зан бештар мебозад. Ҳар як модар вазифадор аст, ки духтаронашонро дар ин масъала бештар фаҳмонанд, ки баъд аз никоҳ ҳаёти онҳо тамоман дигаргун мешавад. Онҳоро оилаи нав, урфу одатҳои нав, одамони дигар ё сода карда гӯем, муҳити нав интизор аст, бояд ба онҳо фаҳмонида шавад, ки баъд аз никоҳ тарзи муносибат ва муошират бо тамоми оиларо донад, ки чӣ гуна бо онҳо муошират кард ва чӣ гуна бо онҳо рафтор намуд, бояд онҳоро омӯхт ва дигар масалаҳое, ки ба маърифати занон хос аст бояд фаҳмонида шаванд. Оилаи домод бошад, баъд аз никоҳ пайваста дар ҳамкорӣ бо ин ду навҷавон бошанд, чӣ гунае, ки маълум аст ҳаёти бештари ин ду ҷавон дар назди онҳо мегузарад. Домод чи гуна хислат дошта бошад ва асосан дар ӯ ҳисси мард будан рушд карда бошад, зеро баъд аз никоҳ проблемаҳо сар мезананд ва худи онҳо бештар аз ӯҳдаи ҳалли он бароянд ва ҳам падару модари ҷавондухтар бояд хеле ҷиддӣ муносибат кунанд.

«Пас, табъи мард гоҳу ногоҳ мутақозии сӯҳбат бошад... зан, ки... тимори хона дорад... фурсат надорад, ки дар вақти тақозои мард худро расонад. Кина дар дили мард афтад... низоъ ва ҷидол хезад [1, 238].

Психологони ин соҳа пеш аз ҳама доир ба протсес ва гузариши ин раванди психологӣ диққати ҷиддӣ диҳанд, ки пеш аз никоҳ бояд барномаҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин маҳалҳо гузаронда шавад,то ин ки ҷавонон муҳим ва зарурӣ будани оила ва оиладориро донанд, инчунин дар бораи хислат ва характери якдигар маълумот гиранд ва пеш аз никоҳ бояд тарзи муносибат ва муошират муҳити хонводагиро аз ҷиҳати психологӣ ба таври васеъ омӯзонанд, ки дар хона муҳити солими психологӣ бояд вуҷуд дошта бошад. Дар хонае ки агар ин муҳит бошад, ягон вақт низоъ сар намезанад ва мо бояд, тарзи муносибат ва муошират психологиро дар ҷавонон пеш аз оила барпо карданашон фаҳмонем ва пайваста омӯзонем. Оромии муҳити психологии оила аз худи мо вобастагии калон дорад. Ҳар як шахси солим метавонад ин муҳитро дар хона таъмин намояд. Психологонро зарур аст ки инро бояд ба ҷавонон фаҳмонанд. Дар ин ҷо бояд зикр карда шавад, ки саҳми табибон низ назаррас аст ва донишҳои назариявии тиббиро ба онҳо фаҳмонанд, пеш аз никоҳ бояд аз ташхиси тиббӣ гузаранд, ҷавононе ки ба ҳаёти мустақилона қадам мениҳанд аз оқибатҳои нохушӣ никоҳи хешутабори ба мисли кӯдаки маюб ва нуқсондор ва дигар бемориҳое ки аз сабаби номувофиқи тиббии онҳо мебошад, масъулини соҳа аз ин ба ҷавонон бояд хабар ва маълумотҳои заруриро пешкаш намоянд. Ҷавонон дар гузариши муоинаи тиббӣ саркашӣ ё бетаваҷҷуҳӣ зоҳир накунанд ва аз муоинаи пешакии тиббӣ гузаранд ва оилаи дар пеш ташкил мекардаашонро тавонанд хушбахт созанд.

Инчунин, дар ин самт, нақши кормандони Кумитаи дин ва танзими анъана низ хеле калон аст чун ки никоҳ баъд аз эътибори қонуни гирифтанаш дар мақомоти САҲШ ба ин шахсон вогузор карда мешавад, то ки аз ақоиди динӣ ва аҳкоми шариати исломӣ доир ба масъалаҳои мӯҳими оиладорӣ ба ҷовонон бояд фаҳмонанд ва ҷавонон аз нигоҳи динӣ ҳам, ба оилаву оиладорӣ низ диққати ҷиддӣ диҳанд чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, қисмати зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дини Исломро пайравӣ мекунанд. Кормандони ин соҳа ҳолати психологӣ ва тарзи тафаккури мардумро қадам ба қадам тағйир дода андешаи ҷомеаро бачое расонанд, ки мард агарчи занашро дӯст надорад ва барояш мақбул набошад ҳам бо вай муносибати некро ба роҳ монад. Ин бори дигар масъулинро ба он таъкид менамояд, ки дар роҳи ташкили оила тамоми мақомоту идораҳе ки, доир ба ин масъала ташкил ёфтаанд ҳамкории судманд ва дучандро ба роҳ монанд ва дар натиҷа ҷавонон ба роҳи душвори зиндагӣ наафтанд, бояд пеш аз ҳама ташкилкунандаи ин ҳамкориҳо психологони ин соҳа бошанд, зеро бисёре аз низоъҳои оилавӣ аз ҷиҳати надоштани саводи кофии психологӣ сар мезанад.

Аз таҷриба ва фоҷиаҳое, ки дар атрофи мо рух медиҳанд ҳаминро хулоса кардан мумкин аст, ки аксари ҷавонон ҳалли мушкилоти сарзадаро дар ҷудо шудан, аз якдигар мебинанд ва онҳо фикр намекунанд, ки ҳамаи мушкилот дар натиҷа ҳалли худро меёбад. Чуноне ки Аҳмади Дониш мефармоянд *«Дигар то тавонад талоқ накунад, ки худованди иззу исма аз ҷумлаи мубоҳот талоқро душман дорад [1, 256].* Талоқ чизест, ки ҳеҷгоҳ сабаби пешрафт ва рафъи мушкили шуда наметавонад. Агар иродаи қавии психологӣ дар шахс тарбият ёфта бошад, ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад то ин ҳамаро паси сар созад. Мо инро дар мақоли халқии *«Зиндагӣ пастию баландиҳои зиёд дорад» [4, 56]* дида метавонем. Ҷавонон фикр намекунанд, ки ин ягона роҳи раҳои нест, ки баъд аз талоқ боз оилаи навро барпо карда, зиндагии орому осударо ташкил карда метавонанд аммо ин андеша нодуруст аст ва доир ба ин масъала

маорифпарвар ва олими тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш дар охирҳои асри XVIII ва ибтидоӣ асри XIX дар асари таърихӣ ва илмии худ «Наводир-ул-вақоеъ» таъкид мекунад, ки *«Дониста оила барпо кунед ва то охир кӯшиш кунед бо ин оилаи худ бимонед ва ҳаргиз кӯшиш накунед, то бо занони дуюму сеюм ва чорум оиладор шавед» [1, 254].* Аҳмади Дониш ҳанӯз дар даврони феодалӣ ба ҷавонон хитоб карда буд ва хушбахтона мо ки дар асри XXI ва бевосита дар давлати соҳибистиқлоли худ зиндагӣ мекунем ва ин нуқта дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маврид оварда шудааст: *«Бисёрникоҳӣ манъ аст» [2. моддаи 33]* ин нуқтаро бояд сокинони кишвар дуруст дарк намоянд ва бояд пеш аз ҳама роҳи ҳалли мушкилиро ёбанд на ин ки роҳи ҳалро дар талоқ бинанд.

Дар оила сабабҳои сар задани низоъ хеле зиёд аст ва мо якчанд навъи онро қайд мекунем: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, биологӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва психологӣ. Сабаби сар задани низоъи иҷтимоӣ дар он мебошад, ки ҷавонон ҷаҳонбинии васеъ надоранд, худашонро ба ҷамъият хеле душвор мутобиқ мекнанд, аз ҷумла, тарз муносибат ва муошират дар байни аъзои оила. Оила худ як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ буда, сабаби сар задани низоъ шуда метавонад. Сабаби дигаре, ки ин ҳолат рух медиҳад дар поймол кардани ҳуқуқи якдигар ва манфиатҳои худро боло бардоштан мебошад ва бо баҳонаи ночизе, аз кор дер ба хона омадан ва монанди инҳоро эҷод кардан дар натиҷа низоъ сар мезанад. Сабаби дигар ин аз ҷиҳати иқтисодӣ мебошад, норасо будани маош ё надоштани даромади кофӣ барои рӯзгузаронӣ, ки ҳамеша дар оилаҳо ин бисёртар дида мешавад. *Зани фалон, духтари фалонаро... ин либос пӯшида ва фалона ин ҳулӣ баста [1, 233].* Ин ҳолат ҳатто сабаби талоқ мешавад, ки имрӯзҳо бисёре ҷавонон на аз чиҳати ақлу хирад балки аз рӯи доштани иқтисоди баланд бо якдигар оиладор мешаванд ва дере нагузашта хислат ё хулқу рафторашон бо ҳам мувофиқ намеоянд ва сабаби низоъ дар оила мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сабаби надоштани ақлу хирад буда, барои пулу сарват ва моли ночиз шуда аз баҳри хушбахтии худ мегузаранд ин дер давом намекунад ва онҳо ҷудо мешаванд.

Биологӣ ин яке аз сабабҳои низоъи дигари оилавӣ низ шуда метавонад, ки ин аз ҳама низоъи вазнин дар байни низоъҳои оилавӣ аст якум сабаби биологӣ ин пеш аз ҳама сабаби нагузаштани муоинаи тиббӣ мебошад, ки баъд аз никоҳ праблемаҳои оилавӣ сар мезанад ва қонеъ нагаштани яке аз талаботҳои шаҳвонии ҳамсарон мебошад ва дигар низоъ бошад, таваллуди фарзанди маюб ва дигари нуқсонҳои модарзодӣ, ки фарзанд бо худ дорад, сабаби низоъи оилавӣ шуда метавонад ё тамоман фарзандор намешаванд, ин боиси пошхӯрии оилаҳо мегардад. Мешавад пеш аз ҳама, бояд, аз муоинаи тиббӣ гузаранд, то ки баъд аз никоҳ низоъ сар назанад. Сабаби дигари сар задани низоъ дар оила ин фарҳангӣ ё фароғатӣ аст ки ин дар байни зану мард сар мезанад, мисол шуда метавонад, ки зан ба ягон ҷо меҳмонӣ ё тӯй рафтанӣ мешавад ва мард дар ин розӣ нест ва дар ин ҷо пеш аз ҳама бояд, ин фикрро баён намудан зарур аст, агар дар оила сабабҳои иҷтимои, иқтисоди, фарҳангӣ ва фароғатӣ аз ҳама муҳим психологӣ мебошад аз ин ҷо бар меояд ки муҳити психологии хона на танҳо ба низоъ оварда мерасонад, балки ба худкушӣ яке аз ҳамсарон оварда мерасонад.

Сабабҳои низоъҳои психологӣ дар байни ҷавонон надоштани боварӣ ба яакдигар мебошад ва дигар сабаб бошад, яке аз ҳамсарон ё ҳарду бо розиги волидайн ё маҷбурӣ хонадор шуданд, сабабаи ин гуна хонадорӣ аз ҳама хатои бузург аст, ки падару модари ҷавонон барои молу сарват ва дигар арзишҳои шахсӣ худашон ба фарзандонашон ин гуна хонадоршавиро маҷбур мекунанд, ки бо ин духтар ё писар «агар хонадор нашавӣ мо аз ту розӣ нестам ва дар ин таънаву маломат шаъни тарафи дигаро паст мезанад ва рафта-рафта ӯро ба дод меорад». Моҷаро бар мехезад, ки оқибати ин ба касе пушида нест. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки якдигар нофаҳмӣ ба низоъи оилавӣ оварда мерасонад. Дар ин ҷо бошад рашк, сабаби низоъи оилави гардад, ин аз ҳама, мушкилтару ё мушкилӣи бузург аст рашки байни ҳамсарон ё яке аз ҳамсарон аз рашки зиёд метавонанд беморӣ ё ба худкушӣ оварда расонад.

Аабиёт:

1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. – 285 с.
2. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Источник http://prezident. Tj. Leify,t 2019.
3. Паёми Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод. – 47 с.
4. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди дуввум. – Душанбе: Ирфон, 1964.

Калидвожаҳо: *низоъ, оила, пешгирӣ, беморӣ, вирус, паём, падар, оиладорӣ, қонуни зиндагӣ, домод, зан, САҲШ, Конституцсия, Кодекси оила, ҳал, фарзанд, маъюб.*

Аннотация

ПРИЧИНЫ КОНФЛИКТОВ В САМЬЕ И ИХ ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ

Это статья написана на научном уровне и затрагивает важные вопросы семейной и сесмейной этики. В этом произведении было процитировано послание Президента Маджлиси Оли страны в 2015 году, и в этом контексте он также упомянул богатые работы других.

Писатель смог затронуть важные вопросы конфликтов и их предотвращения, а также его экономические, социальные, культурные и рекреационые корни. Премичательно, что он поднял важные вопросы, связанны с профилактикой этих проблем, чтобы молодые семьи могли эффективно использовать этот совет.

Ключевые слова: *конфликт, семья, профилактика, болезнь, вирус, сообщение, отец, семья, закон жизни, жених, жена, пояс, ЗАГС, Конституция, семейный кодекс, поселение, ребенок, инвалидость.*

Annotation

CAUSES OF CONFLECT IN THE FAMILY AND ITS PREVENTION

This article is written at the scientific level and addresses important issues of family and family ethics. In this work, he guoted from the President & address to the country Majlisi Oli in 2015, and in this context, he also mentioned the rich works of others. The writer was able to address the important issues of conflict, and its prevention, and to address it economically, socially, and culturally. It is noteworthy that he raised important issues related to the prevention of these issues so that youpg families can make good use of the advised.

Keywords: *conflict, family, prevention, illness, virus, message, father, family, law of life, groom, wite, sash, constitution, family code, settlement, child, disability.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru

Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим, магистранти соли якуми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 550751575

Сведения об авторах: Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики лингвистика, заместитель декана по учебной работе ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: +992 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru

Халимзода Шохрух Абдунаим, магистрант первого курсо факультета таджикской филологии ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: +992 550751575

About the authors: Valiev Jamshed Abdurasulovich, assistant of the Department of Theory and practice of linguistics, Deputy Dean for Educational Affairs of Sadriddin Aini Tajik State University. Phone number: +992 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru

Halimzoda Shohrukh Abdunaim, is a fourth-year student at the tajik philology faculty of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone number: +992 550751575

Ашуралиева Руфайда,
магистранти соли якуми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

МУШКИЛИҲОИ АСОСИИ МУТОБИҚНАМОИИ ТЕСТҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Истифодаи тестҳои психологиро метавон дар аксар илмҳо мушоҳида намуд, аз ҷумла педагогика, сотсиология, фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, тиб ва ғайра. Тестҳои истифодашаванда аз тарафи психологони ватанӣ ва психологони хориҷӣ пешниҳод карда шуда бошанд ҳам, мутаассифона тестҳои мазкур ба шароити кунунии Тоҷикистон мутобиқ кунонида нашудаанд.

Мутобиқнамоии тест (аз лотинӣ adaptare — мутобиқ кардан ва англисӣ test — санҷиш). Муайян кардани имкониятҳои истифодаи озмоиш дар шароити нав ва дар ҳолати зарурӣ тағйир додани ҷузъҳои он бо мақсади нигоҳ доштани эътибори аслии (мақсади) ин озмоиш мебошад. Мутобиқнамоии тест – маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки мувофиқатии тестро дар шароити нави истифодабарии он таъмин мекунад. Дар ташхиси психологии ватанӣ мутобиқнамоии тестҳои хориҷӣ аҳамияти хоса дорад [2, 89].

Дар мутобиқнамоии тестҳо марҳилаҳои асосии зеринро метавон ҷудо кард:

1. таҳлили муқаррароҳои назариявии муаллифи тест;
2. алоқамандии тест бо муҳити фарҳангӣ, ки дар он бояд истифода шавад;

• тарҷумаи тест ва дастурҳои он ба забони истифодабаранда, ки бо ташхиси экспертии мувофиқат ба нусхаи асл анҷом дода шудааст;

• санҷиши асосноки ва эътимодкӣ, ки мутобиқи талаботи психометрикӣ гузаронда мешавад;

• стандартизатсияи санҷиш дар намунаҳои мувофиқ.

Яке аз марҳилаҳои асосии мутобиқнамои тестҳои аз забонҳои хориҷӣ истифода шаванда ин асосноки ва эътимоднокӣ тестҳо мебошад. Эътимоднокии баланди санҷиш шарти зарурӣ, барои гирифтани санҷиши баландсифат мебошад. Валиднокӣ ва эътимодноки муҳимтарин хусусияти санҷиш аст, ки бидуни муайян кардани он истифода намудани тест қобили қабул дониста намешавад. Дар мавриди валиднокӣ ва эътимоднокӣ олимон ақидаҳои гуногун пешниҳод намудаанд, ки аз онҳо чунин тарифи мушаххас сохтан мумкин аст.

Эътимоднокӣ хусусияти санҷишест, ки қобилияти онро барои ба даст овардани натиҷаҳои мувофиқи ҳадафи гузошташуда инъикос мекунад ва мувофиқати қарорҳои қабулшударо асоснок мекунад [5, 104].

Тести психологӣ - ин маҷмӯи супоришҳои бастандартдаровардашудаи кӯтоҳмуддатест, ки баҳои миқдорӣ ва сифатии натиҷаи иҷроиши онҳо мавҷудият ва ё дараҷаи инкишофи функсияҳои муайяни психикиро ошкор месозад.

Аввалин мураттиби тестҳои психологӣ олими фаронсавӣ Алфред Бине (1857 –1911) буда, соли 1905 барои ташхиси қобилиятҳои ақлонии кӯдакон аввалин тести санҷиши ақлро тартиб дод. Бо ёрии тестҳо дараҷаи инкишофи қобилиятҳои ақлӣ, маҳоратҳои муайян, малака, баъзе сифатҳои шахсӣ, дараҷаи коршоямии шахс ба ин ё он намуди фаъолият ташхис ва омӯхта мешаванд. Метавон чунин соҳаҳои асосии истифодаи тестҳои психологиро ишора намуд:

1) маориф ва маълумот;
2) тайёрии касбӣ ва интихоби касб;
3) машварати психологӣ;
4) фаъолияти амалии клиникӣ ва ғайра;

Тест – ин тартиби бастандартдаровардашудаи андозагирии психологӣ мебошад, ки бо истифодаи он дар муддати кӯтоҳ доир ба зуҳуроти омӯхташаванда маълумоти дақиқи миқдорӣ ё сифатӣ ба даст овардан мумкин аст. Он одатан аз супориш ё санҷишҳои кӯтоҳ дар намуди таҳлили муҳокима, ҳалли масъала, расмкашӣ, нақл аз рӯи расм ва монанди инҳо иборат мебошад. Тестҳо аз дигар методҳои тадқиқотӣ бо тартиби аниқмуайяншуда ва бастандартдаровардашудаи ҷамъоварӣ, коркард ва шарҳи маълумот фарқ мекунанд, ки ин имконият медиҳад то хусусиятҳои психологии ашхоси комилан гуногун муқоиса карда шаванд. Маҳз бо ҳамин хусусиятҳои худ тест серистеъмолтарин методи психологӣ ба шумор меравад [3, 51].

Тестҳои психологиро аз рӯи якчанд меъёр тасниф мекунанд:

1) аз рӯи хусусиятҳои истифодаи супоришҳои тестӣ (шифоҳӣ, амалӣ);

2) аз рӯи шакли тестгузаронӣ (гурӯҳӣ ва фардӣ);

3) аз рӯи самти ташхис (тестҳои ташхиси қобилиятҳо, ташхиси шахсият, ташхиси функсияҳои алоҳидаи психикӣ);

4) аз рӯи маҳдудияти вақти иҷрои супориш (тестҳои суръатсанҷ ва натиҷасанҷ);

5) аз рӯи мақсади истифода (тестҳои интихоби касб, ташхиси клиникӣ, ошкорнамоии шавқу ҳавасҳо ва ғ.);

6) аз рӯи маводи истифодашаванда (тестҳои варақавӣ, предметӣ ва таҷҳизотӣ);

7) аз рӯи сохтори таркибӣ (гемогеннӣ ё яктаркиба ва гетерогеннӣ ё бисёртаркиба).

Таснифоти бештар маъмулгардида се варианти тестҳои психологиро пешниҳод мекунад: тест – пурсишнома, тест – супориш ва тестҳои проективӣ.

Тест-пурсишнома аз системаи муҳокима ё саволҳои пешакӣ фикркардашуда, бодиққат коркардашуда ва аз нигоҳи эътимоднокию боварибахшӣ санҷидашудаест, ки аз рӯи ҷавоб ба онҳо доир ба хусусиятҳои психологии озмудашаванда хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Тест-супориш баҳогузорӣ ба хусусиятҳои психологӣ ва рафтори одамро дар асоси кори иҷрокардаи ӯ пешниҳод мекунад. Ҳангоми чунин тестҳо ба озмудашаванда маҷмӯи супоришҳои махсус пешниҳод карда мешавад, ки аз рӯи натиҷаҳои иҷроиши он доир ба мавҷуд будан ё набудан ва ё дараҷаи инкишофи ин ё он хусусияти ӯ хулоса бароварда мешавад. Тест – пурсишнома ва тест – супориш барои одамони синну сол, маданият, дараҷаҳои маълумотнокӣ, касбу кор ва таҷрибаи ҳаётиашон гуногун мувофиқ аст, ки ин бартарияти онҳоро ифода мекунад.

Тестҳои проективӣ – гурӯҳи методикаҳое мебошанд, ки ба воситаи онҳо ташхиси хусусиятҳои шахс дар асоси таҳлили рафтори ӯ дар вазъиятҳои номуайян ва сермаъно сурат мегирад. Психолог бо ёрии тестҳои проективӣ озмудашавандаро ба вазъияти хаёлии пешакиомодакардашудаи дорои образӣ номуайян мебарад ва аз ӯ шарҳи вазъияти додашударо хоҳиш мекунад. Шарҳи вазъият озод буда, ба дарку фаҳмиши озмудашаванда вобаста аст. Ба сифати чунин вазъият метавонад расмҳое баромад кунанд, ки дар онҳо одамони номаълум ба амалҳои номуайян машғуланд ва аз озмудашаванда хоҳиш карда мешавад, ки ба саволҳои «ин одамон кистанд?», «онҳо ба чӣ кор машғуланд?» ва монанди инҳо ҷавоб гуфта, ба расм маъно бахшад. Дар асоси таҳлили ҷавобҳои озмудашавандагон ҳатто дар бораи он хусусиятҳои шахсии ӯ хулосаҳо баровардан мумкин аст, ки асоси бешуурона доранд. Асоси чунин тестҳоро механизми проексия ташкил медиҳад, ки мувофиқи он хусусиятҳои аз ҷониби худи ӯ даркнашаванда, хусусан камбудиҳояшро одам майли ба дигарон мансуб донистан дорад. Чунин тестҳоро истифода бурда истода, доир ба психологияи озмудашаванда дар асоси он хулосаҳо мебароранд, ки ӯ чӣ тавр вазъият, хусусиятҳои психологӣ ва рафтори одамони дигарро дарк мекунад ва баҳо медиҳад, кадом хусусиятҳои шахсӣ, маромҳои табиати мусбӣ ё манфидоштаро ба онҳо мансуб медонад.

Тестҳои проективӣ вобаста ба як қатор хусусиятҳои худ аз ҷониби психолог дониши назариявӣ ва таҷрибаи баланди касбиро талаб мекунад. Тестҳо ба сифати асбоби андозагирӣ истифода мешаванд, ва аз ин рӯ онҳо бояд ба талаботи ҷиддӣ ҷавобгӯ бошанд. Маҷмӯи супоришҳои тасодуфиро тест номидан номункин аст. Сифати тестҳои психологӣ аз рӯи эътимоднокӣ (устувории натиҷаҳои тестгузаронии такрорӣ), боварибахшӣ (мувофиқати тест ба мақсади ташхис) ва қимати тафриқавии супоришҳо (хосияти тест, ки қобилияти вобаста ба дараҷаи ифодаёбии хусусияти тадқиқшаванда ба зергурӯҳҳо ҷудо кардани озмудашавандагонро ифода мекунад) баҳо дода мешавад. Истифодаи тест танҳо дар доираи ҳамон масъалае имконпазир аст, ки барои он сохта шудааст ва дар муносибат бо он санҷида шудааст. Тестҳоро наметавон ҳамчун воситаи универсалии ташхис баҳо дод.

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем дар ҷумҳуриамон тестҳо кам коркард шудаанд аз ин лиҳоз мо бояд тестҳои ба забонҳои хориҷӣ коркард карда шударо ба забон ва шароити кунунии ҷумҳуриамон мутобиқ намоем, аммо дар ин самт мушкилиҳои зиёд вуҷуд доранд, ки муҳимтаринашон нарасидани воситаҳои моддӣ-техникӣ, нарасидани мутахасисони ботаҷриба, набудани лабораторияҳои махсус, ва ғайра мебошад, ки барои бартараф намудани ин мушкилиҳо бояд аз тарафи давлат буҷаи махсус ҷудо карда шавад ва психологони соҳибтаҷрибаро ба ин кор ҷалб намоянд. Дар асоси ин бояд лабораторияҳои махсус омода карда шавад, ки барои санҷиш ва натиҷагирии тестҳо ба ягон мушкили дучор нагардем.

Адабиёт:
1. Гиппенрейтер Ю. Б. Введение в общую психологию. – М.: Юрайт, 2002. – 336 с.
2. Кондаков И. М. Психология. Иллюстрированный словарь. // И.М.Кондаков. – 2-е изд. доп. И перераб. – СПб., 2007. – 14 с.
3. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н. М., Расулов С. Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов. – М., 2010.
4. Петровский А. В. Психология о каждом и каждому о психологии. – М.: Изд-во РОУ, 1996. – 208 с.
5. Платонов К. К. Краткий словарь системы психологических понятий. – М., 1984.
6. Рубинштейн Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 2001. – 720 с.
7. Столяренко Л. Д. Основы психологии. – Ростов н/Д: Феникс, 2003. – 672 с.

Калидвожаҳо: *мутобиқнамои, тестҳои психологӣ, озмоиш, ташхиси психологӣ, ташхиси эксперти, психометрикӣ, стандартизатсияи санҷишӣ, таснифот, эътимоднокӣ, валиднокӣ.*

Аннотация

ОСНОВНЫЕ ТРУДНОСТИ АДАПТАЦИИ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ТЕСТОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Тестовая адаптация (от латинской адаптации). Определение возможности использования теста в новых условиях и, при необходимости, изменение его компонентов для поддержания достоверности (цели) теста. Адаптация теста - это комплекс мер по обеспечению пригодности теста в тесте в новых условиях его использования. Особое значение в диагностике отечественной психологии имеет адаптация зарубежных тестов.

Ключевые слова: *адаптация, психологические тесты, тестирование, психологическая диагностика, экспертиза, психометрия, валидационное тестирование, классификация, достоверность, стандартизация.*

Annotation

THE MAIN DIFFICULTIES OF ADAPTATION OF PSYCHOLOGICAL TESTS IN MODERN CONDITIONS OF TAJIKISTAN

Test adaptation (from the latin adaptation). Determining the possibility of using the test in new conditions and, if necessary, modifying its components in order to maintain the validity (purpose) of the test. Test adaptation is a set of measures to ensure the suitability of the test in the test in the new conditions of its use. Of particular importance in the diagnosis of domestic psychology is the adaptation of foreign tests.

Keywords: *adaptation, psychological tests, testing, psychological diagnosis, expert examination, psychometric, validation testing, classification, reliable, standardization.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ашуралиева Руфайда, магистранти соли якуми ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 918341129

Роҳбари илмӣ: Латифзода С.

Сведения об авторе: Ашуралиева Руфайда, магистрантка первого курса прикладной психологии факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им. С. Айни. Тел.**:** +992 918341129

Научный руководитель: Латифзода С.

About the author: Ashuralieva Rufaida, first-year master of applied psychology, faculty of psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University S. Aini. Tel.**:** +992 918341129

Scientific adviser: Latifzoda S.

Ҳаётов Иззатулло,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ОМИЛҲОИ МУСОИДАТКУНАНДА БА ЗУҲУРОТИ ДУРӮҒГӮЙӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННУСОЛИ ТОМАКТАБӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки заминаи дар замири кӯдак шакл гирифтани хислати дурӯғгӯиро амалу рафтори беаҳмиятонаи волидайн ташкил медиҳанд. Волидайн ҳангоми қонеъ карда натавонистани ягон талаботи фарзанд ё маҳкум кардани ягон камбудии ночизи ӯ ва ҳақ баровардани худ, бошууронаю бешуурона, дидаю дониста ба фарзанд ҳарфи дурӯғ мегӯяд ва бо ин амали худ қалби нозуки фарзанди худро нуқсондор мегардонад. Зеро вақте кӯдак як маротибаю ду маротиба ба ваъдааш вафо накардани волидайн ва бовуҷуди ин бо ҳарфи дурӯғ худро сафед кардани ӯро мушоҳида менамояд, гумон мекунад, ки ин амри воқеист ва бояд ҳамин тавр ҳам бошад. Худи ӯ низ дар оянда кӯшиш менамояд, ки барои аз вазъияти ногувор холис баромадан, ҳатман бояд дурӯғ гуфт. Ин амал дар оғоз аз рӯи зарурат сурат гирифта, оҳиста-оҳиста бе ягон зарурат, барои худро аз ҷониби мусбат нишон додан, такрор шудан мегирад ва ба одат табдил меёбад. Маҳз то ба ҳамин дараҷаи рушд расидани хислати дурӯғгӯии кӯдак боиси ташвишу изтироб мебошад, вале наҳама он суханони бардурӯғе, ки аз ҷониби волидайн гуфта мешаванд, бар зарарӣ кӯдаканд.

Инсон сохтакорона дурӯғ мегӯяд, маълумоти нодурусту бардурӯғро иброз медорад, далелҳои барои ӯ маълумро пинҳон мекунад, шоҳидии бардурӯғ медиҳад, нимросту нимдурӯғ гуфта, чизи асосиро махфӣ нигоҳ медорад. Ӯ қатъиян боварӣ дорад, ки танҳо бо ҳамин восита ба дигарон, ба ҷамъият ё шахси алоҳида кӯмак расонида метавонад ва ин роҳи пешгирифтаи ӯ роҳи дурусту рост мебашад. Дар сурати баръакс, ӯ ба шахсони зикр гардида, зиён мерасонад. Табиист, ки ҳамагуна амали пешбинишудаи хайрхоҳона (созанда) бояд бо ягон усули боваринок асоснок карда шуда бошаду ба меъёрҳои иҷрои кор дар меъёрҳои ахлоқии ин ё он ҷамъият қабулгашта, ҷавобгӯ бошанд. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки ба сифати субъекти иҷрои амали аз ҷониби ҷомеаи муайян қабул гардида, на танҳо шахсони алоҳида, балки гӯрӯҳ, коллектив ва институтҳои иҷтимоӣ баромад карда метавонанд.

Масъалаи созандагии амали фиреб ба мисли насли одамӣ таърихи куҳан дорад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим дар осори Афлотун, ибни Сино, Имом Ғазолӣ, Конфутси, Утсзи ва дигарон оид ба «дурӯғи маслиҳатомез, беҳ аз рости фитнаангез» ақидаю тавсияҳо дода шудаанд. Рӯҳбаланднамоии табиб бемори вазнинро, ки боварии ӯро барои шифо ёфтанаш дучанд мегардонад, мисоли дурӯғи маслиҳатомез мебошад ва ба нияти хайру созандагӣ иброз дашта мешаваду гувоҳи инсонпарварии субъекти дурӯғ мебошад.

Ба ақидаи профессор Д. И. Дубровский, дурӯғи созанда инъикоскунандаи намуди дурӯғи ғаразнок мебошад, зеро мақсади муайяни субъекти дурӯғро пайгирӣ менамояд [2, 94]. Дар фарқият аз дурӯғи вайронкунанда, ки барои амали намудани мақсадҳои берун аз меъёрҳои ахлоқӣ нигаронида шудааст, дурӯғи созанда мақсадҳоеро пайгирӣ менамояд, ки бо арзишҳои умумиинсонӣ, меъёрҳои адолату ахлоқии ҷомеа мувофиқат менамояд. Инро ҳамчун боҳаммувофиқ омадани мақсадҳои фиребкунандаю фирефташаванда тафсир кардан мумкин аст.

Мақсади дурӯғи созандаро ба тарзи зерин тафсир кардан мумкин аст:

- ба зарари худу ба фоидаи дигарон;
- ба фоидаи майлу хоҳишҳои худ, ки аз ҷониби атрофиён мусбат баҳогузорӣ карда мешавад.

Дурӯғ гуфтан ҳамчун таҳрифи барқасдонаи ҳақиқати реалӣ вақте пайдо мешавад, ки кӯдак ба фаҳмидани зарурати риояи баъзе қоидаҳои аз ҷониби калонсолон муайян шуда, пайдо мешавад. Чунин вазъиятҳо ҳолатҳои ҳавасмандии дукарата барои кӯдак мегарданд ва ҳангоми қоидаеро вайрон риоя накардан, ба дурӯғгӯӣ рӯ меоварад. Дурӯғгӯӣ метавонад ҳамчун таъсири манфии талабот ба эътирофгардӣ ба вуҷуд ояд, зеро доираи фаъолияти кӯдак барои пайдарпай иҷро кардани амалҳое, ки боиси эътироф мешаванд, ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Дар синнусоли томактабӣ дурӯғгӯӣ ҳамчун ҷуброни рафтори иродавӣ (ихтиёрӣ) ба вуҷуд меояд. Аз синни сесолагӣ зуҳури мустақилият ҳарчи бештар меафзояд, аммо ин танҳо дар байни одамоне кӯдак онҳоро мешиносад - дар гурӯҳи одамонои ношинос бошад, ӯ бештар хусусияти конформиро зоҳир мекунанд [3, 157]. То синни сесолагӣ дар байни кӯдаконе, ки баъдан сифатҳои дурӯғгӯӣ дар онҳо инкишоф меёбанд ё инкишоф намеёбанд, фарқият вуҷуд надорад,

ин фарқият танҳо дар синни 4-5 солагӣ мушоҳида мешавад. Яке аз омилҳои инкишоф ёбии хусусияти дурӯғгӯӣ дар кӯдакон, ин инкишофи нодурусти муошырати нутқӣ бо калонсол ба шумор меравад [1, 23].

Кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёт ба муошырати нутқии калонсолон эҳтиёҷот дорад. Модар гарчанде ки талаботҳои моддии кӯдак: парвариш, нигоҳубин, хӯрок, дар ҳарорати муайян нигоҳ доштан, аз таъсиротҳои зараррасон муҳофизат карданро қонеъ гардонад ҳам, барои кӯдак ҳамаи ин нокифоя аст. Кӯдак ба муносибати эмотсионалӣ эҳтиёҷ дорад. Аввалин аксуламалҳои эмотсионалии кӯдак ба монанди гиря, табассум, нороҳатӣ ҳамчун воситаи муносибату муошират бо калонсолон хизмат мекунад. Калонсол ҳарчӣ тезтар ба муносибати эмотсионалӣ бо кӯдак дохил шаванд, ӯ ҳамон қадар фаъол шуда, ашё ва ҳодисаҳои олами воқеиро маърифат мекунад. Кӯдак ба тарзи талаффуз ва муошырати нутқи калонсолон бо шавқу ҳаваси том, назар мекунад. Хатти ҳодисаю воқеахое, ки ба амалу ҳаракатҳои дигар дахл доштаро кӯдак бо шавқи тому рағбати зиёд дарк карда, мехоҳад тавассути нутқу забон ва моҳияти ҳодисаи ба вуқӯъпайваста шинос шавад.

Дар заминаи ин дар кӯдак талаботи муошырати нутқӣ бо калонсолон пайдо мешавад. Акнун нутқ барои кӯдак натанҳо воситаи муошырати байниҳамӣ, балки чун воситаи маърифатӣ олами материалӣ хизмат мекунад.

Дар давраи барвақтӣ – бачагӣ барои инкишофи нутқи фаъоли кӯдак шароити мусоид фароҳам меояд. Дар 1,5 солагӣ кӯдак аз 30 -40 то 100 калимаро аз худ мекунад, вале аз он калимаҳо дар нутқи гуфтгӯи хеле кам истифода мебарад. Нутқи гуфтгӯии кӯдак ҳоло он қадар фаъол нашудааст, вале баъди 1,5 – солагӣ нутқи кӯдак бо суръати тез инкишоф ёфта, тағйиротҳои муҳим дар нутқи ӯ ба вуҷуд меоянд. Нутқи ӯ хеле фаъол мешавад. Ӯ мунтаззам аз калонсолон талаб мекунад, ки предметҳоро номбар кунанд ва ба саволҳои ӯ ҷавоб диҳанд. Нутқи кӯдак бо суръати тез инкишоф меёбад [3, 25].

Кӯдакони синни томатабӣ ба тарзи таллафуз ва муошырати нутқии калонсолон бо шавқу ҳаваси том назар мекунанд. Ҳатто ҳодисаю воқеаҳои ба амалу ҳаракатҳои дигарон дахлдоштаро ӯ бо рағбати зиёд дарк мекунад, мехоҳад ба моҳияти ҳодисаи ба вуқуъ пайваста шинос шуда, бар замми он дар кӯдак талаботи муошырати нутқӣ бо калонсолон пайдо мешавад. Азхудкунии нутқ дар ин давраи синнусолӣ ташаккули тасаввуроти кӯдакро имконпазир мегардонад. Тасаввурот дар синни сесолагӣ ба вуҷуд меояд, вақте ки қобилияти ҷойивазкунӣ ҳангоми бозӣ пайдо мешавад: предметҳои шинос бо номи дигар ифода меёбанд ва дар дигар сифат истифода мешаванд. Чунин ҷойивазкуниҳо ҳангоми бозӣ шакли аввалини тассаввурот мебошанд ва қадаме хеле муҳим барои ташаккули фаъолияти пешбарандаи нав - бозии сюжетӣ ва нақшдор мебошанд.

Мушоҳида ва тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки майл ба дурӯғгӯӣ ва бофтабарорӣ дар кӯдакон худ аз худ, бе иштироки онҳое, ки аллакай дурӯғ мегӯянд - яъне шахсони калонсол ва кӯдакони калонтар, пайдо намешавад. Калонсолон худ инро дарк накарда, ба кӯдаки хурдсол дурӯғгуфтанро меомӯзонанд. Бинобарин ба волидайн тавсия дода мешавад, ки дар тарбия кӯдакони ин синнусол аҳамияти ҷиддӣ дода, кӯшиш намоянд дар назди онҳо камтар рӯ ба дурӯғгӯӣ оваранд.

Адабиёт:

1. Иматова Л. Адабиёти бадеӣ воситаи инкишофи нутқи кӯдакон // Маводҳои маҷлиси машваратии республикавии кормандони соҳаи тарбияи томактабӣ. – Душанбе, 1996.
2. Инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ. // Дар зери таҳрири Насруллоева Н. – Душанбе, 1977. – 82 с.
3. Ладыженская Т. А. Система работы по развитию связной речи учащихся. – М.: Педагогика, 1974. – 256 с.
4. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. – Душанбе, 2016. – 143 с.

Калидвожаҳо: *дурӯғгӯӣ, синнисуоли томактабӣ, омил, хусусияти психологӣ-иҷтимоӣ, бофтабарорӣ, волидайн, шаклгирӣ, ташхис, пешгирӣ, бартарафсозӣ, нутқ, оила.*

Аннотация

ФАКТОРЫ ЛЖИ У ДОШКОЛЬНИКОВ

В своей статье автор приводит информацию о факторах, способствующих феномену лжи и фабрикации в дошкольном возрасте. По мнению автора, одним из основных факторов, скрывающих правду у детей курящего возраста, является ложь родителей. Когда родитель не может удовлетворить потребности ребенка или осуждает незначительный недостаток и оправдывает себя, он сознательно и неосознанно намеренно лжет ребенку, тем самым повреждая хрупкое сердце его ребенка. Потому что, когда ребенок видит, что его родители один или два раза не сдержали своих обещаний, и все же он оправдывает себя ложью, он думает, что это правда и должно быть так.

Ключевые слова: *ложь, дошкольный возраст, фактор, психологические и социальные характеристики, фабрикация, воспитание, формирование, диагностика, профилактика, устранение, речь, семья.*

Annotation

FACTORS FOR LIE IN PRESCHOOL CHILDREN

In his article, the author provides information about the factors contributing to the phenomenon of lying and fabrication in preschool age. According to the author, one of the main factors hiding the truth in children of smoking age is the lies of parents. When a parent fails to meet the child's needs or condemns a minor flaw and justifies himself, he will knowingly and unknowingly lie to the child, thereby damaging the fragile heart of his child. Because when a child sees that his parents have not kept their promises once or twice, and yet he justifies himself with lies, he thinks that this is true and should be so.

Keywords: *lie, preschool age, factor, psychological and social characteristics, fabrication, education, formation, diagnosis, prevention, elimination, speech, family.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳаётов Иззатулло, магистранти соли дуюми ихтисоси равонишноси амалӣ, факултети психология ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 900393931

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Дадабоева М. С.

Сведение об авторе: Хаётов Изатулло, магистрант второго курса специальности прикладной психологии, факультет психологии и инклюзивного оброзование Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: +992 900393931

Научный руководитель: к.п.н., доцент Дадабоева М. С.

About the author: Hayotov Izatullo, 2nd year master's student of the specialty of applied psychology, faculty of psychology and inclusive education Tajik state pedagogical university named S. Ayni. Phone: +992 900393931

Scientific director: candidate of pedagogical sciences, associate professor Dadaboeva M. S.

Азизхонова Бахмал,
магистранти соли дуюми факултети биология

ОҚИБАТҲОИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ЗӮРОВАРИИ ОИЛАВӢ НИСБАТ БА КӮДАКОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар моҳи гузашта таҳқиқотҳо нишон доданд, ки 53 фоизи кӯдакони аз 1 то 14 сола дар Қазоқистон, 57 фоиз дар Қирғизистон ва 66 фоизи кӯдакони деҳаҳои лулии Сербия ба хушунати хонаводагӣ дучор шудаанд.

Дасткашӣ аз кӯдакон ва ҷойгир намудани онҳо дар хонаинтернатҳо низ яке аз намудҳои зӯроварӣ мебошад ва кӯдаконе, ки дар чунин муассисаҳо тарбия мегиранд, махсусан осебпазир мебошанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки духтароне, ки ба чунин муассисаҳо фиристонида мешаванд ё зиндонӣ мешаванд, нисбат ба писарон бештар ба хушунати ҷисмонӣ ва ҷинсӣ дучор мешаванд.

Вақте, ки дастрасӣ ба интернет васеъ мешавад, хушунат нисбат ба кӯдакон шаклҳои нав мегирад, ба монанди киберҷиноят ва истисмори шаҳвонии онлайн, ки ба оқибатҳои фалокатовар ва тағйирёбандаи ҳаёт оварда мерасонад.

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ гузориш медиҳад:

- Аз 5 зан 1-то ва аз 13 мард 1-то дар кӯдакӣ мавриди озори ҷинсӣ қарор мегиранд.
- Оқибатҳои зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон аз мушкилоти ҷисмонӣ ва равонии якумрӣ иборатанд ва оқибатҳои иҷтимоию касбии он дар ниҳоят метавонанд рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро суст кунанд.
- Озори кӯдаконро пешгирӣ кардан мумкин аст-ин муносибати бисёрсоҳавиро тақозо мекунад.
- Ғамхории пайваста ба кӯдакон ва оилаҳо метавонад ба коҳиш додани хатари хушунати дубора ва кам кардани оқибатҳои он мусоидат намояд.

Хушунати кӯдакон таҷовуз ва беэътиноӣ нисбати кӯдакони то 18-сола мебошад. Он ҳам намудҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва ё эҳсосӣ, сӯистифодаи ҷинсӣ, беэътиноӣ ва истисморро ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ё дигар, ки боиси зарари воқеӣ ё эҳтимоли ба саломатӣ, зинда мондан, рушд ё шаъну шарафи кӯдак дар заминаи муносибатҳо мешаванд, дар бар мегирад. Зӯроварии шарики маҳрамона баъзан як шакли зӯроварии кудакон ҳам шуморида мешавад.

Зӯроварии оилавӣ нисбат ба кӯдакон як масъалаи мураккаб ва душворест барои омӯзиш. Омори дастраси кӯдакони аз хушунати хонаводагӣ зарардида вобаста ба кишвар, усули тадқиқот ва ҷиҳатҳои зерин фарқ мекунанд:

- Таърифҳои татбиқшавандаи таҷовузи кӯдакон;
- Намуди зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон;
- Фарогирии оморӣ ва сифати омори расмӣ;
- Фарогирӣ ва сифати тадқиқотҳое, ки ҳисобот аз руи қурбониён, волидон ё парастор талаб мекунанд.

Бо вуҷуди ин, тадқиқоти байналмиллалӣ нишон медиҳанд, ки чоряки хамаи калонсолон дар давраи кӯдакӣ мавриди таҷовузи ҷисмонӣ қарор гирифтаанд ва аз ҳар 5 зан 1 ва аз 13 мард 1 дар давраи кӯдакӣ мавриди зӯроварии ҷинсӣ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, бисёр кӯдакон қурбонии таҷовузи эҳсосӣ (равонӣ) ва беэътиноӣ мешаванд.

Тақрибан 41000 кӯдакони то 15-сола ҳар сол кушта мешаванд. Ин рақам бузургии воқеии мушкилотро нодида мегирад, зеро қисми назарраси фавтҳо ба таҷовуз, афтидан, сухтан, ғарқ шудани кӯдакон ва дигар сабабҳо рабт доранд.

Дар ҳолатҳои муноқишаи мусаллаҳона ва дар урдугоҳҳои гурезаҳо духтарон махсусан ба зӯроварии ҷинсӣ, истисмор ва бадрафторӣ аз ҷониби низомиён, қувваҳои амниятӣ, дигар аъзоёни ҷомеаи худ, кормандони башардӯстона ва дигарон.

Сӯистифодаи кӯдакон барои худи кӯдакон ва оилаҳояшон ғамгин аст ва он метавонад оқибатҳои якумра ҳосил кунад. Хушунат ва зӯроварӣ нисбат ба кӯдак боиси пайдо шудани стресс мешавад, ки бо вайроншавии инкишофи майнаи алоқаманд аст. Стресси шадид метавонад ба рушди системаи асаб ва иммунитет халал расонад.

Дар натиҷа, дар калонсолӣ одамоне, ки дар давраи кӯдакӣ мавриди таҷовуз ё зӯроварии оилавӣ қарор мегиранд, хатари мушкилоти рафторӣ ва солимии ҷисмонӣ ва равониро доранд, ки метавонанд боиси бемориҳои дил, саратон, худкушӣ ва марг шавад.

Илова ба саломатӣ ва оқибатҳои иҷтимоии он, хушунат ва зуроварӣ нисбат ба кӯдакон ва наврасон инчунин таъсири иқтисодӣ дорад, аз ҷумла харочоти беморхона, табобати мушкилоти солимии равонӣ, некуаҳволии кӯдакон ва харочоти мушкилоти дарозмуддати саломатӣ.

Адабиёт:

1. Прграмма правовых инициатив для стран Центральной Европы и Евразии / Прграмма по защите прав ребёнка: |б. Документов Американской ассоциации юристов. – М., 2005. – 90 с.
2. Сабиров Р. Б. Медико-социальные исследование насилия в отношении детей (по материалам города Набережные Челны). Дисс. канд. Мед. – Москва: Наук, 2005.
3. Ляпунова О. Е. Исследование ситуации домашнего насилия в г. Архангельске. / Женские миры 99; западный опыт и гендерные исследования в России. – Иваново: Иван, roq, ун-т, 20.
4. Виктория Лебедева «Насилие над детьми в семье». (Сущность,содержание и особенности в условиях современной России).
5. Морозова К. Инструкция: как помочь жертве домашнего насилия, если вы не специалист: / Ксения Морозова.

Калидвожаҳо: *зӯроварӣ, хушунати хонаводагӣ, ҷиноят нисбати кӯдакон, намудҳои зӯроварии оилавӣ.*

Аннотация

МЕДИКО СОЦИАЛЬНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ДОМАШНЕГО НАСИЛИЯ ПО ОТНОШЕНИЮ ДЕТЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье затрагивается тема домашнего насилия, его медико-социальные последствия. Рассматривается понятие домашнего насилия в отношении детей и подростков и приводится развернутая характеристика видов насилия в семье, а также определяется круг жертв такого насилия.

Ключевые слова: *насилие, домашнее насилие, преступления в отношении детей, виды домашнего насилия*.

Annotation

MEDICAL AND SOCIAL CONSEQUENCES OF DOMESTIC VIOLENCE AGAINST CHILDREN IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The aticle touches upon the topic of domestic violence, its medical and social consequences. The concept of domestic violence against children and adolescents is considered and a detailed description of the types of domestic violence is given, and the circle of victims of such violence is determined.

Keywords: *violence, domestic violence, crimes against children, types of domestic violence.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Азизхонова Бахмал Мамадазизовна, магистранти соли дуюми факултети биология, кафедраи биохимия ва генетикаи тиббии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, суроға: ш. Ваҳдат, кӯчаи Нақибхон Туғрал 19/А, хонаи 17. Тел.: +992 935233295

Роҳбари илмӣ: Ғоибов А. Г.

Сведения об авторе: Азизхонова Бахмал Мамадазизовна, магистрантка второго курса биологического факультета, кафедры биохимии и медицинской генетики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, адрес: Вахдат, Накибхон Туграл 19/А, кв.: 17. Тел.: +992 935233295

Научный руководитель: Гоибов А. Г.

About the author: Azizkhonova Bakhmal Mamadazizovna, second year master of the Faculty of Biology, Department of Biochemistry and Medical Genetics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, address: Vahdat, Naqibkhon Tugral 19/A, office 17. Phone: +992 935233295

Scientific director: Goibov A. G.

Қурбонзода Кароматулло,
магистранти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТ

Панду ахлоқ дар таърихи бобаракати осори ниёгонамон дорои анъанаи қадима мебошад. Гузаштагони мо дар ин боб он қадар суханҳои қиматбаҳое гуфтаанд, ки асрҳо бо мазмуну мундариҷа ва ҷозибаи худ мардумро тарбия карда, завқи бадеи бахшидааст. Аз ин ҷст, ки мавзӯи панду ҳикмат дар эҷодиёти адибони асрҳои ХУ1-ХУ11 низ мавқеи алоҳидаеро ташкил кардааст. Ҳамон навъе ки Зайнулобиддини Муътаман менависад: «Махсусан ғазали сабки ҳиндӣ, ки дар давраи сафавия маълум будааст, бештар дар атрофии ҳамин мавзуот давр мезанад».

Ҳамин аст, ки Толиби Омулӣ низ ин анъанаи неки гузаштагонашро давом дода, дар айни замон мувофиқи шароити зиндагӣ, дараҷаи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии худ ба ин хазинаи ақидаҳои педагогӣ дурдонаҳои нодир ва арзандае илова намудааст.

Вале, пеш аз ҳама махсусан қайд кардан лозим аст, ки аксари пандҳои Толиби Омулӣ аз ҳайси мазмун ва мундариҷа якхела нестанд:

а) пандҳои дорои характери умумиинсонӣ, ки арзишу аҳамияти тарбиявию маърифатдиҳии худро ҳеҷ гоҳ аз даст намедиҳад.

б) Пандҳое, ки барои наслҳои ҳозира ҳамеша даркоранд. Табиист, ки ин қабил пандҳо аҳамияти тарбиявӣ ва эстетикию эмотсионалии худро гум накардаанд ва маҳз ҳаминҳо қисми дуюми пандҳои Толиби Омулиро ташкил медиҳанд. Асосан ба пандҳои Толиби Омулӣ диққат диҳем то имрӯз моҳияти худро аз даст надодаанд ва онҳо дар тарбияи насли ҷавони мо бинокорони ҷамъияти замонавӣ қобили қабул ва истифода мебошанд.

Шеърҳои дар мавзуи панду ахлоқ сурудаи шоир аз ҷиҳти мазмун ва мундариҷа низ маҳдуд нестанд. Дар онҳо бисёр масъалаҳои ҳаётӣ ва умумиинсонӣ пеш ронда шудааст, ки диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд ва ӯро бо роҳи дурусти зиндаги раҳнамун месозад.

Ҳамин тариқа, масъалаи аввалиндараҷае, ки Толиб дар болои он махсусан таввақкуф кардааст, пеш аз ҳама вазифаи маърифатдиҳии панд, кӣ будани шахси носеҳ ва таъсиру аҳамияти сухан аст. Аз ин маълум мешавад, ки пандгӯи саҳл ва кори ҳар носеҳи камтаҷриба набудааст. Ба ақидаи ӯ аз уҳдаи ин кори душвор ва масъулиятнок фақат кассе баромада метавонад, ки худ шахси диншманду таҷрибаи рӯзгордида бошад. Зиндагиро хуб донад, ба моҳияти ҳаёт баҳо дода тавонад. Оқилу доно ва бамаънӣ бошад. Вай дуруст қайд кардааст, ки «насиҳат», «бӯи хуши гул» нест, ки бӯидани он ба кас ҳаловати табии бахшад, балки бояд ӯро тарбия намояд, ахлоқи нек омӯзонад:

Мо зи нусеҳ сухан аз рӯи каромат шунавем,
Бӯи гул нест насиҳат, ки ба рағбат шунавем.

Дар акси ҳол панди хушку холӣ ва дур аз маърифат ба кас таъсири дилхоҳ расонда наметавонад. Ҳамин аст, ки шоир пандро ин тавр шарҳ додаст:

Талхтар аз заҳр чист Чошнии сабр,
Талхтар аз ҳар ду нӯшдоруи панд аст.

Дар ҳақиқат дар назди мардуми носеҳ вазифаи басо масъулиятнок ва душворегузошта шудааст. Ба «заҳр» монандкардани «панд» ва аз он ҳам талхтар ҳисобидани он маънии васеъ дорад. Зеро вай нештарест, ки ба ҷисму ҷони шунаванда таъсир мерасонад, ӯро маҷбур мекунад, ки аз роҳи бад гашта ва роҳи нек ва дурусти зиндагиро ихтиёр намояд. На- танҳо худ, балки дигаронрониз бифаҳмонад. Аз ин ҷост, ки Толиби Омулӣ менависад, ки панд агарчи заҳрнамуд аст, вале оқибати хуб /ногувор/ дорад:

Талхии зоҳир бубин, ки мавъиза Толиб,
Заҳрнамуд аст, лек хушгувор аст.

Бинобар ин шоир таъкид кардааст, ки аз суханҳои чун дур суфташудаи одамони доно, бофазлу хирад барои зиндагии худ ва равшан гардонидани оянда ҳар чи бештар бояд истифода бурда шавад. Зеро «одами бофазл» ҳар сухане, ки мегӯяд, санҷида, аз таҷрибаи ҳаёти ва илму амали худ мегуяд:

Ҳарфи доно набувад бемаза, ғофил магузар,
К –аз лаби аҳли хирад ҳар суханеро мазаест.

Ва худи ӯ аз ҷумлаи онҳое будааст, ки ба қадру қимати шахсони хирадманд ва фармудаҳои ҳикматноки онҳо мерасанд:

Зи панди пири хирадманд сар намепечам,
Ки нест ҷаҳли ҷавонони худписанд маро.

Мавзуи авалиндараҷае, ки дараҷидаҳои ахлоқии Толиби Омули характернон аст ва пеш аз ҳама мо дар хусуси он сухан меронем, мавзӯи сайъу кӯшиш мебошад. Пеш рондани ин мавзуъ дар замони ӯ аҳамияти хеле калон дошт, зеро дини ислом, ки руҳониён ва дигар уламои он идеологҳояш буданд, одамонро ба ризою таслим ва қазою қадар тассали дода, аз меҳнат ва фаъолияти шахси бозмедоштанд. Аз ин рӯ, агар гӯем, ки саъю кушиш дар ақидаҳои педагогии ӯ бар муқобили қазою қадар ва ризою таслим нигаронида шудааст, хато нахоҳем кард.

Ин аст, ки Толиби Омӯли баръакси тарғиботи рӯҳониёну арбобони дини ислом амал карда, саъю кӯшишро дар зиндагии ҳарруза калиди қулфкушо руску рузии шахс медонанд. Вай менависад, ки инсон танҳо ба тавасути меҳнат ва кушишу ғайрати худ дар зиндаги ба муфаққият ноил мегардад. Барои ҳамин ҳам дар байти поён саъю кушишро омили асоси ба мақсад расидан дониста талаби ҳиҷои афсонави «сарчашмаи матлаб» Хисобида шудааст:

Ба кушиш тавон шуд ҳамоғӯши ком,
Талаби хизр сарчашмаи матлаб аст.

Барои ҳамин ҳам шахсе, ки дар назди худ талаб гузошта, аз рӯи талаби хеш амал намекунад, ба «муғи бе пару бол» монанд карда шудааст:

Бесабаб асбоб дар роҳи талаб н-ояд ба кор,
Ҳосили парвози мурғи бепару бебол чист?

Аз ин ҷост, ки Толиби Омули махсусан дар ҳамин хусус таваққуф менамояд ва тахъқид мекунад, ки ҳар як шахс бояд ҷидду ҷаҳд намояд, то ин ки шоҳини орзуяшро ба бағал бигирад, яъне ба коми худ бирасад. Ба ин маъни, ҳиматбаланди дар роҳи матлаб мардонаю далеронаи кадам ниҳодан, ҳамеша дар талоши гавҳари мақсуд будан зеро зинати инсон ҳисобида шудааст.

Инак рубоии зеринро, ки аз намунаҳои хуби чунин пандҳои ӯст, аз назар мегузаронем:

То дар қафаси сина бувад мурғи нафас,
Бигзорт, ки дил шавад инонгири ҳавас.
Ҷаҳде, ки ҳамеша авҷ гири ҷу Хумой,
Ҷун соянишин шуди, чи анқо чи магас.

Дар ҳақиқат, дар зиндагии ҳарруза бисъёр вақт дида мешавад, ки баъзе касон орзӯҳои ширини зиёде дошта бошанд ҳам, бароиамалӣ гардондани онҳо ҷӣдду ҷаҳд ва кушишу ғайрати қазоӣ зоҳир намекунанд ва дар натиҷа қурбони орзӯҳояшон мегарданд. Чунин шахсон аз сахтиҳои зиндагӣ меҳаросанд ва барои бартараф кардани мушкилиҳо ҷуръат надоранд. Ба ибораи дигар гӯем, ҳам булҳавасанду ҳам беҳиммат. Майлу хоҳиши дучандор доранд, вале болу парвоз надоранд. Аз ин ҷиҳат, Толиби Омулӣ одамони беирода, танбал ва меҳнатгурезро танқӣд кардааст. Рӯбоии зайл далели фикри болост.

Ҷаҳде, ки шикори орзӯҳо нашавӣ,
Шилдодаи рангҳову бӯҳо нашавӣ.
Ҷуз бар дари дарё набари ҳоҷати лаб,
Миннаткаши нархҳову ҷуҳо нашавӣ.

Агарчи дар байти зерини Толиби Омулӣ муболиға роҳ ёфтааст, лекин аз он ба хулосае омадан мумкин аст, ки одами меҳнатдӯст, олиҳиммат аз худ пурталаб ва боиродаю матин доимо дар зиндагӣ хушбахту сарбаланд аст. Ҳатто дар замони мо низ барои тарбияи насли наврас аз ин қабил шеърҳои шоир истифода кардан мумкин аст:

Бо талаб ҷовид дар пастӣ намонад ҳеҷ кас,
Гар замин бошад ба андак саъй гардун мешавад.

Агар ба мисраи дуюми байти поён чуқуртар назар афканем, шоир дар паҳлуи панд фикри иҷтимоии худро хеле устодона ҷойгир кунондааст. Ибораи «бахти сиёҳ» ҳамин маъниро дорад: Ва шахсони роҳатдӯст,танпарвар ва коргурезро, ки шоир онҳоро «нозукмиҷз» номидааст, танқид карда ба меҳнатдӯстӣ даъват менамояд:

Ба роҳат макун хӯ ҷу нозук мизоҷон,
Мабодо шави нозанини саломат.

Дар назарияи педагогии Толиби Омулӣ ҷои асосиро, тарғиби илму дониш мегирад. Маълум аст, ки омӯхтани илму маърифат дар тулии асрҳо аз вазифаи аввалиндараҷаи инсонӣ будааст. Аз ин рӯ, ӯ ин анъанаи хуби гузаштагонро инкишоф дода, чунин фармудааст:

Базм рангин кун аз ҷавоҳири илм,
Маҷлиси бекитоб бенамак аст.

Дар хусуси муносибати илму амал дигар гузаштагони шоир, аз ҷумла,устоди тавонои панд Саъдии Шерозӣ махсусан тавоққуф кардааст. Толиби Омулӣ низ ба онҳо пайравӣ карда, дар ҳамин боб сухани тозае нагуфта бошад ҳам, анъанаи хуби гузаштагонро давом додааст:

Беамал умр наярзад ба ҷаве з-он ҳама умр,
Дасти илми ту бувад танг дар оғуши амал.

Дар баробари ин, Толиби Омулӣ аз шахси солҳибилм, бохирад ва бофазл талаб кардааст, ки илму фазли худро мояи тафоҳур қарор надиҳад, яъне кибру ғурур ва худписандӣ ба шахсони донишманд намезебад. Ӯ бояд хоксор ва оддӣ бошад. Чи навъе мебинем, мутафаккир дар назди шахси донишманд талабҳои ҷиддӣ ва ҳаққонӣ мегузорад, зеро ин ду чиз, яъне мазлу дониш ва хоксорӣ ба инсон зебу зиннат мебахшад. Донишманд ҳамон вақт дар байни халқ эҳтиром пайдо менамояд, ки хоксор бошад, аз илму фазилати хеш наболад. Ин рафтори шахси бофазл мебошад. Таҷрибаи рӯзгор онро дар ҳар қадам исбот кардааст:

Ҳар кӣ илми хешро сармояи нозиш кунад,
Филмасал шогирди ҷаҳлу устоди аблаҳист.

Дар ақидаҳои педагогии Толиби Омулӣ, даъват ба лутфу эҳсон, мардию олиҳиммативӣ, мурувватy одамгарӣ, ба бечорагону мазлумон ва бенавою афтодагон дасти ёри дароз кардан ва амсоли инҳо, ки аз хислатҳои накӯии инсонист, ҷои намоёнро ишғол менамояд. Як хусусияти фарққунандаи ҳамин гуна пандҳои ӯ дар он аст, ки вай барои таъсирнокии сухани худ аз масалу ҳикматҳои халқӣ устокорона истифода намудааст. Байти поёнро аз ҳамин ҷиҳат аз назар мегузаронем:

Марди бебаргу наворо сабук аз ҷӣ магир,
Кӯза бе даста ҷу бини, ба ду дасташ бардор.

Ин фикрдар ҷои дигар боз ҳам равшантар ба қалам дода шудааст. Толиби Омулӣ иморати дили бечорагонро кори хайр ва ифтихормандӣ медонад. Ба ақидаи ӯ фақат бо ҳамин роҳ кас метавонад номи неки худро дар таърих зиндаю ҷовид гузорад:

Дило, гар дар ҷаҳон бар хоҳиши худ дастрас дорӣ,
Иморат пеша кун, то аз ту дар гетӣ асар бошад.

Толиби дар яке аз байтҳои худ услуби аҷоиберо ихтиёр кардааст, яъне вай хислатҳои хубу бади инсон -бадию некӣ ва мазлумию золимиро номбар карда, ба муҳокимаи ҳокимону зулмпешагон мегузарад, то ин ки худи онҳо хонда ба хулосае оянд ва аз дуи онҳо якеро интихоб намоянд.

Зи ҳоли золиму мазлум ман нагӯям ҳеҷ,
Ту худ бигӯй, ки морӣ беҳ аст ё мӯрӣ.

Ба ин маънӣ, Толиби Омулӣ ба мардум файз расониданро ният ва мақсади аълодараҷаи шахс меҳисобад. Балки вай муфтхурӣ ва аз меҳнати дигарон роҳат ва нӯши ҷон карданро танқид карда, ба хулосае меояд: аз обе,ки дар он арақи ҷабини ғайр рехта бошад, нӯши ҷон кардан норавост:

Ҷун зи ҳақ файз расидат ба касон файз расон,
Махӯр обе, ки дар он рехта бошад арақе.

Як ҷиҳати барҷастаи фикрҳои тарбиявӣ – ахлоқии Толиби Омулӣ дар он аст, ки вай ба пандҳои худ мазмуни дини дода, дар пардаи дин мақсади худро пинҳон карда, бо ин роҳ низ ба соҳибдавлатони замона таъсир расонидан мехоҳад.

Ҷон ба сахтӣ надиҳад рӯзи аҷал марди карим,
Ин ҳадис аз лаби соҳибкарам омад бурун.

Некӯӣ ва накӯкорӣ аз хислатҳои хуб ва сисандидаи ҷамъияти инсонӣ маҳсуб буда, ӯ ва бузургони гузашта борҳо дар ин бобат тавоққуф кардаанд.

Тухми некӣ кор Толиб, та ба даст орӣ, наҷот,
Ҳар ки дорад донае, ночор ҳосил мебарад.

Толиби Омулӣ дар ақидаҳои ахлоқии худ махсусан тавоққуф кардааст, мардию олиҳиммативӣ, назарбаландию бузургворӣ барин хислатҳои олии инсон мебошад. Ӯ одамонро ба далерию шуҷоат даъват карда, одами мард ва қаивиродаро чунин васф кардааст:

Мардро вақти фуруд омадани теғ ба фарх,
Чин фиканданд ба ҷабин нанги шаҳодат бошад.

Дар ақидаҳои худ толиби Омулӣ шахси номард, беирода ва сустқавлро сахт танқид карда, ба вай роҳи дуруст ва фоидаовари зиндагиро нишон медиҳад.

Аз ҳавас то ишқ агар мардӣ раҳӣ, раҳ дур нест,
Як қадам, орези номардист то мардонагӣ.

Дар масъалаи ҳиммат ва ҳимматбаландӣ низ ӯ дар ақидаи дуруст будааст. Вай дар ин хусус фикри устодони бузурги гузашта, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомиро бадавом дода истода, боҳиммату назарбаланд буданро зебу зиннати марди ҳақиқи шуморидааст.

Соғар аз дунон гирифтан куфри шаъни ҳиммат аст,
Гар кассе ҷоме кашад, боре зи дасти ҷам кашад.

Назар ба ақидаи Толиби Омулӣ шахси ҳимматбаланд, боирода ва бомулоҳиза ҳамеша дар зиндагӣ сарбаланд аст, номи ӯ вирди забони мардумон мебошад. Аз ин ҷиҳат вай талқин мекунад: тавре зиндагӣ кун, ки дигарон низ туро зинда ҳисобаанд, на ин ки чун шпмъ сарафкандаат хоҳанд:

Ончунон зӣ, ки ҷаҳон зиндагиатро талабанд,
На, ки чун шамъ сарафкандагиатро талабанд.
Ҳиммат он аст, ки бошӣ пои ҷамъияти халқ,
Гӯ,ҷаҳон ҷумла парокандагиатро талабанд.

Пандҳои дигари Толиби Омулӣ аз хусуси одоб, халқу атвору рафтор ва дигар муносибатҳои ахлоқии шахсию ҷмъияти баҳс мекунанд. Шоир кибру ғурур, худписандӣ, ман-манӣ, худро аз дигарон боло шуморидан, бешуурона ба сабуксарона амал карда, ба иззати нафси одамони бофазлу хирад расидан ва дигар хислатҳои нолоиқи инсонро танқиду мазаммат кардааст. Масалан, вай дар бобати хислати бад ва нолоиқи шахс, ки оқибат ба худи ӯ зарар меоварад, навиштааст:

Хӯи бадро бахяи талхӣ фитад бар рӯи кор,
Зоҳири ширин намепӯшад ниҳони талхро [3, 86].

Толиби Омулӣ шахсеро, ки кибру ғурур дорад, лекин бемаърифат буда, бо вуҷуди ин худро доно ва аз дигарон боло мешуморад, ҳурмат намекардааст. Чунончи олимтарошеро, ки ранҷу азоб ва азияти беохири донишомӯзиро надидааст, дар назди устод ё хирадманде китоберо варақ нагардонидааст, сабақ наомухтааст, вале худ даъвои фазлу хираду устодӣ дорад, ин гуна мазаммат намудааст:

Набурда ранҷи шогирдӣ зи устодӣ чӣ мелофӣ,
Муриди кистӣ, эй кудаки бе пир, пират ку?

Толиби Омулӣ дар боб и одоби сухан ва сухангӯӣ низ махсусан таваққуф кардааст. Вай одами ҳарзагӯй ва сергапу беҳудагӯйро сарзаниш намуда дар айни замон таъкид кардааст, ки ёвагӯӣ кори хуб нест ва оқибати вай барбод додани сар аст:

Сар аз забон кашад осебҳо чухома зи теғ,
Гарат ба кор бувад сар, нигоҳ дар забон.

Толиби Омулӣ дар назарияи педагогии худ як навъ ба тариқи ҷамъбаст мефармояд, ки иинсон барои он, ки дар охир аз кардаи хеш пушаймон нашавад, афсус нахӯрад ва хиҷолатманд нагардад, бояд аз оғозу саршавии ҳар кор аз рӯи ақл ва хирад кор кунад, зеро пушаймони суд надорад. Ё худ ба ҳар коре, ки даст задан мехоҳад, нахуст онро хуб бисанҷад, сипас барои иҷрояш камар бибандад:

Хӯш он ки ғавр ба неку бади ҷаҳон карда,
Амал ба таҷрибаи ақли кордон карда.
Гарат ба хӯш бувад, баҳрае ба таҷриба кӯш,
Ки марби таҷриба теғаш имтиҳон карда.

Боядгуфт, ки ду ғазали Толиби Омулӣ, ки пурра дар мавзуи панду насиҳат чунончи аз дурӯягӣ, хабаркашӣ, суханчинӣ, айбҷӯӣ парҳез доштан, дар дӯстию садоқат муносибату амалиёти худ ботааммул, боандеша ва бомулоҳиза будан, сиро нигоҳ дошта тавонистан, ғайбати дигаронро накардан, дар гуфтор маданӣ будан, дар дӯстию рафоқат ва ишқу муҳаббат устувор будан, ҳурмати одамони бузургро ба ҷо овардан ва амсоли ин бо санъатҳои баланди шеърӣ, бо шеваи зебою ифодаи ширин ва забони соддаю равон пеш ронда шудааст, ки то алҳол аҳамияти тарбиявию маърифатдиҳии худро аз даст надодаанд. Инак матлаи он ду ғазал:

Дар суханчинӣ чу тифлон табъро бадхӯ масоз,
Гӯшро ҷосуси рози ҳар парешонгӯ масоз [3, 86].

Адабиёт:

10. Абӯабдулло Рудакӣ. Ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 221 с.
11. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзнома. – Теҳрон, 1954. – 49 с.
12. Абу Ҳомид ал-Ғазолӣ. Кимиёи саодат. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 432 с.
13. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 190 с.
14. Алиев Ғ. Персоязычная литература Индии. – Москва, 1968. – С. 131-132.
15. Толиби О. Куллиёт. – Майхона: - 548 с.
16. Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи Давлатии РРС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Ҷ. 1. – С.196-197.
17. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. Асос-боз. 2013. – С.427-429

Калидвожаҳо: *дӯсти, инсон, шахсият, некӣ, хирад, панд, тарбия, одамгари, марди, ростқавли, ҳикмат.*

Аннотация

ПРИНЦИПЫ И ЭТИКА ИДЕОЛОГИИ И ИХ СУЩНОСТЬ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ

Одним словом, изучение и анализ воспитательных идей произведений Толиба Амули показали, что мудрость и мудрость имеют в его поэзии высокий статус и воспеваются на различные темы жизни, главным объектом которой является человек и всегда в ней нуждается человек. В то же время из множества приведенных выше примеров видно, что учения поэта часто имеют национальное содержание и всегда направляют людей к хорошему и правильному образу жизни. Такой содержательный совет может пригодиться сегодняшней молодежи, нашим педагогам и воспитанникам, уверенно идущим к своему высшему идеалу - коммунизму.

Ключевые слова: *друг, человек, личность, добро, мудрость, увещевание, воспитание, гуманный, мужественный, честный, мудрый.*

Annotation

THE PRINCIPLES AND ETHICS OF IDEOLOGY AND THEIR ESSENCE IN THE DEVELOPMENT OF PERSONALITY

In short, the study and analysis of the educational ideas of Tolib Amuli's works showed that wisdom and wisdom have a high status in his poetry and are sung on various topics of life, the main object of which is man and man always needs it. At the same time, it is clear from the many examples given above that the poet's teachings often have a national content and always guide people to a good and right way of life. Today's youth, our educators and pupils, who are confidently moving towards their highest ideal - communism, can use such meaningful advice.

Keywords: *friend, man, personality, goodness, wisdom, admonition, upbringing, humane, manly, honest, wise.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонзода Кароматулло, магистранти кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел.: +992 985777440

Сведения об автора: Курбонзода Кароматулло, магистрант кафедры физически культури Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел.: +992 985777440

About the author: Qurbonzoda Karomatullo, master of the Department of physical education International Relations of Kulyab State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulyab, st. S. Safarova 16. Tel.: +992 985777440

Садруддинов Зайниддин Ҷамолидинович,
магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоӣ

ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Тарбияи ахлоқӣ яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва инкишофи шахсияти хонандагон буда, муносибати ӯро бо волидайн, атрофиён, ҷомеа, Ватан, ба меҳнатро дар назар дорад. Самтнокии ҷамъиятии фаъо- лияти коллективона дар хонандагон хоҳиши мушоҳида кардани онро, ки барои беҳтар кардани зиндагӣ чӣ бояд кард, бедор мекунад. Дар раванди тарбияи ахлоқӣ ба хонандагони хурдсол ҳисси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, башардӯстӣ, рафоқат, муносибати фаъолона ба ҳақиқат, эҳтироми комил ба инсонро ташаккул медиҳад. Вазифаи асосии тарбияи ахлоқӣ аз он иборат аст, ки талаботҳои иҷтимоии муҳими ҷомеа ба омили баланди дохилию ахлоқии хонандагони хурдсол, ба монанди уҳдадорӣ, эътибор, виҷдон, шаъну шараф табдил дода шаванд.

Тарбияи ахлоқии инсон аз рӯзи таваллуд оғоз меёбад. Дар синну соли томактабӣ дар кӯдакон аввалин ҳиссиёти ахлоқии тасаввурот, мала- каҳои содаи ибтидоии ахлоқӣ ташаккул меёбанд. Шаклҳои рафтор ва муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон, донишҳои ахлоқӣ ва ҳиссиёти аз тарафи кӯдак дар синну соли томактабӣ азхудшуда таҳкурсие мебошанд, ки дар он ба синфҳои ибтидоӣ инкишофи шаклҳои нави муносибатҳои ахлоқӣ, рафтори ҳиссиёт ва шуур ба амал меояд. Равоншиносон муайян кардаанд, ки синни хурди мактабӣ бо таъсирпазирии баланди нуфузи беруна, боварӣ ба ҳақиқӣ будани ҳамаи чизи омӯзонидашаванда тавсиф дода мешавад, ки аз бешубҳагӣ ва муҳимияти меъёрҳои ахлоқӣ гувоҳӣ медиҳад; он бо бесозишкорӣ дар талаботи ахлоқӣ ба дигарон, табиӣ будани рафтор фарқ мекунад. Ин хусусиятҳо кафолати омӯзонидан ва тарбияи хонандагони хурдсол мебошад. Маҳз дар ҳамин синну сол барои тарбияи ахлоқии низомнок ва мунтазами кӯдакон имкониятҳои зиёд фароҳам ба вуҷуд меоянд.

Таҷрибаи ахлоқи мусбии кӯдакон барои тарбияи ахлоқии онҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Тарбия, пеш аз ҳама, дар ҳаёти рӯзмарраи кӯдак ба вуҷуд меояд, ки дар он кӯдак барои пайравӣ кардан ба қоидаҳои ахлоқ, меъёр, шартҳо одат мекунад ва дар он метавонад худаш ба зарур будани онҳо бовар кунад.

Ҳар кадом фаъолияти хонандагони хурдсол ба он адозае, ки он бо шавқи ҷамъиятии атрофиён, бо ҳаёти ҷомеъа вобаста аст, фаъолияти ахлоқӣ мебошад. Ҳамин тавр, ибтидои маънавӣ ба тамоми фаъолияти амалии серҳудудии кӯдак, ба муҳити эмотсионалӣ ва зеҳнии ӯ одат мекунад. Кӯдакон хоҳ таҳсил намоянд ё дар ҳавлии мактаб бозӣ кунанд, ё ки дар қитъаи замини мактаб меҳнат кунанд дар ҳама ҷо ба фаъолияти онҳо сифатҳои муайяни мусбӣ ё манфии ахлоқӣ зуҳур меёбад [11].

Тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол, пеш аз ҳама, дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо амалӣ карда мешавад. Таълими онҳо танҳо ҳангоми муносибати сатҳӣ метавонад ҳамчун кори шахсӣ ба назар намояд.

Ҳангоми дарсҳо дар муоширати доимӣ бо омӯзгор ва ҳамсолон ахлоқи кӯдакон ташаккул меёбад, таҷрибаи ҳаётии ӯ ғанӣ мегардад. Таассуроти хонандагони хурдсол, хушҳолӣ ва ранҷиши онҳо бо таълим вобастаанд.

Дар раванди дарс ҳамаи унсурҳои асосии раванди тарбия ҳамгиро мебошад: мақсад, мазмун, воситаҳо, методҳо, ташкил кардан ва ғайра.

Самаранокии тарбияи ахлоқиро ҳангоми дарс чӣ таъмин менамояд? Барои фаҳмидан ва баҳо додани рафтори ахлоқии инсон ба хонандагон қироат ва таҳлили мақолаҳо, ҳикояҳо, шеърҳо ва афсонаҳои китобҳои дарсӣ ёрӣ мерасонанд. Хонандагони хурдсол ҳикояҳоеро мехонанд ва таҳлил мекунанд, ки дар онҳо саволҳо дар бораи адолат, поксиришти, рафоқат, дӯстӣ гузошта мешаванд.

Барои аз тарафи хонандагон ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳамкорӣ омӯзгор дар раванди дарс на танҳо ба донистани маводи таълимӣ аз тарафи хонанда баҳо гузорад, балки ба рафтори маърифатии хонандагони хурдсол диққат зоҳир диҳад.

Омӯзгор бояд дар дарсҳо вазъиятҳои табииро истифода кунад ва барои фаҳмонидани хислати робитаҳои дутарафаи дар байни хонандагон пайдошуда қасдан вазъиятҳои навро ба миён орад, вазифаи хонандагонро ҳамчун аъзоёни коллектив фаҳмонида, рафтори манфии онҳоро пешгирӣ намояд. Дар фаъолияти якҷоя ба хонандагони хурдсол дар бораи хуб ва ё бад тасаввурот пайдо мешавад. Ин бо ҷанбаҳои зиндагӣ, ки хонандаҳоро махсусан мушавваш мекунанд; муносибат ба таълим, ба баҳоҳо, ба дӯстӣ, ба рафторҳои мухталифи хонандагон дар синф алоқа- манд аст [3, 4].

Масъалаҳои инкишофи ахлоқии хонандагони хурдсол, тарбия, такмилдиҳии инсон ҳамеша ва дар ҳар давру замон ҷомеаро ба ташвиш меовардаанд. Камбудиҳо ва иштибоҳ дар соҳаи тарбияи маънавӣ бо зиддиятҳои ҳаётии тезутундшуда шарҳ дода мешуданд. Омӯзгор - яке аз он шахсонест, ки ӯ таъсир расонидан ба тарбияи хонандагон имконияти бештар дорад. Бинобар ин мактаб масъалаҳои тарбияро ҳал карда, бояд ба хирадмандӣ ва ахлоқии шахсияти хонанда такя карда,

барои муайян намудани асосҳои арзишноки фаъолияти ҳаётии худ ба тарбиягиранда ёрӣ расонад. Тарбияи ахлоқие, ки ба раванди таълиму тарбия равона шудааст ба қисми асосии ин самт нигаронида мешавад. Ҳангоми машғулият фаъолияти фикрронӣ рушд меёбад.

Курси низомнокии машғулиятҳо дар асоси маводи масъалаҳои ҷустуҷӯй-эҷодии мазмуни ғайритаълимӣ дошта, барои дар хонандагони хурдсол тарбия намудани фарҳанги фикрронӣ муосидат мекунад, ки он бо имконияти мустақилона идора кардани фаъолияти фикрронӣ, нишон додани ташаббус дар гузоштани мақсадҳои он ва дарёфт кардани воситаҳои ноилшавӣ ба онҳо тавсиф карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи курси мазкур дар хонандагони хурдсол ташаккул ёфтани шаклҳои рушди худдарккардан ва худназораткардан ба амал омада, тарзи қадамҳои хато гузоштан аз байн меравад ва эҳсоси пуризтиробӣ, нороҳатии беасос паст мешавад.

Ҳамин тавр, фикрронии хонандагони хурдсол бо се восита амалӣ карда мешавад: айёнӣ-таъсирнокӣ; аёнӣ-бадеӣ; шифоҳӣ-мантиқӣ. Сатҳи фикрронии хонандагони хурдсол хеле гуногун аст. Бинобар ин вазифаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз муносибати тафриқа кардашуда ба инкишофи тафаккури хонандагони хурдсол иборат аст.

Дар тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол истифодаи адабиёти бачагона нақши хеле муҳимро мебозад. Дар бисёр маврид мо мегӯем: ***«Китоб – ин кашфи олам аст».*** Дар ҳақиқат, хонанда китоб хонда, бо ҳаёти атроф, табиат, бо меҳнати одамон, бо ҳамсолон, хушҳолии онҳо, баъзан бо нобарории онҳо шинос мешаванд. Сухани бадеӣ на танҳо ба шуур, балки ба ҳиссиёт ва рафтори хонандагон таъсир мерасонад. Сухан метавонад хонандаро рӯҳбаланд кунад, хоҳиши беҳтар шудан иҷрои ягон кори хубро ба миён меорад, барои дарки муносибатҳои инсоният, шинос шудан бо меъёрҳои рафтор ёрӣ мерасонад.

Хонандагони синфҳои якум бояд мафҳумҳоро дар бораи некӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ, боадолатӣ аз худ кунанд, фарқ кардани онҳоро омӯзанд. Ин сифатҳо ба ҳамдигар зич алоқаманданд. Ҳамин тавр, одами нек ҳамеша зирак, меҳрубон, боадолат мешавад. Одами боадолат бошад, аз рӯи қоида, меҳрубон ва зирак мешавад. Ба хонандагон омӯзонидани зуҳуроти сифатҳои маънавӣ дар ҳаёт, фарқ кардани некию бадӣ, зиракӣ ва беаҳмиятӣ, боадолатӣ, беинсофӣ, ёрии ҳақиқӣ ва бардурӯғ ба рафиқон зарур аст.

Дар хонандагон ҳиссиёти некро тарбия карда, дар як вақт дар онҳо бедор кардани муносибати оштинопазир ба сифатҳои мухолиф муҳим аст - дағалӣ, золимӣ, бедор кардани ҳисси танқидкунӣ ва хашм.

Дар суҳбат чизи асосӣ – ин муайян кардани муносибати хонанда- гони синфи якум ба матни хондашуда, ба онҳо ибрози ақидаи худро пешниҳод кардан зарур аст. Бо ҷавоби «Ӯ ба ман маъқул аст» қаноатманд шудан мумкин нест. Асосоноккунии ҷавоби худ барои аз тарафи хонанда андеша кардани матни хондашуда, баҳодиҳӣ ба рафтори ин ё он нақли ҳикоя ва аксаран ба хотир овардани таҷрибаи шахсии худ водор месозад.

Бо сабаби хондани ҳикояҳои мазмуни табиӣ дошта оид ба беҳ- дошти табиати зинда аз тарафи хонандагони хурдсол метавонад кори шавқовар ва фоиданокро ба роҳ монд. Дар фасли зимистон хонандагон хӯрок додан ба парандагонро ташкил мекунанд, «ошхонаҳои паранда- гон»-ро меовезанд, фасли баҳор паррандагонигармидӯстро пешвоз мегиранд, барои онҳо хонача месозанд, лонаҳои онҳоро аз ҳар гуна хатар эмин нигоҳ медоранд.

Албатта, омӯзгор баъзе аз ҳикояҳои пешниҳодшударо метавонад бо дигар ҳикоя иваз намояд, вале дар ин ҳолат нигоҳ доштани самтнокии инсонпарваронаи ҳикояҳо ва суҳбатҳо муҳим аст. Хислати суҳбатҳо низ аҳамияти калон дорад. Онҳо бояд пандомез, махсусан насиҳатомез бошанд. Бояд хонандагон бештар худашон андешаронӣ кунанд.

Омодагии эмотсионалии худи омӯзгор нақши асосиро иҷро менамояд. Бо овоз, оҳанг, қиёфа муаллим бояд ба хонандагон муносибати худро ба ҳикояҳои мусбӣ ва манфӣ нишон диҳад, ҳолатҳои лирикӣ, мазҳакавӣ ва драммавии асарро фаҳмонад. Аксуламали эмотсионалии омӯзгор ба хонандагон мегузаранд, барои дар хонандагон ташаккул ёфтани муносибати муайян ба матни хондашуда муосидат мекунад.

Дар муносибати тарбиявӣ шавқмандии хонандагон ба он «муаммои маънавӣ», ки дар ҳикоя, афсона, шеър ифода меёбад, хеле зарур аст. Аз ин сабаб нақши хониши ифоданоки худи омӯзгор хеле бузург аст, ки аз он асосан аз тарафи хонандагон дарк кардани асар вобаста аст.

Самтнокии саволҳо, натиҷабарории муҳокимаи асари хондашуда бояд фикри хонандаро бедор намоянд ва проблемавӣ бошанд. Ин мефаҳмонад, ки хонандагони синфи дуюм зери роҳбарии омӯзгор бояд ҳалли масъаларо дар шакли тайёр нагирифта, худашон онро ҳал намоянд ва қоида бароранд. Таҳлили асар бояд муттаҳидии донишҳо ва ҳиссиёти хонандагонро таъмин намояд, дар дарс бояд шароите муҳайё карда шавад, ки он барои азсаргузаронии матни хондашуда аз тарафи хонандагон мусоидат кунад.

Китоб барои хониши беруназсинфӣ дар синфи сеюм маводҳоеро дорад, ки онҳоро омӯзгор барои дар хонандагон тарбия кардани муҳаббат ба табиат, Ватан, одамони заҳматкаш истифода менамояд. Он ҳамчунин аз мақолаҳо, ҳикояҳо, шеърҳо иборат мебошад, ки онҳо барои бо хонандагон суҳбат кардан дар бораи дӯстӣ ва рафоқат, дар бораи кӯмак ба одамони заиф ё гирифтори фоҷеашуда, дар бораи он, ки дар муносибат бо одамон ғамхор ва зирак будан то кадом андоза зарур аст, имконият медиҳад.

Ба маърифатнокии маънавӣ бояд ҳиссиёт ва тасаввуроти хонандагон шомил карда мешаванд. Афсона, ҳикоя, масалро хонда, омӯзгор бо оҳанг тасаввуроти қаҳрамононро қайд мекунад. Ӯ аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ҳангоми хондани ин ё он ҷойи асар чиро тасаввур мекунанд ва ҳикояро ба хотир оварда, чиро аз сар мегу заронанд. Агар асар ба синф сахт таассурот бахшида бошад, барои чуқуртар ҳис кардани матни хондашуда, муҳокимаи онро то дарси оянда мавқуф гузоштан лозим аст [13].

Барои аз тарафи хонандагон фаҳмидани рафтори қаҳрамонони асар, на танҳо кирдори онҳо, балки ҳиссиёт, таассурот, инчунин сабаб- ҳое, ки дар асоси рафтори онҳо меистанд, бояд кӯшиш кард. Таҳлили сабабҳо барои наздик кардани хонандагон ба чуқуртар дарк кардани рӯҳияи қаҳрамонҳо, ростгӯйӣ, дағалӣ муҳокимаронаҳо ва баҳои ӯ имконият медиҳад.

Аксаран хонандагон рафторро дар асоси танҳо омилҳои беруна баҳогузорӣ менамояд. Он бештар бо суханони «дуруст рафтор кардам», ё «нодуруст рафтор кардам» маҳдуд мешаванд. Ба хонандагон барои дақиқ ва муайян ифода кардани андеша – барои дарк кардани тарафи ахлоқии кирдорҳо ва ҳиссиёти қаҳрамони асар кӯмак кардан лозим аст.

Мақсади асосии ҳар як фан, аз ҷумла хониши адабӣ – инкишофи шахсияти хонандагони хурдсол, зеҳни ӯ соҳаи эмотсионалӣ, тасаввуроти маънавӣ мебошад.

Тарбия ба воситаи китоб бояд ба ташаккули низоми мафҳумҳои дурусти маънавӣ, тасаввурот ва эътиқод, далелҳои рафтор ва шаклҳои дуруст ва воситаҳои рафтор дар хонандагон ягонагии ҷудонашавандаи тамоми ин зуҳурот нигаронида шавад.

Ҳамин тавр, пеш аз ҳама, бояд донист, ки ҳар кадом намуди методи тарбияро ба таври абстрактӣ баррасӣ ва баҳогузорӣ кардан мумкин нест. Методҳои мухталифро истифода карда, бояд аввалан, хусусиятҳои синну солӣ ва фардии хонандагони тарбияшаванда; дуюм, хусусиятҳои коллективи онҳо, ки хонандагон аъзои он мебошанд ва дар охир, шартҳои мушаххасро, ки дар онҳо таъсиррасонии тарбиявӣ ба амал меояд, ба эътибор гирифтан лозим аст.

Адабиёт:

1. Артюхова И. С. Ценности и воспитание. // Педагогика. 1999. №4. – 89 с.
2. Архангельский Н.В. Нравственное воспитание. – М.: 1979. – 230 с.
3. Божович Л. И., Конникова Т.Е. Нравственное формирование личности школьника в коллективе. – М.: 2000. – 464 с.
4. Болдырев Н. И. Нравственное воспитание школьников: (Вопросы теории). – М.: 2000. – 224 с
5. Григорович Л. А. Педагогика и психология. – М.: 2003. – 80 с.
6. Макаренко С. Маърӯзаҳои оид ба тарбияи бачагон. – Душанбе, 1980. – 89 с.
7. Марьенко И. С. Нравственное становление личности. – М.: 1985. – 103 с.
8. Нематов П. С. Технологияи омодагии омӯзгорони оянда дар тарбияи ахлоқии хонандагон. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 301 с.
9. Нуров А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2021. – 222 с.
10. Педагогика школы. / Под. ред. Г.И. Щукиной. – М.: 1998.
11. Рубинштейн С. Л. Психолого-педагогические проблемы нравст- венного воспитания школьников. – М.: 1996. – 350 с.
12. Сухомлинский В. А. Избранные педагогические сочинения. – М.: 1980. – 384 с.
13. Формирование личности: проблемы комплексного подхода в процессе воспитания школьника. / Под ред. Г. Н. Филонова. – М.: 1983. – 256 с.
14. Харламов И. Ф. Нравственное воспитание школьников: Пособие для классных руководителей. – М.: 1983. – 160 с.

Калидвожаҳо: *таълим, тарбия, ташаккул, тарбияи ахлоқӣ, дониш, малака, маҳорат, инкишоф, фаъолият, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ.*

Аннотация

ЭТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье анализируется нравственное воспитание младших школьников в образовательном процессе - основной вид деятельности в общеобразовательных школах, лицеях, гимназиях. Их обучение можно рассматривать как личную работу только при поверхностном подходе. По сути, урок - это место для различных коллективных действий и впечатлений, обогащающих опыт нравственного взаимодействия. Во время уроков в постоянном общении с учителем и сверстниками формируется нравственность юных учеников, обогащается их жизненный опыт. Впечатления школьников, их радости и горести связаны, прежде всего, с образованием. В ходе урока интегрируются все основные элементы учебного процесса: цель, содержание, инструменты, методы и так далее. Урок не о так называемых образовательных моментах, а обо всем процессе обучения. Вопросы нравственного развития младших школьников, воспитания, развития человека всегда волновали общество. Недостатки и ошибки в области духовного воспитания объяснялись резкими жизненными противоречиями. Учитель - одна из тех личностей, у которых есть наибольший потенциал влиять на образование учеников. Поэтому школа должна решать вопросы воспитания, опираясь на мудрость и нравственность личности ученика, чтобы помочь ученику определить ценную основу своей жизнедеятельности.

Ключевые слова: *образование, воспитание, формирование, нравственное воспитание, знания, умения, навыки, развитие, деятельность, младшие школьники, учителя начальных классов, образовательные учреждения.*

Annotation

ETHICAL EDUCATION OF ELEMENTARY SCHOOL STUDENTS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article analyzes the moral education of junior schoolchildren in the educational process - the main type of activity in secondary schools, lyceums, gymnasiums. Their training can be viewed as personal work only with a superficial approach. Essentially, a lesson is a place for various collective actions and experiences that enrich the experience of moral interaction. During the lessons, in constant communication with the teacher and peers, the morality of young students is formed, their life experience is enriched. The impressions of schoolchildren, their joys and sorrows, are primarily associated with education. During the lesson, all the main elements of the educational process are integrated: purpose, content, tools, methods, and so on. The lesson is not about the so-called educational moments, but about the whole learning process. The issues of moral development of primary schoolchildren, upbringing, and human development have always worried society. The shortcomings and mistakes in the field of spiritual education were explained by sharp contradictions in life. The teacher is one of those personalities who have the greatest potential to influence the education of students. Therefore, the school must solve educational issues, relying on the wisdom and morality of the student's personality, in order to help the student determine the valuable basis of his life.

Keywords: e*ducation, upbringing, formation, moral education, knowledge, abilities, skills, development, activity, younger students, primary school teachers, educational institutions.*

Маълумотнома дар бораи муаллиф: Садруддинов Зайниддин Ҷамолидинович, магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: +992 937710920

Роҳбари илмӣ: Бегимов Ҳ.

Сведения об авторе: Садруддинов Зайниддин Ҷамолидинович, магистрант второго курса факультета начального образования ТГПУ имени Садриддина Айни. г. Душанбе, проспект Рудаки. Телефон: +992 937710920

About the author: Sadriddinov Zayniddin Jamoliddinovich, master of the Second Course of the Faculty of Primary Education TSPU named after S. Aini. Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: +992 937710920

Шокирова Фарзона Мирзошарифовна,
магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоӣ

МУНОСИБАТИ ПЕДАГОГӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақсади раванди педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо инкишоф, тарбия ва ташаккули шахсияти хонанда мебошад ва аз ҳамин сабаб барои омӯзгорони оянда донистани омилҳое, ки раванди мазкурро шартгузорӣ мекунанд, аз аҳамият холӣ нест.

Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти худ мо, ки муоширатро ҳамчун намуди махсуси фаъолият аз рӯи хусусиятҳои хоси он баррасӣ менамоем.

Муносибати педагогӣ ба монанди ҳамаи дигар муносибати касбӣ бо омилҳои субъективӣ-объективӣ шартгузорӣ шудааст. Дар ҳамин маврид омилҳои объективӣ, ки зери он талаботи фаъолияти касбии педагогӣ бояд фаҳмида шавад, тариқи омилҳои субъективӣ, яъне дастур ва далел- ҳои шахсият бояд дигаргун карда шавад.

Меҳнат, дарккунӣ, муносибати педагогӣ соҳаҳои асосии ҳаёти инсон маҳбус меёбад. Шаклу усулҳои фаъолияти меҳнатиро инсон дар тӯли солҳои зиёд меомӯзад, инчунин бо воситаҳои дарки олам низ шинос мешавад, вале ғанӣ шуданро одам намеомӯзад. Мактабе вуҷуд надорад, ки дар он санъати муносибатро омӯзонанд. Албатта, таҷрибаи муо- ширатро одам дар ҷараёни меҳнат ва фаъолияти шуурнок ба даст меорад. Вале ин нокифоя аст. Қисми зиёди муаммоҳои ҷиддии инкишоф ва муносибат бо сабаби аз тарафи омӯзгор ташкил карда натавонистани муносибат бо хонандагон ба миён меоянд.

Имрӯз илмҳои психология ва педагогка исбот кардааст: барои он ки муносибат самаранок бошад, муносибати мусбатро дар хонандагон нисбат ба он, ки чиро мехоҳем дар ӯ тарбия намоем, бедор кардан зарур аст. Вале ин ё он муносибат ҳамеша дар фаъолият аз тариқи механизми мураккаби робитаи дутарафа ташаккул меёбад.

Дар кори педагогӣ муносибат хеле зарур аст. Баъзан маҳз мураккабиҳои муносибати моро ба кори педагогӣ ва муносибати хонандагон- ро ба мо – омӯзгорон, ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей, гимназия муайян мекунад. Муносибати педагогӣ дорои сохтори махсус, хусусият ва технологияи амалишавӣ мебошад, ки онро омӯзгорон ба таври сода меомӯзанд. Яке аз сифатҳои муҳимми омӯзгор – ин маҳорати ташкил кардани ҳамкорӣ бо хонандагон мебошад. Қобилияти муносибат бо хонандагон бояд дар заминаи таҳкурсии мустаҳками муҳаббат ба онҳо асос ёбад.

Дар ҳамин маврид муносибати педагогӣ, ки ҳамаи элементҳои номбаршударо дар худ ифода мекунад, сифати нав дорад.

Сифати дигари муносибати педагогӣ, пеш аз ҳама, бо вазифаи таълимии он шартгузорӣ мешавад, ки он дар худ вазифаи тарбиякунандаро ифода мекунад, чунки раванди таълим хислати тарбиякунанда ва инкишофдиҳанда дорад.

Вазифаи таълимии муносибат метавонад бо вазифаи намоишдиҳӣ баробар карда шавад. Вазифаи таълимии муносибати педагогӣ асосӣ мебошад: қисми ҳамкории гуногуни омӯзгор – хонандагон дар байни худи хонандагон. Дар як марид, муносибати педагогӣ хислати ҳамкории одамонро низ инъикос мекунад. Дар ҳақиқат, омӯзгор кадом фаннеро таълим диҳад, ӯ ба хонандагон эътиқодро аз рӯи қувваи ақли одам, кашиши бузургро ба идрок, муҳаббатро ба ҳақиқат ва нишондодро барои меҳнати фоиданоки ҷамъиятии фидокорона меомӯзонад.

Вақте ки омӯзгор барои якбора намоиш додан ба хонандагон фарҳанги баланд ва фасеҳи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, адолат дар як- ҷоягӣ бо услуби тоза, ғайрат дар ҳамбастагӣ бо хоксории аслӣ қобилият дорад, он вақт ба ин омӯзгор беихтиёр тақлид карда, насли хурд руҳан мутаносиб, барои ҳал кардани низоъҳои байнишахсии ҳаёт қобилиятнок ташккул меёбад.

Ҳамин тавр, вазифаҳои таълимдиҳанда ва тарбиядиҳанда ягонагии муносибати педагогиро ташкил мекунанд. Самаранокии фаъолияти педагогӣ асосан бо сатҳи азхудкунии технологияи муоширати педагогӣ аз тарафи омӯзгор муайян карда мешавад.

Хонандагон симои омӯзгоранд. Омӯзгоре, ки аз рӯи симо хонандагонро мефаҳмад, бемубоҳиса, дорои маҳорати озодона муносибат кардан мебошад. Донишҳо оид ба педагогика ва психологӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии олӣ аз худ карда шудаанд, барои фаъолият хеле заруранд. Дар ҳар маврид мушкилоти равониро, ҳангоми фаъолияти муошират бо хонандагон талабкунанда пайдо шудаанд, бартараф кардан хеле душвор аст. Баъзан мешавад, ки омӯзгори ба фаъолият оғозкунанда аз муносибат ба хонандагон меҳаросад. Ӯ тарзи

гуфторро бо онҳо намедонад, муносибат карда наметавонад. Албатта, бо гузашти вақт, бо пайдо кардани таҷриба ин монеаҳо бартараф мешаванд, маҳорати ташкил кардани фаъолияти коллективона дар синф, озодона муносибат кардан ба вуҷуд меояд.

Маҳорати пайдо карда тавонистани оҳанг, қиёфа, ҳаракат – маҳз баъзан ин маҳорат ба омӯзгори ба фаъолият оғозкунанда намерасад. Ба омӯзгор донистани забон, воситаи бовар кунонидан хеле муҳим аст. Ин калиди ҳалли вазъиятҳои зиёд, баъзан низоъҳое, ки дар раванди фаъолияти тарбиявӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад.

Раванди муносибати омӯзгор ва хонандагон ҳамчун дараҷаи касбии муҳими фаъолияти педагогӣ баромад мекунад.

Муносибат – ин асбобу анҷоми муҳимми касбии фаъолияти педагогӣ мебошад.

Муносибати педагогӣ – ин муносибати касбии омӯзгор бо хонандагон дар дарс ва берун аз он буда, барои ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди равонӣ нигаронида шудааст. Муносибати педагогии нодуруст боиси пайдо шудани тарс, нобоварӣ, вайроншавии динамикаи нутқ ва ҳамчун натиҷа, пайдо шудани гуфторҳои қолабии хонандагони хурдсол мегардад, чунки дар хонандагон хоҳиш ва маҳорати мустақилона фикр кардан паст мешавад. Дар натиҷа, муносибати устувори манфӣ ба омӯзгор, баъдан ба фан ба миён меояд.

Муносибати омӯзгор бо хонандагон бояд чунин ҳиссиётро аз байн бурда, хушҳолии фаҳмидан, хоҳиши фаъолият карданро бедор кунад. Муносибат ҳамон маврид педагогӣ мешавад, ки агар он мақсаднок бошад, аз тарафи омӯзгор пешакӣ махсус фаҳмида, барномарезӣ карда шавад.

Муносибати педагогӣ дар байни механизмҳои тарбия яке аз ҷойҳои афзалиятнокро ишғол мекунад. Бо ёрии он дар раванди ҳамкории расмӣ хусусиятҳои дарки муҳити атроф аз тарафи хонандагон ошкор карда мешаванд.

Муваффақияти муносибати мақсаднок ташкилшуда аз як қатор шартҳо вобаста аст. Аз ҷониби хонанда – мураббӣ ҳаматарафа донистани хусусиятҳои инкишофи иҷтимоӣ, психологӣ ва синнусолии хонанда гон, фаҳмидани ҳолати эмотсионалӣ-равонии онҳо ҳангоми шомилшавӣ ба ҷамъият зарур аст. Мазмуни ҷамъият дар ин маврид аз нигоҳи педагогӣ асоснок мешавад, ки агар он фаъолиятро ғанӣ гардонад, инкишоф диҳад ва ҳавасманд гардонад.

Раванди тарбиявӣ-самараноки муносибат ба шартҳои тарбияи ахлоқӣ мутобиқат мекунад, ки он дар низоми шакл ва усулҳои таъсиррасонии педагогӣ ва ҳамкорӣ асос меёбад. Ташкили муносибат натиҷанок мешавад, агар онро ба соҳаи истифодаи санъат ва маҳорати педагогӣ табдил диҳад.

Муносибати педагогӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-психологӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф дода мешавад: дарки шахсият, мубодилаи итти- лоот, ташкили фаъолият, худсобиткунӣ.

Доираи иҷтимоии фаъолияти шахсиятро ба вуҷуд оварда, муносибат бо воситаи нақши шахсият иҷрокунанда дар вай ин ё он нусхаи рафтори иҷтимоиро барномарезӣ мекунад. Ивази нақшҳои иҷтимоӣ ҳам барои ҳаматарафа зуҳур кардани шахсият – «ниқобро аз рӯй партофтан» ва ҳам барои имконияти ворид шудан ба нақши дигар мусоидат менамояд, барои раванди дарки одам аз тарафи одам ёрӣ мерасонад. Омӯзгорон шакли шахсиятӣ-нақширо ба раванди таълиму тарбия дохил карда, хонандагонро ба гузаронидани элементҳои алоҳидаи дарс ҳамроҳ менамоянд, ба ҳар як хонанда барои иҷро кардани нақши ташкилотчигӣ ва нақши иҷрокунанда имконият медиҳанд.

Худсобиткунии шахсият низ ҳамчун вазифаи муносибат баромад мекунад. Вазифаи омӯзгор-мусоидат кардан барои дарки «ман» аз тарафи хонандагон, ҳис кардани аҳамияти шахсии худ аст. Амалӣ кардани чунин вазифаи муҳими муносибат, ба монанди ҳамдардӣ, шароитро барои фаҳмидани ҳисси одами дигар, ташаккул додани қобилияти нуқтаи назари дигар одам буданро таъмин менамояд, ки он муносибатро дар коллектив мӯътадил мегардонад. Ба тасаввуроти хонандагон такя карда, барои амалӣ кардани ҳамкорӣ ба омӯзгор фаҳмидани хонандагон ва талаботи ӯ зарур аст.

Муносибати педагогӣ вазифаҳои худро пурра иҷро мекунад, агар хонандагон дар он на ҳамчун объекти сустфаъоли таъсиррасонии омӯзгор, балки ҳамчун субъекти фаъоли эҷодии ӯ, ки бо донишҳо мусаллаҳ буда, қобилияти мустақилона фикр карданро дорад, баромад мекунад.

Ташкил кардани муносибати бевосита бо синф дар марҳилаи ибтидоии робита бо он барои раванди таълим аҳамияти хоса дорад. Ин давраро «ҳуҷуми коммуникативӣ» номид, ки дар ҷараёни он ташаббус дар муносибат ва бартарияти умумии коммуникативӣ ба даст оварда мешавад ва он минбъад барои идора кардани муносибат бо синф имконият медиҳад.

Дар ҷараёни раванди педагогӣ мутобиқ шудани омӯзгор ба муошират нақши муҳим дорад, ки зери он низоми усулҳои психологӣ, қиёфагӣ, нутқӣ, ки барои ташкили вазифаи дуруст

ва хусусятиҳои вазъияти педагогӣ интихоб шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар ташкили таъсиррасонии тарбиявӣ робитаи дутарафаи нутқ ва қиёфаро бояд ба назар гирифт.

Ҳамин тавр, муносибати педагогии омӯзгор бо хонандагон ғайримустақим, пеш аз ҳама, бо объекти фаъолияти касбии омӯзгор ифода мешавад, ба сифати он на тарбиягиранда, балки раванди педагогии яклухт дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей, гимназия фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили равонии муносибат нишон медиҳад, ки муносибат ба монанди фаъолият ҳамчун асоси зуҳуроти равонӣ баромад мекунад. Муносибат инкишофи равандҳои дарккунӣ, эмотсионалӣ ва ба ирода, ташаккули шахсият, ба таҷрибаи ҷамъиятию таърихӣ соҳиб шудан фардро муайян мекунад. Баррасии муаммои муносибат дар адабиёти фалсафӣ, иҷтимоӣ-равоншиносӣ ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи он ки муносибат дар фаъолияти ҳаётии инсон, раванди ташаккули ӯ ҳамчун шахсият нақши калон дорад, хулоса барорем. Бо дар назардошти он ки муошират ҳамчун фаъолият ҳангоми фаъолнокии инсон ба миён меояд, мо ба файласуфон, равоншиносон ниёз дорем ва онро ҳамчун ҳамкории субъект, ки дар раванди он иҷтимоикунонии инсон ба вуҷуд омада, робитаи он бо дигар одамон, бо ҷамъият амалӣ мегардад, сифатҳои иҷтимоӣ ва ҳам сифатҳои равонӣ, вазифаҳои фард инкишоф меёбанд, инчунин ташаккули шахсият дар маҷмӯъ ба амал меояд.

Адабиёт:

1. Бодалев А. А. Личность и общение. – М.: 1983. – 94 с.
2. Бодалев А. А., Дричевский Р. К. Общение и формирование личности школьника. – М.: 1987. – 39 с.
3. Брудный А. А. Понимание и общение. – М.: 1989. – 78 с.
4. Волков И. Б. Учиться деловому общению. – Л.: 1980.
5. Выготский Л. С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т. 2. Проблемы об- щей психологии. / Под ред. В. В. Давыдова. – М.: Педагогика, 1982. – 232 с.
6. Головин Б. Н. Основы культуры речи. – М.: 1980. – 90 с.
7. Грехнев В. С. Культура педагогического общения. Книга для учи –теля. – М.: 1987. – 54 с.
8. Дебольский М. Психология делового общения. – М.: 2002. – 138 с.
9. Каган М. С. Мир общения: Проблема межсубъектных отношений. – М.: 1988. – 126 с.
10. Конева Е. В. Психология общения: Учебное пособие. – Ярославль: 2002. – 46 с.
11. Консепсияи Миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 1996.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» // http: // www. maorif. tj.
13. Леоньтев А. А. Педагогическое общение. – М.: 1979. – 112 с.
14. Ломов Б. Ф. Проблема общения в психологии. – М.: 1987. – 78 с.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 // http: // www. president. tj.

Калидвожаҳо: *таълим, тарбия, дониш, малака, маҳорат, инкишоф, фаъолият, ташаккул, шахсият, муошират, мушкилот, раванд, технология, хонандагон, омӯзгорон, муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ.*

Аннотация

ПРЕПОДАВАТЕЛЬСКИЙ ПОДХОД И ЕГО РОЛЬ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В статье анализируется концепция педагогического подхода к профессиональной деятельности педагогов образовательного учреждения, в которой описаны этапы его развития, общая и профессиональная подготовка педагогических кадров, необходимость раскрытия их творческой индивиеальности. Индивидуальный способ деятельности - одна из важнейших черт процесса индивидуализации профессионального труда. Наличие у професси- онального педагога собственной методики, с одной стороны, свидетельствует о его соответствии объективной системе профессиональной деятельности, с другой - о полном проявлении своей индивидуальности. Педагогическая деятельность - это совместная деятельность учителя и ученика. И успех педагогической деятельности во многом зависит от того, как между ними установятся отношения. Сегодня, когда перед школой стоят сложные и важные задачи, роль учителя, его знания и умения приобретают большое значение в педагогическом процессе. На личность студентов можно повлиять только в том случае, если они смогут общаться с

учащимися и стать ключевой частью ученичского коллектива. Для каждого учителя чрезвычайно важно понимать процесс педагогического подхода как личность, как профессиональный педагог. В работе учителя, в каком бы классе он ни работал, есть ценное качество, одинаково важное для всех возрастов. Это способность понимать учениковов как личности. Уважение к его человеческому достоинству и симпатия к нему. Без него учитель не может общаться и взаимодействовать с учениками. При этом его профессиональный талант рассматривается как конечный результат педагогического образования, под которым понимается сово- купность знаний, навыков и умений, влияющих на личность ученика. Особое внимание уделяется обучению студентов, где развитие профессиональных талантов студентов является ключевым моментом для учителей, работающих на рабочем месте, чтобы узнать, что и как преподавать.

Ключевые слова: *образование, обучение, знания, умения, навыки, развитие, деятельность, формирование, личность, общение, проблемы, процесс, технология, студенты, учителя, образовательные учреждения.*

Annotation

TEACHING APPROACH AND ITS ROLE IN THE PROFESSIONAL ACTIVITIES OF PRIMARY SCHOOL TEACHERS

The article analyzes the concept of a pedagogical approach to the professional activity of teachers of an educational institution, which describes the stages of its development, general and professional training of pedagogical personnel, the need to disclose their creative individuality. An individual way of working is one of the most important features of the process of individualization of professional work. The fact that a professional teacher has his own methodology, on the one hand, testifies to his compliance with the objective system of professional activity, on the other hand, to the full manifestation of his individuality. Pedagogical activity is a joint activity of a teacher and a student. And the success of pedagogical activity largely depends on how relations are established between them. Today, when the school is faced with complex and important tasks, the role of the teacher, his knowledge and skills are of great importance in the pedagogical process. Students' personality can only be influenced if they can communicate with students and become a key part of the student body. It is extremely important for every teacher to understand the process of the pedagogical approach as a person, as a professional teacher. In the work of a teacher, in whatever class he may work, there is a valuable quality that is equally important for all ages. It is the ability to understand students as individuals. Respect for his human dignity and sympathy for him. Without it, the teacher cannot communicate and interact with students. At the same time, his professional talent is considered as the end result of pedagogical education, which is understood as a set of knowledge, skills and abilities that affect the personality of the student. There is a particular focus on student education, where developing the professional talents of students is key for teachers in the workplace to learn what and how to teach.

Keywords: *education, training, knowledge, abilities, skills, development, activity, formation, personality, communication, problems, process, technology, students, teachers, educational institutions.*

Маълумотнома дар бораи муаллиф: Шокирова Фарзона Мирзошарифовна, магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: +992 904300240

Роҳбари илмӣ: Бегимов Ҳ.

Сведения об авторе: Шокирова Фарзона Мирзошарифовна, магистрантка второго курса факультета начального образования ТГПУ имени Садриддина Айни. г. Душанбе, проспект Рудаки. Телефон: +992 904300240

About the author: Shokirova Farzona Mirzosharipovna, master of the Second Course of the Faculty of Primary Education TSPU named after S. Aini. Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: +992 904300240

Ҷамилова Нигора Зинатуллоевна,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ХУДБАҲОДИҲӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН

Инсон тавассути дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок намудан ва бо одамон муошират карданаш, худро ҳамчун субъекти ҳолат, амал ва протсессҳои психикии худ, эҳсос мекунад ва нисбат ба худаш чун «Ман» - е муносибат мекунад, ки ба «дигарон» муқобил аст ва дар айни замон бо он алоқаи зич дорад. Мафҳуми «Ман» онро ифода мекунад, ки инсон дар гузаштаю ҳозира ва оянда фарқияти худро дарк менамояд. «Ман», қатъӣ назар ба дигаргуниаш дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, новобаста аз тағйирёбии шуур, ақидаю мақсадҳо ҳамон «Ман» - ам, ки дирӯз будам, айни замон ҳастам ва дар оянда ҳамон хел хоҳам буд.

Мафҳуми «Ман худам» - ро кӯдаки сесола ба забон меорад ва ин маънои онро дорад, ки ӯ худро аз олами ашёҳо ҷудо намуда, фарқияташро бо одамони дигар дарк менамояд. Барои одами калон ин фарқият оддӣ менамояд, лекин барои кӯдак ин қадами калон дар роҳи инкишоф мебошад. Яъне кӯдак аллакай шахсияти хешро муайян намудааст.

Ба ақидаи Т.Б.Барлос худбаҳодиҳӣ – ин баҳои одам нисбат ба худаш мебошад, яъне нисбат ба хусусиятҳо, арзишҳо ва қобилиятҳои худ.

Худбаҳодиҳӣ – ин баҳои шахс ба шахсият ва сифатҳои алоҳидаи шахсии худ мебошад. Ин онест, ки чӣ хел одам дар бораи худ фикр мекунад ва худашро баҳо медиҳад. Нақши асосиро дар ташаккули худбаҳодиҳӣ баҳои атрофиён ва дастовардҳои худи шахс мебозанд.

Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи боварикӣ ба худ алоқаи зич дорад: одами ба худ боваридошта худбаҳодиҳии муътадил дошта, ором мебошад. Вай имкониятҳо ва маҳдудиятҳои шахсии худашро медонад. Аз тарсу ҳарос озод буда, нисбати атрофиён муносибати дӯстона дорад, ба зиндагӣ назари мусбӣ дораду масъулиятшинос аст. Ба ваъдааш вафо мекунад.

Худбаҳодиҳӣ яке аз паҳлуҳои муҳиму зарурии худшиносӣ буда, маҳорати ба қувваю имкониятҳои худ баҳо дода тавонистан ва ба худ муносибати танқидӣ карданро ифода мекунад. Худбаҳодиҳӣ ин баҳои шахс ба худ, хусусиятҳо, бартарият ва камбудиҳои худ, мавқеи худ дар байни дигарон аст. Дар асоси худбаҳодиҳӣ танзими рафтори шахс ба амал меояд. Дар психология як қатор методҳои эксперименталӣ мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо худбаҳодиҳии шахс, тавсифномаи миқдорию сифатии онҳо муайян карда мешаванд. Худбаҳодиҳиро ба ду намуд ҷудо мекунанд: худбаҳодиҳии мувофиқ ва худбаҳодиҳии номувофиқ.

Мувофиқи нуқтаи назари В.Н.Кунисина худбаҳодиҳӣ се зинаи ченкуниро дорад:

1. Мувофиқ ё номувофиқ.
2. Нисбатан баланд ё паст.
3. Устувор ё ноустувор.

Худбаҳодиҳии мувофиқ ба шахс имконият медиҳад, ки ба худ аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат карда, қувваю имкониятҳои худро барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва талаботҳои атрофиён мувофиқ гардонад. Худбаҳодиҳии мувофиқ вақте ба амал меояд, ки шахс камбудӣ, нокомӣ, қомёбӣ ва бартарии худро дониста бошад. Шахсоне, ки худбаҳодиҳии мувофиқ доранд, ҳамеша худро бехатову доно намешуморанд. Онҳо дар ҳаёт чигунагии мавқеи худро медонанд, ки ин намуди худбаҳодиҳӣ шарти зарурии ташаккули шахсият мебошад. Худбаҳодиҳии номувофиқ дар навбати худ ба ду намуд: худбаҳодиҳии дараҷааш баланд ва худбаҳодиҳии дараҷааш паст ҷудо мешавад.

Худбаҳодиҳии номувофиқ шахсияти одамро номукаммал мегардонад, чунин шахс ҳамеша дар назди дигарон худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Агар худбаҳодиҳии талаба номувофиқ бошад, онгоҳ ӯ худро аз доираи ҳамсолон ҷудо мекунад, ё ин ки сабабгори ихтилофҳои байнишахсӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки ин хусусият дар синни наврасӣ бештар равшан зоҳир меёбад (баланд мешавад). Аз ин рӯ, наврас бештар бо муаллимон, волидон ва шахсони калонсол низоъ мекунад.

Худбаҳодиҳии баланд нишонаи ба имкониятҳои худ аз будаш зиёд баҳо додани шахс мебошад. Ин намуди худбаҳодиҳӣ одатан шахсро ба зиддияти атрофиён дучор гардонида, барои ӯ ташкили муносибатҳои солимонаи байнишахсиро мушкил мегардонад.

Худбаҳодиҳии ниҳоят баланд онро мефаҳмонад, ки шахс майли аз будаш зиёд баҳо доданро ба худ дар вазъиятҳои гуногун дорад. Ӯ, одатан, ба муқобилияти атрофиён дучор

мешавад ё нисбатан ҳисси нобоваріро зоҳир мекунанд ва ин ба ташкили муносибатҳои байнишахсӣ монеа мешавад.

Худбаҳодиҳии баландро дар бисёр маврид бо бовари ба қувваю иродаи худ ҳаммаъно медонанд, вале ин чунин нест. Одамоне, ки худбаҳодиҳии баланд доранд, дигаронро рад мекунанд, шахсияти онҳоро эътироф намекунанд, шукргузорӣ худашон ҳастанд ва манфиатҳои худашонро аз дигарон боло медонад. Ин гуруҳи одамон худпараст, ҳавобаланд ва дигар одамонро радкунанда мебошанд.

Худбаҳодиҳии паст, нишонгарӣ ба қобилияту имкониятҳои худ боварӣ надоштани шахс мебошад. Вобаста ба он шахс дар иҷрои фаъолият ташаббусро аз даст дода, нисбати худ қадрношиносӣ мекунад, яъне дар ҳама ҳолатҳо худро аз дигарон паст меҳисобад. Худбаҳодиҳии паст натиҷаи он аст, ки худро намедонем, ки мо дар асл чӣ гуна ҳастем. Шармгинӣ, тарсончакии аз ҳад зиёд ва нобоварӣ, аломатҳои худбаҳодиҳии паст мебошанд.

Худбаҳодиҳии ниҳоят паст онро ифода мекунад, ки шахс ба худ ва қувваи худ боварӣ надорад, аз ташаббускорӣ даст мекашад, имкониятҳои худро пурра дарк намекунад ва нисбати шахсияти худ қадрношиносӣ зоҳир менамояд. Ӯ худро дӯст намедорад, дар натиҷа дигарон низ ӯро эътироф намекунанд, зеро мавқеаш дар гурӯҳ паст мешавад.

Худбаҳодиҳии устувор – ин ба қобилият ва имкониятҳои худ боварии қатъӣ доштанро дар бар мегирад ва худбаҳодиҳии ноустувор бошад баръакс, ба қобилият ва имкониятҳои худ боварӣ надоштанро зоҳир менамояд [193].

Худбаҳодиҳии муътадил (миёна) – ин баҳои дуруст, яъне на баҳои паст ва на баланди шахс ба имконият ва маҳдудиятҳои худ мебошад. Он ба шахс имконият медиҳад, ки нақшаҳои самарабахшро дар асоси имкониятҳо ва бо назардошти маҳдудият созад. Шахсоне, ки худбаҳодиҳии муътадил доранд, худро тавре ки ҳастанд ҳамон хел, бо ҳамаи камбудҳо ва сазовориҳояшон қабул мекунанд.

Худбаҳодиҳӣ унсури асосии сохти шахс буда, бо худшиносӣ ва дараҷаи иддао зич алоқаманд аст.

Худшиносӣ – ин аз тарафи одам идрок намудани қувваи ҷисмонӣ, имконияту қобилиятҳои ақлӣ, кирдор, маром ва мақсадҳои рафтори худ, муносибати худ бо атрофиён, бо одамони дигар ва бо худ мебошад. Худшиносӣ ин ба таври субъективӣ ҳис намудани мавҷудияти «Ман» - и худ, яъне дарк намудани айниятту шабоҳати худ бо фарзияҳои худ дар замони гузашта, ҳозира ва оянда аст. Фаҳмидани мавҷудияти «Ман» - и худ натиҷаи раванди дуру дарози ташаккули шахс аст, ки он аз даврони кӯдакӣ оғоз меёбад ва онро психологи рус И. С. Кон ҳамчун кашфиёти «Ман» арзёбӣ кардааст. Ташаккули симои психикии «Ман» дар даврахои минбаъдаи синнусолӣ (2 – 3 -солагӣ, давраи хурди мактабӣ, наврасӣ ва навҷавонӣ) ба ташаккули худшиносӣ мебарад ва дар ташаккули худшиносӣ, худназораткуню худтанзимдиҳӣ нақши муҳимро мебозанд

Худбаҳодиҳӣ бо дараҷаи иддаои шахс алоқаи зич дорад. Дараҷаи иддао гуфта, дараҷаи дилхоҳи худбаҳодиҳии шахсро мегӯянд, ки ба дараҷаи душвориҳои мақсади шахс вобаста аст. Одатан, чунин мақсадҳоест, ки мувофиқи хоҳишу имконияти ӯст ва натиҷаест, ки онро соҳиб шудан мехоҳад. Дараҷаи иддаои шахсро дар сурати ба ӯ пешниҳод кардани масъалаҳои дараҷаи ҳаллашон гуногун муайян кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолат шахсони дараҷаи иддаояшон баланд, озмоишро аз ҳалли масъалаи дараҷааш душвор шурӯъ мекунанд ва шахсони дараҷаи иддаояшон паст бошад, баракс корро аз ҳалли масъалаҳои осонҳал оғоз менамоянд. Баъзан чунин шакли иддао рӯх медиҳад, ки шахс кӯшиши ба даст овардани муваффақиятеро накарда, балки аз нобаробарии он ҳарф мезанад. У дар чунин ҳолат масъалаи душвор ва ё баръакс осонро интихоб мекунад. Шахс масъалаи осонро ҳал намуда, ба натиҷае муваффақ мешавад ва дар сурати ҳал карда натавонистани масъала, дараҷаи душвории ҳалли онро сабаб мекунад, ки аз ин образи «Ман» - и ӯ дигар намешавад.

Ҳамин тавр, зикр кардан ба маврид аст, ки худбаҳодиҳӣ тадриҷан ба сифати танзимгари муҳими рафтор, фаъолӣ дар таълим, меҳнат, муошират ва худтарбиятнамоии инсон баромад менамояд. Худбаҳодиҳӣ дар фаъолияте зоҳир мегардад, ки бевосита дар зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ қарор дорад (масалан, муошрати кӯдак бо одамони иҳотакарда). Худбаҳодиҳӣ – ин хосияти дарк намудани мақсад ва мароми рафтору амалҳои худ, инчунин маҳорати баҳогузорӣ карда тавонистани имконияту қобилиятҳои худ аз тарафи шахс аст.

Худбаҳодиҳӣ – дар ҳамаи зинаҳои синнусолӣ ба шакл дароварда шуда, дар ҳамоҳангии хусусиятҳои дохилии шахсӣ, инкишоф меёбад ва дар ташаккули камолоти иҷтимоӣ ин омодагии кӯдак ба воридшавии ҳаёти калонсолон, ҳамчун аъзои баробарҳуқуқ ва комил, таҷассум

менамояд. Ин протсесс на танҳо инкишофи объективӣ, балки инкишофи субъективии омодагиро дар бар гирифта, барои аз худ кардани талаботҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

Адабиёт:

1. Барлас Т. В. Популярная психология. От конфликтов к обретению «Я». – М., 1997.
1. Блейхер В.М. Клиническая патопсихология. – Т.: 1976. – 45 с.
2. Бурлачук Л. Ф. Психодиагностика личности. – Киев: Здоровья, 1989
2. Кон И. С. Психология старшекласников. – М., 1980.
3. Куницына В. Н. Восприятие подростками других людей и себя. – М., 1987.
3. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2004.

Калидвожаҳо: *худбаҳодиҳӣ, худшиносӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, протссесҳои психикӣ, камолоти иҷтимоӣ.*

Аннотация

САМООЦЕНКА И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ДЕТЕЙ

Автор в своей статье проявил важное значение в развитие общественных отношений детей. По мнению автора самооценка проявляется в деятельности, которое непосрдственно лежит под влияниям общественных факторов. Самооценка, особенно наблюдается во всех ступенях возраста, в развитии общественного совершенства и подготовления ребенка к вступлению на взрослую жизнь, как равноправный и совершенный член общества.

Ключевые слова: *самооценко, самопознание, общественные отношения, общественность, психологичиские процессы, общественное совершенство.*

Annotation

SELF-ESTEEM AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF SOCIAL RELATIONS OF CHILDREN

The author in his article has shown great importance in the development of social relations of children. According to the author, self-esteem is manifested in activities that are directly influenced by social factors. Self-esteem is especially observed at all stages of age, in the development of social excellence and in preparing the child for entering adulthood, as an equal and perfect member of society.

Keywords: *self-esteem, self-knowledge, social relations, society, psychological processes, social excellence.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷамилова Нигора, магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Телефон: +992 554559855

Роҳбари илмӣ: Дадабоева М.

Сведения об авторе: Джамилова Нигора, магистрантка второй курса факултета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им. С.Айни. Телефон: +992 554559855

Научный руководитель: Дадабоева М.

About the author: Dzhamilova Nigora, undergraduate student of the second course of the Faculty of Psychology and Inclusive Education, TSPU named after S. Aini. Phone: +992 554559855

Scientific adviser: Dadaboeva M.

Шарипова Шаҳноза,
магистранти соли якуми факултети таҳсилоти ибтидоӣ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ҲАНГОМИ ОМӮХТАНИ МАТЕМАТИКА ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди омӯзиши мавзуъҳои гуногуни математикаи синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим доранд. Бо истифода аз масъалаҳои матнӣ мо метавонем мавзуи лозимиро бо мисолҳои мушаххас шарҳу эзоҳ диҳем. Дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ дурустии қоидаҳо ва формулаҳои математика исбот гардида, хонандагон дарк менамояд, ки дониши андӯхтаашон воқеӣ буда, дар ҳаёт татбиқшаванда мебошад. Масъалаҳои матнӣ зинаи аввали татбиқи қоидаҳо ва формулаҳои математикӣ дар амалия мебошанд. Масъала ҷаҳонбинии илмии хонандагони хурдсолро инкишоф дода, фикру ақидаи онҳоро дар бораи илми математика ва ҳодисаҳои табиати дар он бавуҷудояндаро ташаккул медиҳад ва воқеъӣ будани қоидаҳо ва формулаҳои математикиро дарк намуда, дар амал татбиқ менамоянд.

Барои осон гардонидани омӯзиши раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳангоми омӯзиши қоидаҳо ва формулаҳои математика дар хонан дагони синфҳои ибтидоӣ мо гурӯҳбандиҳои ҷараёни ҳалли масъалаҳои матниро пешниҳод менамоем:

1. Раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ таҳлили пешакии вазъияти проблемавии дар матни масъала тавсифшуда мебошад. Барои иҷро гардидани ин гурӯҳбандӣ бояд чунин амалиётҳоро иҷро намуд: а) муқаррар намудани он чи гуна раванди математикӣ дар шарти масъалаҳои матнӣ ҳалшаванда дода шудааст; б) возеҳ намудани паҳлуҳои дохилии вазъияти математикии масъалаҳои матнӣ; в) равшан намудани он ки чи гуна ашё дар шарти масъала иштирок дорад, муқаррар намудани он ки дар масъалаҳои математикӣ чи гуна тағйирот ва таҳти кадом таъсирот ба амал меояд.

2. Раванди ҳалли масъала ин ба қисмҳо, яъне шарт ва талабот ҷудо кардани матни масъалаи додашуда мебошад. Аксарияти масъалаҳои матнии математикӣ, на ин ки аз як шарт, балки аз якчанд шартҳои элементарии мустақил иборатанд. Ҳамин тавр, муқаррар намудани он ки масъала чиро талаб мекунад шарт ва зарур аст. Талаботи масъала низ аз як талабот иборат нест. Пас зарур аст, ки талаботи тасдиқшудаи масъаларо ба қисмҳои алоҳидаи элементарӣ бояд ҷудо кард.

3. Раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ - ин таҳлили назарявии вазъияти математикии дар матни масъала инъикосёфта мебошад. Баъдан, тавре ки маълум аст, барои бунёд намудани вазъияти математикӣ имконияти муайян намудани таносуби донишҳои назарявию амалӣ бо шарти масъала мебошад, айнан назария ва амалия имконияти ҷудо кардани элементҳои дар шарти масъала мавҷудбударо дорад.

4. Ҳангоми таҳлили назарявию амалӣ хонандагони синфҳои иб- тидоӣ дар фаъолияти ояндаи худ, муқаррар кардани кадом бузургиҳо, алоқамандии байни онҳо чи гуна тавсиф намудани вазъияти математикии масъаларо ошкор намуда, пас аз он қоидаи математикӣ вобастагии байни ин бузургиҳоро муайян менамояд. Зи пас хонанда муайян менамояд, ки барои ҳалли масъалаи мазкур кадом бузургиҳои ёрирасон лозиманд ва ин бузургиҳоро муқаррар менамояд.

5. Ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ гузоштани асос, тартиб додани нақшаи асосии масъала мебошад. Ҳангоми амалигардонии ин гурӯҳбандӣ хонандагони хурдсол аз намудҳои гуногуни монандҳои ёрирасони масъалаи математикӣ истифода мебарад: монандии аён дар намуди схема, нақша, график, расм ва ғайра; ифода намудани далели қоидаҳо ва формулаҳо барои истифода бурдан ва тасвир кардану аз нав ба вуҷуд овардани вазъияти масъалаи додашуда мебошад.

6. Ҷараёни ҳалли масъалаи матнӣ ин ҷустуҷӯи нақшаи ҳалли масъала мебошад. Барои таҳлили вазъияти математикӣ ва асос гузоштан ба воситаи аёният нақшае зарур аст. Барои ёфтани ҳалли масъалаҳои матнӣ ҷустуҷӯи нақшаи ҳал ин як қисми асосии тамоми раванди ҳал ба шумор меравад.

7. Ҷараёни ҳалли масъалаи матнӣ бояд аз таҳлили ҳамаҷонибаи масъала оғоз меёбад. Лекин дар назар бояд дошт, ки таҳлили вазъияти математикии масъала ва гузоштани асоси аёният пайдо шудан мақсади ягона набуда, балки воситаи ҷустуҷӯи нақшаи ҳал мебошад. Қисми зиёди нақшаи ҳал – ин танҳо далели фикрии асоси ҳалли масъала аст, лекин ҳалли пурраи он дар раванди амалӣ шудани ёфташуда мебошад. Барои ин муқаррар намудан лозим аст, ки кадом қоида ё формуларо бояд истифода кард. Барои ин вазъият ҳосил кардани

формулаи умумӣ ки моҳияти математикии масъаларо муайян мекунад. Имконияти сохтан ва зиёд кардани масъалаҳои монандии математикӣ дар намуди муодила мебошад.

8. Ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ амалӣ гардидани нақшаи ҳалли он мебошад. Аз рӯйи қоида ё формулаи ҳосилшуда бузургиҳои мат лубро бояд муайян кард. Ҳамаи қимматҳои бузургиҳоро дар формула гузошта, табдилдиҳиҳои математикиро иҷро карда, қимати ададии мат- лубро ҳосил кардан бамаврид аст.

9. Ҷараёни ҳалли масъалаи матнӣ ин санҷиши натиҷаҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ ба ҳисоб меравад. Баъд аз оне ки масъала ҳал карда шуд, зарурати санҷидани дурустии ҳал, яъне натиҷаҳои ҳал ки ба талаботҳои масъалаҳои матнӣ мувофиқанд, ё не ба миён меояд. Бинобар ин бо истифода аз методи дар формулаи корӣ гузоштани воҳидҳои бузургиҳои додашуда дурустии ҳалли масъаларо месанҷанд.

10. Ҷараёни ҳалли масъалаи матнӣ ин тавсияи ҷавоби масъала мебошад. Мутақид шудан ба дурустии ҳалли масъала, натиҷаи ҳалро ба шарти дадошуда ва бо қоидаҳои математикии маълум муқоиса намуда, ба шакли муайян даровардани ҷавобҳо ва саволҳои масъала мебошад.

Дар замони муосир истифодаи роҳу усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ дар раванди таълим диққати методистонро ба худ ҷалб намудааст. Ин як амри воқеӣ ва саривақтӣ мебошад, зеро ки омӯзиши математикаро бе истифодаи ҳалли масъалаҳои матнӣ тасаввур кардан мумкин нест. Корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки солҳои охир доир ба методикаи ҳалли масъалаҳои матнӣ суръат гирифтаанд, роҳи истифодаи ҳалли масъалаҳоро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ исбот менамоянд.

Дар амалияи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бошад, истифодаи ҳалли масъалаҳои матнӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Яке аз проблемаҳои асосии ин раванд дар он аст, ки омӯзгорон ба вазифаҳои масъалаҳои математикӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Самаранокии ҳалли масъалаҳои матнӣ ин ба назар гирифтани вазифаҳои онҳо аз раванди таълим вобаста аст. Дар раванди таълим бештари омӯзгорон танҳо ба ҳалли масъалаҳои матнӣ машғул шуда, ба намудҳои дигари масъалаҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд. Хусусан истифодаи масъалаҳои матнӣ, ки моҳияти асосии қоидаҳо ва формулаҳои математикиро бисёр возеҳу равшан шарҳ медиҳад. Истифодаи ҳалли масъалаҳои матнӣ, ки вобастагии алоқамандии бузургиҳои математикиро дар схемавӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, бисёр кам ба чашм мерасад. Ин хулосаҳоро дар раванди таҷрибаомӯзӣ ва фаъолияти педагогиамон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳои ҷумҳурӣ ба даст овардаем.

Яке аз роҳҳои алоқамандии назария ва амалия – шинос намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо табиат, техника, истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ – ин ҳалли масъалаҳои матнӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи барномаи нав ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз синфи якум оғоз меёбад. Усули ҳалли масъалаҳо дар синфи якум сода буда, дар асоси алоқамандии байни амалҳо бо натиҷаи амалҳо сурат мегирад. Аз ҳамин сабаб ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ лозим мешавад, ки тарзи ҳалли масъалаҳои матниро ба тариқи саволу ҷавоб дар асоси риояи дурусти қоидаи таркиби иҷрои амалҳо, алоқамандии байни ҷузъ иётҳои амалҳо ва натиҷаи ёфтани аъзои номаълуми амалҳо ташкил менамоянд.

Тадбиқи ин методҳо дар рӯзҳои аввал ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ душворӣ меорад. Агар хонандагони синфҳои ибтидоиро аз рӯзҳои аввал ба хондан, ба тарзи муҳокиронӣ, шарҳу фаҳмондадиҳӣ мусаллаҳ намоем, он гоҳ кор осон мешавад ва нутқи онҳо инкишоф меёбад. Ҳалли масъалаҳои матнӣ барои кушодани моҳияти масъалаҳои математикӣ маводи таълимӣ аҳамияти тарбиявӣ дорад. Барои амиқ ва васеъшавии дониши азхуднамудаи математика ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёрӣ карда, барои мустақилона истифодабарии усулҳои гуногун аз математика дар шарҳи ҳодисаҳо ёрӣ мерасонад. Ба хонандагон дониши муайян додан ва дар амалия тадбиқ намудани ин таълимҳоро омӯзонидан мақсади асосии таълими математикаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо мебошад. Дар як вақт таълими математикаро монанди дигар фанҳо барои ин-кишоф додани тафаккур, малака ва маҳорати онҳо истифода бурдан лозим аст.

Ҷузъиётҳои назариявие, ки ба таркиби барномаи математикаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо дохил мешаванд, агарчи ҳаҷман бузург набошанд ҳам, ҷузъиёти муҳими курсро ташкил медиҳанд, ки бо усулҳои ҳисобкунӣ ва ҳалли масъалаҳои матнӣ узван вобастаанд.

Фаъолияти дарккунии хонандаҳо, ки ба маводҳои таълимиро дар шуурашон дарк кардан ва аз нав кор кардан равона карда шудааст, барои омӯзиши муваффақиятнок аҳамияти ҳалкунанда дорад. Агар омӯзгор амал ё намуди нави масъаларо нағз фаҳмонаду лекин хонандаҳо маводи омӯхташавандаро суст аз худ намоянд ва онро дар шуурашон фаъолона кор

карда набароянд, он гоҳ таълим натиҷаи хуб намедиҳад. Фаъолнокии баланди дарккунии хонандаҳо дар раванди омӯзиш на фақат барои хуб азхуд кардани маводи таълим муҳим аст, балки мақсади тарбиявӣ низ дорад.

Дар раванди омӯзиш ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаҳмишҳои асосии математикӣ мунтазам шакл мегирад: аз ҷумла, фаҳмишҳои адади натуралӣ; аломатҳои бузургӣ; фаҳмишҳо оид ба фигураҳои геометрӣ; ёфтани ададҳои номаълум.

Масъалаи 1: Хонандагони синфи чорум дирӯз ба саёҳат рафтанд. Онҳо ният доштанд, ки рӯзи якум 8 км ва рӯзи дуюм 10 км роҳ раванд. Ба онҳо ҳамагӣ чанд километр роҳ рафтан лозим меояд?

Ҳал: 8 км + х=10 км; х=10 -8; х=2. Ҷавоб: х=8.

Масъалаи 2: Барои китобхонаи синфи худ аз китобхонаи мактаб ҷамъ карда шуда 180-тоашро доданд. Баъд аз ин 70 китоб боқӣ монд. Ҳамагӣ чандто китоб ҷамъ карда шуда буд?

Ҳал: х-180=70; х=70+180; х=250. Ҷавоб: ҳамагӣ 250-то китоб ҷамъ карда шуда будааст.

Масъалаи 3: Барои хонаи кӯдакон 12 тӯпи якхелаи матоъ, ки ҳамагӣ 360 метр ташкил медиҳад, харида шудааст. Дар ҳар як тӯп чанд метр матоъ шуданаш мумкин аст?

Ҳал: х×12=360; х=400:8; х=50. Ҷавоб: дар як тӯп 50 м матоъ буда- аст.

Масъалаи 4: Барои хонаи кӯдакон якчанд тӯп матоъи ҳар кадомаш 60-метрӣ харида шудааст, ки ҳамаи он 240 метр мебошад. Чанд тӯп матоъ харида шудааст?

Ҳал: х×60=240; х=240:60; х=4. Ҷавоб: 4-тӯп матоъ харида шудааст.

Масъалаи 5: Боғбон помидорҳои чидаашро ба 18 қуттӣ баробар ҷойгир кард. Дар ҳар як қуттӣ 10 килограммӣ помидор ҷойгир шуд. Ҳамагӣ боғбон чанд килограмм помидор чидааст?

Ҳал: х:10=18; х=18×10; х=180. Ҷавоб: ҳамагӣ боғбон 180 кг поми -дор чидааст.

Асосан барои ҳалли масъалаҳои матнӣ бо ёрии муодила ададҳои номаълумро бо ҳарф ишорат карда мешаванд. Як чанд шартҳои масъала, ки баробариро ташкил карда ва ададҳои номаълум доранд онро ҳал на- мудан мумкин аст. Дар ин ҳолат ҳар як масъала дар асоси муодила тар тиб дода шуда, аз рӯйи нақшаи додашуда ҳал карда мешавад. Барои ҳамин ҳам аз синфҳои ибтидоӣ сар карда роҳҳои амалӣ сохтани имкониятҳои тарбиявии омӯзиши ҳалли муодила дар асоси тартиб додани масъалаҳои матнӣ ҷорӣ кардан бамаврид аст.

Методҳои ҳалли масъалаҳо ба воситаи муодила ду даврaро дар бар мегирад: а) давраи аввал, тайёрӣ ба роҳҳои амалӣ сохтани имкониятҳои тарбиявии омӯзиши ҳалли масълаҳои матнӣ; б) давраи дуюм, роҳҳои амалӣ сохтани имкониятҳои тарбиявии ҳалли муодилаҳо аз рӯйи шарти масъалаҳои матнӣ.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ роҳҳои амалӣ сохтани имкониятҳои тарбиявии ҳалли муодилаҳои дар барнома додашударо меомӯзанд. Дар вақти тайёрӣ ба омӯзишӣ ҳалли масъалаҳо бо ёрии муодила ба хонандагон лозим аст, ки бояд донанд, ки муодила – ин тарафҳои баробар ва ададҳои номаълум мебошад, ки ҳалли худро талаб менамоянд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар вақти ёфтани ададҳои номаълум бояд алакай байни қисмҳо ва ба мақсади амалҳои арифметикӣ такя намоянд. Мақсад барои ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳо бо ёрии муодила – ин аввал фаҳмидани мафҳуми масъала аст. Барои ҳамин ҳам масъала ба воситаи ҷумла омӯзонида мешавад. Дар ин вақт хонандагон бояд масъалаҳои сода тартиб доданро омӯзанд.

Бо ин мақсад аз синфи якум сар карда ҳалли масъалаҳои қисми номаълум дошта, омӯзонида мешавад.

Масъалаи 1: Дар қуттӣ 24-то чормағз буд. Анвар якчанд чормағзро гирифта хӯрд. Дар қуттӣ 17 дона чормағз монд. Анвар чандто чормағз хӯрд?

Ҳал: Дар баробари тартиб додан хонандагон чунин фикр мекунанд. Чормағзҳои хӯрдаи Анварро бо х ишора менамоянд. Ӯ 24-то чор- мағз дошт, аз онҳо х-донаашро хурд, 17-то чормағз монд. Чунин баробарӣ ҳосил мешавад: 24-х=17. Яъне, х=24-17; х=7. Ҷавоб: Анвар 7-то чормағз хӯрдааст.

Масъалаи 2: Муассисаи таълимӣ барои хонандагони синфҳои 3-юм ва 4-ум 100 дона китоби бачагона харид. Дар синфҳои 3-юм 60 нафар хонанда ва дар синфҳои 4-ум 50 нафар хонанда таҳсил мекунанд. Ин китобҳоро байни хонандагон чӣ тавр тақсим кардан мумкин аст?

Ҳал: Агар китобҳоро дар байни синфҳо ҳамон тавре тақсим намоем, ки нисбаташон ба нисбати хонандагони дар синфҳо буда, якхела бошад. Яъне, 60:50=3:2 аст. Дар ин ҷо 100 дона китобро ба нисбати 3:2 тақсим кардан лозим аст. Ҳамагӣ 3+2= 5 ҳисса ҳаст ва ба ҳар як ҳисса 100:5=20 дона китоб рост меояд. Бинобар он ба хонандагони синфи 3-юм 20×3=60 дона китоб ва ба хонандагони синфи 4-ум 20×2=40 дона китоб ҷудо кардан мумкин аст. Ҷавоб**:** Барои синфҳои 3-юм 60 дона китоб ва барои синфҳои 4-ум 40 дона китоб ҷудо кардан лозим аст.

Масъалаи 3: Падарам барои хоҳарам 6 м куртавории нархаш 120 сомонӣ хариданд. Баъди харид дар дасти падарам 40 сомонӣ пул монд. Ҳамагӣ падарам чанд сомонӣ доштанд?

Масъалаи 4: Бари дарё 24 м, бари шохоби дарё 4 м аст. Бари дарё аз бари шохобаш чанд маротиба зиёдтар аст?

Масъалаи 5: Барои коргарон 12 иморати 6-хонагӣ ва 8 иморати 14-хонагӣ сохтанд. Ҳамагӣ дар ин иморатҳо чанд хона ҳаст?

Масъалаи 6: Пиёдагарди якум бо суръати 12 км/соат равон аст. Суръати пиёдагарде, ки аз паси ӯ меравад 16 км/соат буда, масофаи байни онҳо 8 километр мебошад. Онҳо баъди чанд соат вомехӯранд?

Масъалаи 7: Дар як анбор нисбат ба дигараш 6 маротиба зиёд ган- дум буд. Баъди оне, ки аз анбори якум 100 тонна гандумро бурда ба анбори дуюм 60 тонна гандум оварданнд. Миқдори гандуми ду анбор буда баробар шуд. Аз аввал дар ҳар як анбор чӣ қадар гандум буд?.

Ҳамин тавр, хонандагони синфҳои ибтидоиро набояд маҷбур сохт, ки якчанд масъалаҳои матнӣ тартиб диҳанд ва роҳҳои тартиб доданро дар хотир нигоҳ доранд. Бояд кӯшиш намуд, ки худи хонандагон мустақилона роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ ва ҳал намоянд. Инчунин ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математика ба савияи дониши умумии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, фикрронии мантиқӣ ва бо он дар алоқамандии зич равонии нутқ, инкишоф додани қобилият, дониш, маҳорату малака ёрӣ мерасонад.

Адабиёт:

1. Бегимов Ҳ. Ҳ., Мавлянова Н. Д. Тарзи ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ. // «Маърифати омӯзгор». № 7, 2010. С. 53-55.
2. Бегимов Ҳ. Х, Иззатуллоев К, Пирназаров А, Раҷабов Т. Маҷмӯи масъалаҳо аз математика. – Душанбе, 2020. – 295 с.
3. Бегимов Ҳ. Х, Рабиев С, Раҷабов Т. Б, Наҷмиддинов А. М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2020. – 233 с
4. Бегимов Ҳ. Х, Раззоқов А, Акбаров Д. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Маърифати омӯзгор. 2007, №10. С. 45-49.
5. Белошистая А. В. Обучение решению задач в начальной школе. – М., 2003. – 288 с.
6. Бурҳонов Қ. Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Хуҷанд, 2018. – 252 с.
7. Бурхонов Қ. Т, Рабиев С. М, Султонов Р. Н, Турдиева Ш. А. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ). – Хуҷанд, 2010. – 55 с.
8. Зайцев Г. Т. Теоретические основы обучения решению задач в начальных классах. – Л. 1983. – 98 с.
9. Иззатуллоев К, Пирназаров А, Давлатов Т, Муродова Д. Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ. (Дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе: 2017. – 138 с.
10. Маҳмудов Т. Давлатов Т. Методҳои ҳалли машқ ва масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2013. – 176 с.
11. Осимов Қ.У., Фридман Л.М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ. – Душанбе: 1987. – 207 с.
12. Фридман Л.М., Осимов Қ. У. Масъалаҳои арифметикӣ ва тарзи ҳалли он. – Душанбе: 1969. – 185 с.

Калидвожаҳо: *таҳсилот, таълим, тарбия, таҳлил, дониш, малака, маҳорат, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, математикаи синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, барномаи синфҳои ибтидоӣ, масъалаҳои матнӣ, ҳалли масъалаҳои матнӣ, муодила, ҳалли муодила, тартиб додани муодила бо ёрии маъалаҳои матнӣ, истифодаи методҳои математикӣ, бузургиҳои математикӣ, муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ.*

Аннотация

РЕШЕНИЕ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ ПРИ ИЗУЧЕНИИ МАТЕМАТИКИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В статье анализируется решение текстовых задач в процессе обучения математике младших школьников. В процессе обучения математике известны следующие типы решения текстовых задач: а) учитель выбирает задачу по теме, читает ее данные и записывает на доске, анализирует задачу с помощью вопросов и ответов и обращает на это внимание студентов; б) один из учеников читает условие и проводит анализ и обсуждение проблемы под руководством преподавателя с участием активистов учеников, затем ученик перед доской продолжает её решать; в) по заданию учителя ученики решают задачу самостоятельно, и в этом случае учитель следит за работой каждого ученика и помогает им; г) учащиеся формулируют проблему по мере необходимости и пред- лагают решение. К сожалению, анализ работы некоторых учебных заведений, беседы с учителями и учениками начальных классов, участие на занятиях учителей и

их анализ, наблюдение и изучение процесса обучения математике доказы- вают, что в процессе обучения математике учителя используют разные типы текстовых задач. На наш взгляд, одним из способов повышения качества и эффектив- ности обучения математике является развитие научного мышления и твор- ческих способностей учащихся через решение текстовых задач. Развитие навыков и умений решать текстовые задачи у учащихся начальных классов способствует повышению активности учащихся на уроках, развитию их логического мышления, а также развитию научного мышления и творческих способностей учащихся. Использовать их, уметь анализировать, все знания, навыки и практические навыки, полученные в ходе уроков, для решения поставленной текстовой задачи. Словом, решение текстовой задачи дает младшим школьникам фор- мирование общего мировоззрения, позволяющего углубить работу, тщатель- но осваивать решение текстовых задач по математике, учитывать каждый шаг деятельности, определять результаты своей деятельности, самоконтроль и подобие форм.

Ключевые слова: *образование, обучение, воспитание, анализ, знания, навыки, умения, ученики начальных классов, математика начальных классов, учитель начальных классов, программа начальных классов, текстовые задачи, решение текстовых задач, уравнения, решение уравнений, решение текста уравнений, использование математических методов, математических величин, учебных заведений.*

Annotation

SOLVING TEXT PROBLEMS WHEN STUDYING MATH IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The article analyzes the solution of word problems in the process of teaching mathematics to junior schoolchildren. In the process of teaching mathematics, the following types of word problem solving are known: a) the teacher chooses a problem on the topic, reads its data and writes it down on the board, analyzes the problem using questions and answers and draws the attention of students to this; b) one of the students reads the condition and analyzes and discusses the problem under the guidance of the teacher with the participation of student activists, then the student in front of the blackboard continues to solve it; c) on the instructions of the teacher, the students solve the problem on their own, and in this case the teacher monitors the work of each student and helps them; d) Students formulate the problem as needed and propose a solution. Unfortunately, the analysis of the work of some educational institutions, conversations with teachers and primary school students, teachers' participation and analysis, observation and study of the process of teaching mathematics prove that teachers use different types of word problems in the process of teaching mathematics. In our opinion, one of the ways to improve the quality and efficiency of teaching mathematics is the development of scientific thinking and creative abilities of students through the solution of word problems. The development of skills and abilities to solve word problems among primary school students helps to increase the activity of students in the classroom, the development of their logical thinking, as well as the development of scientific thinking and creative abilities of students. Use them, be able to analyze, all the knowledge, skills and practical skills gained during the lessons to solve the given word problem. In a word, solving a word problem gives younger students the formation of a general worldview that allows them to deepen their work, carefully master the solution of word problems in mathematics, take into account each step of activity, and determines the results of their activities, self-control and the like forms.

Keywords: *education, training, upbringing, analysis, knowledge, skills, abilities, primary school students, primary school mathematics, primary school teacher, primary school program, word problems, word problem solving, equations, equation solving, equation text solution, use mathematical methods, mathematical quantities, educational institutions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипова Шаҳноза Сайвалиевна, магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Телефон: +992 919848457

Сведения об авторе: Шарипова Шахноза Сайваливна, магистрантка первого курса факультета начального образования ТГПУ имени Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: +992 919848457

About the author: Sharipova Shakhnoza Sayvalivna, master of the first year of the Faculty of Primary Education, TSPU named after Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: +992 919848457

РАВИШИ ТАДРИС

Розиқов Кароматулло Самандарович,
магистранти соли дуюми ихтисоси педагогика ва варзиши
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

УСУЛҲОИ УМУМИИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ИСТИФОДАШАВАНДА

Дар тарбияи ҷисмонӣ усулҳои омӯзгории умумӣ васеъ истифода бурда мешаванд, аз ҷумла усулҳои истифодаи сухан ва усулҳои таъмини аёният (усулҳои аёниятӣ).

Истифодабарии усулҳои умуми омӯзгорӣ вобаста ба мундариҷаи маводи омӯзишӣ-тамринӣ, ҳадафҳои дастурамалӣ, функсияҳо, тайёрии тамрингирандагон, синну соли онҳо, вежагиҳои шахсият ва тайёрии омӯзгор (мураббӣ), мавҷудияти пойгоҳи моддӣ-техникӣ, имконияти истифодаи он мебошад.

Усулҳои сухан. Дар тарбияи ҷисмонӣ омӯзгор вазифаҳои махсус ва умуми омӯзгории худро бештар бо ёрии сухан иҷро менамояд: дар назди тамрингирандагон вазифа мегузорад, фаъолияти омӯзишӣ-амалии онҳоро дар машғулиятҳо идора менамояд, дониш медиҳад, натиҷаи аз худкунии маводи омӯзиширо баҳо медиҳад, ба хонандагон таъсири тарбиявӣ мерасонад.

Дар тарбияи ҷисмонӣ усулҳои сухании зерин истифода бурда мешаванд.

1. Нақли дастурамалӣ. Маводи омӯзишӣ дар шакли ҳикоягӣ нақл карда мешавад. Вазифаи он – таъмини тасаввуроти умумии васеъ дар бораи ягон амали ҳаракатӣ ва ё фаъолияти пурраи ҳаракатӣ мебошад. Дар раванди тарбияи ҷисмонии кӯдакони сини хурдӣ ва миёнаи мактабӣ бештар васеъ истифода бурда мешавад. Дар мактаби ибтидоӣ, махсусан дар синфҳои I-II, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ шавқовар мегузаранд, агар онҳо дар шакли "нақлҳои ҳаракатӣ, дастурамалӣ" гузаранд: амалҳои алоҳида – лаҳзаҳо пай дар ҳам мувофиқи нақли омӯзгор амалӣ мешаванд. Ин амалҳо бо ягон нақли суҷавии умумӣ муттаҳид карда мешаванд, ки кӯдакононҳоро бо амалҳои ба тасаввуроташон ва таҷрибаи ҳаракатиашон дастрас дунболагирӣ мекунанд. Ҳамон қадар сини тамрингирандагон калон бошад, ҳамон қадар бештар ба ҷои нақл, тавсиф, шарҳи маводи омӯзишӣ ва лексия истифода бурда мешавад.

2. Тавсиф. Ин тарзи ба вуҷудовардани тасаввурот дар бораи амал дар тамрингирандагон мебошад. Тавсиф ошкорсозии дақиқ, ифоданок, тасвирии нишонаҳо ва хосияти ашёҳо, бузургӣ, ҷойгиршавӣ дар фазо ва шаклионҳо, хабар дар бораи хосияти ҷараёни падидаҳо, ҳодисаҳоро пешбинӣ менамояд. Бо ёрии тавсиф ба тамрингирандагон асосан маводи воқеӣ баён карда мешавад, гуфта мешавад, ки чӣ корро бояд кард, вале нишон дода намешавад, ки барои чӣ бояд чунин кард. Он асосан ҳангоми ба вуҷудовардани тасаввуроти нахустин ва ё омӯзиши амалҳои нисбатан содда, вақте тамрингирандагон метавонанд донишҳо ва таҷрибаи ҳаракатии худро истифода баранд, истифода бурда мешавад.

3. Шарҳ. Усул аз баёни пайдарҳам ва аз назари мантиқӣ ҷиддии саволҳои мураккаб, масалан, мафҳумҳо, қонунҳо, қоидаҳо аз ҷониби омӯзгор иборатаст. Амалан шарҳ бо исботи тасдиқот, далелнокии ҳолатҳои пешиниҳодшуда, пайдарҳамии ҷиддии мантиқии баёни воқеиятҳо тавсиф мешавад. Дар тарбияи ҷисмонӣ шарҳ бо мақсади шинос намудани тамрингирандагон бо чиро кардан ва чӣ тавр кардани онҳо ҳангоми иҷрои вазифаи омӯзишӣ истифода бурда мешавад. Дар шарҳ истилоҳоти варзишӣ, ки барои бахши додашудаи барнома хосаст (варзиши сабук, гимнастӣ ва ғ.) васеъ истифода бурда мешавад. Истифодаи истилоҳот шарҳро бештар кӯтоҳ месозад. Барои кӯдакони сини хурди мактабӣ шарҳ бояд бо ташбеҳ созӣ, муқоисаи зинда ва мушаххасӣ фарқ кунад.

4. Сӯҳбат. Шакли саволу ҷавобии мубодилаи байниҳамдигарии маълумот байни омӯзгор ва хонандагон мебошад.

Омӯзгор чӣ кор мекунад	Хонандагон чӣ кор мекунанд
Мантиқан саволҳоро дуруст таҳия менамояд, пайдарҳамии онҳоро муайян месозад. Ба посухҳои хонандагон назорат мекунад, онҳоро ислоҳ месозад. Суҳбатро ҷамъбаст менамояд. Хулосаҳо таҳия менамояд.	Дар бораи саволҳо фикр мекунанд, маънии онҳоро дарк мекунанд. Далелҳои зарурироро ба ёд меоваранд. Мантиқан ҷавоб ва хулосаҳоро таҳия мекунанд. Дар бораи хулосаҳо андеша мекунанд.

5. Таҳлил – шакли суҳбати омӯзгор бо хонандагон мебошад, ки пас аз иҷрои вазифаи ҳаракатӣ, иштирок дар мусобиқаҳо, фаъолияти бозӣ ва ғ. Гузаронида мешавад, дар он натиҷаҳо таҳлил ва баҳогузорӣ шуда, роҳҳои минбаъдаи мукаммалсозии натиҷаҳои ноилшуда баррасӣ мешаванд.

6. Лексия равшансозии низомӣ, ҳаматарафа ва пайдарҳами мавзӯи муайян (проблема) мебошад.

7. Роҳнамоӣ – вазифаи ба хонандагон пешниҳод мешударо дақиқ ва мушаххас баён намудани омӯзгор мебошад.

8. Тавзеҳот ва эродҳо. Омӯзгор дар рафти иҷрои вазифа ва ё фавран пас аз он дар шакли кӯтоҳ сифати иҷрои онро баҳо медиҳад ва ё ба хатогиҳои роҳ дода ишора менамояд. Эродҳо метавонанд ба тамоми тамрингирандагон, ба яке аз гурӯҳҳо ва ё ба як тамрингиранда дахл дошта бошанд.

9. Супоришҳо, фармонҳо, дастурҳо – воситаҳои асосии идораи амалиётии фаъолияти тамрингирандагон дар машғулиятҳо мебошанд.

Супориш ишораи сухании омӯзгор дар машғулият мебошад, ки шакли муайян надорад (ибораҳои муқаррарӣ бе тағйир дар интихоб). Супоришро барои иҷрои ягон амал, машқ, барои омода сохтани ҷойи машғулиятҳо, тоза намудани толори варзиш ва ғ. медиҳанд. Супоришҳо бештар дар мактаби ибтидоӣ истифода бурда мешавад.

Фармон шакли муайян, тартиби муқарраршуда ва муҳтавои аниқ дорад. Забони фармонӣ – ин шакли махсуси таъсири забонӣ ба тамрингирандагон бо мақсади водор сохтан ба иҷро ва ё қатъи зуд ва бечунучарои ин ва ё он амал мебошад.

Дастур таъсири сухан бо мақсади ворид намудани ислоҳҳо ҳангоми иҷрои нодурусти амалҳои ҳаракатӣ мебошад (масалан, "зудтар", "баландтар" ва ғ.). Дастур бештар дар мактаби ибтидоӣ истифода бурда мешавад. Вобаста ба тарзи истифодаи супориш, фармон ва дастур аз ҷониби омӯзгор метавон дар бораи омодагии касбии ӯ хулосабарорӣ намуд.

Усулҳои таълими аёниятнокӣ. Дар тарбияи ҷисмонӣ усулҳои аёниятӣ ба дарки биноӣ, шунавоӣ ва ҳаракатии машқҳои иҷрошаванда аз ҷониби тамрингирандагон мусоидат менамояд. Ба ин усулҳо тааллуқ доранд:

1) усули аёнияти бевосита (намоиши машқҳо аз ҷониби омӯзгор ва ё яке аз хонандагон бо супориши омӯзгор);

2) усули аёнияти бо восита (намоиши видеофилмҳои омӯзишӣ, кинограммаҳои амалҳои ҳаракатӣ, расмҳо, нақшаҳо ва ғ.);

3) усули дарки ҳадафмандонаи амали ҳаракатӣ;

4) усули маълумоти фаврӣ.

Вижагиҳои асосии ин усулҳоро баррасӣ менамоем.

Усули аёнияти бевосита. Барои дар хонандагон ба вуҷуд овардани тасаввуроти дуруст дар бораи техникаи иҷрои амали ҳаракатӣ (машқ) пешбинӣ шудааст. Намоиши бевоситаи ҳаракат аз ҷониби омӯзгор ва ё яке аз хонандагон бояд ҳамеша бо усули истифодаи сухан омехта бошад, зеро ки ин аз тақлиди кӯр-кӯрона ва механикӣ пешгирӣ менамояд. Ҳангоми намоиш таъмини шароити қулай барои мушоҳида зарураст: масофаи бе ҳинаи байни намоишдиҳанда ва тамрингиранда, ҳамвории ҳаракатҳои асосӣ (масалан, ба тарафи тамрингиранда ба паҳлӯ истода нишон додани дави бо баланд бардори ирон, ҳаракатҳои таккондор дар ҷаҳишҳо ба баландӣ бо дав ва ғ.), такрори намоиш дар суръатҳо ва ҳамвориҳои гуногун, ки сохтори ҳаракатро аёнан инъикос менамоянд.

Усулҳои аёнияти бо восита барои дарки амали ҳаракатӣ бо воситаи тасвири ашёӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоваранд. Ба онҳо тааллуқ доранд: намоиши воситаҳои аёният, видео ва кинофилмҳои омӯзишӣ, расмҳо бо фломастери махсус дар тахтаи синф, тасвирҳои кашидаи хонандагон, истифодаи муляжҳои гуногун (макетҳои хурд кардашудаи ҷисми инсон).

Воситаҳои аёният имкон медиҳанд, ки таваҷҷӯҳи хонандагон ба ҳолати истова ивазшавии ба навбати даврaҳои ҳаракат ҷалб карда шавад.

Бо ёрии видео филмҳо ҳаракати ба намоишгузоштаро метавон оҳиста намуд, дар ҳар даврае боздошт ва шарҳ дод ва ҳамчунин чандин карат такрор намуд.

Расмҳои бо фломастер дар тахтаи махсус кашидашуда усули амалиётии намоиши унсурҳои алоҳидаи техникаи машқҳои ҷисмонӣ ва амалҳои тар фандӣ дар намудҳои бозигии варзиш мебошанд.

Тасвирҳои кашидаи хонандагон дар шакли ҷуссаҳо имкон медиҳанд, ки дарки шахсии сохтори амали ҳаракатиро дар шакли тасвирҳо ифода намоем.

Одамчаҳо (макети ҷисми инсон) ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки ба тамрингирандагон вежагиҳои техникаи амали ҳаракатиро нишон диҳад (масалан, техникаи дав ба масофаҳои гуногун, техникаи гузариш аз планка ҳангоми ҷаҳишҳо ба баландӣ бо дав, техникаи фурудоӣ дар ҷаҳишҳо ба дарозӣ бо дав ва ғ.).

Усулҳои дарки ҳадафмандонаи амали ҳаракатӣ ба ташкили дарки садоҳо аз мушакҳо, пайвандҳои коркунанда ва ё қисмҳои алоҳидаи бадан равона шудаанд. Ба онҳо тааллуқ доранд:

1) ёрии равонасозандаи омӯзгор ҳангоми иҷрои амали ҳаракатӣ (масалан, дасти хонандаро гузаронидани омӯзгор ҳангоми талоши ниҳоӣ дар партоби тӯби хурд ба дӯрӣ);

2) иҷрои машқ бо суръати паст шуда;

3) наҷунбондани (фиксация положений) бадан ва қисмҳои он дар лаҳзаҳои алоҳидаи амали ҳаракатӣ (масалан, наҷунбонидани қисмҳои бадан ҳангоми иҷрои талоши ниҳоӣ дар партобҳо);

4) истифодаи тренажёрҳои махсус, ки имкон медиҳанд дар лаҳзаҳои гуногуни иҷрои ҳаракат ҳолати бадан дарк карда шавад.

Усули маълумоти фаврӣ. Барои маълумоти фаврӣ ва пешакиро ба даст овардани омӯзгор ва хонандагон бо ёрии асбобҳои гуногуни техникӣ (кашиш санҷҳо (тензоплатформаҳо), зовия санҷҳои электрикӣ (электрогониометрҳо), асбобҳои фотоэлектронӣ, нурнависҳо (светолидерҳо) ва садонависҳо (звуколидерҳо), нишонҳои электронӣ) ва ё дар рафти иҷрои амалҳои ҳаракатӣ мутаносибан бо мақсади ислоҳи зарурии онҳо, ё ки барои ҳифзи параметрҳои додашуда (суръат, оҳанг, талош, вусъат ва ғ.) пешбинӣ шудааст. Масалан, дар замони ҳозира дар тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш асбобҳои машқии гуногун (дучархаи нерӯсанҷ (велоэргометр), дастгоҳи давӣ, дастгоҳи қаиқронии "Concept II ва ғ.) истифода бурда мешаванд, ки бо компютерҳои идоракуни низоми танзими сарбориҳо муҷаҳҳазонида шудаанд (расми 6).

Компьютер бузургии набз, суръат, вақт, дарозии масофа, сарфаи калория ва ғ. Нишон медиҳад. Тасвири профили сарборӣ дар экран пайдо мешавад. Дар охир бояд қайд кард, ки омӯзгор ба машғулиятҳо тайёрӣ дида ва барои ин ва ё он зина усули беҳинаро интихоб намуда, бояд пешбинӣ намояд, ки сохтори онҳо чӣ гунна бояд бошад, то ки функсияҳои ангезишӣ ва ё тарбиявӣ, таълимӣ ва ё рушддиҳандаро пурзӯр намояд.

Расми 6. Тредбани худкор бо барноманависии компютерии реҷаи тамринӣ.

Адабиёт:
1. Ашмарин Б. Л. Назария ва методикаи тарбияи ҷисмонӣ. – Москва: Акад, 1979.
2. Матвеев Л. П., Новиков А. Д. Назария ва методикаи тарбияи ҷисмонӣ. Қ. 2. – Москва, 1976.
3. Холодов Ж. Х., Кузнецов В. С. Назария ва методикаи тарбияи ҷисмонӣ. – Москва: Акад, 2007.

Калидвожа: *аёният, машғулиятҳо, тарбиявӣ, таълимӣ, реҷа, роҳнамоӣ.*

Аннотация

ОБЩИЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ В ФИЗИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ БЫТЬ ИСПОЛЬЗОВАННЫМ

Он призван дать учащимся точное представление о технике выполнения движения (упражнения). Прямая демонстрация движения учителем или одним из учеников всегда должна сочетаться с методом использования речи, так как это предотвращает слепое и механическое подражание. Во время выступления необходимо обеспечить комфортные условия для наблюдения.

Ключевые слова: *наглядность, уроки, обучение, обучение, расписание, руководство.*

Annotation

GENERAL TRAINING METHODS IN PHYSICAL EDUCATION TO BE USED

It is designed to give students an accurate understanding of the technique of performing the movement (exercise). Direct demonstration of movement by the teacher or one of the students should always be combined with the use of speech, as this prevents blind and mechanical imitation. During the performance, it is necessary to provide a comfortable environment for observation.

Keywords: *visibility, lessons, educational, training, schedule, guidance*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Розиқов Кароматулло, магистранти соли дуюми ихтисоси педагогика ва варзишӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравӣ Ҷумҳурии Тоҷиситон. Тел.:+992 904535807

Роҳбариилмӣ: номзади илмҳои педагогӣ Ҳалимов Зуҳурбек

Сведения об авторе: Розиков Кароматулло, магистрант второго курса педагогики и спорта, Бактрийский государственный университет им. Носири Хусрави, Республика Таджикистан. Тел.: +992 904535807

Научный руководитель: кандидат педагогических наук Халимов Зухурбек

About the author: Rozikov Karomatullo, 2nd year master's degree in pedagogy and sports, Bactria State University named after Nosiri Khusravi, Republic of Tajikistan. Tel.: +992 904535807

Supervisor: Candidate of Pedagogical Sciences Halimov Zuhurbek

Саидзода Аюби Давлаталӣ,
магистранти соли дуюми факултети биология

УСУЛИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «СИСТЕМАИ УЗВҲОИ НАФАСКАШӢ» ДАР СИНФИ 9

Система ё ки **аппарати нафаскашӣ (systema respiratorium)** аз роҳҳои нафас ё ҳавобар ва як ҷуфт узви нафас, яъне **шуш** иборат аст (рас.1). Роҳҳои нафас ба қисмҳои болою поён ҷудо мешаванд, ки ба қисми болояш ***ковокии бинӣ, ҳалқбинӣ, ҳалқдаҳону гулӯҳалқ,*** ба қисми поёнаш ***гулӯ, хирной (трахея), найҳои нафас*** (бронхҳо) ***бо шохаҳои дохилишушиашон*** мансубанд. Роҳҳои нафас дар таркиби деворашон устухон ва лавҳачаҳои тағоякӣ доранд, ки ба туфайли ин равзанаи онҳо ҳамеша боз (яла) аст. Ин хусусиятҳои сохти роҳи нафас ба вазифааш, яъне ба нафасгирию нафасбарорӣ мувофиқанд [2].



Рами 1. *Узвҳои нафаскашӣ*

Ҳангоми кашишхӯрии мушакҳои нафас қабурғаҳо болою қафаси сина ба ҷонибу пешу пас васеъ мешавад. Ин амалиётро асосан мушакҳои берунии байниқабурғавӣ ва зинашакл ба ҷо меоранд. Дар айни замон диафрагма кашиш хӯрда хеле паҳн мешавад, ки дар натиҷа ковокии қафаси сина дароз мешавад [1]. Дар баробари калоншавии ҳаҷми ковокии қафаси сина шуш ҳам васеъ шуда, фишори дохилиаш назар ба фишори атмосферӣ пасттар мешавад. Дарҳол ҳавои берун ба шуш ворид мешавад, яъне нафасгирӣ ба амал меояд. Сипас диафрагма тахт шуда, қабурғаҳою тӯш аз нуфузи вазнинии худашону таъсири мушакҳои нафасбарорӣ (мушакҳои дарунии байниқабурғавӣ, мушакҳои шикам) поён мефуроянд ва дар ҳамин лаҳза нафасбарорӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин вақт ҳаҷми ковокии сина аз ҳар тараф хурд мешавад, вале фишори дохилии шуш меафзояд, ки дар натиҷаи ин як қисми ҳаво аз шуш ба берун мебарояд.

Таркиби ҳавое, ки ба шуш ворид мешаваду аз он мебарояд, аз ҷиҳати хусусиятҳои **физикавию химиявиашон** аз якдигар тафовут доранд. Тағйироти физикавии ҳаво аз он иборат аст, ки ҳарорати ҳавое, ки аз шуш мебарояд, ба дараҷаи ҳарорати бадан мувофиқ буда, аз буғи об сер аст. Таркиби химиявии ҳавои хушке, ки ба шуш ворид мешавад, аз 20,7% *оксиген, 78,8% нитроген* ва 0,30% *гази ангидриди карбонат* иборат аст. Ҳавои хушке, ки аз шуш берун мебарояд, тақрибан 16,4% (O_2) *окисиген,* 79% (Н) *нитроген* ва 4,11% (CO_2) *гази ангидриди карбонат* дорад. Дар ҳавое, ки баъд аз мубодилаи газҳо аз шуш мебарояд, миқдори гази карбонат зиёду миқдори оксиген кам мешавад. Фарқияти шиддат ё **фишори порсиалии газҳо шароите фароҳам меорад**, ки онҳо ба самти камшиддат аз **пардаи хеле тунуки ҳубобчаҳо гузашта мераванд**, яъне **ба диффузия дучор мешаванд**. Тадқиқот нишон дод, ки фишори порсиалӣ ё шиддатнокии оксигени ҳубобчаҳои шуш нисбат ба шиддатнокии оксиген хуни варидии капиллярҳои шуш баландтар буда, фишори порсиалии гази ангидриди карбонат, баръакс, дар хуни варидӣ назар ба шиддатнокии гази ангидриди карбонати ҳавои ҳубобчаҳо баландтар аст, ки ин боиси мубодилаи газҳо мегардад.

Нафаскашӣ аз ду марҳалаи асосӣ иборат аст; *аз нафаскашии берунӣ* (мубодилаи газҳо дар **байни муҳити берунаю хун**), **газҳо хунро ҳамчун нақлиёт мекашонанд** ва ***нафаскашии дохилӣ*** **(бофтавӣ) (мубодилаи газҳо дар байни хуну бофтаҳо).** Вазифаи нафаскашии берунаро узвҳои системаи нафаскашӣ ичро мекунанд. Дар ҳайвонот сохти асосии узвҳои нафаскашӣ аз таркиботи зайл иборат аст; **а)** аз мавҷудияти пардаҳои хеле маҳине, ки қобилияти нуфузпазирӣ (газҳоро аз худ гузаронидан) доранд; **б)** аз сатҳи хеле калоне, ки бо муҳити оксигендор пайвастагӣ дорад; **в)** аз мунтазам тағйирёбии муҳити беруна.

Дар ҳайвонот мувофиқи муҳити **фаъолияти ҳаётгузаронӣ ду намуди узвҳои нафаскашӣ инкишоф меёбанд**. Дар ҳайвоноти обӣ ғалсамаҳо, вале дар ҳайвоноти рӯизаминӣ хирною шушҳо пайдо мешаванд. Ғалсамаҳо барҷастагиҳои гуногуншакли пардаи луобии рӯдаи

ибтидоии қисми ҳалқӣ (сарӣ) буда, онҳо дар камонҳои ғалсамавӣ ҷойгир шудаанд, ки дар байнашон тарқишҳои ғалсамавӣ вуҷуд доранд. Дар пардаи луобии ғалсамаҳо шабакаи зичи муйрагҳои хунгард вусъат меёбад, ки ҳангоми аз тарқишҳои ғалсамавӣ ҷорӣ шудани ҷараёни об мубодилаи газҳо дар байни обу хун ба вуҷуд меояд. **Дар моҳиёни дубаҳра ғайр аз аппарати ғалсамавӣ** низ халтаҳои ҳаводор, яъне маҷроҳои шуш ҳам пайдо мешаванд.

Ҳангоме ки ҳайвоноти мӯҳрадор ба шакли ҳайвоноти рӯизаминӣ табдил меёбанд, он гоҳ намуди нафаскашии ғалсамавӣ ба намуди нафаскашии шушӣ иваз мегардад, бинобар ин узвҳои нафаскашии ҳайвоноти рӯизаминӣ хеле хуб инкишоф меёбанд [3].

Дар ҳайвоноти дубаҳра (*амфибия*) гулӯ бо скелете, ки аз тағоякҳои кафлесшаклу ангуштаринӣ ва мушакҳои тазъиқдиҳандаю васеъкунанда иборат аст, вусъат меёбад ва хирною найҳои нафас бошанд, базӯр намоёнанд. Шушҳои ин хел ҳайвонот ба тариқи халтаҳои дарози деворашон суфта иборат буда, вале онҳо дар ҳайвоноти (*амфибия*) бедум сохти исфанҷӣ доранд.

Хазандагон (*рептилия*) гулӯю хирной ва ду найи нафас доранд, ки дар таркиби деворашон ҳалқаҳои тағоякии нопурраю пурра ва шушҳои исфанҷӣ мавҷуданд.

Дар паррандаҳо [1, 2] роҳҳои нафас аз гулӯ, хирной ва найҳои нафас иборат буда, шушҳояшон сохти исфанҷӣ доранд, ки тавассути риштаҳои найчавии нафас ба якдигар пайвастаанд.

Дар ширхӯрон гулӯ хеле инкишоф ёфта, сохташ мураккабтару мушакҳояш мухталиф мегарданд. Дар он тағоякҳои навбунёду садопардаҳо, таъсис ёфтаанд. Ҳалқаҳои тағоякии хирною найҳои нафас нопурра буда, онҳо дар мағзи шуш шохронии якчандтартиба доранд, ки бо найчаҳои хурдтарин **(бронхиолҳо)** [2] ва ҳубобчаҳо ба итмом мерасанд. Шуши ширхӯрон бо пардаи серозӣ (плевра) гирдогирд иҳота шуда, ба саҳмҳо ё ҳиссаҳо тақсим мешавад.

Инкишофи ковокии бинӣ аз инкишофи устухонҳои косаи сар, ковокии даҳон ва узвҳои шомма зич вобастагӣ дорад.

Узвҳои нафаскашӣ дар ҳафтаи 3-юми инкишофи батнӣ шакли барҷастагии девори вентралии ҷузъи гардании рӯдаи ибтидоиро мегиранд. Ин мабдаи найчамонанд дар навбати худ ду барҷастагиро ба вуҷуд оварда, сипас аз нӯги ҳар кадомаш ду барҷастагии колбашакл таъсис меёбанд, ки онҳо муттасил ба мезенхимаи атрофашон пайваст шуда, ба найҳои то рафт хурд тақзия мешаванд.

Дар ҳафтаи 4-уми инкишофи эмбрион қисми проксималии мабдаи тоқаи узвҳои нафаскашӣ ба эпителияи пардаи луобии гулӯ, вале қисми дисталиаш ба эпителияит пардаи луобии хирной табдил меёбад. Аз барҷастагиҳои самтҳои росту чапи энтодермаи рӯдаи ибтидоӣ эпителияи пардаи луобии найҳои нафас (бронхҳо) ва шушҳо ба вуҷуд меоянд. Аз заминаи эндодермавии рӯдаи ибтидоӣ рӯйпӯши эпителии ғадудҳои гулӯ, хирной ва найҳои нафасу ҳубобчаҳои шуш пайдо мешаванд. Вале бофтаи мезенхимавии гирду атрофии мабдаи узвҳои нафаскашӣ ба бофтаи пайвасткунанда, тағоякҳо, мушакҳо ва рагҳои хунгарду лимфавӣ мубаддал мегардад.

Дар охири моҳи аввали эмбриогенез аз камонҳои ғалсамавии 2-3-ум тағоякҳои гулӯ инкишоф меёбанд. Мабдаҳои найҳои нафасии саҳмӣ дар ҳафтаи 5-уми эмбриогенез ба тариқи барчастагиҳои муғчашакл (сето аз росту дуто аз чап) гузошта мешаванд. Минбаъда барҷастагиҳои аввалини муғчамонанди самтҳои дахлдор ба 10-тогӣ найи нафаси дуюмдараҷавии сегментавӣ тақзия мешаванд, ки дар нӯгашон низ барҷастагиҳои навбунёд ба вуҷуд меоянд.

Дар тӯли моҳҳои 2 - 4-уми инкишофи батнӣ [1] дарахти наи нафас ташаккул меёбад. Сипас дар моҳҳои 4- 6-уми эмбриогенез найчаҳои хурдтарини нафас (бронхиолаҳо), вале дар моҳҳои 6 – 9-уми инкишоф нақбҳо ё маҷроҳою халтачаҳои ҳубобчавӣ пайдо мешаванд. Дар лаҳзаи таваллуд ёфтани тифл таркиботи шохронии дарахти найи нафасу ҳубобчавӣ ба 18 адад мерасад. Баъд аз таваллуди тифл дарахти найи нафас минбаъд вусъат ёфта, сохташ мураккабтар мешавад, яъне шохчаҳои навбунёди нақбҳои ҳубобчавӣ пайдо мешаванду миқдори худи ҳубобчаҳои шуш меафзояд. Дар натиҷа миқдори тартиботи шохронии найҳои нафасу нақбҳои ҳубобчавӣ ба 23 адад мерасад. Заминаҳои шуш дар ҳафтаи 6-уми инкишоф ба ковокии қафаси сина фуруд меоваранд. Дар ин лаҳза ковокии ибтидои тана (целом) ба ду ковокии плевра ва як ковокии ҳӯлқа **(перикард)** тақсим шуда, аз ковокии сифоқ тавассути диафрагма ҷудо мешаванд. Аз спланхноплевра (багаки дохилии мезодермаи вентралӣ) плевраи дохилӣ (вистсералӣ), аз соматоплевра (баргаки наздидеворӣ мезодермаи вентралӣ) плевраи наздидеворӣ (париеталӣ) инкишоф меёбанд.

Адабиёт:

1. Абдураҳмонов Ф.А. Анатомияи одам. Қисми I-II. – Душанбе. Маориф, 1995.
2. Ибодов Ҳ. И., Ҳасанов Ю. С., Қурбонов С. С. Анатомияи одам. – Душанбе: Империал-Групп, 2009.
3. Устоев М. Б. Биология (Анатомия ва физиологияи одам) китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе: Собириён, 2008. Саҳ.87-92.

Калидвожаҳо: *витаминҳо, мушкилот, саломатӣ, табиат, норасоӣ, мувофиқ, арзиш, фаъол.*

Аннотация

ИЗУЧЕНЫЕ ТЕМЫ: СИСТЕМЫ ОРГАНОВ ДЫХАНИЯ В 9 –ОМ КЛАССЕ

В этой статье рассматривается изучение темы: Системы органов дыхания в 9 –ом классе. Авторы отмечают что, системы органов дыхания состоит из носоголотки, глодка, полос-рота и нижные часть глодки, трахея, бронхы и их ветви, также алвеолы.

Ключевые слова: *витамины, проблема, ззДоровье, природа, дефицита, актуальна, значение, активных.*

Annotation

TOPICS COVERED: RESPIRATORY SYSTEM IN 9TH GRADE

This article examines the topic: Respiratory system in 9th grade. The authors note that the respiratory system consists of nasogloss, glaucoma, stripes and the lower part of the glo, trachea, bronchi and their branches, as well as alveoli.

Keywords: *vitamins, problem, health, nature, deficiency, actual, meaning, active.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидзода Аюби Давлаталӣ, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроға: шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 150 х. 18. Тел.: +992 989110066; +992 555550629

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М. М.

Сведения об автора: Саидзода Аюби Давлатали, магистрант втарого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни по специальности биология 1-020401. Адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки 150, х. 18. Тел.: +992 989110066; +992 555550629

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М. М.

About the author: Saidzoda Ayubi Davlatali, 2st year master of biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specializing in biology 1-020401. Address: Dushanbe, Rudaki Avenue 150, x. 18. Tel.: +992 989110066; +992 555550629

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M. M.

Сайфзода Марҳабои Файз,
магистранти соли дуюми факултети забоин англисӣ

ИСТИФОДАИ ИДИОМАҲО БО ПЕШОЯНДҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Идиомаҳо дар забони англисӣ хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Онҳо бо ҳамаи ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла алоқамандии зич доранд. Ва дар ҷумла низ хеле зиёд ба назар мерасанд. Аз он ҷумла идиомаҳо бо пешояндҳо хеле васеъ истифода бурда мешаванд.

Масалан, Макаи қайд мекунад, ки пешояндҳо дар ҳамаи забонҳо ба таври худсарона ва нофаҳмо истифода мешаванд; муносибате, ки бо ёрии пешояндҳо бояд баён карда шаванд, ҳамин қадар номуайян ва нофаҳмо мешаванд, ки дар бисёр ҳолатҳо як пешоянд мантиқан асоснок карда шудааст ва танҳо «ҳамин чизи худсар, инҷиқ ва фаҳмонашаванда – идиома (ё ибораҳои рехта) ном дорад», муайян мекунад, ки дар як ҳолат бояд ин пешоянд истифода шавад, дар ҳолати дигар яктои дигараш! Якчанд намунаи истифодаи пешояндҳоро мисол меорем [6, 25-30];

Tamper with – андармони чизе шудан, кӯшиши чизеро кардан.

Find a fault in a person – сустиродагии касеро пай бурдан.

Find fault with – ба касе айбҷӯӣ кардан.

Act on the spus of the moment – саросемавор кор кардан.

Act at a moment's notice – дарҳол амал кардан, зуд; be insensible to – нисбати чизе кундзеҳн будан, беҳис будан, аммо be unconscious of – бехабар будан, надонистан, чизеро аҳамият надодан, мешавад; баъзеҳо for long – ба муддати дароз мегӯянд, лекин - at lenghth – батавсил аст, аммо at long – ро ҳеҷ гоҳ истифода намебаранд. Ҳозир мо on earth – дар замин гӯем, пештар бошад in earth – мегуфтанд. Масалан, «They will be done in earth, as it is in Heaven» – «Бигзор иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд «.

Пешояндҳо дар забони англисӣ дар давлатҳои гуногун ба таври якхела истифода намешаванд. Масалан, интихоби байни in a ship ва on a ship – дар киштӣ аз рӯи шахси гӯянда муайян мешавад, маллоҳ, баҳрнавард ё одамони хушкигард. Дар Амрико get on a train off a train дар қатора нишастан, аз қатора фаромадан мегӯянд, дар Англия бошад, get in, get out of a train; ибораи рехтаи англисии up to time ва ибораи рехтаи амрикоии on time ҳарду маънои «аниқ дар вақти муайяншуда» – ро доранд. Дар ин ҷо фарқияташ фақат дар истеъмоли калима аст; аз нуқтаи назари грамматикӣ истифодаи ҳам ину ҳам онаш якхел дурустанд [6, 69-75].

Аз ҳама бештар ҳолатҳое, ки фарқият дар истифодаи пешояндҳо худсарона нест, балки тобишҳои маъногиро ифода мекунанд, шавқовар мебошад. Намунаи аҷиби он ибораи пешояндҳои **in** ва **at** мебошад. Мегӯянд, ки: Someone is in London, in Rome, in Paris, вале at Oxford, at Rome мебошад. Аз рӯи қоидаи умумӣ пешоянди in пеш аз исми шаҳрҳои бузург ва пойтахтҳо истифода мешавад, пешоянди at бошад пеш аз номи маҳалҳои аҳолинишини наонқадар гузошта мешаванд. Дар ин қоида як истиснои муҳим аст: номи маҳалҳои аҳолинишини аз ҳама хурдтарин ҳам бо пешоянди in мувофиқ меояд, вақте, ки мо дар дохил қарор дошта бошем. Шояд сабабаш он бошад, ки дар ин ҳолат онҳо дар назари мо калонтар менамоянд. Бештари гурӯҳи ибораҳои рехтаи забони англисиро воҳидҳои фразеологии характери зарфидошта ташкил медиҳанд, ки ибораи пешояндҳои исмдору сифатдорро ифода мекунад.

Масалан, at hand - дар таги даст, at length - батафсир, at leisure – дар вақти фароғат, by chance - тасодуфан, by fits and starts – гоҳ-гоҳе баъзан, by far – хеле зиёд, for once – барои рангорангӣ, дар шакли истисно, ин дафъа, for ever - ҳамеша, for good - далерона, for instance - масалан, in fact – дар ҳақиқат, ҳақиқатан, in general – дар умум, in truth – дар ҳақиқат ҳам, of course - албатта, of late – ба наздикӣ, on hand – дар дасти касе, дар ихтиёри касе будан, ва амсоли инҳо.

Баъзе фразеологизмҳо ва ибораҳое, ки дар истифодаи ҳамешагӣ қарор дорандш, якҷоя менавистагӣ шуданд ва ба калимаҳои мураккаб табдил ёфтаанд, масалан; indoors - дар бино, downstairs – дар поён. Дар қатори пешояндҳои дорои як калима буда instead - инчунин ибораи типи in his stead, низ во мехӯранд. Феъли «atone» ба созиш омадан, ба ягонагӣ омадан; тахт кардан, гуноҳро шустан аз воҳиди фразеологии «at one» – дар розигӣ, якбора ба вуҷуд омадааст, ки дар шакли зарфӣ истифода мешаванд. Боз гурӯҳи боз ҳам сершумори ибораҳои рехтаро якҷояшавии феълҳо бо ибораҳо ташкил медиҳад.

Масалан: Be broke – have no money at all- бе маблағ будан. I spend all my money, I'm broke. Be hard on something – небереч что-то Life was pretty hard on Tom. Be high on one's list-дар рӯйхати аввал будан. A new car is high on my list of priorities.

Дар забони англисӣ мисолҳои идиоматикӣ хеле зиёд истифода бурда мешаванд. Масалан: Seeing is believing-то даме, ки надидаам бовар намекунам. Two heads are better than one. Where there's a will, there's a way- дар ҷое, ки ҳаракат аст, онҷо баракат аст. While there is life is hope- то даме, ки ҳаёт аст, умед ҳам ҳаст [5, 149-237].

Забони англисӣ чунин ифодаҳои гуфтугӯи хеле зиёд дорад, ба мисли when all is said and done – ба ҳар ҳол, if the worst – дар ҳолати бадтарин ҳеҷ набошад, all right – ҳамааш хуб аст, майлаш, хоб, you are right – шумо ҳақ мебошед, how do you do - салому алайкум, ки ин ибораҳо ба дигар забонҳо наметавонад калима ба калима тарҷума кард, онҳо бояд бо ифодаҳои ҳаммаъно баён карда шаванд.Умуман тарҷума барои ифодаҳои ибораи рехта ҳамчун санги маҳакӣ хубе хизмат мекунад; ибораи мантиқан дурусти the man is rich – тарҷумаи ҳарф ба ҳарфро иҷозат медиҳад. (Ин шахс доранда аст), ҷумлаи the man is well off – (well to do), бошад интихоби ифодаҳои дар забони англисӣ мувофиқбударо талаб мекунад, ки бо ёрии онҳо чунин тарҷума мешавад. (Ин шахс зиндагии хеле хуб дорад). Ҳатто ибораҳои оддитарини фразеологӣ типи for and away - ҳангоми тарҷумаи калима ба калима характери идиоматикии худро аз даст медиҳанд.

Адабиёт:

1. Daphne Gulland. The Penguin Dictionary of English Idioms. – New York, 1989. – 64 с.
2. Макаи А. Idiom Structure in English. – Париж: The Hague, 1972. – 453 с.
3. Моравский С. The Basic Function of Quotation. – Париж: The Hague, 1970. – 337 с.
4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959. – 254 с.
5. Ҳомидова М. Б. Иброаҳои рехта. – Душанбе: Саманди қудрат, 2014. – 74 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1, 2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 44 с.

Калидвожаҳо: *идеома, ибораҳои идиоматикӣ, забони англисии британиягӣ, идиоми америкоӣ, истилоҳот ва г.*

Аннотация

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИДИОМЫ С ПРЕДЛОГАМИ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье речь идёт о различии в использовании идиомов с предлогами английском языке. В древние времена в основном идиомы присходим от различных форм английского языка. Владение любым языком подразумевает не только знание определенных слов и правил построения предложения, но и более сложных языковых структур – пословиц, поговорок и идиом. Именно они являются отражением национальной культуры, образа мышления народа, а следовательно помогут лучше понимать носителя.

Ключевые слова: *идиомы, пословиц, поговорок, национальной культуры, носителя.*

Annotation

USAGE OF IDIOMS WITH PREPOSITION IN ENGLISH LANGUAGE

Usage of idioms with preposition in English language. This article talks about the difference of idioms with preposition in English language. In ancient times mostly idioms come from various forms of the English language. Knowledje of any language implies not only knowledge of certain words and rules for constructing a sentence but also more complex linguistic structures of proverbs saying and idioms. Namly who are a reflaction of the notional culture of the way of thinking of the people and therefore will help to better understand the carrier.

Keywords: *idioms, proverbs, saying, activity, notional culture, carrier*.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайфзода Марҳабои Файз, магистранти соли дуюми факултети забоин англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 936557607

Роҳбари илмӣ: Утаев М. М.

Сведение об автора: Сайфзода Марҳабои Файз, магистрантка второго курса факультета английского языка ТГПУ им С. Айни. Телефон: +992 936557607

Научные руководитель: Утаев М. М.

About the author: Sayifzoda Marhaboi Fayz, 2- nd year master degree English language faculty TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992 936557607

Scientific supervisor: Utaev M. M.

Саторова Шамсия Ҷалоловна,
магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоӣ

ИМКОНИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Дар системаи тарбияи экологӣ таҳсилоти ибтидоӣ, ки дар он ба фарҳанги экологии кӯдакон мақсаднокона қадамҳои аввалин гузошта мешавад, ҷои махсусро ишғол мекунад. Мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклу усулҳои тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асарҳои Л. П. Салеева, И. К. Блинова, Б. М. Минаева, А. Плешаков, А. Е. Тихонова ва дигар муаллифон аниқ ва дақиқ муайян карда шудааст [8, 24].

Бояд зикр намуд, ки ҳар як фанни таълимӣ дар ичрои вазифаҳои тарбияи экологии кӯдак саҳми муайян мегузорад, аз ин рӯ, тарбияи фарҳанги экологиро дар дарсҳои математика низ ташаккул додан мумкин аст. Аммо ин масъала ба кадри кофӣ баррасӣ ва мавриди омӯзиш қарорнагирифтааст ва мо зарур донистем, ки самарабахшии ташаккули тарбияи экологиро дар раванди таълими математика омӯхта ва дар амал санҷида бинем.

Хулоса гуфтан мумкин аст, ки математика барои инкишофи қобилияти миқдории ҳолати ашё ва ҳодисаҳои табиӣ, оқибатхои мусбат ва манфии фаъолияти инсон дар муҳити табиӣ ва ичтимоӣ шароит фароҳам меорад. Барои ба амал баровардани тарбияи экологӣ танҳо бо шаклҳои умумӣгардидаи таълими экологӣ, - экскурсия ва дарсҳои ҳамгиро маҳдуд шудан мумкин нест.

Он ба фаъолияти эҷодии ашхосе, ки ба ин самти фаъолияти таълимӣ шавқмандӣ доранд, вобаста аст ва мо умедворем, ки масъалаи тарбияи экологӣ дар таълими математика дар оянда ҳам актуалӣ буда, таваҷҷуҳи олимону методистони зиёдеро ба худ ҷалб хоҳад кард.

Мо мӯътақидем, ки таълиму тарбияи экологӣ муҳиммтарин василаи муҳофизати сайёра аз падидаҳои номатлуб дар замони мо аст. Талабагоне, ки идеяҳои экологии махсусро дарёфт кардаанд, бештар ба табиат дилсӯз хоҳанд буд. Дар оянда ин мумкин аст дар беҳбудшавии вазъияти экологӣ дар кишвари мо таъсир бигузорад.

Ҳамин тариқ, метавон натиҷа гирифт, ки ташкил намудани навъҳои чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии марбут ба фаъолияти экологӣ – ҳифзитабиатии талабагони синфҳои ибтидоӣ ба ташаккулёбии маърифати экологии талабагони муассисаҳои таълимӣ кӯмак мекунад.

Дар марҳилаи аввал равишҳое, ки барои мавқеъгириҳои арзишманди экологӣ ва майлу хоҳиши талабагони синфҳои ибтидоӣ арзишманд ҳастанд, муносибтарин равишҳо маҳсуб меёбанд.

Муҳимтарин моҳият дар раванди экоголизатсияи ахлоқ ин бозсозии муназзаму мураккаби тафаккур аст. Дар айни ҳол яке аз муҳимтарин нукта ин таълиму тарбияи ахлоқӣ – экологӣ аст ва он равшангари масири рушд дар хонавода, дар кӯдакон ва муассисаҳои таълимӣ ва кулли низоми ҷомеа асосӣ маҳсуб меёбад. Меъёрҳои нигариши ахлоқӣ ба табиат, ки ба як ниёзи ботинӣ табдил шудаанд, метавонанд нақши зиёде дар ҳалли мушкилоти экологӣ дошта бошанд. Аз ин натиҷа метавон чунин хулоса бардошт: бидуни навсозӣ дар ҳавзаҳои илмӣ, техникӣ, сармоягузорӣ, сохторӣ ва истеҳсолӣ ва бидуни тағйири чиҳат додан ба зиндагии маънавӣ навсозии маҷмӯи робитаҳои экологӣ ва беҳбуд бахшидан ба вазъи экологии кулли сайёраи мо ғайримумкин аст.

Барои баланд бардоштани фаъолият ва шавқи кӯдакон дар ҳалли мисолҳои арифметикӣ мо бояд аз супоришҳои дорои мазмуни экологӣ истифода барем, масалан, муайян кунем, дарахтони дар қитъаи назди мактаби мо нашъунамо ёфта, ки нақши «чанкашак», ва тоза намудани ҳаворо мебозанд дар кадом масоҳат шинонида шудаанд ва чандтоанд.

Амали якум ҳисоб кардани шумораи дарахтҳо буд. Мо натиҷаҳои зеррinро ба даст овардем:

Дарахти сафедор – 36 дона;

Бед – 12 дона;

Себ – 20 дона.

Хонандагон аз рақамҳои ба дастомада якчанд масъала тартиб дода ҳал намуданд.

Масъалаи якум муайян кардани миқдори умумии дарахтон буд. Барои ин шумораи дарахтони себ, сафедор ва бедро ҷамъ кардан лозим омад.

$36 + 12 + 20 = 68$

Масъалаи дуюм муайян кардани чандто кам будани миқдори дарахтони себ нисбати дарахтони сафедор ба шумор мерафт:

Барои ҳалли ин масъала миқдори дарахтони себро аз миқдори дарахтони сафедор кам намудан лозим аст:

36 – 20 = 16

Яъне дарахтони себ аз дарахтони сафедор 16 дона камтар мебошанд.

Масъалаи сеюм муайян кардани чанд маротиба камтар будани дарахтони бед нисбати дарахтони сафедор буд. Барои иҷрои он бояд миқдори дарахтони сафедор ба миқдори дарахтони бед тақсим карда шавад:

36: 12 = 3

Яъне дарахтони бед нисбати дарахтони сафедор се маротиби камтар будаанд.

Масъалаи чорум муайян кардани масоҳати дарахтзор мебошад. Барои ин ба кӯдакон супориш медиҳем, ки дарозӣ ва паҳноии майдони дарахтзори назди мактабро бо қадам чен карда биёянд. Натиҷаҳои зеррин ба даст омаданд:

Дарозии майдон - 24 қадам;

Паҳноии майдон – 12 қадам;

Ба хонандагон фаҳмонида шуд, ки барои муайян кардани масоҳати майдон масофаи ду тарафи додашударо ба ҳам зарб кардан зарур аст. Муодилаи зеррин тартиб дода шуд:

Х= 24 * 12 = 288 м мураббаъ;

Масъалаи панҷум муайян кардани зичии дарахтон дар майдон буд. Барои ин амал масъалаи зеррин тартиб дода шуд:

288: 68 =4+ 1/5.

Яъне ҳар як дарахт ба ҳисоби миёна 4,2 м мураббаъ майдонро ишғол намуда будааст.4+1/5м кв

Масъалаи шашум мураккабтар аст. Ба хонандагон маълумоти зерринро медиҳем.

Як дарахти сафедор дар давоми як шабонарӯз ҳамон қадар ҳавоеро тоза мегардонад, ки барои се нафар инсон дар давоми ҳамин қадар вақт зарур аст.

Баъд масъалагузорӣ менамоем. Ҳавои дарахтони сафедори майдончаи мактаби мо, дар давоми як шабонарӯз тоза намуда барои чанд нафар инсон дар ҳамин воҳиди вақт мерасад?

1 сафедор = 3 инсон

36 сафедор = Х инсон

Муодила тартиб медиҳем:

Х = 36 * 3

Х = 108

Боз масъалаи навро ба миён меорем. Дар мактаби мо 420 нафар хонанда таҳсил мекунад. Барои ҳамаи онҳоро бо ҳавои тоза таъмин кардан чанд дарахти сафедор зарур аст? Мо бояд чанд сафедори дигар шинонем?

3 инсон = 1 сафедор

420 инсон = Х сафедор

Муодила тартиб медиҳем:

Х = 420: 3 = 140

Х = 140 сафедор.

Мо 36 сафедор дорем. Бояд чанд сафедори дигар шинонем?

140 – 36 = 104

Пас мо баҳори оянда бояд 104 сафедори дигар шшинонем.

Масъалаи дигар: Дар дарёи Кофарниҳон пеш 20 намуди моҳиҳо сайру гашт мекарданд, ҳозир бошад фақат гулмоҳӣ ва ширмоҳи боқӣ мондааст. Чанд намуди моҳиҳо аз ифлосии об нест шудаанд?

20-2=18(м). Ҷавоб 18 намуд моҳӣ.

Масъалан масъалаҳои зеринро пешкаш намудан мумкин аст.

Синфи 4.

Масъалаи дигар: Аз коркарди 1 тонна лаблабуи қанд. Ҳамон қадар моддаи ифлоскунанда пайдо мешавад, ки 80 одам дар як шабонарӯз ҳосил мекунад. Чанд одам бояд фаъолият кунад, ки операторҳои коркард дар муддати якчанд соат 10 тонна лаблабуи қандро тайёр кунанд.

Агар 1 т. баробари 80 одам, пас 10 тонна баробар 800 одам мешавад.

Масъала дигар: Як трактор, 1 га майдони хушкро шудгор карда 14 тонна чанг ҳосил мекунад. Чанд тонна чанг баъди кори 10 трактор, ки 40 га-ро шудгор мекунанд ҳосил мешавад.

Агар 1 трактор-14 тонна чанг, пас 1 трактор 14*10=140 т.

Математика фаннест, ки барои чен кардани ҳолати ашё, муайян кардани зуҳуроти ҳодисаҳои табиӣ, равшан намудани ҳисороти табиӣ, фаъолияти инсон нисбат ба табиат ва муҳити иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки сарватҳои табиӣ аз тарафи одамон шароит фароҳам меорад. Зимни ҳалли масъалаҳои мантиқии математикӣ мо ҳифзи муҳити зист, ғамхорӣ ба он, идоракунии оқилонаи табиат, барқарорсозӣ ва афзун намудани сарватҳои табииро ба хонандагон меомӯзонем. Ин ҷо таъкид менамоем, ки масъалаҳо набояд аз ҳад душвор ва сода балки, мароқангез, иҷрошаванда ва ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд.

Адабиёт:

1. Абдуллоев З. Муносибати экологӣ ва шуури экологӣ // Илмҳои фалсафӣ. - 1991. - N2. С. 186-190.
2. Бердяев И. А. Я и мир объектов (опыт) филасофии одиночества и общения. – Париж: Ymcapress, 1934. – 187 с.
3. Глазачев С. Н. Экологическая культура и образование в меняющемся мире [Текст] Экологическая культура и образование: опыт России и Югославии. Серия ЭКОС: Россия. Европа/ Под. ред. С.Н. Глазачева В. И. Данилова-Данильяна Л 1 Марковича.-Рязань.- 1998. -321 с.
4. Дзятковская Е. Н. Культурологический подход к общему экологическому образованию [Текст] / Е.Н. Дзятковская, А.Н. Захлебный // Педагогика.-2009.-.Yo9 - С 35-43.
5. Захлебный А. Н. Новие перспективи развития школьного экологического образования. [Текст] /А.Н. Захлебный, Е.Н. Дзятковская // "Современные наукоекое технологии".-№ 10.-2005.-С. 19-24.
6. Зверев И. Д. Экологическое образование и воспитание: узловые вопросы [Текст] / И.Д. Зверев // Экологическое образование: концепции и технологии: сборник научных трудов.-Волгоград: Перемена, 1996. -С.72-84.
7. Захлебный А. Н. На экологической тропе (опыт экологического воспитания [Текст] / А.Н. Захлебный. -М.: Знание. 1986. -80 с.
8. Кочнев В. П. Развитие творческих способностей учахихся в процессе обучения математике в классах естественнонаучного профиля. [Текст]: автореф. канд. пед. наук: 13.00.02.- [Место зашиты: Ур. гос. пед. ун-т].-Екатеринбург: 2013.-24 с

Калидвожаҳо: *экология, математика, тарбияи экологӣ, табиат, педагогика.*

Аннотация

ВОЗМОЖНОСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ МАТЕМАТИКИ

Следует отметить, что каждый предмет способствует реализации задач экологического воспитания ребенка, следовательно, воспитание экологической культуры по математике может быть сформировано. Однако этот вопрос недостаточно рассмотрен и изучен, и мы почувствовали необходимость изучить и проверить эффективность формирования экологического образования в процессе обучения математике.

Ключевие слова: *экология, математика, экологическое образование, природа, педагогика.*

Annotation

POSSIBILITIES OF ECOLOGICAL EDUCATION OF ELEMENTARY SCHOOL STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING MATH

It should be noted that each subject contributes to the implementation of the tasks of ecological education of the child, therefore, the education of ecological culture in mathematics can be formed. However, this issue has not been sufficiently considered and studied, and we felt the need to study and check the effectiveness of the formation of environmental education in the process of teaching mathematics.

Keywards: *ecology, mathematics, environmental education, nature, pedagogy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Саторова Шамсия Ҷалоловна, магистранти соли дуюми факултети таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734051, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42. **E-maill**: buston_1@mail.ru. Телефон: +992 501010646

Роҳбари илмӣ: Рачабов Т.

Сведение об авторе: Саторова Шамсия Джалоловна, магистрантка втарого курса факультета дошкольного и начального образования Таджикско-Педегогического Университета Таджикистана имени С. Айни. Адрес: Республика Таджикистан, 734051, г. Душанбе, проспект Рудаки 42. **E-maill**: buston_1@mail.ru. Телефон: +992 501010646

Научный руководитель: Раджабов Т.

About the author: Satorova Shamsiya Jalolovna, first-year undergraduate student of the Faculty of Preschool and Primary Education of the Tajik-Pedagogical University of Tajikistan named after S. Aini. Address: Republic of Tajikistan, 734051, Dushanbe, Rudaki Avenue 42. **E-**Email: buston_1@mail.ru. Phone: +992 501010646

Тоҷова Нилуфар,
магистранти соли дуюми факултаи забони англисӣ

ИСТИФОДАИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ДАР ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКА

«Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад». Эмомалӣ Раҳмон

Вақте ки сухан оиди омӯзиши забон меравад,омӯзиши забони хориҷӣ роҳи пурпечутоб аст.Аллбата дар қисматҳои гуногуни ҳар як забон то имрӯз мушкилотҳое ба чашм мерасанд, ки то ҳол ҳалли худро наёфтаанд ва мавриди баҳси мутахасисони соҳаи забон қарор доранд.Инчунин баъзе мушкилотҳое сари роҳи забономӯз ва таълимдиҳанда қарор мегирад, ки ин аз ҳад зиёд монанд будани баъзе аз воҳидҳои грамматикӣ, ки омӯзиши забони хориҷиро мушкил месозанд ва ё ин ки мавҷуд набудани чунин воҳид дар забони модарӣ, мебошанд.

Шахсе, ки ба омӯзиши забони хориҷӣ шуруъ мекунад бо замонҳое, ки онҳо дар забони модарии худи ӯ нестанд рӯ ба рӯ мешавад. Ба ин мисол шуда метавонад Замони ҳозираи давомдори (Present continuous tense)-и забони англисӣ ки дар забони модарии мо ҳамчун замони ҳозира дониста шудааст.

I am just leaving work.

Дар раванди омӯзиши ин замон забономӯз тибқи қоида меомӯзад, ки агар дар ҷумла феъл асосӣ бо илова кардани -ing-ояд ва феъли ёридиҳандаи «to be» пас сухан оиди амале меравад, ки иҷро шудаистодааст ва ба анҷом нарасидааст. Ва чун ба сарчашмаҳои дигар назар меафканад бо ҷумлаҳои

Dancing is fun.

Cooking makes me relax.

Lisa likes reading рӯ ба рӯ мешавад дарк мекунад, ки илова шудани -ing- ба феълҳо дар ҳама маврид ифодакунандаи замони ҳозираи давомдор набудагерундия низ чунин тарзи навишт дорад.

Ҳар як омӯзгор ва ҳар як таълигиранда кӯшиш мекунад то роҳи осони омӯзиши забони англисир пайдо кунад. Пас омӯзгор барои ба мақсади муайяни худ расидан ва самаранок омӯзонидани баъзе аз қисматҳои грамматика аз зарбулмасалу мақолҳо истифода намояд.

Забоншинос Аднон Зайд ба ин ақидааст, ки: «Омӯзгор метавонад пеш аз ба таври муфассал таълим додани мавод дарси грамматикаи забони англисиро оғоз кунад ва аз баъзе зарбулмасалҳо истифода барад». Масалан омӯзгоре, ки мехоҳад Герундияро фаҳмонад ӯ метавонад аз зарбулмасалҳои зерин истифода барад:

Seeing is believing.

Missing the wood for the trees.

Thinking the worst always prepares you for the worst.

Winning is earning. Losing is learning.

Роҳи дигари истифодаи зарбулмасалу мақол дар таълими грамматика ин пешниҳоди зарбулмасалҳое мебошад, ки ба хонандагон намудҳои ҷумларо меомӯзонад. Мисол:

Look before you leap.

Аввал бубин ҷойи худ баъд бимон пои худ.

Make hay when the sun shines.

Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд.

Ҷумлаҳои инкорӣ. (Negative sentences).

Don’t bite the hand that feeds you.

Намак хӯрдӣ намакдонро нашикан.

Don’t count your chickens before they are hatched.

Пеш аз тӯй доира нанавоз.

Don’t cry over spilt milk.

Оби рехтаро ҷамъ карда намешавад.

Роҳи дигари истифодаи зарбулмасалу мақол бо мақсади таълими дурусти грамматика ин ҳангоми таълим додани як қисмати аз ҳама осон вале ҳасоси он артиклҳо мебошад. Ман чаро дар раванди омӯзиш ин қисмати грамматикии забон осон ва ҳасос ном ниҳодам, ба хотире, ки ҳар нафари ба омӯзиши забон шуруъ карда артиклҳоро меомӯзад ва баъди пурра омӯхтан боварӣ дорад, ки онҳоро ба хубӣ азхуд кардааст, вале гарчи дар куҷо истифода бурдани онро медонад дар истифода бошад ба хатогиҳо роҳ медиҳад.Омӯзгори забони англисиро мебояд

таълими артиклҳоро дар дарс хуб ба роҳ монад ва ҳангоми овардани намуна ва мисолҳо ба хонандагон ошкор созад,ки артикли номуайянии «а» аз решаи калимаи «one» гирифта шуда пеш аз исмҳое истифода мешавад, ки яктоянд ва шакли дигари он «an» ки пеш аз калимаҳое истифода мешавад, ки бо садонокҳо (o,a,i, y, e,u) шуруъ мешаванд.

An apple a day keeps the doctor away.

A friend indeed is a friend inneed.

Артикли муайянии «the» пеш аз исмҳои хос истифода мешавад ба монанди дарёҳо, рӯзномаҳо, қуллаҳо, кӯҳҳо, штатҳо, соҳилҳо ва ҷангалҳо. Ва инчунин дар дохили ҷумлаҳое мушоҳида карда мешавад, ки ашё то як дараҷае барои хонанда муайян аст ва бо овардани чунин зарбулмасалҳо хонанда аллакай онро пай мебарад.

A bird in the hand is worth two in the bush.

An empty vessel makes the most noise.

Гови бешир овозаш баланд.

Истифодаи зарбулмасалу мақол дар таълими грамматика гарчи диққати забоншиносонро ҷалб карда бошад ҳам дар маркази диққати омӯзгорони муассисаҳои миёнаи умумӣ ва мактаби олӣ қарор дорад.

Омӯзгор Моисеева Анна Владимировна, ки аз забони англисӣ ба хонандагони синфҳои 5-6 дарс мегӯяд оиди ин масъала таҳқиқот бурда иброз кардааст, ки «... баъзе аз мавзуъҳо барои хонандагон тамоман нав ва баъзеи онҳо дар забони русӣ умуман вуҷуд надоранд.» Ӯ дар натиҷаи таҳлили китобҳои грамматика барои хонандагони синфҳои 5-6 аниқ кардааст, ки дар давоми ду сол хонандагон миқдори зиёди саволҳоеро меомӯзанд, ки ба грамматика рабт дорад. Аз ҳама қисмати асосии грамматика ин ҳиссаи нутқ феъл, ки ба морфология дахл дорад зери таҳқиқи Анна Владимировна қарор гирифтааст. Ва таври намуна овардани зарбулмасалу мақолҳоро дар Замони ҳозираи номуайян (Present simple tense), Замони гузаштаи номуайян (Past simple tense), Замони оянда (Future simple tense) ва инчуни Феълҳои модалӣ зарур мешуморад.

Ҳангоми замони ҳозираи номуайянро таълим додан чунин бояжд иброз намуд, ки таълимгиранда дарк карда тавонад, ки ин замон дар забони англисӣ ифодакунандаи амале нест, ки айни ҳол иҷро шудаистодааст,, балки бо сӯҳбат намудан бо ин замон мо оиди амалҳое маълумот медиҳем, ки ҳар рӯз ва ё ин ки одатан иҷро мекунем. Ба андешаи Анна Владимировна зарбулмасалҳои зерин ҳангоми омӯзиши ин замон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Laughter is the best medicine.

Ханда умри инсонро дароз мекнад.

Actions speak louder than words.

Still waters run deep.

Appetite comes with eating.

Tastes are differ.

Баъзе аз зарбулмасалҳое, ки қоидаи дар шахси сеюмии танҳо «s» илова шуданро ба феълҳо ифода мекунад инҳоянд:

A great sheep asks deep waters.

Time flies.

Custom make thing easy.

Still water run deep.

Яке аз замонҳои дигаре, ки барои ибрози ақида бо забони англисӣ бениҳоят муҳим аст «замони гузашта» мебошад, ки чунин зарбулмасалҳо баъди омӯзиши ин замон барои азхуд кардан пешниҳод мешаванд.

A little bird told me.

He who never climbed never fell.

Care killed cat.

It just come and went.

His tongue failed him.

The pot called the kettle black.

Барои дуруст сӯҳбат намудан бо замони оянда (Future tense) чунин зарбулмасалҳо мисол шуда метавонанд.

A fire which warms us at distance will burn us when near.

An old dog will learn no new tricks.

Much will have more.

Қатра-қатра ҷамъ шавад дарё шавад.

Claw me and I will claw you.
Аз як даст садо намебарояд.

Баъзе воҳидҳои грамматикии дигар ба монанди феълҳои модалӣ, ки дар забони тоҷикӣ ба чашм намерасанд ва омӯзгор имконияти овардани мисолҳои онҳоро ва муқоиса кардан надорад, омӯзишаш мураккаб хоҳад шуд. Зарбулмасалҳои дар зер иброзшуда маводи дақиқе мебошанд, ки барои дуруст бароҳ мондани таълими граммматика (modal verbs) имконоти фарох фароҳам месозанд.

Never put of till tomorrow what you **can** do today.
Кори имрӯзро ба фардо магузор.
Money **canno**t buy everything.
Ҳамачиро бо пул харида намешавад.
You **canno**t teach an old dog new tricks.
The longest day **must** have an end.
Ҳар чиро оғозу анҷомест.
What **must** be **must** be.
Кори шудагӣ шуд.

Адабиёт:

1. Brawning D. C. Everyyear`s dictionary of quotation and proverbs. – London: New York, 1962. – 352 с.
2. Collins V. H. A book of English proverbs. – London, 1970. – 403 с.
3. Аффанасива К. А. Oral practice and sayings. – London: New York, 1963. – 204 с.
4. Руковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли. – Душанбе, 1969.
5. Русско-английский словарь пословиц и поговорок. – М., МИК ЛАНЬ, 1996.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. Қисми 2. – Душанбе: Муосир, 2020. – 432 с.

Калидвожаҳо: *грамматика, феълҳо, морфология, замон, таълим, таҳлил, китобҳои грамматикӣ, артиклҳо.*

Аннотация

ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В ОБУЧЕНИЕ ГРАММАТИКИ

В статье анализируются пословицы и поговорки которые помогают развивать различные методы обучения грамматике. Использования этих пословиц позволяет учителям английского языка обучать студентов духовным аспектам жизни и используя эти пословицы они учатся правильно общаться.

Ключевые слова: *грамматика, глаголы, морфология, время, обучения, анализ, грамматические книги, артикли.*

Annotation

USING OF PROVERBS AND SAYINGS IN TEACHING GRAMMAR

This article analyses proverbs and sayings that help to develop different methods of teaching grammar. Using of these proverbs allows teacher of English language to teach spiritual aspects of life to students and using these proverbs they learn communicate correctly.

Keywords: *grammar, verbs, morphology, tense, study, analysis, grammar books, articles.*

Маълумот оид ба муаллиф: Тоҷова Нилуфар, магистранти соли дуюми факултаи забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 988941859

Роҳбари илмӣ: А. Байдуллоев

Сведение об авторе: Тоджова Нилуфар, магистрант второго курса английского факультета Талжикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 988941859

Научный руководитель: А. Байдуллоев

About the author: Tojova Nilufar, master of the second year of the English faculty of the Tajik state Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 988941859

Ба чопаш 09.03.2022 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 31,6. Адади нашр 50 нусха.
Супориши № 56.

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.